Ба истиқболи 25-умин солгарди
Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

ЗАБОНИ МИЛЛАТ - ҲАСТИИ МИЛЛАТ

КИТОБИ I

Ба сӯйи пояндагӣ

Душанбе – 2016

ББК 81.2Тоҷик–4 + 63.3(2Тоҷик)

Р–47

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН.

Р–47 Забони миллат - ҳастии миллат. – Душанбе, «Эр-граф», 2016. – 516 саҳ.

ISBN 978-99975-46-69-2

© Эмомалӣ Раҳмон, 2016

Танҳо забон аст, ки дар ҳама давру замон таърихи воқеӣ ва ростини миллатро дар ҳофизаи худ нигоҳ медорад.

Муаллиф

ПЕШГУФТОР

9 сентябри соли 1991 дар харитаи сиёсии ҷаҳон давлати соҳибистиқлоле бо номи Тоҷикистон сабт шуд ва халқи куҳансоли тоҷик пас аз ҳазор соли маҳрумияту барканорӣ аз давлату давлатдорӣ ва адами иштирок дар таъйини сарнавишти хеш дубора ба арсаи сиёсӣ баргашта, ҳаққи аз даст дода ва поймолшудаи хешро соҳиб гардид. Ин рӯйдоди таърихӣ на танҳо барои тоҷикони Тоҷикистон, балки барои тамоми тоҷикзабонон, махсусан барои ҳама касоне, ки сарфи назар аз макону ҷойи зист худро мансуб ба миллати тоҷик медонанд, дастоварди бузурги сиёсӣ гардид. Бо шарофати Истиқлол забони тоҷикӣ ба феҳристи забони давлатҳои мустақили ҷаҳон дохил шуд, барои шинохти миллати тоҷик ба сифати як халқи дорои ҳама аломату нишонаҳои миллати таърихӣ заминаҳои сиёсӣ фароҳам омад ва дар ориёшиносӣ ва ё эроншиносии муосир шохаи сифатан нави тоҷикшиносӣ ҷойи расмӣ ва мустақиле барои худ пайдо намуд.

Ин гардиши бузург дар сарнавишти халқи тоҷик аз ҷиҳати аҳамияти таърихӣ ва муҳтавои иҷтимоию сиёсӣ ба даҳҳо қарни зиндагии ин мардум дар ҳошияву поварақи сиёсати давлату дарборҳои бегона баробар мебошад. Бо фаро расидани Истиқлол миллати деринатаърих пас аз он ҳама поймолсозиҳои манфиатҳои миллӣ парчами озодӣ ва истиқлолро дар қалби Осиё, дар яке аз минтақаҳои пурҷӯшу хурӯши сиёсати ҷаҳонӣ барафрохта, ҷойгоҳи шоистаи хешро дар сиёсату иқтисод ва фарҳанги ин ҳавзаи азими тамаддунзо ба даст овард. Ин ҳақиқати таърихӣ ва ин орзуи дерина, ки афсона ба назар мерасид, ҷомаи амал пӯшид ва дар китоби бузурги таърихи тоҷикон фасли наве бо номи даврони Истиқлол боз гардид.

Чунон ки аз таърихи сиёсӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ медонем, марҳилаи гузариши ҳар давлату кишвари тобеъ ба сӯйи истиқлол давраи басо душвор ва кори пурмасъулият барои миллат ва пешвоёни сиёсии он буда, дар ҳар кишвар вижагиҳо дорад. Бар ин асос дар Тоҷикистон низ пас аз эълони Истиқлол масъала ва мушкилоти зиёди иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ, ки хоси ин марҳила мебошанд, ба миён омаданд.

Аз ҷумла, нахустин масъалаи пешомада он буд, ки Тоҷикистон бо он сармоя ва мероси моддиву маънавие, ки аз даврони Шӯравӣ боқӣ мондааст, барои бунёди давлати мустақил чӣ имконоти сиёсӣ ва заминаҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ихтиёр дорад.

Чунон ки медонем, давлати шӯравӣ аз ибтидо тавре бунёд гардида буд, ки ҷумҳуриҳои он дар маҷмӯъ як пайкари воҳид ва як давлати умумиро ташкил дода, илова бар меҳвари ягонаи идеологию сиёсӣ бо садҳо риштаи иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҳамдигар пайваставу вобаста буданд. Аз ин рӯ, пас аз фурӯпошии он ба ҷуз як-ду ҷумҳурии муқтадир дигарон имкон надоштанд, ки ба сифати як давлати мустақил ба мафҳуми томи ин истилоҳ зиндагӣ кунанд. Бинобар ин, пас аз касби Истиқлол нахустин суол ин буд, ки чӣ гуна бояд ин нимаистиқлолиро ба истиқлоли воқеӣ табдил диҳем. Аз ҷониби дигар Тоҷикистон яке аз ҷумҳуриҳои хурди нисбатан ақибмондаи зироатии Иттиҳоди Шӯравӣ буд, ки на саноати мустақилу пешрафта, на мутахассисони миллии ботаҷриба дар соҳаҳои илму технологияи муосир дошт ва на қаламрави васеъ бо захираҳои табиии иқтисодсоз. Пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ ва тақсимоти дороиҳои ин давлати абарқудрати ҷаҳон низ мероси зиёде насиби Тоҷикистон нашуд. Ҳар чи бурданӣ буд, бурда шуд ва ҳар чи мондании тороҷ ва ё ба расми маъмул дар он солҳо зуд «соҳиб» пайдо мекард ва ё «аз худ» карда мешуд.

Дар арсаи сиёсати хориҷӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ ҳам табиист, ки Тоҷикистони тобеъ собиқаи таърихӣ ва ё таҷрибаи амалии мустақил надошт. Илова бар ин мушкилот ва ақибмондагии ақидавӣ ҷомеаро ноором ва гирифтори бухрони сахти фикрӣ карда буд. Пояҳои идеологияи ҳоким, ки заволи он аз марказ - аз сарчашмаи он оғоз гардида буд, дар Тоҷикистон ҳам ба ларза даромада, дар ҳоли суқут буд. Дар афкори ҷамъиятӣ андешаҳои гуногуни иҷтимоиву сиёсӣ бо рангҳои мухталиф ва ҷараёнҳои динии навбаромад паҳн мегардид ва ҳар кадом мехост фазои холимондаи идеологиро ишғол намояд. Ниқобҳо гуногун ва ҳадафу самтгириҳои сиёсӣ аз он ҳам гуногунтар буданд.

Таблиғу ташвиқи ғояи давлати демократӣ, ки аз марказ паҳн мешуд, ҳарчанд ҳадафи сиёсӣ ва бештар ҷанбаи таблиғотӣ

дошт, боз ҳам дар баъзе доираҳои равшанфикрон тарафдор пайдо кард. Вале чун дар фарҳанги сиёсии кишвар собиқаи таърихӣ ва дар афкори ҷамъиятии он рӯзҳо заминаи мусоид надошт, батадриҷ бозори гарми рӯзҳои аввали худро аз даст дода, хислати ом нагирифт. Дертар гурӯҳе аз ҳаводорон ин мафкураи содиротиро «меваи сиёсии ҳанӯз хому норасида» ва дар он авзои буҳронӣ бепояву безамина дарёфта, аз ин мавҷ канораҷӯйӣ карданд ва тоифаи дигаре аз онҳо ба хотири манфиатҳои шахсӣ зери таъсири нерӯҳои сиёсии қавитару созмонёфтатар қарор гирифта, ранг бохтанд. Дар натиҷа ин дастоварди сиёсиву иҷтимоии ҷаҳони муосир дар замини навободи афкори сиёсии он рӯзҳои кишвари мо ба тарзи солим нашъунамо ёфта натавонист.

Як гурӯҳе ҳам пайдо шуд, ки аз камсаводии мардум истифода бурда дар масъалаҳои динӣ «фатвоҳои» иғвоангезу содалавҳона «содир» мекарданд ва аз ин роҳ соҳиби имтиёзу сарват мешуданд.

Албатта, айб дар тафаккури динии суннатӣ ва ё усулҳои демократии озмудашуда набуд, балки айб дар он буд, ки ихтилофоти назарӣ ва бархӯрдҳои фикрӣ бидуни заминасозӣ ва омода кардани афкори ҷамъиятӣ, ҳатто гоҳе бо зӯр ва бидуни таваҷҷуҳ ба воқеиятҳои ҷорӣ, рӯҳияву хостаҳои мардум ва шароиту авзои иҷтимоиву сиёсии кишвар сурат мегирифт.

Ҳамаи ин мушкилот чунин пешомадҳое буданд, ки миллати тоҷик дар таърихи худ то он рӯз ба ин шакл надида буд ва таҷрибаи ҳалли онҳоро ҳам надошт. Танҳо як чиз мусаллам буд, ки чунин масъалаҳое, ки ба сарнавишти халқ ва ояндаи давлату истиқлоли кишвар марбут буданд, ба зудӣ ва ба осонӣ ҳал нахоҳанд шуд. Барои ин, пеш аз ҳама, вақт ва шароити мусоиди дохиливу хориҷӣ лозим буд ва дувум он, ки чунин масъалаҳои ҷиддӣ бояд боэҳтиёт, марҳила ба марҳила ва бо дасти шахсони содиқ ба ватану миллат ҳаллу фасл мегардиданд. Вале, мутаассифона, ҷараёни рӯйдодҳои иҷтимоию сиёсӣ дар кишвар тарзе сурат гирифт, ки заминаҳои таҳаввулоти тадриҷии кишвар ва рушди осоиштаи Истиқлолро дар чунин марҳилаи ҳассос ба куллӣ аз байн бурд.

Фурӯпошии низоми шӯравӣ ва сохторҳои сиёсиву иқтисодии он, шикасти идеологияи ҳоким, набудани аҳзоби

сиёсии корозмуда ва шинохта дар кишвар, тасаввуроти ғалат дар бораи сарватҳои моддӣ ва имконоти иқтисодии кишвар, дарки мафҳуми истиқлол ба маънои озодии мутлақ ва ҳатто анархизм, ҳайронӣ ва саргумӣ аз озодиҳои ба даст омада, набудани таҷрибаи давлатсозӣ ва кишвардорӣ, зуҳури маҳалгароӣ – ғаризаи инсони ибтидоӣ ва бозмондаи ҷомеаи қавмӣ дар сиёсат, мудохилоти хориҷӣ, самтгириҳои мухталифи идеологӣ, умед бастан ба ину он давлати бегона, бемасъулиятӣ ва саҳлангории гурӯҳҳои сиёсии ҷавон дар масъалаҳои ҳаётии мамлакат, набудани роҳбару пешвои эътирофшудаи миллӣ ва даҳҳо омилу ангезаҳои ошкору ниҳони дохиливу хориҷӣ кишварро ба ҷанги дохилӣ кашиданд.

Ин ҳамсояҷангиву бародаркушӣ, оташ задани хона ва хароб кардани ватани хеш, ки ҷуз худкушӣ номи дигаре нахоҳад дошт, оқибатҳои даҳшатнок ва хисороти ҷуброннопазири моддиву маънавӣ ба бор овард ва раванди инкишофи ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсиву иқтисодии кишварро ба даҳсолаҳо ақиб андохт.

Мардумони осоишта, ки рӯз то рӯз бенавотар мешуданд, аз бими ҷанг тарки ватан карда, гурӯҳ-гурӯҳ ба кишварҳои дуру наздик паноҳ мебурданд. Давлат оҷизу нотавон шуда, фақру бечорагӣ ва сукути ваҳшатнок кишварро фаро мегирифт.

Дар чунин замонаи хунрез ва даврони бесарусомонӣ бо саъю талоши як гурӯҳ вакилони оқибатандеши Шӯрои Олӣ ва шахсиятҳои иҷтимоии ватанпараст кишвар 16-22 ноябри соли 1992 дар қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин Иҷлосияи раҳоибахши миллӣ, ки таърихнигорону сиёсатшиносони имрӯзу фардо борҳо ба нақши он дар оғози давраи Истиқлол ва таърихи навини тоҷикон муроҷиат хоҳанд кард, ҳукумати қонуниро ташкил намуд ва бори раёсати Шӯрои Олӣ ва садорати ҳукумати навро ба уҳдаи инҷониб вогузошт.

Роҳбарӣ кардан ба давлати фалаҷу рӯ ба завол ва ҳукумати бозичаи дасти гурӯҳҳои бехабар аз ҳоли замону аҳволи ҷаҳон ва ё ҳукумат рондан бар мамлакати бемору бесуботе, ки дар ҳар гӯшаи он мансабталоше худро амиру ҳоким пиндошта, бо ҷону мол ва номуси мардум бозӣ мекард, албатта, кори саҳлу сода набуд.

Бо дарки ин масъулияти бузурги таърихӣ ҳукумати расмӣ ба кор шурӯъ кард. Сухан дар бораи сарнавишти ватану миллат ва бақову давоми умри он мерафт. Ҳар гуна саҳлангорӣ ва кутоҳназарии сиёсӣ дар ин роҳ метавонист боиси сар задани фоҷиаи нав гардад. Масъала роҳи ҳалли низомӣ надошт. Ягона роҳи дуруст, ба назари мо, роҳи сулҳу оштӣ, гузашту созиш ва авфу бахшиши ҷонибҳои мухолиф ва баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ ба ватан буд. Дар ғайри он ҳатто барои шахсони дур аз сиёсату дониши амиқи таърихӣ аён буд, ки агар чунин худкушӣ ба ин бебокӣ чанд вақти дигар дар ин сарзамин давом кунад, дере нагузашта Тоҷикистон ҳамчун давлати ягонаву мустақил аз байн хоҳад рафт ва сарнавишти ояндаи фарзандони ин ватанро ҳатто тасаввур кардан ҳам душвор буд. Хушбахтона, бо саъю талоши ҳукумати ҷавон ва мусоидату ҳамкории дӯстони озмуда мо аз сахттарин имтиҳони таърихи навини хеш бо сарбаландӣ ва дар айни замон оқилтару ботадбиртар бадар омада, садҳо ҳазор муҳоҷирони иҷбориро ба ватан баргардонида, оташи ҷангро хомӯш намудем. Мухолифону озурдахотирони ба ҳам ҷангӣ якдигарро бахшиданд ва парчами сулҳу сафо ва ягонагиву ваҳдат бар фарози сарзамини озодазодагон ба ҷилва даромад.

Солҳои баъдиҷангӣ низ барои мо солҳои мураккаб буданд. Раванди давлатсозиву давлатдорӣ, ки аксарияти ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ онро дар фазои сулҳу оромиш амалӣ мекарданд, дар кишвари мо бо сабабҳои ёдшуда на танҳо ба таъхир афтод, балки дар баъзе соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ба куллӣ қатъ гардида буд. Бо хотимаи ҷанг ва таъмини ваҳдати миллӣ акнун мо бояд кӯшиш мекардем, ки ақибмондагӣ ва фосилаҳои эҷодшударо камтар намоем ва корҳои ниматамомро ба анҷом расонем. Роҳ нопаймудаву ноошно, имконоти иқтисодии маҳдуд, вазифаҳо душвору таъхирнопазир ва сафари тӯлонӣ ба сӯйи орзуҳои ширини истиқлоли воқеӣ дар пеш доштем.

Бо азму иродаи мардуми сулҳдӯсту таҳаммулпазири худ дар андак замон кишварро аз вартаи нобудиву парокандагӣ раҳоӣ бахшида, дар пайи ободии харобиҳо ва дармони дардҳо афтода, халқи аз сиёсат рондашударо дар масири сиёсати ҷаҳонӣ қарор додем, иқтидори иқтисодии мамлакат ва сатҳи зиндагии сокинони онро ба қадри имконоти замон ва бардошти

захираҳои табиӣ ва инсонии кишвар баланд бардоштем, ба милали ҷаҳон дасти дӯстӣ ва ҳамкорӣ дароз намуда, худро ба ҳайси миллати бофарҳанг, созанда ва сулҳдӯст муаррифӣ кардем.

Яке аз масъалаҳои ҷиддии ин давра масъалаи интихоби шакли давлатдорӣ буд. Мо дар поёни садаи XX қарор доштем ва салоҳу маслиҳати мантиқӣ он буд, ки бояд давлати замонавӣ ва аз ҷиҳати шаклу мазмун ҷавобгӯйи талаботи асри нав сохта шавад. Ин андеша бо рӯҳи замон ва хости ҷомеа мувофиқ афтод ва бо иродаи аксарияти мардум шакли давлати ягонаи дунявӣ, ҳуқуқбунёд, демократӣ ва иҷтимоии муносиб ба шароити ҷаҳони муосир баргузида шуд. Вале дар айни замон давлати нави тоҷикон, бешубҳа, мебоист дорои хусусияти миллӣ (на миллатгароӣ) ва ба фарҳанги сиёсӣ, суннатҳои миллӣ ва арзишҳои муқаддаси диниву маънавии гузаштаи халқи мо созгор мебуд, зеро дар таърихи ҷаҳон давлатҳое некном боқӣ мондаанд, ки иқтидору тавоноии онҳо бар пояи арзишҳои фарҳангӣ ва тараққиёти илму фан сохта шуда буд ва тавре ки мебинем, имрӯз ҳам онҳоро ба номи «давлатҳои мутамаддин» ва ё «ҷаҳони мутамаддин» ёд мекунанд. Чунон ки фарҳангу тамаддунҳои бузург заминаҳои маънавии инкишофи давлатро муҳайё менамоянд, давлати муқтадиру мутамаддин ҳам барои пешрафту ҳимояи фарҳангу тамаддуни худ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Хушбахтона, халқи мо аз ҷумлаи чунин мардумони фарҳангзову тамаддунсози дунёи қадим ба шумор меравад. Офаридаҳои моддиву маънавии он дар як минтақаи васеи ҷаҳон паҳн гардида, на танҳо мардуми ҳамнажоду ба ҳам наздик, балки қавму қабилаҳои гуногунро дар домани худ парвардааст. Бинобар ин, агар аз захираҳои сарватҳои моддӣ ва иҷтимоию сиёсии садаҳои охир дороиҳои лозимаи ҷаҳони нав ва шароити муосир барои мо камтар боқӣ монда бошад ҳам, вале аз ҷиҳати мероси фарҳангӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии умумибашарӣ мо соҳиби сарвати нодиру камназире будем, ки дар тору пуди миллат танидааст.

Аз ин ҷиҳат ҳукумати нав аз аввали фаъолияти хеш кӯшиш мекард, ки давлати ҷавони тоҷикон бар асоси ҳамин анъанаҳои таърихӣ ва фарҳанги ҷонбахши миллӣ устувор бошад.

Ин кор дар нигоҳи аввал саҳлу сода менамуд. Мушкил он буд, ки мардумони одӣ дар асари сиёсатҳои тӯлонии истеъморӣ ва зулму зӯрии қавмҳои бегонаи ҳоким ба ин сарзамин дар бисёр маврид аз таъриху фарҳанги гузаштаи худ огоҳии комил надоштанд. То даврањои наздик дониши таърихии онҳо аслан бо номи чанд шоиру адиби маъруф ва як силсила ашъори таҳриршудаи онҳо хулоса мешуд ва ё ба истиснои як силсила асарҳои эътирофшудаи донишмандони тоҷик бештари осори дигари илмӣ доир ба таърих ва фарҳанги мо дар доираҳои илми муосири ҷаҳон бо дасти олимону муҳаққиқони хориҷӣ навишта шудаанд, ки миллати қадршиноси тоҷик номи онҳоро ба некӣ ёд мекунад. Бинобар ин, лозим буд, ки, пеш аз ҳама, сатҳи дониши таърихию сиёсӣ ва фарҳангии мардум баландтар бардошта шавад. Акнун аз файзи Истиқлолият мо имкон пайдо кардем, ки омӯзишу таҳқиқи таърих, забон ва фарҳанги худро бидуни бими «ранҷиши дӯстон» ва бе ороишҳои дурӯғин, ки таърихи мо аслан ба онҳо ниёзе надорад, анҷом диҳем.

Ба ин мақсад пас аз фурӯ нишондани оташи ҷанги дохилӣ мо камар ба иқдомоти амалӣ баста дар андак замон ҷашнҳои як силсила шоирону адибони барҷастаи гузаштаву муосир, санаҳои муҳими таърихию динӣ ва ёдбуди арбобони барҷастаи сиёсиву давлатии садаи XX худро дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ тақлил намудем. Назар ба нақши муҳими шеъру адаб дар ҳаёти иҷтимоиву фарҳангии мардуми тоҷик ва ҷойгоҳи баланди он дар адабиёти ҷаҳонӣ тасмим гирифта шуд, ки шоҳкориҳои насру назми ин адабиёти камназир дар 50 ҷилд таҳия ва барои истифодаи умум пешкаш гарданд.

Бо фаро расидани Истиқлолият ва забони давлатӣ эълон шудани забони тоҷикӣ масъалаи забон аҳамияти хоса пайдо кард ва ба ҳадде мубрам гардид, ки онро метавон яке аз падидаҳои муҳими шуури миллӣ ва афкори ҷамъиятии ин солҳо номид.

Далели ин гуфтаҳо он аст, ки дар тамоми ин давраи нави таърихӣ, ҳатто дар сахттарин солҳои ҷанги дохилӣ яке аз манфиатҳое, ки тамоми гурӯҳу табақоти ҷомеаро, сарфи назар аз тамоюлоту самтгириҳои иҷтимоию сиёсӣ, ба ҳам мепайваст, масъалаи забон буд. Ин ягона мавриде буд, ки ҳизбу ҳаракатҳои мухталиф нисбат ба он ҳамфикру ҳамақида буда, манфиати

миллиро аз ормонҳои гурӯҳӣ ва ҳадафҳои зудгузари ҳизбиву идеологии худ болотар мегузоштанд. Ин мисоли умедбахш, ба назари мо, яке аз омилҳое гардид, ки сипас дар таъмини сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон нақши муҳим дошт. Вале ҳамчунон ки мо дар соҳаҳои дигари ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ гирифтори мушкилот будем, дар арсаи забон низ душворӣ ва вазифаҳои мо камтар аз он набуданд. Аз ҷумла, забони мо гузашта аз мушкилоти ба истилоҳ «дохилӣ» мустақиман ба ду забони муқтадири ҷаҳон – русӣ ва англисӣ рӯ ба рӯ шуда, чунон ки мебинем, дар ин «пайкор» асосан дар ҳолати дифоъ қарор дорад. Агар дар чунин вазъ забон дастгирӣ ва пуштибонии оқилона пайдо накунад, маҳол аст, ки аз ин варта солим бадар омада, асолати таърихии хешро ҳамчун забони мустақилу корагар ҳифз кунад. Албатта, ин чунин маъно надорад, ки мо бояд дарвозаҳоро ба рӯйи забонҳои дигар бандем. Ин кор ғайритабиӣ ва ҳам имконнопазир аст, зеро забонҳо аз ибтидои пайдоиши худ ҳамеша бо ҳам робита доштанд ва то ҷаҳон ҳасту забон ҳаст, ин раванд ҳамчунон идома хоҳад ёфт. Аз ин ҳақиқати бебаҳс аён аст, ки фарзия ва ё назария сохтан дар бораи нажоди пок ва ё забони пок то чӣ андоза бепоя аст. Бинобар ин, соҳибназарони риштаҳои гуногуни забон ҳангоми таҳқиқ ва танзими иртиботи забони тоҷикӣ бо забонҳои дигар бояд ин ҳақиқати таърихӣ ва меъёру усули илми забоншиносии муосирро ба назар гирифта заруратҳоро аз саҳлангориҳо ҷудо намоянд.

Барои ҳалли мушкилоти пешомада дар ин ҷода, ба назари мо, қабл аз ҳама бояд ба таърихи забони худ рӯй оварда, аз таҷрибаҳои он дар чунин мавридҳо истифода барем, зеро шакку шубҳае нест, ки забони мо дар тӯли таърих чунин ҳодисаҳоро бисёр дидаву аз сар гузаронидааст. Ҳатто дар таърихи нави хеш, яъне дар қарни ХХ, низ чунин ҳодисаҳоро паси сар кардааст. Масалан, солҳои 20-30-юми қарни гузашта, вақте ки масъалаи забони адабии тоҷикӣ ва роҳҳои содаву оммафаҳм кардани он дар шароити таърихии нав ба миён омад, оид ба ин масъала пас аз машварату музокираҳои тезу тунд ва ҷаласаҳои тӯлонӣ қарору дастурҳои дахлдор қабул гардид. Сарфи назар аз норасоиҳо ва оммагароиҳои хоси даврон ин қарору тасмимот то поёни умри низоми шӯравӣ

риоят мешуд ва кори мактабу матбуот ва илму донишро танзим мекард. Мардум медонист, чӣ тавр бояд нависад ва доварон ҳам медонистанд, чӣ гуна бояд доварӣ кунанд. Илова бар ин, зиндагиномаи забони мо саршор аз мисолҳои дурахшон дар бораи муҳаббат ба ватан, эҳтиром ба забону фарҳанги миллӣ ва қаҳрамониву ҷонбозиҳо дар роҳи дифоъ аз истиқлоли сарзамину давлати хеш аст, ки имрӯз барои дарки мавқеи худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва кору хидмати содиқона ба ватан барои мо дарси ибратанд.

Забон дар маҷмӯъ як қисмати муҳим ва ё ба иборати дигар як бахши нигорандаи таърихи халқи мо буда, оинаест, ки дар он роҳи дуру дарози тайкардаи халқи тоҷик бо ҳама шебу фарози он инъикос ёфтааст. Аз мутолиаи он мо дар бораи бисёр ҷанбаҳо ва масъалаҳои муҳими ҳаёти гузаштагони хеш иттилое ба даст меоварем, ки ҳатто таърихнигорон ба онҳо камтар таваҷҷуҳ кардаанд. Масалан, аз рӯйи захираи вожагон ва истилоҳоти забон мо метавонем бо боварӣ дар бораи пешрафт ва ё заъфу сустии ягон соҳаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ дар давраҳои мухталиф қазоват кунем, аз ҷониби дигар, забон манбаи бисёр муътамад барои омӯзиши таърих ва фарҳангу тамаддуни мо мебошад. Дар он ақидаву мавқеи шахсӣ нақши муассире надорад. Вай таърихи холис, ростин ва маҳсули дастҷамъии миллат ва аломати хоси он буда, воқеияти ҳаёти ҷомеаро ҳамчунон ки ҳаст, бидуни ороишу ислоҳ инъикос мекунад. Албатта, ашхоси ҷудогона дар такмил ва афзоиши захираи луғавии он саҳми бештар мегиранд, вале ин ягона мавридест, ки «муаллифон, бидуни ҳаққи қалам» офаридаҳои худро ба забони модарии хеш мебахшанд. Забон ҳам ки довари моҳир ва сахтгир аст, танҳо коромадтарин ва баргузидатарини онҳоро дар хазинаи худ ҷой дода, сипас дар истифодаи умум қарор медиҳад.

Забони мо бо Истиқлоли ватани мо пайванди ногусастанӣ дорад. Яъне, вақте ки ватани мо озод ва мустақил будааст, забони мо ҳам шукуфо ва истиқлол доштааст ва баръакс. Гузашта аз ин, аз ҳамон ибтидои пайдоиш забон яке аз авомил ва ангезаҳои асосии ҷунбишҳои истиқлолхоҳӣ ва ватанпарастӣ буд. Барои ниёгони мо мафҳуми Ватан ва забон ҳамеша ҳаммаъно будааст.

Таърихи давлатдории ориёӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои бостонии мо ҳамеша кӯшиш ва ҷаҳду ҷадал мекарданд, ки барои устувор сохтани пояҳои давлатдорӣ ва ба вуҷуд овардану мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ ва ваҳдату ягонагӣ аз унсури забонӣ истифода бурда, барои рушду тараққӣ ва густариши забони модарии хеш тадбирҳои мушаххас андешанд. Агар ба даврaҳои дури таърихи забони худ назар кунем, мебинем, ки гузаштагони мо барои равнақу эътибор ва инкишофи забони худ чӣ фидокорӣ ва чӣ кӯшишҳое ба харҷ доданд, то забони модарии хешро ба пояи забони расмии давлатӣ баровардаанд. Ҳахоманишиён, ки дар таърихи башар фарҳангу тамаддуни онҳо камназир аст, забони модарии худро дар баробари забонҳои қудратманду бонуфузи он замон – эломӣ ва ошурӣ ба ҳайси забони давлатии худ истифода мебурданд. Онҳо номи хат ва забони худро ориёӣ хондаанд. Инчунин, дудмони Кушониён ҳам оҳиста-оҳиста аз истифодаи забони юнонӣ даст кашида, забони ориёии хешро (Канишка ҳам мисли Дориюш забони навиштаҳои худро ориёӣ хондааст) забони ягона ва расмии давлати паҳновари худ қарор додаанд.

Саффориён (873-899) ва Сомониён (899-999) аз забон ҳамчун силоҳи сиёсӣ дар муқобили араб барои касби истиқлол истифода карда, бори нахуст дар Хуросону Мовароуннаҳр парчами истиқлолро барафрохтанд ва сулолаву салтанатҳои азимеро аз хонадонҳои наҷиби маҳаллӣ бунёд намуданд. Амирони ватанпарасту донишпарвари сомонӣ барои эҳёи мероси фарҳангии пешазисломии худ низ кӯшишҳо карда, осори таърихию бадеӣ ва диниву ахлоқии муаллифони худӣ ва бегонаи асри хешро аз забони арабӣ тарҷума карда, ҳатто талош варзиданд, Қуръони маҷидро ба тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) баргардонанд.

Дар натиҷаи чунин сиёсати миллӣ нахустин осор ба забони тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) пайдо шуда, бузургтарин пешвоёни ин забон ва адабиёт Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ ва барҷастатарин олимони асрҳои миёна чун Абурайҳони Берунӣ, Ибни Сино, Носири Хусрав ва пайравону шогирдони онҳо маъруфтарин осори илмии он даврaро ба забони модарии хеш навиштаанд. Ва ё замоне, ки шоири роздон ва баландфикр Ҳаким Фирдавсӣ парешонӣ ва заволи давлати Сомониёнро ҳис

кард, ба ҷамъоварӣ ва ҳифзи ҳикоёт, достонҳо ва расму оини гузаштагон пардохт ва бузургтарин достони ҳамосии ҷаҳон «Шоҳнома»-ро офарид.

Пас аз суқути Сомониён ва аз даст додани истиқлоли давлатӣ забони тоҷикӣ низ ба тадриҷ истиқлолияти худро аз даст дод. Ҳарчанд ин забон дар дастгоҳи ҳокимони нав мақоми забони адабӣ ва сиёсиро дошт, аммо дар ин дарборҳои бегона оҳиста-оҳиста ба забонҳои қабилаҳои гуногуни ҳоким дар минтақа махлут шуда, дар бисёр маврид таровату зебоӣ ва ҷӯшу хурӯши зояндагии худро аз даст дод. Ба қавли дурусти баъзе донишмандони муосир, дигар Яъқуби Лайсе набуд, ки гӯяд: «Чизе, ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфтан?». Вале гузашти замон нишон дод, ки ҳеҷ амиру ҳоким дар ҳеҷ давру замон натавонист рӯҳи истиқлолталабӣ ва ишқу муҳаббати тоҷиконро нисбат ба забони модариашон халалдор кунад. Ҳатто имрӯз бемуболиға гуфта метавонем, ки ҷунбиши озодихоҳии охири солҳои 80-уми асри XX низ дар Тоҷикистон маҳз аз талаби озодӣ ва истиқлоли забон оғоз гардида буд.

Яке аз вижагиҳои аслии бисёр муҳими забони мо **хосияти баҳамоварӣ** ва ё **ваҳдатофарии** он аст. Ин хусусият сипас дар ташаккули он ба унвони як забони умумӣ барои мардуми эронитабор нақши муассир бозид.

Тавре ишора кардем, дар замони ғалабаи араб дар сарзамини васеи Эрон ва Хуросону Ворорӯд (арабҳо баъди тасарруф онро ба забони худ Мовароуннаҳр, яъне кишвари он сӯйи рӯд (рӯди Ому) гуфтанд), мардум ба лаҳҷаҳо ва забонҳои гуногуни маҳаллии эронӣ гуфтугӯ мекарданд. Тадриҷан зери таъсири омилҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодӣ яке аз шохаҳои қавитару ғанитари онҳо лаҳҷаҳову гӯйишҳои ба ҳам наздику хешованди нисбатан заифтарро дар атрофи худ муттаҳид карда, барои ҳамаи он қавмҳо забони расмӣ гардид. Болотар аз ин, ин раванд на танҳо лаҳҷаву забонҳо, балки қавмҳои ҳамнажоду хешовандро дар атрофи як забони умумӣ - забоне, ки барои ҳеҷ кадоми ин қавмҳо бегона набуд, ҷамъ оварда, заминаро барои падид омадани забони адабии тавоно ва ташаккули миллати ягонаву воҳид муҳайё сохт.

Сифати дигари забони мо **тавоноӣ** ва рақобатпазирии он аст. Вақте ки забони арабӣ ҳампойи футуҳот ва густариши

ислом дар як қисмати бузурги ҷаҳон фотеҳона қадам зада, забони бисёр давлатҳои муқтадири дунёи қадим, ба монанди забони маҳаллии Испания, лаҳҷаҳои романии Ситсилия, забонҳои барбарии соҳилҳои Африқои Шимолӣ, забони қибтии Миср, забон ва гӯйишҳои оромии Сурия, Фаластин, Ироқ ва ғайраро аз феҳристи забонҳои ҷаҳон нобуд мекард, муҳим он аст, ки забонҳои дар ҳоли ташаккул ва ҳатто бехати эронии мардуми Хуросону Мовароуннаҳрро фурӯ бурда натавонист. Ба иборати дигар, дар миёни миллатҳои зиёди мутеи араб мо ягона мардуме будем, ки забони худро ҳифз карда, аз истиқлоли адабӣ маҳрум намондаем. Вале дар айни замон истифодаи васеи забони арабӣ боиси падид омадани як анъанаи нави забонӣ гардид. То он давра бештари аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр ба гӯйишҳо ва забонҳои хешованд ва ё ба ҳам наздик гуфтугӯ карда, ба ҳар ҳол, ҳамдигарро мефаҳмиданд. Аммо бо омадани забони арабӣ ин оромиши забонӣ барҳам хӯрд. Ба ин сарзаминҳо забони бегонае омад, ки нисбат ба забонҳои маҳаллӣ, ки ба сабабҳои бештар сиёсӣ ҳеҷ кадоми онҳо ҳанӯз ба сатҳи забони умумӣ нарасида буд, забони қавитар ва аз назари расмиёт забони сиёсат ва дину оини нав буд. Гурӯҳе аз рӯйи сиёсату тиҷорат, теъдоди зиёди ходимон ва маъмурони дафтару девони хилофат барои дарёфти маош ва иддае ҳам барои донишандӯзӣ ва ғайра забони арабиро дар баробари забони модарии хеш аз бар мекарданд. Дар натиҷа як ҳолати дузабонӣ дар ҷомеа, махсусан дар шаҳрҳои калон пайдо шуд. Бо вуҷуди ин ҳама барои оммаи васеи мардумони Хуросону Мовароуннаҳр ва дигар манотиқи Эрон, ки дини мубини исломро нисбатан ба осонӣ қабул карда буданд, забони арабӣ забони бегона боқӣ монд ва ҳаргиз ба ҳайси забони умумӣ пазируфта нашуд. Баръакс забонҳои хурду бузурги пароканда дар миёни мардумони эронитабори ин минтақа на танҳо ба забони арабӣ муқовимат карданд, балки дере нагузашта ба яке аз шохобҳои қавитари хешованди худ пайваста ва ё дар он ҳаллу ҳазм шуда, зояндарӯди пурмарворидеро ба номи забони шевои «тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ)» ташкил намуданд, ки то имрӯз бо ҳамон ҷӯшу хурӯш равон аст.

Сипас дар тӯли садсолаҳои минбаъдаи начандон мусоид ва гоҳе ниҳоят фоҷиабор соҳибони ин забон яке аз ғанитарин адабиёт, шевотарин шеърҳо ва тӯлонитарин ҳамосаи миллии ҷаҳонро офаридаанд. Аз ҷиҳати миқдор, рангорангии мавзӯъ, вусъати андеша, матолиби ҳакимона ва ғайра низ он дар дунё камназир аст.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки нуфуз ва тавоноии ин забон ба ҳадде буд, ки на танҳо дар ҳавзаи илму фарҳанг, балки дар сиёсат ва давлатдорӣ низ ҳеҷ забони дигар бо вай рақобат карда натавонист ва қавму миллатҳои мухталифе, ки асрҳо дар ин сарзамин ҳукмронӣ карданд, онро на танҳо ҳамчун забони илму фарҳанг, балки ба ҳайси забони сиёсат ва давлату дарборҳои худ пазируфтанд.

Гузашта аз ин мардуми шикастхӯрда, вале таслимнашудаи мо на танҳо забони худро ҳифз кард, балки сад сол аз ғалабаи араб нагузашта, ҷунбиши зиддихилофат ва истиқлолхоҳии машҳур ба шуубияро (миёнаҳои асри VIII) пайрезӣ карда, муқобили зулму фишори маънавии Араб бар Аҷам бархостанд. Созмондиҳандагону пешвоёни ин ҷунбиш монанди Ибни Муқаффаъ (722-759), Лоҳиқӣ (ваф. дар ҳудуди 815), Башшор ибни Бурд (714-784), Абунувос (757-814) ва дигарон эронитабор буданд. Масалан, номи аслии Ибни Муқаффаъ Рӯзбеҳ писари Додуя буд, ки пас аз қабули ислом номи Абдуллоҳро гирифт ва дар таърих бо тахаллуси Ибни Муқаффаъ маъруф шуд. Башшор ибни Бурд, шоири нобино, аз аҳли Тахористон ва Абунувос аз миёни табақаи фақир бархоста, модараш эронитабор буд.

Шоирони баъдии ин ҳалқа низ дар мавзӯъҳои шуубӣ, чун ситоиши Аҷам ва азамату шукӯҳи пешазисломии он, ашъори форсӣ ба забони арабӣ суруда, гоҳо зери таъсири эҳсосот ва ғурур дар накуҳиши араб ҳатто иғроқ ҳам мекарданд. Онҳо ашъори арабие сурудаанд, ки рангу бӯйи хоси эронӣ дошт ва донишмандон онро ҳатто адабиёти халқҳои эронитабор ба забони арабӣ номиданд. Зоҳиран ин ҷунбиши раҳоибахши миллие буд, ки дар либоси адабию фарҳангӣ оғоз гардида, сипас ба ҷунбиши васеи истиқлолхоҳӣ дар Хуросону Мовароуннаҳри асрҳои минбаъда табдил шуд.

Саранҷоми зиндагии ин ватанпарастон бисёр даҳшатовар аст. Лоҳиқӣ ба куфр муттаҳам шуд, Исмоил ибни Ясорро барои

шеърҳояш бо фармони халифаи умавӣ – Ҳишом, дар ҳавзи халифа андохта, сипас нимҷон ба Ҳиҷоз бадарға карданд ва Ибни Муқаффаъро аввал дасту по бурида дар оташ андохтанд ва сипас худашро дар ҳамон оташ сӯхтанд ва монанди ин. Тавре мебинем, ин бузургмардон ба қимати ҷон суннатҳои миллӣ ва таърихии миллати бофарҳанг, вале дар он рӯзгор сарафкандаи худро ба сурати нав ва ба забони байналмилалии вақт – забони арабӣ, идома доданд.

Яке аз масъалаҳои дигари ҷолиб барои хонандагони мо масъалаи саҳми тоҷикони Хуросону Мовароуннаҳр дар зинда нигоҳ доштан ва парвариши ин забон аст. Ҳарчанд дар миёни забоншиносон оид ба макон ва замони пайдоиши забони мо ақидаҳо мухталифанд, вале донишмандон бо иттифоқи назар хостгоҳи ин забонро Хуросону Мовароуннаҳр ва макони нашъу намо ва боландагиву густариши онро каронаҳои Ҷайҳуну Сайҳун мешуморанд. Албатта, ин чунин маъно надорад, ки сокинони ин марзу бум дар ин мероси гаронбаҳо ҳаққи бештар доранд. Ин ганҷинаи нодир тақсимнопазир ва барҳақ сарвати миллии ҳамаи халқҳоест, ки онро парварда, ташаккулу такомул доданд ва дар тӯли таърихи пурҳаводис онро эмину пойдор нигоҳ дошта имрӯз ҳам бо он гуфтугӯ мекунанд.

Сиёсатҳои асрҳои охир, ҳарчанд қаламрави паҳновари интишори ин забонро тақсим карда, миёни ҳамзабонон ҷудоӣ андохтанд ва ё мамониату маҳдудиятҳое дар роҳи такомули забон эҷод карданд, вале онро нобуд ва ё дигаргун сохта натавонистанд. Дар гузаштаҳои дуртар низ иттифоқ афтода буд, ки мардумони ҳамнажоду ҳамзабони муқими ин сарзамини бузурги фарҳангӣ бо далоили бештари низомиву сиёсӣ ва ҳатто бо доман задани омили мазҳабӣ дар ҳайати давлатҳои гуногун, бо марзҳои ҷуғрофиву сиёсии мустақил зиндагӣ кунанд. Вале ин мансубият ва тааллуқоти сиёсию ҷуғрофӣ тағйирот ва ё табаддулоти ҷиддӣ дар сохтори забон ва ё дастури он ба вуҷуд наовард. Маҳз ҳамин пайванди таърихӣ, устувории решаҳои фарҳангӣ ва ягонагии забон ва дину маънавиёти ин мардумон аст, ки имрӯз ҳам се кишвари ин ҳавзаи таърихӣ - Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон (яке аз ду забони расмӣ) ин забонро бо номҳои тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ забони давлатии худ қарор дода,

миллионҳо нафари дигар дар кишварҳои минтақа онро забони модарии худ медонанд.

Дар замони шӯравӣ, бешак, корҳои зиёде дар соҳаи мактабу маориф ва «навсозии» забон анҷом дода шуд. Забон аз печидагӣйӣ ва саҷъбофии муншиёна, ки мероси асрҳои охир буд, раҳоӣ ёфт. Усулҳои наву замонавии таҳқиқ дар соҳаи забон ҷорӣ гардид, як зумра муҳаққиқону мутахассисон дар ин ришта тарбия ёфта, заминаҳои бунёди илми забоншиносии муосири тоҷик гузошта шуд, вале ҳамзамон ба хотири «демократикунонӣ» забони тоҷикӣ бисёр вожагони асилу ноби худро аз даст дод. Ба ҷойи онҳо калима ва истилоҳоти бамавриду бемаврид аз забонҳои гуногун ва ё калимаҳои носуфтаву худсохта, луғатҳои омиёна, қолабҳои калимасозию ибораороии бегона ва сабку услубҳои тақлидӣ ба забони мо ворид гардид.

Ҳама медонем, ки баррасии масъалаҳои илмӣ ва ё ҷустуҷӯҳо дар таърихи забон ва амсоли он кори доимӣ ва маъмулии донишмандон аст. Вале ин масъалаҳо бояд дар доираҳои илмӣ ҳал шуда, боиси ҷудоӣ ва ё дурии мардуми ҳамзабон нагардад. Таърихи мо чунин мисолҳоро бисёр дидааст.

Барои насли имрӯзи мо шояд тафовути чандоне надошта бошад, ки забони форсӣ, дарӣ ё тоҷикӣ ҳазор ё ду ҳазор сол пеш аз кадом минтақа бархоста ва ё мардуми кадом ноҳия ба ин забон пештар сухан гуфтааст. Ба назари мо муҳим он аст, ки онҳо аз як ҳавзаи ягона бархоста, гармиву сардии таърихро бо ҳам дида, як фарҳангу забони муштаракро дар чунин сарзамини паҳновар бо ҳам офаридаанд. Акнун дар ин замони ҷаҳонишавӣ бояд бикӯшем, то ҳамбастагӣ ва робитаҳои иқтисодию сиёсии худро қавитар гардонида, бино ба расми дерин, бо ёрии ҳамдигар истиқлоли фарҳангӣ ва забонии худро ҳифз карда, рукнҳои пойдории миллат ва кишварро таҳким бахшем ва онро устувору пойдор намоем.

Агар ба таърихи забонҳои ҷаҳон аз ибтидои пайдоиш то имрӯз нигарем, мебинем, ки забони ҳар миллат дар ҳама давраҳои таърих дар сатҳи тараққиёти тафаккуру андешаи соҳибони он қарор дошта, дараҷаи пешрафти моддиву маънавии онро инъикос мекунад. Ба ибораи дигар миллат ҳар

қадар пешрафта ва созандатар бошад, забони он ҳам ба ҳамон андоза тавоно ва зояндаву поянда аст. Азбаски диалектикаи тараққиёту инкишофи ҷомеа бар пояи навҷӯйиву навоварӣ устувор аст, бинобар ин бозёфтҳо ва дастовардҳои нави моддиву маънавии халқҳои нисбатан пешрафта дер ё зуд дар байни миллатҳои дигар, пеш аз ҳама, ҳамсоягон, ё ба сурати «сулҳомез» ва ё аз тариқи нуфузи сиёсиву иқтисодӣ паҳн мегарданд. Дар натиҷа забони ин миллатҳо низ марзҳои сиёсиву ҷуғрофиро шикаста, кишварҳо ва гоҳо сарзаминҳоро «тасхир» мекунад ва ба истилоҳи имрӯза забони байналмилалӣ мешавад.

Намунаи чунин ҷаҳонпаймоиро дар гузашта мо дар мисоли забони арабии асрҳои VIII-IX, ки барои бисёр халқу миллатҳои тобеи Хилофат нақши забони расмӣ ва фарҳангиро иҷро мекард, мушоҳида мекунем. Аммо бо ташкили давлату ҳукуматҳои нисбатан мустақил аз хонадонҳои маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ва Эрон ҳукумати забони арабӣ дар ин қаламрави бузург ба тадриҷ рӯ ба завол ниҳод. Растохези адабиву фарҳангие, ки сипас дар ин сарзаминҳо баъди асри IX оғоз гардид, «шоҳаншоҳии нави забонӣ»-ро бунёд ниҳод, ки шукӯҳу азамати он шаш қарн идома ёфт ва онро метавон дарозумртарин «шоҳаншоҳӣ» дар таърихи даврони нави забонҳои ин минтақа номид.

Баъдтар нуфузи забони модарии мо аз ҳавзаҳои Хуросону Мовароуннаҳр ва Эрон фаротар рафта, ба Қафқозу Осиёи Хурд, нимҷазираи Ҳиндустону Ироқ доман паҳн кард ва садҳо сол дар ин ҳавзаи бузурги ҷаҳон нақши забони байналмилалиро ба уҳда гирифт.

Бо такмили сохтори дастурӣ ва афзоиши захираи луғавӣ нуфузи иҷтимоиву фарҳангии ин забон ва доираи корбурди он низ дар ин сарзаминҳо густариш пайдо кард ва ба монанди забони арабии асрҳои VIII-IX, ки пештар ба он ишора намудем, намояндагони мардумони гуногуннажоду гуногунзабони ин қаламрави васеи ҷуғрофӣ осори адабӣ ва фарҳангии худро ба ин забон таълиф намуда, хидмати бузурге барои фарҳангу адаби мо анҷом доданд. Вале набояд фаромӯш кард, ки донистан ва ё омӯхтани ин забон ба ҳеҷ қавми дигар таҳмил нашуда буд. Балки нақши сиёсӣ ва иҷтимоиву фарҳангии забони тоҷикӣ дар як ҳавзаи азими ҷуғрофӣ қавму қабилаҳои дигарро водор сохта

буд, ки онро омӯзанд, ба кор гиранд, то ба василаи он бо ҳамсоягони гуногунтабори худ муошират ва муомилоти иҷтимоиву иқтисодӣ барқарор намоянд. Шояд аз рӯйи ҳамин зарурат буд, ки бахше аз фарҳангномаҳои забони моро намояндагони қавмҳои дигар сохтанд, то ҳамнажодону ҳаммиллатони онҳо ин забонро хубтар фаро гиранд. Барои тасдиқи ин гуфта мисолҳои зиёд дар ихтиёр дорем.

Дар охирҳои асри X нахустин адибони форсигӯ аз қавмҳои туркзабони Осиёи Миёна пайдо мешаванд ва чанде пас (садаҳои XI-XIV) илова ба Хуросону Мовароуннаҳр дар Озарбойҷон, Осиёи Сағир (Туркияи ҳозира) мактабҳои адабии машҳуре ба ин забон падид меоянд. Аз асрҳои XI-XIII шурӯъ карда «сафари Ҳинд»-и ин забон оғоз гардид, ки тақрибан шаш аср тӯл мекашад. Тайи ин шашсадсоли «ҷаҳонкушоии сулҳомез» дар як қаламрави васеи дунё ба забони тоҷикӣ адабиёти камназире ба вуҷуд меояд, ки муаллифони он аз минтақаҳои мухталиф ва аз миёни сокинони гуногунтабори ин ҳавзаи бузурги фарҳангӣ бархостанд. Ҳарчанд теъдоди зиёди муаллифони ин адабиёт решаҳои мовароуннаҳрӣ ва эронӣ доранд, вале саҳми намояндагони қавму қабилаҳои дигари ҳамсоя низ дар офариниши ин ганҷи шойгон кам нест.

Аммо як матлаби муҳимро бояд хотирнишон кард, ки бо вуҷуди бисёр умумиятҳо ҷараёни интишори забони тоҷикӣ аз нуфузи забони арабӣ тафовутҳои ҷиддӣ дошт. Фарқи аввал дар он аст, ки забони арабӣ дар натиҷаи ҷангу лашкаркашиҳо дар кишварҳои дигар паҳн шуда, парчами оини нав – дини Ислом омили асосии пешрафти ин забон дар кишварҳои ғайриараб будааст. Ҳол он ки омили низомӣ дар «кишваркушоии» забони мо тақрибан ҳеҷ асар надошт ва ин раванд ҷанбаи фарҳангӣ дошта, асосан ба таври сулҳомез сурат гирифтааст. Фарқи дувум он аст, ки забони тоҷикӣ бар хилофи забони арабӣ боиси нобудии ҳеҷ забон нашудааст. Баръакс дар бисёр маврид барои тараққиву такомули забонҳои ҳамсоя мусоидат намуда, барои онҳо намунаи тақлиду пайравӣ ва махзани луғот буда ва баъди ба сарҳади булуғ расидан низ ҳамеша бо онҳо муомилот ва доду гирифти табиии забониро идома додааст.

Аз ин намунаҳо пайдост, ки забони тоҷикӣ бо он имтиёзу имконоте, ки андаки онҳоро дар боло ёд кардем, имрӯз ҳам

тавоноии онро дорад, ки бисёр мафҳумҳои нави иҷтимоию сиёсӣ ва луғату истилоҳоти илмиву фаннии замони муосирро баён кунад.

Вале дар фархундарӯзгоре, ки сохтору шеваи зиндагии мо ба куллӣ дигаргун шуда, Тоҷикистони мустақилу соҳибихтиёр ба сӯйи истиқлоли фарҳангӣ роҳ мепаймояд, лозим аст, ки забони худро низ ба дараҷаи як забони ҷӯёву инъитофпазир ва зояндаву таҳаммулпазири муосир такмилу тақвият бахшем, то ин ҳама таҳаввулот ва дигаргуниҳои бунёдии солҳои охири ҷомеаи моро инъикос карда, бо корвони тезрави фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳамроҳ ва ҳамсафар бошад. Барои ин ба такрор хотирнишон мекунем, ки мо бояд ба таърихи забони худ рӯй оварда, рӯзгори ҷавонӣ, даврони нашъунамо, авомили зояндагии камназир ва густаришу боландагӣ ва албатта сабабҳои шикасту заъфи онро аз ибтидо то имрӯз амиқтар омӯхта, зеботарин ва коромадтарин унсурҳои мавриди ниёзи даврони худро пайдо намоем, аз таҷрибаи ҳамзабонон, он чи ба табиати забони мо созгор аст, баҳра бардорем, қолабҳо ва унсурҳои суннатии вожасозиро бо истифода аз осори гузаштаи хеш фаъол созем, бори нуфузи забонҳои бегонаро, албатта ҳар он чи таҳмилӣ аст, аз дӯш барандозем.

Бояд гуфт, ки дар татбиқи ин сиёсати забонӣ донишмандони кишвар фаъолона саҳм гирифта, доир ба бисёр масъалаҳои муҳими забони тоҷикӣ осори шоистае офаридаанд. Нигорандаи ин сатрҳо низ баъзе мулоҳизот ва андешаҳои худро дар бораи тоҷикон, забон ва таърихи фарҳангу тамаддуни онҳо дар китобҳои «Тоҷикон дар оинаи таърих» (дар чор китоб), «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ», «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» баён намуда будам.

Бо вуҷуди чунин таваҷҷуҳ ба ин масъала то кунун дар забоншиносии мо китоби ҷомеъ ва асари мустақиле дар бораи таърихи забони тоҷикӣ вуҷуд надорад, то хонандагони одӣ аз он иттилооти лозимаи таърихӣ ва посух ба суолоти хешро дар мавриди саргузашти забони модарии хеш пайдо намоянд. Китобу рисолаҳои шоёни қадр ва анбӯҳи мақолоте, ки дар ин замина навишта шудаанд, ҷанбаи хоси илмӣ дошта, асосан дар миёни мутахассисон ва доираҳои илмӣ маъмулу машҳур мебошанд.

ЗАБОНИ МИЛЛАТ – ҲАСТИИ МИЛЛАТ

Назар ба нақши сиёсиву иҷтимоии забон дар сохтмони давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон мо дар тамоми мулоқоту маърузаҳои хеш сарфи назар аз мавзӯи мавриди баҳс дар бораи рушду инкишофи забони давлатӣ ва роҳҳои дар амал татбиқ намудани иқдомоти Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин арса ба тафсил сухан гуфтаем. Илова бар ин, ҳангоми омодагӣ ба суханрониҳо ва махсусан дар ҷараёни таълифи китобҳои номбурда бисёр манобеи аслӣ ва осори донишмандони дохиливу хориҷӣ дар бораи забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) мавриди мутолиа қарор гирифт. Бо гузашти солҳо маводи фаровоне дар ин мавзӯъ гирдоварӣ шудааст, ки бисёр паҳлуҳо ва ҷанбаҳои таърихи забони моро фаро мегиранд. Мавҷудияти чунин маводи арзишманд ва набудани китоби махсусу мустақил дар забоншиносии тоҷик доир ба ин мавзӯъ ва албатта эҳтиром ва алоқаи шахсии муаллифи ин сатрҳо ба забони модарии хеш моро ба хулосае оварда, ки ин иттилооти таърихӣ ва баъзе андешаву мулоҳизоти худро, ки ҳосили мутолиа ва баррасии мавод ва манобеи мазкур мебошанд, дар шакли китоби ҷомеи ҳамаҳон ба ҳамватанони азиз пешкаш намоем.

Дар хотима зикри чанд нуктаро лозим медонем:

1. Истилоҳи забони тоҷикӣ дар ин китоб ба маъно ва мафҳуми илмӣ ва сиёсии имрӯзии он, яъне забони давлатии як кишвари мустақили ҷаҳон – Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифода шудааст. Вале дар матн ҳангоми руҷӯъ ба давраҳои гузашта ҳамчунин номи таърихӣ ва расмии онро дар он рӯзгорон – форсӣ, дарӣ ё форсии дарӣ ба кор бурдаем, ки ҳамрадифи забони тоҷикӣ мебошанд.

2. Китоб ҷанбаи маърифатӣ дошта, ба мақсади огоҳии бештари ҳамватанони азиз аз таърихи забони модарии хеш, бо сабки илмию оммавии қобили фаҳми табақоти мухталифи ҷомеа навишта шудааст, ба умеди он ки забоншиносони мо дар такмили ин китоб бикӯшанд ва сарнавишти омӯзандаи забони моро дар асри ҷавонӣ ва овони булуғ ба таври илмӣ хубтару равшантар ба алоқамандон муаррифӣ намоянд.

3. Китоби ҳозир дар асоси сарчашмаҳои маълуму дастрас, ахбору асноди дар муомилоти илмӣ машҳур ва андешаҳои дар миёни донишмандон роиҷ таҳия гардидааст. Аз миёни мақолаҳо ва осори илмӣ дар ин мавзӯъ агар манбаъ ва номи муаллифи

соҳибназаре дар ин китоб зикр нашуда бошад, бешак амри тасодуф буда, ё ба осорашон дастрасӣ пайдо накардем ва ё назариёташонро ба қавли машҳур пазируфтаем. Дар охир аз тамоми донишмандони арҷманде, ки аз осорашон дар таълифи ин китоб фаровон истифода шуд, ба хотири қадрдонӣ аз саҳм ва хидмати онҳо дар таҳқиқ ва таблиғи забони тоҷикӣ ва фарҳанги миллати тоҷик изҳори сипос менамоем.

4. Ҳадафи асосии мо он аст, ки хонандагон, махсусан насли ҷавони мо, огоҳ бошанд, ки ниёкони онҳо, сарфи назар аз номулоиматӣ ва номеҳрубониҳои таърих, то чӣ ҳад дар ҳифзи ватан ва муқаддасоти миллӣ, махсусан забони модарии хеш кӯшиш ба харҷ дода, барои мо забони тавоноеро якҷо бо чунин осори арзишманди адабӣ ва таърихӣ ба мерос гузоштаанд. Акнун вазифаи ворисони ин забон он аст, ки ин кохи муҳташамро аз газанди боду борони замони ҷаҳонишавӣ нигаҳ дошта, то ҷойи тавон онро бо ғановати бештар ба наслҳои оянда ба мерос гузоранд.

БОБИ I
ДАВРАБАНДИИ ТАЪРИХИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

§ 1. Мардуми ориёӣ ва забони онҳо. Забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи хеш бо вуҷуди он ҳама бархурд ва рӯёрӯйӣ бо чандин забонҳои тавонои дунё чеҳраи аслии худро нигоҳ доштааст, ки ин далели тавоноии бунёдии ин шохаи забони ориёӣ аз даврони бостон то имрӯз мебошад. Дар забоншиносии ҷаҳон истилоҳи «ориёӣ» ҳамчун номи этникӣ ва номи забони мардумони ҳиндуэронӣ бар пояи мақом ва маънои воқеии таърихии он мавриди қабул ва истифодаи умум қарор гирифтааст. Чунон ки дар илми ховаршиносии ҷаҳон собит шудааст, истилоҳи «ориёӣ» дар маънои илмӣ нисбат ба номи забони муштараки ориёиҳои эронӣ ва ориёиҳои ҳиндӣ аслан муодили истилоҳи кунунии ҳиндуэронӣ мебошад. Баъдан барои тафовут гузоштан миёни шохаи эронӣ ва ҳиндӣ барои шохаи ҳиндӣ истилоҳи ҳиндуориёӣ истифода гардид, ки он ба ҳама забонҳо ва лаҳҷаҳои ҳиндии дорои як манбаи муштарак иртибот дорад.[1]

Ошноии донишмандони аврупоӣ ба забони санскрит (ҳиндии бостон) дар нимаи дувуми асри XVII ва дарёфти муштаракоту ҳамоҳангиҳои ин забон бо чанде аз забонҳои аврупоӣ дар марказҳои илмии Аврупо, ба хусус Олмон масъалаи зарурати омӯзиши муқоисавию таърихии забонҳоро пеш овард.

Забонҳои ҳиндуэронӣ ва ё ориёӣ ба хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шомил буда, як шохаи муҳим ва таърихии ин хонаводаро ташкил медиҳанд. Забонҳои ҳиндуэронӣ дорои осори бесобиқаи таърихӣ мебошанд, ки он нахуст дар шакли шифоҳӣ ва баъдан дар шакли бисёр куҳани навиштории тайи ҳазорсолаҳо идома дошт. Имрӯз ин осор ҳамчун шоҳиди айнӣ аз гузаштаҳои дури таърихи мардумони ориёинажод ба мерос мондааст. Забонҳои ҳиндуэронӣ бо доштани манобеи муҳим ва

[1] Муф. ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2006.

арзишманд дар бозсозии нахустзабони муштараки ҳиндуаврупоӣ дар миёни дигар забонҳои ҳиндуаврупоӣ дорои мартаба ва мақоми хос мебошанд, ки инро пажӯҳишҳои илмии забоншиносии ҳиндуаврупоӣ ва муқоисавию таърихӣ дар асоси далелҳои илмӣ ба хубӣ собит сохтаанд.

Мо дар асарҳои худ «Тоҷикон дар масири таърих» (дар чор китоб), «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» ва «Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ» дар бораи мардуми ориёӣ, фарҳангу тамаддун ва забони онҳо, саргузашти нимафсонавиву воқеии онҳо ва бисёре аз масъалаҳои дигари марбут ба ориёиҳо дар асоси таҳлилу пажӯҳишҳои донишмандони хориҷиву дохилӣ фикру мулоҳиза ва андешаҳои худро баён карда будем.[2] Вале аз он давра муддате сипарӣ шудааст ва донишмандон дар бораи мардуми ориёӣ ва таъриху тамаддуни онҳо дар чанд соли охир мулоҳизаҳои наву ҷолибе пешниҳод кардаанд, ки ба таври фишурда дар ин бора таваққуф хоҳем кард.

Миллати тоҷик аз нуқтаи назари таборӣ ва ирсияти забонӣ марбут ба шохаи қавмҳои ҳинду олмон (ҳинду герман)[3] ва ё ба истилоҳи дигар марбути шохаи ҳиндуаврупоӣ аст[4], ки аз нимҷазираи Ҳинд то Аврупо густариш дорад. Аввалин касе, ки ба иртиботи забонӣ ва хешовандии ин қавмҳо пай бурд, донишманди англис Вилямс Ҷонс буд. Вай назарияи хешро дар соли 1786 дар Ҷомеаи Осиёи Калкута дар Ҳинд иброз дошт ва нишон дод, ки забонҳое мисли санскрит, юнонӣ, лотинӣ, готӣ,

[2] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, 2009.- С. 3-70; Эмомалӣ Раҳмон. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, 2009. - С. 3-125; Эмомалӣ Раҳмон. Китоби сеюм. Душанбе, 2009.- С.3-110; Эмомалӣ Раҳмон. Китоби чорум. Душанбе, 2009. -С.50-681, Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2006 - С. 3-372; Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2006.

[3] Истилоҳи «ҳиндуолмон»-ро нахустин бор ховаршиноси маъруфи олмонӣ Ҳейнрих Юлиюс Клапрот дар китобаш ба номи «Осиёи касирулзабон» соли 1823 ба кор бурд (Heinrich Julius Klaproth: Asia polyglotta.- Paris, 1823).

[4] Истилоҳи «ҳиндуаврупоӣ»-ро забоншиноси маъруфи олмонӣ Франс Бопп маъмул сохт. Ин истилоҳ баъдан аз тарафи донишмандони хориҷ аз ҳавзаи забони олмонӣ иқтибос шуд, ки то ҳол ба кор меравад: ба забони франсавӣ онро indo-européen ва ба итолиёвӣ indo-europeo гӯянд. Аммо англисҳо ба ҷойи он аз истилоҳи «Ориян» Aryan истифода мекунанд, ки ба маънои «ориёӣ» аст, он чи ки аҷдоди эрониён ва ҳиндиён худро ин тавр меномиданд.

Franz Bopp. Vergleichende Grammatik des Sanskrit, Zend, Griechischen, Lateinischen, Litauischen, Gotischen und Deutschen. - Berlin, 1833–52, 6 Bde.; 3. Aufl. 1868–71, 3 Bd

келтӣ ва авестоӣ (зандӣ) бо ҳам қаробат доранд. Аммо касе, ки ин кашфи бузургро рӯйи асосҳои амалӣ устувор кард, донишманди олмонӣ Франс Бопп буд, ки асари шашҷилдаи ӯ ба забонҳои англисӣ ва франсавӣ ҳам тарҷума шуд. Дар мавриди ин ки ҷойгоҳи аслии ақвоми ҳиндуаврупоӣ куҷо буд (ки шояд натавонем дақиқан таъйин кард), аз кадом замон оғоз шуд, аз куҷо ба куҷо муҳоҷират карда, чӣ гуна ба дастаҳои мухталиф тақсим шуда ва чӣ навъ тамаддунҳоро ба вуҷуд оварданд, назарияҳои мухталиф баён шудааст. Вале ба таври умум аз ин назарияҳо, ки гоҳе баъзе аз онҳо тамоюлҳои сиёсӣ ҳам доштанд, чор назарияи асосиро ҷудо кардан мумкин аст:

1. Сарзамини аввалияи қавмҳои ҳиндуаврупоӣ дар қисмати Аврупои ғарбӣ буд. Як гурӯҳи онҳо баъдан аз Аврупо ба сӯйи шарқ муҳоҷират карда, дар Осиё бо қавмҳои бумии ин ҷо омеҳта шуданд. Бар асари ин тарзи ҷаҳонбиниашон инҳироф пайдо кард ва ба динҳои бегона, масалан, ба дини будоӣ гаравиданд.

2. Назарияи селоби Баҳри Сиёҳ ва муҳоҷирати ин қавмҳо ба тарафи шарқу ғарб, назарияи тамаддуни Қӯрғонӣ ва назарияи Арманистон ба ҳайси сарзамини аввалияи қавмҳои ҳиндуолмонӣ.

3. Сарзамини аввалияи қавмҳои ҳиндуаврупоӣ навоҳии ҷануби Сибир ва Урал буда, онҳо аз он ҷо ба тарафи ғарб, яъне ба сӯйи Аврупо ва ба тарафи шарқ, яъне ба тарафи Осиёи Миёна ва аз он ҷо ба ҷануб - ба тарафи Ҳинд ва Эрони имрӯза сарозер шудаанд. Ин назария мавриди пазириши бештари донишмандони ҷаҳон аст ва бар пояи бозёфтҳои бостоншиносӣ устувор аст.

4. Ориёиҳо дар Ҳинд мардуми бумии ин нимҷазира мебошанд, ки ҷойгоҳи аслиашон Маҳораштаҳо буд. Ҳувияти ҳиндиҳо аз ҳамон овони ташаккули тамаддунҳо бар пояи фарҳангу дини ведоӣ ба ҳайси дини бумӣ устувор аст. Онҳо аз шимоли ғарб вориди ин сарзамин нашудаанд ва муҳоҷирини бегона намебошанд. Иддае аз ориёиҳои Ҳинд баъдан ба сӯйи ғарб муҳоҷират карда ва дар он ҷо маскан гузиданд.

Агар мо аз назарияҳои дар боло зикршудаи шумораи як ва ду, ки бештар бар гумону фарзияҳо асос ёфтаанд, сарфи назар кунем, пас воқеан дар баробари ду назарияи ба ҳам зид

(шумораҳои 3 ва 4) қарор дорем, ки онҳоро: а) «Назарияи таҳоҷуми ориёиҳо» (ба Ҳинд); б) «Назарияи муҳоҷирати ориёиҳо» (аз Ҳинд ба тарафи ғарб) меноманд.[5]

Ба назари мо «Назарияи муҳоҷирати ориёиҳо ба Ҳинд» (ки баъзе онро таҳоҷуми ориёиҳо низ меноманд) дақиқтар ва илмитар аст ва ба ҳамин далел онро бояд ҳамчун асос пазируфт. Ин назария бар заминаи таҳлил ва арзёбии матнҳои “Ведо” ва “Авесто” ба миён омадааст. Дар баробари ин сарчашмаҳои дигаре чун осори эламӣ, бобулӣ, ошурӣ, мисрӣ, митонӣ, юнонӣ ва румӣ ҳам то андозае дурустии ин назарияро таъйид мекунанд. Аммо ба сурати куллӣ натиҷаҳои ин пажӯҳишҳо наметавонад комилан қонеъкунанда бошад. Бинобар он, дар паҳлуи сарчашмаҳои адабӣ аз илми бостоншиносӣ низ бояд истифода кард.[6]

Аз пажӯҳишҳои бостоншиносӣ, ки то ҳол сурат гирифтааст, маълум мешавад, ки ниёгони мо дар рӯзгори қадим зиндагии ғайримуқимӣ доштаанд ва бахше аз тамаддуни бузурге буданд, ки донишмандон онро «гурӯҳи тамаддуни Андронов» меноманд, ки ба давраи биринҷӣ марбут аст. Ин тамаддун ҳадди ақал дар нимаи аввали ҳазораи дувуми пеш аз милод аз ҷануби Сибир то Осиёи Миёна вуҷуд дошт. Ҳудуди ҷуғрофии он аз шимоли баҳри Каспий то дарёи Енисей дар Сибири шарқӣ (дар шимоли Муғулистон) вусъат дошт. Ин тамаддун (ки аз назари забонӣ ба гурӯҳи забонии моқабли «ҳиндуэронӣ» дохил мешавад) бинобар фарохноии бузурги ҷуғрофӣ, баъдан ба гурӯҳҳои минтақавии хурдтар тақсим шуд, аммо ҳамаи онҳо дорои хусусиятҳои муҳими фарҳангии муштарак буданд. Яке аз ин гурӯҳҳо аҷдоди мо ҳастанд, ки ба хотири вижагиҳои фарҳангиашон онро «Тамаддуни маҷмӯаи бостоншиносии Бохтар – Маргиана» меноманд.[7] Сарзамини зисти ин гурӯҳ аз ҷануби шарқи баҳри Каспий то минтақаи Помир вусъат дошт.

[5] Руҷӯъ шавад ба "The Aryan Invasion Theory" ва "The Aryan Migration Theory"

[6] Gérard Fussman, Jean Kellens, Henri-Paul Frankfurt und Xavier Tremblay: Aryas, Aryens iraniens et en Asie Centrale (Publication l’Institut de le Civilisation indienne, Fascicule 72). - Paris 2005; Ғулом Ҷелонии Доварӣ, Чакидаҳое аз таърихи тоҷикон бар мабнои осори кашфшуда. davarygholam@hotmail.com.

[7] W. Sarianidi. Margiana in the Ancient Orient. In: International Association for the Study of the Cultures of Central Asia Information Bulletin. Bryant, 2001.- P. 220; Сериади В.И. Древние страны Маргуша. Ашхабад. - С.12-15.

Мавҷудияти онҳо дар ин сарзамин ҳудуди 2200 ва 1700 пеш аз милод тахмин шуда, бо тамаддунҳои эламӣ ва тамаддуни «давлати миёна» дар Миср ҳамзамон аст. Мо барои исботи ин ақида дар ҳавзаи хеш ба кофтукови бостоншиносӣ бештар ниёз дорем. Аммо он чиро ки ба яқин метавон гуфт ин аст, ки қавмҳои ҳиндуаврупоӣ, ки дар чарогоҳҳои Осиёи Миёна мезистанд, дар оғози муҳоҷирати хеш ба ду шохаи шарқӣ (ҳиндуэронӣ) ва ғарбӣ (дастаи Аврупо) тақсим шуданд. Аз осори эшон ду унсурро метавон бешакку шубҳа ташхис дод:

1. Забонҳои эшон дар асоси қоидаҳои забоншиносӣ бо ҳам хешованданд ва марбут ба забонҳои ҳиндуаврупоӣ мебошанд.

2. Аз нуқтаи назари хешовандӣ гурӯҳҳои шохаи шарқӣ хешро **«ориёӣ»** меномиданд, ки ин аз осори адабии эшон ҳувайдост.

Ин ақвоми ориёии шарқӣ, баъд аз он ки як муддате дар сарзамини Бохтар сукунат доштанд, дар ҳазораи дувуми пеш аз милод ба ду гурӯҳ- ҳиндӣ ва эронӣ тақсим шуданд. Гурӯҳи ҳиндӣ бо мавҷҳои паёпай аз кӯҳсорони Ҳиндукуш гузашта, ба манотиқи шимоли ғарби Ҳинд сарозер шуданд ва дар он ҷо бо бақоёи тамаддуни ҳараппӣ (ҳудуди 2500 пеш аз милод) бархӯрданд. Забони гурӯҳи ҳиндӣ ведоӣ буд ва ба ҳамин забон худро ория (ārya) (ба маънои шариф) мехонданд. Таърихи муҳоҷирати шохаи эронии қавми ориёӣ, ки худро ба лаҳҷаи хеш ариа (ārya) мехонданд, баъдтар яъне дар қарни X1 то X пеш аз милод сурат гирифтааст. Забонҳои ин мардум «забонҳои эронӣ» номида шудааст.[8]

Яке аз муҳимтарин далелҳои раднопазир дар мавриди таърих ва пайванди нажодии мардумони ориёӣ ва ё ба истилоҳи дигар ҳиндуэронӣ умумият ва шабоҳату ҳамгуниҳои забонии мардумони ориёии эронӣ ва ориёии ҳиндӣ маҳсуб мешаванд. Муштаракоти забонӣ якҷо бо муштаракоти суннативу динӣ ва фарҳангии ин мардум аз муқоисаи мероси беназири онҳо дар мисоли “Авесто” ва “Ведо” бармеояд. Ин ду ёдгори арзишманд бо доштани манбаи муштарак аз офаридаҳои мероси фарҳангии ҳар кадоме аз ин мардумони ҳамнажод ба шумор мераванд. Бар асоси пажӯҳишҳои тӯлонӣ ва фарогир дар бахши “Авесто” ва

[8] Rüdiger Schmitt. Die iranischen Sprachen in Geschichte und Gegenwart. Reichert Verlag. – Wiesbaden, 2000.- P. 1f.

“Ведо” аз роҳи муқоисаи мушаххасоти забонии ин осор ҳама он хусусиятҳои овоӣ, дастурӣ ва луғавии забонҳои эронии бостон ва ҳиндии бостон ва дар маҷмӯъ хусусиятҳои забонии муштараки ҳиндуэронӣ дар ҳазорсолаҳои пеш аз милод ба таври дақиқ таҳқиқ, ташхис ва ошкор гардидаанд. Натиҷаи пажӯҳишҳои тӯлонии донишмандони ҷаҳон аз роҳи таҳқиқоти муқоисавӣ-таърихӣ чигунагии робитаҳои забонии мардумони ориёиро аз замони сукунати муштараки онҳо то ба баъд ба таври дақиқ муайян менамояд. Аз муқоисаи забони “Авесто” ва “Ведо” як нуктаи бисёр муҳим таъйид мегардад, ки он муошират озоди ин мардумон дар замони сукунати тӯлонии онҳо дар як сарзамин то ба замони муҳоҷират ба сарзаминҳои кунунии иқоматашон мебошад.

Қабилаҳои дигари ориёинажоди сакоӣ аз Осиёи Миёна ва ё ноҳияҳои ҳаммарзи ба истилоҳи имрӯзӣ - Қазоқистон ба Туркистони шарқӣ муҳоҷират намудаанд. Ин мардумон аз худ осори хаттии фаровоне дар ин сарзамин ба ёдгор гузаштаанд, ки он бо номи матнҳои сакоии хутанӣ маъруф аст.

Номи «арйа» танҳо дар осори хаттии мардумони ҳиндуэронӣ зикр шудааст ва танҳо ин мардумон худро ориёӣ хондаанд: дар “Авесто” **аирйа**, “Ведо” **арйа**, дар катибаҳои замони Ҳахоманишиён **арийа**, дар забони муштараки ҳиндуэронӣ **арйа**. Ин номи нажодӣ барои мардумони ҳамтабори ориёии эронӣ ва ҳиндӣ ва ё дар маҷмӯъ ҳиндуэронӣ ба таври муштарак ба кор рафтааст.

Аз ин шоҳиди таърихӣ собит мегардад, ки Ҳахоманишиён нажод ва забонашонро ориёӣ хондаанд ва онро ба ҳама мардумони кишварҳои мутеи шоҳаншоҳии ҳахоманишӣ ба забонҳои бобулӣ, эламӣ ва оромӣ низ эълом доштаанд ва ба сарзаминҳои гуногун низ фиристодаанд. Навиштаи Дориюш дар мавриди нажоди вай дар ин катибаҳо на танҳо барои он замон, балки барои ояндагон ва ҳама наслҳои таърихи башарӣ ҳамчун шоҳиди айнӣ аз умқи қарнҳо то ба рӯзгори мо ба ёдгор монда, бурҳони қотеъ дар бораи мансубияти ин мардумон ва шинохти онҳо мебошад.

Мардумони дигари ориёии ғарбӣ – модҳо, ки қабл аз Ҳахоманишиён ҳукумат мекарданд, низ мисли Ҳахоманишиён нажоди худро ориёӣ мегуфтаанд. Чун аз замони модҳо ва

забони мардумони Мод ҳеҷ гуна осори хаттӣ маҳфуз нест, аз ин рӯ ба далелҳои дигари таърих метавон муроҷиат кард. Дар як матни бобулии катибаи Дориюш дар Тахти Ҷамшед (Персеполис) донишмандон ибораҳои «Порсу Мод ва кишварҳои дигар забонҳо»-ро хонда ва ба ин натиҷа расидаанд, ки матлаб аз овардани Порсу Мод дар ин навишта ба он маънист, ки ин мардумон, яъне порсҳо ва модҳо, забони ҳамдигарро хуб дарк мекарданд. Ҳамчунин бар асоси навиштаи Ҳеродот дар он даврон «ҳамагон онҳоро (модҳоро) ориёӣ (шакли юнонӣ ариои) мехондаанд».[9] Муштаракот ва шабоҳати наздики забони модҳо ҳамчун лаҳҷаи шимолӣ-ғарбӣ ва забони порсҳо (форсии бостон) ҳамчун лаҳҷаи ҷанубӣ-ғарбӣ аз нахустзабони ориёии ғарбӣ ва эронии бостони гурӯҳи ғарбӣ имрӯз аз таҳқиқ ва муқоисаи иқтибосҳо аз забони модҳо дар осори форсии бостон ва дигар забонҳои ғайриэронии замони Ҳахоманишиён собит гардидааст. Тафовутҳои ошкоргардида дар ин забонҳо тафовутҳои лаҳҷавӣ буда, ин омил далели пайванди наздики ин қавмҳои ориёии ғарбӣ дар он даврон мебошад.

Бинобар навиштаи таърихнависони юнонӣ чанде аз қабилаҳо ва мардумони дигари ориёии ғарбӣ бо номи **арйа** ёд мешудаанд. Ин номҳо дар осори таърихнависон, аз ҷумла Ҳеродот, Арриан, Птоломей, Страбон ва дигарон дар савтиёт ва баргардони юнонӣ маълуманд. Аз ҷумла, **«ариаспа»** аз арйааспа **«дорандаи аспҳои ориёӣ»** -номи мардумони ориёии эронӣ, ки дар канори рӯди Ҳилманд дар Афғонистони кунунӣ сукунат доштаанд, «ариакаи» аз эронии арйака, яъне ориёиён – номи қабилаҳои ориёии сокин дар поёноби Сирдарё ва ғайра.[10]

Як нуктаро бояд тазаккур дод, ки дар сарзамини ориёиҳои шарқӣ - Ориёно (Осиёи Миёна ва Афғонистони кунунӣ, ҳамчунин шарқи Эрони имрӯза) мардумони шарқии ориёӣ низ дар даврони модҳо ва Ҳахоманишиён ҳамоно худро ба номи нажоди ориёӣ ёд мекарданд. Бинобар бозёфтҳои солҳои охир аз

[9] Геродот. История. Кн. VII, Полигимния // Ориёнома. Т. 1.- Душанбе. 2006. - С. 111.

[10] Муф. ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2006. - С.16-17.

Афғонистон дар як сангнабиштаи бохтарӣ забони ин матн «**арйа**», яъне ориёӣ гуфта шудааст. Ин далели таърихӣ исботи он аст, ки гузаштагони тоҷикон - мардуми бохтарӣ, забони худро ориёӣ меномидаанд.

Номи **арйа**, **арйана** ҳамчун истилоҳи этникӣ дар таркиби номҳои ашхос ва номҳои ҷуғрофии сарзаминҳои таърихӣ ва ё ватани мардумони ориёӣ ҳам дар "Авесто", ҳам дар осори замони Ҳахоманишиён, ҳам дар манобеи юнонӣ ва исломӣ корбурди фаровон дорад, ки ин ҳама далели мансубияти ин ашхос ва ҷойҳо ба нажоди ориёист.[11]

Номи нажоди ориёӣ – **арйа** дар таркиби номҳои хоси ориёӣ дар осори таърихнависони юнонию румӣ зиёд ба кор рафтааст, ки он далели шинохти номи ин нажод дар он даврон дар миёни дигар мардумон мебошад: Ариабигнес, Ариамнес, Ариапатҳес, Ариантас, Арибарзанес, Арибазос, Ариамазес, Ариарамнес, Арифарнес, Ариаменес ва ғ.

Истилоҳоти этникии **арйа** дар таркиби номҳои таърихии ҷуғрофӣ, аз қабили Алан (Алон), Албан ва Арран низ маҳфуз мондааст, ки он иртиботи мустақими ориёиҳоро бо ин сарзаминҳо собит менамояд. Ҳамчунон ки медонем, **алан** номи умумии қабоили скифӣ (гузаштагони мардуми осетин) ва шакли скифии номи **арйа** мебошад. Шакли дигари номи этникии **ариа** ба гунаи **ир** - дар номи Иристон ба маънои макон ва ё ҷойгоҳи мардумони ориёитабори осетин дар Кавказ маҳсуб мешавад. **Ариа** дар номҳои ашхоси замони Ашкониён бар асоси осори портии кашфшуда аз шаҳристони Нисо (наздики Ашқобод) низ ба мушоҳида мерасад: Ариабонук, Ариабарзан, Ариамиҳрак, Арианиястак, Ариасохт.

Пас аз осори замони Ҳахоманишиён манобеи дигар дар мавриди номи **арйа** осори забонҳои портӣ ва форсии миёнаи ашконӣ ва сосонӣ ба шумор меравад. Таҳаввулоти овоии номи **арйа** дар давраҳои таърихии осори забонҳои бостон ва миёна чунин аст: авестоӣ **аирйа (airya-)**, осори ҳахоманишӣ **арйа (arua)**, портӣ **арии (ari)**, форсии миёнаи сосонӣ **эр (er)** ё **ир (ir)** ба маънои ориёӣ ва ҳам эронӣ: тавассути пасванди -он: **Эрон (Eran)** баъдан **Iran** - номи кишвар. Дар матни портии ду

[11] Муф.ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе, 2006. – С. 59.

катибаи замони Сосониён номи кишвари **Эрон** ба шакли **Арйон** мутобиқи савтиёти забони портӣ ва дар китоби паҳлавии Динкард (китоби чорум) ба гунаи **Арйастон** омадааст, ки ин далели истифодаи истилоҳи **арйа** дар баробари шакли нави он, яъне Эрон дар он даврон мебошад. Аз даврони Сосониён шакли Эрон бар ивази Ориён (Ариана) ба таври расмӣ дар осори давраҳои баъдӣ мутадовил мегардад.

Шакли портии **ари** дар муқобили шакли форсии миёнаи сосонӣ бо дарназардошти махсусиятҳои лаҳҷаи шимолӣ- ғарбӣ идомаи гунаи **арийа** аз забони модҳост. Тафовут миёни шаклҳои портӣ ва форсии миёна дар пояи тафовути лаҳҷаҳои шимолӣ-ғарбӣ (модӣ) ва ҷанубӣ-ғарбии (форсӣ) забони муштараки ориёии ғарбӣ дар Мод ва Порс сурат гирифтааст. Дар форсиии миёна, дар баробари маънои истилоҳӣ, маънои бунёдии **ариа** мутобиқи маънои авестоӣ, яъне «озода», «асил» ва ё «наҷиб» низ маҳфуз мондааст. Ин маъно ҳам дар катибаҳои сосонӣ дар мисоли катибаи Шопур дар Каъбаи Зардушт (дар матнҳои форсии миёна ва портӣ) ва ҳам осори паҳлавӣ ба кор рафтааст. Якҷо бо ин маъно дар осори паҳлавӣ вожаи мазкур ба маънои гурд, далер ва қаҳрамон низ омадааст, ки онро метавон махсуси забони форсии миёна ва осори он донист.

Дар замони Сосониён ва осори форсии миёна аз шакли **арйа** бо замимаи пасванди ҷамъбандии **-он** мутобиқи савтиёти забони форсии миёна номи кишвари **Eran (Эрон)** мутадовил гардид. Шакли номи Eran дар забони форсии миёна таҳаввулоти баъдии истилоҳи **Арйана** аз даврони модҳо ва Ҳахоманишиён маҳсуб мешавад. Дар замони Сосониён, бинобар осори хаттии он даврон, номи Эрон ҳам ба маънои кишвари таърихии ориёиён ва ҳам эрониён аст. Ба ибораи дигар дар номи Эрон дар аҳди Сосониён якҷо ба маънои кишвари Эрон маънои куҳани он, яъне кишвар ва ё сарзамини Ориён, низ маҳфуз мондааст. Ҳамчунин истилоҳи дигари арзӣ дар замони Сосониён – Эроншаҳр ба маънои сарзамин ва ё кишвари Эрон, ҳамчун номи расмии шоҳаншоҳии сосонӣ аз истилоҳи куҳани ориёии **Арйанам-хшасрам** ба маънои подшоҳии ориёӣ шакл гирифтааст. Истилоҳи арзӣ ва ё номи кишвари **Арйана (Ориён)**

бори нахуст дар манобеи юнонӣ ба шакли **Ариана** ба маънои кишвари ориёиҳо зикр мешавад.[12]

Бар асоси далелҳои фаровони забоншиносӣ, таърихию бостоншиносӣ ва ҷуғрофӣ муҳаққиқон сарзаминҳои зисти ориёиҳо ва густариши забонҳои ориёиро аз миёнаҳои ҳазорсолаи аввали пеш аз милод чунин арзёбӣ кардаанд: даштҳои ҷанубии Русия, соҳилҳои баҳри Сиёҳ, назди баҳри Азов то шимоли Кавказ (скифҳо ва сарматҳо), Осиёи Миёна, минтақаҳои назди соҳилҳои Сирдарё, қисмати шарқ то Туркистони шарқӣ (мардумони сакоӣ), водиҳо ва воҳаҳои Осиёи Миёна дар ҳавзаи Зарафшон, Қашқадарё ва ноҳияҳои атрофи он (суғдиҳо), поёноби Амударё (хоразмиҳо), болооб ва қисматҳои миёнаи соҳилҳои рост ва чапи Амударё (бохтариҳо), як бахши Хуросон то ҷанубии Туркманистон (портҳо), шимолу ғарби Эрон (модҳо), ҷанубу ғарби Эрон (порсҳо). Манобеи дигар дар бораи бархе аз мардумони ориёӣ осори шумерӣ, бобулӣ, эламӣ, юнонӣ ва лотинӣ маҳсуб мешавад. Ба таври мисол, куҳантарин манбаи хаттӣ дар мавриди зикри модҳо ва порсҳо дар сарзамини Эрони кунунӣ солномаҳои шумерии мутааллиқ ба асри IX пеш аз милод ба шумор мераванд. Ин ҳама далели чигунагии густариши мардумони ориёӣ, забонҳову лаҳҷаҳо ва фарҳангу суннати онҳо дар чунин ҳудуди паҳновари ҷуғрофӣ дар ҳазорсолаи аввали пеш аз милод ба баъд будааст.

Сарзаминҳои зисти мардумони ориёӣ ва забони муштараки ориёии бостон якҷо бо лаҳҷаҳои маҳаллии он ҳамин сарзаминҳо ва кишварҳои авестоӣ ба шумор мераванд. Аз нахустзабони куҳани ориёии эронӣ ва ё нахустзабони ориёии бостон, ки дар истилоҳи илмӣ эронии бостон хонда мешавад, ба таври мустақим ҳеҷ гуна намуна аз осори хаттӣ боқӣ намондааст. Идомаи ин забони муштарак аз забонҳои ориёии бостон забони авестоӣ, забони мардумони Мод, форсии бостон, забонҳои суғдии бостон, хоразмии бостон, бохтарии бостон, скифии бостон ва дигар забонҳову лаҳҷаҳои бостонии сакоӣ маҳсуб мешаванд. Аз забонҳои бостон танҳо аз забони авестоӣ ва ориёии замони ҳахоманишӣ (порсии бостон) осори хаттӣ дар

[12] Муф.ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2006. - С.17-19.

дастраси мо қарор дорад. Аз ин забонҳои суғдӣ, хоразмӣ, бохтарӣ ва сакоӣ танҳо осори марбут ба давраи миёнаи рушди онҳо то замони мо боқӣ мондааст.

Мардумони ориёии шарқӣ ва ғарбӣ дар сарзаминҳои зисти худ дар даврони хеле тӯлонӣ арзишҳои динӣ ва фарҳангии хешро тавассути забонҳо ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ ҳифз намудаанд. Ҳамчунон ки аз таърихи гузаштаи ориёиҳо, ба хусус ориёиҳои шарқӣ, бармеояд, ин мардумон то замони истифодаи хат ва алифбо тамоми арзишҳои зеҳнии хешро аз роҳи суннати гуфторӣ ва ё шифоҳӣ идома додаанд. Аз ин рӯ бештари забонҳо ва лаҳҷаҳои куҳани ориёӣ бинобар надоштани хат аз саҳифаҳои таърих бенишон рафтаанд.

Ҳосили сухан, номи **арйа**, **арйана** ҳамчун истилоҳи этникӣ дар таркиби номҳои ашхос ва номҳои ҷуғрофии сарзаминҳои таърихӣ ва ё ватани мардумони ориёӣ ҳам дар “Авесто”, ҳам дар осори замони Ҳахоманишиён, ҳам дар манобеи юнонӣ ва эламиву аккадӣ корбурди фаровон дорад, ки ин ҳама далели мансубияти ин ашхос ва ҷойҳо ба нажоди ориёист.[13]

Муҳоҷиратҳои қабилаҳои ориёӣ ба сарзаминҳои дуру наздик боиси парокандагии онҳо шуда, далели таҳаввули иҷтимоӣ ва гуногун шудани забони модарии эшон дар сарзаминҳое аст, ки дар он ҷо баъд аз муҳоҷират ҷойгузин шудаанд. Он қавмҳои ориёӣ, ки дар Бохтару Суғд ва минтақаҳои ҳамҷавори онҳо сокин шуданд, ба мурури замон фарҳангҳои хешро парвариш доданд ва давлатҳои худро бунёд ниҳоданд, ки аз **ташкили давлатҳои пешдодӣ ва каёнӣ, зуҳури дини зардуштӣ ва ривоҷи забони Авесто** иборат аст. Хешовандон ва ҳамқавмони онҳо (яъне эрониён ба маънои имрӯза) баъд аз муҳоҷират вориди Эрон шуданд ва баъд аз муддате **давлати Модҳо ва баъди он давлати Ҳахоманишиёнро** бунёд ниҳоданд. Бо гузашти замон эҳсоси наздикии ин ду хешованд ба хотири дурӣ аз якдигар камрангтар шуд ва фақат тасаввури муштараки эшон дар мавриди худои бузург Аҳурамаздо, ки як падидаи пеш аз Зардушт мебошад, боқӣ монд. Ин масъала акнун исбот шудааст ва дар он донишмандони ғарбӣ ҳамназаранд.

[13] Муф. ниг.: Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, 2006. - С.59

Донишмандони ғарбӣ шохаҳоеро, ки марбут ба ҳавзаи тамаддуни мост, «ҳиндуориёӣ» ва «эронӣ» меноманд. Кашфиёти тоза (сангнавиштаҳо, нусхаҳои хаттӣ, сиккаҳо ва осори мухталифи дигар) дар нимаи садаи гузашта дар ҳавзаи бузурги Осиёи Миёна диди моро зиёд тағйир дод ва мо ба воқеиятҳои бас муҳими таърихӣ расидаем, ки дар гузашта аз онҳо огаҳӣ надоштем. Акнун гуфтан мумкин аст, ки аз ҳамон овони давраҳои нахустини баъд аз муҳоҷирати ақвоми ҳинду эронӣ то имрӯз шохаи эронӣ бо вуҷуди умумияти таърихӣ ва забонӣ дарвоқеъ **ду тамаддун бо вижагиҳои хос** дар паҳлуи якдигар будаанд: а) тамаддуни эронӣ дар ғарб; б) тамаддуни эронии дигар дар шарқ (ё бигӯем фарзан «ориёӣ»).[14]

Дар ғарби қаламрави Эрони таърихӣ давлатҳое чун Ҳахоманишӣ, портӣ, сосонӣ ва давлатҳои давраи исломӣ дар кишвари имрӯзии Эрон ба вуҷуд омаданд, ки бештар бо тамаддунҳои ҷануб ва ғарби сарзаминашон (бо Байнаннаҳрайн, Миср, Юнон ва Рум), муносибат ва иртибот доштанд, ки он ба ҷудоии онҳо сабаб гардид.

Дар шарқи Эронзамини таърихӣ давлатҳои пешдодӣ, каёнӣ, сакоӣ, юнону бохтарӣ (баъд аз суқути Ҳахоманишиён ва ҳуҷуми сипоҳиёни Искандар), ҳукмравоии муваққат ва гоҳ-гоҳе давлатҳои ҳиндӣ дар ҷанубӣ Ҳиндукуш, фармонравоии Кӯшониён ва давлатҳои мухталифу мустақил аз хилофати умавӣ ва аббосӣ дар давраи исломӣ бештар пайванд бо Осиёи Миёна (ба маънои томи он), Чин ва нимҷазираи Ҳинд доштанд, то бо Эрон дар ғарб бо вуҷуди пайвандҳои хешовандӣ.

Корбурди вожаи ориёӣ эҷоди хаёлии ҳеҷ кадом донишманд нест, балки ақвоми «ҳиндуэронӣ» хештанро «ориёӣ» меномиданд, ки ин ҳақиқат дар мисолҳои зерин равшан мушоҳида мешавад:

а) номи ориёиҳои Ҳинд ория (ārya) аст. Руҷӯъ шавад, масалан, Ригведа, китоби 1, суруди 51, 8, ки дар он як мубади Худои Индра чунин хитоб мекунад: vi jānity āryān yeca dasyavo

[14] Xavier Tremblay. Ostiran und Westitan: Ein oder zwei Iran vor der islamischen Eroberung? In: Iranistik in Europa -Gestern, Heute, Morgen (ed. Heiner Eichner, Bert G. Fragner, Velizar Sadovski und Rüdiger Schmitt). Verlag der Österreichischen Akademie der Wissenschaften, philosophisch-historische Klasse, 739. Band, Nr. 34. - Wien, 2006. P. 217-239.

«Фарқ кун миёни ориёиҳо ва дасиваҳо (деҳнишинон = бегонагон)»[15]

б) подшоҳони ҳахоманишӣ мисли Дориюши аввал ва Хашоёршоҳи аввал худро на танҳо «порсӣ» ва аз насли «порсӣ» мехонданд, балки худро «ориёӣ» ва аз насаби ориёӣ ҳам меномиданд. Масалан, Дориюши аввал дар сангнавиштаи нақши Рустам, фиқраи 2 мегӯяд: «Ман Дориюш (ҳастам) подшоҳи бузург, шоҳи шоҳон. Писари Виштосп, як ҳахоманишӣ, як порсӣ, писари як порсӣ, як ориёӣ аз насаби ориёӣ».[16] Сосониён аз қарни севуми пас аз милод ба баъд дар сангнавиштаҳои хеш худро «Шоҳаншоҳи Эрон ва Анерон» (яъне шоҳаншоҳи Эрон ва ғайриэрон; форсии миёнаи Эрон ба маънои ориёӣ аст) меномиданд.[17]

в) қабилаҳои эронӣ дар Шарқ низ худро ҳамчунон «ориёӣ» меномиданд (руҷӯъ шавад ба сангнавиштаи бохтарии Работак, ки дар замони шоҳаншоҳи Кӯшон Канишка (дар оғози қарни аввали пас аз милод) навишта шуда, яке аз муҳимтарин асноди таърихӣ маҳсуб мешавад. Дар минтақаҳои шарқии Эрони таърихӣ сарзаминҳои Бохтару Суғду Синду Ҳинд баъд аз завол ва фурӯпошии давлати Юнону Бохтарӣ дар асрҳои II- I пеш аз мелод давлати бузурги Кӯшониён ба вуҷуд омад, ки дар таърих бо номи давлати ҳиндусакоиҳо, ба ибораи дигар, индоскифҳо машҳур гардид. Ин давлат ё императорӣ, ба қавли худи Кӯшониҳо, шоҳаншоҳӣ тахминан дар охири асри II – аввали асри I- то мелод ба ҷои давлати Юнону Бохтар таъсис ёфта, номи бостонии Бохтар, ки ҳазорсолаҳо номи як минтақаи қадимӣ ва маркази Ориёно буд, бо номи қабилаҳои асосии Кӯшониҳо тахориҳо ба номи Тахористон ё Тохористон табдил ёфт. Онҳо дар ин давра солшумории махсуси кӯшониро ба вуҷуд оварданд, ки ҳанӯз ба таври мушаххас бозхонӣ нашудааст. Яъне гуфтан мумкин аст, ки бо таъсиси давлати Кӯшониҳо дар таърихи Осиёи

[15] Ғулом Ҷелонии Доварӣ. Чакидаҳое аз таърихи тожикон дар мабнои осори кашфшуда. davarygholam@hotmail.com.

[16] Rüdiger Schmitt. Die altpersischen Inschriften der Achaimeniden. Editio minor mit deutscher Übersetzung. Dr. Ludwig Reichert Verlag Wiesbaden, 2009. - P. 101.

[17] Šāhān Šāh Ērān u Anērān

Марказӣ ва қавмҳои эронии ин минтақаҳо таҳаввулоти азими таърихӣ ба вуҷуд омада, халқҳои ин сарзамин ба доираи муносибатҳои нави иҷтимоию сиёсӣ кашида шудаанд. Кӯшониҳо, ки худ як қавми эрониасл буда, дар як муддати муайян сарзаминҳои худро васеъ намуда, аз Ҳиндустон то Баҳри Арал ва аз Чин то Ҳирот як империя ё шоҳаншоҳии бузурге таъсис доданд ва аз охири ҳазорсолаи то милод то мобайнҳои асри VI милодӣ (ҳайтолиҳо охирин бозмондаҳои онҳо буданд, ки аз тарафи туркҳо дар солҳои 563 – 567 торумор гардиданд ва сарзамини онҳо байни Хоқони турк ва Сосониҳои Эрон тақсим гардид) дар таърих ва тамаддуну фарҳанги ин минтақа нақши боризе доштанд. Ин сулола ба равнақи илму маърифат таваҷҷуҳи зиёде медод ва забони коргузорӣ ва расмии ин шоҳаншоҳӣ дар баробари забони юнонӣ (дар аввал) ва забони паҳлавӣ (дар охир) забоне буд, ки онро бар асоси таҳқиқи осори бозмондаи онҳо пажӯҳишгарон бохтарӣ номидаанд ва худи онҳо дар асоси як сангнабиштаи солҳои охир ба даст омада ориёӣ хондаанд.

Ин сангнабишта дар соли 1993 аз ноҳияи Работак дар вилояти Самангони Афғонистон, 50 километр дуртар аз маъбади Сурхкӯтали вилояти Бағлон ёфт гардид, ки он дорои 22 сатр, 90 сантиметр дарозӣ, 50 сантиметр бар ва 25 сантиметр ғафсӣ мебошад[18].

Канишка хост то ҷаҳонкушоиҳояшро, шаҷараномаи хеш ва худоёнеро, ки ба онҳо муътақид буд, барои наслҳои оянда ба мерос бигзорад, тавре ки Ҳахоманишиён ва Сосониён ҳам ин корро карданд. Ин масъала барои Кӯшониён хеле муҳим буд, зеро онон шоҳаншоҳии бузургеро ба вуҷуд оварданд, ки дар канори шоҳаншоҳии Чин ва шоҳаншоҳии Рум (Ҳинд тобеи шоҳаншоҳии Кӯшон буд) севумин қудрат буд, ки дар он замон дар ҷаҳони маълум вуҷуд дошт. Канишка дар оғози ин сангнавиштаҳо мегӯяд (сатри 3-5): «Ва вай фармон дод, то (корнамоиҳояш) ба забони юнонӣ навишта шавад. Баъд аз он онро ба забони «ориёӣ» навишт. Пас дар соли якуми (салтанат) ин фармон то Ҳинд эълом шуд». Агарчи манзур дар ин ҷо забон

[18] Sims-Williams N., Cribb J. A new Bactrian inscription, text and commentary // Silk Road Art and Archaelogy, vol. 4, Kamakura. 1995/96. - P.75-142.

аст, аммо ин забон табъан мансуб мешавад ба гӯяндагони он, ки аз ориёиҳои сокини Бохтарзамин иборат мебошанд.[19]

Матни сангнавиштаи Работак бо сангнавиштаҳои Ҳахоманишиён хеле монанд аст. Дориюши аввал дар сангнавиштаҳои Бесутун (фиқраи 70) мегӯяд: «Дориюшшоҳ мегӯяд: Бино ба хости Аҳурамаздо ин нусхаи санге аст, ки ман дастури навиштани онро ба забони ориёӣ додам ва он ба рӯйи гил ва чарм ҳам гирифта шуд».

Дар ин катиба ҳамагӣ дар ду ҷой аз вожаи «ориё ва ориёӣ» истифода шудааст. Он ҳам яке дар матни эламии катиба, ки «Аҳурамаздо Худои ориён» (банди 12, сутуни чорум) гуфта шудааст. Аз ин матн чунин хулоса кардан мумкин аст, ки тамоми қавмҳои ориёии давраи Ҳахоманишиён ба Аҳурамаздо саҷда карда, ӯро Худои ягонаи худ медонистанд. Дар худи матни катибаи Дориюш низ ин ақида, яъне парастиши Аҳурамаздо ҳамчун худои ягона борҳо таъкид шудааст. Ҳатто агар матни сангнабиштаҳои аввал бо матни се соли баъд муқоиса шавад, мебинем, ки Дориюш дар соли аввали салтанати хеш худоёни дигар қавмҳоро низ бо чашми эҳтиром менигарист, вале дар навиштаҳои дигари худ, ки баъдтар таҳия шудааст, фақат аз худои ягона - аз Аҳурамаздо, сухан мегӯяд ва дигар худоёнро умуман ном намебарад.

Аҳурамаздо Худои бузурги эрониён буд, ки дар суннати динии Ҳахоманишиён ва Сосониён ҷойгоҳи махусус дошт ва тасвирҳои вай ба намоиш ҳам гузошта шудааст. Агарчи дар сангнавиштаҳои ҳахоманишӣ номи Худоёни дигар мисли Митро ва Аноҳито ҳам зикр шудааст, аммо онҳо мақоми дувумӣ ва севумиро доранд. Фарқи боризи ин ду давра дар типологияи ин худост, бад-ин маъно ки Аҳурамаздо дар замони Ҳахоманишиён ба шакли устуравӣ ба ҳайси нимаинсон ва нимафариштa бо болҳои бузург нақш ёфтааст, ки бештар ҳикоят

[19] Ғулом Ҷелонии Доварӣ. Асноди духазорсолаи забони форсӣ // Ориёно соли 7, шумораи 5. - С.121-212; Nicholas Sims-Williams: The Rabatak Inscription, text and commentary. In: Silk Road Art and Archaelogy 4, 1995/96. - P.77-96.; Nicholas Sims-Williams: Nouveaux Documents sur L'histoire et la langue de la Bactriane. In: Académie des Inscriptions & Belles-Lettres (Comptes Rendus des séances des l'année 1996, Avril-Juin). - Paris, 1996. - P. 634-654).; Gérard Fussman: L'inscription des Robatak et l`origine de l'ère Śaka. In: Journal Asiatique 2, 1998. - P. 572-651.

аз вуҷуди малакутии вай дар осмонҳо мекунад. Баръакс дар замони Сосониён вай ба шакли инсон бо либоси махсуси сосонӣ зоҳир мешавад, то ба подшоҳи сосонӣ иклили шоҳиро эҳдо кунад.

Баръакси Эрон мо дар шарқ тасвире аз Аҳуромаздо рӯйи сахраҳо надорем, аммо ба ҷойи он метавон вайро рӯйи сиккаҳои кӯшонӣ дид. Куллан панҷ сикка бо тасвири Аҳуромаздо дар ихтиёр дорем, ки донишманди утришӣ Роберт Гебл онҳоро чоп кардааст. [20] Дар рӯйи сиккаҳо тасвири шоҳаншоҳи Кӯшон Ҳувишкост (нимаи қарни дувуми милодӣ), дар ақиби сиккаҳо тасвири Аҳурамаздо дар шакли ришдор, ки истода ба тарафи чап нигоҳ мекунад, нақш шудааст. Аз рӯйи ин сиккаҳои бохтарӣ метавон дар бораи шахси асотирии дигар Ҷамшед, ки дар шоҳаншоҳии Кӯшон бо номи Вима, Йимо машҳур аст, чанд нуктаро ёдоварӣ намоем (таваҷҷуҳ шавад ба номи чанд шоҳи Кӯшон: Вима Кадфиз, Вима Тақту).

Дар ривоятҳои достонии зардуштӣ Йимо нахустин инсон аст, ки офарида шуд. Ҳангоме ки заминро аз худ кард, ҳама аз ҷинну инс ва ҳатто иблис фармонбардораш гардиданд. Вай ҳамчунон нахустин касе буд, ки ба подшоҳӣ расид ва яке аз бузургтарин подшоҳони пешдодӣ буд. Йимо дар ин сикка либоси кушонӣ ба тан дорад бо куртаи дароз, ки бозуҳояш аз лояҳои ҳалқаӣ аст ва шалвараш чиндор ва кафшҳояш намадӣ мебошад. Аммо ин либос дар воқеъ як зиреҳ аст ва бо тасвирҳои Васудева, подшоҳи кӯшонӣ шабоҳат дорад. Нимтоҷаш (диодема) бо навардҳо болои як кулоҳи гирдшакли баланд қарор дорад. Дар дасти росташ як боз дида мешавад, ки дар ҳоли парвоз аст ва дар дасти чапаш асои шоҳӣ дида мешавад. Чунин тамсиле бо зиреҳ нишон медиҳад, ки вай дар ҳоли ҷанг аст бо Ажи даҳока, яъне бо Заҳҳок. Шамшери вай як даста дорад, ки ба шакли сари ҳайвон аст. Номи ин Худо ба забони бохтарӣ навишта шуда, аммо ба сурати ихтисорӣ: Ямшо (iamso). Тавре ки дар ин бора Ғулом Ҷелонии Доварӣ менависад:

[20] Robert Göbl: System und Chronologie der Münzprägung des Kušānreiches (Österreichische Akademie der Wissenschaften. Philosophisch-Historische Klasse. Veröffentlichungen der numismatischen Kommission, Sonderband). Verlag der Österreichischen Akademie der Wissenschaften, Wien 1984, Taf. 18, no. 240, Taf. 25, no. 333 and 334.

«Андаке баъд аз кашфи ин сикка устод Роберт Гёбл дар номае назарамро дар мавриди номи бохтарӣ дар сикка ҷӯё шуд. Назари ман ин буд, ки ин ном муштақ аст аз Йимо ва шӯ (iamo+so). Қисмати дувуми ном ихтисоршудаи **шов** бохтарии **sao** аст, ки ба маънои «шоҳ» мебошад, яъне Йимо шоҳ ё шоҳ Йимо».[21] Инак ба тозагӣ устод Ҳелмут Ҳумбох ин сиккаро аз диди забоншиносии иҷтимоӣ мутолиа карда, шакли муфассали онро дар забони бохтарӣ ямошедо (iamo-sedo) тасаввур мекунад, ки ҳамон Ҷамшедро ифода мекунад.

Яъне ба таври хулоса гуфтан мумкин аст, ки дар ин давраи тамаддуни бостонии мо қавмҳои ориёӣ ҳарчанд ба сарзамин ва кишварҳои мухталиф паҳн шуда бошанд ҳам, асолати этникӣ ва фарҳангии худро нигоҳ дошта, дар осори бозмондаашон барои таъкид кардани ин умумияти забонӣ, фарҳангӣ ва қавмӣ худро ва забони худро ориёӣ хондаанд ва забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ идомаи таърихии ҳамон забонест, ки бо он «Авесто»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки «Худойномак»-у «Таърихи мулуки Аҷам»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки бо такомулу таҳаввулаш дар даврони ислом «Шоҳнома»-ву «Маснавии маънавӣ»-ро навиштаанд, ҳамон забонест, ки дар ҷомеаи Шӯравӣ ба ҳар навъе аз буҳрони фарҳангӣ худро ба саломат то истиқлолияти фарҳангиву сиёсӣ расонд ва ҳатто тавонист давоми сарнавишти соҳибашро ба қалами Айниву Турсунзода ва Аллома Ғафуров бинависад[22].

§ 2. Давраҳои таърихӣ ва даврабандии таърихи забони тоҷикӣ. Таърихи ташаккули забонҳои эронӣ дар се садаи охир аз тарафи пажӯҳишгарони эроншинос дар марказҳои илмии ҷаҳон мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифтааст, ки бештари ин дастовардҳо дастраси умум гардидаанд. Таърихи давраҳои бостон ва миёна дар ин муддат аз тарафи муҳаққиқони варзидаи хориҷӣ батадриҷ ва муфассал таҳқиқ шуда, дар ин бобат таълифоти фаровоне дар кишварҳои аврупоӣ ба чоп расидааст. Номбар кардани чанд асари бунёдӣ ва ҷамъбастӣ дар мавриди забонҳои эронӣ, аз қабили «Асосҳои филологияи Эрон»

[21] Davary, G.D. Review of: Robert Göbl, System und Chronologie der Münzprägung des Kušānreiches. Wien, 1984. In: ZDMG 139, Heft 1, 1989. - S. 252-257.

[22]Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ ба муносибати Рӯзи истиқлолияти давлатии Тоҷикистон.-Душанбе, 8-уми сентябри соли 2005.

(Grundriss der Iranischen Philology)[23] ба забони олмонӣ, «Асосҳои забоншиносии эронӣ» (Основы иранского языкознания)[24] ба забони русӣ, «Роҳнамои забонҳои эронӣ» (Compendium Linquarum Iranicarum)[25] ба забони англисӣ ва асарҳои ховаршиносони ҷаҳон[26] кофист, то ба умқ ва ҷиддияти ин ҳама таҳқиқот бовар ҳосил намоем. Аммо ҳанӯз ҳам масоили барои тамаддун ва фарҳанги халқҳои эронинажод ва махсусан халқи тоҷик муҳиму сарнавиштсоз саҳифаҳои норавшан зиёд дорад ва бархе масъалаҳои мубраму бунёдӣ баҳснок буда, таҳлилу таҳқиқи амиқи илмиро хоҳонанд.

Тавре ки баён шуд, забонҳои эронӣ ба хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ дохил мешаванд.

Дар ҳудуди ҳазораи панҷуми пеш аз милод модарзабони ибтидоии воҳиду ягонаи ҳиндуаврупоӣ арзи вуҷуд карда, баъдан ба гурӯҳҳо тақсим шудааст.[27]

Дар масъалаи ташхис ва муайян кардани умумияти забонҳои ҳиндуэронӣ дар байни пажӯҳишгарон ихтилофи назар вуҷуд надорад ва ҳама дар ин ақидаанд, ки қабл аз ҷудо шудани қабилаҳои ориёӣ ба ду гурӯҳ (баъзе муҳаққиқон гурӯҳи сеюм ва ҳатто чорумро илова мекунанд) - эронӣ ва ҳиндӣ, онҳо тайи як марҳилаи ниҳоят тӯлонӣ бо як забони муштараки умумиориёӣ ё ҳиндуэронӣ такаллум мекарданд. Ин марҳила ҳиндуориёӣ ва забони он бо номи умумияти забонии ориёӣ (ҳиндуэронӣ) ё забонҳои ориёӣ (ҳиндуэронӣ) дар байни пажӯҳишгарон машҳур аст, ки албатта эҳтимолӣ ва шартӣ номгузорӣ шудааст. Тавре ки аз ин номгузорӣ қиёс мекунем, муҳаққиқони давраи бостонии инкишофи забонҳои эронӣ дар бораи забони ягона барои қабилаҳои ҳиндуэронӣ ё ориёӣ андеша наронданд ва дар асарҳои ҷомеи эроншиносӣ онро фарзияе беш надонистаанд.

---

[23] Grundriss der Iranischen Philologie// BdI-II. Strassburg, 1895-1904.

[24] Основы иранского языкознания. т. 1-6. - М., 1979-1987.

[25] Compendiun Linquarum Iranicarum. Edited by Rudiqer Schmitt Wiesbaden, 1989 [Тарҷумаи форсӣ: «Роҳнамои забонҳои эронӣ» (дар ду ҷилд). - Теҳрон, 1382//2003.

[26] Абаев В. И. Историко-этимологический словар осетинского языка в 4-х томах. М. Л., 1958-1989; Гамкрелидзе Т. В., Иванов В.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы в 2-х томах. - Тбилиси, 1984; Оранский И. М. Иранские языки в историческом освещении. - М., 1979 ва диг.

[27] Гамкрелидзе Т. В., Иванов В.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы, в двух томах.Т.2 - Тбилиси, 1984. - С. 891.

Ҳол он ки донишмандон В.И. Абаев ва Р.Х. Додихудоев нахуст дар нимаи дувуми садаи ХХ фарзияеро дар бораи вуҷуд доштани забони ягонаи ориёӣ ё ҳиндуэронӣ пешниҳод карда чунин навишта буданд, ки ин қазия «…тасдиқ кардани ҳолати модарзабони махсуси ҳиндуэрониро, ки аз лиҳози замонӣ дертар аз ҳолати модарзабонии ҳиндуевропоӣ аст, тақозо менамояд»[28]. Биноан, масъалаи вуҷуд доштани забони ягонаи ориёӣ барои тамоми қавмҳои ба истилоҳ ҳиндуэронӣ бояд аз марҳилаи тахмину фарзия дар асоси ҳуҷҷату далелҳои таърихӣ ба зинаи дигари пажӯҳишӣ, яъне ба сатҳи асосноки илмӣ бароварда шавад.

Забонҳои ҳиндуэронӣ бо доштани манобеи муҳим ва арзишманд дар бозсозии нахустзабони муштараки ҳинду-аврупоӣ дар миёни дигар забонҳои ҳиндуаврупоӣ дорои мартаба ва мақоми хос мебошанд, ки инро пажӯҳишҳо ва баррасиҳои илмии беш аз ду аср дар забоншиносии ҳинду-аврупоӣ ва забоншиносии муқоисавии таърихӣ ба хубӣ собит сохтанд.[29]

Натиҷаи пажӯҳишҳои тӯлонии донишмандони ҷаҳон аз роҳи таҳқиқоти муқоисавии таърихӣ чигунагии робитаҳои забонии мардумони ориёиро аз замони сукунати муштараки онҳо то ба баъд ба таври дақиқ муайян менамояд. Аз муқоисаи забонии “Авесто” ва “Ведо» як нуктаи бисёр муҳим дар муошарати озоди ин мардумон дар замони сукунати тӯлонии онҳо дар як сарзамин то ба замони муҳоҷират ба сарзаминҳои кунунии иқоматашон таъйид мегардад.

Муштаракоти забонӣ, фарҳангӣ ва диниву суннатии ориёиҳои эронӣ ва ҳиндӣ далели сукунати муштараки тӯлонии ин мардумон дар як сарзамини воҳид мебошад. Пас аз муҳоҷирати мардумони ориёии ҳиндӣ тақрибан дар оғози дуҳазорсолаи пеш аз милод ба Ҳинд замони ҷудоии қавмҳои ориёии эронӣ ва ҳиндӣ оғоз мегардад.

Азбаски забони авестоӣ дорои махсусиятҳои лаҳҷавист ва лаҳҷаҳо дар дохили ин забон на якбора, балки замоне чанд пас аз ҷудоӣ ё парокандагии як забони муштараки ориёии эронӣ

[28] Основы иранского языкознания. Т. 1. Древнеиранские языки. - М. 1979. - С. 27.
[29] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, 2006. - С.54-85.

ё эронии бостон метавонист сурат гирад, ба андешаи бархе аз донишмандон, аз ҷумла В.И.Абаев замони аз ҳам ҷудошавии муштаракоти ориёиро ҳатто метавон ба ҳазорсолаи сеюми пеш аз милод мансуб донист. Тақрибан пас аз ҳазор соли муҳоҷирати ҳиндуориёиён муҳоҷирати як гурӯҳ аз қабилаҳои ориёии эронии сокини Осиёи Миёна ба сарзамини Эрони кунунӣ сурат мегирад. Ин мардумони ориёӣ гузаштагони модҳо, порсҳо ва дигар қабилаҳои ориёии (эронии) ғарбӣ буданд.

Бархе аз муҳаққиқон, аз ҷумла Г. Моргенстерне бар асоси далелҳои забонӣ дар бахши муштаракоти фаровони луғоту истилоҳот дар ин забонҳо ва чанде аз иқтибосоти замони Ҳахоманишиён дар забонҳои ҳиндуориёӣ ба ин натиҷа расидаанд, ки дар асрҳои VI-V пеш аз милод низ кишоварзон ва кӯчиёни ориёии эронӣ ва ҳиндӣ бидуни шубҳа дар муошират гуфтори ҳамдигарро хуб дарк мекардаанд. Гурӯҳи дигари қабилаҳои ориёии эронӣ аз шарқ ба ҷанубу шарқи Аврупо, ба сӯйи Кавказ ва соҳилҳои баҳри Сиёҳ муҳоҷират карданд. Ин мардумон скифҳо ва ё қабилаҳои сакоӣ буданд, ки дар асрҳои IX-VIII пеш аз милод ин сарзаминҳоро макони зисти хеш қарор додаанд.[30]

Бар асоси далелҳои таърихиву бостоншиносӣ ва забониву ҷуғрофӣ пажӯҳишгарон сарзаминҳои густариши мардумон ва забонҳои ориёии эрониро дар ҳудуди бисёр густурда аз ҷанубу шарқи Аврупо то ба Туркистони шарқӣ ва аз назди Урал ва ҷануби Сибир то ҷануби Эрон муайян намудаанд. Мардумони дигари ориёии шарқӣ ба монанди бохтариҳо, суғдиҳо, хоразмиҳо ва чанде аз қабилаҳои сакоӣ барои ҳамешагӣ дар сарзамини таърихии хеш – Осиёи Миёна, сукунат ихтиёр кардаанд.

Ба андешаи донишмандони маъруфи соҳаи забоншиносии муқоисавии таърихӣ ва дигар муҳаққиқони солҳои охир қадимтарин маҳалҳои будубоши ниёгони мо – бохтариёну суғдиён ва дигар қавмҳои ориёӣ Осиёи Миёна, аниқтараш водиҳои ҳосилхези байни дарёҳои Ому ва Сир будааст.

Дар асоси таҳқиқот ва пажӯҳишҳои анҷомёфта замони ҷудо шудани қабилаҳои ҳиндуориёӣ ба ду гурӯҳ нисбатан мушаххас

[30] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, 2006. - С.55.

шудааст. Тахмин меравад, ки ин ҷараён ҳазорсолаҳо идома ёфта, бар асари гурӯҳбандӣ, табақабандӣ ва муҳоҷирати қабилаҳои гуногуни ориёӣ як гурӯҳи бузурги ҳиндуориёӣ аз кӯҳҳои Ҳиндукуш гузашта, ба даштҳо ва водиҳои Ҳинд баромаданд ва дар ин минтақаи бузург маскан ихтиёр карданд. Лаҳҷа ва шеваҳои ин гурӯҳи қабилаҳо дар гимнҳои “Ригведа”, қадимтарин осори сухани ҳиндуориёӣ мушоҳида мешавад. Инчунин дар ин асар табиат, манзара ва аломатҳои хоси минтақаи Ҳинд тасвир ёфтааст. Давраи таҳияи ин ёдгории таърихӣ тахминан 2500 сол қабл аз милод муайян шудааст ва пажӯҳишгарон ҳам замони аз ҳам ҷудо шудани қабилаҳои ҳиндуэрониро ба ҳамин давра ишора мекунанд. Дар ҳамин марҳилаи таърихӣ дар Осиёи Миёна ва сарзаминҳои атрофи он қабилаҳои ориёие боқӣ монданд, ки бино ба қавли бархе аз муҳаққиқон, дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо шуда, яке ба қисматҳои Эрони ғарбӣ ва гурӯҳе ба минтақаҳои назди Баҳри Сиёҳ ва атрофи он кӯч бастанд. Қисмати дар Осиёи Миёна боқимонда сипас халқиятҳои Суғду Бохтар, Арея ва Портро ташкил доданд. Ҳамин тариқ, замони марҳилаи аз ҳам ҷудошавии умумияти забонҳои ориёӣ ва ташкил шудани гурӯҳи алоҳидаи забонҳо ва лаҳҷаҳои эронӣ қисмати аввали ҳазораи дувуми пеш аз милод ё давраҳои охири ҳазораи сеюм ва аввали ҳазораи дуюми пеш аз милод муайян шудааст.

Бо ҷудо шудани қабилаҳои ҳиндуориёӣ ба ду гурӯҳи бузурги эрониву ҳиндӣ масъалаи забони гуфтугӯйии ин ду гурӯҳ пеш меояд. Албатта, масоили забонӣ ҳам хусусиятҳои грамматикиву лексикӣ ва ҳам номи ин забонҳоро дар бар мегирад. Агар дар байни ин ҷудошавӣ фосилаи зиёди таърихӣ ва инкишофи мустақили забону гӯйишҳои эрониву ҳиндӣ вуҷуд дошта бошад, пас бояд номи ин забонҳо мушаххас карда шаванд. Маълум аст, ки байни таҳияи “Авесто” (аввал шифоҳӣ ва баъдан хаттӣ) ва аввалин навиштаҷоти форсии бостон (сангнавиштаҳои Дориюш дар Бесутун) фосилаи хеле зиёди таърихӣ вуҷуд дорад, ки далели он бархе аз тафовутҳои овоӣ ва грамматикии онҳо мебошад.

Ҳамчунон ки муҳаққиқони таърихи забонҳои ҳиндӣ ва эронӣ бар асоси далелҳои забонӣ ва адабӣ таъйид кардаанд, давраи мустақили рушди ин забонҳо аз хонаводаи муштараки

забонҳои ориёии ҳиндӣ ва ориёии эронӣ тақрибан ба охири ҳазорсолаи III ва ё оғози ҳазорсолаи II пеш аз милод марбут аст. Аз ин давра қабилаҳои ориёии ҳиндӣ аз сарзамини Осиёи Миёна ба воситаи Афғонистони кунунӣ ба кишвари Ҳинд муҳоҷират намуда, аз ҳамқабилаҳои ориёии эронии худ ҷудо гардиданд. Дар бархе аз матнҳои "Ведо" иттилоотеро дар ин маврид метавон пайдо кард, ки ин ҳама аз ҷониби муҳаққиқон бар асоси далелҳои таърихӣ ва забонӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.[31]

Мардумони ҳиндуэронӣ пеш аз ҷудо шудан аз ҳамдигар замоне дар Осиёи Миёна байни рӯдҳои Сайҳун ва Ҷайҳун ва доманаҳои кӯҳҳои Ҳиндукуш ба сар мебурданд. Муқоисаҳои ин забонҳо далели муштаракоти наздики онҳо буда, тафовут миёни забонҳои "Ведо" ва "Авесто" тафовути ду лаҳҷаи дугона аз як забони аслӣ маънӣ мешавад. Аз ин рӯ ин забонро як забони муштараки ҳиндуэронӣ ном мебаранд, ки аз ин забони ягона ба ҷуз намунаҳои ҷудогонае дар мисоли "Ведо" ва "Авесто" асаре дигар дар даст нест.

Баъдан муҳоҷирати як бахши қабилаҳои ориёӣ ба сарзамини кунунии Эрон сурат гирифт, ки дар натиҷа қабилаҳои ориёии эронӣ ба мардумони ғарбӣ ва шарқии эронӣ ва ҳамзамон забонҳои онҳо ба забонҳои шарқӣ ва ғарбии эронӣ ҷудо гардид. Дар иртибот ба будубоши қабилаҳои ориёии эронӣ, аз ҷумла модҳо ва порсҳо дар осори ошурӣ (асрҳои IX-VII то мелод) зикр шудааст, ки ин далели ҳузури мардумони ғарбии эронӣ дар сарзамини Эрон то таъсиси давлатдории Модҳо мебошад.[32]

Давраи мустақилият ва ё аз ҳамдигар ҷудо шудани забонҳои муштараки ориёӣ ба шакли ориёии ҳиндӣ ва ориёии эронӣ оғози даврабандии ин забонҳо ба шумор меравад.

То пайдоиши илми забоншиносии муқоисавии таърихӣ масоили таърихи гузаштаи забони мо мисли забонҳои дигари ҳиндуаврупоӣ маълум ва равшан набуд. Пас аз он ки донишмандони аврупоӣ тайи чанд қарн дар шинохти катибаҳои

[31] Ниг.: Барроу Т. Санскрит. - М., 1976. - С. 33-35.

[32] Дар ин бора ниг.: Дьяконов И.М. История Мидии. - М.- Л., 1956; Дьяконов И.М. Очерк истории древнего Ирана. - М., 1961. - С. 43-57; Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. Издание 2-е, дополненное. - М., 1988. - С. 60-61.

форсии бостон ва форсии миёна ва ё паҳлавӣ муваффақ шуданд, омӯзиши савтиёт ва грамматикаи ин забонҳо низ оғоз гардид. Донишмандон дар асоси равиши муқоисавии таърихӣ аз забонҳои авестоӣ, форсии бостон, форсии миёна дар муқоиса бо ҳиндии бостон истифода бурда, таърихи забони моро аз аҳди бостон то давраи нав бар асоси манобеи хаттӣ бо таври амиқ таҳқиқ карданд. Имрӯз аз дастовардҳои илми ховаршиносии ҷаҳон дар иртибот ба забонҳои бостон истифода бурда, бояд муқаррар намоем, ки таърихи забонҳои эронӣ, аз ҷумла таърихи забони модарии мо аз ҳазорсолаҳои пеш аз милод то даврони пайдоиши забони форсии дарӣ (тоҷикӣ) аз куҷо оғоз ва ба куҷо анҷом меёбад. Аз ин рӯ, мо - ворисони забони модариро лозим аст, то сатрҳои заррини осори таърихии хешро, ки аз гузаштаҳои дур ба мерос мондаанд, бештар омӯзем ва ҳамчун ганҷи арзишманди сарвати миллӣ ҳифз намоем.

Масъалаи дигаре, ки дар эроншиносӣ ҳанӯз мавриди баҳс боқӣ мондааст, даврабандии таърихи инкишофи забонҳои эронӣ мебошад. Тавре ки маълум аст, эроншиносон даврабандии таърихи инкишофи забонҳои эрониро аз замони пайдо шудани аввалин навиштаҳо ва осор бо забонҳои эронӣ (махсусан, осори забони форсии бостон) ба се давра ҷудо мекунанд:

1. Давраи забонҳои эронии бостон, ки аз замони ҷудошавии забонҳои эронӣ аз «умумияти забонҳои ориёӣ» дар оғози ҳазораи II пеш аз милод то асрҳои IV-III пеш аз милод идома ёфтааст. Аз ин давра, яъне давраи вуҷуд доштани як забони умумӣ ва муштараки эронӣ, ки муҳаққиқон онро модарзабон ё забони бунёди пояи эронӣ номидаанд, ҳеҷ осоре боқӣ намондааст ва онро асосан бар асоси маводи забонҳои ҳиндӣ ва авестоӣ барқарор мекунанд, ки хеле сатҳӣ ва нопурра аст. Мувофиқи санаду далелҳои то кунун ба даст омада, забонҳои эронии давраи бостонӣ – забони форсии бостон, забони авестоӣ (аз номи китоби «Авесто»), модӣ (аз номи қабилаҳои Мод) ва скифӣ (аз номи қабилаҳои эронии сакоии ҳавзаи Баҳри Сиёҳ ва даштҳои назди Волга) мебошанд.

2. Давраи миёна ё давраи асримиёнагии рушди забонҳои эронӣ (ин ном шартӣ буда, ба истилоҳи «давраи асри миёна»-и фанни таърих иртибот надорад). Ин марҳила аз асрҳои IV-III

пеш аз милод то садаҳои VIII-IX милодӣ идома доштааст. Забонҳои ин марҳилаи рушди забонҳои эронӣ – форсии миёна, портӣ, суғдӣ, хоразмӣ, сакоӣ, аланӣ (сарматӣ), бохтарӣ (кӯшонӣ, тахорӣ ё балхӣ) мебошанд.

3. Давраи нав ё давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ. Ин марҳила аз асрҳои VIII-IX баъди милод шурӯъ шуда, то имрӯз идома дорад. Забонҳои нави эронӣ тақрибан 40 забонро ташкил медиҳанд, ки онҳо форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ (се гунаи як забон ҳисоб мешаванд), ҳазора, пушту (афғонӣ), осетинӣ (аланӣ), курдӣ, балучӣ, тотӣ, толишӣ, гелонӣ, мозандаронӣ (табарӣ); забонҳои помирӣ (бадахшонӣ) аз ҷумлаи шуғнонӣ, рӯшонӣ, хуфӣ, бартангӣ, орошорӣ, сарикӯлӣ, вахонӣ, язгуломӣ, ишкошимӣ; мунҷонӣ, ормурӣ, парачӣ, яғнобӣ, забонҳо ва гӯишҳои хурди марказ ва ғарби Эрон (яздӣ, габрӣ, натанзӣ, хурӣ, симнонӣ, ласгардӣ, сурхеӣ, сангисорӣ, шемерзодӣ, токистонӣ…) ва дигар минтақаҳои Эрон мебошанд. Баъзе забоншиносон ин гурӯҳбандиро ба гурӯҳҳои забонҳои матруки эронӣ (забонҳои бостонӣ ва давраи миёна) ва забонҳои муосири эронӣ ҷудо мекунанд.

Ин даврабандӣ то ҷое шартӣ буда, бештар хусусияти омӯзишӣ дорад. Ин масъала яке аз пурихтилофтарин ва мушкилтарин масъалаҳои эроншиносӣ буда, ҳанӯз ҷанбаҳои таҳқиқнашудаи он зиёд аст. Забонҳо таҳти таъсири омилҳои гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар марҳилаҳои тӯлонӣ аз нигоҳи хусусиятҳои грамматикӣ, овоӣ ва луғавӣ тағйиру такмил меёбанд ва аз даст рафтани марҳилае аз инкишофи он ё ба даст омадани осори як марҳила ё чанд марҳилаи муайян марҳилабандии таърихи инкишоф ва густариши забонро на танҳо душвор, балки ҳатто номумкин мегардонад. Тавре ки дар «Асосҳои забоншиносии эронӣ» бо истинод ба маъхазҳои дигар қайд мешавад: «Он чи ки ба масъалаи даврабандии таърихии забон дахл дорад, на танҳо ҳал нашудааст, балки гуфтан мумкин аст, ки ҳанӯз ба таври ҳақиқӣ масъалагузорӣ нагардидааст».[33]

Дар иртибот бо забонҳои эронӣ ва муайян кардани даврабандии таърихии онҳо ин масъала боз ҳам печидатар мегардад ва ба он мушкилоти дигаре зам мегардад. Пеш аз ҳама, таърихи осори хаттии забонҳои эронӣ хеле тӯлонӣ аст.

[33] Основы иранского языкознания. Т.1. Древнеиранские языки. - М., 1979. - С.62.

Осори боқимонда (ба дасти мо расида, ё то ба ҳол маълум) на танҳо кам аст, балки ба дараҷаи нобаробар байни забонҳо ва марҳилаҳои муайяни таърихӣ тақсим шудааст. Аз тарафи дигар низоми хаттии ин забонҳо гуногуншакл буда, аксари ин хатҳо хусусиятҳои овоии забонҳои эрониро пурра инъикос намекунанд. Севум, меъёрҳои адабӣ ва имлоии аксари забонҳои эронӣ камтаҳаввул мебошанд ва ҳатто забонҳо мемиранд, аз байн мераванд, вале онҳо ҳамчун забони меъёр дар истифода боқӣ мемонанд. Биноан, тавре ки аз тарафи пажӯҳишгарони эроншинос қайд шудааст, нақшаи тақсимбандии сегонаи даврабандии таърихи забонҳои эронӣ дар навбати аввал ба хусусиятҳои фарҳангиву таърихӣ такя мекунад ва хусусиятҳои забонии ин масъала тақрибан дар назар гирифта нашудааст. Сабаби асосии ин тақсимбандӣ, аз як тараф, агар сабук ва осон кардани таҳқиқи маводи забонӣ бошад, аз тарафи дигар, боқӣ намондани осори пайдарҳами таърихиву забонӣ бо ин забонҳост. Масалан, осори аввалини забони форсии миёна (паҳлавӣ) баъд аз шаш қарни осори охирини забони форсии бостон ба даст омадааст ва агар ба сохтори забони паҳлавӣ назар афканем, забони аз лиҳози сохторӣ (грамматикӣ) ва вожагон нави эронӣ, ки аз низоми синтетикӣ-тасрифӣ ба низоми аналитикӣ-таҳлилӣ гузаштааст, дар пеши назар ҷилвагар мешавад.

Аз ин нигоҳ тафовути байни даврaҳои бостону миёнаро ба таври мушаххас муайян кардан мумкин аст. Вале вақте масъала сари даврабандӣ аз рӯйи маъхазҳо ва осори забонҳо мерасад, ин даврабандӣ боз ҳам мушкилтар мегардад. Дар ин ҷо як нуктаи муҳимро набояд фаромӯш кард, ки аз забонҳои мухталиф ва гуногуни гурӯҳи эронӣ фақат аз забони тоҷикӣ (форсӣ) барои ҳар се марҳилаи инкишофи таърихи забон осори хаттӣ ва фарҳангӣ боқӣ мондааст. Дигар ҳеҷ як забони эронӣ барои ҳар се давраи таърихӣ аз худ маводи забонӣ боқӣ нагузоштааст ва аз ин рӯ табиист, ки таърихи ин забон таваҷҷуҳи эроншиносонро беш аз ҳама ба худ ҷалб кардааст.

Даврабандии таърихи забонҳои эронӣ беш аз ҳама ба даврабандии таърихи забони тоҷикӣ (форсӣ) ва осори боқимондаи он иртибот дорад. Асосан ба он осори боқимондаи се давра форсии бостон – давраи ҳукмронии сулолаҳои

Ҳахоманишиён бо осори сангнавиштаҳои хати мехӣ (асрҳои VI-IV то милод), форсии миёна – осори паҳлавӣ ва монавии давраи Сосониён ба забони паҳлавӣ (III-IX-X милодӣ) ва форсии нав – забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) бо осори алифбои арабиасос (асрҳои IX-X то ба ҳол) дохил мешавад. Осори хаттии бозмондаи дастраси мо аз ҳамдигар аз лиҳози давра, вазъи сиёсиву фарҳангӣ фарқ намуда, хусусиятҳои як марҳилаи муайянро ифода мекунанд. Масалан, осори боқимондаи хати мехии давраи Ҳахоманишиён аз рӯйи хусусиятҳои хат, фарҳанг ва таърих ҷузви як давраи ҷудогона буда, ҳатто аз осори "Авесто", ки асосан ба ҳамин марҳила тааллуқ дорад, фарқ мекунад. Вале бояд иқрор шуд, ки агар фарқҳои замонӣ, анъанавӣ ва суннатии "Авесто" ва осори давраи Ҳахоманишиёнро ба назар нагирем, фарқи забонии онҳо чандон зиёд нест ва ба ҷуз тафовутҳои лаҳҷавӣ ин ду осор хусусиятҳои умумии як марҳиларо ифода мекунанд. Агар "Авесто" хусусиятҳои умумии забони ориёӣ, фарҳангу суннат ва боварҳои динии ориёиҳоро дар марҳилаи тақрибан дуҳазорсола ва ё зиёдтар аз он ифода кунад, осори хати мехии Ҳахоманишиён хусусиятҳои як давраи маҳдуди онро дар худ таҷассум намудааст.

Аз нигоҳи даврабандӣ осори давраи Сосониён, ки марҳилаи дувуми таърихи инкишофи забонҳои эронӣ асосан ба онҳо алоқаманд аст, бештар ба осори давраҳои охири (асрҳои III-IX-X милодӣ) аҳди сосонӣ иртибот дошта, осори паҳлавӣ ва монавиро дар бар мегирад. Аз давраҳои пештари ин марҳила, хусусан солҳои аввали ҳукмронии сулолаи Ашкониён, осори хаттӣ ба ғайр аз навиштаҳои рӯйи сафолпораҳо, сиккаҳо, ибораҳои хеле кам ба даст омада, таҳқиқи забонии онҳо низ камтар сурат гирифтааст. Ин давраи забонии паҳлавӣ ё портӣ ба осори се давра – давраи аввал (аз асри I то милод то асрҳои I-II баъди милод), давраи дуюм бо номи осори паҳлавии сангнабиштаҳои сосонӣ (III милодӣ) ва давраи сеюми матнҳои монавӣ (III-IV милодӣ) ҷудо мешавад. Осори забони суғдӣ ҳам аз нигоҳи хусусиятҳои ин марҳила ба матнҳои суғдии буддоӣ, суғдии монавӣ ва суғдии насронӣ тақсим мешавад. Ҳар яки онҳо дорои хусусиятҳои фарқкунандаи ҳам хат (тарзи навишт ё алифбоҳои буддоӣ, монавӣ, насронӣ) ва ҳам диниву суннатӣ ва

фарҳангӣ доранд. Вале бояд тазаккур дод, ки ин матнҳо бештар таҳти таъсири тарҷума қарор доранд ва ҳангоми таҳияи матнҳои суғдии буддоӣ ба сохти матнҳои буддоӣ ва сохти матнҳои чиноӣ такя шуда, қолабҳои онҳо бетағйир ба забони суғдӣ ворид шудаанд. Ҳамин тариқ, худи мафҳумҳои забонҳои эронии миёна ва забонҳои эронии нав аз лиҳози марҳилабандӣ хеле нисбӣ буда, дар таъйини марзҳо ва ҳудудҳои тақсимбандии онҳо ягонагии сохториву забонӣ, ки хусусиятҳои ин марҳиларо мушаххас инъикос намояд, дида намешавад. Забонҳое, ки имрӯз ба марҳилаҳои миёна ва нав нисбат дода мешаванд, аз лиҳози инкишоф, сохтор ва хусусиятҳои грамматикӣ дар зинаҳои гуногуни ташаккул қарор дошта, дар сохтори бархе аз онҳо (забонҳои пушту ва помирӣ) чанде аз хусусиятҳои марҳилаҳои бостони инкишофи забонҳои эронӣ дида мешаванд. Забони пушту, ки ба гурӯҳи забонҳои нави эронӣ марбут аст, ҳолатҳои грамматикии забони форсии бостонро дар сохтори худ нигоҳ доштааст. Ҳол он ки забони паҳлавӣ ё форсии миёна, ки идомаи форсии бостон аст, ҳанӯз дар садаҳои як-дуи милодӣ ин хусусиятҳои грамматикиро аз даст дода буд. Умуман ба як гурӯҳ ё давра дохил намудани ҳамаи забонҳои эронии мавҷуда фақат хусусияти замонӣ дорад ва намунаҳои забонӣ собит месозанд, ки ин даврабандӣ хусусиятҳои забон ва сохтори забону гӯйишҳои эрониро дар бар намегирад. Таҳқиқоти охири забоншиносон нишон медиҳад, ки матнҳои монавии забонҳои эронӣ, махсусан забони дарӣ, тақрибан аз ҳамдигар кам тафовут мекунанд ва ҳатто дар ин намунаҳо таъсири яксони забони арабӣ (истифодаи иқтибосҳои арабӣ) мушоҳида мешавад.[34]

Дар иртибот ба даврабандии забонҳои эронии миёна низ ҳамин номуайянӣ ва номуназзамӣ ҷой дорад. Тавре ки пажӯҳишгарон қайд мекунанд, ҳар кадоми забонҳои ба ин марҳила шомил (форсии миёна ё паҳлавӣ, портӣ, суғдӣ, хоразмӣ, хутанӣ, хутанусакоӣ ва бохтарии тахорӣ) хусусиятҳои ҷудогона доранд.

Дар баъзе асарҳои илмӣ даврабандӣ кардани забонҳо на аз ҷиҳати замонӣ ва хусусиятҳои осори хаттӣ, балки аз рӯйи

[34] Основы иранского языкознания. Т. 1. Древнеиранские языки. - М., 1979. - С.65.

меъёрҳои забонҳои зинда ва забонҳои мурда[35] низ пешниҳод мешавад. Вале, агар аз рӯйи хусусиятҳои забонӣ ин даврабандӣ сурат гирад, он вақт забонҳои бостонии эрониро ба забонҳои эронии миёна ва эронии нав ҷудо кардан мумкин аст. Яъне ин даврабандӣ дар асоси гум кардани хусусиятҳои хоси флективӣ ва ба ҷойи он пайдо шудани хосиятҳои аналитикии сохтори грамматикии забонҳои эронӣ сурат мегирад, ки ин дурусттар ба назар мерасад.

Масъалаи дигаре, ки дар илми эроншиносӣ, ба хусус забоншиносии он, қобили таваҷҷуҳ аст, норасоии осори хаттӣ ба забонҳои мухталифи эронист. Баъзе забонҳои эронӣ (масалан, забони тоҷикӣ-форсӣ) барои тамоми давраҳои инкишофи худ, албатта аз лиҳози замонӣ нобаробар, осори хаттӣ дорад, вале аксари забонҳои эронӣ на танҳо барои ҳар се марҳила осори хаттӣ надоранд, балки худи пайдоиши ин забонҳо ба давраҳои гуногуни ин даврабандӣ рост меояд.

Дар таърихи аксари забонҳои эронӣ давраҳо ва марҳилаҳои тӯлоние мавҷуданд, ки осори хаттие ба ин забонҳо боқӣ намондааст ва ин муддат ҳатто ҳазорсолаҳоро дар бар мегирад. Ин доғҳои сафед дар таърихи инкишофи забонҳои эронӣ агар аз як тараф таҳқиқ ва пажӯҳиши марҳила ба марҳилаи онро душвор гардонанд, аз тарафи дигар ҳатто баромад ва таҳқиқи решашиносии онҳоро на танҳо душвор, балки дар баъзе ҳолатҳо ҳатто имконнопазир мегардонанд. Масалан, таърихи забони тоҷикӣ (форсӣ) тақрибан аз асрҳои VI то милод ба андак доғҳои сафед (тахминан 600 соли баъди инқирози сулолаи Ҳахоманишиён то қарни III милодӣ) бо осори ғанӣ ва рангини назмиву насрӣ ва ғайра давра ба давра маълум аст. Вале забонҳои дигари эронӣ ин гуна осори хаттиро барои се марҳилаи инкишоф надоранд ва аксари онҳо фақат дар садаҳои ахир соҳиби осори хаттӣ шудаанд ва ё барои онҳо дар садаҳои охир алифбо тартиб додаанд. Забонҳои курдӣ, пушту, осетинӣ мутаносибан аз асрҳои XI, XII, XIII ва охири асри XVIII осори хаттӣ доранд. Таърихи баъзе забонҳои эронии мавҷудро бештар аз рӯйи сабти гӯйишҳо, ки дар садаҳои охир ҷамъоварӣ шудаанд, метавон таҳқиқ кард. Ин даврабандӣ, ки ба таърихи дигар забонҳои эронӣ низ иртибот дорад, дар асоси осори ҳар

[35] Ҳамин асар. - С.68.

яке аз давраҳои таърихии забони тоҷикӣ (форсӣ) муқаррар шудааст.[36]

Маҳз давраҳои таърихии ташаккули ҳар кадом забон дар асоси осори хаттии ҳар як давраи инкишоф ташхис ва таҳқиқ гардида, чигунагии ташаккули вижагиҳои овоӣ, луғавӣ ва сохти грамматикии забон дар тӯли ҳазорсолаҳо муайян карда мешавад. Ба воситаи осори хаттии давраҳои таърихӣ мо метавонем таҳаввулоти забонро аз он даврони дури таърих то ба имрӯз мушоҳида намоем. Ҳама он таҳаввулоти забонӣ, ки ба қоидаҳо ва қонуниятҳои дохилии он иртибот дорад, дар осори хаттии давраҳои таърихӣ дарҷ гардида, равиши ташаккули забонро дар ҷомеа дар иртибот ба омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ акс менамояд.

Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ягона забонест, ки метавон таърихи ташаккули онро ба се марҳила тақсим кард ва пайванди муттасили онро мавриди пажӯҳиш қарор дод. Забонҳои дигари эронӣ, чунон ки дар боло гуфтем, аз қабили курдӣ, толишӣ, пушту, помирӣ, мунҷонӣ ва ғайра собиқаи забонии бевосита надоранд. Забони яғнобӣ ё ба истилоҳи дигар забони суғдии нав ва забони тотӣ аз лиҳози сохтори забонӣ ба забонҳои суғдӣ ва форсии миёна тааллуқ мегиранд, вале байни онҳо фосилаи тӯлонии таърихии сабтнаёфтаи санадҳои забонӣ вуҷуд дорад. Аз тарафи дигар санаду ҳуҷҷатҳо ва далелҳои боэътимоде, ки ин забонҳоро ба забонҳои пешини хеш пайванд медиҳад, ҳанӯз ба таври пурра ба даст наомадааст. Забони суғдии нав ё яғнобӣ як лаҳҷаи забони суғдӣ буда, осори ба даст омада аз забони суғдии миёна аз лиҳози хусусиятҳои забонӣ аз забони яғнобӣ фарқ мекунад. Забони тотӣ низ яке аз лаҳҷаҳои канори баҳри Хазарии забони форсии миёна ба ҳисоб рафта, аз забони паҳлавӣ ё форсии миёна тафовутҳои зиёд дорад. Масалан, забони осетинӣ ба воситаи алонӣ ба забони скифӣ (яке аз забонҳои сакоӣ) мерасад, вале байни онҳо фосилаи тақрибан дуҳазорсола вуҷуд дорад. Аз тарафи дигар вожаномаҳои забони скифӣ ба таври бевосита ба мо нарасида, дар бораи сохтор ва хусусиятҳои ин забон танҳо дар асоси осори иқтибосӣ аз

[36] Оранский И.М. О соотношении периодизации истории языка с периодизацией памятников письменности//Вопросы языкознания. - №2. – 1975. - С.32-46; Оранский И.М. Иранские языки в историческом освещении.- М.,1979. - С. 96-103.

забонҳои дигар, асосан аз забони юнонӣ андеша рондан имкон дорад. Хулоса, даврабандии таърихи инкишофи забонҳои эронӣ ҳанӯз то ба охир мушаххас нашуда, таҳқиқ ва пажӯҳишҳои навро интизор аст

§ 3. Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар гурӯҳбандии забонҳои эронӣ. .Пас аз муҳоҷирати гурӯҳе аз ориёиҳо ба марказ ва ғарби сарзамини Эрони кунунӣ ва заиф гардидани робитаҳои ҳамешагӣ ва наздикии забонӣ бо ориёиҳои шарқӣ бо мурури замон миёни забонҳои мардумони ориёии шарқӣ ва ғарбӣ тафовутҳо падид меоянд. Бинобар ҳудуд ва мавқеи ҷуғрофӣ ва тафовутҳои забонӣ ин забонҳо ва лаҳҷаҳо ба ду гурӯҳи бузурги шарқӣ ва ғарбӣ ҷудо мешаванд. Ҳамин тавр, иттиҳоди ягонаи забонии мардумони ориёӣ дар шохаҳои ҷудогонаи шарқӣ ва ғарбӣ ташаккул ёфта, ҳар кадоме аз онҳо дар навбати худ нахуст ба лаҳҷаҳо ва баъдан дар мақоми забонҳои мустақили ориёии шарқӣ ва ғарбӣ шакл мегиранд, ки далели ин забонҳо ва лаҳҷаҳои куҳан ва муосири шарқӣ ва ғарбӣ мебошад.

Ҳамаи забонҳо ва лаҳҷаҳое, ки ба лаҳҷаҳои куҳани ғарби Эрон марбутанд, ба гурӯҳи ғарбӣ ва ҳама он забонҳову лаҳҷаҳое, ки ба лаҳҷаҳои куҳани ориёии шарқӣ (ҳудуди Осиёи Миёна ва як бахши Хуросон) марбутанд, ба гурӯҳи шарқӣ шомил мебошанд. То миёнаи ҳазорсолаи пеш аз милод миёни забонҳои ғарбӣ ва шарқӣ тафовути назаррас вуҷуд надоштааст. Аммо аз ин давра ба баъд миёни ин забонҳо тафовутҳо бештар мегарданд, ки инро дар мисоли муқоисаи тамоми забонҳо ва лаҳҷаҳо дар ҳама давраҳои таърихӣ бар асоси осор метавон мушоҳида кард. Осори хаттии давраҳои таърихии забонҳои ориёӣ якҷо бо осори мероси фарҳангию бостоншиносӣ ва номҳои таърихии ҷуғрофии ин кишварҳо далели қотеъ ва раднопазир доир ба гузаштаи дури мардумони ориёӣ дар сарзаминҳои таърихии зисти онҳо то ба имрӯз дониста мешавад. Ҳамчунин номҳои ҷуғрофии таърихии Хуросону Мовароуннаҳр харитаи густариши забонҳо ва лаҳҷаҳои куҳани ориёии шарқӣ ва муҳимтарин шоҳид аз таърихи сукунати қавмҳои ориёӣ дар ин сарзаминҳо маҳсуб мешавад.

Забонҳои эронӣ бар асоси бархе аз вижагиҳои таърихии овоӣ ба ду дастаи бузург: ғарбӣ (шимоли ғарбӣ – модӣ, портӣ,

курдӣ, толишӣ, симнонӣ, балучӣ ва ғ., ҷанубии ғарбӣ – форсии бостон, форсии миёна, форсӣ, тоҷикӣ, тотӣ, лаҳҷаҳои Форс ва ғайра) ва шарқӣ (шимоли шарқӣ – скифӣ, аланӣ, суғдӣ, хоразмӣ, осетинӣ ё осӣ, яғнобӣ) ва ҷануби шарқӣ – сакоӣ, бохтарӣ (кӯшонӣ), афғонӣ (пушту), мунҷонӣ, забонҳои помирӣ гурӯҳбандӣ шудаанд.

Азбаски забони авестоӣ хусусиятҳои ҳам забонҳои ғарбӣ ва ҳам шарқии эрониро дорад, он ба ин гурӯҳҳо дохил карда нашудааст. Аз забони бохтарӣ (кӯшонӣ) ҳам аз марҳилаи бостонӣ санаду далелҳои мушаххас боқӣ намондааст, аз давраи миёнаи забонҳо мисли пушту, курдӣ, балучӣ ва ғайра ҳеҷ гуна осор ва ё далел вуҷуд надорад.

Бояд гуфт, ки умумияти забонҳои эронӣ ва ба халқҳои эронии форсҳо, модҳо, ариҳо (сокинони Ҳирот ва атрофи он), бохтариён, суғдиҳо фаҳмо будани забонҳои онҳо на танҳо аз тарафи забоншиносон, балки аз тарафи муаррихон ва ҳатто сайёҳон ба таври махсус қайд шудааст. Н.Я. Бичурин аз гуфтаи сайёҳи Чин Чжан-Тсян (асри II пеш аз мелод) ин нуктаро айнан меорад: «Аз Давон (Фарғона) ба тарафи ғарб то давлати Ансӣ (Порт), гарчи дар лаҳни гуфтугӯ тафовут зиёд аст, забони онҳо ба ҳамдигар хеле монанд аст ва дар гуфтугӯ ҳамдигарро мефаҳманд».[37]

Пеш аз ҳама аз тамоми забонҳои эронӣ ба забони тоҷикӣ ва сохтори овоиву дастурӣ ва вожагонии он забонҳои марҳилаи бостон - авестоӣ ва форсии бостон, марҳилаҳои миёна - портӣ, форсии миёна, бохтарӣ (кӯшонӣ) ва суғдӣ таъсири зиёде доранд. Аз ин забонҳо забони форсии бостон ҳамчун забони поягузори забони тоҷикӣ дар аҳди бостон ва забони форсии миёна ҳамчун забони поягузори мустақими забони мо дар аҳди миёна ҳисоб мешаванд ва аз рӯйи ақидаи маълум забони тоҷикӣ – форсӣ – дарӣ идомаи бевоситаи забонҳои форсии бостон ва миёна ба шумор меравад. Забони портӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои ғарбии эронӣ ва бохтариву суғдӣ, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ шомиланд, дар такомули забони тоҷикӣ нақши муҳимме доранд. Бояд ёдовар шуд, ки забони тоҷикӣ дар давраи сарӯғози

[37] Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. Т.1-3, 2 изд. - М.- Л., 1950-1953. - Т.II. - С.161-188.

пайдоиши худ, пеш аз ҳама, дар минтақаи густариши ин забонҳо, яъне забонҳои портӣ, бохтарӣ ва суғдӣ пайдо шуда, сипас дар асрҳои XI-XII милодӣ ба қисматҳои дигари Эронзамини таърихӣ паҳн шудааст. Намунаҳои аввалини осори тоҷикӣ (форсии нав) дар Балху минтақаҳои ҳамҷавор ин ақидаро собит месозад. Мутобиқи далелҳои забонӣ ва осори хаттӣ дар шаклгирии меъёрҳои забони адабӣ ин забонҳо таъсири мустақим доранд.

Забони авестоӣ. Таърихи муштараки забони тоҷикӣ ва осори хаттии даврaҳои таърихӣ дар анвои гуногуни хат ва алифбо гузаштаҳои дури забони моро ба воситаи осори он даврон, ки бе ҳеҷ гуна тағйирот ҳамчунон ки дар рӯйи санг, хишт, гач ва ашёи дигари филизӣ кандакорӣ шудаанд, ба таври воқеӣ муаррифӣ мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки таърихи забони мо на бар асоси гумону тахмин, балки дар пояи осори хаттии даврaҳои таърихӣ тасдиқ гардидааст. Аз ин рӯ осори маҳфуз аз даврaҳои гуногун ҳамчун далели дақиқ аз таърихи ташаккул ва таҳаввули забон дар тӯли қарнҳо ва ҳазорсолаҳо мебошад.

Ҳамчунон ки дар илми забоншиносӣ эътироф шудааст, забони тоҷикӣ дар баробари забони ҳиндӣ яке аз қадимтарин забонҳои ҳиндуаврупоӣ буда, гузаштаи он дар мисоли «Авесто» ба даврони қабл аз таърих мерасад. Ин намунаи куҳантарин забони ориёии эронӣ, ки замоне дар шарқи кишвари бузурги Ориё ҳамчун забони муштараки муошират миёни қавмҳои ориёӣ буд, дар мақоми забони дин ва аҳкоми динии ин мардумон қарор дода шуд. Забони авестоӣ ҳамчун яке аз забонҳои эронии бостон ба дигар забонҳои эронии аҳди бостон, аз ҷумла форсии бостон шабоҳат ва наздикӣ дорад.

Забони авестоӣ, бар асоси матни китоби «Авесто», дорои ду лаҳҷа буда, ки лаҳҷаи «Готҳо» (сурудҳо) дар муқоиса бо лаҳҷаи бахшҳои дигари «Авесто» қадимтар аст. Лаҳҷаи «Готҳо» аз нигоҳи вижагиҳои овоӣ ва луғавӣ марбути забонҳои ориёии (эронии) шарқӣ ва лаҳҷаи дигар бахшҳои он дорои ҳам вижагиҳои забонҳои шарқӣ ва ҳам ғарбӣ мебошад. Яке аз далелҳои қадимӣ будани лаҳҷаи «Готҳо» наздикӣ ва муштаракоту ҳамоҳангиҳои он бо забони «Ведаҳо»-и санскрит маҳсуб мешавад. Муштаракоти лаҳҷаҳои «Готҳо» бо забонҳои

ориёии шарқӣ баҳс дар бораи зодгоҳ ва ё ватани Зардуштро, ки дар суннати зардуштии паҳлавии даврони Сосониён онро ба Озарбойҷон ва Мод мансуб медонанд, низ ба нафъи манотиқи шарқӣ бозгӯ менамояд. Ҷалолиддини Оштиёнӣ дар робита ба ин мавзӯъ таъкид менамояд, ки тақрибан ҳама донишмандоне, ки маҳалли таваллуди Зардуштро дар ғарби Эрон донистаанд, таҳти таъсири ривоятҳои суннатӣ ва устураҳои мазҳабӣ қарор гирифта, ҳеҷ гуна далеле ҷуз ин ривоёт ироа накардаанд. Бар пояи мантиқ метавон пурсид, ки Зардушт ҳангоми таблиғи оини хеш дар Балх, аз ҷумла дар дарбори Гуштосп бо шоҳ ва мардумони ин сарзамин бо кадом забон муошират мекард? Мусаллам аст, ки ӯ бо лаҳҷаи модарии худ, яъне лаҳҷаи «Готҳо» таълимоти динии хешро дар ин сарзаминҳои ориёӣ таблиғ карда, танҳо ҳамин як забонро медонистааст. Пас лаҳҷаи «Готҳо» ё худ лаҳҷаи модарии Зардушт барои ин мардумон мафҳум ва қобили пазириш буда, барои он даврони дури таърих ва замони Зардушт ҳамин лаҳҷа аз нигоҳи муштаракоти наздик миёни забонҳои суғдӣ, бохтарӣ ва хоразмӣ барои мардумони ин сарзаминҳо низ ошно ва мафҳум будааст. Тафовутҳои забонҳои ориёӣ ё эронии шарқиро барои он даврон, ҳамчунон ки аз муқоисаи осори давраҳои баъдии ин забонҳо, ба хусус суғдӣ ва хоразмӣ бармеояд, на тафовутҳои забонӣ, балки тафовутҳои лаҳҷавӣ бояд арзёбӣ кард.

Номи ин забон аз номи китоби муқаддаси зардуштиён «Авесто» ба таври шартӣ [қаблан онро забони зандӣ ҳам (аз номи Тафсири «Авесто» ба забони форсии миёна бо номи «Занд» меномиданд] гирифта шудааст. «Авесто» дар ибтидо шакли хаттӣ надошт ё дошта бошад ҳам, то ин дам ба дасти пажӯҳишгарон нарасидааст. Дар аҳди салтанати Ҳахоманишиён гӯё ки он ҷамъоварӣ гардид, вале аз тарафи ишғолгарони мақдунӣ ба коми оташ кашида шуд ва як нусхаи онро ба Юнон бурданд, ки ҳанӯз нопайдост. Мутобиқи бархе аз ривоятҳо «Авесто» бори нахуст аз тарафи Ашкониёни Порт (асри I пеш аз милод) китобат шуд, вале он ҳам ба дасти мо нарасидааст. «Авесто» бори дуюм дар аҳди Сосониён (асрҳои III-VII баъд аз милод) бо хати диндабира гирдоварӣ ва танзим гардид. Матни «Авесто», ки имрӯз дар дасти муҳаққиқон қарор дорад, ҳамон матни таҳияшудаи даврони Сосониён аст, ки куҳантарин

дастнависи он дар асри XIII китобат шудааст. Ин забон, ки аз қадимтарин забонҳои эронӣ мебошад, аз ду гӯйиш – гӯйиши қадимӣ (Готҳо) ва гӯйиши хурдавесто ва ё «Авесто»-и пасин иборат аст.

Чунон ки қаблан ёдовар шудем, масъалаи ба кадоме аз гурӯҳи забонҳои эронӣ тааллуқ доштани забони авестоӣ то имрӯз аз тарафи донишмандони эроншинос ба таври мушаххас ҳал нагардидааст. Агар қисматҳои қадимии «Авесто» – «Готҳо» бештар аз лиҳози забоншиносӣ хусусиятҳои шарқии эронӣ дошта бошад, бахшҳои дигари он бештар махсусияти забонҳои ғарбии эронӣ, ба вижа гӯйишҳои шимоли ғарбӣ дорад. Бархе аз эроншиносон, аз ҷумла П.Тедеско ва А.Мейе ин забонро ба гурӯҳи шимоли ғарбии эронӣ дохил намуда,[38] номи ин забонро бо номи забони бохтарии қадим муаррифӣ кардаанд,[39] зеро аз назари аксари авестошиносон бахшҳои нахусти он дар Бохтар пайдо шуда, баъдан ба Мод ва марказҳои дигари тамаддуни ориёӣ густариш пайдо кардааст.[40] Тавре Ф. Алтҳайм менависад, забони авестоӣ баъд аз муддатҳои тӯлонии мавҷудияти шифоҳӣ, дар асри VI то милод аз тарафи шогирдони Зардушт дар аҳди Ҳахоманишиён бо хати оромии он давра бори аввал китобат шудааст. Искандари Мақдунӣ низ кӯшиш кардааст, ки онро ба хати юнонӣ нависанд. Навишти «Авесто» бо хати оромӣ дар Суғд такмил ёфта, сипас дар давраи Кӯшониён (асри II баъд аз милод) ба таври ҷамъбастӣ баъзе хусусиятҳои овоии забони юнониро ба назар гирифта таҳия гардидааст.[41] Масъалаи ба кадом гурӯҳи забонҳои эронӣ тааллуқ доштани забони авестоӣ бо пайдо шудани маводи нави забони бохтарии тахорӣ ё кӯшонӣ аз нав мавриди баррасӣ қарор мегирад.

Алифбои авестоӣ дар асоси алифбои форсии миёнаи паҳлавӣ бо замимаи ҳуруф барои ташхиси дақиқи овозҳои авестоии садонок ва ҳамсадо танзим шудааст. Ин алифбо дар муқобили 16 ҳарфи алифбои паҳлавӣ аз 48 ҳарф иборат буда, 14

[38] Tedesco P. Dialektologie der westiranischen Turfantexte. – MO, 1925, V.15. - S. 255; Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. - М., 1979. - С. 123.
[39] Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки. - М., 1979. - С. 133.
[40] Ҳамин китоб. - С.131.
[41] Altheim Fr. Awestische Textgeschichte. Halle, 1949. - S.66.

ҳарфи он барои ифодаи садонокҳо ва 34 ҳарф барои ифодаи ҳамсадоҳо сохта шуда буд.

Номи ин забон, ки ба номи китоби «Авесто» мансуб аст, дар матни то ба замони мо расидаи ин китоб ёд нашудааст. Номи «Авесто» ҳамчун маҷмӯи осори динӣ ба тамоми матнҳо ва бахшҳои шомили ин ёдгорӣ ба замони Сосониён марбут буда, шакли лаҳҷавии он Апастак баъдан Абастаг аст. Бо ихтисори овози «г» дар охир пас аз садонок ин ном дар осори тоҷикии давраи нав ба шакли Ависто ва дар забонҳои аврупоӣ бори нахуст дар китоби Анкетил Дюперрон дар шакли Авесто барои ҷаҳони Ғарб муаррифӣ гардид. Бинобар ақидаи донишмандон, мансубияти ин забон мисли сарзаминҳо ва кишварҳои мардумони ориёии шарқӣ ба шарқи Ориён иртибот мегирад. Ҳамчунон ки аз муқоисаи забонҳои авестоӣ, ҳиндии бостон ва форсии бостон бармеояд, тафовутҳо миёни забони авестоӣ ва форсии бостон аз тафовутҳо миёни забони ҳиндии бостон («Веда») ва забони авестоӣ бештар будааст. Аз ин рӯ бахшҳои куҳани «Авесто» аз нигоҳи ҷуғрофӣ ва таърихӣ ба Шарқи Ориён ва забонҳои шарқии ориёӣ иртибот мегирад.

Ҳамчунон ки муҳаққиқони забони авестоӣ аз роҳи муқоиса бо забони ҳиндии бостон дар бахшҳои савтиёт ва грамматика муайян кардаанд, сохти грамматикии забони авестоӣ, ба хусус бахши «Готҳо», мисли забони «Ведаҳо»-и санскрит махсусиятҳои куҳани худро бисёр барҷаста ҳифз кардааст.[42] Аз ин рӯ донишмандон дар шинохти забони авестоӣ ва омӯзиши он забони санскритро бештар мавриди муқоиса ва истифода қарор додаанд. Муқоисаи «Готҳо»-и «Авесто» ва «Ведаҳо»-и санскрит робитаи бисёр наздики ин ду шохаи забони муштараки ориёии бостонро дар бахши ҳамгуниҳои луғавӣ ва грамматикӣ ба таври дақиқ пас аз ҷудоӣ ва фосилагирии ин забонҳо бори дигар аз нигоҳи илмӣ собит месозад.

Муҳаққиқони забонҳои ҳиндуэронӣ аз роҳи муқоисаҳои таърихии ин осор ба ин натиҷа расидаанд, ки миёни «Ригведа» ва «Авесто» умумиятҳои забонӣ аз умумиятҳои динӣ ва асотирӣ бештар аст.[43]

---

[42] Оранский И.М. Введение в иранскую филологию (издание 2-е). - М., 1988. - С. 95.
[43] Oldenberg H. Die Religion des Veda. - Berlin, 1894. - C. 29.

Яке аз махсусиятҳои матни «Авесто» бинобар хулосаҳо ва натиҷагириҳои муҳаққиқон дар он аст, ки бахшҳои ҷудогонаи ин ёдгор на дар як макон ва як замон, балки дар даврони гуногун ва сарзаминҳои гуногун эҷод шудаанд. Пас бо ҳамин далел бахшҳои «Авесто» дорои вижагиҳои забонӣ буда, ки ин вижагиҳо ҳамчун тафовутҳои лаҳҷавӣ маънидод мешаванд. Бархе аз махсусиятҳои забони «Авесто» (лаҳҷаи «Готҳо») далели иртиботи он бо забонҳои бостонии Осиёи Миёна, аз ҷумла суғдӣ ва хоразмӣ мебошад.[44]

«Авесто»-и куҳан то замони китобат марҳилаҳои гуногунро сипарӣ намудааст. Ҳамин тариқ, ҳам бахшҳои куҳани «Авесто» ва ҳам «Авестои пасин» ва ё «Хурдавесто» то замони китобат аз чандин марҳила гузашта, ба тағйироту таҳаввулоти овоӣ дучор омадаанд, ки ин ҳама дар матни даврони сосонӣ ва дастнависҳои баъдӣ дарҷ гардидааст. Бештар унсурҳои лаҳҷавӣ ва ё лаҳҷаи дабирон (нусхабардорон) дар дастнависҳои асрҳои IX-X милодӣ дар ғарби Эрон ба мушоҳида мерасад. Ин дастнависҳо асоси матни кунунии «Авесто» ва нусхаҳои он маҳсуб мегарданд.

Пас аз замони тӯлонии тайи ҳазорсолаҳо аз насл ба насл идома ёфтани «Авесто» дар суннати гуфторӣ дар Шарқи Ориё ва интиқоли он ба ғарби Эронзамин ин ганҷи беназир ҳамчун осори муқаддас бо ибтикори донишмандони даврони Сосониён гирдоварӣ шуда, бар асоси алифбои авестоӣ, ки бунёди он алифбои паҳлавӣ мебошад, таҳия гардида буд. Чунон ки муҳаққиқони забони авестоӣ борҳо зикр намудаанд, ин алифбо ҳар як овози авестоиро ба тарзи дақиқ мисли овонавишти муосири байналмилалӣ дарҷ менамояд.[45] Ҳамин тариқ, аз ҷониби дастурони варзидаи зардуштӣ дар даврони Сосониён чунин як алифбое дар асоси талаффузи минтақаи ғарби Эрон, ба хусус вилояти Форс эҷод карда шуд ва китоби «Авесто» дар 21 бахш (наск) гирдоварӣ ва танзим гардид. Чунон ки М. Бойс[46] тазаккур медиҳад, нусхаҳои «Авесто»-и бузурги замони Сосониён дар бисту як китоб барои дастурону мӯбадон ба вилоятҳои Порс, Мод, Порт ва Систон фиристода шуда, ҳар

[44] Оранский И. М. Введение в иранскую филологию (издание 2-е). - М., 1988. - С. 97.
[45] Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. - Санк-Петербург, 2003. - С.198.
[46] Ҳамин асар. – С.199.

кадоме аз ин нусхаҳо дар оташкадаҳои ин манотиқ барои омӯзиш нигоҳдорӣ мегардид. «Авесто» пас аз он ки ба ҳукми забони матрук ворид шуд, дар ҳамон мақоми забони муқаддас ва забони дини зардуштӣ-дини давлатии Сосониён аз нахустватани ориёиҳо дар ин қисмати Эронзамин мавриди истифода қарор гирифт.

Арзиши забони авастоӣ ҳамчун намунаи забони ориёии бостон на танҳо дар шинохти таърихи забонҳои эронии муосир, балки якҷо бо забони «Веда» дар бозсозӣ ва дарёфти нахустзабони ҳиндуаврупоӣ низ аз манбаъҳои муҳим эътироф гардидааст. Ҳамин тариқ, ин ёдгории муҳим ва арзишманди мардумони ориёӣ пас аз нашри тарҷумаи франсавии он аз ҷониби Анкетил Дюперрон дар соли 1771 дастраси муҳаққиқон шуда, то ба имрӯз ба забонҳои гуногун тарҷума шудааст.

Чунон ки муҳаққиқон арзёбӣ кардаанд, «Авесто» нодиртарин ва муҳимтарин манбаъ аз таъриху рӯзгор ва суннату оини мардумони ориёии эронӣ ва куҳантарин намуна ва сарчашмаи забони ин қавмҳо дар аҳди бостон маҳсуб мешавад. Бояд гуфт, ки матни «Авесто» на танҳо маҷмӯи муқаррароту фароизи динӣ, ахлоқиву ҳуқуқӣ ва фалсафиву асотириро фаро мегирад, балки он яке аз манбаъҳои муҳим дар бораи ҷуғрофия, замину кайҳон, шинохти ҷаҳон, тиб ва ғайра мебошад. Ба ибораи дигар истилоҳоти фаровоне аз замони бостон ва ё аҳди авестоӣ маҳз тавассути ин забон ҳамчун ёдгори гузаштагон то замони мо маҳфуз мондааст.

Дар бораи «Авесто»-и то даврони Искандари Мақдунӣ дар бархе аз осори паҳлавӣ ривоятҳое мавҷуданд, ки онҳо дар мавриди китобати «Авесто» ва ё матни он дар алифбои оромӣ ишорат мекунанд. Мутобиқи чанд ривояти паҳлавӣ аз китоби «Динкард» ва матни «Шаҳристонҳои Эроншаҳр», ки бештари муҳаққиқон ба онҳо ишора кардаанд, матни «Авесто» дар замони Ҳахоманишиён дар ҳазору дусад фаргард (фасл) дар алифбои диндабирӣ дар тахтаҳои заррин ва ҳамчунин пӯсти гов навишта ва дар он оташкада ниҳода шуд. Пас Искандари Мақдунӣ онро сӯзонд ва ба дарё афканд.

Аз ин ривоятҳо ва чанд ривояти дигари осори паҳлавӣ чунин бармеояд, ки суннати зардуштии даврони сосонӣ ба

нусхаи аҳди ҳахоманишӣ бовар доштааст ва аз ин аъмоли Искандар дар маҳви матни «Авесто» ба нафрин ёд кардааст.

Бархе аз муҳаққиқон бар ин назаранд, ки пас аз замони Искандари Мақдунӣ матни «Авесто» дар замони Ашкониён аз ҷониби Валахш (Вологези 1) солҳои 51-78 милодӣ) дубора гирдоварӣ ва китобат гардид. Ин назар бино бар навиштаи чанде аз муҳаққиқон метавонад воқеияти таърихӣ дошта бошад. Зеро алифбои оромии шоҳаншоҳӣ аз даврони Ҳахоманишиён дар навишти осори забонҳои эронӣ ба кор рафта, ин суннати хаттӣ метавонист дар навиштани матни «Авесто» низ истифода шавад.[47]

Агар ин ёдгори пароканда дар замони Сосониён (асрҳои III-VII м.) бо фармони Ардашери 1 (226-240 милод) – шоҳи сосонӣ гирдоварӣ намешуд, дар мавриди сарнавишти баъдии он дар суннати шифоҳӣ чизе наметавон қазоват кард. Ҳамчунон ки медонем, бо интиқоли «Авесто»-и шифоҳӣ аз Шарқ ба Ғарби Эронзамин бо гузашти замон забон ва суннати авестоӣ дар сарзаминҳои нахустини мардумони ориёӣ фаромӯш ва қатъ гардид ва забони авестоӣ ҳамчун забони матрук дар суннати гуфтории дастурону мубадони ашконӣ ва баъдан сосонӣ маҳфуз монд.

Дар замони Шопури I (240-272 милод) ва шоҳони дигари сосонӣ низ «Авесто» ва бахшҳои он гирдоварӣ шуда, ҳамзамон шарҳи паҳлавии бахшҳои ҷудогонаи он низ таҳия гардид. Ҳамин тариқ, бори нахуст «Авесто» дар шакли хаттӣ дар алифбои махсус арзи вуҷуд намуд. Бинобар китоби паҳлавии «Динкард» (асри 1Х милодӣ), ки аз муътамадтарин манбаъ дар тафсири «Авесто» ва аҳкому оини дини маздопарастист, аз 21 китоби (наски) «Авесто» ёд мешавад. Ин 21 китоб дар навбати худ бо номҳои паҳлавӣ ба се қисм бахш мегардад, ки онҳо аз Готҳо-сурудаҳои динии Зардушт, бахши Ҳотик-Монсарик – қонунҳо ва аҳкоми динӣ ва Дотик – фиқҳ ва аҳкому одоб иборатанд.

Баъдан сарнавишти он ҳама 21 китоби «Авесто» дар тайи рӯйдодҳои таърих маълум нест ва он чи аз ин китоби муқаддас маҳфуз мондааст, панҷ бахши он аст, ки дастраси мо

[47] Оранский И.М. Введение в иранскую филологию (издание 2-е). - М., 1988. - С. 78-79.

гардидаанд. Бояд тазаккур дод, ки ҳама бахшҳои «Авесто»-и кунунӣ аз асри XVIII то имрӯз аз ҷониби забоншиносони варзидаи ҷаҳон мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар ин самт бо истифодаи усули муқоисавии таърихии омӯзиши забонҳо комёбии хуби илмӣ ба даст омадааст. Муҳимтар аз ҳама барои таърихи дури забони тоҷикӣ (форсӣ) давраи авестоӣ яке аз давраҳои бунёдӣ дар шинохти марҳилаи забони муштараки ориёии эронӣ ва ё эронии бостон то давраи пайдоиши хат ва алифбо маҳсуб мешавад. Бо вуҷуди он ки забони авестоӣ ва ё матни «Авесто»-и кунунӣ дар замони Сосониён китобат шудааст, аммо худи ин забон аз тариқи суннати шифоҳӣ ҳамчун намунаи як забони ориёии бостон то замони мо маҳфуз мондааст.

Забони модӣ. Забони модӣ ва минтақаи густариши он ба қаламрави паҳншавии қабилаҳои эронии модҳо ва таъсиси давлати пурқудрат ва тавонои Мод иртибот дорад. Бар асоси манобеи хаттии ошурӣ муҳаққиқон густариши қабилаҳои ориёии Эрониро ба қисматҳои ғарбии Эрони кунунӣ ба қарнҳои аввали ҳазорсолаи I пеш аз милод тахмин кардаанд.[48] Дар катибаҳои ошурӣ соли 835 пеш аз милод дар бораи модҳо (**madai**, форсии бостон **māda**) ва соли 843 пеш аз милод дар бораи кишвари Парсуа сухан рафтааст, ки ин нахустин маълумоти осори таърихӣ дар мавриди порсҳо мебошад. Баъдан аз номи ин мардумон номи вилояти Порс (**Parsuaš**, дар катибаҳои форсии бостон **Pārsa**-) ба вуҷуд омад.[49]

Дар ҳар сурат, метавон тахмин кард, ки ҳанӯз дар асрҳои VII-VI пеш аз милод, имкон дорад аз ин ҳам пештар, забон ва гуфтори ориёии эронӣ (забони мардуми Мод ва Порс) то соҳилҳои халиҷи Форс интишор ёфта бошад.[50] Ин ду забони ориёии бостон баъдан ҳамчун забонҳои расмии ду давлати бузурги Мод ва Порс қарор гирифтаанд.

---

[48] Грантовский Э.А. Ранняя история иранских племен Передней Азии. - М., 1970. - С. 67.

[49] Дандамаев М.А. Ахаменидское государство и его значение в истории древнего Востока // История Иранского государства и культуры. К 2500-летию Иранского государства. - М., 1971. - С. 94; Дьяконов И.М. История Мидии. - М. - Л.,1956. - С. 161; Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. - М., 1960. - С. 479-480.

[50] Оранский И.М. Иранские языки в историческом освещении. - М., 1979. - С.64.

Забони мардуми Мод ва дар истилоҳи аврупоӣ забони мидӣ, ки дар аҳди бостон дар қисмати шимоли ғарбии Эрон интишор гардида буд, дар замони давлатдории Мод (асрҳои VIII-VII то милод) дар мақоми забони давлатӣ қарор дошт. Ин забон аслан дар маркази Мод – шаҳри Экбатан (Ҳамадон) ташаккул пайдо кард. Аз забони мардумони Мод то ба ҳол намунаи осоре дастрас нашудааст. Аммо намунаҳои ҷолибе аз забони модӣ дар осори юнонӣ, форсии бостон, бобулӣ ва эламӣ маҳфуз мебошанд, ки ин ҳама дар шинохти махсусиятҳои забони модӣ ҳамчун лаҳҷаи шимоли ғарбӣ дар баробари забони форсии бостон ва ё лаҳҷаи ҷануби ғарбӣ бисёр муҳим арзёбӣ мешавад. Номи забони модӣ мисли истилоҳи форсии бостон ва авестоӣ шартӣ мебошад.

Забони форсии бостон. Забони форсии бостон, ки Дориюши Кабир дар сангнабиштаи Бесутун (наздикии Кирмоншоҳ) онро бо номи ориёӣ ёд кардааст, бинобар эътирофи муҳаққиқони забоншинос аз ҷумлаи он забонест, ки ба таърихи деринаи забони мо иртиботи мустақим дорад. Ин забон дорои хату алифбо буда, ки сангнавиштаҳои шоҳони ҳахоманишӣ далели чигунагии сохтор ва луғоти ин забон дар аҳди бостон мебошад. Бештари ин сангнавиштаҳои мехӣ ба давраи ҳукмронии Дориюши I (солҳои 521-486 то милод) ва писари ӯ Хшаёршо (Ксеркс дар навишти юнонӣ) (солҳои 486-465 то милод) мутааллиқанд. Катибаҳои даврони Ҳахоманишӣ дар пойтахтҳои ин шоҳаншоҳӣ ва манотиқи гуногуни Порс, Элам ва Мод дар рӯйи сангҳои барои кандакорӣ омодашудаи камари кӯҳҳо, оромгоҳҳои шоҳон, деворҳову сутунҳои кохҳо ва олоту зуруфи филизӣ, сангӣ ва ғайра навишта шудаанд. Аз муҳимтарин катибаҳои шоҳони ҳахоманишӣ сангнабиштаҳои Дориюши I дар кӯҳи Бесутун, Тахти Ҷамшед, Нақши Рустам, Суз, Алванд ва Ҳамадон маҳсуб мешаванд. Дар ин сангнавиштаҳо яке аз лаҳҷаҳои вилояти Форс инъикос ёфтааст, ки дар илми забоншиносӣ шартан онро «забони форсии бостон» номгузорӣ кардаанд.[51]

Давраи бостонии таърихи забони тоҷикӣ-форсӣ ба таври мустақим забони даврони Ҳахоманишиён ба шумор меравад. Ин забон, ки дар истилоҳи илмӣ бо номи форсии бостон маълум

[51] Языки Азии и Африки. - М., 1978. - С.8.

аст, дар осори шоҳони Ҳахоманишӣ бо хати мехӣ таҳти унвони ориёӣ (ariya) ёд шудааст. Номи мазкур дар катибаҳои Дориюши 1 (521-486 пеш аз милод) дар Нақши Рустам ва Суз ва катибаи Хшаёршо (486-465 пеш аз милод) писари Дориюши 1 ҳамчун номи нажодии ин мардумон ва дар катибаи Дориюши 1 дар Бесутун (сутуни IV, сатрҳои 88-90) ҳамчун номи забони ин набиштаҳо, яъне форсии бостон муаррифӣ шудааст, ки асли он дар овонавишт ба расмулхати лотин чунин аст: Yātiy Dārayavauš xšāyʊiya vašnā Auramazdāha i(ya)m dipīmaiy ty(ām) adam akunavam patišam ariyā āha utā čarma graʊtā āha. «Шоҳ Дориюш гӯяд: ба хости Аҳурамаздо ин навиштаи ман (аст), ки ман кардам, ҳамчунин ба (забони) ориёӣ буд, ҳам дар лавҳ, ҳам дар чарм нигошта шуд».[52]

Аз ин навиштаи Дориюши I чунин бармеояд, ки он забон, ки имрӯз бо номи форсии бостон хонда мешавад, дар асл дар замони Ҳахоманишиён на ба номи сарзамин ва ё вилояти Порс (Форс), балки бо номи қавми ориёӣ хонда мешудааст. Чунон ки дар боло гуфтем, номи ария (arya) ҳамчун номи забон дар як катибаи бохтарӣ аз Работак дар Афғонистон дар иртибот ба забони бохтарӣ низ ба кор рафтааст. Бояд тазаккур дод, ки ин забон, ки дар аҳди Ҳахоманишиён бо номи ориёӣ хонда мешуд, акнун дар замони Сосониён (асрҳои III-VII милод) бо номи вилояти Порс ҳамчун pārsīg (порсӣ) муаррифӣ шуд, ки баъдан шакли муарраби он – форсӣ, ин истилоҳро иваз намуд. Ҳамон тавре ки дар боло ёд шуд, истилоҳи ориёӣ ҳамчун номи забон дар иртибот ба забони бохтарӣ дар Шарқи Ориё ва ё Бохтар мавриди истифода будааст. Аз ин далели таърихӣ чунин бармеояд, ки номи нахустзабони мардумони ориёӣ ва ё забони муштараки ориёӣ дар ҳазорсолаҳои пеш аз милод бо номи ориёӣ маъруф будааст.

Аз даврони ҷудо шудани забонҳо ва лаҳҷаҳои ориёии эронӣ аз ориёии ҳиндӣ ва ё забони муштараки ҳиндуэронӣ то замони сабти осор ба забони ориёии даврааи ҳахоманишӣ дар асри VI пеш аз милод, бинобар андешаи муҳаққиқон, тақрибан як ҳазорсола фосила вуҷуд доштааст. Аз ин рӯ дар ин даврааи бисёр тӯлонӣ дар забонҳои шарқӣ ва ғарбии эронии бостон ҳам

[52] Kent R.G. Old Persian. Grammar, texts, lexion. - New Haven, 1953. - P. 130-132.

дар бахши савтиёт ва ҳам бахши дастури забон тағйироту таҳаввулоти таърихӣ рух додааст, ки инро дар мисоли осори забонҳои авестоӣ ва форсии бостон метавон мушоҳида кард.

Осори даврони бостон, ки куҳантарини он сангнавиштаҳои шоҳони ҳахоманишист, барои ташхиси хусусияти забони ин катибаҳо дар аҳди бостон ягона шоҳид маҳсуб мешавад. Сангнавиштаҳои хати мехӣ аз ҷумлаи он осорест, ки аз замони кандакорӣ шудани онҳо, яъне аз асрҳои VI-IV пеш аз милод ҳамчун намуна ва шоҳиди воқеии куҳантарин даврони таърихии забон маҳфуз мондаанд ва ин осор намунаи забони даврони Ҳахоманишиёнро бе ҳеҷ гуна тағйирот то ба рӯзгори мо овардааст. Имрӯз ин осори арзишманди таърихӣ ҳамчун ганҷинаи беназир аз мероси фарҳангии мардумони ориёии эронӣ ба тамаддуни бузурги ҷаҳонӣ ворид шудааст, ки ин мояи ифтихори мо ва ҳама мардумони эронинажод мебошад.

Забони форсии миёна. Пас аз давраи бостон ва ё замони Ҳахоманишиён аз аҳди Сосониён (солҳои 224-651 милод) марҳилаи дувуми таърихи ташаккули забони тоҷикӣ-форсӣ, ки дар илми шарқшиносӣ бо номи забони форсии миёна маъруф аст, оғоз меёбад. Осори ин давраи забон, ки дар миёни давраи бостон ва нав қарор дорад, барои чигунагии ташаккули таърихи марҳилаҳои забон аз давраи бостон ба миёна ва аз миёна ба нав ҳамчун пули пайвандгари ҳар яке аз ин даврaҳо бисёр муҳим арзёбӣ мешавад. Давраи мавҷудияти ин забон пас аз аҳди Ҳахоманишиён то даврони исломӣ тақрибан то қарнҳои VII-VIII милод тахмин мешавад. Дар аҳди Сосониён ин забон бо номи порсиг (parsig) ёд мешуд, ки истилоҳи порсӣ ва шакли арабишудаи он форсӣ идомаи ин ном мебошад. Баъдан, пас аз замони Сосониён истилоҳи порсӣ ва ё форсӣ барои давраи нави забон, яъне форсии дарӣ мавриди истифода қарор гирифт. Чун порсиг ё форсии миёна ҳамчун забони матрук аз истифода хориҷ шуд, истилоҳи порсӣ ва ё форсӣ нисбат ба ин забон дигар ба кор нарафта, балки барои осори Сосониён ва забони он истилоҳи паҳлавӣ муқаррар гардид. Ҳамин тариқ, идомаи забони аҳди Сосониён ё давраи нав дар алифбои арабӣ ҷойгузини форсии миёнаи сосонӣ гардид.

Забони форсии миёна дар алифбои оромиасоси паҳлавӣ забони расмӣ ва динии давлати Сосониён буд. Дар замони

Сосониён ба ин забон осори фаровони диниву фалсафӣ, ҳуқуқӣ, таърихӣ ва адабӣ ба мерос гузошта шуд, аммо бар асари ҳаводиси таърих бештари он маҳв ва ё хароб гардид.

Осори форсии миёна аз даврони Сосониён дар алифбои паҳлавӣ ва алифбои монавӣ маълум аст. Дар расмулхати паҳлавӣ осори гуногуне аз қабили сангнавиштаҳои паҳлавӣ, навиштаҳои рӯйи сиккаҳо, муҳрҳо, сафолнавиштаҳо, пӯстнавиштаҳо, папирусҳо, осори паҳлавии китобӣ, Забури паҳлавӣ ва дар алифбои монавӣ (дар асоси хати суриёнӣ) осори форсии миёнаи монавӣ аз Турфон навишта шудаанд. Ҳамчунин баъдан теъдоде аз матнҳои паҳлавӣ ба хати авестоӣ (позанд) ва порсӣ низ баргардон шудаанд.[53]

Сангнавиштаҳои даврони Сосониён, ки куҳантарин бахши осори паҳлавӣ маҳсуб мешаванд, ба асрҳои III-VI милод мансубанд. Пӯстнавиштаҳо ва папирусҳо шомили номаҳову асноди давлатӣ буда, дар онҳо унвонҳо ва истилоҳоти низомиву номанигорӣ низ истифода шудаанд.

Яке аз осори бисёр муҳими забонӣ - матнҳои паҳлавии китобӣ дониста мешавад. Ин осор бо номи адабиёти паҳлавӣ маъруф буда, бештари он аз матнҳо ва навиштаҳои динӣ иборат аст.[54]

Аз даврони Сосониён, ба хусус адабиёти паҳлавӣ, ки шомили матнҳо ва рисолаҳои гуногун буд, дар даврони исломӣ бо сабаби таҳаввулоти забони паҳлавӣ ба форсии дарӣ ва табдили хати паҳлавӣ ба расмулхати арабӣ теъдоди зиёди осор аз миён рафт. Бархе аз рисолаҳо ва китобҳои паҳлавии динӣ, ба монанди «Динкард», «Бундаҳиш» (Нахустофариниш), «Додистони дениг» (Достонҳои динӣ ё қазоват дар бораи дин) ва чандин осори дигар, ки дар асри IX милодӣ таҳия

[53]Ниг. W.B. Henning. Mitteliranisch // Hor, 1958,-Abt 1. –Bd.4. Absehn. 1. - S.20-130.

[54] Дар ин бора ниг.: E.W. West Pahlavi Literature // GIPh. Bd. II. Strassburg, 1896-1904 - S. 75-129; J.C. Tavadia. Dia Mittelpersische Sprache und Literatur der Zarathustrier // Iranische Texte und hilfsbucher. Hrsg. Von. H. J. Junker. – N 2. – Leipzig, 1956; M. Boyce. Middle Persian Literature // HOr. – Abt. 1.- Bd 4.2. Iranistik Literatur.- Leiden – Koln. 1968. - P. 31-66; Я Рипка История персидско-таджикской литературы. - М., 1970. - С. 48-89; Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М., 1981. - С. 9-16; Д.Саймиддинов. Вожашиносии забони форсии миёна. - Душанбе, 2001. - С. 13-79. А. Тафаззулӣ. Таърихи адабиёти Эрони пеш аз ислом. - Теҳрон, 1376. - С. 83-352.

гардидаанд, имрӯз аз манбаъҳои муҳими забонӣ дониста мешаванд.

Забони давраи миёна дорои ду марҳилаи ташаккул - осори паҳлавӣ ва монавӣ буда, бо ду навъи хат, яъне хати паҳлавӣ ва хати монавӣ китобат шудааст.

Ҳамон тавре ки муҳаққиқони забон ва осори аҳди Сосониён тазаккур додаанд, забони ба истилоҳ форсии миёна идомаи бевоситаи шакли навиштории забони катибаҳои мехии даврони Ҳахоманишиён набуда, балки як шакли ташаккулёфтаи забони гуфтории аҳди ҳахоманишӣ мебошад.

Як бахши аз нигоҳи замон ва таърих бисёр муҳим сангнабиштаҳои даврони Сосониён маҳсуб мешавад. Ин осор ба се забон (форсии миёна, портӣ, юнонӣ) ва гоҳо ба ду забон (форсии миёна ва портӣ) нигошта шудаанд. Яке аз мушкилот дар хониш ва омӯзиши осори паҳлавӣ низоми алифбои он мебошад. Ин алифбо, ки бар пояи алифбои оромӣ дар замони Ашкониён ва баъдан Сосониён таҳия шуда буд, бо доштани аломатҳои камтар аз овозҳои ин забон мушкилотеро дар хониш ва савтиёти он ба бор овардааст. Мушкилоти дигари ин расмулхат дар истифодаи ҳузворишҳо ё идеограммаҳо дар осори паҳлавӣ мебошад. Ин ҳузворишҳо дар «Фарҳанги паҳлавӣ» (Frahangī pahlavīk) – фарҳанги оромӣ ба паҳлавӣ тарҷума ва маънӣ шудаанд.[55]

Забони форсии миёна ё паҳлавии сосонӣ аз номи яке аз лаҳҷаҳои қисмати ҷанубии Эрон вилояти Форс гирифта шудааст. Номи аслии забон дар шакли «parsig» аз аввали ҳазораи милодӣ ба мо расидааст. Ба ғайр аз вилояти Форс бо ин забон ҳадди ақал сокинони ду вилояти ҷанубии Эрон – Кирмон ва Мукрон низ гуфтугӯ мекардаанд.

Ин забон тақрибан ҳазор сол, аз садаи IV то милод то асрҳои VII-VIII милодӣ , вуҷуд дошт. Баъдан ҳам аз тарафи зардуштиён истифода шудааст.

Таърихи инкишофи забони форсии миёна ба ду давра – давраи ашкониҳо ва давраи сосониҳо, тақсим мешавад. Тағйироти куллӣ асосан ба давраи охири рушди ин забон рост меояд. Азбаски хати ин забон дар давраи ашкониҳо ва сосониҳо

[55] Дар бораи корбурди ҳузворишҳо ва «Фарҳанги паҳлавӣ» ниг.: Д. Саймиддинов. Фарҳанги ҳузворишҳои паҳлавӣ. - Душанбе, 2008.

оромӣ буда, дар он ҳузворишҳо фаровон истифода шудаанд, хусусиятҳои дастурӣ ва овоии он баъд аз ошкор шудани осори монавӣ аз Турфон, ки бо хати фонетикӣ (овоӣ) навишта шудаанд, муайян гардид.

Забони портӣ. Дар ташаккули давраи нави таърихи забони порсии дарӣ ва ё форсӣ-тоҷикӣ нақши забони портӣ (аз номи минтақаи Порт) ва забонҳову лаҳҷаҳои шарқӣ, аз ҷумла суғдӣ ва бохтарӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад. Забони портӣ ба гурӯҳи забонҳои ғарбии эронӣ (шимоли ғарбӣ) дохил буда, забони модарии портҳо мебошад. Порт (Parθava) яке аз вилоятҳои бостонии ориёӣ буда, аз давраи шоҳигарии Модҳо ва Ҳахоманишиён маълум ва яке аз сатрапиҳои (вилоятҳои) ин давлатҳо ба ҳисоб мерафт. Дар замони мо ин сарзамин бахше аз вилоятҳои (устонҳои) Хуросону Гургону Мозандарон ва қисмати хурде аз бахши ҷануби ғарбии Туркманистонро ташкил мекунад.

Забони портӣ забони расмӣ ва давлатии шоҳаншоҳии Ашкониёни Порт (250 то милод – 224 баъди милод) буда, аз ин забон навиштаҳои бойгонии шоҳони ин сулола аз пойтахти аввали онҳо шаҳри Нисо - наздикии Ашқободи имрӯза (шакли дурусти ин калима Ашкобод аз номи шоҳи аввали портҳо Ашки аввал гирифта шудааст, ки дар ин ҷо расми тоҷгузории ӯ барпо шудааст) дар садаи аввали ҳазораи якуми милодӣ ва навиштаҳои шоҳони Сосонӣ ва инчунин катибаҳои монавии портӣ аз Турфони Чин боқӣ мондааст.

Ин забон дар давраи аввали подшоҳии Ашкониён ҳамроҳ бо забони юнонӣ ва баъдан аз давраи Меҳрдоди I (солҳои 171-132 то милод) танҳо забони расмӣ ва давлатии Ашкониёни Порт мегардад. Баъзе муҳаққиқон изҳор доштаанд, ки шояд аз ибтидои садаи III то милод забони портӣ забони расмии давлатдории Порт қарор гирифта бошад. Бозёфти навиштаи болои зарфҳо аз Нисо дар ин бора шаҳодат медиҳад.[56]

Забони портӣ ба забони форсии миёна хеле наздик аст. Бинобар ин, дар таҳқиқот ва пажӯҳишҳои донишмандони Эрон бо номи паҳлавии ашконӣ ё паҳлавии шимолӣ дар баробари

[56] Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М., 1981. - С.156.

паҳлавии сосонӣ ё паҳлавии ҷанубӣ ёд мешавад. Вале дар пажӯҳишҳои ховаршиносони аврупоӣ ҳамчун забони портӣ ба таври алоҳида ва мустақил оварда мешавад.

Алифбои забони портӣ дар асоси хати оромӣ сохта шудааст. Бинобар ин, дар ин забон садонокҳои кутоҳ ва ҳатто баъзеи садонокҳои дарозро наменавиштанд.

Хати забони портӣ, махсусан давраи аввал аз ҳузворишҳо пур буда, хондани матнҳои портиро душвор мегардонад. Хусусиятҳои сарфӣ (морфологӣ) ва овоии (фонетикии) забони портиро асосан аз рӯйи навиштаҳои монавӣ, ки бе идеограммаҳо навишта шудааст, меомӯзанд. Ин навиштаҳо ба асри III баъди милод тааллуқ доранд. Алифбои портии монавӣ дар асоси алифбои палмирии оромӣ сохта шуда, 22 аломат дорад ва садонокҳоро дар он бо аломатҳои алоҳида ишора мекунанд.

Бояд гуфт, ки забони портӣ забони ибодатгузории на танҳо монавиёни Порт, балки монавиёни Суғд ҳам буд. Суғдиён барои иҷрои расму суннатҳои дини монавӣ аз забони портӣ истифода карда, калимаҳо ва таркибҳои дуо ва сурудҳои монавиро бо хатти суғдии худ айнан менавиштанд, ки барои муайян кардани талаффузи дурусти баъзе ҳамсадоҳои ин забон аҳамияти бузурге дошт.

Мероси фарҳангӣ ва осори адабии аҳди Ашкониёни Порт дар шакли асл то замони мо хеле кам расидааст. Бузургтарин хидмати подшоҳони Порт, аз ҷумла Вологези I (Валахши I, замони салтанат тақрибан солҳои 51-77 милодӣ) дар он аст, ки ба як маҷмӯаи муайян ва мукаммали адабӣ гирд овардани китоби муқаддаси «Авесто»-ро ба роҳ монд.

Матни паҳлавии «Ёдгори Зарирон» намунаи пуразиши адабии аҳди портҳо буда, аз лиҳози ҷанбаи асотирӣ ва ривоятӣ ба фарҳанги ориёӣ ва «Авесто» иртибот дорад. Адабиёти ин давра аслан бо номи адабиёти паҳлавӣ шуҳрат дошта, зимни такмил додани хати оромӣ дар замони шоҳони пасини ашконӣ бо хати паҳлавӣ китобат шудааст.

Осори дигари адабиёти паҳлавӣ, ки қаблан бо забони паҳлавии ашконӣ иншо шуда, сипас ба забони паҳлавии сосонӣ («порсик») таҳриру такмил ва баргардон шудааст, достони манзуми «Дарахти осурӣ» мебошад. Ин достон дар вазни ҳиҷо

(мисраъҳояш 10-15 ҳиҷоӣ) офарида шуда, дар шакли мунозираи дарахти осурӣ (нахли хурмои суриёнӣ) ва буз таълиф гардидааст. Эҳтимол меравад, ки ин достон қаблан ҷанбаи шифоҳӣ дошта, шояд дар мазаммати ашрофони аҷнабӣ, яъне Селевкиҳо гуфта шудааст, зеро дарахти суриёнӣ ба аркони давлат ва бошишгоҳи марказии Селевкиён, ки дар қаламрави Сурия ва Бобул буд, як шабоҳату нисбати аҷибе дорад. Илова бар ин тарзи зиндагии мардуми чорводор ва заҳматпеша, ки ба рӯзгори мардуми маҳаллии тӯронӣ ҳамоҳанг буд, дар тимсоли буз ифода ёфтааст.

Забони паҳлавӣ ва адабиёти паҳлавӣ, ки дар аҳди Ашкониёни Порт поягузорӣ шуда буд, чун мероси муштараки қавмҳои форсизабон, аз ҷумла ниёгони халқи тоҷик эътироф шудааст.

Забони бохтарӣ. Дар ташаккул ва густариши забони тоҷикӣ як гурӯҳ забонҳои эронии шарқӣ низ нақши бузург доранд. Ин забонҳо забони бохтарӣ ва забони суғдӣ мебошанд, ки дар давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ бештар дар бахши луғат ва камтар дар бахши овоиву грамматикӣ хеле аз хусусиятҳои худро ба забони тоҷикӣ додаанд.

Забони бохтарӣ дар этногенези мардуми тоҷик нақши муҳим дорад. Он аз асри яки милодӣ то солҳои 560-570 милодӣ (аз оғози давраи Кӯшониён то шикасти давлати Ҳайтолиён аз тарафи туркҳо ва Сосониён) ҳам дар Бохтар ва ҳам дар Суғд забони расмии давлатӣ буд ва дар пайдоиш ва густариши забони тоҷикӣ нақши муҳим дорад. Зеро давраи асосии пайдоиш ва ташаккули давраи аввали забони дарӣ ва ё тоҷикӣ аз қарни V-IX милод ба баъд ба ҳамин ҳавзаи забонӣ иртибот дорад, ки инро осори хаттӣ ва таҳқиқотҳои муътабари илмӣ дар ду қарни охир ба хубӣ собит кардааст.

Пас аз муҳоҷирати қабилаҳои ориёии маъруф бо номҳои модҳо ва форсҳо ба ғарби Эрони кунунӣ, дар шарқи сарзамини ориёӣ қабилаҳои дигари ориёии шарқӣ аз ҷумлаи бохтариҳо, суғдиҳо, хоразмиҳо, сакоиҳо ва дигар мардумони ин ҳавзаҳои забонӣ ва фарҳангӣ дар як минтақаи бисёр густурда дар канори ҳам умр ба сар мебурданд. Ин сарзаминҳои зисти мардумони ориёӣ, бинобар маълумоти китоби Видевдод (бахши I) барои шинохти мардумони ориёӣ муҳим арзёбӣ мешаванд. Ҳамаи он

сарзаминҳои шарқи ориёӣ, ки дар Видевдод зикр шудаанд, дар таърихи ташаккули халқи тоҷик нақши муҳим доранд ва бештар забонҳои маъруфи ин навоҳӣ, аз ҷумла бохтарӣ, суғдӣ ва дигар гӯйишҳои маҳаллӣ дар рушди забони тоҷикӣ низ нақш бозидаанд.

Бохтар аз қадимтарин сарзаминҳои мардумони ориёии шарқӣ буда, ки зикри ин ном дар осори таърихӣ, аз ҷумла «Авесто» ва сангнабиштаи Дориюши I – шоҳи Ҳахоманишӣ дар Бесутун далели он мебошад. Ҳамчунин Бохтар аз он сарзаминҳоест, ки дар он як бахши Авесто дар замони густариши оини зардуштӣ аз ҷониби паёмбар Зардушт дар дарбори Виштосп – ҳокими Бохтар офарида шудааст. Ин сарзамин мисли Суғду Хоразм ва Сиистону дигар навоҳии шарқи Ориё дорои забони мустақил буд. Ҳамчунон ки дар бораи забонҳои суғдиву хоразмии давраи бостон чизе наметавон гуфт, дар мавриди забони бохтарии бостон низ ба дурустӣ наметавон қазоват кард. Аммо забони бохтарии бостон дар баробари суғдии бостон ва хоразмии бостон ҳамчун марҳилаи оғозии ин забонҳо мисли форсии бостон ё ориёӣ дар замони Ҳахоманишиён вуҷуд дошта ва мардумони Бохтар ба он такаллум мекардаанд. Ва ин ҳама забонҳо ва лаҳҷаҳо бо вуҷуди доштани муштаракоти фаровон аз ҳамдигар тафовутҳое низ доштанд. Ин тафовутҳо ё махсусиятҳои забониро бар асоси осори забонҳои бохтарӣ, суғдӣ ва хоразмии давраи миёна метавон мушоҳида ва хулоса кард.

Ҳамчунон ки аз муқоисаи осори забонҳои бохтарӣ, суғдӣ ва хоразмӣ ва таҳқиқи дақиқи савтиёту луғати онҳо бармеояд, забонҳои мазкур тӯли асрҳо қаробату шабоҳатҳои назаррасеро дар худ ҳифз намудаанд. Аз ин рӯ метавон қазоват кард, ки шабоҳату наздикии ин забонҳо дар ҳавзаи забонии шарқи Ориё дар аҳди бостон бо ҳамдигар боз ҳам наздиктар ва қавитар будааст.

Забони бохтарии бостон, ки дар як давра бо забони ориёии Ҳахоманишинӣ вуҷуд дошт, пас аз ишғоли Бохтар аз ҷониби Искандари Мақдунӣ (солҳои 329-327 пеш аз милод) ва таъсиси давлати Селевкиҳо якҷо бо забони юнонӣ мавриди истифода қарор дошт ва ҳамчун забони маҳаллии мардуми Бохтар ва навоҳии атрофи он ба шумор мерафт. Осори аз забонҳои

бохтарӣ, суғдӣ ва хоразмӣ ба даст омада ба давраи миёнаи ташаккули ин забонҳо иртибот дошта, дар ҳар маврид ин осор ҳамчун намунаи давраи дувуми рушди сохтори ин забонҳо аз қолаби бостон ба қолаби дигари давраи миёна маънӣ мешавад.

Нахустин намунаи осори бохтарӣ, ки соли 1957 дар Шимоли Афғонистон, дар Сурхкӯтали Бағлон дар яке аз ковишҳои бостоншиносӣ ба даст омад, як рухдоди ғайривоқеӣ дар сарнавишт ва шинохти забони бохтарӣ дониста мешавад. Пас аз кашфи Катибаи Сурхкӯтал дар 25 сатр соли 1957 бархе аз хусусияти забони бохтарии даврони миёна аз роҳи муқоиса бо дигар забонҳои матрук ва муосири шарқии эронӣ муайян карда шуд. Кашфи матни Сурхкӯтал ба омӯзиши забони бохтарӣ оғоз бахшид. Пас аз як соли кашфи ин Катиба дар солҳои 1958-1959 боз ду нусхаи ин матн дар ривояти дигар ба даст омад, ки ҳар кадоме дар ташхиси матни нахуст ва калимаҳои ҷудогонаи он бисёр муҳим арзёбӣ шудаанд.[57]

Забони бохтарӣ забони сокинони сарзамини Бохтар ё Тахористони асрҳои миёна буда, аз ибтидои ҳазораи аввали пас аз милод то садаи VI –и милод бо номи ориёӣ ёд мешавад ва баъд аз ба тахт нишастани шоҳ Канишка (соли 30-юми баъди милод) забони расмии давлатдории се шохаи салтанати Кӯшониён – Кӯшониёни Кабир, Кидориён ва Ҳайтолиён буд. Симс Вилямс чунин зикр мекунад: «Забони бохтариро метавон бо тамоми асосҳо дар садаҳои аввали солшумории милодӣ яке аз забонҳои муҳими ҷаҳони бостон номид. Ҳамчун забони модарии шоҳони кӯшонӣ ин забон барои тамоми мардумони сокини шоҳаншоҳии паҳновари Кӯшон, ки сарзаминҳои имрӯзии Афғонистон, Ҳиндустони Шимолӣ ва ҳамчунин бахше аз Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт, мафҳум буд. Ҳатто пас аз

[57] Дар борои осори бохтарӣниг.: Humbach H, Die Kaniska-Inschrift von SurkhKotal‖ Ein Zeugniss des jungeren Mithraismus aus Iran. Mit einem Beitrag “Dirus Vima Kadphises” Von Göbl R. Wiesbaden 1960; Хумбах Х. К находкам бактрийских надписей на Кара-Тепе // Новые находки на Кара-тепе в старом Термезе. Кара-Тепе IV- Т., 1975; Лившиц В.А. К открытию бактрийских надписей на Кара-Тепе//Буддийские пещеры Кара-Тепе в старом Термизе, Кара -тепе II, М. 1969. - С. 47-75; Henning W. B. Mitteliranisch‖H 60, 1958, ABT 1, Bd. 4, Absehn 1. 20-21; Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. - М., 1960. - С. 205-209; Стеблин-Каменский И.М Бактрийский язык // Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М., 1981. - С. 314-332.

шоҳаншоҳии Кӯшониён шашсад соли дигар бо ин забон менавиштанд, ки бозёфтҳои пайдошуда аз асри XI дар водии Тучои Покистон ва дастхатҳои буддоӣ ва монавӣ бо хат ва забони бохтарӣ дар минтақаҳои дурдасти Турфон дар Хитои ғарбӣ аз он шаҳодат медиҳанд. Ҳамин тариқ, истифодаи забони адабии бохтарӣ қариб ҳазор сол идома доштааст».[58]

Дар он замонҳо ба ҳайати давлатдории Кӯшониён ба ҷуз Тахористон Суғд, Хоразм, Гандҳара, қисмати шимолу ғарбии Ҳиндустон ва бахше аз сарзаминҳои ғарбии Чин дохил мешуданд. Бояд гуфт, ки Бохтару Суғд минтақаҳои марказии ин шоҳаншоҳӣ ба ҳисоб мерафтанд.

Чунон ки В. Ҳеннинг зикр мекунад, номи забони «бохтарӣ» ва ё «бохтарии бостон», ки бидуни ҳеҷ далел барои забони авестоӣ пешниҳод шуда буд, ҳанӯз дар охири асри XIX барои як замони тӯлонӣ фаромӯш гардида буд, ҳоло он дубора барои номгузории забони мардуми Бохтар, ки дар осори хаттии асрҳои миёна ба даст омадааст, метавонад истифода шавад.[59] Ин забон аз тарафи Канишка, шоҳи Кӯшон (аввали ҳазораи милодӣ) дар катибаи Работак «ориёӣ» номида шудааст. Ин забон ҳудудан то аввалҳои давраи исломӣ вуҷуд доштааст. Аз ҷумла, Самъонӣ қайд кардааст, ки забоне бо алифбои махсус ҳанӯз дар асри XII дар Хутталон вуҷуд доштааст,[60] ки дар ин ҷо асосан сухан дар бораи забоне меравад, ки хати он аз хати арабиасос фарқ мекардааст.

Дар миёнаи садаи XX, вақте ки ховаршиносон бештар ба таҳқиқи забонҳои эронӣ машғул буданд, аз ин забон фақат катибаи Сурхкӯтал ва якчанд навиштаҷоти болои зарфҳо ва сиккаҳо вуҷуд дошт. Вале дар муддати 50 соли охир аз ин забон зиёда аз 200 навиштаҷоту катиба бештар дар Афғонистону Тоҷикистон ва Ӯзбекистон пайдо гардид, ки хониши онҳо дар илми забоншиносии эронӣ инқилобе барангехт. Ин навиштаҳо бозёфтҳои бостоншиносон дар Работаки наздикии Самангони

[58] Симс-Вилямс Н. Новые бактрийские документы // Вестник древней истории. - М.1997. - №4.- С.3.

[59] Henning W.B. The Bactrian inscription. – BSOAS, 1960. -V.23, pt 1. - P. 47; Стеблин-Каменский И. М. Бактрийский язык // Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки, 1981. - С.315.

[60] Бартольд В.В. К вопросу о языках сагдийском и тохарском. – В кн.: Иран, т.1. - Ленинград, 1927. – С. 40.

Афғонистон, Тирмизи Ӯзбекистон, Дилварзинтеппаи Тоҷикистон, Урузгони Афғонистон ва Қуҷои Покистон мебошанд. Забони бохтарии кӯшонӣ аз лиҳози сохтор як забони дар ҳоли гузар ба забони гурӯҳи таҳлилӣ (аналитикӣ) мебошад.

Ба ҳар ҳол дар ибтидои асри VII милодӣ вуҷуд доштани алифбои юнониасоси бохтарӣ ва худи забони бохтарии тахориро сайёҳи Чин Сюан Тсизян, ки солҳои сиюми асри VII ҳам Суғд ва ҳам Тахористонро дида, чунин ёдовар шудааст: «… Аз рӯйи сохтори забонӣ (Тахористон) каме аз дигар шоҳигариҳо фарқ мекунад. Шумораи ҳарфҳои хат 25-то ҳисоб мешавад, онҳо ба ҳам омада таркибҳои гуногунро ташкил мекунанд, бо ёрии онҳо ҳамаро тасвир мекунанд. Хат ба таври уфуқӣ аз тарафи чап ба рост хонда мешавад. Осори адабӣ ба миқдори зиёд ва аз рӯйи ҳаҷм аз осори суғдӣ бештар мебошанд».[61]

Дар бораи муносибати байниҳамдигарии забонҳои бохтарӣ ва суғдӣ бояд ҳаминро гуфт, ки Суғду Бохтар вилоятҳои марказии Кӯшониён ба ҳисоб мерафтанд ва табиист, ки забони бохтарӣ ҳамчун забони расмии давлатдории Кӯшониён дар муддати тақрибан панҷсад соли ҳукмронии Кӯшониёни бузург, Кидориён ва Ҳайтолиён (аз ибтидои ҳазораи аввали мелодӣ то соли 570 милодӣ) дар баробари дигар забонҳои қаламрави онҳо ба забони суғдӣ таъсири бештаре доштааст. Забони бохтарӣ дар ин замон нақши фарҳангии хеле бузурге бозида, якҷоя бо забони суғдӣ барои интишор ва паҳн кардани тамаддун ва фарҳанги эронӣ ба минтақаҳои дигари Осиёи Марказӣ ва шарқӣ саҳми бузурге доштааст. Тавре ки муҳаққиқон қайд мекунанд, забонҳои бохтарӣ ва суғдӣ қонунмандиҳои умумии овоӣ (фонетикӣ) доранд. Биноан то ба ҳол ба таври мушаххас маълум нест, ки кадоме аз иқтибосҳои вожагонӣ ба забони бохтарӣ ё ба забони суғдӣ тааллуқ дорад.

Ақидаи баъзе муҳаққиқон дар бораи наздикии забони бохтарӣ бо забони мунҷонӣ ва ба ҳамин тариқ ба гурӯҳи эронии шарқӣ (шимоли шарқӣ) тааллуқ доштани забони бохтарӣ ба таври умум бо ягон намунаи мушаххас исбот нашудааст ва фақат метавон тахмин кард, ки забони мунҷонӣ шояд яке аз

[61] Стеблин-Каменский И. М. Бактрийский язык // Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. – М., 1981. - С.315-316.

лаҳҷаҳои гурӯҳи забонҳои эронии шарқӣ бошад, ки аз лаҳҷаҳои забони бохтарӣ фарқи зиёде дорад ва дар хати забони бохтарӣ ягон нишонаи умумияти онҳо сабт нашудааст.[62]

Бояд гуфт, ки тағйироти сифатии забони бохтарӣ (аз байн рафтани аломатҳои ҷинсият ва морфемаҳои шаклу калимасоз, тасрифи чандгонаи феълҳо, нобуд шудани ҳиссачаҳои калимасоз, мавҷуд будани бандаки изофӣ ва ғайра) ба он оварда расонд, ки ин забон аз ибтидои ҳазораи аввали милодӣ ба таҳаввулоти амиқе дучор гардад ва он оҳиста-оҳиста тарзе тағйир ёфт, ки соли 725-уми милодӣ забони пойтахти он - шаҳри Балх ба шакли тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) даромада, аз он аввалин намунаи шеъри ҳиҷоии тоҷикӣ дар шакли эҷоди даҳонӣ «Аз Хутталон омадиҳ» боқӣ мондааст.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки фарзияҳои доҳиёнаи В. Хаников ва дигар олимон, ки дар навишти муаррихони чинӣ бо ҳам хеле қаробат доштани *юэҷ, даюеҷ ва тоҷ(ик)*-ро зикр намудаанд, боз тадқиқоти муфассали забоншиносону матншиносонро тақозо дорад. Вале ба андешаи мо, ба ҳар сурат, дар этногенези халқияти тоҷик ширкат доштани кӯшониёну қавми ориёитабори юэҷиҳо набояд боиси шубҳа гардад, зеро давраи давлатдории Кӯшониён яке аз дурахшонтарин силсилаи давлатдории ниёгони ориёии тоҷикон дар Осиёи Марказӣ буда, дар ташаккули таърихии халқияти тоҷик ва ҳамчун миллати ҷудогона ба камол расидани он саҳми бағоят бузург дорад.[63]

Забони суғдӣ. Забони дигари шарқии эронӣ - забони суғдӣ дар баробари забони бохтарӣ дар сарзамини таърихии Суғд дар ташаккули халқияти тоҷик нақши муҳим дорад. Дар мавриди таъсири забони суғдӣ ба забони тоҷикӣ-форсӣ бинобар осори давраи аввал дар аҳди Сомониён ва даврaҳои баъдӣ то лаҳҷаҳои тоҷикӣ манбаъҳои муътамад мавҷуд буда, ин масъала то ҷое мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст.

Забони суғдӣ бинобар осори таърихиву ҷуғрофии юнонӣ, арабиву форсӣ дар давраи аввали ташаккули забони тоҷикӣ дар

[62] Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки. - М., 1981. - С. 345-346.
[63] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, 1999. - С.117.

аҳди Сомониён ва қарнҳои баъдӣ нақши бузург дорад, ки теъдоди фаровони чунин вожаҳоро дар осори адибони Мавароуннаҳр аз маводи хеле ҷолиби «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ метавон пайдо кард. Теъдоди бештари вожаҳои суғдӣ ва ё калимаҳои марбут ба дигар забонҳои маҳаллии шарқии эронии Мовароуннаҳр ва бахше аз Хуросон, ки дар осори даврони аввали дарӣ зиёд ба мушоҳида мерасад, дар бархе аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ то ба имрӯз истифода мешавад.[64] Ҳудуди густариши ин забонҳо дар ҳавзаҳои забонии шарқи Ориё дар сарзаминҳои ёдшуда яксон набуда, балки дар иртибот ба робитаҳои байналмилалӣ вобаста ба Роҳи абрешим мақоми миёнҷии забони суғдӣ ва дигар забонҳои шарқии эронии ин минтақа хеле назаррас аст.

Дастнависҳо ва осори забони суғдӣ, ки имрӯз дар марказҳои илмӣ ва китобхонаҳову осорхонаҳои Санкт-Петербург, Берлин, Париж ва Лондон нигаҳдорӣ мешаванд, далели чигунагии рушди ин забон то даврони исломӣ будааст.

Бинобар ёддоштҳои Сюан Тзан, ки дар солҳои 629-630 аз Осиёи Миёна ва шимоли Афғонистон убур карда буд, сарзамини бисёр паҳновареро аз Ҳафтрӯд то Кеш (водии Қашқадарё) ҳамчун кишвари Суғд (дар забони чинӣ - сулӣ) муаррифӣ карда буд.[65] Бар асоси манобеъ ва осори таърихӣ муҳаққиқон ба чунин натиҷа расиданд, ки дар нимаи аввали асри VII забони суғдӣ дар водии Зарафшон, Қашқадарё мавриди истифода қарор дошта, ҳамчунин дар Чоч ва дигар вилоятҳои канори Сирдарё ва Ҳафтрӯд то ба Иссиқ - Кӯл густариш пайдо карда буд.

Дар ҳамин давра забони суғдӣ дар ҷануб бо забони бохтарӣ (забони Тахористон) ҳаммарз буд.[66]

Аз забони суғдӣ осори фаровоне маҳфуз монда, ки имрӯз ин осор давраи миёнаи рушди забони суғдиро муаррифӣ

[64] Дар барои чунин луғат дар осори адибони Мовароуннаҳру Хуросон дар «Луғати фурс»-и Асади Тӯсӣниг.: Капранов В.А. «Лугати фурс» Асади Туси и его место в истории таджикской (форси) лексикографии. - Душанбе, 1964. - С. 84-150.

[65] Лившиц В.А., Хромов А.Л. Согдийский язык // Основы иранского языкознания. Среднеиранские языкы. - М.,1981. - С.348.

[66] Ҳамин асар. – С. 348.

менамояд.[67] Бархе аз масоили корбурди вожаҳои иқтибосии суғдӣ дар осори классикӣ, забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои он низ то ҷое мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, ки ин ҳама метавонад мавқеи забони суғдиро дар миёни лаҳҷаҳои маҳаллии Мовароуннаҳр муайян намояд.[68]

Давраи аз байн рафтани забони суғдӣ бо таъсири забони тоҷикӣ пас аз асри XI оғоз мешавад. Дар сарзамини Ҳафтрӯд забони суғдӣ тавассути забонҳои туркӣ аз байн бурда шуд. Раванди матрук шудани забони суғдӣ дар вазъияти дузабонии суғдӣ ва туркӣ ҳамеша ба манфиати забонҳои туркӣ анҷом ёфтааст. Ҳамин тариқ, дар сарзаминиҳои густариши таърихии хеш забони суғдӣ бо мурури замон аз истифода хориҷ шуда, пас аз қарни XI ба ҳукми забони матрук ворид шуд. Чунон ки академик В.В. Бартолд тазаккур медиҳад, сарнавишти забон ва миллияти суғдӣ ба он воқеияти умумие, ки дар таърихи Форс ва Туркистон дар даврони исломӣ мушоҳида мешавад, иртибот дорад. Агар дар Эрон бештари лаҳҷаҳои эронӣ бо мурури замон таҳти таъсири забони адабӣ аз байн рафта бошанд, дар ин ҷо дар натиҷаи таъсири унсурҳои туркӣ забони суғдӣ матрук ва ё мансух гардид ва ҳамин тариқ ин мардумон дар Ҳафтрӯд ва дигар манотиқи суғднишин турк гардонида шудаанд. В.В. Бартолд бо ишора ба суханони Маҳмуди Кошғарӣ оварда, ки сокинони Болосоғун ва дигар шаҳрҳо ба суғдӣ ва ба туркӣ такаллум мекунанд, ин ба он маъност, ки дар нимаи дуюми асри XI мардуми суғдинажод марҳилаи ниҳоии ба мардуми ғайр мулҳақ шуданро сипарӣ мекарданд. Аз ин рӯ, В.В. Бартолд ба ин натиҷа мерасад, ки буданд мардумоне, ки суғдӣ суҳбат мекарданд, аммо дигар мардумоне, ки танҳо ба забони суғдӣ гуфтугӯ мекарда бошанд, дигар вуҷуд надоштанд.[69]

---

[67] Дар мавриди осори гуногуни суғдӣ ниг.: Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. - М. 1960. с. 196-205; Лившиц В.А., Хромов А.Л. Согдийский язык //Основы иранского языкознания. Среднеиранские языкы. - М.,1981. - С.350-368.

[68] W.B.Henning.Sogdian Loan-Words in New -Persian||BSOS,X,1939, pp/93-106, Лившиц В.А. Согдийские слова в таджикском языке // Известия АН Тадж. ССР. Отделения общественных наук, 1957. - С. 31-43; Саймиддинов Д. Як нишонаи овоии вожаҳои иқтибосии суғдӣ дар форсии дарӣ ва гӯйишҳои тоҷикӣ// Номаи пажӯҳишгоҳ. Фаслномаи пажӯҳишҳои эроншиносӣ. - Душанбе, 2003. - С. 5.-22.

[69] В.В. Бартольд. К вопросу об языках согдийском и тохарском // Сочинения Т. II. - М., 1964. - С. 461-470

Катибаҳои аввалин ба забони суғдӣ дар ибтидои садаи XX дар Туркистони шарқӣ (Турфон), ки дорои матнҳои буддоӣ, насронӣ ва монавӣ мебошанд, ошкор гардиданд. Ин навиштаҳо бо се навъи хати оромӣ – хатҳои оромии суғдӣ, суриёнӣ ва монавӣ навишта шудаанд. Соли 1933 дар қалъаи Муғ (Тоҷикистон) як силсила санадҳои дигар, ки аз ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, маъмурӣ ва ғайра иборат буда ва бо номи «Бойгонии Девештич» низ маъруф аст, пайдо шудаанд. Ин навиштаҳо барои муайян кардани давраи инкишофи забони суғдӣ ва хусусиятҳои вожагониву дастурии он аҳамияти бузург доранд. Қадимтарин навиштаҳои забони суғдӣ бо номи «Номаҳои куҳан» ба асри IV ва боқимонда ба асрҳои VII-VIII милодӣ тааллуқ доранд.

Алифбои забони суғдӣ ҳам асли оромӣ дошта, дорои ҳузворишҳост. Масалан, ҳиссачаи инкории «не» дар забони суғдӣ бо идеограммаи L (портии L «не» ва форсии миёнаи L - nē) ифода шудааст. Хатҳои оромии суғдӣ, махсусан хати бо ном «суғдӣ» ба забони уйғурӣ низ гузашта дар асоси он хати уйғурӣ ба вуҷуд омадааст.

Хулоса, забони тоҷикии мо, ки ба ивази забонҳои форсии миёна, портӣ, бохтарӣ ва суғдӣ дар қаламрави густариши ин забонҳо ҷойгузини онҳо гардид, меросбари воқеии ин забонҳо мебошад.

БОБИ II
САРГУЗАШТИ ТАЪРИХИИ ВОЖАИ “ТОҶИК” ВА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

§1. Истиқлол ва масъалаҳои тоҷикшиносӣ. Пас аз эъломи истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон номи ҷумҳурӣ ва миллати куҳанбунёди мо дар акнофу ақсоми ҷаҳон ба таври расмӣ шинохта гардид ва ҳисси кунҷковию назарсанҷӣ нисбат ба давлати тоҷикон, фарҳангу тамаддун ва таърихи кишвари мо боло гирифт. Саволе ба миён меояд, ки мо кистем ва аз куҷо омадаем, маънои вожаи «тоҷик», ки бо ин вожа миллат, забон ва кишвари мо номгузорӣ шудааст, чист?

Илова бар ин, дар шароити имрӯз масъалаҳои таҳқиқи таърихи забони мо ва пайдо шудани шохаи нави илмии таҳқиқи ин масъала, яъне тоҷикшиносӣ пажӯҳиши вожаи «тоҷик» ва «забони тоҷикӣ» аз нигоҳи таърихӣ ва забоншиносӣ аҳамияти сиёсӣ ва давлатӣ пайдо кардааст. Ин аст, ки бояд таҳқиқу пажӯҳиши ҷанбаҳои гуногуни тоҷикшиносӣ беш аз пеш тақвият ёбад, зеро дар баробари аҳамияти илмӣ ва амалӣ ин масъала бештар хусусияти сиёсӣ, давлатӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ пайдо мекунад.

Мустаҳкам кардани пояҳои мавҷудияти давлати тоҷикон дар арсаи ҷаҳон ба василаи таҳқиқи ҳамаҷонибаи унсурҳое, ки ба номи давлат, миллат, сарзамин, ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ, ваҳдати миллӣ тааллуқ доранд, аҳамияти фавқулодаи давлативу сиёсӣ касб мекунад. Аз тарафи дигар барои баланд бардоштани маърифати сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии мардум ва ба ин васила таҳкими худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ ва иртиқои ҳувияти миллии тоҷикон донистани таърихи воқеии миллат зарур аст, ки яке аз роҳҳои асосии ба вуҷуд овардани тафаккури миллӣ, таблиғи ҳамаҷонибаи унсурҳои ваҳдатсози миллат, аз ҷумла дар умқи тафаккури миллат ҷой додани худшиносии миллат бо роҳи эҳтиром гузоштан ба таърих, забон ва фарҳанги миллӣ мебошад.

Акнун таҳқиқи муфассал ва ҳамаҷонибаи таърихи этникӣ ва забонии тамаддун ва фарҳанги ориёӣ, таҳқиқи ҳамаҷонибаи

этноними тоҷик барои устуворсозии бодалели мавҷудияти миллати тоҷик дар вокуниш бо дасисаву дурӯғбофии душманон ва бадбинони мардуми тоҷик аҳамияти ҳалкунанда дорад.

Дар бораи вожаи «тоҷик» ба маънои қавм, миллат ва ба мафҳуми истилоҳи забоншиносӣ, яъне номи забон маводи фаровон ҷамъ омада, назарияву андешаҳои гуногун то имрӯз иброз гардидааст. Вале бо вуҷуди чунин маводи фаровон дар илми забоншиносии ватаниву хориҷӣ ва баррасиҳои ҷиддии илмӣ то ҳол хулосаҳои ниҳоии илмӣ бароварда нашудааст.

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки масъалаи қавми тоҷик ва забони он ба масъалаи таърихи қавмҳои эронӣ, зодгоҳ ва ному насаби онҳо марбут мебошад. Бинобар ин, решаи калимаи «тоҷик»-ро қабл аз ҳама бояд дар матнҳои бостонӣ ҷустуҷӯ кард. Маводи бозмонда дар ин масъала аз ду қисм - яке нақлу тафсири ривоятҳои қадимӣ ва дигаре баррасии илмии ин мавзӯъ аз рӯйи манбаъҳо ва осори хаттӣ иборат аст.

Албатта, ба муҳаққиқон маълум аст, ки пайдо намудани маъхазҳои муътамад ва таъйини сарнавишти ин ё он ном кори душвор буда, таҳқиқоти забоншиносӣ, таърихӣ, мардумшиносӣ ва ғайраро талаб мекунад. Вожаи «тоҷик» дар даврaҳои тӯлонии таърихи инкишофи халқҳои ориёӣ тағйиру таҳаввул пазируфта, тобишҳои гуногуни маъноӣ пайдо намудааст. Дар таҳқиқи вожаи “тоҷик” ховаршиносони аврупоӣ нақши босазое доранд.

Таҳқиқу пажӯҳиши истилоҳи «тоҷик» ба таври илмӣ дар ховаршиносии ғарбӣ таърихи тӯлонӣ дорад. Истилоҳи «тоҷик» ба маънои номи халқ дар Осиёи Миёна ва минтақаҳои ҳамҷавори он дар илми ховаршиносии Аврупо ҳанӯз дар нимаи дувуми асри XVIII пайдо шуда буд. Дар китоби «Таърихҳои шарқӣ», ки дар Париж дар соли 1773 чоп шудааст, гуфта мешавад: «Ҳама шаҳрҳои Бухорои бузург ва Бухорои хурд то худи марзҳои Чин бухороӣ ҳастанд, ки … сокинони қадимиву бостонии ин диёр мебошанд. Онҳоро «тоҷик» ё «шаҳрнишин» меноманд. Дар тавзеҳоти китоб чунин омадааст, «тоҷик» маънои шаҳрнишинро дорад, ки бухороиҳоро чунин меноманд.[70] Бори нахуст дар илми аврупоӣ масъалаи пажӯҳиши вожаи «тоҷик» дар як мақолаи М. Клапрот бо номи «Дар бораи

[70] Anecdotes orientales. Premier partie… Paris, 1773. -P. 570, 735.

бухороиён» баррасӣ шудааст. Ин мақола соли 1823 дар ҷилди дувуми маҷаллаи «Журнал азиатик» чоп шудааст.[71]

Аввалин иттилоъ дар матбуоти Русия оид ба тоҷикон аз ин ҳам пештар пайдо шудааст. Дар маҷаллаи русии «Вестник Европы» (Паёми Аврупо) аз моҳи апрели соли 1815 мақолаи начандон калоне бо номи «Дар бораи халқҳои сокини Персия» чоп шудааст, ки дар он аз ҷумла гуфта мешавад: «Мардуми бумии ин давлат бо исми номниҳодаи форсҳо номи тоҷикро доранд. Онҳо моҳиятан омехтаи халқиятҳои гуногун, арабҳо, габрҳо (зардуштиён), яҳудиҳо буда, ихтиёрӣ ё ғайриихтиёрӣ ва маҷбурӣ дини муҳаммадиро пазируфтаанд».[72]

Соли 1806 М. Клапрот дар шаҳри Қазон бо бухороиҳо вомехӯрад, ки онҳо забони модарии худро «тоҷикӣ-форсӣ» мегӯянд. Бинобар ин, муаллиф ба натиҷае мерасад, ки сокинони Бухорои бузург ва Бухорои хурд худро тоҷик меноманд ва ин ном номи қадимии кишвари Форс ва форсҳо мебошад.[73] Дар ҳамин мақола бо истинод ба як рисолаи чопнашудаи олими франсавӣ Ж. Сан-Мартен дар бораи таърихи сулолаи Ашкониёни Порт менависад, ки ба ақидаи Ж. Сан-Мартен хулосаи босанад ва саҳеҳ оид ба истилоҳи «тоҷик» чунин аст: 1. номи «тоҷик, ки аз тарафи туркҳо ва тоторҳо ба мардуми форсизабони Форс, Афғонистон, Тахористон, Варорӯд дода шудааст, ҳамон номи қавми бостонии доиҳо мебошад, ки дар аҳди бостон аз Дануб то Бохтар ва дигар минтақаҳо паҳн шуда буданд; 2. Портҳо ва Ашкониён ба ҳамон гурӯҳи сакоӣ (скифҳо) тааллуқ доранд, ки номи «даи», «тоҷик» ва «доджик» ба халқияти онҳо мансуб будааст; 3. Ин ном аз тарафи сосониҳо ва форсҳо, ки аз зери юғи портҳо озод шуда буданд, рад гардида, баъдан маънои «варвар»- барбарӣ ё халқи номутамаддинро ба сари ин ном бор кардаанд. Вале халқҳои Скифия (Сакистон) ва Осиёи Шимолӣ, ки аз ин ҳодисаҳо ва дигаргуниҳои сиёсӣ дар канор монда буданд, ин номи бостониро барои номгузории форсҳо истифода мекарданд. Ба андешаи А.Л. Хромов, ин

[71] Klaproth. Sur Les Boukhares// Jonrnal Asiatique, t.2. Paris, 1823. - P. 154-163.
[72] Ниг: Хромов А.Л. К истории интерпретации этнонима «таджик» //Забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 1984. - С.28-29; О народах обитающих в Персии// Вестник Европы, апрель 1815. - №7. - С. 243-285.
[73] Klaproth., Sur Les Boukhares- Jonrnal Asiatique, t.2. Paris, 1823. - P.161.

хулосаи Ж. Сан-Мартен оид ба решаи портӣ доштани истилоҳи «тоҷик» бо пайдо шудани далелҳои нав исбот шуда истодааст. Вале тааҷҷубовар он аст, ки мақолаи И. Клапрот фаромӯш шудааст ва дар ягон сарчашмаи дигари марбут ба ин масъала ёдоварӣ намешавад.[74]

Афсари рус Е.К. Мейендорф, ки солҳои 1820-1821 як ҳайати дипломатии Русияро ба Бухоро ҳамроҳӣ мекард, соли 1826 дар Париж китобе чоп кард, ки дар он ба масъалаи мардуми тоҷик аҳамияти зиёде додааст. Ӯ менависад, ки тоҷикон «худро мардуми бумӣ ва таҳҷоии кишвар медонанд ва эҳтимолан бозмондаи суғдиҳо бошанд»[75]. Вале ӯ дар бораи решашиносии вожаи «тоҷик» чизе намегӯяд.

Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла Люшкевич Ф.Д. аз охири солҳои 70-уми садаи XX дар бораи ин вожа изҳори назар кардааст. Ин донишманди рус решашиносии калимаи «тоҷик»-ро ба шакли туркии– tāt эронизабон + пасванди туркии čik→ tatčik→ tačik→ tajik пешниҳод менамояд.[76] Вале ҳам аз лиҳози забоншиносхтӣ ва ҳам аз лиҳози таърихӣ ин фарзия далелу санади илмӣ надорад.

Аз лиҳози мардумшиносӣ бахше аз сокинони вилояти Форс худро тоҷик меноманд[77], ки хеле муҳим аст. Инчунин дар бораи тоҷикони Теҳрон низ донишмандон ҳанӯз дар садаи XIX маълумот медиҳанд.[78]

Вожаи «тоҷ» ва робитаи он бо вожаи «тоҷик». Яке аз маъмултарин ривоятҳое, ки дар бораи вожаи тоҷик вуҷуд дорад, ба калимаи «тоҷ» робита доштани он аст. Дар садаи XIX ақидаи Хаников Н.В. дар бораи ба вожаи «тоҷ» алоқаманд будани

[74] Хромов А. Л. К истории интерпретации этнонима «таджик»//Забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 1984.- С.28-29; О народах обитающих в Персии// Вестник Европы, апрель, 1815. - №7, с. 29.

[75] Мейендорф Е. К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. Москва, Главная редакция восточной литературы, 1975. - С. 103.

[76] Люшкевич Ф.Д. К исторической семантике термина таджик // Ономастика Средней Азии. - Фрунзе, 1980. - С.9-10. Люшкевич Ф.Д. Термин «тот» как этноним в Средней Азии, Иране и Закавказье // Советская этнография. – 1971. - №3.

[77] Mann O, Kurdisch – persische forschungen. Abt. I. Die tājik – Mundarten der Provinz Fars. - Berlin, 1909.

[78] Brugsch H.Heise der K.Preuss. yesandschait nach Persien, 1860 und 1861. Bd.1. - Leipzig, 1862. - P. 217.

вожаи «тоҷик» ба маънои «тоҷдор» густариш ёфта, ҷонибдорони зиёде пайдо кард. Ин андешаи Хаников Н.В. дар асари ӯ «Қайдҳо дар бораи мардумшиносии Персия»[79] чоп шуда, минбаъд аз тарафи донишмандоне чун Семёнов А.А., Вамбери А., Будагов Л., Де Лагард, С. Айнӣ дастгирӣ ёфт. Семёнов А.А. зимни тафсири андешаи Хаников Н.В. дар ин бора чунин менависад: «Бинобар ин, «тоҷик» ба ақидаи ӯ номе мебошад, ки мусулмонҳо ҳангоми истилои подшоҳии форсҳо ба пайравони Зардушт доданд ва эҳтимол дорад, ки худи пайравони дини зардуштӣ худро чунин ном мебурданд. Вожаи «тоҷик» ё «таҷик» дар забони ҳузворишӣ (эҳтимол забони форсии миёна дар назар бошад. -Э.Р.) ва «тозӣ»-и форсӣ ба маънои «араб» ба ин калима ҳеҷ муносибат надорад»[80]. Будагов Л. вожаи «тоҷик»-ро бо гунаҳои «тажик» ва «тазик» баргирифта аз решаи «тоҷ» медонад.[81] Ба ақидаи ӯ ин номро туркони қадим ва муғулон ба тамоми мусулмонон, ба ғайр аз мусулмонҳои худӣ ва авлоди кӯчманчиҳо, хориҷиёне, ки дар шаҳру деҳоти давлатдории онҳо зиндагӣ мекарданд, мансуб медонистанд. Махсусан ба мардуми Форс, ки шоҳони онҳо тоҷ бар сар доштанд.[82] (Форсҳо дар солҳои пешин кулоҳи нӯгдарози шабеҳи тоҷ, ки имрӯз дарвешон дар сар доранд, мепӯшиданд).

Донишманди олмонӣ Де Лагард низ истилоҳи «тоҷик» ва «тозӣ»-ро ба калимаи «тоҷ» нисбат дода, ин халқҳоро мардуми бумии Форс, ки на арабу на турканд, медонад.[83] Хаников Н.В. дар ибтидо вожаи «тоҷик»-ро бо калимаи юнонии «тагос» ба маънои пешво, ҳукмрон наздик медонист, ки ин калима дар асрҳои VI-V пеш аз милод дар забони юнонӣ вуҷуд дошт. Ӯ вожаи «тоҷик»-ро бо вожаи «додик» ва «таск» ва «паск» (номи қабилаву халқиятҳо дар осори муаллифони Юнони қадим)

[79] Khanikoff N.V. Memoire sur L̀ ethnographie de la Perse. - Paris, 1866. - P.87.
[80] Семенов А.А. Этнографический очерки Зарафшанских гор, Каратегина и Дарваза. - М., 1903. - С. 21.
[81] Будагов Л. Сравнительный словарь турецко –татарских наречий. СПб. – 1869. - Т.1. - С. 330.
[82] Семенов А.А. Этнографические очерки Зарафшанских гор, Каратегина и Дарваза. - М.,1903. - С. 22
[83] De laggard, Nachr, GGG, 1891. - S. 160; P. Horn. Grundriss der neupersischen Etumoloqie. - Strassburg,1893. - S. 81-82

ҳаммаъно медонист. Вале ин ақида аз тарафи донишмандони дигар дастгирӣ наёфт.[84] Андешаи Хаников Н.В. баъдан дар асари ҷомеи забоншиносӣ бо номи «Грундрис» дастгирӣ ёфт, ки дар он истилоҳи *тоҷик* ҳамчун истилоҳи нав, ки аз номи кулоҳ муштақ шудааст, талаққӣ гардидааст.[85] Вале дар солҳои баъдӣ дар ин бора ақидаҳои дигаре низ пайдо гардид. Донишманди рус Терентйев М. А. ҳиссачаи «ик»-и эрониро бо «ик»-и русӣ дар намунаҳои носик, ножик, мячик, валик ва ғайра муқоиса карда, ба хулосае меояд, ки вожаи «тоҷик» на маънои «тоҷдор», балки маънои «тоҷак», «тоҷи хурд»-ро дорад.[86] Вале аз нигоҳи асосҳои забоншиносӣ муқоисаи ин ду ҳиссача чандон дуруст ба назар намерасад.

Устод Айнӣ аз байни донишмандони тоҷик шояд аз аввалинҳост, ки ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир карда, мақолаи муфассале дар ин боб навиштааст[87], ки ҳанӯз соли 1943 ба забони русӣ тарҷума шуда буд.[88]

Дар ин мақола робитаи вожаи «тоҷик» бо калимаи «тоҷ» хеле муфассал таҳқиқ шудааст. Устод Айнӣ бо истинод ба фарҳангу луғатномаҳои зиёд собит месозад, ки истилоҳи «тоҷик» ба қавми араб ва истилоҳи «тозӣ» ҳеҷ гуна рабте надорад ва ҳамаи ин маъниҳо ва шаклҳои гуногуни калимаро луғатнависон бештар аз рӯйи шунид ё ба фарҳангҳои дигар такя намуда дар фарҳангҳои худ сабт кардаанд. Сипас таъкид мекунад, ки то ба ҳол дар бораи ин калима пажӯҳиши муфассали забоншиносӣ сурат нагирифтааст: «Калимаи «тоҷик» аз тарафи ягон муаллифи муътабар бо роҳи забоншиносӣ (лингвистӣ) то ҳол таҳлил карда, маънои аслии он баён карда нашудааст ва агар ягон таҳлили маъқуле шуда

[84]Ниг.Умняков И.И. О термине «таджик» // Труды Самгу, вып. 140. - Самарканд, 1964. - С.5.
[85] Grundriss der iranischen Philologie, hrsg von W.Geiger und Kuhn, Bd.2. - Strassburg, 1896 -1904. - S. 402.
[86] Негматов Н.Н.Государство Саманидов (Мавераннахр и Хорасан в IX-X вв.). - Душанбе, 1977. - С.273.
[87] Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С. 34.
[88] Махмадшоев Р., Обидов У., С.Айни о происхождении и значении этнонима «таджик» // Известия АН Таджикской ССР. – 1980. - №2. - С.89-93; Айнӣ С. Мунтахаби асарҳои илмӣ. - Душанбе, 2008. - С.3-21.

бошад ҳам, то ҳол ба воситаи адабиёти навишта ба мо нарасидааст...»[89].

Устод Айнӣ дар мақолаи худ кӯшиш кардааст, ки вожаи «тоҷик»-ро аз лиҳози забонӣ тафсир кунад. Албатта, ин тафсири устод дар бораи аз се бахши «тоҷ-ӣ-к» иборат будани ин калима баҳсангез аст ва дуруст будан ё набудани онро ба муҳаққиқони забоншинос ҳавола карда, ақидаи устодро айнан меорем. Ӯ менависад: «...Ба асоси ин мутолиа мо гуфтан метавонем, ки калимаи «тоҷик» аз се ҷузъ мураккаб аст: «тоҷ-ӣ-к». Ҷузъи якум «тоҷ» аст, ки зинати сари подшоҳон ва нишонаи подшоҳии онон буда, номи дигари вай дар форсӣ «афсар» ва дар арабӣ «иклил» аст; дувум ҳарфи «ӣ»-и нисбат аст. Масалан, мо «бухороӣ, самарқандӣ, сталинободӣ» гӯем, ҳамин «ӣ» ҳамроҳ мешавад ва чизҳо, ё шахсҳои ба ин шаҳрҳо мансубро мефаҳмонад; ҷузъи саввум «к»-и исмӣ аст. Ҳар вақт калима сифатеро, ё калимаи исми онро номи чизи махсус кардан хоҳанд, ин ҳарфро дар охири он калима ҳамроҳ мекунанд ва ин ҳарф ин калимаро исми хос мегардонад.[90]

Дар бораи мафҳуми «тоҷик» ба маънои этноҷуғрофӣ ахбору тахминҳои дигаре низ мавҷуд аст, ки баъдтар дар мавриди он таваққуф хоҳем кард, вале ин ҷо андешаҳои устод дар мавриди номи халқи тоҷик ва забони тоҷикӣ барои мо бисёр муҳим аст. Устод дар ин бора чунин менависад: «Он халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон, ки инҳоро баъд аз исломият «тоҷик» ва забонашонро «форсӣ» ё ин ки «тоҷикӣ» номидаанд, киҳо буданд?

Инҳо ҳамон халқҳои Осиёи Миёна ва Хуросон буданд, ки чандин аср пеш аз ислом дар ин сарзаминҳо ба тариқи муқимӣ – дар шаҳрҳо ва деҳаҳо ба хонаву ҷой зиндагонӣ карда, ба зироат ва касбҳои дастӣ умргузаронӣ мекарданд, инҳо ҳамон суғдиён буданд, ки дар шаҳрҳои марказии Мовароуннаҳр, дар канорҳо, водиҳо ва кӯҳҳои Зарафшон ва Бохтариёну Тахориён буданд, ки бо марказияти Балхи қадим дар Хуросон ва Чағониён буданд, ки бо марказияти Тирмиз ва Ҳисори

[89] Айнӣ С. Маънои калимаи «тоҷик» // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. Гирдоварӣ, пажӯҳиш ва таҳияи Мирзо Шукурзода. - Душанбе, 2009. - С.55.
[90] Ҳамин китоб. - С.53.

Шодмони имрӯза дар канорҳои рости дарёи Омӯя зиндагонӣ мекарданд».[91]

Ин гуфтаҳои устод Айнӣ имрӯз яке аз маъмултарин ваҷҳи тасмияи калимаи «тоҷик» аст. Вале ақидаи аз калимаи «тоҷ» пайдо шудани вожаи «тоҷик», ки аз тарафи аксари донишмандон, махсусан донишмандони тоҷику рус пешниҳод мешавад, аз тарафи таҳиягарони “Доиратулмаорифи исломӣ” «бидуни қайду шарт» ҳам аз лиҳози забоншиносӣ ва ҳам таърихӣ мардуд дониста шудааст.[92] Ҳол он ки ин ақида далелу бурҳонҳои зиёде дорад. Донишманди муътабар Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ дар асоси маъхазҳои чинӣ таъкид мекунад, ки вожаҳои “тот” ва “тоҷик” дар асоси талаффузи хитоии вожаи «тохар» дар шакли «тухулу» ё «тоҳиё» пайдо шудааст.[93] Баъзе дигар аз донишмандон гунаҳои гуногуни вожаҳоеро аз қабили Даития – номи рӯди муқаддас дар Осиёи Марказӣ (дарёи Сир),[94] Тарғитос номи яке аз пешвоёни қабилаҳои сакоӣ,[95] додигҳо яке аз қабилаҳои сакоӣ дар навиштаҳои Ҳеродот - муаррихи юнонӣ пешниҳод кардаанд,[96] ки гӯё дар асоси талаффузи гуногуни ин калимаҳо ба вожаи «тоҷик» расидан мумкин аст. Албатта, онҳо барои тасдиқи фикри худ аз маъхазҳои гуногун мисолҳо овардаанд.

Аз ҷумла, муҳаққиқи афғонистонӣ Ҷалолиддини Сиддиқӣ низ тахминан назари мушобеҳи устод Айниро баён намуда, дар мақолаи «Тоҷикон»-и худ чунин менависад: «Лафзи «тоҷик» ё «тожик» лафзи қадимӣ, ки ба мардуми сокин дар саросари фалоти Ориёно ё Эрони куҳан ё Хуросони Бузург итлоқ

---

[91] Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С. 53-54.

[92]Ниг.: Тоҷикон дар масири таърих. Гирдоварӣ ва таҳқиқи М.Шакурзода. – Теҳрон, 1373//1994. - С. 5; Назарзода С. Тоҷик: қавм, сарзамин ва забон // Тоҷикон дар қалаврави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С. 330-336.

[93] Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ. Дар бораи лафзи тоҷик ва тот - Тоҷикон дар масири таърих, Гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода. - Теҳрон,1373//1994. - С.111-112.

[94] Саидмуҳаммад Саҷодия. Боз ҳам Тоту Тоҷик // Тоҷикон дар масири таърих. Гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода. - Теҳрон, 1373//1994. - С.177-178.

[95] Ҳамон ҷо. - С. 179.

[96] Абдулаҳмади Ҷовид. Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо // Тоҷикон дар масири таърих. Гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода. - Теҳрон 1373//1994.- С. 193.

шудааст».[97] Донишманди дигари Афғонистон Абдулаҳмади Ҷовид дар як мақолаи хеш бо номи «Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо» дар бораи вожаи «тоҷик» менависад; Калимаи «тоҷик» (тоҷ-ик) ба маънои «тоҷвар» ва «тоҷдор» аст. «Ик» дар паҳлавӣ пасванди нисбат аст (-и- форсӣ-дарӣ). Чунончи дар «торик» ва «наздик» ҳам дида мешавад…

Муаллифи «Таърихи Байҳақӣ» шарҳи муфассале аз тоҷ ва тоҷпӯшии султон Масъуд дорад. Ин кулоҳи заррини кунгурадор, ки маъмулан лабаи болои он аз лабаи поин кушодатар аст, бештар аз моҳути зарбофт сохта мешуд ва матни он бо ҷавоҳири нафис музайян мебуд. Қисмати нукдунболи онро бо алмоси рахшон, ёқути румонӣ ва зумуррад ва парҳои зариф тазйин ва тарсеъ мекарданд. Риштаҳо ва шаробаҳои аз марворид аз ҳар тараф бо таносуби хоса кашида мебуд.

Лашкариён ағлаб нимтоҷи зебое мепӯшиданд, ки анвои мухталифи он дар нуқуше, ки аз асарҳои мухталиф боқӣ монда, дида мешавад».[98]

Мо низ мулоҳизоти худро дар бораи робитаи вожаи «тоҷ» ба калимаи «тоҷик» дар асари «Тоҷикон дар оинаи таърих, Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён» ба таври фишурда баён карда будем.

Маъмулан калимаи «тоҷик» ҳамрадиф ва ҳаммаънои «ориёӣ», яъне наҷибзодагон будааст. Ба забони имрӯзаи тоҷикӣ маънои калимаи «тоҷик» мардуми тоҷдор, олимартаба, озодманиш аст. Ва номи имрӯзаи «тоҷик» ба ҷойи номи этникии эрониёни кунунӣ ба ивази ориёӣ омадааст.[99]

Тоз, Тоҷ ва вожаи «тоҷик». Дар бораи истифодаи вожаи «тоҷик» дар даврахои пеш аз ислом ишора ва иттилооте дар даст ҳаст. Вале ин ишораҳо аз назари пажӯҳишгарон дур мондааст ва онҳо бештар ба минтақаҳои Муғулистон, Хитой, Тибет, Ҳиндустон ва қабилаҳои туркӣ дахл доранд, зеро аксари ин халқу қавмҳо ба воситаи тоҷикон аз фарҳангу тамаддуни Юнону Рум ва Арабу Аҷам ошноӣ пайдо кардаанд.

---

[97] Ҷалолиддин Сиддиқӣ. Тоҷикон // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С.342.

[98] Абдулаҳмади Ҷовид. Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо//Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. Душанбе, 2009. - С. 356-357.

[99] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. Душанбе, 1999. С.102.

Дар аксари асарҳои бозмондаи адабиёти санскрит дар минтақаи Ҳинд калимаи «тоҷик» ба маънои «форс» ё «эронӣ» қайд шудааст, яъне вожаи «тоҷик» бо форсизабон ҳаммаъно будааст. Вожаи «тоҷик» дар Ведҳо ба маънои «ориёиҳо» истифода шудааст, ки аз лиҳози таърихӣ ба ҳазорсолаи дувуми қабл аз мелод мерасад.[100]

Дар анъана ва суннатҳои порсҳои зардуштӣ номи «тоҷик» маънои хосе пайдо кардааст. Дар матни «Бундаҳишн» дар бораи марде бо номи «Тоз» ва зане бо номи Тозак (хоҳари Тоз) ва «Дашти тоҷикон» сухан меравад ва гӯё тоҷикҳо аз ин мард сарчашма мегиранд ва аз марде бо номи Ҳушанг эрониҳо баромада бошанд.

Дар солҳои охир чанде аз донишмандон дар баробари пешниҳоди дигар ақидаҳо оид ба маънои вожаи «тоҷик» маънои ба шахсияти асотириву ривоятие бо номи «Тоҷ» ё «Тоз» робита доштани ин калимаро ҷонибдорӣ менамоянд,[101] ки мухтасаран чунин аст. Дар адабиёти паҳлавии ба мо расида дар бораи як тан аз шахсони устуравӣ-саравлоди тоҷикон ва эрониён - Тоз ё Тоҷ ва ҳамсари ӯ Кавозак (дар Бундаҳишни ҳиндӣ) ва Тозак (дар Бундаҳишни эронӣ) сухан меравад, ки гӯё асосгузор ва саравлоди қавмҳои ориёӣ дар баробари Ҳушанг мебошанд. Умуман, ба таври мушаххас аз рӯйи гуфтаи муҳаққиқон ин калима, яъне вожаи «Тоз» дар «Бундаҳишн»-и эронӣ се маротиба, дар китоби «Матнҳои паҳлавӣ» дар қитъаи шеърии иборат аз 24 мисраъ ду бор вожаи «тоҷик» дар шакли ҷамъ «тоҷикон» бо ҳарфи «ж» омадааст.[102]

Дар ҳар се китоби давраи миёнаи рушди забони тоҷикӣ, яъне дар «Бундаҳишн»-и эронӣ, «Бундаҳишн»-и ҳиндӣ ва «Матнҳои паҳлавӣ» чунин назару ақида пешниҳод мешавад, ки

---

[100]Муъминджанов Х.Х. Авесто об этногенезе таджиков // Известия Академии наук РТ, серия философия и правоведение. - №1-2, 2002. - С. 184.

[101] Ҳамон ҷо. - С.184-191; Муъминҷонов Ҳ. Тӯрон- гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2004. - С.151-153, 186; Алиакбари Деҳхудо. Луғатнома. ҷ.7. - С. 9423; Назарзода С. Забон ва ваҳдати миллӣ.- Душанбе. 2007. – С. 20.

[102] Санскритско-русский словарь. Составитель Катерина В. А. - М.1978. - С.7; Кузнецов Б.И. Древний Иран и Тибет. Первая религия Бон. - Санкт Петербург, 1998. - С.12. Бекзода Комил. Нақши истилоҳи “тоҷик” дар устураҳои ориёӣ // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С.140-143; Муҳтарам Ҳотам. Тӯли таърихӣ ва арзи ҷуғрофии сайри вожаи “тоҷик” // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С.433-452.

Тоҷ ва Тоҷак (Кавозак) саравлоди қавми арабҳоянд, ки бо номи тозиён ёд мешавад. Дар ин манбаъҳо вожаи «тозиён» 11 маротиба ба маънои «қавми араб» такрор шудааст, ки дар ин бора баъдан сухан хоҳад рафт. Донишмандони тоҷик Ю. Яқубшоҳ ва Ҳ. Муъминҷонов ин ақидаро рад карда, исбот карданӣ мешаванд, ки ин ривоят решаи ориёӣ дошта, аз рӯйи мавқеи ҷуғрофиёӣ ҳам Тоз ва ҳам тозиёнро ба биёбонҳои арабнишин нисбат додан иштибоҳи маҳз аст, Тоз ва маҳалли сукунати тозиёнро ба маънои «саравлоди қабоили ориёӣ дар даштҳои паҳновари Осиёи Марказӣ» ҷустан лозим меояд.

Муҳаққиқи фарҳангу фалсафаи зардуштӣ Ҳ. Муъминҷонов бо истинод ба «Бундаҳишн»-и ҳиндӣ менависад, ки дар матни ин асар номи яке аз сарқабилаҳои ориёӣ ба шакли Тоз ва ҳамсари ӯ Тозак оварда шудааст ва Тозу Тозак (дар «Бундаҳишн»-и бузурги эронӣ номи зан Кавозак аст) асосгузор ва пояи авлодии умумияти таърихии ориёҳо мебошанд. Бархе аз сарчашмаҳои исломии асрҳои миёна тоҷиконро ба яке аз қабилаҳои эрониасли Тоҷ мансуб медонанд, ки ҳамон шакли арабишудаи Тоз аст.[103]

Донишманди дигари тоҷик К. Бекзода бо такя ба ривоятҳои тоҷикии аҳди бостон ақидаи Ҳ. Муъминҷоновро дастгирӣ намуда, чунин менависад: «Ҳамин тавр, бардошти куллии мо аз ин мавзӯъ ба ин қарор аст, ки шахсияти устуравии Тоҷ асос ва пояи нажод ва миллати тоҷикро ташкил медиҳад».[104]

Хулосаи аксари муҳаққиқон чунин аст, ки Тоз ё Тоҷ ҳамчун яке аз гунаҳои вожаи «тоҷик» ҳазорҳо сол қабл аз нуфузи арабҳо дар Осиёи Миёна вуҷуд дошт ва ин вожа, баръакс, аз ин минтақа, яъне аз Осиёи Марказӣ ба Осиёи Пеш, Осиёи Хурд, Эрону Байнаннаҳрайн ва дигар маҳалҳо интиқол ёфт.

---

[103] Муфассал ниг.: Муминджанов Х.Х. Авесто об этногенезе таджиков // Известия Академии наук РТ, серия философия и правоведение. - №1-2. – 2002. - С. 184-191; Муъминҷонов Ҳ. Тӯрон - гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. Душанбе, 2004, с. 151-153, 186; Тоҷикон дар масири таърих//Гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода. - Теҳрон, 1373. - С. 152-153, 169; Бундаҳишн (эронӣ) - Теҳрон, 1364. - С.82-83; Бундаҳишн (ҳиндӣ). - Теҳрон, 1368. - С. 93-96; Баҳор М. Пажӯҳише дар асотири Эрон. - Теҳрон, 1362. - С.137-141.

[104] Комил Бекзода. Нақши истилоҳи «тоҷик» дар устураҳои ориёӣ//Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С. 140.

Тай, тозӣ ва вожаи «тоҷик». Дар бораи вожаи «тоҷик» аз маъхазҳои асримиёнагӣ, даврони исломӣ маълумоти зиёду мухталиф, вале гоҳе мухолифи ҳам дар даст аст. Масалан, дар "Доиратулмаорифи исломӣ" бо истинод ба андешаи Бартолд В.В. пайдоиши вожаи «тоҷик»-ро аз номи қабилаи арабии «тай» (тозӣ ба маънии «араб» аз ҳамин ҷост) донистаанд, ки баъдан ба форсизабонон тааллуқ гирифтааст.[105] Баъзе асл ва решаи онро ба лафзи тозӣ мерасонанд, бо ин маънӣ, ки наздиктарин қабила барои форсиён қабилаи тай аз қабилаҳои Яман буд, ки форсиён ба онҳо алоқаи бештар доштанд ва мансуб ба онро тозӣ хондаанд, назири «розӣ» мансуб ба Рай. Сипас инро ба ҳамаи арабҳо нисбат доданд.

Вамбери А. дар асари худ бо номи «Очеркҳо дар бораи Осиёи Миёна» менависад, ки бухороиён ба баромади арабии худ гоҳ-гоҳ ишора менамоянд, вале ин ақида аз тарафи Хаников Н.В. рад карда шудааст.[106] Ақидаи аз қабилаи «тай»-и арабӣ пайдо шудани калимаи «тоҷик» аввалин бор аз тарафи ховаршиноси франсавӣ Катремар (1782-1852) пешниҳод гардид, ки мувофиқи он аз рӯйи анъанаи оромиҳо, ки қабилаҳои арабро аз номи «тайяне» - арабҳои бодиянишини бадавиҳо номгузорӣ намуданд, калимаи «тоҷик», «тазик» шакли сохташуда аз «тай»-и арабӣ дар шакли «разик»-розӣ, сокини Рай мебошад. Ин ақида аз тарафи олимони олмонӣ Нелдеке Т. ва Ҳюбшман Г. дастгирӣ ёфт.

Аз ҷумла, олими олмонӣ Ҳюбшман Г. мегӯяд, ки ин калима аз номи қабилаи арабии «тай» бо истифода аз пасванди «чик» ба монанди армании «сагчик», форсии «сагзи» аз «саг» ва форсии бостонии «сака» («сак»-намояндаи қабилаи сакоӣ) пайдо шудааст.[107] Ин ақида дар асари муҳаққиқи маъруф Семёнов А. А «Очеркҳои мардумшиносии кӯҳистони Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз» бештар тафсир шудааст. Мувофиқи тафсири маъмулии филологӣ вожаи «тоҷик» аз вожаи тай (طی) буда, номи яке аз қабилаҳои араб аст, ки дар даврони Сосониён дар ҳамсоягии

[105] Ниг.: Тоҷикон дар масири таърих. Гирдоварӣ ва таҳқиқи М.Шакурзода. - Теҳрон, 1373//1994. - С. 3; Бартольд В.В. Таджики.// Сочинения. - Т.1. - М., 1969. _ С. 469.

[106] Вамбери А. Очерки Средней Азии. - М., 1868 (аз асари Семёнов А.А. иқтибос шудаст)

[107] Hubschmann. Armenische grammatic, 1. - Leipzig, 1897. - S.86.

форсҳо мезистанд. Форсҳо намояндагони ин қабилаҳоро «тотчик» меномиданд. Дар давраи ишғолгарии арабҳо бошад, форсҳо, арабҳо ва умуман тамоми мусулмонҳоро тоҷик номиданд.[108] Ин ақида аз тарафи Бартолд В.В. ба як консепсияи мукаммал табдил дода шуда буд, ки маъно ва моҳияти он чунин аст: Этноними «тоҷик» аз калимаи «тай», номи яке аз қабилаҳои Арабистони Шимолӣ бармеояд. Аз ин калимаи «тай» вожаи форсии миёна ва армании «таҷик» ба маънои «араб» пайдо шудааст. Дар давраи исломӣ шакли баъдии «тазик» ва «тозӣ» пайдо шудааст ва аз шакли «тазик» шакли туркии «тажик» пайдо шудааст.

Табдилшавии ҳарфҳои «з» ва «дж» дар навишт вуҷуд доштани овози «ж»-ро мефаҳмонад, ки дар шакли «тажик» аз тарафи Маҳмуди Кошғарӣ истифода шудааст. Ин муаллиф ҳамчун Юсуфи Балосоғунӣ (асри Х1) ин калимаро ба маънои «форс» истифода бурдааст, вале туркҳо қаблан арабҳоро тоҷик меномиданд, ки шакли «даши» дар чиниҳо ба маънои «араб» онро исбот менамояд. Аз рӯйи фаҳмиши он замон ҳар ки дини исломро қабул мекард, араб мешуд. Таҳаввули вожаи «тоҷик» ба ақидаи Бартолд В.В. чунин аст, ки туркҳо ин вожаро аввал ҳамчун «мусулмон», «шахси дорои фарҳанги исломӣ» қабул карда, сипас ҳамчун истилоҳи мардумшиносӣ ба аксарияти мусулмонҳои ба онҳо маълум, яъне ба мардуми эронитабор итлоқ намуданд. Баъдан ин калима номи мардуми эронитабори Осиёи Миёна гардид. Ин ақидаи Бартолд В.В. дар якчанд асару мақолаҳои ӯ интишор ёфт ва тарафдорони зиёде пайдо кард.[109]

Вале бо пайдо шудани маводи нав андешаи ӯ ва тарафдоронаш аз тарафи донишмандоне чун Андреев М. С., Бобринский А., Кримский А., Миллер В., Боровков А. К. ва дигарон рад гардид. Махсусан Боровков А. К. оид ба ин масъала мақолаи алоҳидае навишта, бо чанд далели боэътимод ақидаи Бартолдро рад мекунад.

Бернштам А.Н. пешниҳод мекунад, ки калимаи «тоҷик» пеш аз ҳуҷуми араб дар асоси забони қадимаи тоҷикии

[108] Семёнов А.А Этнографические очерки Зарафшанских гор, Каратегина и Дарваза. - М.,1903. - С.21.
[109] Бартольд В.В. Сочинение.- т.2, ч.1. - М., 1963. - С.121, 456, 469-470.

сокинони Тахористон тахминан дар нимаи ҳазораи охири қабл аз мелод дар асоси решаи қадимии эронии сакоии «тажи» пайдо шудааст.[110]

Умняков И. И. ба ақидаи Бартолд шубҳа карда, тахмин мекунад, ки барои аз асоси форсии бостони «tag» (армании миёнаи «tag», оромии «taga», арабии «tādi») баровардани истилоҳи «тоҷик» асоси бештар дорад, ки ба ақидаи ӯ он ба маънои «кулоҳ» истифода мешудааст.[111]

Ин истилоҳ дар даврaҳои баъдӣ дар нашрияҳои гуногуни ғарбӣ ба тарзҳои гуногун тафсир шудааст. Дар нашри қадимии «Энсиклопедияи Британия» дар ин бора чунин тафсир дода шудааст: «Ба маънои имрӯзӣ ин калима «араб»-ро ифода мекунад. Он барои гурӯҳи мардуме, ки арабҳо дар даврaҳои аввали истилои араб дар байни онҳо сокин шуданд, низ истифода мешавад».[112] Ин тафсир дар вожаи «тоҷик» дар чопи баъдии ин энсиклопедия дида намешавад.

Дар асари Арнолд оид ба Афғонистон дар бораи вожаи «тоҷик» чунин иттилоъ мавҷуд аст: «Тоҷик» истилоҳи арабӣ буда, дар аввал шояд маънои «мусулмони ғайриараб» дошт, вале аз асри XIV ин тараф маънои «мусулмони муқимии форсизабон»-ро пайдо кардааст.[113] Вале Макс Климбург ақидаи нисбатан дигар дорад. Вай мегӯяд, ки вожаи «тоҷик» аз калимаи форсии «тази» сарчашма мегирад, ки форсҳо барои арабҳо ва авлоди онҳо аз никоҳ бо мардуми маҳаллӣ чунин ном гузошта буданд. Ҳамзамон бо тағйироти замонӣ ин калима ҳам тағйири маънӣ кардааст. Аввал ба маънои умумии мусулмонҳо ва баъдан ба маънои «эрониҳои сокини Афғонистон ва Осиёи Миёна» истифода шудааст.[114]

Хромов А.Л. бо такя ба ақидаи донишмандони эроншинос маводу бозёфтҳои забоншиносиро яке аз сарчашмаҳои асосии

[110] Бернштам А.Н. Тюрки и Средняя Азия в описании Хан Чао (726). ВДИ, 1952. - №1. - С.191-192.
[111] Умняков И.И. О термине «таджик»//Труды Самгу, вып. 140. - Самарканд, 1964. - С.6.
[112] The Encyclopaedia Britannica, vol, 21. - P.758.
[113] Arnold Fletcher. Afghanistan. - New York, 1966. - P.15.
[114] Max Klimburg. Afghanistan. - Wien, 1966. – P. 124.

решашиносии ин вожа дониста[115], зикр мекунад, ки дар матнҳои «Авесто» ва форсии миёна ва портӣ истилоҳи «тоҷик» ё калимае монанди он дида намешавад, ки мо ҳангоми таҳқиқ ба он такя кунем.[116] Аз рӯйи хусусиятҳои овоиву калимасозӣ ин калима бояд танҳо дар давраи на пештар аз давраи эронии миёна пайдо шуда бошад. Масалан, Шпигел шакли ин калимаро таҳқиқ намуда, ба хулосае меояд, ки гӯё ин калима дар давраи Сосониҳо ба маънои аввалияи «араб» пайдо шудааст.[117] Номи «тоҷик» бори аввал ба қавли Хромов А. Л. дар сарчашмаҳои давраи аввали истилои араб пайдо шудааст.[118] Дар адабиёти форсии миёна, ки бо шакли «паҳлавии китобӣ» навишта шудааст, ин калима дар шакли «t´eyk» дида мешавад, ки дар овонавишт ба шакли «tačik»[119] ё «tazig»[120] омада, ба маънои «араб» ва «арабӣ» дучор мешавад.

Ба қавли А. Л. Хромов барои муайян кардани решаи вожаи «тоҷик» пайдо шудани он дар матнҳои суғдии қалъаи Муғ дар шакли «tažik» - «араб» «tažikāne» «арабӣ» бисёр муҳим мебошад.[121] Ин бозёфт ақидаи Ҳенинг В. Б.-ро дар бораи вуҷуд доштани ин шакл дар асари монавии «Нофнома» (Феҳристи халқҳо) тасдиқ мекунад.[122]

Ҳенинг В. Б. «tājik»-ро аз «tazi(k)» ҷудо мекунад ва ақидаи аз вожаи «tā(t)»=čik (дар инҷо «čik» ҳамчун пасванди номсози этникӣ тасвир мешавад) пайдо шудани вожаи «tājik»-ро пешниҳод мекунад. Дар бораи маънои вожаи «тоҷик» баъд аз ворид шудани он аз забони суғдӣ ба тоҷикӣ – форсӣ мегӯяд, ки

---

[115] Ғафуров Б., Литвинский Б.Л. Узловые проблемы этногенеза в этнической истории народов Средней Азии и Казахстана (теоретический аспект) – Тезисы. - М., 1978. - С. 4.

[116] Хромов А.Л. К истории интерпретации этнонима «таджик»//Забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 1984. - С.28-39.

[117] Friedrich Spiegel. Eran. Dasland Zwischen dem Indus und Tigris. - Berlin, 1863. - S.146.

[118] Nybeg H.S. A manual of Pahlavi., Part 2. Glossary. - Wiesbaden, 1974. - P. 189.

[119] MacKenzie D.N. A concise Pahlavi dictionary. Oxford University Press, 1971. - P. 33.

[120] Yusti. F.Iranisches namenbuch. Hildesheim, 1963 (Nachdruck der Ausgabe Marburg, 1895). - S. 323; Davoud Monshi-zadeh. Topographisch – historische studien zum iranischen Nationalepos. - Wiesbaden, 1975. - S. 95-96.

[121] Хромов А.Л. К истории интерпретации этнонима «таджик»//Забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 1984. - С.28-39.

[122] Henning W.B. Sogdica. - London, 1940.- P.9.

он аввал маънои «эронии мусулмони муқимӣ» ва баъдан дар нимаи садаи Х1-и милодӣ маънои номи як халқи ташаккулёфта дар Осиёи Миёна ва Хуросонро гирифтааст.[123]

Хулоса, Хромов А.Л. ақидаи аз забонҳои эронии миёна пайдо шудани истилоҳи «тоҷик»-ро ба маънои «араб» дастгирӣ намуда, дар зимн пешниҳод менамояд, ки азбаски аз калимаи «tay» номи як қабилаи араб пайдо шудани вожаи «tāčik» аз лиҳози забоншиносӣ дуруст ба назар намерасад, бояд пажӯҳишҳоро дар бораи вожаи «тоҷик» ба қаъри таърих бибарем. Дар бораи муносибати байни вожаи «тоҷик» ва «тозӣ» ба маънои «қавми араб» чунин гуфтан мумкин аст, ки ин ақида тарафдорони зиёде дорад ва як навъ дар байни муҳаққиқони шарқшиноси эронӣ ва ғарбӣ ақидаи расмӣ ҳам ба ҳисоб меравад. Вале ҷустуҷӯҳои илмии солҳои охир гувоҳи он аст, ки ин ақида пояи илмӣ надорад ва вақте сухан дар бораи вожаи «тоҷик» ё «тозик» меравад, бояд таърихи қавмҳои эрониро дар назар гирифт. Зеро агар ба асарҳои илмиву динии давраи пеш аз исломӣ такя кунем, ҳам қавми тоз ва ҳам дашти Тозиён ба мавқеи ҷуғрофии паҳншавии халқҳои ориёӣ, ки бештар ба даштҳои Осиёи Марказӣ ва Сибири Шарқиву Ғарбӣ ва Урал тааллуқ дорад, рост меояд.

Бояд тазаккур дод, ки аксарияти муҳаққиқон вожаи «тозик»-ро дуруст муродифи «тоҷик» ҳисобидаанд, зеро аз матолиби боло ба хубӣ пайдост, ки сухан дар бораи тоҷикон меравад, на арабҳо. Бояд як чизро ҳам фаромӯш накунем, ки дар луғатномаҳо на ҳама вожаҳои забони тоҷикӣ-форсӣ дуруст шарҳ ёфтаанд. Зеро муаллифони луғатномаҳои замони исломӣ вожаҳои забони тоҷикӣ, форсии қадим, аз ҷумла авастоӣ, суғдӣ ё хоразмию бохтариро на танҳо дуруст намедонистанд, ҳамчунин ба ин адабиёт ва забон чун ба забони душмани дин муносибат доштанд ва аз ҳамин сабаб дар шарҳи калимаҳо норавшанӣ, чандмаъноӣ ва ғайра вуҷуд дорад. Аз ин ҷост, ки баъзе луғатҳо як калимаро ба чанд маъно шарҳ додаанд, баъзе олимони дигар ин маъниҳоро бо мақсади муғризонаи худ истифода кардаанд.

---

[123] Хромов А.Л. К истории интерпретации этнонима «таджик»//Забоншиносии тоҷик. - Душанбе, 1984. - С.28-39.

[123] Henning W.B. Sogdica. - London, 1940. - P.34-35.

Муҳаққиқи шинохта Муҷтабо Минувӣ дар мақолаи худ «Тоҷик ва турк дар асари Байҳақӣ» далелҳои зиёди таърихиро оид ба сарнавишти вожаи «тоҷик, тожик, тозик» баррасӣ карда, дар охир чунин натиҷагирӣ кардааст: «Аз тамоми мисолҳое, ки оварда шуд, рӯшан мешавад, ки мурод аз тоҷик ва тожику тозик дар кутуби форсӣ атбоъ ва саканаи эронӣ дар заминҳои эронинишин аст дар муқобили туркон ё муғулон, ки бар он арозӣ мусаллат будаанд. Баъзе аз фарҳангнависон, ба гумони ин ки ин калима бо лафзи тозӣ мумкин аст аз як асл бошад, онро ба маънии арабнажоде, ки дар сарзамини Аҷам зойида ва баромадааст, гуфтаанд. Осори ин ғалату саҳв дар «Сабкшиносӣ»-и марҳум Баҳор низ дида мешавад»[124].

Абулфазли Байҳақӣ дар ин асари гаронбаҳои худ дар бораи мардуми тоҷик, ки худро низ ба ин мардум мутааллиқ донистааст, маълумоти зиёде додааст, ки дар зер чанде аз онҳоро иқтибосан меорем:

«Ҳоҷиби бузург Алӣ бозгашт ва ҳамаи бузургони сипоҳро аз тозику турк бо хештан бибурд» (саҳ. 8).

«Афсӯс ва ғабн аст, ки коре ноафтодаро (яъне ба салтанат нишастани Муҳаммад ибни Маҳмуд, ки сар нагирифт) афзуни ҳафтоду ҳаштод ҳазор дирам (ки Муҳаммад дода буд ба бузургон ва лашкариён ба ҳангоми байъат кардан бо ӯ) ба туркон ва тозикон ва аснофи лашкар бигзоштан» (саҳ. 257).

«Бистгонӣ (моҳона, маош) набояд дод як сол, то моле ба хазона боз расад аз лашкар ва тозикон, ки чиҳил сол аст то мол мениҳанд ва ҳамагон бидонанд ва чи кор кардаанд, ки моле бад-ин бузургӣ паси эшон яла бояд кард?» (саҳ. 257).

«Пазируфтам, ки бад-он чи гуфтӣ, кор кунам ва мо мардумони наву ғарибем, расмҳои тозикон надонем. Қозӣ ба пайғоми насиҳатҳо аз ман бознагирад» (саҳ. 554).

«Абулҳасани Абдулҷалил хилвате кард бо амир ва гуфт: Мо, тозикон аспу шутури зиёдатӣ дорем бисёр ва ҳама аз неъмату давлати вай сохтаем ва ғараз дар ин на хидмат буд, балки хост бар номи устодам Бунаср чизе нависад.» (саҳ. 594-595) ва «Булҳасан ба хати хеш нусхате набишт ва ҳамаи аъёни тозикро дар он оварда» (саҳ. 595).

[124] Муҷтабо Минувӣ. Тоҷик ва турк дар асари Байҳақӣ//Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С. 191.

«Туғрал гуфт: Моро савоб он менамояд, ки буна пеш кунем ва ба сӯйи Деҳистон равем ва Гургон ва он навоҳӣ бигирем, ки тозикон сабукмоя ва беолатанд» (саҳ. 618).

«Фардо агар ҷанг бошад, аспони тозикон бистонем, ки бар (бо) уштур ҷанг натвон кард.» (саҳ 618).

«Амир Мавдудро дидам рӯй ба қарпуси зин ниҳода ва шамшер кашида ба даст ва асп метохт ва овоз медод лашкарро, ки эй ноҷавонмардон, саворе чанд сӯйи ман оед. Албатта, як савор посух надод ва ғуломони тозикон бо амир нек биистоданд ва ҷанги сахт карданд аз ҳад гузашта» (саҳ. 624)»[125].

Ҷойи зикр аст, ки дар чандин мавқеъ Абулфалзи Байҳақӣ аз ноҷавонмардӣ ва дасисаҳои дарбориёни тоҷик сухан ронад ҳам, мансубияти худ ба ин қавмро таъкид мекунад. Он ҷо ки мефармояд: «ману монанди ман тозикон худ намедонистем, ки дар ҷаҳон куҷоем ва чун меравад». Сухан дар бораи муҳорибаи назди Талхоб (Сарахс) матраҳ аст, ки он ҷо дабир иштирок карда, «нек битарсидааст»[126].

Вожаи «тоҷик» ва тахориву таоҷӣ. Вожаи «тоҷик» ба қавмҳои ориёии тахориву ҳайтолӣ иртиботи қавӣ дорад ва ба назар чунин мерасад, ки бо пайдо шудани тахориҳо ва таъсиси давлати шоҳаншоҳии Кӯшониёни бузург, ки дар ҳудуди 450-600 сол якҷо бо Ҳайтолиён дар минтақаи бузурги сарзаминҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Покистон, қисмати шимолии Ҳиндустон, Эрони шарқӣ ва Хитои ғарбӣ (Кошғару Хутану Уйғуристон, ки дар он давра Тахористони Хурд номида мешуд) ҳукмронӣ кардаанд, ташаккули халқи тоҷик оғоз мешавад.

Чунон ки дар мавриди бо ҳам алоқаманд будани тамаддуни ориёӣ ва халқи тоҷик ва махсусан пайванди этникии номҳои тахориҳо бо истилоҳи чиниҳо **«та-юеҷиҳо»** ё **«да-юеҷиҳо»** ва «тоҷик» қайд карда будам: «Қабилаҳои нахустини юечӣ, ки ба Бохтар омада, ба қавмҳои бумӣ омезиш ёфтанд ва пойдевори давлати кӯшониҳоро дар ин сарзамин бунёд гузоштанд, дар

[125] Муҷтабо Минувӣ. Тоҷик ва турк дар асари Байҳақӣ // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С.193-194.

[126] Сайфуллоҳи Муллоҷон. Зикри тоҷикон дар “Таърихи Байҳақӣ”//Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С. 186.

асноди чинӣ баъзан ба номи та-юеҷиҳо ё да-юеҷиҳо ёд мешаванд. Таърихшиносон бояд ба номи қабилаи та-юеҷи таваҷҷуҳ зоҳир намуда, иртиботи онро бо ҷанбаҳои этникии пайдоиши забони ниёгони тоҷикон ва истилоҳи тоҷик мавриди тадқиқ қарор бидиҳанд».[127]

Ба ҳамагон маълум аст, ки бо омадани тахориён ба минтақаи Бохтар номи ин сарзамин дигар шуд ва минбаъд Тахористон ба ҷойи Бохтар истифода гардид ва забони ин минтақа ҳам дар баробари истифодаи номи бохтарӣ ё кӯшонӣ забони тахорӣ номгузорӣ шуд, ки баъдан ба ақидаи баъзе муҳаққиқон[128] ҳам вожаи «тоҷик» ва ҳам вожаи «дарӣ» аз ҳамин калима маншаъ гирифтаанд, ки минбаъд мавриди баррасӣ қарор хоҳад гирифт.

Бояд хотирнишон кард, ки дар катибаҳои дар даврони охир пайдошуда вожаи «тоҷик» ба таври расмиву возеҳ барои ифодаи мардуми минтақаи Тахористон истифода шудааст, ки иртиботи онро бо калимаи «тахорӣ» нишон медиҳад. Бо таъсиси давлати Кӯшониҳои кабир истилоҳи «тоҷик» ба тамоми минтақаҳои ин шоҳаншоҳӣ паҳн мешавад ва маънои васеъро фаро мегирад.

Акнун дар натиҷаи кашфи осори пеш аз ислом, ки ба забонҳои бохтариву портӣ ва суғдӣ навишта шудаанд, мо метавонем рӯйи ин вожа хубтар рӯшанӣ андозем. Ин сарчашмаҳо аз тарафи донишманди тоҷиктабори Олмон Ғулом Ҷелонии Доварӣ ва устоди ӯ олими машҳури олмонӣ Ҳелмут Ҳумбох аз нав бозхонӣ шудаанд, ки дастоварди ахири илми забоншиносии эронӣ дар ин мавзӯъ мебошад. Дар ин ҷо се манбаи муҳим ба сурати хулоса пешниҳод мешавад, ки аз сангнавиштаи бохтарии Яковланг дар вилояти Бомиён (Афғонистон), сиккаи як подшоҳ бо лақаби ифтихоромези «Қайсари Рум» ба забони бохтарӣ ва як барг аз як нусхаи монавӣ-портӣ иборатанд.

---

[127] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, 2006. - С.63; Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих.Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён.- Душанбе, 2002. - С. 111-115.

[128] Муф. ниг.: Абдулҳай Ҳабибӣ. Забони дуҳазор сол қабли Афғонистон ё модарзабони дарӣ (Таҳлили катибаи Сурхкӯтали Бағлон), чопи дувум. - Кобул, 1385//2007. - С.140.

Сангнавиштаи Яковланг. Ин сангнавиштаи бохтарӣ ба рӯйи як оҳаксанги бо андозаи 25х33 см. ҳаккокӣ шуда, 13 сатр дорад. Қисмати калони сатри аввал (ки таърихи сангнавишта ҳам шомили он аст) ва қисмате аз сатри дувум бар асари ҷудо кардани сангнавишта аз девори маъбад зарар дида, нохоно шудааст.

Симс Вилямс таърихи тадвини ин сангнавиштаро соли 492 таърихи бохтарӣ (=724 милодӣ) медонад. Ҳарфҳои ин соли бохтарӣ ба ақидаи вай иборатанд аз: BQY=400+90+2. Вай соли бохтариро бо ин далел чунин хондааст, ки боварӣ дошт, зикри номи қавми тоҷик, ки дар сатри чаҳоруми сангнавишта зикр шудааст, иборат аз номи «тозӣ», яъне араб мебошад. Ба ақидаи вай таърихи тадвини сангнавишта дар соли 724 милодӣ баробар бо ҳуҷуми арабҳо ба Хуросон аст. Хониши Ғулом Ҷелонии Доварӣ на танҳо аз рӯйи аксҳо, балки бо истифода аз таҷҳизоти лабораторияи хатшиносӣ ва осебшиносӣ, ки дар ҷусторҳои ҷиноӣ истифода мешавад, сурат гирифтааст. Натиҷаи ин баррасӣ нишон медиҳад, ки ин таърихро бояд соли 392 тақвими бохтарӣ (624 милодӣ) хонд, яъне адади аввали сангнавишта T=300 мебошад. Пас мо бо ин хониш дар охири давраи сосонӣ, яъне дар замони инқирози давлати Сосониён қарор мегирем, ки Эрон, аз як тараф бо императории Руми шарқӣ дар ғарб ва, аз ҷониби дигар бо давлати туркон дар шарқ машғули ҷангҳои хунин буд ва бар асари ин набардҳо хеле заиф гардида буд.

Дар оғози сатри чаҳоруми сангнабишта номи ду қавм зикр мешавад. Симс Вилямс номи қавми аввалро **Дурку** (Dorko) мехонад (яъне ҳарфи аввалро дол мехонад) ва дар ин бора тавзеҳоти муфассал низ пешниҳод мекунад. Тавре вонамуд мекунад, ки дар он замон бино ба асноди Осиёи Миёна ба **турк дурку** мегуфтанд. Номи қавми дувум яъне **tazigo**–ро **тозик** ба маънои тозӣ=араб тарҷума мекунад, ки иштибоҳ аст. Таҳқиқоти лабораторӣ, ки аз тарафи Ғулом Ҷелонии Доварӣ сурат гирифт, ба равшанӣ нишон медиҳад, ки ҳарфи аввали калима дар қисмати поинӣ комилан баста набуда, балки каме боз аст, яъне ҳарфи аввал аз назари расмулхати бохтарӣ «т» аст, на ҳарфи «дол». Илова бар он ҳарфи аввали калима аз ҳарфи баъдӣ бисёр бузургтар аст ва ба ҳарфи аввали номи tazigo шабоҳат дорад. Бо ин тартиб хониши дурусти ин калима иборат аз Torko

«қавми турк» аст, ки мантиқан хониши дуруст барои ин қавм мебошад. Пас тарҷумаи дурусти ин ҷумла дар сатри чаҳорум чунин аст: **«kaldo torko xaro (o)do tazigo xaro stado. Вақте ки ман подшоҳи турк ва подшоҳи тозик (=тоҷик) шудам»**.[129]

Аз ҷониби дигар зикри номи як подшоҳи араб (Tazigo Xaro) наметавонад ҳеҷ гуна иртиботе бо маъбади будоӣ дошта бошад. Чӣ гуна як ҳукмрони араб ва мусулмоне хозир шудааст, ки дар маросими ифтитоҳи як маъбади буддоӣ ширкат кунад ва ё чӣ тавр шуда метавонад, ки араб дар он ҷо подшоҳ бошад. Мо дар шарқ дар оғози ҳуҷуми араб бо фармондеҳони низомӣ сару кор доштем ва арабҳо дар он замон хилофат доштанд на шоҳигарӣ.

Давраи ҳуҷуми арабҳо дар шарқи Эрон як давраи хунин буд. Арабҳо ба унвони истилогарон ва таблиғкунандагони як дини нав вориди сарзамини Хуросон шуданд. Ҳадаф ва мақсади онҳо паҳн кардани дини ислом ва нобуд сохтани динҳои дигар буд, ки бо хунрезӣ ва нобуд кардани фарҳанги мардумони ин сарзамин ҳамроҳ буд.

Бинобар он, ба таври куллӣ таъбири тозик **Tazigo** ба ҳайси араб ва санагузории сангнавиштаҳо бо соли 492 бохтарӣ (724 милодӣ) аз тарафи Симс Вилямс ба назар дуруст намерасад. Агар фарзан қабул кунем, ки ин таърих дуруст аст, боз ҳам дар он замон дар минтақаи Бомиён арабҳо ҳанӯз вуҷуд надоштанд. Дар он вақт дар шимоли Ҳиндукуш хонаводаи салтанатии Тегиншоҳиён ҳукмфармоӣ мекард. Дар минтақаи Бомиён хонаводаи салтанатии дигаре бо номи **Шер** (таваҷҷуҳ шавад ба унвони «Шери Хатлон ва Бомиён» дар ин давра) ва дар минтақаи ҳамҷавори он, яъне дар Ғур хонаводаи дигари шоҳӣ салтанат мекард, ки лақаби худро **шор** меномиданд. Хеле баъдтар, яъне дар замони халифаи Аббосӣ Мансур (753-774 милодӣ) шери Бомиён ба дини ислом гаройид. Ғулом Ҷелонии Доварӣ баъд аз хониши комили ин матн мегӯяд: «Ба ақидаи ман калимаи **Tazigo** дар сангнавиштаи бохтарӣ ҳеҷ чизи дигаре наметавонад бошад, ғайр аз номи қавми тоҷик, қавме, ки дар сарзамини Хуросони бостон (Афғонистони имрӯза) ва Осиёи Миёна маскангузин буданд. Аз рӯйи ин дарёфтҳои тоза метавон акнун қисмати фавқонии сангнавиштаи Яковлангро ин тавр

[129] Ғулом Ҷелонии Доварӣ. Чакидаҳое аз таърихи тожикон бар мабнои осори кашфшуда. davarygholam@hotmail.com.

тарҷума кард: «Дар соли 392 (624 милодӣ) моҳи сабул буд, ки обод шуд бунёди ин ступа (маъбади буддоӣ – Э.Р.) аз тарафи ман Алхис - писари Харос Хидеви Газон аз Роғи Замангон, вақте ки ман подшоҳи турк ва подшоҳи тозиг (тоҷик) шудам».[130]

Номҳои тоҷику арабу турк дар санаду ҳуҷҷатҳои дигари бохтарӣ, ки акнун кашф шуда ва аз тарафи Симс Вилямс хонда ва чоп шудаанд, омадаанд.[131] Аммо дар ин маврид ҳам Симс Вилямс иштибоҳ карда номи тозикро ба «араб» таъбир мекунад. Аммо ба қавли Ғулом Ҷелонии Доварӣ, аз ҳамин аснод низ метавон номи **тозик** ва **тозӣ (=араб)** –ро возеҳан аз ҳамдигар фарқ кард, ки Симс Вилямс ба он мутаваҷҷеҳ нашудааст. Ғулом Ҷелонии Доварӣ барои исботи фикри худ чунин намунаҳоро аз ҳуҷҷатҳои бохтарӣ пешниҳод мекунад:

1. Ба маънои мардуми тоҷик. Alo rōbigo odo alo bamoianigo alo **torko** alo **tazigo** alo ōdagosigo alo andaro uarso kiso «ҳамчунон рӯбӣ (яъне мардуми робӣ дар шимоли Афғонистон) ҳамчунон бомиёнӣ, ҳамчунон турк, ҳамчунон тозиг, ҳамчунон мардуми бумӣ ва касони дигар.

2. Ба маънои араб. Storgo **taziiaggo** gazito odo barito lado «Бояд ҷизяи бузург ва бароати тозӣ (=арабӣ) пардохт шавад».

Дар асоси ин ҳуҷҷату санадҳои нав метавон ҳоло номи ҳар ду қавми тоҷику тозӣ (араб)-ро ба сурати навишторӣ ва гуфторӣ возеҳу равшан аз ҳамдигар чунин ҷудо кард:

1. Tazigo = Тозик (ручӯъ шавад ба калимаи портӣ-суғдӣ =тожик) яъне номи қавми тоҷик;

2. Taziio =тозӣ (ки дар матни аснод ба сурати сифати **taziiaggo =**тозиянг омадааст), яъне араб.

Пас метавон чунин хулоса кард, ки шабоҳат ва монандии шаклии номи ин ду қавм ва омехта кардани онҳо бо ҳамдигар дар матнҳои осори адабӣ – таърихии давраи исломӣ ба матнҳои осори бохтарӣ ва форсии миёна (ручӯъ шавад масалан ба Бундаҳишн), ки дар он ҷо номи ин ду қавм тавре ки мебинем, хеле бо ҳам наздик будаанд, бармегардад.

---

[130] Ғулом Ҷелонии Доварӣ. Чакидаҳое аз таърихи тожикон бар мабнои осори кашфшуда. davarygholam@hotmail.com.

[131] Nicholas Sims-Williams. Bactrian Documents I (Studies in the Khalili Collection, Vol III). Oxford University Press 2000. - P. 127, 131,133.

Дар ин матн як калимаи дигар ҳам ба ду шакли мухталиф мисли **tazauo** ва **tazago** (ки аз назари забонӣ шакли аввалӣ «бостонӣ» ва шакли дувумӣ «нав» аст) зикр мешавад, ки Симс Вилямс инро ҳам иштибоҳан «араб» тарҷума мекунад. Аммо маънои ин калимаи бохтарӣ «тоза» мебошад. Яъне «draxmo **/tazago** simiggo» ба маънои «дирҳами тозаи симин (нуқрагӣ)» аст[132].

Нусхаи хати монавӣ – портӣ. Дар яке аз нусхаҳои хаттии монавӣ-портӣ (нусхаи хаттии шумораи 339 M) донишманди олмонӣ Варнер Зандерман (яке аз мутахассисони бисёр ботаҷрибаи таҳқиқи забони монавӣ) дар мақолаи «Як гувоҳии бостонӣ дар бораи номи тоҷик»[133] номи тоҷиконро дар ибораи **par tāžīgāne āwāk =** «Ба забони тоҷикӣ» кашф кард, ки ҳамчунон бо ҳарфи «г» ва ҳарфи «ж» мебошад. Дар ин нусхаи кӯчак омадааст, ки роҳибони монавӣ дар вақти ибодат **ба забони тожикӣ** ниёиш мекарданд. Ҷумлаеро, ки Варнер Зандерман кашф кард, унвони як ниёиш аст, ки дар миёнаи ақиби нусхаи 339 M ба ранги норинҷӣ навишта шудааст. Мутаассифона, як қисмати ин нусха аз байн рафтааст. Дар робита бо номи «тозиг» лозим аст хотирнишон намуд, ки ҳарфи z алифбои бохтарӣ (ки манзур ҳарфи zeta-и юнонӣ аст) барои ифодаи ду овоз (з ва ж) ба кор мерафт. Дар оғоз ҳар дуро бо ҳарфи z менавиштанд, аммо баъдан саъй шуд, то аз назари хатнигорӣ шакли «ж» -ро аз «з» фарқ кунанд. Барои нишон додани ҳарфи «ж» болои «z» се нуқта мегузоштанд. Пас калимаи бохтарии taziko-ро метавон дар асоси муодили монавӣ-портии он бо **ж** яъне **тожиг** хонд.

Сиккаҳои Тегиншоҳиён. Донишманди фаронсавӣ Эдвард Шоун дар китоби худ бо номи «Аснод дар бораи туркони ғарбӣ» (1903) дар робита бо муносибатҳои сиёсии сулолаи Ханҳо (Ҳонҳо)-и Хитой дар минтақаи марзҳои ғарбии онҳо дар Бохтар дар бораи шоҳони Хуросон бо номи «Тегиншоҳон»

[132] Ғулом Ҷелонии Доварӣ. Чакидаҳое аз таърихи тожикон бар мабнои осори кашфшуда. davarygholam@hotmail.com.

[133] Werner Sundermann. An Early Attestation of the Name of Tajiks. In: Medioiranica. Proceedings of the International Colloquim organized by the Katholieke Universiteit Leuven from the 21st to the 23rd of May 1990 (Orientalia Lovaniensia Analecta 48, Leuven 1993). - P. 163-171.

маълумот медиҳад. Яке аз шоҳони ин сулола дар солномаҳои чинӣ солҳои 745 милодӣ бо номи Пуфу-Чуан бо сиккаҳои ӯ ёд шудааст. Сиккашиноси маъруфи Австрия Роберт Гебл дар рисолаи бузурги хеш «Аснод дар бораи таърихи хунҳои эронӣ дар Бохтар ва Ҳинд» (ҷилдҳои 1-4, 1967) чанд сиккаи шоҳи дувуми Тегиншоҳиёнро чоп кард, ки ҳанӯз нопурра буданд ва хондани ин сиккаҳо низ душвор буд. Бо пайдо шудани тангаҳои нави ин шоҳ эроншиноси олмонӣ Ҳелмут Ҳумбох онҳоро бозхонӣ кард.

Дар ин сиккаҳо номи тозик бо «к» дар сиккаҳои арабӣ-сосонӣ дида мешавад, ки матни аслии сиккаҳо аз тарафи яке аз шоҳони сокини Хуросон, ки бо арабҳо мухолиф буд, ҳаккокӣ шуда ва ба ҷойи он лақаби хешро ба забони бохтарӣ рӯйи сиккаҳо сабт кардааст. Дар ин сиккаҳо вай лақаби ифтихоромези қайсари Рум (fromo kēsaro) дорад.[134] Ин сиккаҳо, ки дар солҳои 60 асри XX кашф шуданд, шомили маҷмӯае аз сиккаҳое аст, ки хониши панҷ адади онро олими олмонӣ Ҳелмут Ҳумбох ба донишмандон пешниҳод кард.[135] Дар ин сиккаҳо номи ин шоҳ нахуст ба сурати хулоса ин тавр омадааст: **fromo kēsaro bago xoadēo «қайсари Рум, Худои бузург»**.

Ин донишманд баъдан номи Taziko = тозикро дар маҷмӯаи дигаре дар «Феҳристи сиккаҳои Порис» кашф намуд ва тавонист чаҳор адади қобили хониши онро дар соли 1982 мунташир намояд.[136] Вай дар ин сиккаҳо дарёфт, ки номи ин қавм дар ҳолати ҷамъ Tazikano =тозикон (бо ҳарфи к) омадааст ва баъд аз он як калимаи дигар ҳам дида мешавад, ки назар ба заифии ҷой ва дар асари тахриби канори сиккаҳо нохоно маълум мешуд. Ҳелмут Ҳумбох хониши xaito ва xaigo-ро пешниҳод кард, аммо баъдан дар ҷойи дигаре вай хониши xoago-ро ироа мекунад ва дар натиҷа онро xoago Tazikano

[134] Baktrische Sprachdenkmäler I, 1966, p. 20ff; Davary, G.D. Baktrisch. Ein Wörterbuch. Julius Groos Verlag. Heidelberg, 1982. - P.192f.

[135] Helmut Humbach. New coins of Fromo kēsaro. In: G. Poller (ed.*): India and the Ansient World. Professor P. H. L. Eggermont Jubilee Volume*. - Leuven, 1987. - P. 81-85, plates XI-XIII.

[136] Helmut Humbach: Bactrian kidabo, odabo, malabo/malbo. In: Etudes irano-aryennes offertes à Gilbert Lazard. Paris 1989, 210-215. Ҳамон ҷо ручӯъ кунед ба: Phrom Gesar and Bactrian Rome. In: P. Snoy (ed.): *Ethnologie und Geschichte. Festschrift für Karl Jettmar*.- Wiesbaden, 1983. - P. 303-309.

мехонад ва бо «фотеҳи аъроб» тарҷума мекунад.[137] Аммо тибқи катибаи бохтарии Яковланг ва таҳқиқоти лабораторӣ, акнун собит шудааст, ки калимаи охирӣ дар ҳар чаҳор сиккаи охир иборат аз лақаби **xaro = хар** ба маънои «**шоҳ**» мебошад, ки дар асари заифии ҷой аз тарафи зарроб дуруст нақш нашудааст. Пас хониши дурусти рӯйи сиккаҳо чунин ба назар мерасад: fromo kēsaro bago xoadēo tazikano xaro - Қайсари Рум, Худои бузург. Шоҳи тозикон.

Пас ин сиккаҳо дар бораи вуҷуди подшоҳе бо лақаби **Tazikano Xaro,** яъне «шоҳи тоҷикон» шоҳиди таърихии муҳиманд, ки **Tazigo Xaro** дар катибаи бохтарии Яковланг ҷуз аз шоҳи тоҷик (бояд донист, ки калимаи хар=xaro аз калимаи xšθriyo омадааст ба маънои «шоҳ») ба маънои дигаре таъбир кардан ғайриимкон аст.

Дар қисмати гуногунии талаффузи ин калима дар лаҳҷаҳо метавонем натиҷагирӣ кунем, ки номи **Tazigo** дар сангнавиштаи Яковланг баробар аст бо номи **тожик** дар лаҳҷаи монавӣ-портӣ ва номи **тозик** дар рӯйи сиккаи қайсари Рум бо лаҳҷаи суғдии **тозик** баробар аст[138].

Дар бораи нисбат ба худ раво дидани унвони «қайсари Рум» ҳамин қадар бояд гуфт, ки вай бо подшоҳи Чин робита дошт ва дар як эътилофи сиёсиву низомӣ ба муқобили арабҳо ҷангида ва ба пирӯзиҳое низ ноил шудааст. Интихоби лақаби «Қайсари Рум» аз он хабар медиҳад, ки ин шоҳ дар қаламраваш қудратманд буда, тавониста буд ба арабҳо шикастҳое расонда ва онҳоро маҷбур ба пардохтани боҷ кунад (тавре ки аз рӯйи матни ақиби сикка собит мешавад). Ба монанди ҳамтои муосираш дар ғарб, яъне Лиони Савум, қайсари Рум (яъне Византия), ки арабҳоро дар вақти муҳосираи Константинопол дар солҳои 726, 739 ва 740-и милодӣ шикастҳои сахт дод. Дар ин маврид муаррихони араб хомӯш мондаанд.

Дар «Аснодӣ бохтарӣ»-и Симс Вилямс, ки соли 2000 дар як ҷилд чоп шудааст, боз як матн пешниҳод мешавад, ки тарҷумаи

---

[137] V.A. Livšic. Juridičeskie dokumenty I Pis'ma. Sogdijskie dokumenty s Gory Mug. - Moskau, 1962. - S. 78.
B. Gharib: Sogdian Dictionary (Farhangan Publications. Teheran 1995). - S. 385.

[138] Ғулом Ҷелонии Доварӣ. Чакидаҳое аз таърихи тожикон бар мабнои осори кашфшуда. davarygholam@hotmail.com.

он чунин аст: «Умед аст, ки мардуми Бомиён, турк, тоҷик ва маҳал… розӣ бошанд». Ин санад дар бораи фурӯши замин аст, ки соли 525 бохтарӣ баробар ба 758 милодӣ таҳия шудааст. Дар ин ҷо ҳам муҳаққиқи олмонӣ вожаи «тоҷик»-ро ба маънои «араб» тафсир кардааст, ки тавре аз намунаҳои боло мушоҳида кардем, ба ҳақиқат дуруст намеояд.

Аз ин матнҳо бармеояд, ки вожаи «тозиг» ба араб ва шоҳи араб ҳеҷ иртиботе надорад. Дар ин давра дар байни исломиён вожаи «шоҳ» ҳамчун истилоҳи расмӣ вуҷуд надошт. Аз ин матн чунин хулоса кардан мумкин аст, ки сухан дар бораи шоҳони маҳаллии тоҷикон меравад (масалан шоҳони тоҷики Бомиёну Хатлон), ки дар ин сарзамин то омадани арабҳо ҳукмронӣ мекарданд. Ин санади нави тоза дар бораи маъмул будани истилоҳи тожик/тозик/тоҷик гувоҳи он аст, ки забони тахории бохтарӣ оҳиста-оҳиста ба забони тоҷикӣ ва қавми бохтариҳои ин сарзамин ба халқи тоҷик табдили ном кардааст. Фақат истилои араб ва турктозиҳои ин давра тавонист пеши роҳи ин ҷараёнро, яъне ҷараёни ташаккули халқи тоҷикро гирад, ки бо омадани сулолаҳои тоҷиктабори Тоҳириёну Саффориёну Сомониён ин ҷараён аз нав ҷон гирифт ва дар давраи Сомониён ҷараёни ташаккули халқи тоҷик, ки дар давраи Кӯшониёни Кабир оғоз шуда буд, ба анҷом расид.

§ 2. Муродифҳои вожаи «тоҷик». Вожаи «тоҷик» ба ғайр аз ин маъноҳо бо калимаҳо хусусияти маҷозиву тавсифӣ низ пайдо кардааст, ки аксар хусусияти адабиву бадеӣ доранд.

Тавре ки аз осори хаттӣ ва гуфтаҳои муаллифон медонем, вожаи «тоҷик» дар манбаъҳои таърихӣ, ҷуғрофӣ ва фарҳангии худӣ ва бегона бо маъноҳои мухталиф ва баъзан мухолифи ҳамдигар назири араб, ғайриараб, турк, ғайритурк, муғул, ғайримуғул, арабзодаи дар Аҷам тарбиятёфта, номи маҳал, номи қабила, аҳли ноҳияи Форс, номи мардум, мусулмон, савдогар, шаҳрӣ, кӯҳистонӣ ва ҳатто номи сифатҳои далеру ҷанговар, тарсу, нарму мулоим, зебо ва амсоли инҳо ба кор рафтааст.

Дар бисёр мавридҳои дигар ин вожа чун номи мардуми форсизабони ориёинажод дар осори адабиву фарҳангии мо бо калимаҳои зиёде аз қабили эронӣ, аҷамӣ, порсӣ ё форсӣ, деҳқон ё деҳгон, аҳрор ё абнои аҳрор ё абноулаҳрор, озод, озода,

озодагон, озодзодагон, озоднажод ё озоданажод, озодмардум ё озодамардум, порсиён, порсигавҳарон ё форсигавҳарон, тоҷдорон, яздоншиносон ва ғайра муносибати муродифӣ доштааст ва мавриди истифодаи фарҳангиён ва муаррихон будааст.

Муносибати мутақобилаи вожаҳои «тоҷик» ва «турк». Аксарияти муҳаққиқоне, ки ба масъалаи калимаи «тоҷик» дахл кардаанд, дар саҳифаҳои осори хаттӣ сабт шудани онро бо ворид шудани қабилаҳои бодиягарду саҳронишини турк ба Хуросону Эрон ва ба вуҷуд омадани таркиби турку тоҷик (ё гоҳе - тоҷику турк) ҳамзамон донистаанд. Масалан, ба андешаи Абдулаҳмади Ҷовид, нимаи дувуми қарни шашуми милодӣ мусодиф бо зуҳури номи туркҳо дар Хоразм аст, ки пас аз ғалаба бар Ҳайтолиён вориди шимоли Афғонистон гардиданд ва ба Тахориён даровехтанд ва бо қабули тамаддуну фарҳанги пешрафтаи Тахориён ҷузви мардуми он сарзамин шуданд. Ва аз ҳамин замон аст, ки ақвоми турку тоҷик ба унвони халқҳои наздику ҳамразм бо ҳам ёд шудаанд.[139] Дар адабиёти форсӣ ин ду калима барои муқоиса ва муқобала назири Эрону Тӯрон дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба кор рафтааст. Саъдӣ гӯяд:

Араб дидаву турку тоҷику рум,
Зи ҳар ҷинс дар нафси покаш улум.[140]

Аз ҷониби дигар қавмҳои турку тозик дар гузашта ваҷҳи муштараки сиёсиву иҷтимоии хеле наздик бо ҳам доштанд ва дар сарчашмаҳои таърихӣ-адабии даврaҳои аввали таърихи исломии мо якҷо бо ҳам зикр шудаанд. Ба таври намуна нигоҳ кунед ба се мисоли зайл:

1. Туркӣ ҳама туркӣ кунад, тоҷик тоҷикӣ кунад,
Ман соате туркӣ кунам, як лаҳза тоҷикӣ кунам.[141]
Мавлавӣ.

[139] Хаскашев Т. Муродифоти вожаи тоҷик // Адаб, 1997. - №7-9. - С.7-17; Абдулаҳмади Ҷовид, Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С. 347-357.

[140] Абдулаҳмади Ҷовид. Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо // Тоҷикон дар масири таърих. - Теҳрон, 1373//1994. - С.194.

[141] Нақли қавл аз маҷаллаи Ориёнои бурунмарзӣ. - №11. - 2006. - С.194.

2. Кист аз тозику аз турк дар ин садри бузург,
Ки на андар дили ӯ дӯсттаре аз зару сим.
Буҳанифаи Исҳоқӣ (Таърихи Байҳақӣ).

3. «Мардуми Қазвин аз нахустин ҳукми шоҳ Исмоил бағоят навмед шуданд. Аксар мардум аз турку тоҷик ҳаросон шуда озими пойи қалъа шуданд. (Таърихи Алфӣ).

Таъсири мутақобила, омезиш ва ҳамдину ҳамфарҳангу ҳамзабон шудани ду ё якчанд қавм сабаби ҳамгунии онҳо мегардад. Барои он ки зарурати ташхису аз ҳам фарқ кардани як қавм аз қавми дигар пеш ояд, бояд ин ду қавм аз лиҳози теъдоди нуфус, мақому мартабаи сиёсӣ (ё низомӣ), илму фарҳанг ҳамсангу ҳамвазн бошанд. Тавре ки аз таърих маълум аст, туркҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр то замони инқирози сулолаи Сомониён (999) бо мардуми тоҷикзабони ориёинажод ҳамсангу ҳамтароз набуданд, агарчи дар баъзе гӯшаҳои паҳноии қаламрави Сомониён чунин омезиш мушоҳида мегардид. Танҳо аз даҳаи дувуми қарни Х1 калимаи «тоҷик» дар истифодаи алоҳида ё дар муқобила бо калимаи «турк» (ва гоҳе - муғул) дар саҳифаҳои осори хаттии исломӣ сабт мегардад. Гӯё бори нахуст ин калимаро Унсурии Балхӣ дар қасидае, ба тавсифи ғалабаҳои султон Маҳмуди Ғазнавӣ бахшидааст, ба кор бурдааст:

Зи Чину Мочин якрӯя то лаби Ҷайҳун,
Зи турку тоҷику зи туркмони ғузу хазар.

Баъдтар мо бо ин вожа дар шаклҳои «тожик» ва «тозик» дар «Девони луғот-ут-турк»-и Маҳмуди Кошғарӣ дучор меоем.

Пас аз зимоми роҳбарии идораи минтақаро ба даст гирифтани қабилаҳои туркнажод (Ғазнавиён, Қарохониён, Салчуқиён, Темуриён, Шайбониён…) ва дар корҳои маъмуриву низомӣ тадриҷан қувват гирифтани онҳо тазоди турку тоҷик (ё тоҷику турк) ҳам дар байни мардум маъруфу мутадовил гашта, дар тамоми қаламрави забони тоҷикӣ паҳн гардид ва тадриҷан доираи истеъмоли муқобилаи Арабу Аҷам ва арабиву аҷамӣ ва эрониву тӯрониро танг карда, ҷойгузини онҳо мешавад ва аз ин роҳ вожаи тоҷик бо калимаҳои аҷамӣ, порсӣ, эронӣ ва амсоли инҳо муносибати муродифӣ пайдо мекунад.

Деҳгон, деҳқон ва вожаи «тоҷик». Тавре ки огаҳем, вожаи тоҷикии аслии «деҳқон» (ё шакли қадимтараш - деҳгон ё

деҳагон) дар таърихи забони адабии мо бо маъноҳои зер истифода шудааст:

1. Табақае аз аъён ва ашрофи ҷомеа, ки илова бар сарватмандӣ, муҳофизи суннату анъана ва ривоятҳои миллӣ, ҳамосаҳо ва устураҳои паҳлавонӣ буданд. Ба маънии мутлақ эронӣ. Фирдавсӣ гӯяд:

Зи Эрону аз турку аз тозиён,
Нажоде падид ояд андар миён.
На деҳқон, на турку на тозӣ бувад,
Суханҳо ба кирдори бозӣ бувад.

Ба маънии аҷамӣ Фаррухӣ гӯяд:

Ҳар кас ба иди хеш кунад шодӣ,
Чи ибриву чи зотиву чи деҳқон.

Носири Хусрав гӯяд:

Ҷаҳонро дидаву озмудаӣ,
Шунидаӣ, гуфтаӣ тозиву деҳқон.

Ба маънии зардуштӣ:

Эй ба дил чу қиблаи тозӣ,
В-эй ба рух чу қиблаи деҳқон.

Ба маънии хаммор:

Соқӣ бидеҳ ратли гарон з-он май, ки деҳқон парварад,
Андуҳ барад, шодӣ диҳад, ғам бишканад, ҷон парварад.

Ба маънии барзгар:

Деҳқони солхӯрда чи хуш гуфт бо писар,
К-эй нури чашми ман, ба ҷуз аз кишта надравӣ.

Ба маънии тоҷик:

Як саф мирону Балъамӣ биншаста,
Як саф пири солеҳу деҳқон.

Озодагон ва вожаи «тоҷик». Дар ахбор омадааст, ки дар замони Хусрави Парвизи Сосонӣ, замоне ки ҳабашиҳо бар Яман тасаллут ёфтанд, Сайфи Зуязан амири Ҳимярӣ ба диёри Кисро рӯй оварда, имдод ҷуст ва Анӯшервон панҷоҳ ҳазор аскарро бо ӯ гусел кард ва ҳабашиҳоро аз хоки Яман ронд. Арабҳо ин лашкарро, ки солҳо зимоми умурро дар он ҷо дар даст доштанд, бан ул-аҳрор ё абно ул-аҳрор ва ё аҳрор ва ҳатто абно хонданд ва сипас ин калима лақаби тамоми форсизабонҳо гашт.

Вале дар адабу фарҳанги форсӣ бештар тарҷумаи форсии ин калима, ки вожаи «озода» (ва шаклҳои дигари он озодагон, озодафарзанд, покфарзанд, озодмардум ва амсоли инҳо) мебошад, ривоҷ ёфт.

Рӯдакӣ мегӯяд:

Доимо бар ҷони ӯ биларзам, зеро-к
Модари озодагон кам орад фарзанд.

Дақиқӣ мегӯяд:

Ман ҷоҳ дӯст дорам, ки озодзодаам,
Озодагон ба ҷон нафурӯшанд ҷоҳро.

Фирдавсӣ фармуда:

Бузургону бодониш озодагон,
Навиштанд аксар ҳама ройгон.

Ба андешаи ин адиби ватанпарвар пас аз ба сари ҳокимият омадани арабҳо:

Чу бисёр аз ин достон бигзарад,
Касе сӯйи озодагон нангарад.

Носири Хусрави Қубодиёнӣ:

Имрӯз шарм н-ояд озодзодагонро,
Кардан ба пеши туркон пушт аз тамаъ дутоӣ.

Аттори Нишопурӣ:

Чун туро мебинам аз озодагон,
Кай шиносӣ дарди корафтодагон.

Ашрофу аъроб ва тоҷику тозӣ. Дар осори ниёгони мо баъзан ба маънои фавқуззикр лафзи ашроф ва ашрофзода истифода шудааст, ки аз он мурод ҳамон тазоди арабиву аҷамӣ ё тоҷику тозӣ аст:

«Аз атрофи мамолики Тӯрону Эрон аз турку тоҷик ва аъробу ашрофи тавоир аз содоту уламо ва машоиху қуззот ҷамъ омадаанд» (Низомуддини Шомӣ).

Дар ин ҷо дар тазоди Тӯрону Эрон, турку тоҷик ва аъробу ашроф вожаҳои Эрон, тоҷик ва ашроф муродифи матнии ҳамдигаранд.

Лозим ба қайд аст, ки вожаи «озод» ё «озода» яке аз калимаҳои дӯстдоштаи адибони гузашта, алалхусус,

муаллифони асрҳои XI-XII будааст. Онҳо ин калимаро на танҳо бо тобишҳои сершумори маънои иловагӣ ба кор бурдаанд, балки дар асоси он вожаҳои сершуморе назири озода, озодӣ, озодагӣ, озодзод, озодвор, озодмард ё озодамард, озодмардум ё озодамардум, озодамардӣ ё озодмардӣ, озодхӯй, озодчеҳр, озодсарв ва амсоли инҳо низ сохтаанд.

Лафзи «тоҷик» дар «Варқа ва Гулшоҳ» ба маънии «шаҳрӣ», дар девони Шамс ба маънои «мардуми мулоим ва ором» ва дар маснавии «Қирону-с-саъдайн»-и Амир Хусрав ба маънои «далеру силаҳшӯр» ба кор рафтааст:

Як ҳамлаву як ҳамла, к-омад шабу торикӣ,
Чустӣ куну туркӣ кун, на нармиву тоҷикӣ.
«Девони Кабир».

Тоҷики гарданкашу лашкаршикан
Бештарӣ найзавару теғзан.
(«Қирону-с-саъдайн»).

Ҷомӣ дар ҷое ба маънии оҷиз ва ором ба кор бурда, гӯяд:

Пеши ҳиндуи чашми хунрезат,
Гашта туркон забунтар аз тоҷик.

Тоту сарт ва вожаи «тоҷик». Дар баъзе осори хаттии форсӣ ва кутуби муаллифони туркзабон мардуми форсизабони эронинажод ҳамчунин бо номҳои тот//тат, сорт//сарт, хоҷа, савдогар, ғалчаҳо ё кӯҳистониён ёд мешаванд. Ҳар кадоми ин вожаҳо дар мавриди муайян ва дар муқобила бо калимаҳои гуногун (бештар бо вожаи турк) бо лафзҳои эронӣ, аҷамӣ, форсӣ ва тоҷик (ва ин ё он гунаи онҳо) ва муродифоти дигари онҳо муносибати ҳаммаъноӣ ва муродифӣ пайдо мекунанд.

Бисёре аз муҳаққиқон номи қавми «тоҷик»-ро ба тотҳо марбут медонанд, ки бо ин ном то ба ҳол яке аз халқиятҳои эронитабор дар Қафқоз ёд мешавад.[142] Таҳқиқи муфассале, ки дар бораи вожаи «тоҷик» анҷом шудааст, ба қалами доктор Саидмуҳаммад Дабири Сиёқӣ тааллуқ дорад. Ӯ дар мақолаи худ бо номи “Тот ва Тоҷику Тозик” аз 98 манбаъ ва маъхазу сарчашмаҳои таърихии давраи исломӣ маълумот ҷамъоварӣ

[142] Ниг.: Муҳаммад Муҳити Табатабоӣ. Дар бораи лафзи тоҷик ва тот//Тоҷикон дар масири таърих. Гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода. - Теҳрон, 1373//1994. - С.103-114.

кардааст, ки қадимитарини он девони «Луғот ут-турк»- и Маҳмуди Кошғарӣ буда, дар охири асри XI таҳия шудааст[143].

Бояд тазаккур дод, ки аз тарафи муҳаққиқони илми тоҷикшиносӣ дар бораи мафҳуми калимаи «тот» ва «тат» маълумотҳои фаровон гирд оварда шудаанд. Бори аввал калимаи «тот» дар луғатномаи Маҳмуди Кошғарӣ оварда шудааст. Вожаи «тоҷик» ба маънои исми кулли ориёинажодон мебошад ва онро туркон ба ориёинажодон нисбат надодаанд. Зеро пайдо шудани вожаҳои «тот» ва «тоҷик» нисбат ба як миллати бузурги Осиёи Марказӣ тасодуфӣ нест. Вожаҳои «тот» ва «тоҷик»-ро зарурати таърихӣ ба миён оварда ва сабабҳо зиёданд.

Дар «Девони луғот ут-турк»-и Маҳмуди Кошғарӣ омада: «… татсиз турк булмос, бошсиз бурк булмас», яъне «турк бидуни тат (мардуми форсизабони эронитабор) намешавад, сар бидуни кулоҳ намешавад».

Мавлавӣ фармуда:

Агар тат сан, агар рум сан, агар турк,
Забони безабониро биёмӯз.

Калимаи «сорт» ё «сарт» низ номи дигаре аст, ки тоҷикҳоро бо он ном мехонанд. Мисоли тарҷумашуда аз матни туркии «Тузук»-и Бобур: «Рӯзи чаҳоршанбе (нуздаҳуми моҳи муҳаррами соли 626 ҳичрӣ), ҳангоми сабуҳӣ кардан аз рӯйи мутояба гуфта шуд, ки ҳар ки сортӣ гӯяд, ки пиёла бинӯшад».

Аз баррасиву мутолиаи осори муҳаққиқону пажӯҳандагон дар бораи вожаи «тоҷик» ва маънову даврaҳои истифодаи он ба чунин хулоса омадан мумкин аст. Албатта, ин хулоса фақат хулосаи афкори онҳост:

1. Тахмини Бартолд В.В. дар бораи дар даврони исломӣ аз шакли пешини «тачик» пайдо шудани шаклҳои баъдии «тозӣ» ва «тозик» асоси илмӣ надорад. Махсусан дар ҳамин давра номи «тозӣ» ба маънои «араб, арабизабон» аз «тоҷик» фарқ мекард.

2. Барои ҳамон замон бо зуҳури арабҳо дар Осиёи Марказӣ пайдо шудани вожаи «тоҷик» ё «тажик» аз «тазӣ» ё «тазик» ба маънои «араб» ва тамоман фарқ накардани арабҳо аз халқҳои

[143] Ниг. Назарзода Сайфиддин. Забон ва ваҳдати миллӣ. - Душанбе, 2007. - С. 18-19.

эронитабори Осиёи Миёна, ки туркҳо бо онҳо робитаҳои бевосита доштанд, асоси воқеӣ надорад.

3. Бояд ба назар гирифт, ки дар як солномаи тибетии соли 732 милодӣ тоҷикон ҳамчун сокинони бумии эронии Осиёи Марказӣ ва ҳамсоягони наздики Чин дар ғарб ёд мешаванд. Ин моро водор мекунад, ки ақидаи фарқияти куллӣ доштани вожаҳои «тозӣ» ва «тоҷик»-ро боз ҳам бештар тасдиқ намоем.

4. Вожашиносии дурусти эҳтимолии вожаи «тоҷик» - ҳамон решашиносии мардумии «тоҷдор» аз рӯйи доштани кулоҳи монанди «тоҷ ё шона» мебошад.[144]

6. Дар забони паҳлавии сосонӣ (порсик ё форсии миёна) калимаи «тоҷик» дар мавриди араб ё арабҳои эронишуда ва ҳам арабҳое, ки дини зардуштиро пазируфта буданд, ба кор рафтааст.

7. Зоҳиран калимаи «тоҷик» аз роҳи забони портӣ ба суғдӣ ва баъд ба форсии дарӣ ҳамзамон бо зуҳури ислом ворид шудааст. Баъзеро ақида бар ин аст, ки лафзи «тажик» дар забони хутании қадим, ки ба расмулхати бараҳманӣ навишта шуда, мустаъмал будааст.

8. Муғулон ғайри худро тозик мегуфтанд. Ҳамин ки туркон зоҳир шуданд, ин калимаро дар бораи ориёиҳо, яъне халқҳое, ки турк набуданд, истеъмол карданд.

Дар хулоса хотиррасон менамоем, ки муносибати муродифии вожаҳое, ки дар боло зикрашон рафт ва баъзе лафзҳои дигаре, ки дар ин бахш аз онҳо баҳс нашуд, аз лиҳози таърихи пайдоиш, ҷуғрофияи истеъмол ва тӯли корбаст, албатта, яксон нест. Аз ин вожаҳо қадимтарин ва асилтарин вожа «тоҷ»-и эронист, ки заминаи мушаххаси эронӣ дорад ва дар қатори ин калимаҳо сарсилсила мебошад. Вожаҳои дигар бо эҳтимоли қавӣ дертар дар муҳиту замонҳои мухталиф арзи вуҷуд кардаанд ва зоҳиран номҳое мебошанд, ки атрофиён дар гӯшаву канори қаламрави забони тоҷикӣ (форсӣ) дар шароити гуногун ба форсизабонони эронитабор додаанд. Бинобар ин, муносибати муродифии ин вожаҳо бо калимаҳои эронӣ, порсӣ (форсӣ), аҷамӣ ва тоҷикӣ дар тамоми паҳнои

[144] Боровков А.К. Филологические заметки//Сборник статей по истории и филологии народов Средней Азии, посвященними 80-летию со дня рождения Семенова А.А. - Сталинабад, 1953. - С. 49-53.

қаламрави забони тоҷикӣ ва дар тӯли таҳаввули он якнавохт набудааст.

§ 3. Хостгоҳ ва меҳани забони тоҷикӣ. Забони тоҷикӣ, ки имрӯз забони расмӣ ва давлатии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон аст, аз куҷо сарчашма мегирад ва он маҳсули кадом давру замони инкишофи тамаддуни ориётаборон аст? Барои то андозае равшанӣ андохтан ба ин масъала мо бояд пеш аз ҳама ин нуктаро дар назар дошта бошем, ки забони модарии мо имрӯз дар се кишвари ҳамзабону ҳамфарҳанги Тоҷикистону Эрону Афғонистон ба сифати забони расмӣ бо номҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ амал мекунад. Агар аз чанде тафовутҳои луғавӣ, овоӣ ва услубӣ сарфи назар кунем, мебинем, ки ин забон дар ҳар се кишвар дорои тартиб ва сохтмони дастурии ягона буда, дар дарозои таърих тағйироти ҷиддиеро аз сар нагузарондааст. Ҳол он ки дар тӯли асрҳо ин забон на танҳо дар ин се минтақа, балки дар минтақаҳои таҳти тасаллути забонҳои дигар низ вазифаи иртиботии ҳам расмиву ҳам ғайрирасмиро иҷро кардааст. Набояд ин нуктаро ҳам фаромӯш кунем, ки дар тӯли ин муддат ин забон бо чандин забонҳои дунё, аз қабили юнониву лотинӣ, арабиву туркиву муғулӣ, русиву англисиву фаронсавӣ дар иртибот буда, дар ин муборизаи тӯлонӣ барои бақои хеш агар гоҳе шикаст хӯрда, вале ҳаргиз мағлуб нагаштааст. Ҳол он ки тайи ин муддат садҳо забонҳои дигар бо соҳибони худ аз байн рафта, ҷойи худро ба забонҳои тавонотаре вогузоштаанд. Ин муборизаи барои нигоҳ доштани асолату покии худ дар баробари сели вожагони забонҳои бегона ва ҳатто дар зери итоати баъзеи онҳо (юнонӣ, арабӣ, русӣ) қарор гирифтани он дар бисёр маврид боиси мондагории миллати тоҷик будааст.

Дар бораи зодгоҳ ва хостгоҳи забони тоҷикӣ сухан рондан маънои онро надорад, ки мо хостаем ин забонро дар маҳдудаи ҷуғрофии як минтақа қарор дода, ин ё он сарзамини интишори забонро нисбат ба дигар минтақа болотар гузорем. Забони тоҷикӣ, ба ақидаи мо, ҳар қадар барои як тоҷики Тоҷикистону Осиёи Миёна ҳамчун забони модарӣ муқаддас бошад, ҳамон қадар барои тоҷикону форсизабонони Афғонистону Эрон ва дигар минтақаҳо азизу гиромист. Ба ҳамин хотир тарҳи ин масъала хусусияти илмӣ ва бештар ҷанбаи таърихию омӯзишӣ дорад.

Бо вуҷуди масъалаҳои зиёди баҳсангез дар таърихи забони мо чизи аз ҳама равшану бебаҳс муҳаббати мардум ба забони модарии хеш аст. Ин эҳсос махсусан дар замони Сомониён, ки даврони авҷу боландагии забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ба ҳисоб меравад, хеле баланд аст. Нависандагони нахустин китобҳои мустақил, баргардонандагони аввалин китобҳои илмиву динӣ аз забони арабӣ ба ин забон ва аҳли таҳқиқу дониши даврaҳои баъд дар ситоиши ин забон матолиби ҷолибе навишта, гоҳо аз рӯйи ишқу алоқа муболиғаҳо ҳам кардаанд.

Масъалаи хостгоҳи забони мо дар фарҳангу луғатномаҳо ва манбаъҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Масалан, имрӯз ин суханон маъруф аст, ки «забони форсии дарӣ забони аҳли биҳишт аст ва малоики осмони чаҳорум ба луғати форсии дарӣ такаллум кунанд…». Баъзеҳо навиштаанд, ки «мардумони даргоҳи Каён бад-он (форсии дарӣ- Э.Р.) мутакаллим буданд»…

Ҳамчунин овардаанд, ки аввалин касе, ки ба форсии дарӣ сухан гуфт, Каюмарс буд ва ё аввалин касе, ки ба форсӣ навишт Биюросп (Беварасп) писари Вандосп, маъруф ба Заҳҳоки мордӯши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ аст. Дар муқаддимаи Тафсири Табарӣ, ки дар замони Мансур ибни Нуҳи Сомонӣ ба форсӣ тарҷума шуд, омадааст: «… Ва дигар ин буд, к-ин забони порсӣ аз қадим боз донистанд. Аз рӯзгори Одам то рӯзгори Исмоил пайғамбар ҳама пайғамбарон ва мулукони рӯйи замин ба порсӣ сухан гуфтандӣ. Ва аввал касе, ки сухан гуфт ба забони тозӣ Исмоил пайғамбар буд… Ва ин ҷо бад-ин ноҳият забони порсист ва мулукони инҷониб мулуки Ачаманд».[145]

Муаллифи фарҳанги «Бурҳони қотеъ» менависад, ки забони форсӣ дар замони Ҷамшед ба вуҷуд омад ва амсоли онҳо.

Аммо аз инҳо агар бигзарем, куҳантарин ахбор дар мавриди шинохти забонҳои эронӣ, аз ҷумла забони форсии дарӣ, қавли мутарҷими маъруфи осори форсии миёна ба арабӣ Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ба шумор меравад. Ва аммо қадимтарин маъхаз ва манобее, ки роҷеъ ба забони форсии дарӣ маълумот додаанд, осори муаррихон ва ҷуғрофиянигорони араб

[145] Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҳабиби Яғмоӣ. - Теҳрон, 1339//1961. - С. 5.

аст. Муътабартарини онҳо се китоби зерин аст, ки ба шаклу тафсирҳои гуногун дар таълифоти муаллифони баъдӣ нақл шудаанд:

1. “Китоб-ул-феҳрист”-и Ибни Надим, таълифи Абулфараҷ Муҳаммад Исҳоқ ибни Яъқуб Надими Варроқ (ваф. 1007).

2. “Мафотеҳ-ул-улум”, асари Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Юсуфи Котиби Хоразмӣ (ваф. 1009).

3. “Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифат-ил-ақолим”, китоби Шамсиддин Абуабдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Аҳмад Мақдисӣ, маъруф ба Башшор (ваф. 1002).

Бино бар гуфтаи Ибни Муқаффаъ забонҳои форсӣ (эронӣ дар назар аст. –Э.Р.) аз паҳлавӣ, дарӣ, форсӣ, хузӣ ва суриёнӣ иборатанд. Аз ин забонҳо, аз ҷумла забони паҳлавӣ забони панҷ шаҳр: Исфаҳон, Рай, Ҳамадон, Наҳованд ва Озарбойҷон ва забони форсӣ забони мӯбадон ва уламо ва монанди инҳо дониста шудааст, ки бегумон ҳамон забони форсии миёнаи сосонӣ дар назар аст. Ҳамчунин таъкид гардидааст, ки забони форсӣ (яъне, забони форсии миёна – Э.Р.) «луғати мардуми Форс аст». Вале забони дарӣ забони «шаҳрҳои Мадоин» тавсиф шудааст: «аммо дарӣ луғати шаҳрҳои Мадоин аст ва дар дарбори подшоҳ бад-он сухан гӯянд. Ва мансуб аст ба мардуми дарбор. Ва луғати Машриқу Балх дар он ғалаба дорад».[146]

Бояд хотирнишон кард, ки маҳз ҳамин андеша дар таълифоти бештари муҳаққиқони баъдӣ ба такрор зикр гардида, аксари муҳаққиқонро ба иштибоҳ овардааст.

Аз ҷумла, Хоразмӣ ин андешаи Ибни Муқаффаъро дар бораи забонҳои эронӣ дар китоби худ бидуни ишора ба муаллиф, ё соҳиби “ал-Феҳрист” ва ё маъхази дигаре чунин овардааст: “...Дар сухан гуфтан ба панҷ забон: паҳлавӣ, дарӣ, порсӣ, хузӣ, суриёнӣ гуфтугӯ мекарданд. Аммо паҳлавӣ забоне буда, ки подшоҳон дар маҷлиси худ ба он сухан гуфт ва он забон мансуб ба “паҳла” аст ва паҳла номи панҷ вилоят: Исфаҳон, Рай, Ҳамадон, Наҳованд ва Озарбойҷон мебошад. Аммо порсӣ забони мӯбадон ва касони эшон буд ва дар вилояти Порс ривоҷ дошт.

[146]Ниг. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. - Теҳрон, 1349//1971. Ҷ.1. - С. 19, 26-27;Ниг.: Саргузашти забони форсии дарӣ. Муқаддимаи Расули Раҳин. - Стокголм, 2006. - С.9.

Аммо дарӣ забони шаҳрҳои Мадоин аст ва дарбориёни шоҳ ба он забон гуфтугӯ мекарданд ва он мансуб ба даргоҳи шоҳ, яъне мардуми пойтахт аст ва аз миёни забонҳои мардуми шарқ ғолиб аҳли Балх ба он сухан мегӯянд. Аммо хузӣ забонест, ки мансуб ба вилояти Хузистон мебошад ва подшоҳон ва бузургон дар хилват ва ҳангоми фароғат ва дар гармоба ва обзан ва ҷойи шустани тан ба он сухан мегӯянд. Аммо суриёнӣ мансуб ба вилояти Суристон ё Ироқ аст.

Аз ин ҷост, ки муаллифони баъдӣ ба тақлиди ин ақида забони дариро ба «мудун-ул-мадоин», яъне шаҳрҳои Мадоин нисбат додаанд, вале дар айни замон таъкид кардаанд, ки дар ин забон луғати Машриқу Балх нуфуз дорад.

Андешаи аввал, яъне забони «шаҳрҳои Мадоин» будани забони дариро муҳаққиқони имрӯз чандон саҳеҳ намешуморанд. Зеро Мадоин номи арабии пойтахти давлати Сосониён – Тайсифун буда, ин шаҳр дар наздикиҳои Бағдоди имрӯза қарор дошт. Арабҳо соли 637 ин шаҳрро забт карда, дар иртибот ба бузургиаш дар қиёси шаҳрҳои дигар вайро Мадоин (вожаи арабии *мадина* – шаҳр, ҷ. *мадоин*) ном ниҳоданд. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон ибораи «шаҳрҳои мадоин» ҳамчунин метавонад маънии шаҳрҳои бузург ва асосӣ, ки дар замони мо онҳоро «мегаполис» ё шаҳристон мегӯянд, низ ифода намояд ва эҳтимолан дар иқтибоси болоӣ маҳз ба ҳамин маънӣ истифода шудааст. Зеро ин ҳақиқат, ки забони расмии дину давлати Сосониён, ки шаҳри Мадоин (Тайсифун) пойтахти он давлат маҳсуб мегардид, забони форсии миёна буд ва осори фаровон ба ин забон таълиф ва аз забонҳои дигар тарҷума шудааст, ҷойи шакку шубҳа надорад.

Илова бар ин, чунон ки қаблан ишора рафт, худи Ибни Муқаффаъ аз беҳтарин донандагон ва мутарҷимони осори форсии миёна ба арабӣ маҳсуб мегардад ва дар хусуси таълифи асаре ба забони форсии дарӣ дар Мадоин то густариши Ислом ва дар асрҳои аввали исломият ҳанӯз камтарин маълумот ё иттилоот ба даст наомадааст.

Дигар матлаби иқтибоси болоӣ, ки Ибни Муқаффаъ забонҳои дарӣ ва форсиро дар баробари паҳлавӣ забони мустақил медонад шоистаи таваҷҷуҳ аст, вале ақидаи ӯ дар мавриди забонҳои суриёнӣ ва хузӣ қобили эътимод нест.

Маълум аст, ки забони суриёнӣ аз хонаводаи забонҳои эронӣ набуда, лаҳҷаи забони оромии шарқӣ, аз хонаводаи забонҳои сомӣ мебошад. Забони хузӣ ба эҳтимоли бархе аз муҳаққиқон бозмондаи забони қадими эломист.[147]

Дар радифи забонҳои эронӣ ном бурдани забони суриёнӣ ва забони хузӣ бешубҳа аз ҳамтаъсирии ин забонҳо, ки тайи солиён ва ҳатто қарнҳо дар ҷавори ҳамдигар қарор доштанд ва хати суриёнӣ ё оромиасос, ки бештари ёдгориҳои хаттии давраи миёнаи забонҳои эронӣ ба ин хат навишта шудаанд, шаҳодат медиҳад.

Ин матлаб, ки дар забони дарӣ «луғати Машриқу Балх… ғалаба дорад», яъне аксари вожагону истилоҳоти забони дариро вожагону истилоҳоти Машриқу Балх ташкил медиҳанд, метавон гуфт нахустин назарияи муътамадест, ки ба оғозгоҳи аслии забони тоҷикӣ (дарӣ) будани Балх ва дигар шаҳрҳои шарқи Эрони таърихӣ, яъне Хуросону Моваруннаҳр ишорат мекунад.

Муҳаммади Хоразмӣ дар «Мафотеҳ-ул-улум»-и худ дар хусуси забони дарӣ, тавре пештар гуфтем, айни ҳамин гуфтаи Ибни Муқаффаъро ба иборати дигар шарҳ медиҳад: «Дарӣ луғати мардуми шаҳрҳои Мадоин аст ва касоне, ки дар дарбори шоҳ буданд, бад-он сухан мегуфтанд. Пас ин калима мансуб ба дарбор аст. Ва аз байни луғати аҳли Машриқ луғати мардуми Балх дар он ғолиб аст».[148]

Чунон ки мебинем, дар бештари навиштаҳо забони дарӣ забони шаҳрҳои Мадоин ва дарбориёни шоҳ тавсиф гардидааст. Пас, савол ба миён меояд, ки ин забон аз ибтидо забони кадом шаҳр ва дарбори кадом подшоҳ аст?

Гумон меравад ба ин пурсиш бори нахуст муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» (1017/1608) Ҷамолиддини Ҳусайни Инҷу посух ҷустааст. Ин муаллиф ва минбаъд бо иқтибос аз ӯ муаллифони фарҳангу луғатномаҳои «Бурҳони қотеъ» (1062/1652), «Ҳафт қулзум» (1815), «Фарҳанги Онандроҷ» (1304/1926), «Ғиёс-ул-луғот» (1242/1827) ва дигар муаллифону муҳаққиқони баъдӣ дар бораи чигунагии пайдоиши забони дарӣ

[147] Хромов А.Л. Хорезм в древнеиранских и среднеиранских письменных источниках//Хорезм и Мухаммад ал-Хорезми в мировой истории и культуре. - Душанбе, 1983. - С. 32.

[148] Ниг.: Муҳаммади Муин. Порсӣ ё дарӣ // Нигин, давраи 7. - С. 61.

ҳама ба як иборат ривояти зеринро нақл кардаанд: «…дар замони Баҳмани Исфандиёр, чун мардум аз атрофи олам ба даргоҳи ӯ меомаданд ва забони якдигарро намефаҳмиданд, Баҳман фармуд то донишмандон забони форсиро вазъ карданд ва онро дарӣ ном ниҳоданд, яъне забоне, ки ба даргоҳи подшоҳон такаллум кунанд ва ҳукм кард то дар мамолик ба ин забон сухан гӯянд».[149]

Аз ин ривоят ду натиҷа берун меояд, яке ин ки забони дарӣ забони дарбори ҳокимони Балх аст, зеро Баҳмани писари Исфандиёр ҳокими Балх буд ва дигар забони дарӣ аз забони форсӣ (паҳлавӣ) вазъ гардидааст. Вале натиҷаи дувумӣ, яъне аз форсӣ ё паҳлавӣ муштақ гардидани забони дарӣ ба матолиби дар боло ёдшуда мухолифат дорад.

Муаллифи «Аҳсану-т-тақосим» дар хусуси забони дарӣ будани забони аҳли Бухоро ва дарбори амирони вай изҳори назар кардааст: «ин забон (яъне, забони аҳли Бухоро – Э.Р.) дарӣ мебошад ва аз он рӯй ин гуна забонро дарӣ номанд, ки номаҳои шоҳон бад-он навишта мешавад ва ба вай мерасад. Ва аз решаи «дар» сохта шуда, зеро ки забонест, ки дарбориён бад-он гуфтугӯ медоранд».[150]

Муаллифи «Бурҳони қотеъ» (1062/1652) ҳамчунин забони дариро ба шаҳрҳои Балху Бухорову Бадахшону Марв нисбат медиҳад: «гӯянд луғати сокинони чанд шаҳр будааст, ки он Балху Бухоро ва Бадахшону Марв аст».[151]

Соҳиби «Фарҳанги Рашидӣ» (1064/1654) Абдуррашиди Татавӣ низ ҳамин андешаро дар хусуси забони дарӣ будани забони аҳли Балху Марву Бухоро ёдовар шудааст: «ва баъзе гуфтаанд, ки он (яъне, забони дарӣ – Э.Р.) забони Балхи Бомӣ ва Марви Шоҳҷон ва Бухорост».[152]

Чунон ки ба мушоҳида мерасад, дар аксари матолиби ёдшудаи муҳаққиқон ва луғатнигорони пешин, забони дарӣ забони шаҳрҳои Балх, Марв ва Бухоро дониста шудааст, ки

[149]Ниг.: Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. - Теҳрон, 1349//1971. Ҷ.1. - С. 19.
[150] Абуабдуллоҳи Муҳаммади Мақдисӣ. Аҳсану-т-тақосим фӣ маърифат-ал-ақолим. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. - Теҳрон, 1361//1983. - С. 491.
[151]Ниг. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. - Теҳрон, 1349//1971, ҷ.I. - С. 19.
[152] Абдуррашид ат-Татавӣ. Фарҳанги Рашидӣ. Ба тасҳеҳи Муҳаммади Аббосӣ. ҷ.I, - Теҳрон, 1367//1989. - С. 47.

ибтидо аз шарқи Эрони таърихӣ зуҳур кардани ин забонро таъйид менамояд.

Маликушшуаро Баҳор менависад: «Забони дарӣ, яъне забони имрӯзаи мо дар ҳама навоҳии Осиёи Миёна, ки қисмати умдаи он имрӯз ҷузви Тоҷикистон аст, нахуст падидор шуда,... сипас ба мағриб ва шимоли Эрон, ки забонаш дар давраи пеш аз ислом забони паҳлавӣ будааст, рафта ва забони саросари Эрон шудааст".[153]

Ва дар ҷойи дигар илова мекунад, ки забони форсии дарӣ аслан лаҳҷаи аҳолии Мовароуннаҳр, Самарқанд ва Бухорост, ки дар ин ҷойҳо тоҷикон зиндагӣ мекунанд.[154]

Саид Нафисӣ ватани аслии ориёиҳоро, ки тоҷикон мансуб ба он нажоданд, доманакӯҳҳои Ҳиндукуш, канори дарёҳои Ҷайҳуну Сайҳун медонад ва менависад, ки «мо эрониён аз он ҷо омадаем ва Эрони имрӯз ба манзалаи хонаи дувуми мост».[155]

Адабиётшиноси маъруф Забеҳуллоҳи Сафо низ нуфузи фаровони лаҳҷаҳои Хуросони қадим ва баъзе лаҳҷаҳои дигари шарқиро дар ин забон таъкид кардааст.[156]

Забоншинос ва луғатдони номдор Муҳаммади Муин ҳанӯз соли 1961 навишта буд, ки «порсии нав (ҳадаф забони дарӣ аст - Э.Р.) забони шаҳрҳои шарқӣ ва тоҷикони ноҳияи Эрони ховарӣ, Афғонистон ва Помир ва Покистон аст».[157]

Донишмандони Афғонистон низ, ки дар ин замина корҳои шоистае анҷом додаанд, тарафдори ҳамин ақидаанд. Устод Мирғулом Муҳаммади Ғубор андеша дорад, ки «забони дарӣ аслан дар манотиқи ду тарафи рӯди Ҷайҳун»,[158] яъне дар Хуросону Мовароуннаҳр падид омадааст. Гурӯҳи дигаре аз онҳо ақида доранд, ки забони дарӣ (форсӣ, тоҷикӣ) давоми забони бохтарӣ ва забони бохтарӣ давоми забони авестоӣ

[153]Ниг. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. - Теҳрон, 1349//1971,ҷ.I. - С. 24.
[154] Ҳамон ҷо. – С.25.
[155] Саид Нафисӣ. Сарзамини поки ниёгонам//Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С.63.
[156] Забеҳуллоҳи Сафо. Ганҷи сухан. - Теҳрон, 1347//1969. - С.14.
[157] Муҳаммад Муин. Порсӣ ё дарӣ//Нигин, давраи 7. - № 75. - Теҳрон, 1331//1953. - С.6.
[158] Мирғулом Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих. - Кобул, 1346//1967. - С. 95.

мебошад. Махсусан, пажӯҳиши вожагони сангнабиштаҳои Сурхкӯтал ва Работак нишон медиҳад, ки аз лиҳози вожагонӣ ва қавоиди дастурӣ забони бохтарии аҳди Кӯшониён, ки бо номи ориёӣ ҳам аз рӯйи сангнавиштаҳои Работак маълум аст (сарфи назар аз он ки бархе аз унсурҳои дастурии забонҳои шарқии эронӣ дар он дида мешавад) ба гурӯҳи забонҳои эронии ғарбӣ бештар тааллуқ дорад. Олими барҷаста Абдулҳай Ҳабибӣ зимни таҳлили вожагони катибаи Сурхкӯтал бо овардани намунаи ин калимаҳо аз қабили sha (shah) - ша - шаҳ - шоҳ, ma (mah) - ма - моҳ, маҳ, namobary - номвар - Kaneshki namobary - Канишкаи номвар, kird - кард (феъли «кардан"), ab - об, stad - истод, as – аз (пешванди аз), karalrang - каралранг - каноранг, унвони ҳарбии марзбонӣ, xoade - хадив ба маънои подшоҳ, bag-баг - бағ - Худо, (таваҷҷуҳ шавад ба номи шаҳри Бағдод) - багпуҳр - фағфур - писари Худо, pohr - пуҳр - писар, пур, Bac - Lang - Бакланг - Бағлон ба хулосае меояд, ки забони балхӣ (тахорӣ, кӯшонӣ) модарзабони дарӣ аст.[159] Ӯ менависад: "Вале дар қуруне, ки забони паҳлавии ҷанубӣ дар Порс ва паҳлавии шимолӣ дар Мовароуннаҳр то Хутану Турфон паҳн шуда буд ва забони адабиву илмии дарбори Сосонӣ буд, дар Хуросону доманакӯҳҳои Ҳиндукуш то вилояти Қандаҳор дар дарбори Кӯшониёну мулуки маҳаллии Афғонистон монанди ҳафтолиён забоне мавҷуд буд, ки онро модарзабони дарӣ ва форсии кунунии Афғонистон гуфта метавонем. Қадимтарин асари ин забон дар катибаи Сурхкӯтали Бағлон ба даст омадааст, ки ба қарни дувуми милодӣ тааллуқ мегирад ва расми хати он юнонии шикаста аст".[160]

Дар ҷойи дигар дар ин забон вуҷуд надоштани хусусиятҳои хоси забонҳои шарқии эрониро (ҷинсият, тасриф ва ғ.) ба инобат гирифта ӯ менависад: "То ҷое, ки дар калимоти ин катиба диққат шуд, алоими тазкир ва таънис (аломатҳои ҷинсияти мардона ва занона) дар он намоён нест ва ғолибан дар забони кӯшонӣ ҳам монанди форсӣ фарқи тазкир ва таъниси

[159] Муфас. ниг. Абдулҳай Ҳабибӣ. Забони духазор сол қабли Афғонистон ё модарзабони дарӣ (Таҳлили катибаи Сурхкӯтали Бағлон), чопи дувум. - Кобул, 1385//2007.

[160] Ҳамон асар. - С. 6.

калимот набуд... форсии кунунӣ чун духтари мустақими ин забон аст”.[161]

Донишманди эронӣ Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ низ муътақид аст, ки «забони форсии дарӣ забони мустақил ва қадимӣ буда, зуҳур ва истифодаи он лоақал ба оғози даврони Ашконӣ мерасад. Он фарзи беасосе, ки дар «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» ва ба нақл аз он китоб дар фарҳангҳо ва дастурномаҳо ва мақолаҳои интишорёфта борҳо такрор шудааст, ки забони форсӣ муштақ аз забони паҳлавӣ ва забони паҳлавӣ аз форсӣ иштиқоқ ёфтааст, дигар имрӯз қобили эътино нест ва касе, ки аз чунин фарзияи беасос пайравӣ кунад, бояд ӯро ҷоҳили бе мабонии аввалияи забоншиносӣ дар мавриди забонҳои эронӣ шумурд».[162]

Шарқшиноси маъруфи рус Е.Э.Бертелс ба хотири таъкиди нақши тоҷикон дар парвариш ва такомули забону адабиёти тоҷику форс чунин навишта буд: «Ҳамон забони адабие, ки баъдан дар қаламрави Эрони имрӯз аз он истифода мекарданд, дар ибтидо маҳз дар Осиёи Миёна, он ҷое ки ҳоло тоҷикон зиндагӣ мекунанд, гул карда, шукуфо шуда буд”.[163]

Ба фикри устод Айнӣ «баъд аз ислом забони форсии ҷадид аввал дар Хуросон ва Мовароуннаҳр ташкил ва баъд аз он ба ҳама форсизабонон мунтақил шуд”.[164]

Вале агар аз инҳо бигзарем, дар миёни забоншиносони муосир дар бораи забони дарӣ (тоҷикӣ, форсӣ) аз назари маншаъ, хешовандии таърихӣ, робита ва пайванд бо забонҳои бостонӣ андешаҳои зерин маъруф аст:

1. Забони дарӣ таваллуди дигар ё давоми мустақими забони форсии миёна, яъне забони паҳлавии сосонӣ – порсик ва яке аз шохаҳои лаҳҷаи ҷанубу ғарби Эрон, яъне вилояти Форси он кишвар аст;

2. Идома ва ё дунболаи забони паҳлавии ашконӣ (забони портӣ) аст;

---

[161] Ҳамон асар. - С. 32.

[162] Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ. Нигаҳбонии забони форсӣ // Яғмо. - №10. - Теҳрон, 1349//1960. - С.753.

[163] Бертельс Е.Э. История таджикского-персидского литературы. - М.,1960. - С.62.

[164]Ниг.: Давлатдории тоҷикон дар асрҳои IX-XIV. Мураттиб ва муҳаққиқ Н. Амиршоҳӣ. Душанбе, 1999. - С.88.

3. Шакли нав, бозсохта ва ё таҳаввулёфтаи ҳамин забони паҳлавист, фақат бо алифбои дигар;

4. Забонест баробар ва ҳамзамон бо паҳлавӣ, вале дар ду муҳити мухталиф, ба ин маъно, ки забони дарӣ бо забони паҳлавӣ дар арзи ҳам қарор доштаанд, на дар тӯли ҳам.

Дар мавриди ҳар кадоми ин андешаҳо муҳаққиқон имрӯз адабиёт ва маводи фаровоне ҷамъоварӣ намуда, дар асоси онҳо тахминҳо ва назарҳои мухталиф баён кардаанд.

Як гурӯҳ муҳаққиқон, аз ҷумла донишманди маъруф Парвиз Нотили Хонларӣ бар ин ақидаанд, ки забони форсии дариро сипоҳиёну дарбориёни Яздигурд баъди дар ҷанги араб шикаст хӯрдан аз Тайсифун ба шарқи Эрон бурданд.[165]

Донишманди забоншинос А. Фрейман низ зуҳури ин забонро дар Осиёи Миёна натиҷаи ҳамин муҳоҷирати мардум аз Эрон ба ин минтақа ба қалам додааст.[166] Ривояте ҳам аз гузашта нақл мекунанд, ки бино ба он, вақте ки арабҳо ба Эрон ҳамла оварданд, Яздигурд - охирин подшоҳи Сосонӣ ба ҷамоате аз сипоҳу ҳашами худ гурехта ба Марв паноҳанда шуданд ва гӯё ин гурезагон забони форсиро ба он ҷо оварда ва онро дар ин сарзаминҳо пароканда карданд.

Вале ин ривоят на аз ҷиҳати илмӣ ва на аз ҷиҳати мантиқӣ мавриди қабули донишмандон қарор нагирифт ва аксарият онро рад карданд. Масалан, ба андешаи яке аз муҳаққиқони Эрон Ҳусайни Лисон чи тавр як даста «мардуми шикаста ва парешон», ки маълум нест сарнавишти онҳо пас аз кушта шудани Яздигурди III чӣ гуна шуд, магар метавонистанд «аз чунин нуфузе бархурдор бошанд, ки мардуми Хуросон то он сӯйи Ҷайҳун, садҳо шаҳру русто таҳти таъсири он гурӯҳи аз ҳам пошида ва овора забони худро раҳо созанд ва ба забони он меҳмонони аз роҳрасида сухан гӯянд”.[167]

Дар ин ақида, эътирозоти дигаре низ ҳаст. Масалан, чи гуна шуд, ки мардуми сарзамини паҳновари Хуросону Мовароуннаҳр забони ин гурезагонро чунон фаро гирифт, ки аз

[165] Парвиз Нотили Хонларӣ. Таърихи забони форсӣ. - Теҳрон, ҷ. 1, 1382//2004. - С. 280-281.

[166] Муфассалниг.: Фрейман А. Задачи иранской филологии // Известия АН СССР, отд. лит. и языка. - № 10. – 1946. - С.373.

[167] Доктор Ҳусайни Лисон. Баҳсе дар бораи забони дарӣ // маҷ: Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ, соли 21. - №4. - С.137.

худи «соҳибзабонон» пешқадам шуда ва 180 сол аз марги Яздигурд нагузашта шоироне чун Ҳанзалаи Бодғисӣ ва дигарон аз ин сарзамин бархостанд ва ба ин забон шеър гуфтанд. Ва ё агар ин ривоят дуруст бошад, ки забони форсии дарӣ забони ғарби Эрон аст, пас чӣ шуд, ки вай дар «зодгоҳ»-и худ хомӯш монд ва ғайра. Бинобар чунин далелҳо муаллиф ба хулоса меояд, ки дар бораи он ки «забони мардуми шарқ форсии дарӣ будааст, дар ин ҳеҷ тардиде нест».[168]

Баъзе муҳаққиқони дигар ақида доранд, ки пеш аз он ки нахустин намунаҳои забони дарӣ дар Хуросон пайдо шавад, дар ғарби Эрон нишонаҳое аз ин забон пайдост, ки аз нигоҳи замонӣ қабл аз намунаҳои Хуросону Мовароуннаҳр мебошанд. Сипас барои исботи фикри худ ҷумла ва ибораҳои кутоҳро, ки муаллифон ва ҷаҳонгардони араб дар осори худ нақл кардаанд, меоранд.

Зимнан бояд гуфт, ки ин ҷумла ва ибораҳо дар илм маълум ва дар таълифоти донишмандони муосир борҳо такрор шудаанд, аз ҷумла Муҳаммади Муин менависад, ки «бештари иборат ва ҷумалоте, ки дар кутуби арабӣ аз қавли шоҳаншоҳи Сосонӣ ва бузургони давраи эшон ва авоили аҳди ислом нақл шуда, ба забони порсист ва андаке ба паҳлавӣ».[169]

Яъне ба ақидаи аксари донишмандон забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) забони мардуми шарқ ва шимолу шарқи Эрон, яъне забони мардуми Хуросону Мовароуннаҳр аст. Ва дувум он, ки ин забон дар оғози ҳамлаи араб агар забони расмӣ ва адабиёт нашуда бошад ҳам, вале забони оммаи мардум будааст, ҳол он ки мардуми ғарб ва шимоли Эрон дар ин вақт ба паҳлавӣ ё лаҳҷаи наздик ба паҳлавӣ гуфтугӯ мекарданд.

Гурӯҳи дигар бар онанд, ки забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) шакли таҳаввулпазируфтаи форсии миёнаи сосонӣ, яъне забони мардуми Форс аст, ки ҳамзамон бо ҳуҷуми арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр густариш ёфт. Ба пиндори ҷонибдорони ин гурӯҳ сарзамини Форс ватани пайдоиш ва Хуросону Мовароуннаҳр ватани рушду болиши ин забон аст.[170]

---

[168] Ҳамон ҷо. - С.138.
[169] Муҳаммад Муин, Порсӣ ё дарӣ // Нигин, давраи 7. - № 75. - Теҳрон, 1331//1953.
[170] Оранский И.М. Введение в иранскую филологию. - М.: Наука, 1988. - С. 281.

Муҳаққиқи варзидаи забонҳои эронӣ И.М. Оранский низ асосан ҷонибдори андешаи ҳамин гурӯҳ аст. Илова бар ин, вай ҳанӯз чанд қарн то истилои араб ҳамроҳи дини монавия ба Осиёи Миёна ворид гардидани забони форсиро эҳтимол медиҳад.[171]

Ҳамчунин солиёни дароз дар байни донишмандон машҳур буд, ки забони дарӣ аз ҳар ҷиҳат, ҳам аз назари қоидаҳои дастурӣ ва ҳам аз нигоҳи рукнҳои созандаи забон фарзанди забони паҳлавист. Пас аз ҳамлаи араб дар он таҳаввулоти ҷиддӣ рӯй медиҳад ва ба тадриҷ ба забони форсӣ, дарӣ ё тоҷикии имрӯз табдил мешавад. Барои тасдиқи ин назария далелҳое доранд, аз қабили ин ки забони дарӣ бо забони форсии бостон, ки дар сангнавиштаҳои Ҳахоманишӣ дида мешавад ва ҳамчунин бо лаҳҷаҳои ҷанубии катибаҳои Сосонӣ ва матнҳои монавӣ қаробат дорад. Пас аз вуруди ислом агар вай ба лаҳҷаҳои дигар омезиш ёфта бошад, кори чандон тозае нест, дар аҳди Сосониён низ бо ӯ чунин иттифоқ афтода буд.

Эҳтимол, забони форсӣ чандин аср пеш аз истилои арабҳо ба Осиёи Миёна баробари монавия омада бошад. Аз рӯйи ахбори таърихнигорон дақиқан маълум аст, ки дар марказҳои бузурги Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Самарқанд дар асрҳои VI-VII ҷамоатҳои монавиён амал мекарданд ва онҳо ҳам чун дар ҷамоатҳои монавиёни Туркистони Шарқӣ ба забони форсӣ гуфтугӯ мекарданд. Истилои арабҳо, ба ҳайати хилофат дохил карда шудани Мовароуннаҳр, таҳкими робитаи иқтисодӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳр бо дигар вилоятҳои хилофат, интишори ислом – ҳамаи ин авомил раванди дар Мовароуннаҳр густариш ёфтани забони форсиро метавонист суръат бахшад.

Ин гурӯҳ муҳаққиқон ақида доранд, ки забони форсии дарӣ забони ғарби Эрон ва ё аз ҷумлаи забонҳои ин ноҳия аст, яъне мансуб ба дарбори боазамати Тайсифун-пойтахти Эрони Сосонӣ мебошад.

Устод Ғафуров дар китоби “Тоҷикон”-и худ дар бораи маншаъ ва макони баромади забони тоҷикӣ чунин менависад: «Забони имрӯзаи тоҷикӣ аз забонҳои ғарби эронӣ мебошад. Ба ақидаи забоншиносон асоси он лаҳҷаи ҷанубу ғарби Форс аст, ки он баъдтар ба тарафи шимол ва шимолу шарқ густариш

[171] Ҳамин асар. - С. 231-232.

пайдо карда, бисёр унсурҳои забонҳои гурӯҳи шимолу ғарбӣ, аз ҷумла унсурҳои забони портиро ҳазм менамояд ва дар анҷом, дар ин забон аломату хусусиятҳои бисёр лаҳҷаҳои эронии ғарбӣ бо ҳам омезиш меёбанд”[172]. Дар асрҳои VII-VIII мавқеъ ва мақоми ин забон дар шимолу шарқи Эрон, шимоли Афғонистон, ҷануби Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Ҷануби Тоҷикистон мустаҳкам шуда бошад.

Аз эҳтимол дур нест, ки маҳз дар ҳамин давра, яъне дар давраи пеш аз истилои араб муҳимтарин хусусиятҳои забони мо ташаккул ёфта ва сипас он, яъне “забони форсӣ аз Марв, Балх ва дигар марказҳои маъмурӣ, иқтисодӣ ва мадании Хуросони Шимолӣ ба тамоми Мовароуннаҳр интишор ёфта, батадриҷ ҷойи забонҳои маҳаллии эронии шарқии Осиёи Миёна суғдӣ, тахорӣ (бохтарӣ)-ро гирифт. Барои илм тафсилоти ин протсесс ва шароити аниқи ҷараёни он торик аст».[173]

И.М. Оранский дар таълифоти худ мисли П.Н. Хонларӣ саҳми «маволӣ», яъне намояндагони қавмҳои бумии форсизаборо, ки баъди пазируфтани дини нав ба сипоҳи ислом ҳамроҳ гардида, дар фатҳи Мовароуннаҳр ҳиссаи арзанда гузоштанд, дар интиқоли забони форсӣ ба машриқ назаррас медонад.

Тавре медонем, дар ҳайати лашкари арабҳо, ки Мовароуннаҳрро истило мекард, бисёр одамони ғайриараб ҳам буданд, ки онҳоро маволӣ меномиданд. Маволиён он мардуме буданд, ки зери таъсири арабҳо монда, исломро низ қабул карда ва дар ҳимояти яке аз қабилаҳои араб буданд. Дар лашкари волиёни Хуросон, ки ба истилои Мовароуннаҳр роҳбарӣ мекарданд, ин гуна маволиҳои хуросонӣ зиёд буданд. Онҳо дар тасхири Мовароуннаҳр иштирок намуда, дар вилоятҳои истилошуда исломро ҷорӣ мекарданд. Вале ин андеша пояҳои устувори илмӣ ва асноди муътабари таърихӣ ва забоншиносӣ надорад.

Бертелс Е.Э. ин ақидаро дар мақолаи муфассали худ бо номи «Форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ» бо санаду далелҳои муътамад рад

---

[172] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. - Душанбе, 2008. - С. 370.

[173] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. - Душанбе, 2008. - С.370.

карда менависад, ки ҳангоме донишмандони эроншинос ин фикрро асоснок мекарданд, аз мавҷудияти забони тоҷикӣ ва исми он огоҳ набуданд. Агар забони имрӯзаи тоҷикӣ аз форсии бостон ва форсии миёна сарчашма мегирифт, бояд унсурҳои ин забонҳо дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дида мешуданд. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар сохтори забони тоҷикӣ, ин хусусиятҳои хоси форсии миёна дида намешавад ва лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ хусусиятҳои хоси забонии онро дар худ мунъакис накардаанд. Баъдан ӯ таъкид мекунад, ки агар тасаввур кунем, ки ҳангоми омадани арабҳо дар Осиёи Миёна забони суғдӣ забони ҳукмрон буд, пас чаро дар асри VIII аллакай ин забон аз байн рафт? Чаро дар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ унсурҳои субстратии суғдӣ тамоман боқӣ намонд?

Дар адабиёти илмӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки гӯё забони суғдӣ на танҳо дар Самарқанд, балки дар Бухоро ҳам забони расмиву гуфтугӯйӣ буд. Мақдисӣ дар асри Х қайд мекунад, ки забони рустоҳои Бухоро суғдӣ аст ва имом Муҳаммад ибни Фазл бо ин забон гуфтугӯ мекард. Бартолд В.В. аз ин намуна хулоса карда мегӯяд, ки дар он давра дар атрофи Бухоро лаҳҷаҳои забони суғдӣ вуҷуд дошт.[174] Вале ин далелҳо қонеъкунанда нестанд. Смирнова О.И. дар таҳқиқоти худ ду далели забони суғдӣ набудани забони аҳли Бухороро меорад, ки ба назар дуруст мерасад. Ин далелҳо чунинанд:

1. Сиккаҳои тангаҳои зарробхонаи Бухоро бо алифбои суғдӣ нестанд.

2. Агар унвонҳои ҳукмронҳои Самарқанд ихшид ва афшин бошад, унвонҳои ҳукмронҳои Бухоро аввал бухорхудот ва баъдан сомонхудот буд.[175] Бертелс Е.Э. ин далелҳоро асос гирифта чунин менависад «Ҳамаи ин далелҳо нишон медиҳанд, ки дар сарзамини Осиёи Миёна дар баробари забони суғдӣ забони дигаре вуҷуд дошт, ки то ҳуҷуми арабҳо соҳиби хат будааст»[176]. Таҳқиқу баррасии даврони оғозини таърихи адабиёти халқҳои Осиёи Миёна ҳам чандин далелу санад дорад,

[174] Бартольд В.В. К вопросу об языках тахорском и согдийском//Сборник «Иран». - М., 1972. - Т.1. - С. 34.
[175] Бертельс Е.Э. Персидский-дари- таджикский // Забоншиносӣ. - № 2, 2010. - С. 41.
[176] Муф. ниг. Бертельс Е.Э. Персидский-дари- таджикский // Забоншиносӣ. - № 2, 2010. - С.39-57 (Аз мақ. Советская этнография. - № 4, 1950).

ки бо қаламрави пайдоиши забони форсии нав мувофиқат намекунад.

Бертелс Е.Э. барои исботи фикри худ, ки забони тоҷикӣ забони аслии мардуми Балху Бухоро ва Марв аст, таъкид мекунад, ки то ба ҳол дар Хуросон, минтақаи тоҷикнишини Афғонистон, як силсила ноҳияҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, ба ғайр аз минтақаҳое, ки забони суғдӣ (яғнобӣ) боқӣ мондааст, тамоми лаҳҷаҳо ва шеваҳои тоҷикӣ унсурҳои аслии забони дариро ба таври фаровон дар худ инъикос мекунанд, ки он аз асли дарӣ доштани ин лаҳҷаҳо шаҳодат медиҳад. Ҳол он ки дар минтақаҳои марказӣ, ғарбӣ ва ҷанубии Эрон, он ҷо, ки забони тоҷикӣ паҳн нашудааст, забонҳои курдӣ, лурӣ ва лаҳҷаҳои гуногуни шимолӣ ва ҷанубии паҳлавӣ (портӣ) роиҷ мебошанд. Ҳатто дар баъзе лаҳҷаҳои Эрон хусусияти характерноки эргатив, ки дар забонҳои Осиёи Миёна фақат дар забонҳои помирӣ вуҷуд дорад, дида мешавад.

Аз тарафи дигар дар муддати ҳазор - ҳазору панҷсад соли охир минтақаи паҳншавии забонҳои эронӣ тақрибан бетағйир мондааст ва забони яғнобӣ дар ҳамон ҷое, ки дар асри VIII вуҷуд дошт, боқӣ мондааст, фақат доираи паҳншавии он маҳдуд шудааст. Дар намунаҳои забони яғнобӣ ва забонҳои помирӣ ба таври боэътимод гуфтан мумкин аст, ки забони тоҷикӣ низ дар сарзаминҳое, ки забони зиндаи халқ вуҷуд дорад, нав пайдо нашудааст. Ин забон дар минтақаҳое, ки зикрашон рафт, аз давраҳои бостон забони оммаи халқ будааст ва ҳаракати он ба тарафи Эрон дар асрҳои минбаъда фақат дар асоси дар асри Х ба забони адабӣ табдил ёфтани он дар Осиёи Миёна рух додааст.[177]

Баъдан дар бораи замони ба вуҷуд омадани ин забон ӯ чунин мегӯяд: «Ҳамин тариқ, тамоми ин иқтибосҳо тасдиқ мекунанд, ки забони дарӣ баъд аз ҳуҷуми арабҳо пайдо нашудааст, балки он чандин қарн пеш аз он вуҷуд доштааст”[178].

Чи тавр дарӣ ба дарбори Сосониҳо афтод, гуфтан душвор аст. Муҳаммадтақии Баҳор тахмин мекунад, ки ин забон дар

[177]Ниг. Бертельс Е.Э. Персидский-дари- таджикский // Забоншиносӣ. - № 2, 2010. - С.49-50.
[178] Ҳамин мақола. - С.50-51.

давраи охири Сосониҳо метавонист якҷо бо лашкари Фаррух Ҳурмуз, падари Рустам, ки аз хуросониҳо иборат буд, аз Шарқ биёяд. Ин лашкар аз рӯйи гуфтаҳои Табарӣ ба шаҳри Тайсифун таъсири зиёде дошт. Инчунин Баҳор ба забони матнҳои монавӣ, ки аз Турфон пайдо шудаанд, ишора мекунад, ки забони онҳо ба ақидаи ӯ паҳлавӣ набуда, дарии қадим мебошад.

Аз тарафи дигар муқоисаи лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо маводи лаҳҷаҳои Хуросон, ки онро дар даст дорем, нишон медиҳад, ки ин ду гурӯҳ бо ҳам бисёр наздиканд. Ба таври дигар, он умумиятеро, ки мо барои забони тоҷикӣ дар асрҳои IX-X мебинем, дар ҳолати имрӯзии забон низ мушоҳида кардан мумкин аст. Аз ҷумла, ба таври мисол, ҷонишини шахсии шахси 3-юми шакли танҳо «вай» ҳам дар Хуросон ва ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар забони дарии садаҳои IX-X ба таври яксон садо медиҳад.[179]

Ҳамин тариқ аксарияти бузургони илму адаб, аз ҷумла донишмандону муҳаққиқони маъруф Саид Нафисӣ, Садриддини Айнӣ, Е.Э. Бертелс, Маликушшуаро Баҳор, Забеҳуллоҳи Сафо, Ҷалоли Матинӣ, Абдулҳай Ҳабибӣ, Мирғулом Муҳаммади Ғубор, Абдулғанӣ Мирзоев ва дигарон макони пайдоишу густариши забони адабиву китобии тоҷикиро Хуросону Мовароуннаҳр медонанд. Ба ибораи дигар, ин забон дар сарзамини Хуросону Мовароуннаҳр падид омада, дар заминаи гӯйишҳои тоҷикии Хуросон, Систон ва Мовароуннаҳр ташаккул ёфтааст.

Парвиз Нотили Хонларӣ ва И.М. Оранский, чунон ки гуфтем, ҳарчанд ҷонибдори ақидаи интиқоли ин забон аз ҷанубу ғарб ба шимолу шарқанд, боз ҳам минтақаи ривоҷу равнақи ин забонро ибтидо ба шарқу шимоли Эрони шарқӣ мансуб медонанд. Хонларӣ дар тақвияти ин матлаб меафзояд, ки шоирони он даврон «… ғолибан ба яке аз шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Ҳирот, Балх, Марв, Тӯс… ва ободиҳои дигари Хуросон мансуб ҳастанд».[180]

[179] Муф. ниг. Бертельс Е.Э. Персидский-дари- таджикский // Забоншиносӣ. - № 2, 2010. - С.39-57.

[180] Парвиз Нотили Хонларӣ. Дастури таърихии забони форсӣ. - Теҳрон, 1372. - С. 9.

Воқеан, дар иртибот ба он ки то замони ислом ва пас аз густариши он забони бештари аҳолии Хуросону Мовароуннаҳр, ба хусус шаҳрҳои Балх, Марв ва Бухоро забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) буд, аснодиқобили эътимод боқӣ мондааст. Муаррихи маъруф В. В. Бартолд маҳз аз ин хотир таъкид мекунад, ки «дар ин вилоятҳои дур (Хуросон ва Мовароуннаҳр – Э.Р.) аз Арабистон дини нав аз ибтидо бо забони халқ густариш ёфт».[181] Дар иқтибоси боло, бешубҳа, мафҳуми «забони халқ» забони сокинони бумии ин марзу бум, яъне забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ)-ро ифода мекунад.

Ба қавли муаллифи «Таърихи Бухоро» Абубакри Наршахӣ дар масҷиди ҷомеи Бухоро, ки дар ҷойи бутхона соли 94/713 Қутайба ибни Муслим бино карда буд, аҳли Бухоро дар намоз Қуръонро ба форсӣ мехонданд.[182]

Тавре мебинем, дар миёни пажӯҳишгарон дар ин замина ихтилофот мушоҳида намешавад ва бо каме тафовуту иловаҳо андешаҳои тақрибан ба ҳам монанд баён кардаанд.

Ба ақидаи ин гурӯҳ донишмандон нашъунамо ва ташаккули забони тоҷикӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ду сабаб дошт. Аввал ташкили нахустин ҳукуматҳои миллӣ, ба монанди Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён, ки аз ин сарзаминҳо бархоста буданд.

Омили дигар, ин зуҳури суханварони бузурге чун Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абуҳифзи Суғдӣ ва дигарон, ки ба ин забон шеърҳои зебо гуфтанд ва онро барои андешаҳои баланди шоирона мувофиқ сохтанд.

Ин ду омили моддӣ ва маънавӣ роҳи инкишофи ин забонро ҳамвор сохт. Рушди баъдии ин забон то ҳадде буд, ки дигар лаҳҷаҳои маҳаллӣ зери нуфузи он қарор гирифта, саранҷом аз байн рафтанд.

Маликушшуаро Баҳор дар бозёфтҳои суғдӣ аз харобаҳои Турфон ва қисматҳои дигари Туркистони Чин, ки пора-пора ва ҷудо-ҷудо то ба мо расидаанд, появу решаи забони форсии

[181] Бартольд В.В. Сочинения. Т.6. Работы по истории ислама и Арабского халифата. - М., 1969. - С. 126.

[182] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тарҷумаи Абунасри Қубовӣ. Талхиси Муҳаммади Зуфар. Тасҳеҳ ва таҳшияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1351//1972. - С. 67.

дариро мебинад: «ин оёт ва ашъори пора-пора… ба таърихи тата ввури забони порсӣ ёрии бузурге карда, бисёре аз луғатҳои форсиро, ки бо луғоти Авесто ва форсии бостонӣ ва паҳлавӣ аз як ҷинс, вале ба дигар лаҳҷа аст, ба мо вонамуд месозад ва бунёди қадими забони суғдӣ ва балки решаву пояи забони ширини «дарӣ»-ро, ки забони Фирдавсӣ ва Саъдист, маълум медорад».[183]

Дар маҷмӯъ имрӯзҳо теъдоди зиёди забоншиносон бар ин ақидаанд, ки забони тоҷикӣ, (форсӣ, дарӣ) тақрибан дар асрҳои 4-5 милодӣ дар Бохтар (Афғонистони шимолӣ, Бадахшон, Балх, Бағлон, Хатлон, Ҳирот, Парвону Кобул), ки имрӯз ҳам бахши бештари аҳолиро дар ин минтақаҳо тоҷикон ташкил медиҳанд ва Тоҷикистону Ӯзбекистон (асосан минтақаҳои ҷанубӣ ва Туркманистон (Марви қадим)) дар асоси забони бохтарӣ ва лаҳҷаҳои портӣ (паҳлавӣ)ва форсии миёна - паҳлавии сосонӣ пайдо шудааст.

Дар Осиёи Миёна дар даврaҳои ибтидои истилои арабҳо забонҳои шарқиэроние чун суғдӣ, фарғонӣ, хоразмӣ, бохтарӣ паҳн шуда буданд. Забони портӣ, ки ба доираҳои забонҳои ғарбиэронӣ мансуб аст, дар аввалҳои асрҳои V-VI дар хоки Туркманистони Ҷанубӣ ва Хуросон умуман барҳам хӯрда буд.

Ҷойи шаке ҳам нест, ки аҳолии суғдизабон вақте ба забони форсӣ гузаштаанд, баъзе унсурҳои забони суғдӣ, алалхусус унсурҳои лексикии худро ба ин забон дохил карданд.[184]

Хулоса, тибқи ривояти сайёҳони асри X ва маъхазҳои хаттӣ забони форсӣ, дарӣ ё тоҷикӣ дар он даврaҳо ба чанд лаҳҷа ё гӯйиш тақсим мешуд ва мардуми ҳар як ноҳия ва ҳатто шаҳрҳои калон бо лаҳҷаи худ гуфтугӯ мекарданд. Ҳамин буд, ки ба ақидаи забоншиносон, аз ҳамон даврaҳо, яъне асрҳои X–XI баъзе вижагиҳое ба назар мерасиданд, ки хоси забони тоҷикӣ буданд ва бо мурури асрҳо ба як шакли муайян даромаданд.

Дар ҳар сурат ҳақиқати ҳол он аст, ки аксари қадимтарин осори илмиву адабӣ ба ин забон дар Хуросону Мовароуннаҳр таълиф шудаанд. Муҳаммадтақии Баҳор ин воқеиятро чунин натиҷагирӣ кардааст, ки «… шеъру насри дарӣ биттабиа дар

[183] Ниг. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. - Теҳрон, 1349//1971. - Ҷ. I. - С. 18.
[184] Лившиц В. А. Согдийские слова в таджикском языке // Известия АН Тадж. ССР. - Вып. № 12, 1957. - С. 31.

Хуросон ба зуҳур омада ва бо андак таваҷҷуҳе аз тарафи мулуки атроф шуаро ва дабирон ба гуфтани шеър ва пардохтани кутуб ба забони дарӣ иқбол кардаанд ва дар ҳамон ҳол як байт шеър ва як рисола бо ин забон дар мағриб ва шимол ва ҷануби ғарбӣ дар қарни чаҳорум (асри даҳуми милодӣ – Э.Р.) ба вуҷуд наёмадааст; ва агар шеър ё китобе дида шуда ва ё зикри он рафтааст, ба забони паҳлавӣ ё табарист».[185]

Аз баррасии он чи дар боло гуфта шуд, ҳамчунин аз таҳқиқоти аз ҷониби муҳаққиқон дар ин хусус анҷомёфта метавон чунин натиҷагирӣ кард:

- забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) забони қадимӣ буда, зодгоҳи аслии он Хуросону Мовароуннаҳр, саҳеҳтараш канори чапу рости дарёи Омӯст. Ба иборати дигар, ин забон дар заминаи забонҳои бумии ин марзу бум: суғдӣ, тахорӣ, портӣ… ва дар фароянди доду ситад ва ҳамёриву ҳамтаъсирӣ бо забони паҳлавӣ (форсии миёна) аз ҳисоби ин забонҳо дорои афзуда, ташаккул ёфт ва ба дараҷаи забони илмиву адабӣ расид;

- фасоҳату балоғати забони қадимтарин осори боқимондаи илмиву адабии ин забон бозгӯйи ин ҳақиқат аст, ки ин забон идомаи мустақими забони форсии миёна ё шакли таҳаввулёфтаи вай нест, балки то густариши ислом ба сифати забони мустақил дар баробари забони форсии миёнаи сосонӣ вуҷуд дошт;

- забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) бо шарофати сиёсати фарҳангпарвари Тоҳириёну Саффориёну Сомониён ва дигар хонаводаҳои эрониасл ба сифати забони илму адаб аз маҳдудаи як забони миллӣ берун гардид ва дар асрҳои баъдӣ дар як қисмати бузурги қитъаи Осиё ба забони байналмилалӣ табдил ёфт.

Дар ҳар сурат то замоне, ки санади тозае дар ин маврид пайдо нашавад, қавли муътабар ва андешаи мантиқӣ ҳамон назарест, ки забони тоҷикӣ (дарӣ ё порсии дарӣ) дар сарзамини Хуросон ва Мовароуннаҳр пайдо шуда, сипас ба тадриҷ тамоми ноҳияҳои маълуми порсигӯйро фаро гирифтааст.

§ 4. Замони пайдоиши забони тоҷикӣ. Бино ба тақсимот ва ё даврабандии сегонае (даврони забони форсии бостон, миёна ва нав), ки пештар ба он ишора кардем, забоншиносон оғози таърихи даврони нави инкишофи забони моро ба номи даврони

[185] Ниг. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. - Теҳрон, 1349//1971. - Ҷ.I. - С. 23.

форсии навин, ки ба «дарӣ» ва «форсии дарӣ» машҳур шудааст, тақрибан асрҳои VIII-IX мешуморанд.

Ин даврони беш аз ҳазорсоларо аз ҷиҳати таҳаввулу такомул баъзе донишмандон ба се давра тақсим кардаанд: давраи рушд ва таквин, давраи форсии дарӣ, давраи таҳаввул ва тағаддуд.[186]

Чунин даврабандӣ дар маҷмӯъ барои забони форсии дарии даврони муштарак, яъне то асрҳои XVII шояд комилу саҳеҳ ва қобили қабул бошад. Вале тавре медонем, дар ду-се қарни ахир тоҷикзабонон дар ҳайати давлату кишварҳои мустақил, муҳити фарҳангии гуногун ва шароити иҷтимоию сиёсии мухталиф зиндагӣ карда, заминаҳои рушду инкишофи забони онҳо яксон ва гоҳо мусоид ҳам набудааст. Табиист, ки ин авомил дар забон бе асар намонда, илова бар тафовутҳои маҳаллии даврaҳои аввал баъзе вижагиҳои дигаре низ дар тӯли асрҳо ба онҳо афзудааст. Бинобар ин, вақте сухан дар бораи забони тоҷикӣ меравад, ба назари мо, онро бояд ба даврaҳои зерин тақсим кард: давраи ташаккул, такомул, давраи забони форсии дарии адабӣ, ки ин даврaҳо барои забони тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ муштарак аст, давраи тағаддуд ва навҷӯйӣ, маорифпарварӣ давраи забони тоҷикии аҳди шӯравӣ – замони бозсозӣ ва содагаройӣ ё демократӣ кардани забон, давраи забони тоҷикии замони Истиқлол (давраи бозгашт ба асли забон).

Қадимтарин осоре, ки аз забони дарӣ ба мо расидааст, ба ғайр аз калима, ибораҳои кутоҳ ва баъзе байту мисраъҳое, ки дар таърихҳои арабӣ ва осори форсии даврaҳои баъд сабт шудаанд, аз қарни IX пештар нестанд. Вале ба андешаи мо, вақте ки дар бораи замони пайдоиши забони тоҷикӣ баҳс мекунем, бояд ин мавзӯъро ба ду қисм тақсим кунем. Қисми якум масъалаи ба истилоҳ «модарзабон» ва ё ба иборати дигар забон ва ё гӯйишҳое чун бохтарӣ («тахорӣ»), паҳлавӣ (портӣ), суғдӣ ва ғайра, ки илова ба забонҳои форсии бостон ё миёна дар ташаккули ин забон саҳм гузоштаанд ва қисми дуюм масъалаи замони нисбатан дақиқи пайдоиш ва ё дурусттараш ташаккули он ба сурати забони тоҷикӣ (форсии нав ё дарӣ).

[186] Ниг.: Парвиз Нотил Хонларӣ. Дастури таърихии забони форсӣ. - Теҳрон, 1372//1993. - С.11.

Агар дар масъалаи таърихи қадимӣ доштани забонҳое, ки маншаи забони дариро ташкил додаанд, забоншиносон ҳамақида бошанд, аммо дар масъалаи таърихи зуҳури ин забон, яъне забони форсии нав ё дарӣ донишмандон андешаҳои мухталиф доранд. Муҳимтарин далели як гурӯҳ муҳаққиқон он аст, ки дар асрҳои аввали ислом аз ин забон нишонаи мустақиме дар даст нест ва танҳо аз асри IX ин забон дар бораи мавҷудияти худ санади расмӣ дорад, яъне аз ин аҳд ба ин забон осори хаттӣ боқӣ мондааст.

Вале гурӯҳи дигари муҳаққиқон, ки теъдодашон зиёдтар аст, бар ин бовараанд, ки агар ба амри тасодуф аз асрҳои аввали ҳамлаи араб ба Хуросону Мовароуннаҳр осоре ба ҷо намондааст, ин гувоҳ бар он нест, ки мардум дар ин давра аз сухан гуфтан ё офариниш боз монда бошанд. Сайёҳон ва ҷуғрофиёдонони чинӣ ва араб, ки ба ин сарзаминҳо дар он аҳд сафар кардаанд, аз мавҷудияти лаҳҷа ва забонҳои ҳамзамонони дарӣ, чун суғдӣ, хоразмӣ, тахорӣ, фарғонӣ, порсӣ (форсӣ), табарӣ ва чанде дигар ёд кардаанд. Масалан, ҳанӯз шарқшиноси маъруф Кристенсен ва сипас Маликушшуаро Баҳор ва Муҳаммад Муин қайд карда буданд, ки замоне, ки забони дарӣ овони туфулиятро тай мекард, забони суғдӣ аз сарҳади Чин то Самарқанду Бухоро нуфуз дошт ва муддати чанд қарн дар Осиёи Марказӣ забони байналмилалӣ ба ҳисоб мерафт[187]. Зимнан бояд гуфт, ки шояд бо ин далел баъзе забоншиносон аз нуфузи забонҳои паҳлавии ашконӣ ва тахорӣ (бохтарӣ) дида, бештар таъсири забони суғдиро таъкид ва тахмин кардаанд.

Аз ин ҷиҳат баъзе муҳаққиқон дар ин андешаанд, ки шояд ба сабабҳои мухталифи сиёсию низомӣ ва ё иҷтимоию фарҳангӣ ба забони форсии нав адабиёте ба вуҷуд наомад ва ё андаке чизе ҳам, ки навишта шуд, фотеҳон онҳоро нобуд карданд. Вале дар маҷмӯъ тамоми муҳаққиқоне, ки ба ин мавзӯъ даст задаанд, муътақиданд, ки умри ин забон ба маротиб аз он чи менависанд (1100-1200 сол) бештар аст. Дар мавриди қадимӣ будани забони тоҷикӣ донишмандон илова бар ахбори сарчашмаҳои даврони исломӣ, ки бештар маълумоти дасти дуюм ё сеюм мебошанд, аснод ва далелҳои боварибахши дигар низ дар ихтиёр доранд.

[187] Ниг. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. ҷ.1. - Теҳрон, 1373//1994. - С.18.

Аз ҷумла, дар байни олимон машҳур аст, ки забонҳои паҳлавӣ ва дарӣ зоҳиран забонҳои мустақил буда, дар ибтидо паҳлу ба паҳлу зиста ва ба кор бурда мешуданд.

Осори забонии ин давра шаҳодат медиҳад, ки забони тоҷикии садаи VIII милодӣ як забони фасеҳ, равон, забони гуфтугӯ ва тақрибан забони расмии мардуми ин минтақа будааст, ки аксарияти фарҳангнависон ва аҳли илму адаб инро қайд кардаанд.

Маликушшуаро Баҳор аз иборот ва ҷумлаҳои кутоҳи форсии дарӣ, ки муаллифони араб, монанди Ҷоҳиз дар «ал-Маҳосин ва-л-аздод» ва «Китоб-ут-тоҷ», Ибни Қутайба дар «Уйун-ул-ахбор» ва амсоли он дар таълифоти худ овардаанд[188] ва аз фасоҳат ва устувории забони нахустин китобҳое, ки аз оғози марҳилаи нави забони форсии дарӣ боқӣ мондаанд, ба чунин хулоса омадааст: «Аз пухтагии иборат ва истеҳкоми таркибот ва ширинии лафзу маънӣ пайдост, ки насри қадим парваришёфтаи солиён ва балки қарнҳои дуру дароз аст ва ба маротиб аз китобҳои паҳлавӣ, ки шояд баъзе дар ҳамон қарн таълиф ёфтааст, пухтатар ва ҷомеътар ва аз лиҳози татаввур комилтар аст”.[189]

Забоншиносони афғонистонӣ Кӯҳзод, Абдулқаюми Қавим ва Ҳусайни Ямин умри ин забонро ҳадди ақал то қарни III милодӣ, яъне ду-дувуним аср то аҳди ислом пеш бурдаанд[190].

Дар таърихҳо ва фарҳангҳо далелҳои дигаре низ пайдо кардан мумкин аст, ки аз таърихи қадимтари забони мо гувоҳӣ медиҳад. Масалан, Ибни Қутайба дар «Табақоту-ш-шуаро», Табарӣ дар «Таърихи Табарӣ» ва Абдулфайзи Исфаҳонӣ дар «Китоб-ул-ағонӣ» ба ихтисор нақл кардаанд, ки Ибни Муфарриғ - шоири араб муддате дар Хуросон ва Исфаҳон зиндагӣ карда, дар соли 60-и ҳичрӣ (681-милодӣ), яъне пас аз 21 соли инқирози давлати Сосонӣ ба форсӣ шеър гуфтааст[191]. Ин далел бори дигар тасдиқ мекунад, ки ҳанӯз дар он давра ин

[188]Ниг. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. ҷ.1. - Теҳрон, 1373//1994. - С.19-24.
[189] Ҳамин асар. - С.11.
[190]Ниг. Таърихи адабиёти Афғонистон. - Кобул, 1330//1951. - С.59; Дастури забони дарӣ, бахши нахуст. - Кобул, 1367//1988. - С.6.
[191]Ниг. Неъмати Мирзозода. Шеъри имрӯзи Хуросон. - Машҳад, 1342//1963. - С.15.

забон забони инкишофёфтае будааст, ки як шоири бегона дар муддати кутоҳ онро хуб омӯхта ва ба он шеър сурудааст, на як забоне будааст дар ҳоли ба вуҷуд омадан.

Яке аз санадҳои муҳими дигар дар ин масъала, чунон ки қаблан гуфтем, кашфи матни катибаҳои Сурхкӯтали вилояти Бағлони Афғонистон (24 сатр, 160 калима), сангнабиштаи Работак ва чанде аз дарёфтҳои дигар дар минтақаҳои гуногуни Афғонистон аст.

Донишманди шаҳири Афғонистон Абдулҳай Ҳабибӣ кашфи сангнавишти Сурхкӯталро чунин арзёбӣ мекунанд:

«Ин назарияи ҷадиди илмӣ, ки забони дарии Афғонистон аз забони паҳлавӣ назоида, акнун як санади қавӣ ва возеҳро касб карда, ки он иборат аз кашфи сангнавиштае дар Тахористон, дар Сурхкӯтали Бағлон аст... Акнун ки сангнавиштаи макшуфаи Бағлонро ба забони дарии тахорӣ ва расмулхати юнонӣ мебинем, эътироф мекунем, ки забони дарии кунунӣ аз паҳлавӣ муншааб нашуда, балки дар муҳлати як ҳазору ҳаштсад сол то ду ҳазор сол пеш аз ин дар Тахористони таърихӣ забони такаллуму таҳрир ва адабу дарбор будааст».[192]

Дуруст аст, ки ин ҷо сухан асосан дар бораи таърихи “модарзабон”-и дарӣ, яъне забони тахорӣ меравад, вале ҳамзамон ин донишманд вуҷуди забони дариро пеш аз ислом, дар қарнҳои V-VI милодӣ низ тасдиқ мекунад.

Пас аз кашфи сангнавиштаи Сурхкӯтали Афғонистон, бо истинод ба матни он ӯ ба натиҷае мерасад, ки «модари забони дарӣ» ҳанӯз дар асрҳои аввалу дувуми милодӣ вуҷуд дошт ва ин забон (забони тахорӣ- Э.Р.) аз симои қадимии авоили аҳди масеҳӣ, дар муддати панҷ-шаш қарн ба қиёфаи забони дарии қуруни нахустини исломӣ даромад»[193].

Бояд гуфт, ки матни катибаи Сурхкӯтал ба забонҳои гуногун тарҷума шудааст ва забоншиносони ғарбӣ забони онро «забони бохтарӣ» ва устод Б.Ғафуров низ забони онро «шарқӣ-эронӣ» мешуморад. Ҳарчанд дар маънии матни он миёни донишмандон ихтилоф ҳаст, вале ӯ ин матнро яке аз бозёфтҳои муҳими илмӣ арзёбӣ карда, забони онро намунаи забони

[192] Доктор Маҳдӣ. Заминаҳои рушди забони форсии дарӣ то асри Сомонӣ. - Душанбе, 1999. - С.63.
[193] Ҳамон ҷо. - С.63.

бохтарӣ номида чунин менависад: «Бад-ин тариқ, баъд аз забонҳои суғдӣ, портӣ ва хоразмӣ илм аз забони бохтарӣ ҳам воқиф шуд”.[194]

Муаррихи забардасти Афғонистон Мирғулом Муҳаммади Ғубор дар ин боб чунин менависад: “...Албатта аз забонҳои қадими Афғонистон ва ҳатто забони авастоии аввалия иттилооте дар даст нест. Магар ин маълум аст, ки дар аҳди қабл аз ислом дар Афғонистон алсинаи (забонҳои -ар.) прокрит, санскрит, суғдӣ, юнонӣ, портӣ, паҳлавӣ, аскоӣ ва тахорӣ мавҷуд ва мустақил буд. Охиртар аз ҳама забони дарист, ки дар Афғонистон қабл аз ислом вуҷуд дошт ва дар қарни ҳафтуми милодӣ возеҳан мураввақ буд».[195] Донишманди эронӣ Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ муътақид аст, ки «забони форсии дарӣ... собиқаи истеъмолии ҳаштсадсолаи пеш аз ислом дорад»[196].

Яке аз асноди дигаре, ки барои муайян кардани замон ва номи забони мо нақши муҳим дорад, катибаи Работак аст. Ин катиба дар Работак ном мавзеи Самангон дар соли 1993 пайдо гардид ва аз тарафи муҳаққиқи катибашинос Симс Вилям[197] хонда шуд, ки мо дар бораи он дар асарҳои худ пештар маълумот дода будем.[198] Матни ин катиба бо матни катибаи Сурхкӯтал ба як забон буда, забони он “ориёӣ” сабт шудааст ва аз рӯйи гуфтаи муҳаққиқон давоми забони бохтарии қадим ва портӣ мебошад.

Пас аз кашфи сангнавиштаҳои Афғонистон, ки болотар зикри онҳо рафт, ин забон пиртар гуфта шуд ва умри онро ба 1800-2000 сол расонданд.

Тавре мебинем, дар мавриди таърих ва ё замони пайдоиши ин забон ҳам ақидаҳо гуногунанд. Вале андешае, ки мантиқӣ ба назар мерасад, ҳамон аст, ки забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ҳадди

---

[194]Ниг. Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. ҷ. 1. - Душанбе, 1983.- С.222.

[195] Мирғулом Муҳаммади Ғубор. Афғонистон дар масири таърих. - Кобул, 1967. - С.47.

[196] Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ. Кори фарҳангистон аз забон то форсии дарӣ // Ваҳид, соли 8.- №2. - Теҳрон 1349//1971. - С.185.

[197] Симс- Вильям Н. Новые бактрийские документы // ниг. ВДИ. - №3. - С. 3-10.

[198] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Кит. 3. - Душанбе, 2006. - С 47-123; Эмомалӣ Раҳмон. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. - Душанбе, 2006. - С.184-231.

ақал ду- се қарн бояд таърих ва дар миёни мардум ривоҷ дошта бошад, то дар асри Х он қудрат ва тавоноиеро пайдо кунад, ки шеъре чун шеъри Рӯдакӣ ба он забон гуфтан имконпазир гардад. Аз ин сабаб як гурӯҳ муҳаққиқон вуҷуди ин забонро то қабл аз ислом пеш мебаранд. Асноду далели аввали онҳо вуҷуди калимаҳои тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар ибтидо ва ё каме пеш аз зуҳури ислом дар забони арабӣ мебошад. Далели дигар 21 ё 27 калимаи дахил дар Қуръони Маҷид аст, ки забоншиносон дар асари таҳқиқоти решашиносӣ пайдо кардаанд.[199]

Илова бар осори хаттӣ ва асноди расмие, ки дар боло зикри онҳо рафт, дар адабиёти омма дар зеҳни мардуми ин сарзаминҳо ривоёт ва достонҳои таърихии фаровоне ҳам маҳфуз мондааст, ки ҷанбаи санадии онҳо барои таъйини умри забон камтар аз мероси боло нест.

Дар ин бора Б.Ғафуров чунин менависад: “Дар ҳаёти таърихию маданӣ ва адабии халқҳои Эрон ва Осиёи Миёна роли нисбатан муҳимро забоне бозидааст, ки дар сарчашмаҳо бо номи “забони порсӣ” ё “забони форсӣ” оварда мешавад. Бо ин забон эҷодиёти шифоҳии халқ, бе шубҳа, ҳеҷ гоҳ (ҳатто дар замони истилои арабҳо ҳам) қатъ нашудааст. Аммо аз он ҷо, ки ин эҷодиёти бадеӣ дар хати арабӣ сабт нагардидааст, қариб тамоман номаълум монда, танҳо аз рӯйи баъзе маълумоти парокандае, ки аксаран аз асарҳои ҷуғрофидонҳо ва муаррихони арабизабони асрҳои аввали ҳукмронии ислом ба даст оварда шудаанд, муҳокима рондан мумкин аст”[200].

Бартольд В.В. дубайтии форсии ба харобаҳои Самарқанд бахшидаро, ки Ибни Хурдодбеҳ (асри IX ва аввали Х) ҳифз намудааст ва ҳамчунон маълумоти Табариро дар бораи шайхҳои Мароға, ки шеърҳои “ба форсӣ” эҷодкардаи Муҳаммад ибни Боисро (ваф. миёнаҳои асри IX) мехондаанд, хотирнишон кардааст.

“Ҳамин тавр, шубҳае наметавонад, ки дар ибтидои асри VIII забони зиндаи мардуми Балх (ва ё қисми он) забони тоҷикӣ

[199] Муф. ниг. Саргузашти забони форсии дарӣ. Таълиф ва тадвини профессор Расули Раҳин. Стокглом, 2006. - С.7-8; Абдулаҳмади Ҷовид. Пайдоӣ ва боландагии забони дарӣ // Хуросон. - Кобул, 1363//1985. -№ 17. - С. 4.

[200] Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. - Душанбе, 2008. - С.375.

будааст. Эҷодиёти бадеӣ ба ин забон, бешубҳа, дар байни монавиҳо низ вуҷуд дошт. Инро ду порчаи шеърии ба хати монӣ навишташуда, ки аз рӯйи хулосаи профессор Ҳеннинг ба қалами яке аз ҳамзамононии Рӯдакӣ тааллуқ доранд, тасдиқ мекунад" – таъкид мекунад устод Б. Ғафуров.

Дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ ба шеърҳо ва ривоёте ишора шудааст, ки аз қадимулайём дар боби баъзе воқеаҳои таърихӣ ва бостонӣ суруда шуда буданд. Бо вуҷуди он ки онҳо сабт нашуда ё боқӣ намонда бошанд ҳам, дар ҳар сурат нишонаи он мебошанд, ки забони дарӣ дар ин минтақа таърихи қадимтар доштааст: «Мардумони Бухороро дар куштани Сиёвуш навҳаҳост, чунон ки дар ҳамаи вилоятҳо маъруф аст ва мутрибон онро сурудаанд ва мегӯянд ва қавволон онро «гиристани муғон» хонданд ва ин сухан зиёдат аз 3000 сол аст ва дар ҷойи дигар ҳам ин сурудаҳои мардуми Бухороро «кини Сиёвуш» меноманд"[201].

Илова бар инҳо шоҳидони дигаре низ вуҷуд доранд, ба монанди шеърҳои ҳиҷогии монавиҳо мансуб ба китоби «Шопургон», "Суруди оташкадаи Каркуй" дар «Таърихи Сиистон», ки Маликушшуаро Баҳор ва Забеҳуллоҳи Сафо – муаллифи китоби «Таърихи адабиёти Эрон» онҳоро аз охири даврони Сосонӣ ва ибтидои зуҳури ислом медонанд ва гуфтаҳои шоир ва донишманди эронӣ Шафеии Кадканӣ (Сиришк) дар боби Борбад, ки ба ин забон дар ситоиши Хусрави Парвиз-подшоҳи Сосонӣ -хусравонӣ суруда ва бо оҳанг онро хондааст ва амсоли нишонаи он аст, ки ин забон дорои таърихи хеле тӯлонитар мебошад.

§ 5. Номи забони мо. Дар осори таърихӣ ва адабии гузашта забоне, ки мо имрӯз бо он гуфтугӯ мекунем бо номҳои мухталиф – тоҷикӣ, порсӣ, муарраби он форсӣ, дарӣ, порсӣ ё форсии дарӣ дарҷ гардидааст.

Аз мутолиаи осори илмӣ ва баррасии аснод ва ривоёти мухталиф дар боби номи ин забон кас ба тааҷҷуб меояд, ки чаро ин ҳама нобиғагони илму дониш, суханвару суханшиносони нуктасанҷ ва орифони машҳур, ки дар тӯли беш аз ҳазор сол

[201] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тарҷумаи Абунасри Аҳмад ибни Муҳаммади Насри Қубовӣ. Талхиси Муҳаммад ибни Зуфар. Тасҳеҳи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1351//1972. - С. 123

андешаҳои олимона ва эҳсосоти шоиронаи худро ба ин забон навиштанд ва сурудаанд, ҳадди ақал номи забони осори худро дақиқу равшан ба бозмондагон интиқол надодаанд? Шояд дар замони онҳо ин масъала сода ва одӣ буда, ниёз ба ташхису таъкид надоштааст? Ва ё чӣ шуд, ки гузаштагони мо бо ҳама саъю талоше, ки дар эҷод ва танзими дастури забони арабӣ ва қоидаҳои дақиқ барои сарфу наҳви он ба кор бурда, ҳатто асарҳои мустақиле дар боби имло ва шеваи китобати он забон навиштанд, барои забони миллии худ ҳеҷ гуна қоидаи собит ва дастури илмие насохтаанд?

Тоҷикӣ. Тоҷикӣ ном гузоштани забони мо таърихи дерина дорад. Дар навиштаҷоти бозёфтшуда аз ноҳияи Турфони Чин дар як навиштаи гимнҳои монавӣ (M.339) бори аввал номи «тоҷик» дар шакли «тоҷикона» омадааст, ки ба гуфти муҳаққиқон он аз вожаи «тоҷик» +пасванди «она» пайдо шудааст. Ин навишта дар сатри ҳафти матни M.339 дар шакли «apr t´jyg´nyg ″w´ko»- бо тарҷумаи «in the Tajiki tune» яъне «bar Tajikona āvāk» «ба лаҳни тоҷикӣ» омадааст.[202] Вожаи суғдии «āvāk» дар портӣ ба шакли «āwāž (″w´ko) ва дар форсии миёна ба шакли «āwāg» ба маънии «овоз, нутқ, сухан» омадааст.[203] Яъне метавон ин калимаро ба шакли «ба лаҳни» хонд. Дар бораи вожаи «тоҷикона» бошад, ақидаи донишмандон чунин аст. Пеш аз ҳама ба ақидаи онҳо вожаи «тоҷик» аз забони портӣ ба шакли калимаи мустақил ба забони суғдӣ дохил шудааст ва аз ин калима суғдиён бо истифода аз пасванди калимасози «она» вожаи «тоҷикона» сохтаанд. Вале дар забони суғдии садаи VIII милодӣ дар баробари ин калима вожаи «араб» низ вуҷуд доштааст.

Ба ақидаи Зандерман ин вожа дар муқобили вожаи «parsig» -форсии миёна ва «al-fahlaviya» (забони портӣ ё паҳлавӣ – забоне, ки дар панҷ минтақа: Исфаҳон, Рай, Ҳамадон, Маҳи Наҳованд ва Озарбойҷон бо он гуфтугӯ мекарданд) барои

---

[202]Ниг. Boyce M., A catalogue of the Iranian Manuscripts in Manichean Script in the German Turfan Collection. Berlin, 1960, p. 23; Sundermann W. An early attestation of the name of the tajiks. - Berlin, 1993. - P.1.

[203] Sundermann W. An early attestation of the name of the tajiks. - Berlin, 1993.; Yoshida V.Documents et archives de l´ Asia Centrale, Kyoto, 1990. - P.118-120; Лившиц В.А. Согдийские документы с горы Муг, Вып 11. - Москва, 1962, text B14.1.

шахсони исломовардаи эроние тааллуқ мегирад, ки ба забони форсии нав ё забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекарданд ва мақсад аз ибораи «bar tājikāna āvāk» бо лаҳни тоҷикӣ ё бо форсии нав суҳбат ё қироат кардан аст.[204]

Ин донишманди олмонӣ дар мақолаи худ бо номи «Як гувоҳии бостонӣ дар бораи номи тоҷик» (1993) як нусхаи хаттии матни монавиро хонда, тафсир карда ба кашфиёти бузурге ноил шудааст. Матни он нусха роҳнамоӣ ва ҳидояте барои монавиён дар иҷрои дуо ва ниёиши дини монавӣ аст, ки дар он гӯё вожаи «тоҷик» ба маънои «монавиён» ва «забони дини монавӣ» истифода шудааст. Барои мо дар ин матн ибораи «par tāžigāne āwak» муҳим аст, ки маънои «ба забони тоҷикӣ» (қироат мекарданд)-ро дорад.

Вале Лившитс В. А. ин ақидаро бо сабаби номаълум будани гузориши –(t)č-j аз лиҳози такомули овоӣ ноустувор ва ғалат мешуморад. Ӯ тарафдори решаи портӣ ва суғдӣ доштани шакли «tāžik» ва «tājik» мебошад. Дар забони портӣ ба калимаи форсии миёнаи «tāčik» аз рӯйи қонунмандии забонӣ бояд шакли «tāžik» (ба монанди портии rož «rӯz» ва форсии миёнаи rōč- rӯz) мутобиқат кунад. Ин калима аз забони портӣ ба забони суғдӣ ва баъдан ба форсӣ-тоҷикӣ ва забонҳои туркӣ гузаштааст.[205] Далеле, ки дар забони суғдӣ шакли «tāžikāna» (аз tāžik ва пасванди –āna) дида мешавад, шаҳодат медиҳад, ки ин калима дар забони суғдӣ дар шакли калимаи алоҳидаи сода қабул шуда будааст. Ҳамин тариқ, Хромов А. Л. қайд мекунад, ки ду шакли таҳаввули ин калима вуҷуд дорад. Аввал шакли форсии миёнаи tāčik, tāžig, tāziγ (Бейли Г. истилоҳи «ttāsikc»-ро ба маънои «араб» дар забони хутаниву сакоӣ пайдо кардааст[206]) ба маънои «араб», ки дар форсӣ-тоҷикӣ шакли tāzi ба маънои «араб» ва «арабӣ» ва дувум- портӣ «tāžik» ба ҳамин маъно ба забони суғдӣ ворид шуда, аз суғдӣ сипас дар шакли tājik пайдо шудааст. Лазар Ж. низ манбаи суғдӣ доштани истилоҳи «тоҷик»-ро

[204] Sundermann W. An early attestation of the name of the tajiks. - Berlin, 1993.
[205] Согдийские документы с горы Муг, Вып.II. Юридические документы и письма. Чтение, переводы и комментарии Лившица В. Э. - М., 1962. - С.87.
[206] Согдийские документы с горы Муг, Вып.II, Юридические документы и письма. Чтение, переводы и комментарии Лившица В. Э. - М., 1962. - С.88

тасдиқ мекунад.[207] Донишманди дигари олмонӣ Рудигар Шмидт ин ибораро ба маънои «мусулмони форсизабон» таъбир кардааст, яъне «мардуми таҳҷоии дини исломро қабулкарда», ки ислом оварда, вале бо забони форсӣ суҳбат мекарданд. Вале ин ақидаро навиштаҳои бохтарие, ки баъдан дар Афғонистон пайдо шуданд, ба куллӣ рад менамояд, чунки дар ин ҷо аллакай дар бораи «тоҷику тоҷикон» сухан рафтааст. Як қисмати хурди санадҳои бохтарӣ, ки аз тарафи Симс Вилямс (Аснодиҳ Бохтарӣ, соли 2000) таҳқиқ шуда, ба чоп расидааст, дар бораи вожаи «tazikano» маълумот медиҳад. Мутаассифона, ин муҳаққиқ вожаи «tazikano»-ро ҳамчун аъроб тафсир кардааст. Вале ҳангоми таҳлили ин матн маълум мегардад, ки сухан дар бораи шоҳони маҳаллии ин минтақа меравад, ки бо арабҳо ҳеҷ умумияте надоранд. Дар ин бора пештар муфассал таваққуф намудаем.

Дар Тибет дар маъхазҳои динии ин кишвар ба номи Бонпо кишвари Тагзик ва забони тагзик вомехӯрад, ки гӯё ин кишвар дар сарзамини Осиёи Марказӣ воқеъ будааст. Л. Н. Гумилёв дар асари худ «Величие и падение древнего Тибета» (Сууд ва суқути Тибети қадим) менависад, ки «Китоби муқаддаси Бон аз тарафи Шенрабмибо ба забони тагзик (тоҷикӣ) навишта шуда, сипас ба забонҳои дигар тарҷума шудааст».[208] Муҳаққиқи дигар Дж. М. Райнолдс дар мақолаи худ таҳти номи «Пажӯҳишгоҳи таҳқиқи Бонпо» қайд мекунад, ки тибби бузурги Тибет, назария ва амалияи дини Бонпо ба Тибет аз ҷануб аз Ҳиндустон наомадааст, балки аз кишвари Шаншун, ки дар ғарби Тибет воқеъ аст, омадааст. Дар навбати худ он дар замонҳои қадим аз кишвари Тазиг ё аз Осиёи Марказии эронӣ омадааст.[209]

Дар сарчашмаҳои чинӣ ба ғайр аз истифодаи истилоҳи «пос» ба маънои форсӣ истилоҳи қадимтари «таоҷӣ», «таочӣ» яъне «тоҷик» ба маънои қавмҳои эронӣ истифода

[207] The Combridge history of Iran, vol. IV. - Cambridge University press, 1975. - P. 600.
[208] Гумилёв Л.Н. Величие и падение Древнего Тибета // Страны и народы Востока. Вып.VIII. - М. 1969. - С. 158-159
[209] Рейнольдс Дж. Олмо Лунгринг: “Нерушимая священная земля” // Гаруда, 1992. - №2. - С. 48; Муъминджанов Х.Х. Авесто об этногенезе таджиков // Известия Академии наук РТ, серия философия и правоведение. - №1-2, 2002. - С.185.

шудааст, ки дар Хитой машҳур будани вожаи тоҷикро нишон медиҳад.[210]

Дар сарчашмаи туркӣ-уйғурии «Кутатғу билик» (Дониши бахтовар), ки дар соли 1070 аз тарафи Юсуфи Балосоғунӣ, яъне 20 сол пеш аз асари Маҳмуди Кошғарӣ навишта шудааст, дар бораи забони тоҷикӣ ба таври равшан маълумот дода шудааст. Ӯ дар яке аз байтҳои худ чунин менависад: Ин матн дар тарҷумаи русӣ чунин аст: «Да, книг у арабов, таджиков немало. А нашей речью сия – лишь начало. «Ин гуна китобҳои хуб ба арабӣ ва тоҷикӣ кам нест, вале ба суханони мо ин аввалин аст» (тарҷумаи таҳтуллафз).[211]

Маънои ҷуғрофӣ ва қавмии истилоҳи «тоҷик»-ро дар сарчашмаҳои исломӣ ба таври фаровон мушоҳида кардан мумкин аст. Барои хулоса танҳо ба чанд сарчашма рӯ меорем. «Таърихи Байҳақӣ», ки ба қалами Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақии дабир тааллуқ дорад, дар бораи тоҷикон маълумоти зиёде додааст ва аз қавли Туғрали Салҷуқӣ мегӯяд. «Ва мо мардумони нав ва ғарибем, расмҳои тоҷикон надонем»[212]. Мисоли дигар «…Ва ҳама аъёни тоҷикро дар он даровард».[213]

Дабири Сиёқӣ бо истинод ба «Сафарнома»-и Клавихо, сафири Кастилия дар дарбори Темур менависад: «Чун ба шаҳри Андхуд (Андхӯй-Э.Р) воқеъ дар панҷоҳ километрии Ҷайҳун дар аёлати Балхи қадим ворид шудем ба марзи Эрон (Хуросони бузург) даромадем, зеро ба кишвари Тоҷик расида будем, ки забони мардумашон ба забони форсии маъмулӣ тафовут дорад, гӯё ин ки бисёре аз луғот, ки бар сари забонҳост, айни забони форсӣ».[214] Дар матни ин иқтибос аз тарафи мутарҷим дахолат сурат гирифтааст ва ба он порчаи «воқеъ дар панҷоҳ километрии Ҷайҳун дар аёлати Балхи қадим ворид шудем ба

[210]Саидмуҳаммади Саҷодия, Боз ҳам Тоту Тоҷик//Тоҷикон дар масири таърих, гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода. - Теҳрон,1373//1994. - С.179.

[211] Юсуф Баласагунский. Благодатное знание. – М., 1983. - С. 11.

[212] Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайни Байҳақии дабир. Таърихи Байҳақӣ. Тасҳеҳи доктор Алӣ Акбари Файёз. - Кобул,1364 // 1985. - С. 732-733.

[213] Ҳамин асар. - С. 791.

[214] Саидмуҳаммад Дабири Сиёқӣ. Тот ва Тозику Тоҷик // Тоҷикон дар масири таърих. Гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода. - Теҳрон,1373//1994. - С.165.

марзи Эрон (Хуросони Бузург) даромадем» илова шудааст. Зеро дар матни тарҷумаи русии он иловаи фавқ дида намешавад ва он ин тавр аст: «Этот город относился уже не к Мидийской земле, а к земле называемой Тахикиния, язык ее чем-то отличается от персидского, но в основном похож на него» яъне «Ин шаҳр (яъне Андхӯй-Э.Р.) ба сарзамини Мод тааллуқ надорад ва ба сарзамини бо номи Тахикиния (Тоҷикия, – Э.Р.) шомил аст, забони он аз забони форсӣ андаке фарқ дорад, вале асосан ба он монанд аст».[215]

Дар ҳамин «Сафарнома» Клавихо вилояти Райро низ шомили кишвари Тоҷик шумурда менависад: «Потом покорил всю землю и империю Орасании (Хорасан), а также всю землю Тахикинии (Таджикии), называемую Рей…» яъне «Баъдан (Темур-Э.Р.) тамоми сарзамин ва империяи Орасан (Хуросон) ва ҳамчунин тамоми ҳудуди Тахикиния (Тоҷикия)-ро бо номи Рай тобеъ намуд».[216]

Устод Садриддин Айнӣ дар яке аз мақолаҳои худ аз "Равзат ус-сафо" иқтибосе овардааст, ки чунин аст «Чингизхон, хавонин (хонон) ва умарову нуниёнро ҷамъ карда гуфт, аз сари ҳазм азми разми вилояти Тоҷик кардӣ».[217]

Зуҳури номвожаи "Тоҷикистон" ва таркиби "забони тоҷикӣ" дар ибтидои садаи XX сабабҳои хоси сиёсӣ ва далелҳои дурусту объективӣ низ дошт. Аввал он ки ҳангоми таъсиси ҷумҳуриҳои шӯравии Осиёи Миёна пас аз Инқилоби Октябр номи ҷумҳуриҳои нав ва забони онҳо аз номи миллат ва қавму қабилаҳои сокини онҳо гирифта шуд, ба мисли Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон. Бинобар ин, аз ин нигоҳ Тоҷикистон ва забони тоҷикӣ низ мутобиқи ин меъёр буд.

Аз тарафи дигар, пантуркистон вуҷуди миллатеро ба номи "тоҷик" дар қаламрави Осиёи Миёна инкор мекарданд ва дар вақти тақсимоти ҳудуди ин сарзамин ҷое барои онҳо қоил набуданд. Баҳона мекарданд, ки тоҷикон мардумони омадаанд

[215]Руи Гонсалес де Клавихо, Дневник путешествия в Самарканд ко двору Тимура (1403–1406). - Москва, 1990. - С.97.
[216] Ҳамон ҷо. - С.15.
[217]Ниг.: Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик//Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С.49; Назарзода С. Забон ва ваҳдати миллӣ - Душанбе, 2007. - С. 22-23.

ва бад-ин васила масъалаи ташкили ҷумҳурии мустақилро барои онҳо дар Осиёи Миёна мушкил мегардонданд. Ҳол он ки барои одитарин таъриххону таърихдон маълум аст, ки тоҷикон дар ин сарзамин соҳибхона буданд ва меҳмонони хондаву нохондаи бисёреро дида ва “пазироӣ” кардаанд.

Тавре пештар ишора шуд, пас аз касби истиқлол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи номи забони давлатӣ андеша ва пешниҳодҳои гуногун баён гардидааст.

Гурӯҳе ба хотири ҳифзи ирсияти таърихӣ, ба тақлиди таркиби «форсии дарӣ» истилоҳи «форсии тоҷикӣ»-ро пешниҳод мекарданд. Дастаи дигар дар таърих амиқтар фурӯ рафта, ақида доштанд, ки онро бояд «форсӣ»-и холис номид. Вале баъзе муҳаққиқон бими онро доштанд, ки дар сурати “форсӣ” номидан зодгоҳи онҳо ба яке аз вилоёти Эрон - Форс нисбат мегирад ва илова бар он «забони форсӣ»-и имрӯз номи забони расмии Эрон аст ва дар ин ҳолат боиси эҷоди сӯитафоҳум хоҳад шуд.

Вале дар ватани мо аксарият бар онанд, ки ҳамин истилоҳи «забони тоҷикӣ», ки мардум ба он одат кардаанд, боқӣ монад.

Албатта «форсӣ» ё «форсии дарӣ» номидани забони ҳозираи тоҷикӣ на хилофи ҳақиқати таърихист ва на халале ба истиқлолияти кишвари мо мерасонад. Дар ҷаҳони имрӯза мо чандин кишвареро, монанди мамлакатҳои араб мешиносем, ки бо вуҷуди истиқлолияти ому том номи забонашон муштарак аст. Ҳанӯз С.Айнӣ навишта буд, ки тоҷикон «халқи форсизабони Осиёи Миёна ва Хуросон мебошанд», ки баъд аз ислом ба онҳо «номи «тоҷик» ва ба забонашон «забони форсӣ» ё ин ки «забони тоҷикӣ” дода шуд[218].

Барои соҳибназарон равшан аст, ки дар ибтидои пайдоиш барои ташхиси ин забон аз дигар забону лаҳҷаҳои хешованди ҳамзамон ба мисли суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ онро «форсии дарӣ», «дарӣ» ва ҳатто форсии «ҳиндӣ» “кобулӣ” ва ғайра гуфтанд ва ин амалро ғалат нашуморидаанд. Ва ё ин ки тайи даҳсолаҳои дурӣ ва ҷудоии тоҷикон ва эрониён, дар асари авомили гуногуни сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии садаҳои охир, баъзе тафовутҳои дастурӣ ва дигаргуниҳои луғавӣ ба миён

[218] Муф.ниг. Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик//Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. - Душанбе, 2009. - С.34-62.

омадааст, ки онҳо забони тоҷикиро рангу бӯйи «маҳаллӣ» дода, мансубияти онро бо минтақаи хос таъкид мекунанд.

Албатта ин далелҳо аз нигоҳи фанни забоншиносӣ ба ҳадди бунёдӣ ва ба он андоза амиқ нестанд, ки забони ҳозираи тоҷикиро аз форсӣ ё дарӣ ҷудо сохта, онро ба як забони мустақил табдил диҳанд. Аммо дар айни замон онҳо ба сифати ҷанбаҳои равонӣ ва сиёсӣ авомили ҷиддӣ ҳастанд ва дар шароити кунунӣ наметавон аз онҳо сарфи назар кард.

Назар ба воқеиятҳои ҷорӣ, ба андешаи мо, номи расмии забони давлати мустақилу соҳибихтиёри Тоҷикистон – “забони тоҷикӣ” ба тамоми меъёру талаботи илмӣ ҷавобгӯ буда, ҷанбаҳои сиёсӣ ва равонии ин масъаларо низ дар бар гирифтааст. Он ба монанди аксарияти забонҳои дунё баёнгари номи миллат, яъне тоҷикон ва кишвари онҳо-Тоҷикистон мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон забони давлатӣ ва расмиву коргузорӣ забони тоҷикӣ буда, марҳила ба марҳила дар ҳоли рушду густариш қарор дорад. Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5 октябри соли 2009) ва тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушду густариши забони давлатии мо, яъне забони тоҷикӣ тамоми шароит муҳайё шудааст. Дар кишвар Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтааст, ки ин ниҳоди давлатӣ назорати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дар тамоми қаламрави кишвар бар уҳда дорад. Дур нест, ки орзуву омоли мардуми тоҷик дар бобати ба як забони тавонои илмиву фановарӣ табдил ёфтани забони тоҷикӣ ва роҳ ёфтани он ба арсаи байналмилалӣ ҳамчун забони пешрафтаи илмии ҷаҳонӣ ҷомаи амал мепӯшад, зеро имрӯз забони тоҷикӣ дар ҳимояи давлат буда ва он шаҳсутуни асолати миллии мост.

Дарӣ. Аз таърихи пайдоиши забонҳои ҷаҳон медонем, ки аксарияти онҳо мансуб ва марбут ба қавм ва ё як маҳали муайян буда, номи онҳо аз номи ҳамон қавм ва ё маҳал гирифта шудааст. Бинобар ин, бо таҳқиқе мухтасар дар таърихи он қавм, ё маҳал ва ё таҳлили решашиносӣ дар бораи номи забонҳо ҳатто дар замони пайдо шудани онҳо маълумоти нисбатан дақиқ

пайдо кардан мумкин аст. Аммо номи забони мо дар даврони нав ба унвони «дарӣ» шояд зери таъсири авомили гуногуни таърихӣ ва ё табъи хоси забон, ба шакли дигар пайдо шуда бошад. Имрӯз дар миёни забоншиносон тахмину гумонҳои мухталиф дар ин бора вуҷуд дорад ва зоҳиран то пайдо шудани ахбору асноди наву муътамад ин роз ҳамчунон пӯшида хоҳад монд.

То ҷое маълум аст, дар се қарни аввали исломӣ калимаи «дарӣ» дар осори хаттии бачомонда, яъне дар мутуни арабӣ ва навиштаҳои дарӣ ба хати арабӣ вонамехӯрад. Ҳатто дар ибора ва ҷумлаҳои кутоҳи дарӣ, ки тавассути китобҳои арабӣ ба мо расидаанд, ин калима дида нашудааст.

Сайёҳи чинӣ Сюан-сзан, ки дар соли 630 ба навоҳии Мовароуннаҳр ва Хуросон сафар кардааст, аз забонҳои суғдӣ, фарғонӣ, хоразмӣ ёд мекунад ва ҳамчунин менависад, ки дар Тахористон (ба истиснои Шуғнон) ба забони тахорӣ такаллум мекунанд.

Сад сол баъд аз ӯ дар соли 728 сайёҳи дигари чинӣ Хой Чао ба ин минтақа сафар карда аз забони суғдӣ ва шаҳрҳое, ки ба ин забон гап мезананд, монанди Бухоро, Чоч, Уструшан ва Самарқанд ном мебарад ва забонҳои Шуғнон, Вахон, Бомиён ва босиро (форсӣ) ба таври ҷудогона ёд мекунад.[219] Аммо ишорае ба лафзи дарӣ ва ё забони дарӣ надорад. Ҳол он ки забонҳои дигари эронӣ чун суғдӣ, тахорӣ ва ғайра бо номҳояшон ёд шудааст.

Муҳаққиқон аввалин бор вожаи «дарӣ»-ро ба маънои забон дар қарни Х дар осори мансури ба забони арабӣ навишташуда пайдо кардаанд. Вале дар осори манзуми ин давра ва ҳатто баъди он ҳам мисли «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ калимаи «дарӣ» дар таркиби «порсии дарӣ» ба кор рафтааст. Дар ашъори Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва муосиронашон гоҳе ба шакли «дарӣ» ва гоҳи дигар ба номи «порсӣ» истифода шудааст. Аммо дар ашъори бозмондаи Рӯдакӣ ва ҳамасронаш монанди Абушакури Балхӣ ин калима ба кор нарафтааст, шояд зарурате пеш наомада ва ё ин луғат дар он аҳд ҳанӯз маъмул ва ё шуҳрат наёфта будааст.

[219] Сияев Б. ва Абдулқаюми Қавим. Пайдоиши забони дарӣ // Ирфон. - Кобул, 1363//1984. - С.13.

Дар осори мансур муҳаққиқон бори нахуст вожаи «дарӣ»-ро ба шакли «форсии дарӣ» дар тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» мушоҳида кардаанд. Дар қарнҳои баъд, тавре гуфтем, касоне монанди Шамси Қайси Розӣ муаллифи «ал-Муъҷам» истилоҳоти «форсии дарӣ» ва ҳатто форсиро ҷудо аз дарӣ ба кор бурдаанд.

Аммо нишонаҳо ва ё ибораву ҷумлаҳои кутоҳи забони дарӣ дар китобҳои арабӣ аз давраи ҷоҳилият, яъне пеш аз ислом мушоҳида мешавад. Зеро дар даврaҳои пеш аз ислом низ роҳҳои гуногуни тиҷорат, муносибатҳои ҳамсоягӣ ва таърихӣ бо арабҳо мавҷуд буда ва дар натиҷаи ин тамаддуни ориёӣ дар сарзамини араб каму беш нуфуз доштааст. Дар аввали зуҳури ислом ибораи порсии дарӣ дар ашъори араб ягон-ягон ворид мешавад.

То он ҷо ки муҳаққиқон иттилоъ медиҳанд, нахустин касе, ки луғоти дариро дар каломи худ ба кор бурда, ҳатто ба кадом забон тааллуқ доштани онҳоро таъкид ҳам кардааст, Аъшо ибни Қайс мебошад, ки ҳам аҳди ҷоҳилият, ҳам давраи исломӣ ва ҳатто Паёмбари исломро дидааст.

Дар мавриди шинохти маънӣ ва решаи худи истилоҳи «дарӣ» низ то ба имрӯз андешаи ягона, ки аз ҷониби аксари забоншиносон пазируфта шуда бошад, мавҷуд нест.

Иддае онро мансуб ба «дара» медонанд ба маънои забоне, ки дар дараҳо, кӯҳпояҳо ва водиҳо мардум ба он сухан мегуфтанд, дар баробари паҳлавӣ, ки мафҳуми забони шаҳриро ифода мекунад.

Донишманди забардаст Маликушшуаро Баҳор тахминҳои дигар низ ба он илова кардааст. «Чун дар дарбори Сосониён бад-он (забони дарӣ) сухан мегуфтанд, аз ин рӯ вайро дарӣ гуфтанд. Зеро калимаи «дар» дар забони паҳлавӣ маънои пойтахт ва дарборро доштааст. Ва агар «кабки дарӣ» мансуб ба «дара» аст, далел шуда наметавонад, ки «забони дарӣ» забони дарбор ё пойтахт мебошад».[220] Аммо донишманди эҳтиёткор дар мавриди сиҳати андеша ва тахмини худ ҳанӯз итминони комил надорад, бинобар ин илова мекунад, ки шояд калимаҳои «дара, дарӣ» ва «дар»-и паҳлавӣ мафҳум ва маънои дигар дошта бошанд.

[220] Ниг. Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. ҷ.1. - Теҳрон, 1373//1994. - С.19.

Баъзеи дигар онро шакли тоза ва бозмондаи лафзи тахорӣ медонанд. Забоне, ки пеш аз зуҳури ислом дар Хуросон ривоҷ дошт.

Ривояте аз гузашта боқист, ки мутобиқи он истилоҳи «дарӣ»-ро мухаффаф ва муштақ аз вожаи «тахорӣ» мешуморанд. Гӯё калимаи «тахорӣ» ба тадриҷ ба шакли «тахарӣ» ва сипас ба сурати «тхарӣ» даромада ва баъдан нисбати доштани махраҷи муштарак, «тх» ба «д» табдил шуда, калимаи «дарӣ» пайдо шудааст. Вале дар мавриди ин фарзия дар байни забоншиносон баҳсҳо ба охир нарасидааст.

Дар миёни луғатнависон муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» (1608) гӯё нахустин касест, ки тахмин ва фарзияҳои ӯ дар мавриди шинохти забони мо ва маншаву сарчашмаи он маъруф шудааст. Сипас ин муаррифинома (дуруст ва ё нодуруст будани он ин ҷо матраҳ нест) ба воситаи луғатномаи «Бурҳони қотеъ» (1652) дар миёни муҳаққиқони сонӣ муътабар гардида, солиёни дароз дар фарҳангу дастурҳо ва матну интишороти илмӣ такрор шудааст.

Сиккаҳоеро, ки юнониён ба номи «дарик» ё «зарик» меномиданд ва дар матни паҳлавии «Ёдгори Зарирон» низ омадааст, ба андешаи олимон рабте ба номи Доро ва Дориюш надорад. Шояд калимаи «зар» ба маънои тилло низ ба вожаи дарӣ марбут бошад, чунон ки мегӯянд кабки дарӣ ё кабки зарӣ, яъне заргун ва заргуна.

Гурӯҳи дигар онро аз масдари «даройидан» ба маънои сухан гуфтан медонанд. Тасмияи «дариро» ба маънои «занг» ва овози ноқус ва табл аз бобати бонг ва овоз низ аз ҳамин реша тахмин кардаанд.

Калимаи дарӣ истилоҳан ба маънои фасеҳ, саҳеҳ, холис, музоб (холӣ аз айбу нуқсон) низ истеъмол шудааст. Ба ривояти “Китоб-ул-муъҷам” луғати «дарӣ» бештар ба маънои аҷиб, ороста ва нағмаҳои «мураввақ» (софшуда ва беғаш) пероста аст.[221]

Мақдисӣ онро «сода ва равон» ва дар «Китоб-ул-муъҷам» ба такрор он ба шакли иборати «саҳеҳи луғати дарӣ» ба кор рафтааст. Муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» менависад, ки «забони

[221] Муф. ниг. Саргузашти забони форсии дарӣ. Таълиф ва тадвини профессор Расули Раҳин. - Стокглом, 2006. - С.14.

дарӣ аз дигар забонҳои форсӣ, ки паҳлавӣ, ҳиравӣ ва зовулӣ ва сагзиву суғдӣ бошад, фасеҳтар аст».

Аммо андешае дар ваҷҳи тасмияи забони дарӣ, ки онро мансуб ба «даргоҳ, дарбор» медонанд, тарафдорони бештар дорад. Яке аз далелҳои он ин аст, ки дар аҳди Сосонӣ он чи мансуб ба дарбор буда «дарик» гуфта мешуда ва ё «дарибад», ки ба истилоҳи имрӯз раиси умури дарбор, раиси дастгоҳро ифода мекунад. Дар «Таърихи Қум» «даригбону» ва дар арманӣ Drekter ба ҳамин маънӣ ба кор рафтааст.[222] Вале дар вақти мансуб донистани ин калима ба дару дарбори Сосониён ин нуктаро набояд фаромӯш кард, ки ҳеҷ гуна асари мактуб аз ин забон ба мо нарасида ва ё аслан вуҷуд надоштааст.

Ва дар охир бояд гуфт, ки сабаби чунин шуҳрат ва қудрат пайдо кардани забони дарӣ шояд дар он бошад, ки вай ба маҳал ва тоифае мансуб набуд ва аз ин ҷиҳат бештар мақбул афтода ба забони расмӣ ва умумӣ табдил шуд ва дар асрҳои баъдӣ барои тамоми сулолаҳои Осиёи Миёна (аз ҳар тираву таборе, ки будаанд) ва сипас аз Ҳинд то Рум забони муштараки ин сарзамини бузург гардид.

Тавре пештар гуфтем, аз ибтидои пайдоиши калимаи «дарӣ» дар бисёр маврид муродифи порсӣ ё форсӣ қарор гирифта муаллифони пешин ва забоншиносони муосир онро ба шакли «форсии дарӣ» ба кор бурдаанд ва имрӯз мо дар ин боб намунаҳо ва мисолҳои фаровон дар ихтиёр дорем.

Масалан, Балъамӣ дар муқаддимаи арабии «Таърихи Табарӣ» (тахминан соли 963) забони тарҷумаашро «забони форсии дарӣ» меномад. Баъдтар (зоҳиран, баъд аз соли 976) муқаддимаи арабии ин тарҷумаро ба форсӣ баргардонда ва дар он забони ин тарҷумаро «порсӣ» мегӯяд. Ҳамин тавр, ҳеҷ шубҳае нест, ки истилоҳҳои форсӣ, форсии дарӣ, ба айни як маъно кор фармуда шудаанд.[223]

Вале суоле пеш меояд, ки чаро чунин таркибот нисбат ба дигар забонҳои маъмули он давра, ба монанди форсии суғдӣ, форсии хоразмӣ ва амсоли он пайдо нашуд. Далели пайдо

[222] Ниг. Абдулаҳмади Ҷовид. Пайдоӣ ва боландагии забони дарӣ//Хуросон. - Кобул, 1363//1985. - № 17. - С.8-11.

[223] Ниг.: Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна. ҷ. 1-2. - Душанбе, 1983. - С.509.

нашудани чунин таркибҳо шояд дар он буд, ки забони дарӣ нисбат ба забонҳои хешованди муосири худ мавқеияти хос ва соҳиби имтиёзоти зиёде шуда, то он дам тавониста буд, бисёр забонҳо ва лаҳҷаҳои маҳаллии қаламрави нуфузашро дар худ ҳазм ва ё ба “гӯшанишинӣ” маҷбур кунад.

Саргузашти таркиби «форсии дарӣ» дар давраҳои минбаъда низ бисёр ҷолиб аст. Пайванди байни ин ду калима оҳиста-оҳиста ба ҷое расид, ки луғати аслии забон - «дарӣ» ба гузашти айём аз паси истилоҳи «форсӣ» бардошта шуд ва дигар ин забонро, ки дар асл ҳамон забони дарӣ буд, ба шакли забони «форсӣ» ба кор бурданд. Аз ин ҷиҳат аз асрҳои XV ба ин тараф дар осори хаттии боқимонда камтар истилоҳи форсии дарӣ дучор мешавад.

Форсӣ. Дар маъхазҳову манбаъҳо номи забони мо дар шакли порсӣ, порсии дарӣ, муарраби он форсӣ ва форсии дарӣ вомехӯрад. Ҳоло барои равшан шудани масъала пеш аз ҳама бояд дар мавриди ду истилоҳ «Эрон» ва «Форс» каме бештар маълумот диҳем, зеро чунин аст, ки шояд шарҳу тафсири гуногуни ин ду луғат дар давраҳои мухталиф боиси баъзе нофаҳмиҳо дар бораи номи забон шуда бошад.

«Эрон» номи сарзамини бузургест, ки имрӯз як қисмати он бо ин ном ёд мешавад. То ҷое, ки таҳқиқ шудааст, ин истилоҳ аз даврони Сосониён боқӣ монда ва то кунун ҳамон шакли қадимии худро нигоҳ доштааст. Дар баъзе матнҳои бостонӣ дар таркиби «Эроншаҳр» низ вомехӯрад. Чунин таркиб аз ду калима - «шаҳр»-и портӣ ба маънои «кишвар, мамлакат» ва луғати форсии «эрон» ба вуҷуд омадааст, ки боз ҳам ҳамон маънои кишвари Эронро дорад.[224] Фақат бояд Эрони таърихиро, ки сарзамини бисёр паҳноварро дар бар мегирифт, аз Эрони кунунӣ, ки маънои кишвари имрӯзи Эронро гирифтааст, фарқ кард.

Номи «Эрон» аз калимаи «ориён» ба маънои мансуб ба қавми асилу зӯрманд ва ғолиби «орӣ» гирифта шуда, грамматикаи таърихӣ онро “кишвари ориёиҳо” маънӣ

[224] Муҳаммад Муҳити Таботабоӣ. Кори Фарҳангистон, аз забон то форсии дарӣ//Ваҳид. - N1. - Теҳрон, 1349//1970. - С.7.

кардааст. Барои баъзеҳо ин мафҳум эталони “нажоди озодагон” ҳам будааст.[225] Бо гузашти замон бо каме тағйиру табдил ва пешу пас кардани ҳарфҳо ба шакли «Оран», «Арон», «Эрон» (дар забони ҳозираи тоҷикӣ) ва «Ирон» (дар забони форсии муосир) даромадааст. Дар бисёр маврид расм шудааст, ки фарҳанг, ҳунар, тамаддун ва ҳар он чӣ ки зодаи андешаву дониш ва ҳунари сокинони ин сарзамини як вақтҳо паҳновар будааст, ба сифати «эронӣ» нисбат медиҳанд.

Луғати «Порс» ва ё муарраби он Форс бошад, имрӯз ҳам мисли 2500 соли пеш номи вилоятест, ки дар ҷануби Эрони муосир воқеъ шудааст. Зуҳури ду хонадони бузург ва муқтадири Ҳахоманишӣ ва Сосонӣ номи ин минтақаро чунон шуҳрат ва умумият бахшида, ки дар аҳди бостон тамоми сарзаминҳои тобеи ин сулолаҳоро «Порс» ё «Форс» мегуфтанд. Аз ҷумла, ҳамсоягони онҳо юнониву румиҳо, арабу яҳудӣ, суриёниву арманҳо, ки бо Эрони замони салтанати хонадонҳои Ҳахоманишӣ ва Сосонӣ робитаи наздик доштанд, тамоми қаламрави паҳновари зери нуфузи онҳоро «Порс», «Парс» ва ё «Форс» меномиданд ва ҳар чизеро, ки ба онҳо нисбате дошт, аз ҷумлаи забони сокинони ин сарзаминҳоро низ «порс», «форс» мехонданд. Қабилаҳои араби Яман, Сурия, Ҳиҷоз ва Байнаннаҳрайн ҳам, ки нисбат ба дигар тоифаҳои арабӣ ба давлати Сосонӣ пайванд ва рафту омади бештар дошта, солиёни дароз ҳам таҳти салтанати эрониҳо буданд, забони мардуми Эронро аз номи қавми Форс гирифта, онро забони «форсӣ» мегуфтанд.

Баъдтар, дар садаҳои аввали ислом «забони форсӣ» мутлақ забони ҷорӣ дар байни мӯбадони зардуштиро мегуфтанд, ки тақрибан то асрҳои Х маркази онҳо дар маҳалҳои кӯҳистони минтақаи Форс буд. Сайёҳон ва муаллифони араби ин аҳд забони ноҳияҳои ғайрифорсии ин қаламравро бо номҳои забони паҳлавӣ, дарӣ, хузӣ, табарӣ, суғдӣ ва хоразмӣ дар осори худ сабт кардаанд, ки ба андешаи муҳаққиқон дар аксари мавридҳо забонро ба ҷойи лаҳҷа ва ё

[225] М.Занд. Шесть веков славы. - М., 1964. - С.5.

шева истифода намудаанд. Бино бар сабаби сифати ом гирифтани истилоҳи «форсӣ» ба маънои эронӣ ин луғат метавонистааст ба ҳар як аз ин забонҳо нисбат дода шавад.

Дар давраҳои мухталиф луғати «порсӣ», «форсӣ» ё «фурс» ба маъноҳои мухталиф ба кор рафтааст. Гоҳо ба маънои васеи калима, яъне қисмати хоки васее, ки дар шарқи сарзамини арабнишин қарор дошт. Мардуми он навоҳиро аз номи минтақа – Форс ва забони онҳоро форсӣ мегуфтанд. Ин ном аз ҷиҳате буд, ки арабҳо бештар бо мазоҳири фарҳангу тамаддуни Ҳаҳоманишӣ ва Сосонӣ, ки аз вилояти Форс бархоста буданд, шинохти таърихӣ доштанд ва ҳама мероси фарҳангӣ ва тамаддуни сокинони ин ҳавзаи бузургро ба онон мансуб мекарданд. Мафҳуми калимаи Персия, ки дар Аврупо дар асрҳои миёна маъруф шуд, низ ҳамин маъноро дорад.

Ҷуғрофиянависон ва муаррихони араб ба ҳамин сабаб ҳам гоҳе забони форсиро ҳамчун забони аҳли Аҷам ба кор бурда, онро ба чанд даста тақсим карданд ва забони дариро шохае аз он дарахти бузург донистаанд. Ба ин сабаб донишманди шаҳири Афғонистон Абдулаҳмади Ҷовид тахмин мекунад, ки “истилоҳи «порсии дарӣ» шояд ношӣ аз ҳамин мақула” бошад.[226]

Вале забони форсӣ ба маънои хоси ин ибора тавре медонем, дар адабиёти мо фаҳлавӣ, фаҳлавиёт, яъне забони маҳали хос, забони вилояти Шерозро мегӯянд, ки тақрибан ҳеҷ гоҳ ба шакли китобат надаромадааст. Намунаҳое аз ин лаҳҷаҳо дар таронаҳои Бобо Тоҳири Урён, абёте дар мусалласоти Саъдӣ ва дар баъзе ашъори Ҳофиз боқӣ мондааст.

Илова бар ду маънии боло калимаи «форсӣ» ё «порсӣ» дар тӯли таърихи адабии мо, ҳатто то имрӯз баробар бо “дарӣ” буда ва бисёр вақт «форсӣ» ба ҷойи «дарӣ» ба кор рафтааст. “Баъзеҳо бар ин бовaранд, ки дар аҳди Сосонӣ ба сабаби ин ки «порсик» ба «паҳлавии Сосонӣ» тааллуқ

[226]Абдулаҳмади Ҷовид. Пайдоӣ ва боландагии забони дарӣ//Хуросон. - Кобул, 1363//1985. - № 17. - С. 5.

мегирифт, истилоҳи “дарӣ” ғайр аз луғати «порсӣ» буда, аммо пас аз ислом ин ду ном ба як мафҳум итлоқ гардид”.[227]

Ҳамчунин бояд хотирнишон кард, ки гоҳе муаллифони араб истилоҳи забони порсиро ҷудо аз дарӣ ном бурдаанд, ки дар ин ҳолат мақсудашон аз «порсӣ» гоҳе забони паҳлавӣ буда ва гоҳе фаҳлавиёт. Муаллифи «Китоб-ул-муъҷам», чунон ки медонем, гоҳе истилоҳи “форсии дарӣ”- ро ба кор бурда ва замоне “дарӣ” ва “порсӣ”- ро муродифи ҳам навиштааст.

Калимаи «порсӣ» ба маънои суруд ва оҳанг низ ҳаст. Ва ин шеъри Манучеҳрӣ дар мавриди яке аз оҳангҳои қадим ба кор рафтааст:

Як мурғ суруди порсӣ гӯяд,
Як мурғ суруди Мовароуннаҳрӣ.

Зардуштиёни Ҳиндро ҳам, ки бештари онон аз Язд муҳоҷират кардаанд, порсҳо мегӯянд, вале онҳо лаҳҷаи худро «дарӣ» меноманд.

Дар «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ низ калимаи «порсӣ» ба маънои зардуштӣ ба кор рафтааст. Вале дар адабиёти мо, хоса «Шоҳнома» калимаи «порсӣ» ба маънои мутлақи «эронӣ» ба кор рафтааст. «Порсӣ» ба маънои маҷмӯаи анъана ва суннат ва ҳатто одоб ва фарҳанги форсиён низ собиқаи дароз дорад.

Забони форсӣ имрӯз дар Ҷумҳурии Исломии Эрон забони расмӣ ва коргузорӣ буда, тамоми бахшҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро фаро мегирад. Як ниҳоди махсус бо номи «Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ» ба таҳқиқу пажӯҳиши паҳлуҳои гуногуни рушди забони форсӣ машғул аст. Муассисаву сохторҳои гуногуни дигар дар баробари ин фарҳангистон ба густариши забони форсӣ дар дохил ва хориҷи Эрон мусоидат менамоянд. Хулоса, ҳамгироии ин гунаҳои забон, яъне тоҷикиву дариву форсӣ дар бахшҳои гуногуни пажӯҳишҳои забоншиносӣ, махсусан

[227] Абдулаҳмади Ҷовид. Пайдоӣ ва боландагии забони дарӣ//Хуросон. - Кобул, 1363//1985. - № 17. - С. 8.

дар бахши ҳамгунсозии истилоҳоти илмиву фаннӣ як амри ногузир ва воқеӣ аст.

Шояд дар оянда аз миёни садҳо сарчашма ва манобеи нодидаву нохонда ва ё дар бойгонии азими таърихи ориётаборон ахбору асноде пайдо шавад, ки баъзе назарияҳоро дар бораи саргузашти забони мо ва номи он ислоҳ карда, андешаҳои навро ба вуҷуд биёрад.

Умед бар он дорем, ки пешвоёни фикру андеша ва фарзонагони миллати имрӯзу фардои мо камоли эҳтиёт ва мулоҳизаро ба кор мебаранд, то ин ки дар ҳалли чунин масъалаҳои нозуку ҷиддӣ иштибоҳу хатое рӯй надиҳад, махсусан дар боби забони миллӣ ва номи он, ки мафҳумҳои муқаддасанд ва муқаддасот бояд равшан, дақиқ ва собит бошад.

БОБИ III
ЗАБОНИ МО ДАР ДАВРАИ ИСТИЛОИ АРАБ ВА НАХУСТИН СУЛОЛАҲОИ ЭРОНИТАБОР

§ 1. Истилои араб ва оқибатҳои он барои забон ва фарҳанги мардуми Эронзамин. Сокинони Арабистон дар нимаи аввали асри VII милодӣ бар асари зуҳури пайғамбари Ислом ва оини нав – ислом давраи иттиҳоди рӯҳонӣ ва қиёми эътиқодиро аз сар мегузарониданд. Дини нав бо даъвати худ ба бародариву баробарии мусулмонон қабилаҳои бадавии то ин дам ба ҳам душмани арабро зери ливои эътиқоди ҷадид ба Худованди яккаву ягона муттаҳид сохта, ба онҳо нерӯи тозаи рӯҳонӣ бахшид ва заминаҳои истилои араб ва пирӯзиро ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла давлати Сосониён фароҳам овард.

Дар китоби сеюми «Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён» мо таърихи аз ҷониби арабҳо истило гардидани Хуросону Мовароуннаҳр ва интишори ислом дар ин сарзаминҳоро бо тафсили зарурӣ баён кардаем[228].

Бо ҷилавгирӣ аз такрори матлабҳои мазкур ҳамин нуктаро бояд зикр кард, ки дар остонаи пайдоиш ва нуфузи ислом дар ниҳоди давлати бузурги Сосониён нишонаҳои заъф ва нотавонии сиёсиву низомӣ падид омада буданд. Ин амр пеш аз ҳама натиҷаи ҷангҳои тӯлонӣ ва муҳорибаҳои пай дар пайи беш аз бистсолаи Хусрави Парвиз (589-628) бо ҳайтолиён, туркон ва алалхусус бо румиён буд. Дар баробари ин Сосониён аз неруи рӯзафзуни арабҳо дар ғафлат монданд ва ё агар аз он огоҳ бошанд ҳам, ба ин неруи навзуҳур бо чашми таҳқир нигаристанд. Муносибати беэътиноёнаи Хусрави Парвиз ба номаи Пайғамбари ислом ва сафири ӯ[229] ин қазияро тасдиқ мекунад. Пас аз Хусрави Парвиз муноқишаҳои хонаводагии Сосониён шоҳаншоҳиро ба доми буҳрони шадиди сиёсӣ ва вартаи фанои давлатдорӣ кашид. Тасодуф нест, ки танҳо дар тайи солҳои 630-632 мелодӣ ба тахти шоҳаншоҳӣ пайи ҳам 10

[228] Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. - Душанбе, 2006. - С. 153-248.
[229] Балъамӣ. Таърихи Табарӣ. - Теҳрон, 1380//2001, ҷ.1. - С.638.

нафар подшоҳ нишаст, вале онҳо аз уҳдаи идораи давлат ва гирифтани пеши роҳи лашкари араб баромада натавонистанд.

Пайғамбари ислом ва ёрони ӯ – хулафои рошидин, аз нооромии дарбори Сосониён ва коҳиши иқтидори сиёсиву низомии давлати онҳо огоҳ буданд ва фатҳи Эронро дар роҳи интишори ислом ва густариши нуфузи хилофати исломӣ хеле муҳим арзёбӣ мекарданд. Аз ин ҷост, ки пас аз мустаҳкам шудани пояҳои ислом дар сарзамини Арабистон арабҳо дар аҳди халифа Умар ибни Хаттоб (634-644) ба фатҳи қаламрави Сосониён оғоз карданд. Муҳорибаҳое, ки дар миёни сипоҳиёни охирин шоҳаншоҳи дудмони Сосониён – Яздигурди III ва сипоҳи ҷангозмудаи арабҳо 17 шавволи соли 15 ҳичрӣ / 2 декабри соли 636 милодӣ ба вуқӯъ пайваст, чаҳор рӯз давом кард ва бо пирӯзии мусулмонон анҷом ёфт. Дар набарди дигаре, ки миёни эрониёну арабҳо дар Наҳованд дар соли 642 сурат гирифт, лашкари ислом на танҳо пирӯзии комил ба даст овард, балки роҳи фатҳи музофотҳои охирини қаламрави Сосониёнро барои худ боз намуд. Дар тӯли солҳои 642-645 шаҳрҳои Ҳамадон, Рай, Исфаҳон, Кошон, Қум, Қазвин, Кирмон ва ғайра фатҳ ва тобеи арабҳо гардиданд. Дар даврони хилофати Усмон ибни Аффон (644-656) истилои араб ба самти Хуросон доман густурд. Соли 651 арабҳо вилояти Нишопурро бо марказаш Абаршаҳр фатҳ намуда, сипас шаҳрҳои Ҷом, Тӯс, Марв, Абевард, Нисо, Сарахс ва вилояти Ҳиротро бо шаҳрҳои Бушанҷ ва Бодғис ба итоати худ даровардаанд.

Яздигурди III пас аз муҳорибаи Наҳованд маҷбур шуд аз як маҳал ба маҳалли дигар фирор кунад ва ахиран дар Марв қарор гирад. Иқдомоти аз ҳам гусехтаи ӯ бо мақсади ҷамъ овардани неруи низомӣ аз ҳисоби вилоятҳои то ба ҳол аз истилои араб эминмонда самарае ба бор наовард, зеро дар он айём Мовароуннаҳру қисми шарқии Хуросон ба мулкҳои зиёди мустақилу ниммустақил тақсим шуда, замина ва омилҳое, ки парешониву парокандагии сиёсии ин сарзаминро битавонанд ба иттиҳоди ягонаи зидди истилогарон табдил бидиҳанд, вуҷуд надоштанд. Аз ин ҷост, ки кӯшишҳои Яздигурд низ баҳри эҷоди садде дар баробари сели ҳуҷуми арабҳо самарае набахшид ва худаш низ моҳи июли соли 651 дар осиёбе дар наздикии шаҳри Марв бо фармони хоинонаи ҳокими ин шаҳр кушта гардид. Бо

ҳамин силсилаи дудмони Сосониён қатъ гардид ва шоҳаншоҳии чорсаду биступанҷсолаи онҳо аз байн рафт.

Пас аз ин арабҳо оҳанги Мовароуннаҳр карда, шаҳри Марвро қароргоҳи лашкар ва маркази омодагии худ барои ғасби ин сарзамин қарор доданд. Дар даврони хилофати Умавиён арабҳо то охири садаи VII-и милодӣ чанд маротиба ба Бухоро (солҳои 674, 676, 681), Самарқанд (солҳои 676, 680, 681), Хуттал (соли 679) ва навоҳии дигар лашкар кашиданд, вале ин лашкаркашиҳо ба ҷуз аз ғаниматҳо ва муваффақиятҳои муваққативу ғайрисобит манфиати дигаре ба арабҳо наоварданд. Танҳо дар нимаи аввали асри VIII ба онҳо муяссар гардид, ки ҳокимияти худро дар натиҷаи ҷангҳои шадид болои мардуми Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Суғд, Тахористон, Хатлон ва навоҳии дигар бар ивази қурбониҳои зиёд истиқрор бубахшанд. Ҳамин тариқ, Мовароуннаҳр низ баъди гузашти сад сол аз кишваркушоиҳои арабҳо тобеи Хилофат гардид.

Лозим ба таъкид аст, ки тафсилоту ҷузъиёти таърихи истилои сарзамини ниёкони мо аз ҷониби арабҳо дар китоби «Тоҷикон»-и аллома Б. Ғафуров, осори шарқшиносони русу аврупоӣ ва таҳқиқоти муаррихони тоҷику эронӣ ва чунон ки қаблан таъкид кардем, дар ҷилди сеюми китоби «Тоҷикон дар масири таърих. Аз Ориён то Сомониён» зикр шудаанд. Ин ҷо мехоҳем ба ҷанбаҳои ибратбахш ва омӯзандаи таърихи давраи истило ишора намоем.

Таърих гувоҳ аст, ки сабаби аз байн рафтани давлати Сосониён ва дар зери тасарруфи арабҳо қарор гирифтани Эрону Мовароуннаҳр пеш аз ҳама ҷудоиву парокандагии сиёсӣ ва мазҳабӣ, набудани иттиҳоди мустаҳкам миёни давлатҳои хурди ин сарзамини паҳновар, мухолифат, ҷангҳои байниҳамдигарӣ ва ҳатто хиёнату ватанфурӯшии баъзе ҳокимони маҳаллӣ буданд, ки гузаштагони моро ба шикасти сиёсиву низомӣ мувоҷеҳ карданд. Дар ҳама давру замонҳо парокандагиву ҷудоӣ, калавишҳои ақидавию динӣ, ҷангу мухолифатҳои дохилӣ қавму миллатҳоро ба гирдоби заъфу нотавонӣ кашида, онҳоро мутеъ ва асири бегонагон кардааст. Бар хилофи ин ваҳдату ягонагӣ ва тамомияти арзии кишвар, пойдории ақида ва мазҳаб омилҳои пешрафту боландагии халқҳо буда, онҳоро ба созандагиву бунёдкорӣ, шинохти манфиатҳои худӣ, қадр кардани дину

мазҳаб, арзишҳои фарҳангӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ ҳидоят кардаанд. Дар арафаи истилои араб дар миёни қавмҳои ориёӣ нуфузи ҳамин омилҳои ваҳдатофарин хеле суст гардида, ба мағлубияти онҳо дар пайкор бо неруи бегона, ки бунёдаш бар ақидаи яктопарастӣ, баробарӣ ва ваҳдати уммат устувор буд, боис гардид.

Давраи истилои араб барои тоҷикон ва халқҳои дигари ориёӣ дар баробари марҳилаи шикасту нокомиҳои сиёсиву низомӣ буданаш ҳамчунин даврони ба зуҳур омадани рӯҳи озодихоҳиву ватанпарварии ҳазорон фарзандони ҷасуру фидокор буд, ки то нафаси охирин бо нерумандтарин қудрати замон мубориза бурда, дар набардҳои нобаробар қаҳрамонона ҳалок мешуданд.

Муборизаи мардуми меҳанпарасти Бухоро, Самарқанд, Суғд, Хатлон ва навоҳии дигар, ки зарбаҳои ҷонкоҳе ба истилогарон расонида ва сарлашкарони араб ва сипоҳиёни мағрури онҳоро гоҳо ба фирори шармандавор водор кардаанд, намунаи ибрат мебошад. Шӯришу исёнҳои фарзандони огоҳу диловар Сумбоди Муғ, Деваштич, Ғурак, Муқаннаъ, Бобак ва дигарон беҳтарин таҷассуми ватанпарастӣ ва озодихоҳии миллати сарбаланди мо аст. Ҳамин рӯҳи шикастнопазир, ҳамин меҳандӯстиву озодихоҳӣ, ҳамин фидокориву ҷоннисории фарзандони барӯманди миллати мо дар роҳи дифоъ аз марзу буми аҷдодӣ, арзишҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллии хеш буд, ки шикасти низомиву сиёсиро аз арабҳо ба пирӯзии маънавию фарҳангӣ бар онҳо табдил дод ва заминаҳои эҳёву таҷаддуд ва истиқлоли сиёсиву давлатии тоҷиконро дар аҳди Сомониён пайрезӣ намуд.

Истилои араб барои ҳастии ҷисмониву маънавӣ, забон, фарҳанг, расму русум ва оину эътиқодоти ниёгони мо оқибатҳои басо мудҳиш ва гарон ба бор овард. Табиист, ки ҳама гуна ҷангу душманӣ бо харобкорӣ ва ғоратгариҳои мутаассибона тавъам аст. Дар раванди истилои худ арабҳо низ ҳазорон-ҳазор шаҳру деҳоти сарсабзу шукуфои ниёкони моро ба коми оташ кашиданд. Дар канори ин қатлу хунрезиҳои бераҳмонаву саффоконаи арабҳо аз фаҷеътарин саҳифаҳои таърихи даврони истило маҳсуб мешавад. Муқовиматҳои сарсахтонаи мардуми аксари навоҳиву шаҳрҳои Эрону Мовароуннаҳр бар муқобили

истилогарон бо бераҳмиҳои гӯшношунид ва кушторҳои беҳадду ҳисоб пахш карда мешуд. Дар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки арабҳо соли 28 ҳичрӣ/649 милодӣ Истахрро тасхир карданд, вале мардум исён карда, волии араби шаҳрро куштанд. Сарлашкари араб Абдуллоҳ ибни Омир инро шунида қасам хӯрд, ки аз хуни мардуми Истахр осиёберо гардонад ва аз орди ин осиёб нон бихӯрад. Ин сарлашкари хунхор дубора шаҳрро фатҳ кард ва танҳо аз касоне, ки номашон маълум буд, 40 ҳазор касро бикушт. Ба ҷуз ин ҳазорон куштагоне низ буданд, ки номашон маълум набуд. Абдуллоҳ ибни Омир бар қасами барбаронаи худ пофишорӣ кард ва хуни куштагонро бар осиёб рехтанд ва бар он оби гарм рехтанд, то чархи осиёб гардон шуд.[230]

Дар ҳофизаи таърихии мардуми ориёӣ даврони ҳукумати бистсолаи Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф дар Ироқ чун айёми пурҳавлу ваҳшатзо ва зулму хунхории беамон сабт гардидааст. Агар дар қавли муаррихони асрҳои миёна муболиға роҳ наёфта бошад, пас Ҳаҷҷоҷи хуношом беш аз 120 ҳазор касро шахсан ба куштан амр карда буд, ки ағлаби онҳо мардуми ориётабор аз зумраи маволӣ ва асирон буданд. Ҳамчунин дар сарчашмаҳо мазкур аст, ки ҳангоми вафоти Ҳаҷҷоҷ дар зиндонҳои ӯ 50 ҳазор мард ва 30 ҳазор зан маҳбус буданд.[231]

Сарлашкари араб Қутайба ибни Муслим, ки бештари қалamрави Мовароуннаҳр ба дасти ӯ забт шудааст, дар саффокиву хуношомӣ ва зулму ҷабр бар Ҳаҷҷоҷ пешдастӣ дошт. Забткориҳои ӯ дар ин сарзамин боиси куштори ҳазорон нафар фарзандони озодихоҳ ва ҳомиёни диловари марзу буми аҷдодӣ гардид. Дар сарчашмаҳои таърихӣ, хосатан дар китобҳои марбут ба истилои араб теъдоди қурбоншудагони ағлаби шаҳру навоҳии Эронзамин бар асари ҷангҳои шадид ва ё саркӯб шудани исёнгарони озодихоҳ аз ҷониби истилогарон ба қайд омадааст. Бо худдорӣ аз зикри ин рақамҳо, ки воқеан дилҳоро ба дард меоранд, синаҳоро ба афғон бармеангезанд ва ақлҳоро аз хунхории бани Одам ба таҳайюр меафкананд, мехоҳем он нуктаро таъкид кунем, ки маҳви инсони соҳибзабон ва

[230] Ибни Балхӣ. Форснома. - Душанбе, 1989. - С. 116.
[231] Масъудӣ. ат-Танбиҳ ва-ал-ишроф. Тарҷумаи Абулқосими Поянда. - Теҳрон, 1365. - С. 275.

соҳибфарҳанг дар айни замон маҳви забону фарҳанг аст. Аз ин рӯ, ҳазорон-ҳазор қурбониёни ҷангҳои истилои араб на танҳо хатари мудҳиш ба ҳастии ҷисмонии халқҳои ориёӣ буд, балки хатари забонкуш низ маҳсуб мешуд ва ба ҳастии маънавии онҳо зарбаҳои ҷонкоҳ ворид мекард.

Забони миллӣ дар ҳама давру замонҳо шаҳпари боэътимоди ҳастии маънавии миллат аст. Дар баробари ин, забонро метавон ба шамшери тезу буррое шабоҳат дод, ки соҳибзабон ба василаи он ҳастии маънавии хешро аз ҳуҷуму ҳамлаҳои миллиятзудо ва фарҳангсӯз муҳофизат мекунад. Арабҳо беш аз истилогарони дигар, ба дарки ин нукта расида буданд, ки забон, маънавият ва фарҳангу оини халқҳои мағлуб метавонанд на танҳо садде дар роҳи интишори дини мубини ислом шаванд, балки мояи ваҳдат ва пояи наҳзати онҳоро фароҳам оварда, ҳукумати арабҳоро дар кишварҳои истилошуда ба хатар андозанд.

Бинобар ин, арабҳо аз оғози амр дар кишварҳои тасхиршуда тағйири муҳити маънавӣ ва диниро ба тавре ки он ба барандохтани дину эътиқодоти маҳаллӣ, аз байн бурдани забону хат ва осори фарҳангии бумӣ мусоидат намуда, қабули ислом, забон ва хати арабиро осон кунад, ҳадаф ва сиёсати хеш қарор дода буданд. Боиси тааҷҷуб ва таҳайюр нест, ки бар асари ҳамин сиёсат бисёр халқҳои ғайриараб, аз қабили мисриён, бобулиён, ошуриён ва ғайра на танҳо рӯ ба ислом оварданд, балки забон ва ҳувияти хешро аз даст дода, араб шуданд.

Арабҳо дар Эронзамин, аз ҷумла дар Хуросону Мовароуннаҳр низ ҳамин сиёсатро роҳандозӣ карда, нашри исломро миёни мардуми ин сарзамин ҳадафи нахустини худ қарор доданд. Дини мубини ислом барои истилогарон ба масобаи аслиҳаи мафкуравие буд, ки пас аз пирӯзии аскариву сиёсии онҳо мебоист ғалабаи маънавию мафкуравии онҳоро бар мардуми кишвар таъмин кунад. Ҳарчанд ки дар остонаи истилои араб дар Эронзамин нуфузи кеши зардуштӣ бар асари наҳзати Маздак ва зуҳури Монӣ хеле коҳиш ёфта, таъсири дини тарсоён дар ғарб ва ривоҷи оини будоӣ дар шарқи ин сарзамини паҳновар дар ваҳдати диниву эътиқодии мардум рахнаҳое ворид карда буданд, нашри ислом дар миёни халқҳои ориёӣ ба арабҳо

ба осонӣ даст надод. Таърих шоҳид аст, ки мардуми бисёр шаҳру навоҳии тасхиршуда бар асари зӯровариву фишори истилогарон ислом овардаанд, вале боз даст ба исён зада, аз дини нав баргаштаанд. Бино ба хабари Наршахӣ, аҳолии Бухоро се бор маҷбуран ислом пазируфта ва боз риддат оварда буданд. «Бори чаҳорум, навиштааст ӯ, - Қутайба ҳарб карда шаҳр бигрифт ва аз баъди ранҷи бисёр ислом ошкоро карда ва мусулмонӣ андар дили эшон биншонд, ба ҳар тариқе кор ба эшон сахт кард ва эшон ислом пазируфтанд ба зоҳир ва ба ботин бутпарастӣ мекарданд».[232]

Ҳамин гуна ҷабру зулм ва зӯриву сахтгириро дар нашри ислом Қутайба дар фатҳи Самарқанд низ ба кор гирифта буд. Ӯ соли 712 бо сипоҳи бистҳазорнафара Самарқандро беш аз як моҳ муҳосира намуда, муҳофизони шаҳрро ба таслим шудан ва «сулҳ» бастан маҷбур кард. Тибқи «сулҳномае», ки миёни Қутайба ва сарони Самарқанд баста шуд, самарқандиён маҷбур буданд, ки «даҳ бор ҳазор-ҳазор (яъне, 10 миллион - Э.Р.) дирам ҳар соле бидиҳанд ва имсол се ҳазор сар барда (яъне, ғулом - Э.Р.) бидиҳанд, ки андар миёни эшон кӯдаки хурд набувад ва на марди пир». Қутайба ҳамчунин шарт бигузошт, ки «ҳар чӣ андар оташкадаҳост, аз зинатҳошон баргирад ва бутонро бисӯзад».[233]

Пас аз ин Қутайба дар ҷойи оташкадаҳо масҷид сохт ва мардуми Самарқандро ба ислом овардану намоз гузоридан маҷбур кард.

Барои густариши ислом арабҳо аз омилҳои иқтисодӣ низ суд меҷустанд. Чунончи, дар шаҳру навоҳие, ки бидуни ҷангу муқовимат ба арабҳо таслим шудаанд, мардум бар ивази пардохти ҷизя, яъне андози сарикасӣ ҳуқуқ доштанд аз пазируфтани ислом худдорӣ кунанд. Аён аст, ки пардохти ҷизя барои мардум, хоссатан нодорон душвориҳо пеш меовард, аз ин рӯ он амалан як василаи дингустарии иҷборӣ бо фишори иқтисодӣ буд. Дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ омадааст, ки Қутайба ибни Муслим дар даруни ҳисори Бухоро як масҷиди

[232] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тасҳеҳ ва таҳияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1363. - С. 43.
[233] Балъамӣ. Таърихи Табарӣ.ҷ. 2. - Теҳрон, 1380 // 2001. - С. 1278.

ҷомеъ сохт ва эълон кард, ки ҳар кас ба намози одина ояд, ду дирам маблағ мегирад, вале касе ҷуз дарвешону нодорон ба намоз нарафт.[234] Ин иттилои Наршахӣ мисоли нодири ҳавасмандкунии моддии мардум ба қабули ислом бошад ҳам, он аз ҷониби арабҳо истифода шудани тадбирҳои гуногунро дар интишори ислом ба субут мерасонад. Бо вуҷуди ин тадбирҳо интишори ислом дар миёни халқҳои ориёӣ ба арабҳо бо он зудӣ ва суръате, ки лашкари онҳо Эронзаминро фатҳ карда буд, даст надод. Мардуми ин сарзамини бостонӣ то дер ба расму оинҳои худ содиқ монданд ва дини ниёкони худро гоҳе пинҳониву гоҳе ошкоро пайравӣ мекарданд. Бино ба навиштаи муаррихону ҷуғрофиядонҳои асрҳои миёна, аз ҷумла Истахрӣ, қисме аз аҳолии навоҳии дурдасту баландкӯҳи Табаристон, Кирмон, Шероз, Форс ва ғайра то ду-се қарн пас аз ислом низ ба дини зардуштӣ эътиқод доштаанд.[235]

Вале дар набарди эътиқодии Арабу Аҷам ҳукми таърих бар пирӯзии ниҳоӣ ва қатъии дини ислом бар оини зардуштӣ ва кешҳои дигари мардуми Эрону Мовароуннаҳр буд. Ниёкони огоҳу бедордили мо бо мурури замон бо сидқу ихлоси тамом ва ишқу имони комил ба оини муҳаммадӣ рӯй оварданд ва ҳар қадар ки аз айёми пурфоҷиаи даврони истило дур мешуданд, бештар дилбаставу хидматгузори содиқи паёми Расули акрам мегаштанд.

Чунин таҳаввул дар муносибат ба ислом ду-се садсола пас аз оғози даврони истило ба вуқӯъ пайваст, вале насли замони истило бар асари зулму ҷабр ва сахтгириву истибдоди арабҳо ҳанӯз имкони дарки ҳақиқати оини навро надошт ва ба пазируфтани он ба осонӣ тан дарнамедод. Ин буд, ки истилогарон барои назорати иҷрои фароизи ислом аз ҷониби мардуми маҳаллӣ сипоҳиёни худро дар нимаи хонаҳои онҳо ҷойгир мекарданд. Муаллифи «Таърихи Бухоро» навиштааст: «Қутайба аҳли Бухороро фармуд, ки як нима аз хонаҳои худро ба араб доданд, то араб бо эшон бошанд ва аз аҳволи эшон

[234] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тасҳеҳ ва таҳияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1363//1984. - С.66.

[235] Истахрӣ. Масолик ва мамолик. Ба кӯшиши Эраҷи Афшор. - Теҳрон, 1373//1994. - С.60

бохабар бошанд, то ба зарурат мусулмон бошанд. Бад-ин тариқ мусулмонӣ ошкор кард».[236] Аслан ҷойгир кардани араб дар хонаҳои мардуми маҳаллӣ танҳо ба хотири назорати иҷрои фароизи ислом набуд, балки ҳадафи мусодираи молу мулки аҳолии бумӣ ва муҳимтар аз ҳама густариши забони арабиро низ пайгирӣ мекард. Рафтори мушобеҳи Қутайба пас аз фатҳи Самарқанд ин матлабро ба сароҳат таъкид мекунад. Сарлашкари маккори араб пеши мардуми Самарқанд шарт гузошта буд, ки арабҳоро се рӯз дар хонаҳояшон ҷой диҳанд ва меҳмондорӣ кунанд. Бо пазируфтани ин шарт мардуми шаҳр дарёфтанд, ки Қутайба онҳоро фиреб дода, сипоҳиёни худро дар хонаҳояшон сокин кардааст. Мардум ба халифаи умавӣ Умар ибни Абдулазиз (717-720) шикояти худро расониданд, вале чунон ки Балозурӣ навиштааст, омадани намояндаи ӯ низ ба баровардани арабҳо аз хонаҳои мардум мусоидат накардааст.[237]

Чунин шеваи «меҳмонии» иҷбории арабҳо дар хонаҳои мардуми маҳаллӣ дар саросари Эронзамин роиҷ буда, дар ағлаби аҳдномаҳое, ки баъди фатҳи шаҳру навоҳӣ бо арабҳо баста мешуд, инъикос шудааст. Муаррихони асрҳои миёна пораҳое аз аҳдномаҳои мардуми шаҳрҳои Қум, Исфаҳон, Марви Шоҳҷон, Кеш, Нахшаб, Чоч ва ғайраро бо истилогарон иқтибос кардаанд, ки дар ҳамаи онҳо ҷойгир кардани арабҳо дар хонаҳои мардуми маҳаллӣ дар баробари пардохти молиёт ва ҷизя аз шартҳои муҳиме буд, ки бар дӯши аҳолии он шаҳру навоҳӣ таҳмил мегардид. Бо вуҷуди ин мардум на ҳама вақт ҳамхонагӣ ва ё ҳамсоягиро бо истилогарон таҳаммул мекарданд. Бино ба хабари Наршахӣ, вақте Қутайба хост, ки мардуми Бухоро хона ва амволи хешро бо арабҳо тақсим кунанд, қисме аз мардум, ки ислом напазируфта буданд, аз баҳри хонаҳои худ баромаданд ва дар беруни Бухоро барои худ 700 кӯшк сохтанд. Теъдоде аз ин кӯшкҳо то замони Наршахӣ (асри X) боқӣ буда, ки, ба қавли ӯ, «он ҷо муғон бошидаанд ва

[236] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тасҳеҳ ва таҳияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1363//1985. - С.66.

[237] Балозурӣ. Футуҳ-ул-булдон. Мактабату-н-назҳат-ил-мисрийа, - Қоҳира,1956-1957. ҷ. 1-3. - С.176.

оташхонаҳои эшон дар он ҷо бисёр аст».[238] Яъқубӣ хабар медиҳад, ки мардуми Усрушана низ ба сахтӣ аз ҳамсоягӣ бо арабҳо худдорӣ кардаанд.[239]

Таърихи даврони истило шоҳид аст, ки «меҳмонии» иҷбории арабҳо дар хонаҳои мардум дар аксари мавридҳо ба сукунати доимии онҳо дар ин сарзамин табдил ёфтааст. Пайдост, ки қисме аз сипоҳиёни кишваркушои араб пас аз фатҳи шаҳрҳои Хуросону Мовароуннаҳр дар ин сарзамин ба ҳайси неруи низомии хилофат боқӣ монданд. Чунон ки ишора рафт, онҳо дар ибтидо дар нимаи хонаҳои мардуми маҳаллӣ мезистаанд. Вале аз ҳамон айём сар карда нахустин маҳалҳои арабнишин дар шаҳру навоҳии тасхиршуда аз ҳисоби мусодираи хонаву мулки мардуми таҳҷоӣ ва ё таъсиси урдугоҳҳо дар беруни шаҳрҳо пайдо шуданд. Азбаски сипоҳи арабҳо аз намояндагони қабилаҳои алоҳидаи бодиянишин иборат буд, маҳалҳои арабнишин низ ба қабилаҳои алоҳида тахсис ёфта буданд. Наршахӣ бо ишора ба маҳалҳое, ки барои зистани қабоили арабии сипоҳи ислом дар Бухоро муайян шуда буданд, навиштааст, ки аз «Дари Атторон … то Дари Ҳисор ва аз он ҷо то ба Дари Нун мар (қабилаҳои) Рабиа ва Музарро буд ва боқӣ аҳли Яманро».[240] Қисме аз арабҳо ҳамчунин дар наздикии Дарвозаи Кабрия (ё Габрия)-и Бухоро низ мезистаанд.[241] Дар шаҳру навоҳии дигар низ маскан гирифтани сипоҳиёни араб ба шеваи мазкур сурат гирифта буд. Чунончи Балозурӣ дар даруни шаҳри Марв ҷой гирифтани сипоҳиёни арабро дар соли 665 таъкид кардааст.[242]

Пас аз вуруди селосои арабҳои истилогар ба Эрону Мовароуннаҳр мавҷи муҳоҷиратҳои арабҳои дингустар ба ин сарзамин сурат гирифт. Муҳоҷир кардани қабилаҳои араб аз бодияҳои тафсон ва талу теппаҳои хушку беоби Араб ба кишвари сарсабзу биҳиштосои халқҳои ориёӣ, аз як тараф,

---

[238] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тасҳеҳ ва таҳияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1363//1984. - С.43.
[239] Яъқубӣ. Китоб ул-булдон. - Қоҳира, 1956. - С.70.
[240] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тасҳеҳ ва таҳияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1363//1984. - С. 73.
[241] Ҳамин асар. - С. 74.
[242] Балозурӣ. Футуҳ-ул-булдон. Мактабату-н-назҳат-ил-мисрийа.- Қоҳира, ҷ. 1-3, 1956-1957.- С.164.

ҳадафи таҳкими ҳукумати арабҳо ва интишори исломро пайгирӣ кунад, аз ҷониби дигар, бо мақсади даст ёфтан ба молу сарват ва неъматҳои моддии ин сарзамин сурат мегирифт. Аз осори таърихӣ ва футуҳотномаҳои асрҳои миёна бармеояд, ки нахустин мавҷи муҳоҷирати арабҳо ба Хуросон ҳанӯз соли 671 ба вуқӯъ пайваста буд. Дар ин сол 50 ҳазор тан аз арабҳои Басра ва Куфа бо роҳбарии Рабеъ ибни Зиёд ба Хуросон равона шуданд.[243] Донишманди амрикоӣ Р.Фрай теъдоди ин муҳоҷиронро бо иловаи занону кӯдакон дар ҳудуди 200 ҳазор кас тахмин кардааст.[244]

Дар соли 683 низ гурӯҳи бузурге аз арабҳо, ки бештар намояндагони қабоили Тамим, Рабиа, Музар, Тай, Азд ва дигаронро шомил буд, ба Хуросон кӯч баста, дар дохил ва беруни шаҳрҳои он маскан гирифтаанд.[245]

Донишмандони муосир дар таҳқиқоте, ки доир ба истилои арабҳо дар Хуросону Мовароуннаҳр дар даврони хилофати Умавиён (661-750) анҷом додаанд, теъдоди танҳо мардони ҷангии арабро дар ин сарзамин дар ҳудуди 175 ҳазор таъйин кардаанд.[246] Пайдост, ки агар ба ин теъдод арабҳои ғайринизомӣ ва занону кӯдакон изофа шаванд, пас миқдори воқеии арабҳое, ки дар Хуросони он даврон мезистанд, ба маротиб афзун мешавад. Дар қиёс бо ин теъдод метавон тахмин кард, ки дар манотиқи дигари Эронзамин, аз ҷумла Мовароуннаҳр, ки аз минтақаҳои стратегӣ ба шумор меомад, миқдори зиёди арабҳо маскун гашта буданд.

Ҳузури миқдори азими арабҳои истилогар ва дингустар дар миёни халқҳои ориёӣ яке аз омилҳои муҳими паҳншавии дини мубини ислом ва аз байн рафтани оин ва эътиқодоти мазҳабии маҳаллӣ буд. Зеро ҳамин арабҳо буданд, ки мардумро ба дини мубини ислом тарғиб ва иҷрои фароизи онро аз ҷониби онҳо назорат мекарданд. Ба дасти ҳамин арабҳо буд, ки оташкадаҳо вайрон ва оташи онҳо хомӯш карда

[243] Ҳамин асар. - С. 165.
[244] Фрай Р. Таърихи Эрон аз ислом то Салоҷиқа. Тарҷумаи Масъуди Раҷабниё. - Теҳрон, ҷ. 2, 1358//1979. - С.30.
[245] Шпулер Б. Таърихи Эрон дар қуруни нахустини исломӣ. - Теҳрон, 1373//1994, ҷ. 1.- С. 477.
[246] Озарнӯши Озартош. Чолиш миёни форсӣ ва арабӣ. - Теҳрон, 1385//2007. - С. 24.

мешуд, маъбаду бутхонаҳо ба коми оташ афканда мешуданд ва ба ҷойи онҳо масҷидҳои нахустин бунёд меёфтанд. Ҳамин арабҳо буданд, ки дар миёни халқҳои ориёӣ сиёсати «ё ба зурӣ, ё ба зорӣ, ё ба зар»-ро дар интишори ислом роҳандозӣ карданд ва дар ниҳояти кор муваффақ шуданд, ки ниҳоли сабзи дини ислом дар замини имону эътиқоди халқҳои ориёӣ нахустин решаҳои худро давонад ва баръакси ин дарахти азимҷуссаву куҳансол, вале фарсудаву фартути оини зардуштӣ тадриҷан хушк гардад.

Ҳузури ҷамоатҳои бузурги арабҳо дар Эрону Мовароуннаҳр на танҳо боиси тағйир пазируфтани фазои диниву эътиқодӣ дар ин сарзамин гардид, балки муҳити этникӣ ва забониро низ дигаргун кард ва ҳамзистии арабҳоро бо мардуми маҳаллӣ амри воқеъ намуд. Аммо ин ҳамзистӣ ҳамзистии қавми ғолиб бо қавми мағлуб буд. Илова бар ин ҳамзистии мазкур ҳамзистии забон, фарҳанг, расму оин ва тарзи зиндагиву тафаккури ду қавм буд. Қавми ғолиб кӯшиш бар он дошт, ки пирӯзии ислом бар дини мардуми маҳаллӣ пирӯзии забону хати арабиро низ бар хату забонҳои халқҳои ориёӣ дар пай дошта бошад ва саранҷом ҳувияту ҳайсияти милливу маънавии онҳоро аз байн барад. Арабҳо хуб медонистанд, ки агар забони мардуми таҳҷоиро аз саҳнаи сиёсат ва қудрат барандозанд, сарватҳои маънавии онро нобуд созанд ва бар тағйири хати он тавфиқ ёбанд, он забон каммояву беарзиш ва дар набард бо забони арабӣ маҳкум ба марг хоҳад шуд, соҳибони забон аз гузаштаву андухтаҳои таърихии хеш бурида шуда, роҳ ба сӯйи заволи маънавӣ ва фанои ҳувияти хеш хоҳанд паймуд.

Аз ин рӯ, арабҳо ба мубориза ба муқобили забонҳои мардуми тасхиршуда пардохта, ҳама гуна осорро ба ин забонҳо бо баҳонаи «осори куфру зилол» будани онҳо бераҳмона нобуд месохтанд. Чунин рафтори душманонаи арабҳоро нисбат ба забон ва осори фарҳангии тоисломии Эронзамин асноду далелҳое, ки дар таърихномаҳои муътабар омадаанд, тасдиқ мекунанд. Аз ҷумла, Ибни Халдун дар «Муқаддима»-и худ ба ҳодисаи бо дастури халифа Умар нобуд сохтани осори мактуби даврони сосонӣ ишора карда, пурсишеро бад-ин шева пеш гузоштааст: «Куҷо шуд илму

дониши Эрон, ки Умар дар ҳангоми фатҳ ба нобуд кардани онҳо фармон дод?!».[247]

Дар тафсили ин ҳодиса дар сарчашмаҳо омадааст, ки вақте сипоҳиёни араб бо сардории Саъд ибни Абиваққос кишвари Эронро истило намуданд, китобҳои зиёде ба дасти онҳо афтод. Саъд ба халифа Умар нома навишта, раъйи ӯро дар бораи китобҳо бихост. Умар дар ҷавоб навишт: «Китобҳоро дар об афканед, зеро агар онҳо боиси роҳнамойӣ бошанд, мусулмононро роҳнамое беҳтар аз Қуръон нест ва агар далели гумроҳӣ бошанд, мо аз он бениёзем».[248]

Донишманди маъруф Абурайҳони Берунӣ низ аз ҳамин гуна муносибати ваҳшиёнаи истилогарони араб нисбат ба мероси адабиву фарҳангии хоразмиён дар «Осор-ул-боқия» бо таассуф ёдовар шуда, навиштааст, ки «вақте Қутайба ибни Муслими Боҳилӣ (сарлашкари араб) бар мардуми Хоразм даст ёфт, нависандагони эшонро ба қатл расонд, ҳирбадонро бикушт, китобу рисолаҳои онҳоро ба оташ афканд. Аз он пас мардуми Хоразм дар нодонӣ фурӯ рафтанд ва он чиро, ки имрӯз аз ҳикмату улум медонанд, ҳамаро сина ба сина нақл кардаанд ва танҳо аз рӯйи ҳофиза гуфтаанд».[249] Бояд таъкид кард, ки ин ягона ишораи Абурайҳони Берунӣ ба кирдорҳои ваҳшиёнаи сипоҳиёни истилогар дар мавриди нобуд сохтани осори мактуби халқҳои эронӣ нест. Ин донишманди зуфунун дар ҷойи дигар аз китоби мазкури хеш низ аз дасти ҳамон сарлашкари хуношоми араб Қутайба ибни Муслим ба ҳалокат расидани онҳоеро, ки хати хоразмӣ медонистанд, таъкид карда, афзудааст, ки «бад-ин ҷиҳат ахбору осори хоразмиён аз байн рафта ва ҳеҷ умеде барои ба даст овардани онҳо боқӣ намондааст».[250] Ин ҷо Абурайҳони Берунӣ ба кирдоре, ки ба ағлаби истилогарон дар бархурди онҳо ба фарҳангу тамаддуни халқҳои истилошуда хос аст, ишора кардааст. Воқеан ҳам ағлаби бегоназаминон ҳангоми истилои ин ё он кишвар қабл аз ҳама осори мактуби мардуми он сарзаминро маҳв мекарданд, зеро ин навъ осор махзани ҳофизаи

[247] Ибни Халдун. Муқаддима. - Байрут, 1997. - С.112.
[248] Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зунун ан асомӣ-л-кутуб ва-л-фунун. ҷ.1. - Байрут, 1986. - С.66.
[249] Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия. - Душанбе, 1990. - С.63.
[250] Ҳамин асар. - С.48.

таърихии халқ аст. Халқе, ки ҳофизаи таърихиаш заиф гашта ва ё аз ҳам гусехтааст, ба зудӣ метавонад дар масири таърих раҳгум занад ва ғуломи маънавии дигарон гардад.

Истилои араб дар таърихи миллати тоҷик аз лиҳози сиёсӣ ва низомӣ ҳодисаи беназир набуд, зеро қаблан ҳам сарзамини мо аз ҷониби ғосибони аҷнабӣ, амсоли юнониҳо, қабоили бодиянишини турктабор ва дигарон истило шуда буд. Табиист, ки ҳуҷуми бегонагон ба сари мардум мусибатҳои гарон меовард ва боиси бадбахтии мардум ва шикасту харобии ободиҳои фарҳангӣ ва аз байн рафтани дастовардҳои моддиву маънавии ниёконамон мешуд. Аз ин лиҳоз истилои араб низ ба истилогариҳои бегоназаминони дигар шабоҳати тамом дорад. Арабҳо низ аз қатлу хунрезӣ, ғасби молу мулки мардум ва нест кардани дороиҳои маънавиву фарҳангии кишвар рӯй нагардондаанд (дар ин бора баъдтар дар заминаи далелу мадракҳо сухан хоҳад рафт). Вале бар хилофи истилогарони дигар, арабҳо ба сарзамини аҷдоди мо оини нав – исломро оварданд, яъне истилои араб бо дингустарӣ тавъам буд. Сипоҳи араб ба неруи сиёсиву низомии империтории Сосониён ва давлатҳои хурду парешони Осиёи Марказӣ зарбаи мудҳиш ворид кард ва онҳоро аз байн бурд. Дингустарии арабҳо ба ҳастии маънавии қавмҳои ориёӣ, ба асолати фарҳангу тамаддун ва пояҳои ҷаҳоншиносии гузаштагони мо таҳдид мекард. Пайдост, ки ин хатар аз хатари аввал ҷонкоҳтар ва натиҷааш барои ҳомилони фарҳангу тамаддуни бузурги ориёӣ ба маротиб вазнинтар буд, зеро пирӯзии маънавӣ ва мафкуравӣ ҳадафи аз байн бурдани ҷавҳар ва ҳувияти миллии қавми мағлубро пайгирӣ мекунад.

Ин буд, ки истилои араб қавмҳои ориёиро дар вартаи фано қарор дода, хатари беному нишон гаштан ва аз арсаи тамаддуни ҷаҳонӣ бадар рафтани онҳоро ба воқеият наздик карда буд. Тақдири забон, фарҳанг ва тамаддуни чандинҳазорсолаи аҷдодони мо дар сари мӯе қарор дошт.

Дар он лаҳзаҳои фалокатбори таърих, ки масъалаи буду набуди ҳастии маънавии ниёкони мо ҳал мегардид, дӯстдории забон, фарҳанг ва тамаддуни бостонии мо муъҷизаосо рӯйи кор омад ва растохези маънавии қавмҳои ориёиро дар саросари қаламрави хилофат тавлид намуд. Бонги ин растохез аз оғози

давраи таҷаддуду эҳёи тоҷикон ва қавмҳои дигари ориёӣ башорат дод.

Дар раванди ин растохези худҷӯши маънавию миллӣ ниёкони мо дини мубини исломро пазируфтанд. Қабули ислом боиси интишори забони арабӣ ба ҳайси забони иҷрои фароизи динӣ, коргузорӣ ва китобат дар қаламрави қавмҳои ориёӣ гардид. Забонҳои бумӣ аз қабили паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва бохтарӣ аз доираи муомилоти расмӣ, илмӣ ва фарҳангӣ тадриҷан хориҷ шуда, давраи сукути онҳо фаро расид, ки он тақрибан ду аср (аз нимаҳои асри VII то нимаҳои асри IX) идома ёфт. Бар асари ин забони арабӣ дар ин муддат ба забони расмии Эронзамин табдил ёфт. Гаройиши қавмҳои ориёӣ ба ислом ва тасаллути муваққати забони арабӣ дар сарзамини онҳо боиси интишор ва тадовули алифбои арабӣ дар ин минтақа гардид. Тағйири ин се рукни муҳими тамаддун, яъне дин, забони расмӣ ва алифбо метавонист мӯҷиби гусастагии таърих, забон ва фарҳанги қавмҳои ориёӣ гардад ва садди чиние миёни давраҳои тоисломӣ ва исломии тамаддуни онҳо эҷод намояд. Вале, хушбахтона, амалан ин тавр нашуд ва ниёкони мо сарфи назар аз тағйир ёфтани рукнҳои ҳастисози тамаддуни онҳо ва бо вуҷуди хатарҳои ҳувиятзудо тавонистанд асолати забон, таърих ва фарҳанги худро аз тасаллут ва тасарруфи бегонагон ҳифз намоянд. Ҳол он ки мардуми кишварҳои дигар, аз қабили Мисру Бобул, ки таҷрибаи таърихии чандинҳазорсола, тамаддуни оламгир ва давлатдории пуршукӯҳ доштанд, дар зери султаи сиёсӣ ва фишори маънавии арабҳо забон, ҳувияти милливу маънавӣ ва оину арзишҳои давлатдории худро ба боди фано дода, «араб» шуда буданд.

Ба ин муносибат мехоҳем таъкид кунем, ки шояд ягон миллати дунё мисли миллати тоҷик борҳо ба вартаи фано гирифтор гардида, боз дар лаҳзаи вопасини ҷон бохтан аз нав мадор гирифта эҳё нашудааст, аз думболи ҳар шикасту инқирози чашмрас борҳо шикастапораҳояшро васл намуда, боз ба зинаи тозаи камолот нарасидааст.

Дар давраи истилои араб низ талошу пайкорҳои ниёкони мо барои ҳифзи забону фарҳанг ва арзишҳои олии тамаддуни ориёӣ онҳоро аз «араб шудан» амон бахшид. Тоҷикон ва халқҳои дигари ориёӣ мусулмон шуданд ва фузун бар ин дар

таҳаввул ва рушди ислом ба ҳайси дини тамаддунофари ҷаҳонӣ нақши бузург ва мондагор гузоштанд. Дар баробари ин онҳо ба оғӯши фарогири ислом бо ҳифзи забон, асолати фарҳанг ва ҳувияти миллӣ ворид шуданд.

Ниёкони бедордилу сарсупурдаи мо ба шикасти қудрати сиёсиву низомии кишвар ба ночор муросо карданд, вале тасхиру таҳқири арзишҳои маънавиашонро таҳаммул накарданд, ба фанои забон ва заволи фарҳангашон ба ҳеҷ вачҳ тан дарнамедоданд. Ин буд, ки онҳо баҳри наҷот ва растагории ҳастии маънавии хеш даст ба пайкори фарҳангӣ бо арабҳо заданд.

Ин пайкори тақдирсоз қабл аз ҳама ҳадафи ҳифзи забон ва дастовардҳои маънавии халқҳои ориёӣ, ворид кардани арзишҳои фарҳангу тамаддуни Аҷам ба матну батни тамаддуни ҷадиде, ки дар заминаи ҷаҳоншиносии исломӣ пайрезӣ мегардид, созгор ва мутобиқ намудани анъанаву суннатҳои тамаддуни тоисломии ориёӣ бо муҳити нави исломӣ, рангу рӯҳи миллӣ бахшидан ба ислом ва ҷаҳоншиносии исломиро пайгирӣ мекард.

Дар роҳи расидан ба ин ҳадафҳо ниёкони мо камоли ҷасорату матонат, фидокориву сарсупурдагӣ, хирадмандӣ ва ғояти бурдбориву таҳаммул нишон доданд. Дар ин пайкори фарҳангӣ тоҷикон ва халқҳои дигари ориёӣ сари садҳо фарзандони фарзонаи худро бохтанд, вале ба ҳадафи ниҳоии худ – эҳёи маънавии Аҷам расиданд. Таърихи ин пирӯзӣ дар пайкори фарҳангӣ бо арабҳо худ таърихи забони тоҷикӣ ё форсии дарӣ дар даврони истило ва таърихи ҳастии маънавии тоҷикон дар марҳилаи гузариш аз тамаддуни ориёӣ ба тамаддуни исломӣ мебошад. Дар айни замон он таърихи рӯҳи шикастнопазири тоҷикон дар роҳи дифоъ аз забон ва ҳувияти миллӣ аст, ки басо саҳифаҳои ибратбахшу омӯзанда ва ифтихоромез дар бар дорад. Назаре ба саҳифаҳои таърихи ин пайкор шебу фарози роҳи тайкардаи забони тоҷикиро то нишастани он бар тахти заррини адабу фарҳанги оламгир дар аҳди Сомониён равшан месозад.

Таърихи бани башар гувоҳ аст, ки имону эътиқод ва мафкураи нави миллӣ ва ё мазҳабӣ метавонанд барои қавмҳо ва миллатҳое, ки аз онҳо истиқбол кардаанд, омили ваҳдату

ягонагӣ ва заминаи рушди рӯҳониву маънавӣ бошанд, онҳоро ба роҳи пешрафту тараққӣ раҳнамойӣ намуда, марҳилаи наве дар масири таърихашон оғоз намоянд.

Рукнҳои аслии фарҳангу тамаддун ва унсурҳои муҳимтарини ҳифзу тақвияти ҳофизаи таърихии ҳар як халқ забон ва алифбову хати он маҳсуб мешаванд. Тағйири ин рукнҳо, сарфи назар аз сабабу омилҳои он, ҳатман латмае ба раванди табиии рушди ҳофизаи таърихии халқ ворид мекунад. Аз ин рӯ арабҳо низ мисли соири истилогарон бо маҳви осори китобатшудаи ниёкони мо ва қатлу куштори соҳибони он осор, қабл аз ҳама, ҳадафи тағйири рукнҳои аслии фарҳангу тамаддуни халқҳои эрониро пайгирӣ мекарданд. Ин матлабро тадбирҳои онон дар мавриди тағйири забони коргузории девонҳои давлатӣ дар Эронзамин, дар навбати аввал девони хироҷ, таъйид мекунанд.

Арабҳо дар давраи аввали кишвардории худ дар Эронзамин ба сабаби надоштани таҷрибаи кофӣ дар давлатдорӣ маҷбур буданд, ки дастгоҳҳои идории Эрону Мовароуннаҳрро дар ҳамон шакли пешинааш нигоҳ доранд. Дар ин дастгоҳҳо, ки аз низоми давлатдории сосонӣ сарчашма мегирифтанд, намояндагони мардуми бумӣ фаъолият доштанд ва коргузорӣ низ ба хат ва забони паҳлавӣ сурат мегирифт. Дар маърази истифода боқӣ мондани забону хати халқҳои эронӣ дар баробари он, ки василае муассир ва омиле корагар дар бақову идомати фарҳанг ва ҳувияти мардуми Эронзамин бошад, метавонист садде дар роҳи густариши забону хати арабӣ дар ин минтақаи бузурги Хилофат эҷод кунад. Аз ин рӯ фармонравоёни араб дар садади он шуданд, ки забону хати паҳлавиро аз девонҳои давлатӣ барандозанд ва коргузориро дар онҳо ба забони арабӣ гардонанд. Ин кор дар Ироқ ё Эрони Ғарбӣ бо амри Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф, ки ба золимиву хунхориаш қаблан ишорат рафт, дар соли 697 амалӣ гардид. То соли мазкур дабири девони хироҷи Ироқ Зодонфаррухи эронӣ буд ва коргузории идориву муҳосиботӣ комилан ба забону хати паҳлавӣ сурат мегирифт.

Зодонфаррух ва дабирони дигари эронии девони Ироқ дар баробари хати паҳлавӣ ва забони модарии худ забон ва хати арабиро низ дар ғояти камол омӯхта буданд ва тавони онро

доштанд, ки коргузории девониро дар қолаби забони арабӣ пайрезӣ кунанд. Аз ин рӯ, пас аз кушта шудани Зодонфаррух бар асари бурузи фитнае дар Басра шогирди ӯ – Солеҳ ибни Абдурраҳмони котиб, ки аслан аз Сиистон буд, имкони баргардонидани коргузории девонро аз паҳлавӣ ба арабӣ ба Ҳаҷҷоҷ ибни Юсуф маълум кард. Ҳаҷҷоҷ амр кард, ки Солеҳ зуд аз пайи ин кор шавад ва ӯ низ дар иҷрои амри мазкур ба тавфиқ даст ёфт. Ҳамин тариқ, коргузории девони Ироқ аз хат ва забони паҳлавӣ ба хат ва забони арабӣ нақл гардид. Ин тадбир дар сарнавишти забон ва хати паҳлавӣ таъсири басо манфӣ гузошт, зеро аз ин пас ин хату забон рӯй ба завол оварданд ва доираи истифодаашон низ танҳо бо фазои дини зардуштӣ маҳдуд гардид.

Таърих шоҳид аст, ки ҳар забоне, ки аз саҳнаи сиёсат ва қудрат хориҷ мешавад, ҳатман харобу камарзиш ва нотавону камзарфият гардида, тавони муқовимату истодагариро дар баробари фишору тазйиқи забони ҳоким аз даст медиҳад ва дар тангнои фано қарор мегирад. Зеро забон дар паҳно ва сояи давлат қувват ва неру мегирад ва давлат аст, ки барои рушду нумӯи забон муҳити мусоиди зисту амал фароҳам меоварад.

Дар ҳама давру замонҳо миёни забону хат, давлат ва ҳувияти миллӣ пайванди мустақим вуҷуд доштааст. Ҳар гоҳ ки ин пайванд мустаҳкам ва неруманд гардидааст, забон марҳилаи рушду такомулро дар паноҳи давлати муқтадир паймудааст ва ҳувияти миллӣ низ дар беҳтарин ваҷҳ ба зуҳур омадааст. Ва, баръакс, суст шудан ва ё аз байн рафтани пайванди мазкур боиси заъфу нотавонӣ ва ҳатто маҳву фанои забон ва ҳувияти миллӣ гардидааст. Ин қонуни омми зиндагии башарӣ дар давраи истилои араб низ ба тамомӣ ба зуҳур омад. Аз доираи коргузории девонҳои давлатӣ хориҷ шудани забону хати паҳлавӣ оғози марҳилаи заволи онҳо ва натиҷаи аз байн рафтани пайванди давлат, забон ва ҳувияти миллӣ дар он даврони нобасомони таърихи халқҳои ориёӣ гардид. Бесабаб набуд, ки ҳамкорони Солеҳ ибни Абдурраҳмон баъди коргузории девони Ирокро аз паҳлавӣ ба арабӣ баргардониданаш ӯро чунин мазаммат карда буданд: «Худо решаи туро аз ҷаҳон

барканад, ки ту бо ин корат решаи порсиро баркандӣ!».[251] Дар ҳақиқат ҳам аз доираи коргузории давлатӣ бадар кардани забону хати паҳлавӣ баробар бо задани теша бар решаи ҳастии онҳо буд. Табиист, ки пас аз ин тадбир ағлаби монеаҳо дар роҳи ривоҷи забони арабӣ дар қисмати ғарби Эронзамин рафъ гардиданд ва ин забон дар саҳнаи сиёсату дин ва илму адаб ҳокими мутлақ гардид.

Дар шарқи Эронзамин, яъне Хуросону Мовароуннаҳр гузариши коргузории девонҳо ба арабӣ дертар, дар соли 742 сурат гирифт, зеро ин минтақа, хосатан Мовароуннаҳр танҳо дар охирҳои чаҳоряки аввали асри VIII мутеи арабҳо гардида буд. Дар девонҳои Хуросону Мовароуннаҳр низ мисли Ироқ то санаи мазкур дабирони маҳаллӣ фаъолият доштанд ва коргузориро низ ба шеваи пешин идома медоданд. Бо ишора ба ин вазъ ва тадбири арабҳо ҷиҳати тағйири он адиб ва муаррихи арабизабон Ҷаҳшиёрӣ навиштааст: «Он замон бештари дабирони Хуросон маҷус буданд ва ҳисобҳо ба форсӣ менавиштанд. Соли 742 Юсуф ибни Умар, ки дар Ироқ ҳукумат дошт, ба (волии Хуросон) Наср ибни Сайёр номае фиристод ва ба ӯ дастур дод, ки дар корҳо ва китобаташ аз ҳеҷ як аз аҳли куфр кумак нахоҳад. Нахустин касе, ки коргузориро дар Хуросон аз форсӣ ба арабӣ нақл кард, Исҳоқ ибни Тулайки котиб буд».[252]

Ҳамин тариқ, дар солҳои чилуми асри VIII дар тамоми қалламрави халқҳои ориёӣ коргузории девонҳои давлатӣ комилан ба забони арабӣ ба роҳ монда шуд. Аз ин пас шарти асосии хидмат дар ниҳодҳои давлатӣ донистан ва ба кор бурдани забони арабӣ ба шумор омад. Албатта, ин амр раванди интишори забону хати арабиро дар Эронзамин суръат ва вусъат бахшида, ба марҳилаи сукути забонҳои халқҳои ориёӣ ба ҳайси забони расмӣ, ки тахминан 150-200 сол идома ёфт, оғоз ниҳод. Дар тӯли ин марҳила забони арабӣ ба яккатози майдони сиёсату қудрат ва василаи ягонаи нашри афкори адабиву илмиву динӣ дар қалламрави Эронзамин табдил ёфт.

---

[251] Ибни Надим. ал-Феҳрист.- Теҳрон, 1383//2004. - С. 338-339; Ҷаҳшиёрӣ. ал-Вузаро ва-л-куттоб. Тарҷумаи Абулфазли Таботабоӣ.- Теҳрон, 1348//1969. - С. 23.

[252] Ҷаҳшиёрӣ. ал-Вузаро ва-л-куттоб. Тарҷумаи Абулфазли Таботабоӣ. - Теҳрон, 1348//1970. - С. 23.

Ба ҳамин равиш, забони арабӣ дар мубориза бо забони паҳлавӣ ва забонҳои дигари мардуми Эронзамин пирӯзии комил ба даст овард. Мутаассифона, сарчашмаҳои таърихӣ ҷузъиёт ва тафсилоти мубоҳисаи арабӣ ва забонҳои эрониро дар даврони истило зикр накардаанд ва равандҳое, ки дар ин замина дар он даврон сурат гирифтаанд, бароямон норавшан мондаанд. Бинобар ин, вазъи умумии забонӣ дар Эронзамин, махусан , дар Хуросону Мовароуннаҳри даврони истило, ба тавре ки мебояд, маълум нест ва танҳо дар ҳадди тахмин метавон дар ин хусус мулоҳиза ронд. Аммо натиҷа ва маҳсули равандҳои забонии даврони истило, яъне тадриҷан аз байн рафтани забонҳои хоразмӣ, суғдӣ, бохтарӣ, паҳлавӣ ва дар саҳнаи дину давлат ва илму адаб ҷойгузини онҳо гардидани забони арабӣ дар қарнҳои нахусти исломӣ маълум ва баҳснопазир ҳастанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин натиҷа метавон ба бардоште расид, ки дар раванди ҳамовардӣ бо забони арабӣ ҳамон забонҳои эронӣ ба шикаст мувоҷеҳ шуданд, ки мақоми забони расмиву диниро доштанд ва дорои хату алифбои худ буданд. Бо назардошти ҳадафҳое, ки арабҳо дар раванди истилои кишварҳои дигар пайгирӣ мекарданд ва дар сархати ин ҳадафҳо паҳншавии дини ислом, забон ва хати арабӣ дар кишварҳои истилошуда қарор доштанд, шикасти забонҳои расмиву динии мардуми Эронзамин мантиқан тавзеҳпазир аст, зеро қудрати нави сиёсӣ ва ҷаҳоншиносии ҷадиди динӣ дар роҳи таҳким бахшидан ба пояҳои ҳастии хеш мебоист қабл аз ҳама василаҳои зуҳури қудрати сиёсӣ ва нашри афкори динии Эронзамини истилошударо аз байн барад. Забонҳои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва бохтарӣ, ки дорои хату алифбои худ ва шомили осори таҷассумкунандаи ҷаҳоншиносии диниву дунявии мардуми ориёӣ буданд, аз ҳамин гуна василаҳои хатарзо барои паҳншавии дини ислом ва ҷаҳонбинии нави яктопарастӣ маҳсуб мешуданд, дар арсаи рақобат бо забони арабӣ ба марги тадриҷӣ маҳкум гардида буданд.

§ 2. Наҳзати тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) дар Хуросону Мовароуннаҳр. Шикасти забонҳои расмиву динии Эронзамин дар мубориза бо забони арабӣ ва роҳ ба сӯйи фанои тадриҷӣ паймудани онҳо ба раванди инкишофи фарҳангу тамаддуни ин сарзамин халали ҷиддие ворид намуда, ҳувияту ҳайсияти

маънавии халқҳои эрониро таҳти хатари ҳастисӯз қарор дод. Лозим ба таъкид аст, ки дар баробари ҳамин гуна хатар дар ҳамон замони истилои араб мардуми кишварҳои дигар, аз қабили Миср, Ироқ, Сурия ва ғайра, ки дорои фарҳангу тамаддуни қадимӣ буданд, ҳувияти маънавии хешро аз даст доданд ва «араб» гаштанд.

Хушбахтона, чунин сарнавишти талх насиби гузаштагони огоҳу бедордили мо нашуд, зеро дар он марҳилаи ҳассоси таърихӣ омилҳое рӯйи кор омаданд, ки ба тавфиқи талошҳои поймардонаи ниёкони огоҳу бедордили мо баҳри ҳифзи ҳувият ва асолати фарҳангу тамаддуни ориёӣ мусоидат карданд. Дар раъси ин омилҳои ҳастисоз забони зиндаи тоҷикии форсии дарӣ қарор дошт, ки вуҷуди он гузаштаи тоисломии халқҳои эрониро бо даврони исломии таърихи Эронзамин бипайваст ва нагузошт, ки миёни ин ду марҳилаи аз лиҳози ҷаҳоншиносии динӣ ба ҳам мухолиф фосила ва гусастагии маънавӣ пайдо шавад, ҳамон гуна гусастагие, ки мӯҷиби «араб» шудани мардуми кишварҳои дигар гардид.

Чунон ки дар бахши дигари ин китоб таъкид шуд, забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ҳанӯз муддатҳо қабл аз даврони истилои араб дар қаламрави Эронзамин густариш ёфта, ба ҳайси василаи муошрати мардумони қисматҳои мухталифи ин қаламрав хидмат мекард. Ин ҷо пурсише метавонад матраҳ бишавад, ки чаро истилои араб боиси тадриҷан аз байн рафтани забонҳои дигари Эронзамин гардид, вале забони дарӣ аз газанди истилои араб раҳоӣ ёфт ва ҳатто пас аз мурури якунимду аср худ ҷойи забони арабиро дар саҳнаи сиёсат, адаб ва фарҳанг ишғол намуд? Дар ҳоле ки сарчашмаҳо доир ба вазъи забонҳои эронӣ дар даврони истило ва қарнҳои нахусти исломӣ маълумоти кофӣ ба даст намедиҳанд, ҳоло посухи дақиқ ва мустанад додан ба ин пурсиш то андозае душвор мебошад.

Лозим ба таъкид аст, ки забони арабӣ дар Эронзамин ҷойгузини забонҳои расмиву динии эронӣ гардида бошад ҳам, мақоми забони дариро, ки забони гуфтугӯйи мардуми ин сарзамин буд, маҳдуд ва ё танг карда натавонист. Албатта, интишори дини мубини ислом дар миёни халқҳои эронӣ ва зарурати адои расму русуми мусулмонӣ донистани оёту сураҳои Қуръонро тақозо мекард. Метавон таҳмин кард, ки ошноии

оммаи мардум бо забони арабӣ аз ин ҳад фаротар нарафт. Гузашта аз ин, дар ибтидо огоҳии мардум аз арабӣ ҳатто барои иҷрои фароизи ислом низ кофӣ набуд ва арабҳо маҷбур буданд, ки истифода аз забони дариро дар гузоридани намоз раво донанд. Дар тасдиқи ин матлаб метавон аз ривояти Наршахӣ ёдовар шуд, ки тибқи он мардумони Бухоро азбаски арабиро намедонистанд, «дар намоз Қуръон ба порсӣ хондандӣ».[253] Забони арабӣ ба ҳайси забони дину давлат бо мурури замон нуфузи бештар ёфт, вале ҳеҷ гоҳ ба муҳити хонаводагӣ ва зиндагии маъмулии мардуми ин сарзамин роҳ наёфт. Оммаи мардум дар зиндагии рӯзмарраашон аз забони модарии хеш истифода мекарданд ва ахбору ривоёт ва суруду таронаҳояшонро ба ҳамин забон мехонданд.

Дар сарчашмаҳои таърихиву адабии арабизабон низ теъдоде аз санадҳо ба назар мерасанд, ки ривоҷи забони дариро дар қарнҳои VI-VIII тасдиқ мекунанд. Ин санадҳо, ки ғолибан аз таркибҳо, ҷумлаҳо ва ҳатто пораҳои шеъргуна иборатанд ва аз забони ашхоси гуногун садо додаанд, бино ба аҳамияти хосаашон дар таҳқиқи таърихи ин забон борҳо мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон, аз ҷумла Маҳдии Муҳаққиқ,[254] Парвиз Нотили Хонларӣ,[255] Алиашрафи Содиқӣ,[256] Озартоши Озарнӯш[257] ва дигарон қарор гирифтаанд. Аксарияти кулли санадҳои мазкур дар ин китоб низ ҳангоми баррасии масъалаи ташаккули забони дарӣ ба доираи таҳқиқ кашида шуданд. Бо ҷилавгирӣ аз такрори маҳзи онҳо ин ҷо зарур аст, ки санадҳои истифодаи забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар қарнҳои нахустини ислом аз лиҳози мансубияти онҳо ба ин ё он маҳал мавриди назар қарор гиранд, то ҷуғрофияи густариш ва ривоҷи ин забон дар давраи мавриди назар муайян карда шавад.

---

[253] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тасҳеҳ ва таҳияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1363//1984, - С. 67.

[254] Маҳдии Муҳаққиқ. Таъсири забони форсӣ дар забони арабӣ//Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт. Шумораи 3, соли 7. - Теҳрон, фарвардинмоҳ, 1339//1941. - С. 38-56; Шумораи 4, соли 7. - Теҳрон, тирмоҳ, 1339//1941. - С. 91-110.

[255] Парвиз Нотили Хонларӣ. Муоразаи форсӣ ва арабӣ//Маҷаллаи «Сухан», давраи 20, шумораи 11, урдубиҳиштмоҳ, 1350//1971. - С.981-986.

[256] Алиашраф Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - Теҳрон, 1357//1978. - С. 54-99.

[257] Озартош Озарнӯш. Чолиш миёни арабӣ ва форсӣ. – Теҳрон, 1385//2007. - С. 101-116.

Аввалан, як назари иҷмолӣ ба санадҳои мазкур кофист, то аён гардад, ки забони мо дар давраи истилои араб беш аз ҳар минтақаи дигар дар Хуросону Мовароуннаҳр ривоҷ ёфта будааст. Сарчашмаҳои арабизабон аз забони мардуми ин сарзамин дар асрҳои VII-VIII аз калимаву ҷумлаҳои форсии дарӣ сар карда, то пораҳои шеъриро ба ин забон ривоят кардаанд. Калимаву ҷумлаҳои алоҳида (мисли «уштурбон», «бӯстонбон», «Бадбахт, мор-мор! Бигаз-бигаз!»; «Тозии эшон кастам»; «Дар марг низ мардӣ бояд!»; «Некон кунанд ва бадон кунанд ва ҳар кӣ ин кунад, сол во сар набарад»; «Або ин темор бояд андаке шодӣ»[258]), ки аксаран аз муколамаи ашхоси муайян дар ҳолатҳои мухталиф иқтибос шудаанд, корбасти фаъоли ин забонро ба ҳайси воситаи муошират дар давраи истилои араб бозтобӣ мекунанд. Ривоҷи забони дарӣ дар ин минтақа имконе фароҳам овардааст, ки мардум эҳсосоти худро дар шакли манзум ифода бикунанд.

Мардуми Хуросону Мовароуннаҳр ҳанӯз дар қарнҳои якуму дуюми исломӣ (асрҳои VII-VIII милодӣ) таровишҳои табъи шоиронаи худро дар қолаби забони дарӣ пайрезӣ мекардаанд. Метавон ҳадси наздик ба яқин зад, ки теъдоди ин гуна ашъор дар вақташ ба маротиб зиёд будааст, вале ба сабаби забони гуфторӣ будани форсии дарӣ дар он даврон ва ҳанӯз ба қайди китобат надаромадани он, ашъори мазкур низ ба тариқи шифоҳӣ истифода мешуданд ва бо гузашти айём аксаран аз байн рафтаанд.

Санадҳои истифодаи забони дарӣ дар қисмати ғарбии Эронзамин дар асрҳои VII-VIII хеле кам ба даст омадаанд. Зоҳиран, дар ин қисмат дар он даврон бештар ба лаҳҷаҳои табарӣ ва дайламӣ гуфтугӯ мекардаанд, аммо далелҳое мавҷуданд, ки бо забони дарӣ бегона набудани мардуми ин сарзаминро таъйид мекунанд. Аз ҷумла, дар сарчашмаҳои арабӣ ишороте ба он рафтааст, ки дайламиёни сокини Куфа дар қарнҳои нахусти исломӣ ба дарӣ сухан мегуфтаанд.

[258] Дар бораи ин калимаву ҷумлаҳо ва мансубияти онҳо ба ашхос ва маҳалли муайян ниг.: Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. – Теҳрон, 1357//1978. - С. 54-75: Озартош Озарнӯш. Чолиш миёни форсӣ ва арабӣ. - Теҳрон, 1385//2007. - С.109-116.

Бо истинод ба он чи дар боло гуфта шуд, метавон ба бардоште расид, ки забони дарӣ дар давраи истилои араб ба ҳайси забони зиндаи муошират дар шарқи Эронзамин бештар ва дар ғарби он камтар ривоҷ доштааст. Ашъори шифоҳие, ки аз он даврон ба забони форсии дарӣ боқӣ мондаанд, ҳамагӣ ба Хуросону Мовароуннаҳр мансубанд. Дар қиёс бо ин маҳз аз Хуросону Мовароуннаҳр бархостани шеъри расмии забони дарӣ дар аҳди Саффориёну Сомониён амре табиӣ ба назар мерасад.

Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар қарнҳои нахустини исломӣ на танҳо дар хостгоҳи худ – Хуросону Мовароуннаҳр ва манотиқи дигари қаламрави халқҳои эронӣ, балки хориҷ аз ин қаламрав, дар шаҳрҳои Ироқ ва соири марказҳои Хилофати арабии он даврон низ ривоҷ доштааст. Албатта, густариши ин забон дар шаҳрҳои араб, ки ҳазорон фарсах дур аз Хуросону Мовароуннаҳр воқеъ шудаанд, боиси эҷоди шубҳаву тардид шуда метавонад. Вале санадҳои зиёди сухангӯйӣ ба ин забон дар муҳити арабизабон, ки дар сарчашмаҳои асрҳои миёна зикр шудаанд, ҳама гуна шакку шубҳаро дар ин маврид аз байн мебаранд.

Табиист, ки ба форсии дарӣ дар шаҳрҳои хилофати арабӣ бештар мардуми Эронзамин, ки бо роҳҳои гуногун сокини шаҳрҳои арабии Хилофат шудаанд, сухан мегӯянд. Ин даризабонони муҳити арабӣ аз се тоифа фароҳам омада буданд. Якум, ҳамон сипоҳиёни эронӣ буданд, ки дар аҳди Хусрави Анӯшервон ба Яман ва Ҳира даст ёфта, минбаъд дар ҳамин ҷо иқомат гузиданд[259].

Дуюм, садҳо ҳазор нафар асирону ғуломоне буданд, ки баъди истилои шаҳрҳои қаламрави Эронзамин арабҳо онҳоро ба Арабистон интиқол дода буданд. Бинобар ахбори таърихномаҳо теъдоди ин асирону ғуломон воқеан хеле бузург будааст. Аз овардани маълумоти зиёд дар ин хусус худдорӣ намуда, танҳо ду санад - яке аз оғоз ва дигаре аз интиҳои давраи истилоро зикр мекунем. Бар асари фатҳи Сиистон дар соли 652 аз мардуми ин шаҳр 40 ҳазор кас ба ҳайси ғулом ба сарзаминҳои

[259] Ниг.: Зарринкӯб. Ду қарни сукут. - Теҳрон, 1355//1976. - С. 30-55

арабӣ фиристода шуданд.[260] Соли 712 бошад, Қутайба ибни Муслими Боҳилӣ 100 ҳазор зану марди ҷавонро аз мардуми Фарғонаву Хоразм ба асирӣ гирифта, онҳоро ба Арабистон фиристод.[261]

Истилогарони араб аз ҳар шаҳру навоҳие, ки бар асари шамшер ва ҷангҳои хунин ба дасти онҳо меафтид, занону духтаронро ба ҳайси канизон ва ҷавононро ба сифати ғуломон ба сарзамини араб мефиристоданд. Бадеҳист, ки аксари онҳо забони арабиро намедонистанд ва ба забони модарии худ-дарӣ гуфтугӯ мекарданд.

Дастаи сеюм ҳамон қисмате аз мардуми Эронзамин буданд, ки забони арабиро омӯхта, бар асари авомили мухталиф ба шаҳрҳои марказии Хилофат рӯй оварда буданд, то бар ивази хидмат дар девонҳои давлатӣ ё фаъолияти шоирӣ дар дарбори амирону халифагон касби маош намоянд. Ин тоифа мардуми дузабона буданд ва дар муошират бо ҳамқавмони худ аз форсии дарӣ, дар муколама бо арабҳо ва дар фаъолияти адабиву расмӣ аз арабӣ истифода мекарданд. Аз миёни ҳамин даста шоирон, адибон ва донишмандони маъруфе бархостанд, ки дар рушди илм, фарҳанг ва адабиёти арабӣ-исломии қарнҳои нахусти исломӣ саҳми бузург гузоштанд.[262]

Ҳузури се дастаи мазкур аз мардуми порсигӯ дар сарзамини арабҳо боис гардид, ки забони дарӣ дар баробари арабӣ дар кӯчаву бозорҳои Ироқ ва Арабистон ба кор гирифта шавад ва гузашта аз ин ба маҳфилҳои илмиву адабӣ ва маҷлисҳои хосаи дарборӣ роҳ пайдо кунад. Донишманди эронӣ Озартоши Озарнӯш бо ишора ба интишори форсии дарӣ дар муҳити арабӣ навиштааст: «Касрати эрониён, ки ҳанӯз суннатҳои куҳани хеш ва хотираи шикастро аз ёд набурда буданд, ба забони форсӣ иҷоза дод озодона дар саросари Ироқ, бахусус дар Басра ва Куфа ва сипас Бағдод ривоҷи тамом ёбад ва ҳатто дар тӯдаи

[260] Балозурӣ. Футуҳ-ул-булдон. Мактабату-н-назҳат-ил-мисрийамисрийа. ҷ. 1. - Қоҳира,1956-1957. - С.150.

[261] Муқаддасӣ. ал-Бадъ ва-т-таърих. (Офариниш ва таърих). Тарҷумаи Шафеии Кадканӣ. - Теҳрон, 1352//1973, қисми 6. - С. 39.

[262] Дар хусуси саҳми аҳли илму адаби эронӣ дар ташаккули тамаддуни арабӣ-мусулмонӣ баъдтар сухан хоҳад рафт.

мардуми арабнажод низ асар гузорад».[263] Ин андеша танҳо як фарзияи муҷаррад нест, балки бо далелҳои таърихӣ метавонад ба исбот расад. Ин далелҳо нисбатан зиёданд ва қисме аз онҳо дар таҳқиқоти забоншиносони Шарқу Ғарб ба ин ё он муносибат таъкид шудаанд. Ба хотири таъйини ҷуғрофияи густариши забони тоҷикӣ (форсӣ) дар сарзамини арабҳо зарур аст, ки чанде аз ин далелҳо ин ҷо низ матраҳ шаванд. Ахбори сарчашмаҳои таърихӣ ишора бар он доранд, ки забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) дар гаҳвораи дини ислом – шаҳрҳои Маккаву Мадина аз замони Паямбари ислом дар муошират бо эрониён ба кор рафтааст. Намунаи корбасти чанд калима ва ҷумлаи комили форсии дарӣ дар муколамаи Паёмбари акрам (с) бо саҳобагон дар бахши намунаҳои қадимтарини назму насри ин забон оварда мешавад.

Ба нашри забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар Маккаву Мадина ҳамчунин вуҷуди теъдоди зиёди асирони ҷангӣ аз мардуми Эронзамин мусоидат мекард. Ҷойи тардид нест, ки ин асирон ба забони модарии худ гуфтугӯ мекарданд ва огоҳии онҳо аз забони арабӣ аз маърифати чанд калимаву ҷумлае, ки барои хидматгузорӣ ба ҳайси канизу ғулом зарур буд, фаротар намерафт. Аз ин рӯ онҳо ҳомилони нуфузи форсии дарӣ дар муҳити арабии Маккаву Мадина буданд. Абулфараҷи Исфаҳонӣ (897-967)– муаллифи яке аз муътабартарин сарчашмаҳои шеъру адаби арабӣ бо номи «Китоб-ул-ағонӣ» бо ишора ба ғуломони эронӣ, ки девори Каъбаро дар аҳди халифа Муовия тармим мекарданд, сурудхонии онҳоро ба забони модариашон таъкид кардааст. Бино ба ривояти ин муаллиф, аҳли Макка сурудҳои ғуломони эрониро ҳангоми кор шунида, шефтаи онҳо гашта будаанд. Фузун бар ин баъзе аз хунёгарони араб сурудҳои худро аз рӯйи оҳангҳое, ки ҳамин ғуломон тараннум мекарданд, сохта ва мавриди таҳсин ва эъҷоби шунавандагони араб қарор гирифтаанд. Яке аз ин хунёгарони муваффақи он даврон Саид ибни Мисҷаҳ буд. Худи ин хунёгар сабаби дилпазир будани сурудҳояшро пайравӣ ба оҳангҳои эронӣ эътироф кардааст, ки

[263] Озартоши Озарнӯш. Чолиш миёни форсӣ ва арабӣ. – Теҳрон, 1385//2007. - С. 102-103.

аз ғуломони Макка шунидааст.[264] Мусаллам аст, ки суруд маҳсули ба ҳам омадани ду унсур – оҳанг ва матн мебошад. Абзори матн бошад, забон аст. Аз ин рӯ, шуҳрат ёфтани сурудҳои тоҷикӣ дар шаҳрҳои Макка ва Мадина маънои интишори забони дарӣ дар ин манотиқи арабнишинро низ дорад.

Ҳузури мардуми форсизабон нисбат ба шаҳрҳои Маккаву Мадина дар Ироқ дар он даврон бештар ва анбуҳтар буд. Табиист, ки забони дарӣ дар ин минтақа аз ривоҷ ва нуфузи бештаре бархурдор буд. Дар даврони кишвардории Умавиён дар шаҳрҳои Куфаву Басра пас аз забони арабӣ бештар забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) садо медод. Албатта, ин маҳсули ҳамзистии арабҳо ва мардуми эронинажод дар шаҳрҳои мазкур буд, ки сарчашмаҳои арабизабон онро тасдиқ кардаанд. Аз ҷумла, муаллифи «Таърихи Бухоро» таъкид кардааст, ки беш аз 4 ҳазор тан аз асирони Бухоро дар Басра маскун гардида буданд.[265] Бино ба ахбори Динаварӣ, дар сипоҳи Мухтор ибни Абуубайди Сақафӣ, ки барои интиқом гирифтан аз хуни имом Ҳусайн дар Куфа қиём карда буд, ҳама ба форсӣ сухан мегуфтанд.[266] Табарӣ бо ишора ба қиёми мазкур овардааст, ки сипоҳиёни Мухтор пас аз шикасти ӯ дар ҷанг бо Мусъаб ибни Зубайр дар соли 686 дар бораи Мухтор ва ваъдаи ӯ ба онон дар бораи пирӯзӣ ба тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) гуфтаанд: «Ин бор дурӯғ гуфт».[267]

Намоёнтарин далели густариши забони мо дар Басра ҳамоно шеъргунаи маъруфи зерин аст, ки ба қалами шоир Язид ибни Муфарриғи Ҳимярӣ тааллуқ дорад ва дар замони хилофати Язид ибни Муовия (679-683) суруда шудааст:

Об аст, набиз аст,
Усороти забиб аст,
Сумайя рӯсабиз аст.

---

[264] Абулфараҷи Исфаҳонӣ. Китоб-ул-ағонӣ, дар 30 муҷаллад. – Қоҳира, 1980, ҷ. 3. - С.278.

[265] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тасҳеҳ ва таҳияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1363//1984. - С.46.

[266] Динаварӣ. Ахбор-ут-тивол. - Қоҳира, 1960. - С. 333

[267] Табарӣ. Таърих-ур-русул ва-л-мулук. Силсилаи 2. – Теҳрон, 1380//2001,ҷ.1. - С. 454.

Аз ҳамин қитъаи Язид ибни Муфарриғ, ки ба ҳайси яке аз нахустин намунаҳои шеъри тоҷикӣ шинохта шудааст, ҳамчунин муҳити забоние, ки дар Басраи он даврон ҳоким буд, муҳим арзёбӣ мешавад. Дар ин муҳити забонӣ нуфузи форсии дарӣ ба ҳадде фарогир буд, ки тавонист барои эҷоди қитъаи манзуми форсӣ дар шаҳри арабӣ ва аз ҷониби шоири араб ва арабигӯ мусоидат намояд. Аён аст, ки Язид ибни Муфарриғ дар партави муҳити дузабонаи Басра ва бар асари иқомати кутоҳаш дар Сиистон забони форсии дариро омӯхта будааст.

Нуфузи форсии дарӣ дар Басра минбаъд мӯҷиб шудааст, ки гузашта аз арабҳо, намояндагони қавмҳои дигар низ аз ин забон дар муошират худ истифода кунанд. Чунончи, дар «Китоб-ул-ағонӣ» ба табиби маъруф Сарҷувайҳ, ки масеҳӣ ва суриёнизабон буд ва дар Басра мезист, суханони зерин дар радди туҳмате, ки ба ӯ шоир Ибни Мунозир (ваф. 813) зада буд, нисбат дода шудааст: «Паргаст ман нагуфтам, он писари Мунозир гуфт».[268]

Дузабонии арабӣ ва тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар Басра хоссатан дар доираҳои воизону қиссагӯён ривоҷи тамом пайдо карда буд. Алломаи араб Ҷоҳиз аз Мӯсои Асворӣ ном воиз ва муфассире, ки дар нимаи дуюми асри VIII зистааст ва фасоҳати суханаш дар арабӣ ва форсии дарӣ яксон будааст, ба ин тарз ёдовар шудааст: «Дар маҷлиси Мусои Асворӣ тозиён аз рост ва эрониён аз чап менишастанд ва ӯ ояте аз Қуръонро мехонд ва онро ба арабӣ барои тозиён тафсир мекард. Сипас ба эрониён рӯй меовард ва тафсири онро барои эшон ба форсӣ мегуфт ва касе дарнамеёфт, ки ба кадом як аз ин ду забон беҳтар сухан мегӯяд».[269] Дар ин хабари Ҷоҳиз ҳамсанги фасоҳати арабӣ будани фасоҳати форсии дарӣ ва тавонманд будани ин забон барои ифодаи мазмунҳои қуръонӣ ба сароҳат таъкид шудааст.

Форсии дарӣ дар пойтахти Хилофат-шаҳри Бағдод низ баъди забони арабӣ дуюмин забоне маҳсуб мешуд, ки дар муошират ба кор мерафт. Ин боиси тааҷҷуб нест, зеро дар садсолаи аввали ҳокимияти Аббосиён (750-850) дар ҳайати этникии ин шаҳр намояндагони мардуми Эронзамин дар баробари арабҳо яке аз ду унсури муҳим ба шумор меомаданд.

[268] Абулфараҷи Исфаҳонӣ. Китоб-ул-ағонӣ, ҷ.18. - С. 189.
[269] Ҷоҳиз. ал-Баён ва-т-табйин. Дар 4 муҷаллад. – Қоҳира, ҷ.1, 1414//1993. - С 342.

Илова бар ин, дар ин шаҳр ағлаби кулли шоирону адибону донишмандони арабизабони эронинажод, ки арабӣ барояшон забони китобат ва форсии дарӣ забони гуфтор буд, ҷамъ омада буданд. Ҳузури онҳо боис гардид, ки забони дарӣ аз муошират дар хонаву кӯчаву бозор то ба маҷлису маҳфилҳои дарбори халифагони араб кашида шавад. Дар таъйиди ин матлаб аз овардани санадҳои зиёде аз сарчашмаҳои адабиву таърихӣ сарфи назар намуда, танҳо як мисоли ҷолиби муошират ба форсии дариро дар дарбор зикр мекунем. Ҳамчунон ки Ибни Қифтӣ дар «Ахбор-ул-ҳукамо» нақл кардааст, яке аз донишмандони маъруфи дарбори халифа Маъмун (815-833) – Ҷабраил ибни Бахтишуъ ба назди вазир Фазл ибни Саҳли Зурриёсатайн (мақтул дар соли 817) пас аз ислом овардани ӯ дар соли 805 медарояд ва бо ишора ба Қуръон, ки пеши вазир истода буд, аз ӯ ба тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) мепурсад: «Чун бинӣ номаи Эзид?». Фазл ибни Саҳл ҷавоб медиҳад: «Хуш, чун Калила ва Димна».[270] Дар ин муколама, ки дар дарбори халифаи араб сурат гирифтааст, ба форсии дарӣ, яъне забони модарии худ сухан гуфтани вазири эронинажод боиси аҷобат нест ва амре табиӣ ба назар мерасад, вале ин забонро донистан ва дар муошират дар дарбор онро ба кор гирифтани Ҷабраил ибни Бахтишуъ, ки суриёнии масеҳимазҳаб буд, бидуни тардид аз нуфузи фарогири забони мо дар саҳнаи муошират дар пойтахти хилофати арабӣ – мусулмонии он даврон дарак медиҳад.

Ҳамин тариқ, забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар даврааи истилои араб ба ҳайси абзори муошират дар Хуросону Мовароуннаҳр, Эрони марказӣ ва шаҳрҳои бузурги хилофат – Макка, Мадина, Куфа, Басра ва Бағдод ривоҷи тамом дошт. Бо назардошти ин амр, даврааи истилои арабро дар таърихи забони мо метавон ҳамчун марҳилаи ҳамзистии он бо забони арабӣ, ки дар саҳнаи китобат ҳокими мутлақ буд, таъйин кард. Чунин як ҳамзистӣ дар сатҳи нутқи шифоҳӣ муҳити дузабонаи арабӣ-тоҷикиро дар қаламрави Эронзамин ва шаҳрҳои марказии Хилофат фароҳам овард.

Ҳамзистии забони тоҷикӣ бо арабӣ боис гардид, ки раванди доду ситад миёни ин ду забон дар марҳилаи мавриди назар густариш пайдо кунад. Ин раванд ҳанӯз пеш аз зуҳури

[270] Ибн ул-Қифтӣ. Ахбор-ул-ҳукамо. – Лейпсиг, 1903. - С.98.

ислом оғоз ёфта, калимаҳои алоҳидаи форсии дарӣ бо василаҳои гуногун ба забон ва шеъри араб ворид шуда буданд.[271] Донишмандони соҳаи робитаҳои забонӣ чун намунаи таъсири забони тоҷикӣ ба арабӣ ба шеъри шоири маъруфи тоисломии араб Аъшо Маймун ибни Қайс ишора кардаанд, ки дар қасидаҳояш вожаҳои «гулистон», «бунафша», «савсанбарг», «ёсуман», «наргис», «чанг» ва ғайраро гоҳо дар шакли тағйирхӯрдаи арабӣ ва гоҳе дар ҳамон сиғаи маъмули форсии дарӣ истифода кардааст.[272] Албатта, роҳ ёфтани ин вожаҳо ба шеъри шоири араб натиҷаи равобити ӯ бо эрониён ва огоҳиаш аз фарҳангу тамаддуни авохири аҳди Сосониён аст. Чунон ки маълум аст, Сосониён давлати арабии Ҳираро таҳти нуфуз ва тобеияти худ қарор дода буданд ва ин амр заминае барои муошират ва равобити фарҳангӣ миёни эрониён ва арабҳо эҷод карда буд.[273]

Бо истилои Эронзамин аз ҷониби арабҳо ва ба ҳайати Хилофат ворид шудани ин сарзамин доманаи робитаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавӣ миёни арабҳо ва мардуми эронинажод густардагии тамом пайдо кард ва раванди таъсиру мубодиларо миёни забонҳои эронӣ ва арабӣ, ба ҳадде ки бо даврони тоисломӣ қиёснопазир мебошад, тезонид. Мусаллам аст, ки забон аз боризтарин ва муҳимтарин падидаҳои иҷтимоӣ буда, ба мисли оинаи тамомнамо куллияи таҳаввулоти иҷтимоиро дар худ инъикос мекунад. Аз ин рӯ, тағйироти боризе, ки дар муҳити зисти забони дарӣ пас аз истилои араб ба вуқӯъ пайваст, қабл аз ҳама дар таркиби луғавии ин забон инъикос пайдо кард. Дар навбати худ, забони арабӣ низ аз таъсири ин тағйироти муҳитзистӣ берун намонд ва теъдоди зиёде аз вожаву таркибҳои форсии дарӣ ба забони арабӣ роҳ ёфта, дар таҳаввули ин забон аз мазҳари бадавият то абзори фарогири ифодаи афкори диниву сиёсӣ ва илмиву фарҳангии замон нақше аз худ гузоштанд.

---

[271] Тафсили ин мавзӯъро ниг. Озартоши Озарнӯш. Роҳҳои нуфузи форсӣ дар фарҳанг ва забони араби ҷоҳилӣ. Чопи дувум. - Теҳрон, 1374//1995.

[272] Маҳдии Муҳаққиқ. Таъсири забони форсӣ дар забони арабӣ//Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт, шумораи 3, соли 7. – Теҳрон, фарвардинмоҳ, 1339//1941. - С.38-39.

[273] Муҳаммадӣ Муҳаммад. Таърих ва фарҳанги Эрон дар даврони интиқол аз асри Сосонӣ ба асри исломӣ, ҷ.4. - Теҳрон, 1382//2004. - С.9-18.

Бино ба маълумоти аҳли таҳқиқ, теъдоде аз вожагони забони мо ба матни Қуръон низ роҳ ёфтанд, ки «ибриқ» (шакли арабишудаи «обрез»), «канз» («ганҷ»), «сиҷҷил» (сангу гил) ва ғайра намунае аз онҳо маҳсуб мешаванд. Вожагоне, ки аз забони тоҷикӣ ва забонҳои дигар ба Қуръон роҳ ёфта буданд, аз қадим мавриди таваҷҷуҳи забоншиносон қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, яке аз донишмандони маъруфи араб Ҷалолуддини Суютӣ (ваф. 1505) рисолае хос дар мавзӯи калимоти ғайриарабии Қуръон навишта ва дар он вожагони тоҷикиасли ин китоби осмониро ба қайд овардааст.[274] Дар замони мо низ ховаршиносон ба баррасии ин мавзӯъ пардохтаанд ва аз миёни онҳо Артур Ҷефри фарҳанги вожагони ғайриарабии Қуръонро таълиф карда, калимаҳои форсии онро ба доираи таҳқиқ ва тавзеҳ кашидааст.[275] Ҳузури вожагони забони мо дар китоби азимушшаъни Қуръон, ки дар рисолаву фарҳангҳои мазкур ба субут расидааст, нишоне аз таъсири ин забон ба забони арабӣ дар оғози зуҳури ислом маҳсуб мешавад. Минбаъд ин таъсир дар натиҷаи омилҳое, ки аз онҳо қаблан ёд шуд, рӯ ба фузунӣ овард ва соҳаҳои гуногуни зиндагии иҷтимоиро фаро гирифт. Алломаи араб Ҷоҳиз бо ишора ба раванди роҳ ёфтани калимоти тоҷикӣ (форсӣ) ба забони арабӣ навиштааст, ки арабҳои Мадина ба ҷойи «биттих»-и арабӣ «харбуза»-и тоҷикӣ, ба ҷойи «самит»-и арабӣ «рӯда»-и тоҷикӣ, ба ҷойи «масус» «мазуз»-и тоҷикиро истифода мекардаанд. Ҳамин минвол, мардуми Куфа ба ҷойи «мисҳот»-и арабӣ «бел»-и тоҷикӣ ва ба ҷойи «ҳук»-и арабӣ «бодруҷ»-и тоҷикиро ба кор мегирифтанд. Мардуми Басра бошанд, маҳалли ба ҳам пайвастани чаҳор роҳро, ба ҷойи он ки «мураббаъ» гӯянд, «чаҳорсу» мехондаанд ва ба ҷойи «суқ»-и арабӣ «бозор»-и тоҷикиро корбаст мекарданд ва ғайра.[276] Мисолҳое, ки Ҷоҳиз зикр кардааст, шаҳодати таъсири забони мо ба забони гуфтории арабҳои шаҳрҳои бузурги Хилофати он даврон аст. Ин таъсир аз

[274] Маҳдии Муҳаққиқ. Таъсири забони форсӣ дар забони арабӣ//Маҷаллаи Донишкадаи адабиёт, шумораи 3, соли 7. – Теҳрон, фарвардинмоҳ, 1339//1941. - С. 42.
[275] Ҳамон ҷо. - С. 43.
[276] Ҷоҳиз. ал-Баён ва –т-табйин. Дар 4 муҷаллад.– Қоҳира, ҷ.1, 1414//1993. - С.139.

доираи забони гуфторӣ фаротар рафта, дар номгузории маҳаллоти арабнишин, яъне дар топонимҳо низ ба зуҳур омадааст. Чунончи сайёҳ ва ҷуғрофиядони араб Ёқути Ҳамавӣ номи яке аз маҳаллоти Басраро дар гунаи «Шаҳорсуҷ» ба қайд овардааст, ки ҳамон «чаҳорсӯ»-и тоҷикӣ аст.[277] Бино ба иттилои муаррихи маъруфи арабизабон Балозурӣ, дар шаҳри Басра номгузории маҳаллаву пулҳову рӯдҳо бо иловаи «- он (- ён)»-и нисбат (мисли Мӯлиён, Пӯлодон ва ғайра), ки аз вижагиҳои топонимсозии тоҷикӣ аст, дар қарнҳои нахусти ислом роиҷ гардида будааст.[278] Далели ин матлаб топонимҳое аз қабили «Муҳаллабон», «Ҷаъфарон», «Абдураҳмонон», «Холидон», Талҳатон» ва ғайра мебошанд, ки бо иловаи «- он»-и нисбати тоҷикӣ ба исмҳои хоси арабӣ сохта шудаанд.

Вуруди калимаҳои зиёди забони мо ба забони арабӣ дар сарчашмаҳои дигари арабӣ низ зикр шудааст. Албатта, шарҳу тавзеҳи маълумоти ҳамаи ин сарчашмаҳо аз чорчӯбаи ин китоб берун аст, вале дар асоси сарчашмаҳои мазкур метавон ба чанде аз қонунмандиҳои умумии нуфузи забони тоҷикӣ ба забони арабӣ дар давраи истилои араб ишора кард.

Якум, дар давраи мавриди назар аз забони мо ба забони арабӣ бештар ва пештар вожагоне роҳ ёфтаанд, ки ба зуҳуроти фарҳангу тамаддуни шаҳрӣ пайванд мегиранд. Дар шарҳи ин матлаб бояд ёдовар шуд, ки ағлаби арабҳо бодиянишин буданд ва зиндагии иҷтимоиву маънавии онҳо дар фазои бекарони биёбонҳои хушку тафсон ҷараён мегирифт. Аксари қабилаҳои араб бо намунаҳои тамаддуну фарҳанги давлатдорӣ ва тааллуқоти шаҳрнишинӣ, ки барои мардуми Эронзамин дар он даврон чизҳои маълум буданд, ошноӣ надоштанд. Вале бо зуҳури ислом, ки кишваркушоиҳои пурвусъатро дар пай дошт, арабҳо бо фарҳангу тамаддуни халқҳои мухталиф рӯ ба рӯ шуданд ва барои ифодаи падидаҳои бароҳшон ноошнои фарҳангу тамаддун дар забони хеш абзори лозимро ҷӯё шуданд. Табиист, ки арабҳо ғолибан он абзорро дар забони ҳомилони он фарҳангу тамаддун пайдо карданд. Ба иборати дигар, арабҳо

[277] Ёқути Ҳамавӣ. Муъҷам-ул-булдон, ҷ.1-5. - Бейрут, 1957, ҷ. 3, С. 374.

[278] Балозурӣ. Футуҳ-ул-булдон. Мактабату-н-назҳат-ил-мисрийамисрийа, ҷ.1. - Қоҳира,1956-1957. - С.346-372.

қисме аз падидаҳои фарҳангу тамаддуни кишварҳои кушудаашонро бо ҳамон алфозе, ки дар забони он кишвар мустаъмал буд, қабул карданд. Чун тамаддуни Эронзамин аз бузургтарин ва муҳимтарин тамаддунҳое буд, ки арабҳо аз он таъсири зиёд пазируфтанд, вожаҳои ифодакунандаи унсурҳои тамаддуни халқҳои эронӣ, хоссатан ҳамон аносире, ки барои арабҳо то кунун ноошно буданд, ба забони арабӣ ба таври фаровон роҳ ёфтанд. Табиист, ки аксари ин вожаҳо ба суннатҳои тамаддуни шаҳрнишинӣ, мисли идҳо (Наврӯз, Меҳргон, Ромрӯз), бозиҳо ва саргармиҳо (чавгон (савалҷон), шатранҷ, нард), гулҳо (бунафша, хайрӣ, ос, арғувон), либосҳои фохир, хӯрданиҳо, истилоҳоти илми нуҷум, расму русуми дарборӣ, истилоҳоти девонӣ, аслиҳа, сангҳои қиматбаҳо, таҷаммулоти дарборӣ ва ғайра, ки барои арабҳо аз маонӣ ва падидаҳои тоза маҳсуб мешуданд, марбут буданд. Сарчашмаи вожаҳое, ки ба забони арабии давраи истилои араб ворид шудаанд, забони зиндаи ниёкони мо буд. Аз ин рӯ, бо омӯхтани ин вожаҳо метавон таркиби луғавии забони форсии дариро то андозае муайян кард, ки иҷрои ин корро ба уҳдаи забоншиносони касбӣ вогузор мекунем.

Дуюм, аксари кулли вожаҳои забони мо, ки ба забони арабӣ роҳ ёфтаанд, ба тақозои хусусиятҳои ин забон ба тағйироти шакливу овоӣ мувоҷеҳ гардида, аз асли худ то андозае дур шудаанд, ки ин амр баъзан дар шинохти асолати онҳо мушкилиҳое пеш овардааст. Ба иборати дигар, арабҳо ҳар вожаеро, ки аз форсии дарӣ (ва аз забонҳои дигар низ) гирифтаанд, ба қоидаҳои забони худ, ба талаботи имло ва хусусиятҳои овоии он мувофиқ карда, онро зоҳиран «арабӣ» кардаанд. Дар забоншиносии арабӣ, ки асосгузоронаш гузаштагони овозадори мо, аз қабили Сибавайҳи наҳвӣ буданд, ин қабил вожаҳоро «муарраб» номида ва фарҳангномаҳое аз онҳо мураттаб кардаанд. Аз нахустин намунаҳои ин қабил фарҳангномаҳо китоби «ал-Муарраб»-и Ҷаволиқӣ (асри Х) ва «Шифо-ул-ғалил»-и Хафоҷӣ (ваф.1069/1691) маҳсуб мешаванд. Ин асарҳо калимаҳои зиёди форсӣ-дариро шомил ҳастанд, ки дар забони ниёкони мо дар давраи истилои араб мустаъмал будаанд ва бо ворид шудан ба забони арабӣ ҷомаи ин забонро ба бар кардаанд. Барои он ки тасаввуре аз таъриб, яъне арабӣ

кардани калимаҳои забони мо дар хонанда ҳосил шавад, теъдоде аз ин гуна калимотро бо шакли муарраби онҳо ба тариқи мисол зикр кардан бамаврид аст, чунончи:

Калимаи тоҷикӣ	Шакли муарраби он
арғувон	арҷувон
барда	бардақ
боша	бошақ
бунафша	банафсақ
пиёда	байдақ
гаҷ	ҷис
гавҳар	ҷавҳар
канда	хандақ
дебо	дебоҷ
сара	сарақ
чавгон	савалҷон
писта	фистақ
парвона	фарвонак
курта	қуртуқ
лагом	лаҷом
найза	найзак
мурғ	мурҷ
заргун	зарҷун

Аз мисолҳои мазкур пай бурдан душвор нест, ки арабҳо дар «таъриб»-арабӣ кардани калимаҳои тоҷикӣ аз қоидаҳои муайян кор гирифтаанд. Таваққуф бар сари ин қоидаҳоро ба уҳдаи забоншиносони касбӣ мегузорем, вале як нуктаи ибратомӯз аз он бармеояд, ки таъкидаш зарур аст: арабҳо калимаҳоеро, ки аз форсии дарӣ дар он даврон ва минбаъд гирифтаанд, тобеи қоида ва хусусиятҳои забони худ кардаанд ва ба хотири шаклу овози калимаҳои иқтибосшуда ба алифбову имлову талаффузи худ тағйир ворид нанамудаанд, ҳамчунон ки дар таърихи забони мо, хоссатан дар даврони шӯравӣ ин амал чанд бор бар хилофи табиати забон сурат гирифтааст. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро то даме ки башарият ҳаст ва забонҳо вуҷуд доранд, доду ситад ва таъсири мутақобилаи забонҳо низ идома

пайдо мекунад. Ин раванд хоссатан имрӯз, ки ҷаҳонишавӣ ҳамаи соҳаҳои зиндагии моро фаро гирифтааст, вусъат ва ривоҷи тамом пайдо карда ва ба ҳастиву таҳаввулоти забонҳо таъсири амиқ мегузорад. Забони модарии мо низ дар ин бозори доду ситади забонӣ фаъол буда, аз забонҳои дигар вожаву истилоҳоти зарурирo барои ифодаи падидаҳои замони техникаву технологияи муосир қабул мекунад ва дари хазинаи дороиҳои худро ба рӯйи забонҳои дигар боз мегузорад. Муҳим он аст, ки аз таҷрибаи ниёконамон барои ҳифзи асолати забонамон ва афзудани неруву тавонмандии он сабақ бигирем ва нагузорем, ки доду ситади луғавӣ ба табиати забонамон халал ворид кунад.

Чунон ки қаблан ишора шуд, дар давраи истилои араб ниёкони мо равиши бисёр мулоим ва муносибро дар муносибат бо забони арабӣ пеш гирифта буданд. Ин равиш имкон фароҳам овард, ки ҷузъе аз дороиҳои забони мо ба хидмати забони арабӣ гузошта шавад ва дар неруафзоии забони дини мубини ислом нақше аз худ гузорад.

Дар баробари ин, давраи истилои араб дар таърихи забони форсии дарӣ марҳилаи таъсирпазирии пурвусъат аз забони арабӣ-забони Қуръони азимушшаън маҳсуб мешавад. Омилҳои зиёди сиёсӣ, динӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ боис шуданд, ки забони арабӣ на танҳо дар қаламрави Эронзамин нуфуз пайдо кунад, балки калимоту таркибот ва истилоҳоти фаровони забони арабӣ ба забони форсии дарӣ роҳ ёбанд.

Ҷузъе аз қаламрави Хилофат гардидани Эронзамин ва ба забони ягонаи расмии он табдил ёфтани забони арабӣ худ тақозо мекард, ки аҳли илму адаби ин сарзамин забони арабиро аз худ кунанд ва онро ба ҳайси василаи нашри афкору андеша ва абзори эҷод ба кор гиранд. Нуфузи ислом дар Эронзамин низ аз муҳимтарин омилҳои таъсири забони арабӣ ба форсии дарӣ буд, зеро забони арабӣ дар назари ниёкони мо қабл аз ҳама забони Қуръони азимушшаън буд. Табиист, ки бо афзудани гароиш ба ислом таваҷҷуҳ ба забони арабӣ ва рағбат ба маърифати он низ зиёд мегардид ва забони арабӣ тадриҷан ба забони дини ниёкони мо табдил меёфт. Омилҳои иқтисодӣ низ дар таъсири забони арабӣ ба тоҷикӣ нақши муҳим доштанд, зеро фаъолият дар ниҳодҳои давлатӣ, хоссатан девонҳо

донистани забони арабиро талаб мекард. Аз сабаби он ки дар ниҳодҳои идории Хилофат, чи дар марказ ва чи дар маҳалҳо, теъдоди зиёди намояндагони мардуми Эронзамин фаъолият доштанд, забони арабӣ дар асрҳои VIII-IX ба забони кори ниёкони мо табдил ёфта буд.

Ҳамин тариқ, дар қарнҳои нахусти ислом ҳамзистии забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ба ҳайси забони гуфторӣ ва арабӣ ба ҳайси забони навиштарӣ дар ҷомеаи Эронзамин ва дар фаъолияти афроди алоҳида боис гардид, ки забони арабӣ таъсири бузурге дар забони мо бар ҷой гузорад, ҳамчунон ки забони форсии дарӣ муҳимтарин забони таъсиргузор ба забони арабӣ шавад.

Бештари калимоти арабӣ, ки имрӯз дар забони мо роиҷ аст, дар ҳамон марҳилаи ҳамзистии забонҳои тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ва арабӣ ба забони ниёкони мо роҳ ёфта ва дар тӯли беш аз ҳазору чорсад сол ба ҳадде дар забони мо ҳазм шудаанд, ки асли арабии чунин калимот, аз қабили мактаб, қалам, мадраса, китоб, садоқат, рафиқ ва ғайра барои донишмандони соҳаи забон маълум буда, барои соҳибзабонон калимаҳои мазкур ҷузъе аз дороиҳои забони модариашон маҳсуб мешаванд. Забони тоҷикӣ дар даврони истило асолати худро ҳифз карда, дар масири доду ситади луғавӣ бо забони арабӣ барои худ заминае ҷиҳати бозсозии сиёсиву динӣ ва расмияти адабиву фарҳангӣ фароҳам овард.

Ниёкони мо дар он даврони пурҳаводис тавонистанд, ки асолати забони модарии худро ҳифз кунанд ва бо неру афзудану вусъат бахшидан ба зарфияти ин забон онро дар канори забони арабӣ ба рукни дуюми фарҳангии ислом табдил диҳанд. Аз ин ҷост, ки форсии дарӣ ба ҳайси мазҳари фарҳангу тамаддуни бузурги мардуми Эронзамин аз ҳамон даврон мавриди таваҷҷуҳ, иноят ва бузургдошти арабҳо ва халқҳои дигари хилофат қарор гирифта буд. Сарчашмаҳои мухталифи таърихӣ, ки воқеаҳои замони истилои арабро бозгӯ мекунанд, далел бар онанд, ки арабҳои кишваркушо ба омӯзиши форсии дарӣ рӯ оварда, онро дар муошират хеш ба кор мегирифтаанд. Донишманди эронӣ Озартоши Озарнӯш дар заминаи пажӯҳиши аксари сарчашмаҳо феҳристе муфассал аз арабҳои кишваркушо ва дингустарро фароҳам овардааст, ки бо забони форсии дарӣ ошноӣ доштаанд

ва дар дохили Эронзамин бо намояндагони мардуми маҳаллӣ ба ин забон суҳбат мекардаанд[279].

Ба ақидаи ин донишманд, «…бисёре аз арабҳо дар даруни Эрон, чун медиданд, ки форсӣ забони ҳамаи мардум аст, ночор мешуданд барои баровардани ниёзҳои рӯзмарраи худ дар заминаҳои гуногун, ба вижа дар заминаи сипоҳигарӣ, онро биёмӯзанд. Гурӯҳе дигар аз эшон гоҳ дар фазоҳое қарор мегирифтанд, ки ночор буданд аз ҷомаи арабӣ бадар омада, ҷомаи эронӣ бипӯшанд, дастаи севум, арабҳое ҳастанд, ки ба сабаби таъсири муҳит дар бархе шароит маниши эронӣ баргузидаанд.[280]»

Муҳаққиқи амрикоӣ Р. Фрай низ ба вуҷуди бисёре аз арабҳо дар қарнҳои нахусти исломӣ ишора кардааст, ки забони форсии дариро омӯхта, дар рафтору кирдор ва хӯроку пӯшок ҳамранги мардуми маҳаллии Эронзамин гардида буданд.[281]

Забони мо ҳамчун мазҳари фарҳангу тамаддуни бузурги халқҳои Аҷам дар назари аҳли илму адаб ва фарҳанги хилофати қарнҳои нахусти ислом низ аз мақом ва манзалати хоса бархурдор буд. Дар тасдиқи ин матлаб аз ривояти муаллифи «Таърихи Бағдод» Ибни Абутоҳири Тайфур метавон ёдовар шуд, ки тибқи он шоири маъруфи аҳди Аббосиён - Абуамри Аттобӣ (ваф. қабл аз 815) забони форсиро омӯхта ва ба он эҳтироми тамом қоил будааст. Ин шоир, бино ба гароишаш ба фарҳангу тамаддуни Аҷам, аз шуарои муқарраби вазирони эронии Хилофат- Бармакиён маҳсуб мешуд ва пас аз куштори номардонаи онҳо аз ҷониби халифа Хорунаррашид дар соли 803 ба дарбори Тоҳириён рӯй оварда буд. Бино ба нақли муаллифи «Таърихи Бағдод», Аттобӣ дар шаҳраки Раққа дар наздикии Марв қарор дошт ва шоҳиди гуфтугӯйи яке аз намояндагони хонадони Тоҳириён бо ғуломе гашт, ки ба форсии дарӣ сурат мегирифт. Шоири араб низ ба суҳбати онҳо ба форсии дарӣ ҳамроҳ гашт. Дар шарҳи форсидонии худ Аттобӣ гуфтааст, ки ӯ се бор ба Марв, ки дар он ҷо ганҷинаи китобҳои форсӣ маҳфуз

[279] Озартоши Озарнӯш. Чолиш миёни форсӣ ва арабӣ. – Теҳрон, 1385//2007. - С.90-95.
[280] Ҳамин асар. - С.90.
[281] Фрай Р. Асри заррини фарҳанги Эрон. Мутарҷим Масъуди Раҷабниё. - Теҳрон, Суруш, 1363//1985. -С.114.

аст, сафар карда ва аз он китобҳо баҳра бардоштааст. Вақте аз Аттобӣ пурсиданд, ки чаро ин китобҳоро мехонад ва рӯнавис мекунад, ӯ ҷавоб додааст: «Маънӣ ва балоғат дар забони форсӣ аст! Забон аз мост ва маонӣ аз онҳост» [282].

Воқеан ҳам забони тоҷикӣ ба сармояи бузурги фарҳангии мардуми Эронзамин ва дар раванди доду ситади луғавӣ бо забони Қуръони азимушшаън такя намуда дар қарнҳои нахусти ислом торафт нерумандтар ва ғанитар мегардид, зарфият ва нуфузаш рӯ ба фузунӣ меовард. Ин забон, бо вуҷуди он ки ҳанӯз гунаи навишторӣ пайдо накарда буд, по ба саҳнаи ҳамовардиву рақобат ба забони арабӣ - забони ягонаи расмӣ ва динии Хилофати он даврон гузошта буд. Забони мо бо дороиафзоӣ ва нуфузи рӯзафзуни худ тадриҷан ба моияи ташаккули ваҳдат ва ягонагии мардуми Эронзамин табдил меёфт. Аз ин рӯ, ҳамовардӣ ва рақобати он бо забони арабӣ ба ҷуз аз ҷанбаи сирф забонӣ аҳамияти сиёсӣ низ дошт ва амалан муборизаи сиёсии унсури арабиву эрониро дар Хилофат бозтобӣ мекард. Нақши ин рақобати сиёсиро, ки дар пардаи мунозираи забониву фарҳангӣ миёни арабҳо ва ниёкони мо зоҳир шудааст, ба касрат метавон дар сарчашмаҳои таърихиву адабии қадима пайдо кард. Аз ҷумла, донишманди маъруфи асри IX Абубакри Сулӣ дар «Адаб-ул-куттоб»-и хеш қавли марде аз Эронзаминро аз мунозираи ӯ бо арабе овардааст, ки гуфта: «Мо (-мардуми Эронзамин) дар корҳо ва забони худ ба шумо ниёзе надорем, вале шумо ба мо ниёзмандед, зеро хӯрданиҳо ва ошомиданиҳо ва девонҳои шумо ба ҳамон номе аст, ки мо ниҳодаем». Сипас он марди эронӣ номҳои чанде аз хӯрок, машрубот ва истилоҳоти девониро зикр мекунанд, ки ҳамагӣ форсианд ва дар арабӣ мустаъмал гаштаанд[283].

Ҳамин гуна матлабро муаллифи «Таърихи Салоҷиқа» Имоди Котиби Исфаҳонӣ низ аз забони халифаи умавӣ Сулаймон ибни Абдулмалик (715-717) нақл карда, ки гуфтааст: «Дар шигифтам аз ин эрониён, ҳазор сол салтанат карданд ва

[282] Ибни Абутоҳири Тайфур. Таърихи Бағдод. - Қоҳира, 1949. - С. 87.
[283] Сулӣ. Адаб-ул-куттоб. - Бейрут, 1982. - С.193.

соате ба мо муҳтоҷ нашуданд, вале мо сад сол салтанат кардем ва соате аз онон бениёз набудем»[284].

Истеҳкоми пояҳои забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар қарнҳои нахусти ислом ва имконоти рӯзафзуни он дар саҳнаи ҳамовардӣ бо забони арабӣ қисме аз арабҳои мутаассибро ба форсиситезӣ водор мекард. Аз ин ҷост, ки онҳо бо забони форсии дарӣ мухолифати шадид меварзиданд ва кӯшиш мекарданд, ки аз қадру эътибори ин забон коҳиш бидиҳанд. Аз ҷумлаи донишмандони араби мутаассиб яке Асмаӣ (740 - 831) буд, ки суҳбат кардан ба форсии дариро дар кишвари арабӣ нанг ва пастӣ мешумурд.[285] Тоҷикситезӣ ва форсиситезӣ дар Хилофат хоссатан дар нимаи дуюми асри VIII ривоҷ гирифт, зеро дар ин давра намояндагони аҳли адабу фарҳанг ва тамаддуни эронӣ ба пайкори маънавӣ бо арабҳо бархоста буданд, ки ҳадаф аз он наҳзати фарҳангиву адабӣ ва таҷдиди рӯҳонияти Аҷам аз тариқи ҳифзу идомаи суннатҳои тамаддуни тоисломии Эронзамин ва ворид кардани онҳо ба матну батни тамаддуни ҷадиди исломӣ буд. Ин наҳзати барозандаи ниёкони шарафманди мо дар таърих бо номи шуубия маъруф аст. Пайравони шуубия аксаран равшанфикрон ва парчам-бардорони адабу фарҳанги Эронзамин буданд, ки бо талошҳои меҳанпарастона ва миллатдӯстонаи хеш пас аз даврони истило марҳилаи ҷадидеро дар роҳи эҳёи маънавии гузаштагони бонангу номуси мо оғоз ниҳоданд.

Зикри ин матлаб ҳам муҳим аст, ки дини мубини ислом ҳарчанд ғояи баробарии ҳамаи халқу қавмиятҳои мусулмонро тарғибу ташвиқ менамуд, боз ҳам аъроби мутаассиб дар аҳди Умавиён худро аз дигарон боло мегирифтанд ва ба мардумони дигар, аз ҷумла ба эрониён ҳамчун ба маволиву банда муносибат дошта, дар ин бобат китобҳое чанд низ таълиф намудаанд. Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» китоби Ибни Қутайбаи Ҷабалӣ «Фи тафзили-л-Араб ала-л-Аҷам» (Дар бартарии Араб бар Аҷам)-ро зери тозиёнаи шадиди танқид кашида, беасос будани бартариҷӯйии арабро нисбат ба мардуми

[284] Имоди Котиб. Мухтасари таърихи Салоҷиқа. – Теҳрон, 13571979. - С. 57.
[285] Мубаррад. ал-Комил, ҷ. 1-6.- Бейрут, ҷ.1, 1999.- С. 239.

эронитабор бо далелу бурҳони қотеи илмӣ ба исбот расонидааст.[286]

Наҳзати шуубия дар баробари ҳамин бартариҷӯйии араб дар асрҳои аввали густариши ислом дар Хуросону Мовароуннаҳр ба майдон омад, ки баръакс афзалияти Аҷамро бар Араб таъкид менамуд.

Ба назар чунин мерасад, ки бештари хонаводаҳои эрониасле, ки дар ин аҳд фармонраво буданд, ошкору ниҳон аз наҳзати шуубия ҷонибдорӣ карда, аслу насаби худро ба подшоҳони Эрони бостон пайванд додаанд. Аз ҷумла, Сомониён ҳарчанд худро зоҳиран аз тобеони хилофати араб мехонданд, дар ботин ҷонибдори ин наҳзат буда, насаби худро ба яке аз сарварони бузурги аҳди Сосониён - Баҳроми Чӯбина, Хоразмшоҳиёни Оли Ироқ ба Кайхусрав писари Сиёвуш, амирони Оли Фариғуни Гузгонон (Ҷузҷон) ба Фаридун ва ҳокимони Оли Саҳл, ки дар Марв ҳукумат доштанд, асли худро ба Яздигурд мепайвастанд. Шояд ҳамин наҳзати шуубия бо ифтихор аз асолати эронӣ ва ҳувияти миллӣ буд, ки шоҳону амирони хонадонҳои мавсуфро ҳамвора ба тарғиби забону адаби тоҷикӣ-форсӣ водор намуда, барои ба пуррагӣ ба забони тоҷикӣ (форсӣ) гузаштан заминаи мусоид фароҳам мекард.

Пайравони шуубия шеваҳои муассир ва ҳадафраси мубориза ба муқобили фишори маънавии арабҳоро ба кор гирифтанд. Гурӯҳе аз онҳо, ки аксаран шоирону нависандагони арабизабони эронинажод буданд, дар осори худ гузаштаи пурифтихор ва суннатҳои тамаддуни бостонии Аҷамро мавриди мадҳу ситоиш қарор дода, ба ин васила ба вуруди муҳимтарин унсурҳои фарҳангу тамаддуни тоисломии форсу тоҷик ба адабиёти арабӣ – мусулмонии қарнҳои нахусти исломӣ мусоидат карданд. Дар миёни ин даста аз пайравони шуубия Исмоил ибни Ясор (ваф. 815), Башшор ибни Бурд (714-783), Абунувос (756-815), Абон ибни Абдулҳамиди Лоҳиқӣ (ваф. 815), Саҳл ибни Ҳоруни Даштимешонӣ (758-830), Аллони Шуубӣ (охири асри VIII - нимаи аввали асри IX), Саид ибни Ҳумайди Бухтакон (ваф. 854) ва чанд нафари дигарро бояд зикр кард, ки

[286] Бируни, Абу Рейхан. Памятники минувших поколений (Пер. и примеч. М. Салье). Избранные произведения.т. 1. - Ташкент, 1957. - С. 260.

дар ашъори худ аз асли суғдиву тахористонӣ ва нажоди эронии худ ифтихор ва аносири фарҳангу тамаддуни гузаштагони худро ситоиш кардаанд. Руҷӯъ ба гузаштаи пуршукӯҳ ва ёдоварӣ аз воқеоти хотирнавози таърихи Эронзамин, муқобалаву муқоисаи дастовардҳои маънавии Аҷам бо тамаддуни сода ва хашини арабҳои бодиянишин, ки муҳимтарин мавзӯоти осори пайравони шуубия маҳсуб мешуданд, ба навиштаҳои онҳо рӯҳи боризи меҳанпарастӣ ва аҷамгароӣ илқо мекарданд ва фарзандони бедордили Эронзаминро дар ҷодаи мубориза баҳри растагории маънавии Аҷам неруву тавон мебахшиданд.[287]

Забон ба ҳайси яке аз унсурҳои поягузори эҳёи маънавии Аҷам аз доираи назар ва таваҷҷуҳи пайравони шуубия берун набуд. Ҳарчанд ки шуубиён ба тақозои шароит афкори меҳанпарастона ва ақоиди зиддихилофатии худро ба забони арабӣ пайрезӣ мекарданд, дар навиштаҳояшон вожа, ибора ва ҷумлаҳои комили забони моро ба кор мегирифтанд. Дар канори ин, пайравони шуубия ба осори худ номҳои қаҳрамонони устуравиву таърихии Аҷам, подшоҳону вазирон ва ҳакимони Эронзамин, шаҳрҳову навоҳии ин сарзамини густардаро ба таври фаровон ворид мекарданд. Дар натиҷа, дар шеъри арабизабони асрҳои нахусти исломӣ, хоссатан дар эҷодиёти Абунувос, Башшор ибни Бурд, Абуяъқуби Хураймӣ, Саҳл ибни Ҳорун, Исҳоқи Мавсилӣ, Асвад ибни Абукарима ва дигарон истифодаи аносири забони форсии дарӣ ва маъниҳои баргирифта аз адабу фарҳанги тоисломии форсу тоҷик ривоҷ пайдо карданд. Алломаи араб Ҷоҳиз дар «ал-Баён ва–т-табйин» намунае аз ин қабил ашъори мамлӯъ бо вожагони форсии дариро зикр карда, ба расми маъмул табдил ёфтани ин падидаро дар шеъри он даврон таъкид кардааст.[288] Донишмандони баъдӣ ин гуна ашъорро ба унвони «форсиёт» номзад карданд. Дар сурудани форсиёт яке аз машҳуртарин шоирони арабизабони эронинажод Абунувоси Аҳвозӣ дасти тамом дошт. Дар ағлаби форсиёти ӯ бори маъниро вожаву таркибҳои форсӣ кашидаанд

[287] Доир ба осори пайравони шуубия ниг.: Зоҳидов Н. Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён. – Хуҷанд, Нури маърифат, 1999. - С. 54-68
[288] Ҷоҳиз. ал-Баён ва-т-табйин, ҷ. 1-4. - Бейрут, ҷ. 1,1993. - С.145-147.

ва ҳадаф аз сурудани онҳо низ корбасти унсурҳои луғавии тоҷикӣ дар қолаби шеъри арабӣ аст.[289]

Ба шумори аҳли таҳқиқ, Абунувос дар ашъори хеш беш аз 300 вожа ва таркиби форсиро истифода кардааст, ки ин амр бегумон аз «намояндаи пурқудрати фарҳанги эронӣ дар шеъри арабӣ» будани ӯ дарак медиҳад.[290]

Истифодаи анбӯҳи вожаву таркибҳои забони мо дар шеъри Абунувос ва шоирони дигари қарнҳои нахусти ислом аз нахустин кӯшишҳои муваффақ дар ҷодаи расмияти адабӣ касб кардани забони форсии дарӣ маҳсуб мешавад. Бо ворид кардани унсурҳои луғавии тоҷикӣ-форсӣ ба шеъри арабӣ шоирони шуубимаслак нахустин заминаҳои ба ҳайси забони шеър шинохта шудани забони моро фароҳам оварданд. Ба шарофати талошҳои пайравони наҳзати шуубия забони тоҷикӣ дар баробари дастовардҳои дигари маънавии мардуми Эронзамин, аз қабили аслу табор, таърих, расму русум ва оину суннатҳои фарҳангии Аҷам дар ҷомеаи исломӣ, аз ҷумла дар адабиёти арабӣ - мусалмонии қарнҳои VIII-IX эътибори расмӣ касб карда, тавонист, ки бо забону насабу фарҳанги арабии он даврон ҳамовардӣ кунад. Аз ин рӯ қарнҳои нахусти исломиро барои забони мо метавон чун марҳилаи касби машруияти адабӣ таъйин кард, ки он дар давраи Саффориёну Сомониён комилан ҷомаи амал пӯшид.

§ 3. Забони модарии мо дар аҳди Тоҳириён. Пӯшида нест, ки гузаштагони мо – хуросониёну форорӯдиёни сарафроз бо сарварии Абумуслими Хуросонӣ хилофати Умавиёнро сарнагун карданд ва сулолаи Аббосиёнро ба сари қудрат оварданд. Вале халифаи дувуми аббосӣ Мансур (хилофаташ солҳои 754-775) ба подоши ин ҳама некӣ ба хуросониёну форорӯдиён чандон назари нек надошт. Вай соли 754 Абумуслимро бо макру фиреб ба Кӯфа даъват карда, ба қатл расонд ё нависанда ва мутарҷими маъруфи осори форсии миёна ба арабӣ Ибни Муқаффаъро кушт. Аммо бо вуҷуди ин хилофати Аббосиён аз нигоҳи сохти идорӣ ва ташкили низоми давлатдорӣ ба давлатҳои қадими

[289] Дар бораи форсиёти Абунувос ниг: Шидфар Б.Я. Абунувас. - М., 1978. - С. 101-109.

[290] Озарнӯши Озартош. Абунувос // Донишномаи забон ва адаби форсӣ. - Теҳрон, ҷ.1,1384//2005. - С.195.

эрониасл, ба хусус давлати Сосониён, ки баъди шикасти лашкари сосонӣ дар Қодисия ва кушта шудани охирин подшоҳи ин хонавода Яздигурди III дар Марв аз ҳам фурӯ рехт, шабоҳат дошт.

Бармакиён ва дигар хонаводаҳои эрониасл, ки дар дарбори Аббосиён соҳибмақому соҳибвазифа буданд, дар ин дарбор то андозае шукӯҳу таҷаммули дарбори шоҳони қадими Эронзаминро эҳё намуданд. Бо саъю кӯшиши ин тоифаи фарҳангпарвар дар дарбор пайваста маҷлису маҳфилҳои бузургу бошукӯҳи илмӣ баргузор мегардид, ки дар онҳо то ҷойе озодии баёну андеша риоят мешуд. Ҳамин озодии баёну андеша, ки аз халифаҳои аббосӣ Маъмун бештар ба он таваҷҷуҳ дошт ва модараш ҳам эрониасл буд, барои рушди илму фарҳанг дар тамоми қаламрави хилофат заминаи созгор фароҳам овард ва олимону донишмандонро водор кард, ки аз ҳар кунҷу канор ба маркази хилофат ҷамъ омада, дар мубоҳисаҳои илмӣ фаъолона иштирок намоянд ва андешаю афкори худро озодона баён кунанд.

Ин ҳама ба рушду равнақи улуми динию дунявӣ дар хилофат мусоидат кард ва ба зуҳуру пешрафти мазҳабу фирқаҳои мухталиф, аз ҷумла чор мазҳаби аслии аҳли суннат: ҳанафӣ, ҳанбалӣ, моликӣ ва шофеӣ роҳ боз намуд.

Муаррихону муҳаққиқон аз саҳми мардуми эрониасл дар амри танзими мукотиба ва девонсолорӣ дар хилофати араб сухан ронда, борҳо таъкид кардаанд, ки ин мардум таҷрибаи Сосониёнро дар низоми девонсолорӣ дар хилофат дубора эҳё намуда, дар тӯли 50-60 сол дар ин ҷода ба он муваффақ гардиданд, ки ҳатто дар заминаи қонуну қоидаҳои иншо ва оини номанигорӣ ба забони арабӣ дастурҳои мукаммалу муфассал таълиф намоянд.

Дар баробари ин, мухолифату муқовиматҳои ақлию фикрӣ миёни фароруӣдиёну хуросониён, ки дигар намехостанд хилофати аббосиро таҳаммул намоянд, аз як тараф ва ғадру ғиромату душмании Аббосиён бо хонаводаҳои асили эрониасл, аз ҷониби дигар, ба ташкили давлатҳои маҳаллии эронинажод, ба мисли давлати Тоҳириён ва давлати Саффориён дар ҳудуди хилофат сабаб гардид.

Тоҳириён дар аҳди хилофати Аббосиён нахустин сулолаи подшоҳони эронинажод буданд, ки мустақилияти худро эълон карданд ва бештар аз панҷоҳ сол (солҳои 820-873) дар Хуросону Мовароуннаҳр ҳукмронӣ намуданд.

Бунёдгузори ин сулола Тоҳир ибни Ҳусайн мулаққаб ба «Зуляминайн» (тав. 775 - ваф. 822) зодаи мавзеи Пушанги Хуросон (наздики Ҳирот) буд, ки аз бузургтарин ёрону ҷонибдорони халифа Маъмун маҳсуб гардида, ба ӯ барои рафъи бародараш Амин аз хилофат, ки баъд аз сари падарашон Ҳорунаррашид ба тахти хилофат нишаст, кумак кард.

Аслан Маъмун дар рӯзгори волии Хуросон будан ва дар Марв иқомат кардани худ аз итоати бародараш Амин, ки халифаи Бағдод буд, сарпечӣ кард ва хуросониёнро бо сарварии Тоҳир ибни Ҳусайн, ки аз наздиконаш буд, ба ҷанги бародар фиристод. Тоҳир лашкари Аминро шикаст дод ва худи ӯро ба қатл расонд. Баъд аз ин Маъмун ба мақоми хилофат рафт ва ба подоши хидмат Тоҳир ибни Ҳусайнро волии Хуросон ва ҳамзамон соҳиби шуртаи Бағдод таъйин намуд.

Тоҳир ибни Ҳусайн бо мақсади таъсиси давлати мустақил дар марзҳои Хуросону Мовароуннаҳр ва таъмини истиқлолияти ин марзу бум тақрибан баъди як соли ба мансаби волии Хуросон таъйин шуданаш зикри номи халифаро дар хутбаи намози ҷумъа манъ фармуд, ки ин маънои ситезаҷӯйии ошкоро ба хилофат ва оғози мустақилияти Хуросонро дошт. Вале дере нагузашта Тоҳир ибни Ҳусайн вафот кард ва ба андешаи баъзе муаррихон, ҷосусони Маъмун ба хотири истиқлолҷӯйияш ӯро заҳр дода куштанд.

Халифа Маъмун пас аз даргузашти Тоҳир писари ӯ Талҳа ибни Тоҳирро, ки гумоштаи содиқу вафодори халифа буд, волии Хуросон таъйин кард. Талҳа ибни Тоҳир (ҳукмронияш солҳои 822-828), ки ҳаргиз сар аз фармони халифа намепечид, бо дастури ӯ шӯриши бузурги хориҷиёнро дар Систон бо сарварии Ҳамза ибни Абдуллоҳи Шорӣ, ки ҳамчунин бо номҳои «Ҳамзаи Сонӣ» ва «Ҳамзаи Сиҷистонӣ» маъруф аст, пахш намуд.

Талҳа ибни Тоҳир соли 828 бар асари беморӣ вафот кард ва писараш Алӣ ибни Талҳа ба ҷойи ӯ ба тахти Хуросон нишаст. Аммо ҷамъе бар зидди вай хуруҷ карданд ва дар наздикии Нишопур ӯро ба қатл расониданд.

Баъди кушта шудани Алӣ ибни Талҳа мансаби волии Хуросон ба амакаш Абдуллоҳ ибни Тоҳир (тав. 798 - ваф. 844) расид. Абдуллоҳ ибни Тоҳир муддати ҳабдаҳ сол ҳукмронӣ кард ва дар дарбори халифаҳои Аббосӣ – Маъмун, Муътасим ва Восиқ аз эҳтироми фаровон бархурдор буд. Вай давлатдории худро дар партави пандномаи машҳури падараш – Тоҳир ибни Ҳусайн, ки ҳангоми ҳокими Байнаннаҳрайн будани ӯ (солҳои 821-822) ба вай ирсол карда, ӯро ба худотарсию раиятпарварӣ ва адолатнокию ҳамидахисолӣ фаро хонда буд, амалӣ мекард. Қаламрави давлати вай аз Систон дар ҷануб то Хоразм дар шимол ва аз Раю Табаристон дар ғарб то Фарғона дар шарқ доман густурда буд.

Даврони ҳукмронии Абдуллоҳ ибни Тоҳир авҷи истиқлолияти давлати Тоҳириён буд. Андешаи баъзе муаррихону тазкиранигорони баъдӣ, мисли Давлатшоҳи Самарқандӣ, ки гӯё Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба забону адаби тоҷикӣ (форсӣ) назари манфӣ дошт ва шарҳи муфассалтари он дар зер оварда мешавад, баҳсангез аст, вале ин матлаб, ки бештари амирони Тоҳирӣ донандаи хуби забони арабӣ буданд ва дар китоби «ал-Феҳрист»-и Ибни Надим ба сифати шоиру нависандаи арабизабон васф шудаанд, ҷойи шубҳа надорад.

Пас аз фавти Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар соли 844 халифа Восиқ писари Абдуллоҳ Тоҳир ибни Абдуллоҳро қоиммақоми падараш донист. Дар давраи ҳукмронии ӯ ҳарчанд чор халифаи Аббосӣ – Восиқ, Мутаваккил, Мунтасир ва Мустаин дар мақоми хилофат ҳамдигарро иваз карданд, вале мақоми ӯро ба сифати волии Хуросон ва бародаронашро дар мансаби соҳиби шуртаи Бағдод барқарор доштанд. Тоҳир ибни Абдуллоҳ соли 862 вафот кард ва писари ӯ Муҳаммад ибни Тоҳир – охирин намояндаи сулолаи Тоҳириён ба сари кор омад ва то соли 873 ҳукумат ронд. Соли 873 бунёдгузори давлати Саффориён Яъқуби Лайси Саффор ӯро дар пойтахти давлати Тоҳириён шаҳри Нишопур дар банди асорат кашид ва ба давлатдории Тоҳириён хотима гузошт.

Муҳаммад ибни Тоҳир мисли падару бобоёнаш волии оқилу хирадманд набуд ва бештари вақти худро сарфи шаробхорию шодию тараб мекард. Ба андешаи Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор», вай «ғофилу беоқибат буд, сар фуруд бурд ба

шароб хӯрдан ва ба тарабу шодӣ машғул гаштан». Ҳамин шаробхорию кутоҳандешии ӯ боиси заволи давлати Тоҳириён шуд.

Яке кард аз Оли Тоҳир савол,
Ки: «Қадри шумо аз чӣ шуд дар завол?»
Ҷавоб инчунин ёфт, к-: «Аз хӯрду хоб,
Ба осоишу нуқлу ҷоми шароб.
Гирифтем одат баҳору тамуз,
Ба завқи шароби шабу хоби рӯз.
Аз он ҳол маҷмӯаи қадри мо
Дарафтод дар мавҷи баҳри фано.
Диҳад давлати хусравонро ба бод,
Шароби шабу ғафлати бомдод».

Тоҳириён дар давраи ҳукмронии худ на танҳо барои ташкили ҳукумати мутамарказ саъю кӯшиш карданд, балки дар қаламрави давлати худ ҷиҳати истифодаи оқилонаи обу замин низ тадбирҳои судманд андешиданд. Ба андешаи академик Б. Ғафуров, «онҳо тариқи беҳтар истифода бурдани обро ҷорӣ карда, наҳр ва каналҳои нав сохтанд. Мувофиқи супориши Абдуллоҳ машҳуртарин қонундонҳои мамлакат қоида ва мизони баҳрабардории обро дар корҳои зироат таҳти мутолиа қарор дода, китобе дар ин бора таълиф намуданд, ки муддати дусад сол дар ҳалли мубоҳиса ва моҷарои соҳаи об ва обёрӣ ҳамчун дастуруламал хидмат кард».[291]

Бино ба навиштаи Б. Ғафуров, дар дарбори Тоҳириён дар баробари арабӣ забони тоҷикӣ (форсӣ) ҳам мустаъмал буд. Ҳамчунин дар Марв китобхонае мавҷуд буд, ки осори паҳлавӣ дар он нигоҳдорӣ мешуд.[292] Бинобар гузориши Ибни Тайфур дар ҳамин китобхонаи Марв, ки аз замони Яздигурди Сосонӣ мавҷуд буд, осори ғаниe аз забони паҳлавӣ нигаҳдорӣ мегардид, то ҷойе ки яке аз шоирони маъруфи араб – Аттобӣ бо мақсади баҳрабардорӣ ва мутолиаи ин китобҳо забони форсӣ омӯхта буд.[293]

[291] Б. Ғафуров. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав. 1-2. - Душанбе, 1998. - С. 444.
[292] Ҳамин китоб. - С. 447.
[293] Нақли қавл аз китоби Амир Акбарӣ. Таърихи ҳукумати Тоҳириён аз оғоз то анҷом.- Теҳрон, 1387//2008. - С. 328.

Вале бештари муҳаққиқон ба ин андешаанд, ки Тоҳириён асосан ба забони арабӣ шавқу рағбат доштанд ва дарбори онон бештар маҳалли гирдомади шоирони арабизабон буд. Онҳо дар ин амр ба халифаҳои Бағдод, ки ҳомиёни онон буданд, тақлид карда, дар дарбор маҳфилҳои шеърхонии арабӣ баргузор менамуданд. Шояд ҳамин арабигароии подшоҳони тоҳирӣ боис гардид, ки бисёр шоирони араб, аз ҷумла шоири маъруф Абутаммоми Тойӣ, ки Абурайҳони Берунӣ ба девони ӯ шарҳ навиштааст, ба пойтахти онрӯзаи Хуросон, шаҳри Нишопур омада, дар ситоиши Тоҳириён мадҳияҳо сароянд.

Зикри ин нукта ҳам муҳим аст, ки бинобар навиштаи баъзе муаррихон, Абутаммоми Тойӣ ҳангоми дар Нишопур иқомат карданаш ба канизи зебое аз ин шаҳр ошиқ шуд, ки ба форсӣ суруд мехонд ва лаҳни дилкашу забони ширини каниз Абутаммомро шефтаю шайдои худ кард. Абутаммом дар як шеъри ба ҳамин каниз бахшидаи худ мегӯяд, ки ман маънии сурудаи ӯро намефаҳмидам, вале оҳанги он дар дили ман оташ афрӯхт ва ман таъсири он оҳангро дарк кардам.[294] Матлаби зикршуда ҳамчунин гувоҳи равшан бар мавҷудияту густариши забону адаби тоҷикӣ (форсӣ) дар давраи Тоҳириён аст.

Муҳаққиқон барои исботи гуфтаҳои худ оид ба камтаваҷҷуҳӣ ё бетаваҷҷуҳии Тоҳириён ба забони тоҷикӣ (форсӣ) маъмулан ба «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммади Авфии Бухороӣ ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ истинод мекунанд.

Муаллифи «Лубоб-ул-албоб» дар бобати Тоҳириён чунин мегӯяд: «Эшонро дар порсӣ ва луғати дарӣ эътиқоде набувад. Дар он аср шуаро дар ин фан камтар хавз карданд».[295]

Давлатшоҳи Самарқандӣ маъруфтарин амири Тоҳирии Хуросон – Абдуллоҳ ибни Тоҳирро ба беэътиноӣ ба забону адаби форсӣ ва дастур додан барои дар обу оташ афкандани китоби аҳли Аҷам айбдор мекунад. Вале ин суханони Давлатшоҳи Самарқандӣ, ки дар асри XV баён гардидаанд, дар ягон тазкира ё таърихномаи қаблӣ ва ё наздик ба давраи Тоҳириён ба мушоҳида намерасанд. Аз ин рӯ дурустии ин

[294] Нақли қавл аз китоби Амир Акбарӣ. Таърихи ҳукумати Тоҳириён аз оғоз то анҷом.- Теҳрон, 1387//2008. - С. 330.
[295] Ҳамин китоб. - С. 326-327.

гуфтаҳо зери шубҳа қарор дорад. Баръакс, дар маъхазҳо, аз ҷумла дар китобҳои «ал-Феҳрист»-и Ибни Надим, «ал-Ағонӣ»-и Абулфараҷи Исфаҳонӣ ва ғайра алоқамандии Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба илму дониш, шеъру мусиқӣ ва китобу китобдорӣ таъкид шудааст. Дар сурати ба забону адаби мардуми эронитабор мухолифат доштани Абдуллоҳ бетардид бояд китобхонаи маъруфи Марв, ки дар он осори паҳлавӣ нигаҳдорӣ мешуд, ба коми оташ фурӯ мерафт.

Ин матлаб, ки Тоҳириён аслан эронитабор ва форсизабон буданд ва эҳёи забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) маҳз дар замони Тоҳириён шурӯъ гардида, дар аҳди Саффориён ривоҷу равнақ пайдо намуда, дар даврони Сомониён ба авҷи худ расидааст, ҷойи шакку шубҳа надорад. Ибни Абитайфур ва Табарӣ ба як иборат навиштаанд, ки чун амири бунёдгузори ин хонадон Тоҳир ибни Ҳусайнро замони марг фаро расид, ба форсӣ гуфт: «Дар марг низ мардӣ вояз» ва мо қаблан ин ҷумлаи форсии ӯро зикр намуда будем. Ин ҷумла бурҳони қотеи форсизабон будани ӯст, чаро ки кас дар лаҳазоти душвори зиндагӣ ба забони модарии худ сухан хоҳад гуфт.

Ин нукта ҳам ҷойи баҳс надорад, ки бештари дарбориёну сипоҳиёни Тоҳириён форсизабон буданд, зеро бештари онҳоро аҳолии шарқи Эрон – мардуми Мовароуннаҳру Хуросон ташкил медоданд. Ба навиштаи муаррихон дар сипоҳи Тоҳир ибни Ҳусайн 700 нафар сарбози хоразмӣ ҳузур дошт, ки бе ҳеҷ шак ин сарбозон забони арабӣ намедонистанд ва байни ҳамдигар ё бо фармонравоёни худ ба форсӣ ё лаҳҷаи хоразмӣ, ки аз забонҳои шарқии эронист, суҳбат мекарданд.

Ин нақл ҳам маъруф аст, ки яке аз фармондеҳони лашкари Тоҳир ибни Ҳусайн, ки Довуди Сиёҳ ном дошт, ҳангоми ҷанг фармондеҳи сипоҳиёни Амин – Алӣ ибни Исоро бар замин зад ва ба забони форсӣ бонг бароварда: «Тозии эшон кастам», яъне пешвои араби ононро фурӯ кӯфтам. Ин ҷумла ба форсигӯйии аҳли сипоҳи Тоҳириён далолат мекунад. Аммо ривоҷу равнақи воқеии форсигӯйиюю форсигаройӣ ба аҳди Саффориён иртиботи бештар дорад, зеро забони тоҷикӣ (форсӣ) ба сифати забони миллӣ, ки дар давраи Сомониён ба авҷи аълои равнақи худ расид, ба ҳамин давраи Саффориён рост меояд.

§ 4. Саффориён ва эҳёи давлатдории миллӣ. Бунёдгузори давлати Саффориён Яъқуби Лайс, ки бо вуҷуди дар хонаводаи мисгари одӣ ба дунё омаданаш марди силаҳшӯру диловар буд, ҳамроҳи бародараш Амри Лайс ва дигар тобеонаш муқобили Тоҳириён исён бардошт ва соли 861 ҳокими тоҳириро аз шаҳри Заранг берун ронда, маркази Систонро ба даст овард.

Яъқуби Лайс соли 867 сарвари хориҷиҳо – мардуми арабнажоди ифротигаро Аммор ибни Асирро ба ҳалокат расонд ва шаҳрҳои Пушангу Ҳиротро низ ба даст гирифта, давлати Саффориёнро бунёд ниҳод. Дар давоми чанд соли минбаъдаи мухолифат бо Тоҳириён Яъқуб як қатор вилоятҳои шарқии хилофатро тасарруф кард ва ниҳоят, чунон ки дар боло гуфтем, соли 873 шаҳри Нишопур – маркази Тоҳириёнро забт намуд ва Муҳаммад ибни Тоҳирро асир гирифт.

Ҳарчанд хилофати Бағдод аз ин комёбии Яъқуби Лайс дар изтироб афтода буд, ночор ин музаффарияти ӯро ба расмият шинохт ва соли 874 Яъқубро амири Хуросон таъйин кард.

Аммо Яъқуби Лайс аз итоати хилофати Аббосӣ комилан сарпечӣ кард ва соли 876 барои ғасби хилофати араб ба Бағдод лашкар кашид. Соли 877 дар қарибиҳои Бағдод байни лашкари Яъқуб ва сипоҳи халифа муҳорибаи сахт ба вуқӯъ пайваст. Бо фармони халифа сарбозони ӯ сарбанди Дақларо кушоданд ва лашкариёни Яъқубро дар зери об монданд. Яъқуб шикаст хӯрд ва ба Гундишопур ақибнишинӣ кард. Халифаи Аббосӣ ба ӯ қосиду маншур фиристод ва боз ҳам аморати ӯро дар Хуросон эътироф кард. Вале Яъқуб ин эътирофи халифаро рад кард ва лашкар гирдоварӣ намуда, дубора қасди Бағдод кард. Аммо дар роҳи Бағдод вай бар асари бемории қулинҷ соли 879 вафот кард ва лашкариёни ӯ ҳам, ки сарлашкари далеру диловари худро аз даст дода буданд, пароканда шуданд.

Баъд аз сари Яъқуби Лайс бародараш Амри Лайс (солҳои ҳукмрониш 879-900) бар тахти аморати Хуросон нишаст ва тамоми сарзамини Форс, Кирмон, Исфаҳон, Ҳамадон, Занҷон, Рай, Қум, Гургон, Табаристон, Кобул, Систон, Синд зери итоати ӯ буд.

Дар муддати бештар аз даҳ соли аввали давлатдории худ Амри Лайс ба саркӯб кардани исёну шӯришҳои дохилии кишвар машғул гардид. Солҳои 882-884 ошӯби Аҳмад ибни Абдуллоҳи

Хуҷистониро дар Бодғис ва соли 886 шӯриши Нишопурро фурӯ нишонд. Амри Лайс аз итоати хилофат ва боҷгузорӣ ба он саркашӣ намуд ва халифаи Аббосӣ Муътамид ду бор (солҳои 887-888) муқобили вай лашкар кашид, вале ба саркӯб кардани Амр муваффақ нагардид. Соли 894 халифа Муътазид, ки ба тозагӣ ба мақоми хилофат расида буд, аморати Амри Лайсро дар вилоёти шарқии хилофат эътироф кард.

Иқтидори Амри Лайс чун афзун гардид, ба амири Бухоро Исмоили Сомонӣ расул фиристод ва ӯро ба итоати худ даъват кард. Вале амир Исмоил ин даъвати ӯро напазируфт. Абубакри Наршахӣ ба ин маънӣ дар «Таърихи Бухоро» ёдовар шудааст, ки бори дигар «Амри Лайс ба амирону бузургон тадбир кард ва аз эшон ёрӣ хост дар кори амир Исмоили Сомонӣ. Ва гуфт: Дигар касе бояд фиристодан ва сухани хуш бояд гуфтан ва ваъдаҳои хуб бояд кардан. Пас ҷамоате аз машоихи Нишобурро аз хосагони хеш бифиристод ва нома навишт. Ва дар нома ёд кард, ки ҳарчанд амирулмуъминин ин вилоят маро дод, валекин туро ба худ шарик кардам дар мулк. Бояд, ки маро ёр бошӣ ва дил бо ман хуш дорӣ ва ҳеҷ бадгӯйе миёни мо роҳ наёбад ва миёни мо дӯстиву ягонагӣ бувад. Ва он чи пеш аз ин гуфта будем, аз роҳи густохӣ буд, аз сари он даргузаштем. Бояд ки вилояти Мовароуннаҳрро нигоҳ дорӣ, ки сарҳади душман аст ва раиятро тимор дорӣ ва мо он вилоятро ба ту арзонӣ доштем ва ҷуз хушнудиву ободонии хонумони ту нахоҳем».[296]

Исмоили Сомонӣ медонист, ки ин суханони Амри Лайс эътимодбахш нестанд, расулони Амрро пас фиристод ва ба омода кардани лашкар машғул гардид.

Аз тарафи дигар, расулони Амр ба вай хабар бурданд, ки амир Исмоил даъвати туро напазируфт. Амр аз ин воқеа дар ғазаб шуд ва сипоҳиёни худро бо сарварии Алӣ ибни Суруш ва Муҳаммад ибни Лайс ба ҷанги амир Исмоил фиристод. Дар натиҷаи муҳорибаи шадиде, ки дар лаби рӯди Ҷайҳун миёни ду лашкар ба амал омад, лашкариёни амир Исмоил пирӯзӣ ба даст оварданд ва Алӣ ибни Суруш бо чанд тан аз сипоҳиёнаш асир афтод.

[296] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тасҳеҳ ва таҳияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1363. - С. 120.

Амри Лайс бо мақсади гирифтани қасосу интиқом аз амир Исмоил бори дигар лашкаре азим гирд овард. Амир Исмоил низ лашкари худро ба ҷанги Амр фиристод ва сипоҳи азими Амрро дар даромадгоҳи Балх дар соли 900 шикаст дода, Амри Лайсро асир гирифт. Амир Исмоил намехост, ки чароғи давлати дудмони Саффориён бо дасти ӯ хомӯш гардад ва баъди гирифтории Амри Лайс бо ӯ муносибати хуб дошт ва ба ӯ имкони гурехтан дод, вале Амри Лайс тан ба тақдир дод ва барои раҳоии ҷони худ кӯшиш накард.

Мегӯянд, ки Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ, ки аз наздикони Амри Лайс буд, шикасти ӯро аз амир Исмоил амри тақдир донист ва шеъри зеринро навишта, ба хотири тасаллият ба Амри Лайс фиристод.

Кӯшиши банда сабаб аз бахшиш аст,
Кори қазо буд, туро айб нест.
Буду набуд аз сифати эзад аст,
Бандаи дармондаи бечора кист?
Аввали махлуқ чӣ бошад? Завол
Кори ҷаҳон аввалу охир якест.

Аз подшоҳони саффорӣ Яъқуби Лайси Саффор дар рушду болиши забону адаби тоҷикӣ-форсӣ хидмати арзанда кардааст ва ба иттифоқи муаррихон нахустин шеъри тоҷикии дарбор баъди истилои араб ва густариши ислом бо ташвиқу ҳидояти бевоситаи ӯ суруда шудааст.

Дар фасли «Нахустин намунаҳои назму насри забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ» хоҳем дид, ки аз нахустин шоирони форсигӯй Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ, Бассоми Курд ва Муҳаммад ибни Мухаллади Сагзӣ дар васфи Яъқуби Лайс ва пирӯзии ӯ ба Аммор шеърҳои ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳ сурудаанд.

Вале бояд гуфт, ки ҳамаи подшоҳони саффорӣ дар ҳифзу посдории забону адаби форсӣ дар як сатҳ набуданд. Аз подшоҳони ин хонадон, чунон ки гуфта гузаштем, танҳо Яъқуби Лайс дар баробари забони арабӣ, ки дар он рӯзгор забони ягонаи ҷаҳони ислом маҳсуб мегардид, ба форсигӯйию форсигаройӣ дар дарбори худ роҳ боз кард. Сухани маъруфи ӯ «Чизе ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфт?» исёни ошкор бар

зидди забони арабӣ ва хилофати Бағдод буд, ки ба густариши забони тоҷикӣ (форсӣ) ва бунёди давлатдории мустақили маҳаллии миллие чун давлати Саффориён мусоидат намуд.

Аз матолиби «Таърихи Систон» ин ҳақиқат ба мушоҳида мерасад, ки пас аз замони подшоҳии Яъқуб забони арабӣ ҳамчунон забони дарбор ва дафтардорию номанигории ин сулола боқӣ монд. Авҷи эҳёи забони тоҷикӣ ба сифати забони миллӣ, чунон ки зикр намудем, ба давраи Сомониён мутобиқ меояд.

Зикри ҳамин матлаб кофист, ки шеъри Ҳанзалаи Бодғисӣ, Маҳмуди Варроқи Ҳиравӣ (шоирони давраи ҳукуматдории Тоҳириён), Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ, Бассоми Курд, Муҳаммад ибни Мухаллад, Фирӯзи Машриқӣ ва Абусалики Гургонӣ (шоирони аҳди Саффориён) ва шояд бисёр шоирони дигар, ки намунаи шеъри онҳо, мутаассифона, то замони мо нарасидааст ва забони порчаҳои шеърии бозмонда аз шоирони дар боло номбурда дар ниҳояти содагию равонӣ қарор дорад, барои эҳёву шукуфоии забону адаби давраи сомонӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

БОБИ IV
ЗАБОНИ НАВИШТОРИИ ТОҶИКӢ: ДАВРАИ ОҒОЗИН

§ 1.Куҳантарин намунаҳои хаттии забони тоҷикӣ. Масъалаи омӯзиш ва пажӯҳиши нахустин намунаҳои сабтшудаи забони мо яке аз муҳимтарин ва мубрамтарин масъалаҳои илми забоншиносӣ ва тоҷикшиносӣ мебошад. Бештари пажӯҳишгарон аввалин намунаҳои насриву назмии осори забони моро дар сарчашмаҳои ба хати арабӣ навишташуда ҷустаанд, ки ба назари мо ин равиш яксӯя мебошад. Тавре дар бобҳои пешин баррасӣ кардем, забони модарии мо пеш аз он ки аз алифбои арабӣ истифода кунад, собиқаи тахминан ҳашсадсолаи истифодаи расмӣ доштааст. Бинобар ин, мо бояд ҳангоми баррасии илмии ин масъала мавзӯъро ба ду марҳилаи асосӣ ҷудо карда, мавриди пажӯҳиш қарор бидиҳем. Марҳилаи аввал бояд омӯзиши намунаҳоеро фаро гирад, ки то мавриди истифода қарор гирифтани алифбои арабиасос барои забони мо боқӣ мондааст. Марҳилаи дуюм пажӯҳиши намунаҳои забони моро дар даврони истифодаи алифбои арабӣ ва инчунин ҷумлаву калимаҳои ҷудогонаи дар сарчашмаҳои арабӣ сабтшударо фаро мегирад. Дар илми забоншиносӣ марҳилаи дуюм нисбатан фарохтар ва мукаммалтар таҳқиқ шудааст.

Умуман дар таърихи башарият ихтирои хат яке аз дастовардҳои барҷастаи таърихӣ ба шумор меравад. Метавон гуфт, ки зиндагии башарият то ихтирои хат даврони хоб ва баъд аз ихтирои хат давраи бедорӣ мебошад. Забонҳои дунёро имрӯз низ пажӯҳишгарон ба забонҳои бохат ва бехат ҷудо мекунанд. Сабти намунаҳои забонӣ ба воситаи хат гоми муҳимме дар рушду густариши забон аст. Он дараҷаи инкишофи ҳувияти миллии халқҳоро нишон медиҳад ва яке аз роҳҳои асосӣ барои дастрасӣ ба ваҳдати миллӣ мебошад. Ягонагии хат минтақаҳои гуногунро ба ҳам пайваст намуда, унсурҳои маҳалпарастиву қавмпарастиро аз байн мебарад ва барои ташаккули халқияти ягона роҳи васеъ мекушояд. Бояд ёдовар шуд, ки пайдоиши хат ва ташаккули он тадриҷан сурат

гирифта давраҳои тӯлонии таърихиро фаро мегирад ва имрӯз ҳам бисёре аз халқҳои ҷаҳон роҳҳои такмилу ислоҳи хати худро меҷӯянд. Пайдоиши хат ва ташаккули он марҳилаҳои гуногунро фаро мегирад ва аз доираи баҳси мо берун аст.[297] Вале суратгарӣ, тасвирҳои нақшҳои гуногуни болои зарфу кӯзаҳои сафолин нахустин намунаҳо буда, дар асоси он хати тасвирӣ пайдо шудааст. Аксарияти хатҳои ҷаҳон решаи умумӣ доранд. Бисёре аз муҳаққиқон бар онанд, ки хати оромӣ, ки дар асоси он хатҳои дигар ба вуҷуд омадаанд, решаи ориёӣ дошта, ба воситаи хетҳо ба Байнаннаҳрайн оварда шудааст.[298] Мо ифтихор дорем, ки миллати тоҷик ҳамчун яке аз қадимтарин халқҳои дунё ҳанӯз дар даврони моқабли таърих соҳибхат будааст, ки «Авесто» ва шакли китобии он таърихи беш аз шаш ҳазорсола дорад.

Акнун ба масъалаи то истифодаи алифбои арабӣ вуҷуд доштани хатҳои дигар барои забони мо мегузарем. Дар ин ҷо сухан дар бораи он меравад, ки оё шакли имрӯзии забони мо аз замони таҳаввули забони бохтарӣ ва дигар забону лаҳҷаву гӯйишҳои эронӣ ба шакли тоҷикиву форсиву дарӣ дар хатҳои роиҷи он замон таҷассум ёфтааст ё не? Албатта, ин нуктаро набояд фаромӯш кард, ки таърихи ташаккули забони тоҷикӣ танҳо он давраро дар бар намегирад, балки тавре дар боло зикр кардем, тоҷикон яке аз халқҳои бостонии соҳибхат будаанд. То истилои араб дар сарзамини Ориёи шарқӣ, ки сарзаминҳои имрӯзаи Тоҷикистон, Афғонистон, Эрони шарқӣ, Ӯзбекистон, Туркманистон, бахше аз Қазоқистону Қирғизистон ва Чини ғарбӣ (Хутану Кошғар ва Тахористони сағир (хурд)-ро фаро мегирифт, хатҳои гуногун (юнонӣ, оромӣ (дар шаклҳои паҳлавӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва ғ.), монавӣ, ҳиндӣ) истифода мегардид. Бозёфтҳои гуногун аз ин минтақаҳо исботи ин гуфтаҳост, ки дар бахши забонҳои форсии миёна, портӣ, бохтарӣ, суғдӣ ва дигар забонҳои эронии миёна мо дар ин бора муфассал маълумот

[297] Муф.ниг.: Добльхофер Э. Знаки и чудеса. Рассказы о том, как были дешифрованы забытые письмена и языки. Пер. с нем. и предисл. акад. В. Струве. – М., Изд. Вост. Лит., 1963.

[298] Муф. ниг.: Дандамаев М. А. Вавилонские письцы. – М.: Наука, 1983.

додем.[299] Бо истифода аз хати юнониасос алифбои бохтарӣ сохта мешавад, ки ин хат то асрҳои IX-X мелодӣ дар қисматҳои гуногуни Ориёи шарқӣ махсусан дар Тахористони шимолӣ (Хатлон, Ҳисор, Бадахшон, Қундуз) маҳфуз монда будааст. Давраи гузариш ба хатти арабиасос ҳудудан зиёда аз дусад солро дар бар мегирад. Пажӯҳишгарон баъд аз муайян кардани умумияти забонии навиштаҳои давраи охири хати юнониасоси забони бохтарӣ ва аввалин намунаҳои забони мо ба хати арабиасос ба хулосае омадаанд, ки аз лиҳози забонӣ онҳо як забони умумиро дар худ таҷассум кардаанд. Аз ҷумла, муқоисаи охирин сангнавишта ба забони бохтарии асри Кӯшониён (Ҳайтолиён) (сангнавиштаи сеюми Тучӣ), ки бо ду хат, хати юнониасос ва хати арабиасос навишта шудааст ва порчае аз «Муқаддимаи Шоҳнома»-и Абумансурӣ, ки фосилаи байни онҳо камтар аз сад солро (871 - 967) фаро мегирад, нишон медиҳад, ки ҳар ду матн аз лиҳози сохтори забонӣ фарқи зиёде надоранд. Сангнавиштаи сеюми Тучӣ дар дар ибтидои давраи исломӣ аз тарафи як шоҳзодаи Кӯшонӣ, ки падараш ислом овардааст, ҳам ба алифбои юнониасоси тахорӣ ва ҳам бо алифбои арабиасос ҳаккокӣ шудааст. Матни он бо матни «Дар ситоиши дарахт» низ шабоҳати хеле наздик дорад, ҳол он ки давраи таҳияи он аз катибаи Тучӣ дувуним аср фарқ дорад.[300]

Як намунаи дигари забони мо то аҳди ислом шеърест, ки аз Турфон пайдо шудааст ва онро Баҳор намунаи забони дарӣ медонад.[301] Он «Дар ситоиши дарахт» ном дорад. Ин суруд бештар ҳангоми ниёиши монавиён истифода шуда тахмин меравад, ки он ба забони тахорӣ-кӯшонӣ суруда шуда бошад, зеро забони он ба забони сангнавиштаҳои Бағлон (Сурхкутал) ва Тучӣ наздикӣ дорад. Шеъри дигар «Суруди Каркӯй» аст, ки аз даврони охири замони Сосониён ба мо расидааст. Он бо лаҳҷаи сиистонии забони дарӣ суруда шудааст. Маликушшуаро

[299] Муф. ниг.: Древние системы письма. Этническая семиотика: (сб. ст.) // АН СССР, Ин- т этнографии им. Н. Н. Миклухо-Маклая; (Отв. ред. Ю. А. Кнорозов) . – М.: Наука, 1986.
[300] Муф. ниг.: Муҳиддин Маҳдӣ. Заминаҳои рушди забони форсии дарӣ то асри сомонӣ. – Душанбе, 1999. – С. 190-198.
[301] Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ, ҷ. 1. – С. 107-108.

Баҳор дар ин бора менависад: «Ин суруд зоҳиран ба забони дарӣ аст, на паҳлавӣ, зеро иттилоъ дорем, ки дар Машриқи Эрон забони адабӣ забони дарӣ буда ва табъан ин шева мамлакати ҷанубии Хуросонро ҳам муассир месохтааст».[302]

Бояд гуфт, ки дар ҳар ду намуна ягон вожаи арабӣ дида намешавад, вале забони онҳо ба намунаҳои баъдӣ, ки ба алифбои арабӣ оварда мешаванд, хеле кам тафовут дорад. Ин чанд намуна, ки мо ёд кардем, бозмондаҳои даврони пурталотуму пурфоҷиаи гузар аз фарҳанги ориёӣ ба фарҳанги исломӣ буда, ҳадди ақал аз дусад сол то сесад солро фаро гирифтааст. Шояд аз ин шеърҳои пароканда, катибаҳои нимшикаста, ривоятҳои асотирии паҳлавониву таърихӣ зиёдтар боқӣ мемонданд, агар истилои арабу китобсӯзиву ғоратгариҳои бешумори давр, ки дар он замон кишвари моро ҳам аз ғарб (арабҳо) ва ҳам аз шарқ (туркҳо) фаро гирифта буд, рух намедод.

Барои таъини макони аслии рӯйишу болиши забони модарии мо гирдоварӣ ва баррасии намунаҳои куҳантарини пароканда ба ин забон, ки дар матнҳои назму насри форсию арабӣ мавҷуданд ва бештари онҳо аз забони аҳли Хуросону Мовароуннаҳр берун омадаанд, аз аҳамият холӣ нест. Куҳантарин намунаҳои хаттие, ки аз забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) то ба рӯзгори мо расидаанд, аз ду қисм иборат мебошанд:

1. Вожаҳо, иборот, таркиботи ҷудогона, ки бештар дар мутуни арабӣ омада, бо номи “ҷумали қисор”, яъне ҷумлаҳои кутоҳ ёд мешаванд.

2. Намунаҳои шеърӣ, яъне мисраъҳо ва байту порчаҳои шеърие, ки дар матнҳои арабию тоҷикӣ оварда шудаанд.

Баъзе аз ин намунаҳо қаблан машҳур буда, дар осори донишмандони маъруф Е.Г. Браун, Муҳаммадтақии Баҳор, Муҷтабо Минувӣ, Таботабоӣ, Тафаззулӣ ва дигарон истифода шудаанд. Қисмати боқимондаи онҳоро ахиран муҳаққиқи эронӣ Алиашрафи Содиқӣ[303] ва баъдан бо такмилу иловаҳо Озартоши

[302] Баҳор, с. 107.

[303] Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - Теҳрон, 1357//1979.

Озарнӯш[304] ҷамъоварӣ намуда, дастраси алоқамандону муҳаққиқон намуданд.

Бинобар арзишу аҳамияти таърихии ин намунаҳо ва ҳамчунин барои огоҳии бештари алоқамандон ва хонандагони одӣ аз таърихи забони модарии хеш мо муҳимтарини онҳоро интихобан аз рӯйи таърихи баён дар поён нақл хоҳем кард.

Ҳамзамон бояд ёдоварӣ кард, ки бархе аз ин намунаҳо, ба хусус суханоне, ки ба Баҳроми Гӯр ва дигар сарону сарварони сосонӣ нисбат медиҳанд, имкон дорад, дар асрҳои баъдӣ аз ҷониби котибон дучори таҳриф шуда бошад ва ё баъзе аз онҳо дар асл ба забони форсии миёна буда, баъдан ба форсии дарӣ баргардон шуда бошанд.

I. Намунаҳои наср дар шакли вожа, ибора ва ҷумлаҳои алоҳида.

Муҳимтарин намунаҳои наср ба забони тоҷикӣ (дарӣ), ки дар шакли вожа, ибора ва ё ҷумлаҳо дар матнҳои осори арабию форсӣ то имрӯз маҳфуз мондаанд, ба шарҳи зер аст:

1. “Дой марг омаз”. Ба қавли муаллифи “Ниҳоят-ул-араб фӣ ахбори-л-Фурс ва-л-Араб” Баҳроми Гӯр (солҳои давлатдориаш, тақрибан солҳои 420-438 милодӣ) ҳангоми шикор дар ботлоқ фурӯ рафт ва ба дояе, ки ҳамроҳи ӯ буд гуфт: “Дой марг омаз (омад)”, яъне лаҳзаи марги ман фаро расид. Чунон ки дар боло гуфтем, ба забони дарӣ сабт шудани ин хитобаи Баҳроми Гӯр шубҳанок аст, зеро дар бораи мавҷудият ва корбасти забони тоҷикӣ (дарӣ) дар рӯзгори Баҳроми Гӯр дар қисмати ғарби Эронзамин ҳанӯз иттилои қобили эътимод ба даст наомадааст.

2. “Хуарм хушбод”. Нависандаи маъруфи араб Ҷоҳиз (767-868) дар “Китоб-ут-тоҷ фӣ ахлоқи-л-мулук” нақлеро овардааст, ки вақте Баҳроми Гӯрро хоб мегирифт ба қиссагӯёни худ мегуфт: “Хуарм хушбод”, яъне «хоб хуш бод». Воқеияти ин гуфта ва мансубияти он ба Баҳроми Гӯр ҳам зери шубҳа қарор дорад.

3. “Шаб бишуд”. Ба қавли Ҷоҳиз, ҳар гоҳ ки ба шоҳи Сосонӣ Яздигурди Базаҳкор (давраи давлатдориаш солҳои 438-457 милодӣ) хоб ғолиб меомад, ба қиссагӯёне, ки дар наздаш

[304] Озартоши Озарнӯш. Чолиш миёни форсӣ ва арабӣ. - Теҳрон, 1385//2007.

буданд, мегуфт: “Шаб бишуд”. Онҳо бо шунидани ин ҷумла шоҳро тарк мекарданд.

Донишманди эронӣ Содиқӣ андеша дорад, ки «шудан» дар ин ҷо ба маънии «рафтан ва сипарӣ шудан» аст.[305] Аслияти ин гуфта, ки гӯё забони баёни Яздигурди Базаҳкор дарӣ бошад, низ шубҳаомез аст.

4. Мутаҳҳар ибни Тоҳири Муқаддасӣ (соли таваллуд ва вафот номаълум, аз муаррихони маъруфи аҳди сомонӣ) дар бораи Ваҳриз, ки аз тарафи Анӯшервон маъмури ҷанг бо ҳабашиён дар Яман муқаррар шуда буд, мегӯяд: Ваҳриз барои ҷанг бо Масруқ ибни Абраҳа – подшоҳи ҳабашиён равонаи майдон шуд. Масруқ низ савор бар филе ба майдон омада буд. Чун аз шиддати пирӣ Ваҳризро биноӣ ба заъф гаройида буд, пурсид: Подшоҳи онон бар чӣ савор аст? Гуфтанд: Бар пиле савор аст. Гуфт: Бар маркаби подшоҳӣ савор аст. Он гоҳ гуфтанд, аз пил фуруд омад ва бар асб нишаст. Гуфт: Аз қисмате аз подшоҳӣ фуруд омад. Боз гуфтанд: Аз асб фуруд омад ва бар астар нишаст. Гуфт: «Ин кӯз(д)аки хар аст» (яъне, ибн-ул-ҳимор), подшоҳии ӯ бирафт. Ғуломи худро гуфт то тире аз тиркаш берун оварад. Ғулом тире берун овард, номи зани ӯ бар он навишта буд; чи эрониёнро расм буд, ки бар тире номи худро менавиштанд ва бар дигаре номи падари худро ва бар севум номи подшоҳро ва бар чаҳорум номи зани худро ва бад-ин ба неку бад фол мезаданд. Ваҳриз ғуломро гуфт: «Ин тирро бигузор ва тири дигар берун ор». Ғулом чунин кард. Боз ҳамон тир берун омад. Ваҳриз онро ба фоли нек гирифт ва гуфт: «Занон, занон» (назриб, назриб = мезанем, мезанем).

Ин ривоят аз ҷониби муаррихони дигар, аз қабили Ибни Қутайба, Табарӣ ва дигарон бо андаке дигаргунӣ нақл шудааст.

5. «Ҳар ки равад, чарад ва ҳар ки хуспад хоб бинад». Ҷоҳиз дар «ал-Маҳосин ва-л-аздод» тавқеи (ҳукми) шоҳи сосонӣ Хусрави I (ваф. 579) (Анӯшервон)-ро меорад, ки ба забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) гуфта шудааст: «Тавқеи Абдуллоҳ ибни Тоҳир чунин буд: «Ман соъа роъа ва ман лазима-л-маном роъа-л-аҳлом». Ин маънӣ аз тавқеоти Анӯшервон сирқат шуда, чи вай гӯяд: «Ҳар ки раваз(д), чараз(д) ва ҳар ки хуспаз(д), хоб биназ(д)».

[305] Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - Теҳрон, 1357//1979. - С. 56.

6. «Сурудгӯ ба тозӣ». Абуҳотами Розӣ нақл кардааст, ки шоири маъруфи араб Аъшо пеши Кисро (яъне, Хусрави Парвиз) омад. Кисро пурсид, ин шахс кист? Гуфтанд: «Сурудгӯ ба тозӣ».

7. ««Минҳобиҳо» бикушташ». Роғиби Исфаҳонӣ нақл мекунад, ки ҳамин Аъшо дар майхонае, ки фурӯшандаи он як зани форсизабон буд, аз олам даргузашт. Аз зани майфурӯш сабаби маргашро пурсиданд. Гуфт: «Минҳо биҳо бикушташ». «Минҳо биҳо» дар ин ҷо ишора ба байти зерини Аъшо аст:

Ва каъсин шарибту ало лаззатин,
Ва ухро тадовайту минҳо биҳо.

8. «Худойгон, тозиён Зимор гирифт». Ба қавли Самъонӣ, ҳангоме ки Асвади Анасӣ шаҳри Зиморро ба даст овард, ҳокими Яман Бозон дар бистари марг қарор дошт ва фиристодае ба ӯ чунин хабар овард: «Худойгон тозиён Зимор гирифт». Бозон дар ҷавоб гуфт: «Асбзин ва уштурболон ва асбоб бедиранк». Мегӯянд, ин охирин ҷумлае буд, ки Бозон гуфт ва пас аз он даргузашт.

9. «Шоҳ бишкаст». Ба гуфтаи Табарӣ, ҳангоме ки Пайғамбари ислом (с) аз олам даргузашт, токи айвони Мадоин рахна пайдо кард ва садде, ки Хусрави Парвез бар Даҷла баста буд, аз ҳам ҷудо гардид. Хусрав гуфт: «Шоҳ бишкаст».

10. «Бурдҷаҳон; нола-нола; сӯт(сӯхт)». Табарӣ нақл мекунад, ҳангоме ки фиристодагони араб назди Яздигурди Сосонӣ рафтаанд, шоҳ ба мутарҷими худ гуфт: Аз онҳо бипурс: «Ин рӯпӯшҳоро чӣ меноманд?» Нуъмон – саркардаи аъроб дар ҷавоби суоли мутарҷим гуфт: «Бурд». (Шоҳ) инро ба фоли бад гирифт ва гуфт: «Бурд ҷаҳон». Он гоҳ (шоҳ) гуфт: «Дар бораи кафшашон аз онҳо суол кун». Мутарҷим пурсид: «Ин попӯшҳоро чӣ меноманд?» Нуъмон гуфт: «Ниол». Вай ҳамчунон фоли бад зад ва гуфт: «Нола – нола» дар сарзамини мо. Он гоҳ пурсид: «Ин чист, ки дар даст доред?» Гуфт: «Сӯт» (яъне тозиёна). Ва сӯт (сӯхт) ба форсӣ, яъне ҳариқ (оташ).

Бино бар ин навишта Яздигурди Сосонӣ вожаҳои арабиро ба мушобеҳи тақрибии овозии онҳо тафсир намуда, аз онҳо фоли бад мегирад, яъне эҳтимолан метавон «бурд»-ро ба маънии ҷаҳони моро бурд, «ниол»-ро ба маънии гиряю нола дар ин сарзамин ва калимаи «сӯт»-ро ба маънии сӯхтан таъбир кард.

11. Ҳамчунин дар кутуби пешиниён ду ҷумла сухани дарӣ ба Пайғамбари ислом (с) нисбат дода шудааст, ки дурустии мансубияти онҳо ба Расули Акрам (с) шубҳаангез аст. Ин ҷумлаҳо инҳоянд:

а) «Ишкамат дард?». Ибни Моҷа (ваф. соли 886) дар «Сунан»-и худ, ки шашумин китоб аз «Сиҳоҳ»-и шашгонаи аҳли суннат аст, аз қавли Абуҳурайра нақл мекунад, ки вай рӯзе бо пайғамбар намоз хонда, пас аз адои намоз дар ҳузури пайғамбар нишастааст. Пайғамбар аз ӯ мепурсад: «Ишкамат дард?» Вай гуфтааст: «Оре». Пайғамбар ба ӯ мегӯяд: «Бархез ва намоз бихон, ки дар намоз шифост». Ровандӣ низ дар «Роҳат ус-судур» (таълифаш соли 1167) ин иборатро бо тағйироти мухтасар овардааст.

б) «Дурустиҳ ва шозиҳ». Ба навиштаи Қалкашандӣ рӯзе Пайғамбар (с) ба Салмони Форс гуфтааст: «дурустиҳ ва шозиҳ (дурустӣ ва шодӣ)».

12. Ҷумлаҳои марбут ба Салмони Форсӣ ва дигар саҳобаю ёрони Пайғамбар, ки ҳамчунин бар сиҳҳати онҳо ҷойи шубҳа аст:

а) «Карданд, накарданд / кардед, накардед». Мутаҳҳар ибни Тоҳири Муқаддасӣ мегӯяд: Салмон дар рӯзи байъати Усмон (соли 633) гуфт: «Карданд, накарданд, карданд, накарданд». Дар баъзе аз сарчашмаҳои дигар ин гуфта ба сурати «кардед, накардед», «кардоз ва накардоз» низ дарҷ гардидааст.

б) «Ин яке, ин ду». Нависандагони «Номаи донишварон» аз китоби «Хароиҷ-ул-ҷароиҳ»-и Кутбиддини Ровандӣ дар бораи Салмони Форсӣ ривояте нақл кардаанд, ки тибқи он рӯзе Салмон сабаде хурмо пеши Пайғамбар гузошт ва гуфт: «Ин – яке», сипас сабаде дигаре гузошт ва гуфт: «Ин – ду» то ба охир.

в) «Ё банӣ Фаррух сахт бигир, ё банӣ Фаррух сахт бигир». Дар «Ахбори Исфаҳон» ишора шудааст, ки ҳазрати Расул (с) дар миёни ҷамъе аз саҳоба, ки Салмон низ ҳузур дошт,… фармуд: «лав кона-л-илм муаллақан би-с-Сурайё ланолаҳ риҷол мина-л-Фурс», яъне, агар илм дар Сурайёст, мардони Форс ба он даст меёбанд.

Абуҳурайра аз миёни саҳоба гуфт: «Ё банӣ Фаррух, сахт бигир, ё банӣ Фаррух, сахт бигир». Аз ин ки мухотаби

Абуҳурайра «банӣ Фаррух» Салмони Форсист, ҷойи шак нест. Ӯ ба Салмон мегӯяд, ки ин ҳадиси Расул (с) барои шумо форсиён аст, онро маҳкам бигиред. Ҳусайни Лисон бо таваҷҷуҳ ба ин матлаб эҳтимол медиҳад, ки саҳоба ба воситаи муошират бо Салмон камобеш бо забони форсӣ ошноӣ пайдо карда буданд.[306]

г) «Дирам ва хокат ба сар». Абунаими Исфаҳонӣ дар шарҳи ҳоли Салмон мегӯяд: Сипоҳи мусулмонон ба фармондеҳии Салмон яке аз кохҳои эрониёнро муҳосира кард. Салмон ҳангоми музокира бо эрониён гуфт: Агар мехоҳед, бар дини худ боқӣ бимонед, бояд ҷизя бидиҳед ва дар ин сурат дар хорӣ ба сар хоҳед бурд (Ва антум соғирун). Эрониён пурсиданд: «Ҷизя чист?» Салмон ба форсӣ посух дод: «Дирам ва хокат басар».

ғ) «Ба номи яздони бахшояндаи бахшоянд». Ба қавли Содиқӣ, дар маҷмӯаи расоили Ҳасани Шаранбилолӣ рисолае дар боби тарҷумаи Куръон ва навиштану хондани он ба форсӣ вуҷуд дорад. Дар ин рисола аз китобе ба номи «ал-Мабсут» нақл шудааст, ки эрониён ба Салмони Форсӣ нома навиштанд ва аз ӯ хостанд, то сураи Фотеҳаро барои онон ба форсӣ тарҷума кунад. Салмон навишт: «ба номи яздони бахшояндаи бахшоянд…» ва онро бар Пайғамбар арза кард. Пайғамбар дар ин кор эроде надид. Пас эрониён онро дар намоз мехонданд.

13. «Худой бузург аст» ё «Худои бузург» ё «ба номи Худои бузург». Ҳамчунин дар ҳамин «ал-Мабсут» омадааст, ки ба назари Имоми Аъзам Абуҳанифа агар дар такбири намоз гуфта шавад: «Худо бузург аст» ё «Худои бузург» ё «Ба номи Худои бузург» эроде нест.

Содиқӣ бо истинод ба ёддоштҳои Минувӣ мегӯяд, ки ин «ал-Мабсут» зоҳиран ҳамон "Мабсут" дар фурӯғи фиқҳи ҳанафӣ, таълифи Абуюсуфи Қозист, ки замимае низ аз Муҳаммад ибни Ҳасани Шайбонӣ дорад.[307]

14. «Девон омаданд, девон омаданд». Абуҳанифаи Динаварӣ нақл мекунад, ҳангоме ки сипоҳиёни Саъд ибни Абуваққос ба амри ӯ аз Даҷла гузаштанд, эрониён фарёд заданд: «Девон омаданд, девон омаданд».

[306] Ҳусайни Лисон. Баҳсе дар бораи забони дарӣ // Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонӣ (бидуни сол).- Соли 21, №4. – С.140.

[307] Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - Теҳрон, 1357//1979. - С. 64.

15. «Бузоишканб (бузургишкамб, марди шиканба) омаз(д)». Ибни Саъд менависад: Алӣ ибни Абутолиб, ки зоҳиран марди тануманд буд, вақте рӯзҳо ба бозори Кӯфа меомад, эрониён бозор мегуфтанд: «Бузоишканаб амаз». Балозурӣ қисмати аввали ҷумларо ба сурати «бузургишкамб» овардааст. Ин суханро дар шакли «марди шиканба» низ нақл кардаанд.[308]

16. «Аз казом арзиҳ». Табарӣ дар ҳаводиси соли 639 милодӣ нақл мекунад, ҳангоме ки Ҳурмузон волии Шуштар асир афтод ва ба ҳузури Умар оварда шуд, Умар ба Муғира ибни Шаъба, ки каме форсӣ медонист, гуфт: «Аз Ҳурмузон бипурс аз кадом ноҳия ҳастӣ?» Муғира ба Ҳурмузон гуфт: «Аз казом арзиҳ?», яъне «Аз кадом сарзаминӣ?»

17. «На мусалмон бубем ва на газит диҳем». Абулқосими Абдукарим ибни Муҳаммадрофеии Қазвинӣ (ваф. соли 1225) дар китоби «ат-Тадвин фӣ ахбори Қазвин» нақл мекунад, ки вақте Бароъ ибни Озиб (ки дар соли 646 милодӣ аз тарафи Усмон ба вилояти Рай гуморида шуда буд), андаке пас аз ин таърих барои фатҳи Қазвин озими ин шаҳр шуд ва шаҳрро дар ҳисор гирифт, ба мардуми шаҳр пешниҳод кард, ё мусулмон шаванд, ё ҷизя бипардозанд. Қазвиниён гуфтанд: «На мусалмон бубем, на газит диҳем», яъне «На мусулмон шавем ва на газит (ҷизя) диҳем».

Зоҳиран ин ҷо феъли «бубем» аз масдари «будан» аст, ки дар асл ба маънии «шудан» ба кор рафта. «Бубем» дар ҳақиқат мухаффафи «бибуем» аст. Ин ҷумла эҳтимолан ба лаҳҷаи қадими мардуми Қазвин адо шудааст.[309]

18. «Шаб о, шаб о». Ҳамид ибни Занҷуя (ваф. соли 864) дар «Китоби амвол» нақл мекунад, ки ҳангоми фатҳи шаҳрҳои Савод Умар бо мардум шарт кард, ки онҳо илова бар ҷизя, ҳамчунин се рӯз (аз рӯйи баъзе ривоятҳо як шабонарӯз) сипоҳиёни арабро меҳмон кунанд. Вале сипоҳиён бемавқеъ ба дари хонаҳои мардум мерафанд ва мардум «Шаб о, шаб о», яъне «Шаб биёед», мегуфтанд.

19. «Ҷувонмардон ҷи буз (буд), ки нашвиз? – Намоҳиланд, то корзор кунем. – Диҳодшон панҷкон». Соли 686 дар Кӯфа қабилаи Банӣ Тамим хуруҷ карданд. Дар ин миён Салма ибни

[308] Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - Техрон, 1357//1979. - С. 64.
[309] Ҳамин асар. - С. 64-65.

Зуиби Риёҳӣ бо панҷсад нафар сарбоз ба ҷонибе мерафт. Дар роҳ бо чорсад савораи эронӣ бо фармондеҳии Мофарвардин рубарӯ шуд. Чун ин ду гурӯҳ ба ҳам расид, саворони эронӣ бозистоданд. Мофарвардин пурсид: «Ҷувонмардон ҷи буз, ки нашвиз?» (яъне «Эй ҷавонмардон, чӣ буд, ки нашвед, яъне наравед»). Ҷавоб доданд: «Намоҳиланд, то корзор кунем» (яъне «Намегузоранд, то корзор кунем»). Мофарвардин гуфт: «Диҳодшон панҷкон (Диҳедшон панҷ гон, яъне панҷ тир ба онҳо бизанед).

20. «Ин бор дурӯғ гуфт». Табарӣ дар ҷанги Мусъаб ибни Забир бо Мухтор дар соли 689, ки бисёре аз сипоҳиёни эронии Ибни Шамит аз сардорони Мухтор кушта шуданд, мегӯяд, вақте сипоҳиёни аҷамӣ ба ҳам мерасиданд, дар бораи Мухтор ва ваъдаи ӯ ба онон дар бораи пирӯзӣ ба тоҷикӣ (форсӣ) мегуфтанд: «Ин бор дурӯғ гуфт».

21. «Хостаи изад бихӯрдӣ ба лошу мош». Дар «Маҷмаъ ул-амсол»-и Майдонӣ бо истинод ба Асмаӣ омадааст, ки рӯзе Ҳаҷҷоҷ ба Ҷабала ибни Солим гуфт: «Ба фалон шахс бигӯ»: «акалта мола-ллоҳи биабдаҳ ва дабидаҳ(?)». Ҷабала ба ӯ гуфт: «Хостаи изад бихӯрдӣ ба лошу мош».

Зоҳиран ин ҷумла марбут ба замонест, ки Ҳаҷҷоҷ ҳукмрони Кӯфа буд, яъне баъд аз соли 697. Марги Ҳаҷҷоҷ дар соли 717 милодӣ иттифоқ афтодааст.

22. «Ё аҳли Хуросон, мардумони хонабиёбон ҳастед, бархезед». Ба гуфтаи Табарӣ Молик ибни Ҳайсам бо сипоҳи хуросонии худ дар канори Даҷла дар иҳотаи сипоҳиёни Шом афтод ва барои ин ки ононро ба худ орад ва ба ҷанг ташвиқ кунад, бонг зад: «Ё аҳли Хуросон, мардумони хонабиёбон ҳастед, бархезед».

23. «Диҳед ё ҷувонакон». Табарӣ мегӯяд, ки ёздаҳ моҳ баъд аз моҷарое, ки дар боло зикри он рафт, Омир ибни Исмоил бо лашкариёни худ, ки ҳама аҳли Хуросон буданд, охирин халифаи умавӣ Марвон ибни Муҳаммад (746-750)-ро таъқиб намуда, дар Миср ба ӯ расид. Азбаски сипоҳи Омир андак буду лашкари Марвон бисёр, ҷумлаи маъруфе аз Букир ибни Моҳонро ба ёд овард, ки гуфта буд: «Диҳез(д) ё ҷувонакон!» ва бо ин хитоба бонг ба лашкариёни худ зад. Ин ҷумла гӯйӣ оташе буд, ки ба ҷонашон афтод. Ҳамла карданд ва пирӯз шуданд.

24. «Мардак локамолан нест». Ёқут дар «Муъҷам ул-удабо» ҳангоми нақли мунозираи Исҳоқ ибни Иброҳим ибни Ҳанзал ибни Роҳуяи Хуросонӣ бо Шофеӣ дар бораи кироя додани хонаҳои аҳли Макка мегӯяд: «Вақте ҳангоми мунозира Исҳоқ каломи Шофеиро нафаҳмид, хитоб ба чанд тан аз марвазиёне, ки дар он ҷо ҳузур доштанд, ба забони онон гуфт: «Мардак локамоло нест». Ёқут дар ин ҷумла калимаи «локамолан»-ро ба номи қарияи Локамолон, ки дар Марв буда, мардуми он ба даъвои илм, вале бебаҳрагӣ аз он машҳур будаанд, алоқаманд медонад. Содиқӣ сурати саҳеҳи ин ҷумларо дар шакли «Мардакро камолан (яъне, камоле) нест» эҳтимол кардааст.

Ба андешаи ӯ ин мунозира эҳтимолан дар ҷавонии Шофеӣ (ваф. соли 204/819) дар байни солҳои 170/786 то 180/788 ҳиҷрӣ сурат гирифтааст.[310]

25. «Писари Зубайда». Тоҳир ибни Ҳусайн (775-822) сарвари хонадон ва бунёнгузори яке аз нахустин давлатҳои тоҷикон – давлати Тоҳириён писари Ҳорунаррашид – халифа Аминро, ки модараш Зубайда ном дошт, кушт ва амири Хуросон Маъмунро ба хилофат расонд. Аҳмад ибни Салом ҳикоят мекунад, ки пас аз он ки Тоҳир Бағдодро фатҳ кард, Амин ҳамроҳи ӯ ва чанд тани дигар аз наздиконаш дар рӯди Даҷла ба қаиқе савор шуда, гурехтан хост. Аммо сипоҳиёни Тоҳир, ки аксар форсизабон буданд, қаиқро ғарқ карданд ва қаиқнишинонро ба соҳил кашида, дар хонае зиндонӣ карданд. Аҳмад садои пойи аспонеро мешунавад, ки ба хона наздик мешаванд. Ин саворон дари хонаро кӯфта, ба хона дохил мешаванд ва мегӯянд: «писари Зубайда».

26. «Дар марг низ мардӣ вояз (бояд)». Ба қавли Табарӣ ва Ибни Абитайфур, амири Хуросон Тоҳир ибни Ҳусайнро чун марг фаро расид, ба тоҷикӣ (форсӣ) гуфт: «Дар марг низ мардӣ вояз».

27. «Ё марди майхӯр». Исҳоқи Мавсилӣ дар як қасидаи арабияш ин ҷумларо аз Исҳоқ ибни Иброҳим (ваф. соли 848), ки бародарзодаи Тоҳир ибни Ҳусайн буд ва муддати 20 сол соҳибии шуртаи Бағдодро дар ихтиёр дошт, ёд кардааст.

28. «Чун бинӣ номаи изад? Хуш чун «Калила ва Димна». Ҷибриил ибни Бухтишӯъ аз Фазл ибни Саҳл – вазири Маъмун

[310] Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - Теҳрон, 1357//1979. - С. 74-75.

мепурсад: «Чун бинӣ номаи изад»? Посух медиҳад: «Хуш чун «Калила ва Димна».

29. «Чоштат расид». Рӯзе халифа Муътасим ба ошпази худ, ки ба эҳтимоли қавӣ форсизабон буд, гуфт: «Чоштат расид», яъне ҳангоми хӯроки чошт (нисфирӯзӣ) шуд. Гунаи таҳрифшудаи ин ҷумларо Муҷтабо Минувӣ аз китоби «ат-Танбиҳ»-и Ҳамзаи Исфаҳонӣ пайдо карда, онро тасҳеҳ фармудааст. Гуфтан ба маврид аст, ки вожаи «чошт» низ хоси форсии Хуросону Моваруннаҳр аст ва далели дигаре бар хостгоҳи забони форсии дарӣ будани ин манотиқ аст.

30. «Ҳар ки дирам андӯзад, ҷазояш дӯзах аст». Бино ба ривояти овардаи Маҷлисӣ ҳазрати Имом Содиқ бо гурӯҳе аз мардуми Хуросон, ки арабӣ намедонистанд, гуфт: «Ҳар ки дирам андӯзад, ҷазояш дӯзах аст».

31. «Уштурбон – бӯстонбон». Қутайба дар Хуросон боғи ободони Язид ибни Муҳаллабро уштурхона кард. Ҳангоме ки марзбони Марв аз ӯ пурсид, чаро боғи ободони Язидро уштурхона кардӣ, ҷавоб дод: Падарам «уштурбон» буд ва падари Язид «бӯстонбон», яъне боғбон.

32. «Бадбахт мор, мор. Бигаз, бигаз». Кирмонӣ сарвари қабилаҳои ямании Хуросон, душмани волии Хуросон Наср ибни Сайёр буд. Наср дар соли 744 ӯро гирифта, дар қалъае зиндон кард ва ғуломи эронии ӯро, ки ба қавли Табарӣ, Бассом ном дошт, ба хидмати ӯ гумошт. Бассом сӯрохе танг дар девори қалъа ёфт ва ба Кирмонӣ, ки марди тануманд буд, пешниҳод кард, аз он ҷо бигрезад. Ҳангоме ки Кирмонӣ бо ранҷи бисёр ба сурохӣ даромад, мореро дид ва бонг ба ғулом зад: «Бадбахт мор, мор!». Ғулом низ бонг зад: «Бигаз, бигаз». Ба андешаи Озарнӯш мақсуди ғулом аз ин сухан чист ва ба кӣ мегӯяд «Бигаз», маълум нест, вале ин ривоят нишон медиҳад, ки амири араб форсиро хуб медонад ва баръакс ғулом ҳеҷ арабӣ намедонад.[311]

33. «Тозии эшон кастам». Яке аз фармондеҳони лашкари Тоҳир ибни Ҳусайн, ки Довуди Сиёҳ ном дошт, ҳангоми ҷанг фармондеҳи сипоҳиёни Амин – Алӣ ибни Исоро бар замин зад ва ба забони форсӣ бонг бароварда: «тозии эшон кастам». Баъзе муаррихон «кастам»-ро «куштам» пиндоштаанд. Вале Озарнӯш бо таваҷҷуҳ ба ин ки Довуди Сиёҳ Алӣ ибни Исоро ба замин

[311] Озартоши Озарнӯш. Чолиш миёни форсӣ ва арабӣ. - Теҳрон, 1385//2007. - С. 92.

зада бошад ҳам, накуштааст, асли ин калимаро аз феъли «кастан» ба маънии «фурӯ кӯфтан», ки дар «Бурҳони қотеъ» ҳам омадааст, тахмин мекунад.[312]

34. «Некон кунанд ва базон (бадон) кунанд ва ҳар ки ин кунад сол восар набарад». Ба андешаи Озарнӯш ҳангоме ки сипоҳиёни Мозёр деворҳои Омули Табаристонро вайрон мекард, бар дарвозаи Гургон бастуқае ёфтанд, ки сари онро бо қалъӣ маҳкам баста буданд. Онро бишкастанд, дар он лавҳе мисин ёфтанд бо ҳамин навишта ба яке аз анвои хати паҳлавӣ ва мутарҷимеро фармуданд, то ин навиштаро бархонд. Ба ростӣ низ чунин шуд, сол ба сар наомада, Мозёр дар соли 224/825 асир афтод ва кушта шуд.[313]

35. «Агар аз пӯст борун (берун) биёӣ, нашносем». Ҷоҳиз дар «Бухало»-и худ ривоятеро аз гузаштагони худ нақл кардааст, ки марде араб ба дидани дӯсташ, ки сахт бахил буд, ба Марв рафт. Марди марвӣ худро ба нодонӣ зада, ӯро нашинохт. Марди араб дастору або аз тан берун кардан гирифт, то марвӣ бишносадаш. Аммо дӯсти марвӣ ба араб гуфт: «Агар аз пӯст борун (берун) биёӣ, нашносем».

36. «Бадӣ написандед ва дӯст доред некӣ; ҷаҳон ҳаме маро нагиред; Се чиз туро додам: ҷалоли ман, азамати ман ва баҳои ман; Туро додам илми аввалину охарин». Ҷумлаҳои мазкурро Муҷтабои Минувӣ аз рисолаҳои арабии яке аз бузургони тасаввуф Абуабдуллоҳи Тирмизӣ (ваф. байни солҳои 908-913) пайдо кардааст.[314]

37. «Чун кунам бо ин мушти ситамкор ҷуз он, ки биёмурзам». Муаллифи «Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ» аз тафсири Ҳасан ибни Абулҳасани Дайламӣ нақл мекунад, ки Пайғамбар рӯзе аз Микоил пурсид: Оё Худо чизе ба форсӣ гуфтааст? Микоил посух дод: Оре ва ҳамин ҷумларо нақл кард.[315]

38. «Агар худобанда будӣ беҳ будӣ; Омад, омад, ба сар омад; Дору кун то бимирӣ». Ин ҷумлаҳо аз сӯфии маъруф Боязиди Бастомӣ (803-874) нақли қавл шудааст.

---

[312] Озартоши Озарнӯш. Чолиш миёни форсӣ ва арабӣ. - Теҳрон, 1385//2007. - С. 85.
[313] Ҳамин асар. - С. 111.
[314] Ҳамин асар. - С.114.
[315] Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ. ҷ.1. Ба кӯшиши Раҳими Афифӣ. – Машҳад, 1351//1973. – С. 16.

39. «Бор Худоё, боронамон ку?». Ин ҷумла ба яке аз шогирдони Боязиди Бастомӣ мансуб аст.

40. «Дили дилин беҳ, на дили гилин». Ҷумлаи мазкур мансуб аст ба бародарзодаи Боязиди Бастомӣ.

41. «Эй ба се муаллим табоҳшуда, туро кӣ ба салоҳ тавонад овард?». Ин ҷумла ба сӯфии шинохта Ҳотими Асам, ки соли 851 дар Вашгирди Моваруннаҳр (ноҳияи Файзободи Тоҷикистон) аз олам даргузашт, мансуб дониста шудааст.

II. Намунаҳои назм. Намунаҳои боқимондаи манзум дар мутуни арабию форсӣ аз инҳо иборатанд:

1. “Манам шери Шалнаба Ва манам бабри тала”.

ё:

“Манам он шери шала, Манам он бабри яла,
Манам он Баҳроми Гӯр, Манам он Бӯҷабала”

ё ки:

“Манам он шери дамону Манам он бабри яла,
Номи ман Баҳроми Гӯр, Кунятам Бӯҷабала”

Чунон ки ба назар мерасад, ин намуна гунаҳои зиёд дорад ва ба чанд шакл то замони мо расидааст. Зимнан бояд гуфт, ки баъзе пажӯҳишгарон онро ҳамчун нахустин намунаи шеъри форсии дарӣ қаламдод кардаанд. Донишманди Эрон Содиқӣ дар шарҳи ин намуна қавли Ибни Хурдодбеҳро меорад, ки ба гуфти вай, шаҳри Дамованд Шалнаба номида мешудааст.[316]

Вале ин матлаб, ки ин нахустин намунаи шеъри дарист ва Баҳроми Гӯр аввалин шоирест, ки ба форсии дарӣ шеър гуфтааст, ба ҳақиқат мувофиқат надорад. Донишманди маъруфи Афғонистон Аҳмади Ҷовид ду далели зеринро гувоҳи аз Баҳроми Гӯр набудани ин чор пора шеър медонад: нахуст ин, ки асли номи ӯ ба паҳлавӣ Вараҳром аст, ки дар забони дарӣ Баҳром шудааст; дуюм, куния, ки махсуси арабҳо буд ва бештар аз номи фарзанд мегирифтанд, дар он замон маъмул набуд ва ба андешаи ӯ, аҳёнан агар вуҷуди кунияро қабул кунем, Бӯҷабала кунияти аҷибе мешавад, махсусан куният бо номи кӯҳ ва он ҳам дар сиғаи таънис, яъне дар шакли занона.[317] Эҳтимол ин байтро котибони баъдӣ ба Баҳроми Гӯр нисбат додаанд.

[316] Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - Теҳрон, 1357//1979. - С. 55.

[317] Аҳмади Ҷовид. Нахустин сухансароёни форсӣ то Абулфараҷи Сагзӣ // Афғонистон, 1334//1955. - С. 165.

2. «Кӯри хамир омад,
Хотун дурӯғ кунда».
ё:
«Кӯри хамир омад,
Хотун дар вағи канда».

Муаллифи «Таърихи Бухоро» Абубакри Наршахӣ дар бораи хотуни Бухоро, ки дар рӯзгори фатҳи Бухоро ба дасти сардори араб Саид ибни Усмон (соли 678) подшоҳии Бухороро ба зимма дошт, ёд мекунад, ки «ин хотун зане буд ширину боҷамол. Саид бар вай ошиқ шуд ва аҳли Бухороро дар ин маънӣ сурудҳост ба забони бухорӣ».[318]

Наршахӣ аз он сурудаҳо чизе зикр намекунад, вале гумон меравад, сурудаи мазкур, ки Ибни Ҳабиб[319] онро мансуб ба забони хуросонӣ дониста, Абдулҳусайни Зарринкӯб,[320] Аҳмадалии Риҷоӣ,[321] Алӣ Ашрафи Содиқӣ[322], Муҳаммадҷони Шакурӣ[323] ва Додихудо Саймиддинов[324] дар бораи ин ду пораи шеър ҳар кадом изҳори назари хос кардаанд, намунае аз ҳамон сурудаҳост.

3. «Об аст, набиз аст,
Усороти забиб аст,
Сумайя рӯсабиз аст.

Табарӣ, Ибни Қутайба, Абулфараҷи Исфаҳонӣ, Ҷоҳиз, муаллифи «Таърихи Систон» ва дигарон нақл кардаанд, ки вақте Аббод ибни Зиёд – бародари Убайдуллоҳ ибни Зиёд ба ҳукумати Систон мансуб шуд, Язид ибни Муфарриғи Ҳимярӣ – шоири араб низ ҳамроҳи ӯ буд. Аббод ба сабаби гирифториҳои

[318] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тарҷумаи Абунасри Қубовӣ. Талхиси Муҳаммади Зуфар. Тасҳеҳ ва таҳшияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1351//1973. - С. 56.

[319] Ибни Ҳабиб. Асмоъ-ул-муғтолин мин-ал-ашроф фи л-ҷоҳилийя ва-л-ислом. – Қоҳира, 1954. - С.167-168.

[320] Абдулҳусайни Зарринкӯб. Суруди аҳли Бухоро. Куҳнатарин намунаи шеър ба забони форсӣ // «Яғмо». - Соли 1337//1959. – шумораи 7. - С. 298-293.

[321] Аҳмадалии Риҷоӣ. Пуле миёни шеъри ҳиҷоӣ ва арӯзии форсӣ дар қуруни аввали ҳиҷрӣ. - Теҳрон, 1353//1975. - С.23-24.

[322] Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - Теҳрон, 1357//1979. - С. 65-67.

[323] Муҳаммадҷони Шакурӣ. Хуросон аст ин ҷо. - Душанбе, 1996. - С. 140-142.

[324] Додихудо Саймиддинов. Шарҳи ду пора шеъри куҳан аз сурудаҳои мардуми Бухоро // Номаи Пажӯҳишгоҳ. - Соли чаҳорум, шумораи ҳафтум, тирамоҳ ва зимистони соли 2004-2005. - С. 5-14.

зиёди ҳукуматдорӣ фурсат наёфт, то чунон ки шоиста аст, ба Язид ибни Муфарриғ иноят намояд. Язид аз ин амр малул шуд ва нисбат ба Аббод ва наздикони ӯ бадгӯйӣ оғоз кард. Аббод Язидро ба зиндон афканд, вале Язид пас аз чанде аз Систон ба Басра гурехта, дар он ҷо ва шаҳрҳои дигар ба бадгӯйӣ аз Аббод ва табоҳкориҳои модари ӯ – Сумайя машғул шуд. Убайдуллоҳ ибни Зиёд ӯро дастгир кард ва дастур дод, ки ӯро набиди (шароби) ширини омехта ба шибрим (гиёҳе исҳоловар) нӯшониданд ва гурбаю сагу хукеро бо ӯ дар як банд бастанд ва дар кӯчаҳои Басра гардониданд. Бар асари набид ва шибрим Язид дарунрав шуд. Кӯдакони Басра дар пайи ӯ фарёд мезаданд: «Ин чист?» ва Язид ҷавоб медод:

«Об аст, набиз аст,
Усороти забиб аст,
Сумайя рӯсабиз аст».

Мисраи «Сумайя рӯсабиз аст» ишора ба модари Абббоду Убайдуллоҳ аст, ки дар ҷавонӣ «бадкора» будааст.

Ин воқеа дар замони хилофати Язид ибни Муовия (солҳои 60/682-64/686) ба амал омадааст ва дар ин се пора шеър дар баробари вожагони дарӣ, калимаҳои арабӣ низ мавҷуд аст. Худи Язид ибни Муфаррағи шоир аслан араб ва арабизабон буд ва форсии дариро эҳтимолан дар Систон, ки муддате дар он ҷо, дар ҳалқаи дарбориёни Аббод ибни Зиёд қарор дошт, омӯхтааст.

2. «Аз Хуталон омазиҳ,
Ба рӯ табоҳ омазиҳ.
Обор боз омазиҳ,
Хашак низор омазиҳ».

Табарӣ дар се маврид аз ҳаводиси солҳои 108/730 ва 119/741 нақл мекунад, ки волии Хуросон Асад ибни Абдуллоҳ ба Хатлон лашкар кашид ва дар ин ҷанг шикаст хӯрда, шармсору парешон ба Балх гурехт. Ин шеър аз ҷониби мардуми Балх ба ин муносибат суруда шудааст ва кӯдакон онро дар кӯчаҳои Балх мехонданд.

5. «Або ин тимор бояз андаке шозӣ…». Ибни Қутайба дар «Уйун-ул-ахбор» аз қавли Алӣ ибни Ҳишом ривоят мекунад, ки дар шаҳри Марв марде барои мо қиссаҳои гиряовар нақл мекард ва моро мегирёнид. Пас аз остин танбӯре бармеовард ва

чунин мехонд: «Або ин тимор бояз(д) андаке шоз(д)ӣ», яъне пас аз ин ғаму андуҳ андаке мебояд шодӣ кард.[325]

6. «Самарқанди кандманд, Базинат кӣ афканд.
Аз Шош та баҳӣ, Ҳамеша та хаҳӣ».

Донишманди эронӣ Содиқӣ мисраи чорумро ба сурати «ҳамеша баҳ. Хаҳӣ» тасҳеҳ кардааст. Яъне: Эй Самарқанди вайрон. Туро кӣ ба ин рӯз афканд? Ту аз Шош (муарраби Чоч, Тошканди имрӯза) беҳтарӣ. Ҳамеша беҳтар, офарин.

Ибни Хурдодбеҳ (820-912/913) ин шеърро ба Абулянбағӣ Аббос ибни Тархон, ки ба хонадони Бармакиён ва халифагони Бағдод қаробат дошт, нисбат медиҳад. Аббоси Иқбол бо тавоҷҷуҳ ба номи падари Абулянбағӣ – Тархун, ки лақаби подшоҳони Самарқанд буд, ӯро аз шоҳзодагони Самарқанд медонад.[326] Эҳтимол меравад, ки Абулянбағӣ самарқандиасл буда, дар Бағдод мавриди иноятии хонадони эрониасли Бармакиён қарор гирифтааст ва ба ташвиқи онон ба арабӣ ва форсӣ шеър сурудааст.

7. Суруди Оташкадаи Каркӯй:

«Фурухт бодо рӯш, Хунида Гаршосбҳуш.
Ҳаме бур аст аз ҷӯш, Нӯш кун, май нӯш.
Дӯсти бадокӯш, Ба офарин ниҳода гӯш.
Ҳамеша некӣ кӯш, Дӣ гудашту дӯш.
Шоҳо, худойгоно, Бофарини шоҳӣ».

Дар «Таърихи Систон» бинои Оташкадаи Каркӯйи Систон ба Кайхусрав нисбат дода шуда, дар идомаи матлаб суруди мазкур зикр гардидааст.

Содиқӣ дар ин суруда калимаҳои «фурухт»-ро ба маънии «афрӯхта», «рӯш»-ро мухаффафи «рӯяш», «ханида»-ро «ситудаву писандидаву машҳур», «ҳуш»-ро «ҷону равон», таркиби «бур аст»-ро «пур аст», «бадокӯш»-ро «бадоғӯш, яъне баоғӯш», «гудашт»-ро «гузашт» эҳтимол дода, дар маҷмӯъ онро чунин маънидод кардааст:

«Афрӯхта бодо рӯйи он, яъне рӯйи Гаршосбҳуши (лақаби Оташкада) ситудаву машҳур. Гаршосбҳуш аз ҷӯш пур аст.

[325] Муҳаммади Муин. Порсӣ ё дарӣ // Маҷаллаи «Нигин». - Давраи 7, шумораи 77. - С. 60.

[326] Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - Теҳрон, 1357//1979. - С. 92-93.

(Ашъори баъд хитоб ба шоҳ аст). Дар ҳоле ки дӯст дар оғӯш дорӣ ва ба мадҳ гӯш ниҳодаӣ, май бинӯш ва ҳамеша ба сӯйи некӣ кӯш. Гузашта (дирӯзу дишаб) гузашт. Шоҳо! Худойгоно! Ҳамроҳ бо офарину ситоиши шоҳӣ»[327].

8. «Наргис узумраз даста
Марворид фазу раста
Зараш дар миён баста».

(яъне наргис ба дастаи зумурраде монанд аст, ки марворид ба ӯ раста ва миёнаш зар бастаанд.) Ин қитъаро дар васфи наргис эҳтимолан Роғиби Исфаҳонӣ (ваф. тақрибан соли 1009) сурудааст.

9. «Ҳужабро, ба кайҳон анӯша бизӣ,
Ҷаҳонро ба дидор тӯша бизӣ».

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро»-и худ аз қавли Абутоҳири Хотунӣ овардааст, ки дар аҳди Азудуддавлаи Дайламӣ ҳанӯз қасри Ширин, ки дар Хониқин аст, пурра вайрон нашуда буд ва навиштаи мазкурро аз ҳамон қаср ёфтанд.[328]

10. «Бихӯр бо навӣ ҷаҳон,
Ҳазор сол Наврӯзу Меҳргон».

Муаллифи «Муҷмал-ут-таворих» (таълифаш соли 1126) дар шарҳи ҳоли Ҳумои Чеҳрзод духтари Баҳман мегӯяд, ки ӯ дар аҳди хеш фармуд, ки бар нақши зару дирам чунин навиштанд.[329]

Чунон ки аз ин тақрибан 40 ибораю таркиботи ҷудогонаи насрӣ ва 10 намунаи шеърӣ ба мушоҳида мерасад, ба истиснои суханоне, ки ба Баҳроми Гӯр ва дигар сарварони аҳди Сосонӣ нисбат дода шудаанд ва ба ҳар сурат дар асолати онҳо ҷойи шакку тардид мавҷуд аст, аксари суханони дигар ба аҳли Хуросону Мовароуннаҳр тааллуқ доранд ё дар муроҷиат ба онҳо гуфта шудаанд. Ба хусус суруди оташкадаи Каркӯйи Систон, мисраи бозмонда аз сурудаи қиссахони марвӣ, сухани вопасини Тоҳир ибни Ҳусайн ва суханони лашкариёни мовароуннаҳрию хуросонии ӯ, хитобаҳо ба сипоҳиёни хуросонии Молик ибни Ҳайсам ва Омир ибни Исмоил, пораҳои

[327] Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - Теҳрон, 1357//1979. - С. 99-100.
[328] Аҳмади Ҷовид. Нахустин сухансароёни форсӣ то Абулфараҷи Сагзӣ. // Афғонистон, 1334//1955. - С. 165.
[329] Ҳамин китоб. - С. 166.

шеърӣ, ки мардуми Бухоро дар бораи ишқи хотуни Бухоро ва сардори сипоҳи араб Саид ибни Усмон, мардуми Балх ба муносибати шикасти Асад ибни Абдуллоҳ дар Хатлон сурудаанд ё Абулянбағӣ Аббос ибни Тархон дар афзалияти Самарқанд бар Чоч (Тошканд) сурудааст, бетардид бори дигар маҳалли зуҳуру тачаллии забону адаби тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) будани шарқи Эронзамин, яъне Мовароуннаҳру Хуросонро собит мекунад.

§ 2. Нахустин осори хаттии назму насри тоҷикӣ. Дар фасли қаблӣ дар бобати намунаҳои куҳантарини забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) гуфта гузаштем, ки дар шакли таркиботи ҷудогона ва порчаҳои шеърӣ боқӣ монда, бештар ба фарҳанги мардум алоқамандӣ доранд. Дар ин фасл нахустин намунаҳои назму насри китобии тоҷикӣ (дарӣ), ки то ба даврони мо омада расидаанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Аввалин намунаҳои шеърӣ. Баъзе аз муаррихону муҳаққиқон куҳантарин шеъри китобии моро ба Абуҳафси Ҳаким ибни Аҳваси Суғдии Самарқандӣ нисбат медиҳанд, ки байти зеринро гуфтааст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо?
Чу надорад ёр, бе ёр чӣ гуна равадо?!

Мисраи дувуми ин байт дар баъзе нусхаҳо ба шакли «Ёр надорад, бе ёр чӣ гуна равадо?» ё «Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?» омадааст.

Шамси Қайси Розӣ дар «ал-Муъҷам фӣ маойири ашъори-л-Ачам» матлаби болоиро зикр намуда, қавли Абунасри Форобиро меорад, ки ба гуфтаи ӯ, Абуҳафс дар санаи сесади ҳичрӣ дар ҳаёт будааст. Абунасри Форобӣ (ваф. 989) ҳамчунин Абуҳафси Суғдиро аз беҳтарин навозандагони олати мусиқии шаҳрӯд медонад.[330]

Агар ин таърих, ки Абунасри Форобӣ мегӯяд, саҳеҳ бошад, он гоҳ Абуҳафси Суғдӣ нахустин шоири форсигӯй ва байти мазкур нахустин шеъри тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) нест ва шоирони аҳди тоҳирию саффорӣ пештар аз ин ҳам ба забони модарии мо шеърҳо гуфтаанд.

[330] Шамси Кайси Розӣ. ал-Муъҷам. Ба кӯшиши Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1338//1960. - С. 201.

Дар ин боб андешаҳои гуногун ва суханони бисёр дар адабиёт мавҷуданд ва мо барои таъйиди гуфтаи боло танҳо як мисол меоварем. Донишманди эронӣ Карими Кишоварз гуфтаи Давлатшоҳи Самарқандиро дар «Тазкират-уш-шуаро» аз қавли Абутоҳири Хотунӣ, ки ба аҳди Азудуддавлаи Дайламӣ дар китобаи Қасри Ширин навиштае ёфтанд, ки «ба дастури форсии қадим аст» ва мо онро пештар овардем, нақл карда, андешаи ҷолиби Давлатшоҳи Самарқандиро нисбат ба шеъри форсӣ дар оғози густариши ислом таъкид менамояд: «Пас бар ин тақдир маълум шуд, ки пеш аз ислом шеъри форсӣ низ мегуфтаанд. Аммо чун мулуки акосира (яъне хусравон) ва Аҷам ба дасти араб афтод ва он қавми муборак ба дини ислом ва зоҳир кардани шариат мекӯшидаанд ва роҳу расми Аҷамро мепӯшидаанд, мешояд, ки манъ аз шеър низ карда бошанд…»[331].

Жилбер Лазар ба далели ин, ки байти мазкур шеъри арузӣ нест, изҳори ақида карда, ки мумкин аст, Абуҳафс ин байтро ба унвони намуна аз шеъри қадим дар фарҳанги худ ё китоби дигаре нақл карда будааст ва баъдҳо дигарон дар натиҷаи иштибоҳ онро ба худи ӯ нисбат додаанд.[332]

Ин андеша ба ҳақиқат наздик аст, зеро Абуҳафси Суғдӣ чун устод Рӯдакӣ илова бар ҳунари шоирӣ ва мутрибӣ, яъне устодона навохтани шаҳрӯд, ҳунари сарояндагӣ ҳам доштааст ва шояд ин байтро, ки намунаи шеъри куҳани ҳиҷоист, аз пешиниён зери навои шаҳрӯд мехондааст ва баъдҳо муаррихону тазкиранависон онро ба худи ӯ нисбат додаанд.

Дигар намунаи шеъри куҳани дарӣ қасидаи Абулаббоси Марвазист, ки ба қавли Муҳаммади Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» ба истиқболи ба Марв омадани волии Хуросон – Маъмун дар соли 809 суруда шудааст ва чанд байти он дар зер зикр мешавад:

Эй расонида ба давлат фарқи худ то Фарқадайн,
Густаронида ба адлу ҷуд дар олам ядайн…
Мар хилофатро ту шоиста чу мардум дидаро,
Дини Яздонро ту боиста чу рухро ҳар ду айн.

---

331 Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби аввал. - Теҳрон, 1345//1967. - С. 31-32.

332 “Ähu-ye Kuhi… le chamois d’Abu Hafs de Sogdiane et les origins du robäi”, in W.B.Henning Memorial Volume, 1970. - P. 240.

Кас бар ин минвол пеш аз ман чунин шеъре нагуфт,
Мар забони порсиро ҳаст бо ин навъ байн.
Лек аз он гуфтам ман ин мидҳат туро, то ин луғат
Гирад аз мадҳу санои ҳазрати ту зебу зайн.

Дар бораи замони воқеии суруда шудани ин қасида низ андешаҳо мухталифанд. Баъзеҳо пухтагиву расоии сухан, тарзи баёну ҷумлабандии ин қасида ва илова бар ин, ҳанӯз ба мақоми хилофат нарасидани Маъмун (ҳукмронии ӯ солҳои 813-833)-ро дар он замон далел пеш оварда, санаи сурудани онро ба солҳо, ҳатто асрҳои баъдӣ нисбат медиҳанд. Вале мусаллам он аст, ки Абулаббоси Марвазӣ ба ду забон: дарӣ ва арабӣ шеър мегуфт ва корбасти зиёди калимаҳои арабӣ дар қасидаи мазкур ба ин далолат мекунад. Ҳамчунин эҳтимолан дар ин қасида шоистагии Маъмун ба мақоми хилофат, ки модараш хуросониасл ва форсизабон буд, нисбат ба Амин – писари дигари Ҳорунаррашид, ки баъд аз сари падар халифаи Бағдод шуд, таъйид шудааст.

Ҳанзалаи Бодғисӣ (ваф. соли 834 ё 835) низ аз устодони забон ва пешоҳангони шеъри форсии дарист, ки ба эҳтимоли қавӣ, дар аҳди Тоҳириён (821-873) умр ба сар бурдааст. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар мақолаи дувуми «Чаҳор мақола»-и худ он ҷо, ки сухан аз салоҳияти шеъру шоирӣ меравад, менависад, ки ду байти зерини Ҳанзалаи Бодғисӣ дар ниҳоди Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ, ки ба кироя додани хар машғул буд, чунон шӯре барангехт, ки ӯ, бо он чи дошт, қонеъ нашуд ва бо ҷаҳду ҷадал дар Хуросон ба мартабаи баланд расид:

Меҳтарӣ гар ба коми шер дар аст,
Шав, хатар кун, зи коми шер биҷӯй.
Ё бузургию иззу неъмату ҷоҳ,
Ё чу мардон-т марги рӯёрӯй.[333]

Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» низ ин шоирро аз шоирони аҳди Тоҳириён дониста, аз ӯ қитъаи зеринро нақл кардааст:

[333] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Ба кӯшиши Муҳаммади Муин. - Теҳрон, 1385//2007. - С. 42.

Ёрам сипанд агарчи ба оташ ҳамефиганд,
Аз баҳри чашм, то нарасад мар варо газанд.
Ӯро сипанду оташ н-ояд ҳаме ба кор,
Бо рӯйи ҳамчу оташу бо холи чун сипанд.[334]

Маҳмуди Варроқи Ҳиравӣ (ваф. соли 835) низ аз нахустин шоирони форсигӯй ва беҳтарин шоирони таронасаро шинохта шудааст. Муаллифи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» Ризоқулихони Ҳидоят ӯро «муосири мулуки Тоҳирия ва Саффория» дониста, ду байти зерро ба ӯ нисбат додааст:

Нигорино, ба нақди ҷон-т надҳам,
Гаронӣ дар баҳо, арзон-т надҳам.
Гирифтастам ба каф домони васлат,
Ниҳам ҷон аз кафу домон-т надҳам.[335]

Дар асл Маҳмуди Варроқ муосири Муҳаммад ибни Тоҳир – охирин подшоҳи хонадони Тоҳириён буд. Гумон меравад, дар асрҳои баъдӣ Бобо Тоҳири Урён ва дигар шоирони таронасаро зери таъсири таронаҳои Маҳмуди Варроқ таронаҳои дилошӯби ошиқона сурудаанд.

Шоир ва дабири аҳди Саффориён Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ (нимаи дуюми асри IX – аввали асри X) ҳамчунин аз бунёдгузорони шеъри тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Бино ба навиштаи муаллифи ношинохтаи «Таърихи Систон», Яъқуби Лайс чун Занбил ва Аммори Хориҷиро кушту Ҳиротро гирифт ва Систону Кирмону Форс ба итоати вай даромад, шоирон дар ситоиши ӯ ба арабӣ шеър гуфтанд ва ӯ арабӣ намедонист, гуфт: «Чизе, ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфт?». Муҳаммад ибни Васиф, ки «дабири расоили ӯ буд ва адаб некӯ донист… пас шеъри порсӣ гуфтан гирифт. Аввал шеъри порсӣ дар Аҷам ӯ гуфт ва пеш аз ӯ касе нагуфта буд… ин шеър бигуфт:

Эй амире, ки амирони ҷаҳон – хосаву ом:
Бандаву чокару мавлову саги банду ғулом.
Азалӣ хатте дар лавҳ, ки мулке бидиҳед,
Ба Абиюсуфи Яъқуб бини-л-Лайси Ҳумом.

[334] Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Лубоб-ул-албоб. Ба кӯшиши Саид Нафисӣ. Теҳрон, 1335//1957. - С. 241.
[335] Ризоқулихони Хидоят. Маҷмаъ-ул-фусаҳо. - Теҳрон, ҷ. 1,1382//2004. - С. 1813.

Ба Латом омад Занбилу лате хӯрд паланг,
Латра шуд лашкари Занбилу ҳабо гашт куном.
Лиману-л-мулк бихондӣ ту, амиро, ба яқин,
Бо қалилу-л-фиа, ки дод дар он лашкар ком.
Умр Аммор туро хост в-аз ӯ гашт барӣ,
Теғи ту кард миёнҷӣ ба миёни даду дом.
Умри ӯ назди ту омад, ки ту чун Нӯҳ бизӣ,
Дари Окор – тани ӯ, сари ӯ – Боби Таом».[336]

Ба қавли муаллифи «Таърихи Систон», ин шеър дароз аст ва андаке аз он дар ин китоб оварда шудааст. Таърихи сурудани шеъри мазкур соли 865 мебошад.

Дигар аз пешоҳангони шеъри тоҷикӣ (форсӣ) Бассоми Курд (нимаи дувуми асри IX) аст, ки зикри ӯ низ дар «Таърихи Систон» омадааст.

Ба навиштаи муаллифи «Таърихи Систон», Бассоми Курд аз намояндагони хаворичҳ буд, ки барои сулҳ назди Яъқуби Лайс омада буданд ва «чун тариқи Васиф (яъне, Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ) бидид андар шеър, шеърҳо гуфтан гирифт». Шеъри зерин бо таваҷҷуҳ ба шеъри дар боло ёдшудаи Муҳаммад ибни Васиф ва ба муносибати пирӯзии Яъқуби Лайси Саффорӣ бар Аммори Хоричӣ суруда шудааст:

Ҳар ки набуд ӯ ба дил муттаҳам,
Бар асари даъвати ту кард наам.
Умр зи Аммор бад-он шуд барӣ,
К-ӯй хилоф овард то лоҷарам.
Дид бало бар тану бар ҷони хеш,
Гашт ба олам тани ӯ дар алам.
Макка ҳарам кард арабро Худой,
Аҳди туро кард ҳарам дар Ачам.
Ҳар ки даромад, ҳама боқӣ шуданд,
Боз фано шуд, ки бидид ин ҳарам»[337].

Муаллифи «Таърихи Систон» инчунин Муҳаммад ибни Мухаллади Сагзиро дар радифи Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ ва Бассоми Курд аз нахустин шоирони форсигӯй ба қалам

[336] Аҳмади Ҷовид. Нахустин сухансароёни форсӣ то Абулфараҷи Сагзӣ // Афғонистон, 1334//1955. - С. 167.
[337] Ҳамин китоб. - С. 167.

оварда, шеъри зеринро дар васфи Яъқуби Лайс, ки ба муносибати ғалабаи ӯ ба Аммор ва кушта шудани Аммор ба дасти ӯ сурудааст, аз ӯ намуна меорад:

Ҷуз ту назод Ҳаввову Одам накишт,
Шерниҳоде ба дилу бар маништ.
Муъҷизи пайғамбари Маккӣ туӣ,
Ба кунишу ба манишу ба гувишт.
Фахр кунад Аммор Рӯзи бузург,
К-ӯ ҳамонам ман, ки Яъқуб кушт.

Дар ин се сурудаи шоирони аҳди Саффориён (873-903) Яъқуби Лайс бо беҳтарину волотарин сифатҳо тавсиф шудааст, то ҷойе ки дар шеъри Муҳаммад ибни Мухаллад омада, ки Аммори Хоричӣ аз кушта шуданаш ба дасти Яъқуби Лайс рӯзи қиёмат фахр хоҳад кард.

Фирӯзи Машриқӣ (ваф. соли 896) ҳам аз зумраи нахустин шоирони форсигӯст, ки Муҳаммади Авфӣ дар «Лубоб-ул-албоб» ӯро муосири Амри Лайси Саффорӣ донистааст, ки дар айёми он амир «ғассу фасод аз сухани форсӣ дур кард»:[338]

Ба хату он лабу дандон-ш бингар,
Ки ҳамвора маро доранд дар тоб.
Яке ҳамчун паран бар авҷи хуршед,
Яке чун шойвард аз гирди маҳтоб.

Абусалики Гургонӣ низ аз шоирони ин давра маҳсуб мешавад, ки дар аҳди Амр ибни Лайси Саффорӣ зиндагиву эҷод кардааст. Шеъри ӯ ҳам дар камоли содагӣ ва самимият аст, ки чаҳорпораи зер шоҳиди ин гуфтаҳост:

Хуни худро гар бирезӣ бар замин,
Беҳ, ки оби рӯй резӣ дар канор.
Бут парастидан беҳ аз мардумпараст,
Панд гиру кор банду гӯш дор.

Чунон ки мебинем, забони ҳамин намунаҳои боқимондаи куҳантарини шеъри дарӣ низ дар ғояти пухтагиву расоӣ буда, аз пешинаи дерини шеър ба ин забон гувоҳӣ медиҳад, ки

[338] Муҳаммад Авфии Бухороӣ. Лубоб-ул-албоб. Ба кӯшиши Саид Нафисӣ. - Теҳрон, 1335. - С. 241

мутаассифона, ин ашъор ва номҳои гӯяндагони он шеърҳо то замони мо нарасидаанд. Он чи аз тӯфонҳои таърих дар амон монда, ба мо расидааст, ҳамин ашъори Абулаббоси Марвазӣ (соли таваллуду вафоташ номаълум), Ҳанзалаи Бодғисӣ, Маҳмуди Варроқи Ҳиравӣ – аз шоирони давраи ҳукуматдории Тоҳириён, Муҳаммад ибни Васифи Сагзӣ, Бассоми Курд, Муҳаммад ибни Мухаллад, Фирӯзи Машриқӣ ва Абусалики Гургонӣ – аз шоирони аҳди давлатдории Саффориён мебошад. Вале дар ин матлаб, ки шоирони номбурда, аз пешоҳангу пешгомони шеъри форсии дарӣ буда, бо ашъори рангину дилнишини худ дар бақою пойдории забони модарии мо нақши сазовор гузоштаанд, ҷойи шакку шубҳа нест.

Намунаҳои аввалини насри китобӣ. Қадимтарин намунаҳои насри китобии тоҷикӣ, ки то ба мо расидаанд, аз асри Х мелодӣ пештар нестанд. Вале, чунон ки поёнтар хоҳад омад, яқинан китобу рисолаҳои дигаре низ пеш аз ин давра будаанд, ки то замони мо боқӣ намондаанд. Зеро насри Абумансури Муаммарӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Абуалии Балъамӣ ва муаллифони дигар, ки дар зер дар бораи осор ва вижагиҳои забони нигориши онҳо муфассалтар сухан хоҳем гуфт, ба қавли Муҳаммадтақии Баҳор «насре нест, ки битавон онро мавлуди як қарн донист ва низ мушкил аст, ки появу мояи он насрро дар насри паҳлавӣ ҷӯё шавем».[339] То ба имрӯз куҳантарин намунаҳои насри тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) осори зерин шинохта шудаанд:

«Муқаддимаи «Шоҳнома»-и Абумансурӣ» қадимтарин намунаи насри китобии тоҷикӣ то кунун шинохта шудааст. Ин асар ба номи сипаҳсолори Хуросон Абумансури Муҳаммад ибни Абдурраззоқ навишта шуда, соли 957 бо сарпарастии вазири ӯ Абумансури Муаммарӣ таҳияву таълиф гардидааст.

Қисмати оғози асари номбурда чунин аст: «Сипосу офарин Худойро, ки ин ҷаҳону он ҷаҳон офарид ва мо, бандагонро, дар ҷаҳон падидор кард ва некандешон ва бадкоронро подош ва подафроҳ (ҷазо ва мукофоти бадӣ) баробар дошт ва дуруд бар

[339] Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ, дар се ҷилд, чопи савум. – Теҳрон, 1349//1971. - С. 1.

баргузидагону покону диндорон бод, хоса, ба беҳтарин халқи Худо – Муҳаммади Мустафо салла-л-лоҳи алайҳи ва саллам ва бар аҳли байту фарзандони ӯ бод.

Оғози кори «Шоҳнома» аз гирдоваридаи Абумансури Муаммарӣ дастури Абумансур Абдурраззоқи Абдуллоҳи Фаррух.

Аввал эйдун (чунин) гӯяд дар ин нома, ки то ҷаҳон буд, мардум гирди дониш гаштаанд ва суханро бузург дошта ва некутарин ёдгор сухан дониста, чи андар ин ҷаҳон мардум ба дониш бузургвортар ва моядортар. Ва чун мардум бидонист, к-аз ӯй чизе намонад пойдор ва бад-он кӯшад, номи ӯ бимонад ва нишон гусиста нашавад…».[340]

Тавре ки медонем, ҳамин «Муқаддима» дар асрҳои баъдӣ ба сифати муқаддимаи «Шоҳнома»-и манзуми ҳаким Фирдавсӣ истифода мегардад ва танҳо дар замони шоҳзода Бойсанғур Мирзои Курагон, ки бо дастури ӯ соли 1429 ё 1430 нусхаи нисбатан комили «Шоҳнома» ба вуҷуд оварда шуд, онро аз оғози «Шоҳнома» гирифтанд ва муқаддимаи машҳури кунуниро ба ҷойи он гузоштанд.

Чунон ки аз намунаи боло ба мушоҳида мерасад, забони нигориши асар насри содаю равони дарӣ буда, вожаву калимаҳои арабӣ дар он корбурди васеъ надоранд.

Гузашта аз ин, дар асрҳои баъдӣ ҷойи бештари калима ва истилоҳоти асилу сараи форсиро, ки дар ганҷинаи ин асар маҳфузанд, вожаҳои арабӣ гирифтаанд, монанди **диндорон** (рӯҳониён), **тоҷдорон** (шоҳон, амирон), **деҳқонон** (соҳиби деҳ), **фарзонагон**, **ҳушёрон** (зиёиён), **баргузидагон**, **покон**, **пешдод**, **оини дод**, **корнома** (таърих, ҷангнома, шарҳи воқеа), **шаҳриёр** (подшоҳ), **фарҳанги меҳтарон**, **оинҳои некӯ**, **шоҳнома**, **достон**, **доварӣ** (қазоват), **банда**, **худованд** (соҳиб), **ҳунар**, **сипоҳ оростан** ва амсоли он.

Дигар намунаи насри куҳан **«ас-Савод-ул-аъзам»**-и Абулқосими Ҳакими Самарқандӣ (ваф. 953) маҳсуб мешавад, ки рисолае дар фиқҳи ҳанафӣ буда, дар усули ақоид ва калом дар ин мазҳаб баҳс мекунад ва бо дархости амири кабир Исмоили Сомонӣ аз ҷониби имом Абулқосими Исҳоқ ибни Муҳаммади

[340] Аҳмади Ҷовид. Нахустин сухансароёни форсӣ то Абулфараҷи Сагзӣ // Афғонистон, 1334//1955. - С. 168.

Самарқандӣ ба забони арабӣ тақрибан солҳои 902-903 таълиф гардида, баъдан дар рӯзгори Наср ибни Мансур (975-997) бо дастури ӯ, ба забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) айнан тарҷума шудааст. Таърихи дақиқи тарҷума ва мутарҷими китоб ҳанӯз ба таври мушаххас маълум нест. Маҳдии Баёнӣ тарҷумаи ин китобро дар ҳудуди солҳои 930-940 милодӣ ба қалами худи Абулқосими Самарқандӣ эҳтимол додааст.[341] Вале муҳаққиқи шинохта Абдулҳайи Ҳабибӣ, ки матни тарҷумаи «ас-Савод-ул-аъзам»-ро ба нашр расонидааст, андеша дорад, ки тарҷумаи он тақрибан баъди 80 соли таълиф бо дастури амир Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ аз ҷониби мутарҷими ношинохта анҷом пазируфтааст.[342]

Ин китоб 61 масъалаи каломиву фиқҳии тариқи суннат ва ҷамоатро дар бар гирифта, сабаби таснифи китоб дар муқаддимаи он сареҳан таъкид шудааст:

«Аммо бидон-к сабаби таснифи китоб он буд, ки бероҳону мубтадеону ҳаводорон ба Самарқанду Бухорову Мовароуннаҳр бисёр шуданд. Пас аиммаву фуқаҳову уламои Самарқанду Бухорову Мовароуннаҳр гирд омаданд ва гуфтанд: «Обо ва аҷдод, то буданд, бар тариқи суннат ва ҷамоат буданд. Акнун ҳавоҳои мухталиф пайдо шуд ва моро ҷойи тарс аст». Ин суханро ба амири Хуросон расониданд.

Амири одил Исмоил бифармуд мар Абдуллоҳ ибни Абуҷаъфарро ва боқӣ фуқаҳоро, ки: «Баён кунед мазҳаби рост ва тариқи суннату ҷамоат, он ки падарони мо бар он буданд».

Пас аимма ба ӯ ишорат карданд ба Хоҷа Абулқосими Самарқандӣ ва онро гуфтанд: «Пайдо кун моро роҳи рости суннату ҷамоат, он ки Пайғамбар, алайҳиссалом, бар он буд». Ва бифармуд, то тасниф кард ин китобро ба тозӣ. Ва ба наздики амири Хуросон оварду арза кард. Ҳама писандиданд ва гуфтанд: «Роҳи рости суннату ҷамоат ин аст».

Пас амири Хуросон бифармуд, ки «Ин китобро ба порсӣ гардонед, то, чунон ки хосро бувад, омро низ бувад ва манфиат

[341] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Савод-ул-аъзам. Таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқоту ҳавошӣ Носирҷон Салимов, Низомиддин Зоҳидов. - Хуҷанд, 2009. - С. 13.

[342] Ҳамин китоб. - С. 14.

кунад ва мазҳабро неку бидонанд ва аз ҳаво ва бидъат дур бошанд».[343]

Истифодаи нисбатан бештари вожагону истилоҳоти арабӣ дар ин асар, ба андешаи мо, ду сабаб дорад: нахуст ин, ки асли ин китоб ба арабӣ буда, баъдан айнан ба тоҷикӣ (форсии дарӣ) баргардон шудааст, дувум он, ки китоб масоили марбут ба дини мубини исломро фаро мегирад, ки истилоҳоти арабӣ аксари истилоҳоти онро ташкил медиҳанд.

«Гаршоспнома» ва **«Аҷоиб-ул-булдон»**-и Абулмуайяди Балхӣ, ки дар рӯзгори Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ (976-997) таълиф шудаанд, дигар куҳантарин намунаи насри тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) мебошанд. Соли таваллуду вафоти муаллифи ин ду асар маълум нест, вале аз он, ки номи ӯ дар тарҷумаи Таърихи Табарӣ, ки соли 963 анҷом пазируфт, зикр гардидааст, метавон зиндагию рӯзгори ӯро пештар аз ин таърих эҳтимол дод. Аз Абулмуайяди Балхӣ чанд пора шеър низ боқӣ мондааст, аммо дар маъхазҳои қадим, аз ҷумла "Таърихи Систон" ӯ муаллифи асари насрии "Шоҳномаи бузург" ё "Шоҳномаи Муайядӣ" қаламдод шудааст, ки то замони мо нарасидааст ва ё эҳтимолан «Гаршоспнома» порае аз ин "Шоҳномаи бузург" бошад. Ҳарчанд дар баъзе маъхазҳо «Гаршоспнома» ба сифати асари ҷудогонаи ин муаллиф номбар шудааст.

Бархе матолиби «Гаршоспнома» ва «Аҷоиб-ул-булдон», ки ба зикри Систон алоқаманданд буда, порае аз онҳо дар зер барои намуна оварда мешавад, тавассути "Таърихи Систон" то ба мо расидаанд.

Аз «Аҷоиб-ул-булдон»:

"Андар Систон аҷоиб будаст, ки ба ҳеч ҷой чунон нест. Яке он аст, ки яке чашма аз Фароҳ, аз кӯҳ ҳамебаромад ва ба ҳаво андар дувоздаҳ фарсанг ҳамебишуд ва он ҷо ба яке шористон (шаҳристон) ҳамефуруд омад ва боз аз шористон ҳамеберун шуд. Ва чаҳор фарсанг киштзори он буд ва акнун ҳар ду ҷойгоҳ падидор аст, он ҷо ки чашма ҳамебаромад. Ва шористон ва киштзори он чашмаро Афросиёб, пас аз он ки бисёр ҷаҳд кард, наёраст баст, то ду кӯдаки хурд тадбири он бисохтанд. Чун

[343] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Савод-ул-аъзам. Таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқоту ҳавошӣ Носирҷон Салимов, Низомиддин Зоҳидов. - Хуҷанд, 2009. - С. 17.

тамом шуд, ҳар дуро бикушт ва дахмаи эшон акнун бар сари он чашмаи баста пайдост...

Ҳам ба Фароҳ ба кӯҳи Ҳарун, бар шимоли он яке сӯрох аст, чунон ки тир он ҷо барнарасад ва аз забарсун (сӯйи боло) касе он ҷо натавонад омад. Ва аз он сӯрох аз ҳазор сол боз яке мор берун ояд, чандон ки чашму рӯю зуфони (забони) вай мебинӣ ва ду сурӯ (шох), чунон ки меши кӯҳии зинда, ки касе надонад, ки ғизои ӯ чист, магар эзад таоло”.[344]

Аз “Гаршоспнома”:

“Чун Кайхусрав ба Озарбодгон рафт ва Рустами Дастон бо вай ва он торикӣ ва патёраи (бадкории) девон ба фарри эзад таоло бидид, ки Озаргушасп (номи оташкада дар Озарбойҷон) пайдо гашт ва рӯшноӣ бар гӯши аспи ӯ буд ва шоҳӣ ӯро шуд бо чандон муъҷиза. Пас Кайхусрав аз он ҷо бозгашт ва ба Туркистон шуд, ба талаби хуни Сиёвуш, падари хеш ва ҳар чи нарина ёфт андар Туркистон, ҳамекушт ва Рустаму дигар паҳлавонони Эрон бо ӯ.

Афросиёб гурез гирифт ва ба сӯйи Чин шуд. В-аз он ҷо ба Ҳиндустон омад ва гуфт: “Ман ба зинҳори (амон додани) Рустам омадам”. Ва ӯро ба Бункӯҳ фуруд оварданд. Сипоҳи ӯ ҳамеомад фавҷ-фавҷ...

Чун Кайхусрав ба Эрон шуд ва хабари ӯ бишнид, ба он ҷо омад... Ва ин ҷойгаҳ, ки акнун оташгоҳи Каркӯй аст, маъбадҷойи Гаршосп буд ва ӯро дуо мустаҷоб буд ба рӯзгори ӯ. Ва ӯ фармон ёфт (яъне, вафот кард). Мардумон ҳам ба умеди баракот он ҷо ҳамешудандӣ ва дуо ҳамекардандӣ ва эзад таоло муродҳо ҳосил ҳамекардӣ”.[345]

Ба назар чунин мерасад, ки чун асли «Гаршоспнома» ва «Аҷоиб-ул-булдон» аз миён рафтааст, забони таълифи ин ду асар дар асрҳои баъдӣ аз тарафи котибону нусханависон дучори таҳриру таҳриф қарор гирифта, шояд то андозае шакли аввалияи худро аз даст додааст. Вале вожагону таркибҳои зебо, аз қабили **ҷойгоҳ**, **киштзор**, **ҳазор сол боз**, **меши кӯҳии зинда**, **талаби хуни Сиёвуш**, **оташгоҳ**, **маъбадҷо**, **мурод ҳосил**, **забарсун**, ки бештар хоси гӯйишҳои Моваруннаҳру Хуросонанд,

[344] Забеҳуллоҳи Сафо. Насри форсӣ (аз оғоз то асри Низомулмулки Тӯсӣ). - Теҳрон, 1347//1969. - С. 147-148.

[345] Ҳамин китоб. - С. 149-150.

ба асолати ин асарҳо гувоҳӣ медиҳанд. Калимаи “сун” ба маънии “сӯй” (ин сун, он сун) то имрӯз дар баъзе лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ боқӣ мондааст.

Тарҷумаи Таърихи Табарӣ, ки яке аз намунаҳои беҳтарини насри тоҷикист, дар асл тарҷумаи озоди «Таърих-ур-русул ва-л-мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (ваф. 922) буда, тарҷумаю такмили он аз ҷониби Абуалии Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамӣ бо дастури амири Сомонӣ Абусолеҳи Мансур (961-976) анҷом пазируфтааст.

Ин матлаб дар муқаддимаи асар чунин қаламдод шудааст: «Бидон, ки ин таърихномаи бузург аст, гирдовардаи Абиҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир Язид ат-Табарӣ раҳимаҳуллоҳ, ки малики Хуросон Абусолеҳ ибни Нуҳ фармон дод дастури хешро Абуалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Балъамиро, ки ин таърихномаро, ки аз они писари Ҷарир аст, порсӣ гардон ҳарчи некутар, чунон ки андар вай нуқсоне набошад. Пас гӯяд, чун андар вай нигоҳ кардам ва бидидам андар вай илмҳои бисёр ва ҳуҷҷатҳо ва оятҳои Қуръон ва шеърҳои неку. Ва андар вай фоидаҳо дидам бисёр. Пас ранҷ бурдаму ҷаҳду ситам бар хештан ниҳодам ва инро порсӣ гардонидам, ба неруи изади азза ва ҷалла»…[346]

Чунон ки гуфтем, ҳарчанд ин асар тарҷумаи озод аз арабист, вале аз таъсири барзиёди забони арабӣ бар канор буда, бо насри равону рангин нигошта шудааст. Калимоту истилоҳоти ин асар низ сода ва ба фаҳми мардуми он рӯзгор наздик будааст, аз қабили: **ҷаҳон**, **подшоҳ**, **тахт**, **зиндонбон**, **ғулом**, **авлиё** (бузург, калон), **банда**, **донишманд**, **меҳтарон**, **хосагон**, **хонсолор**, **охурсолор**, **қибола** (санади ақди муомила), **қиртос** (коғаз), **лашкар**, **тоҷ**, **тарҷумон**, **ҷизя** (андоз), **сарҳанг**, **халқ**, **дабир**, **ҳунар**, **тавонгар**, **дарвеш**, **адиб**, **мардумӣ**, **девони арз** (девони лашкар, девони сабти номи сарбозон), **раҳӣ** (ғулом), **пус** (писар, насл), **чак** (санади хариду фурӯш, чек), **хоста** (дороӣ), **хироҷ**, **панҷяк**, **даҳяк**, **бистяк** ва ғайра.

Тарҷумаи Тафсири Табарӣ намунаи дигари насри куҳани тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) мебошад, ки аз китоби “Ҷомеъ-ул-баён фӣ тафсири-л-Қуръон”-и Муҳаммад ибни Ҷарир бо фармони Мансур ибни Нуҳи Сомонӣ (961-976) аз ҷониби як гурӯҳ уламои

[346] Муҳаммад ибни Ҷарир. Таърихи Табарӣ. – Душанбе, 1992. – С.19

Мовароуннаҳр бо забони, ба истилоҳ, “форсии дарии роҳи рост”, яъне забони содаю мафҳуми тоҷикӣ тарҷума шудааст. Дар ин китоб дар баробари луғоту ибороти Қуръон миқдори зиёди калимоту ибороти тоҷикӣ, аз қабили **намоз**, **рӯза**, **ёрон** (саҳоба), **пайғомбар** ва ғ. истифода шудааст.

Барои намуна ду порчаи мухтасарро аз ин китоб ба хонанда манзур мекунем. Намунаи аввал:

“Аммо Пайғомбари мо алайҳиссалом андар рӯзгори Нӯшервон дар вуҷуд омад, чунон ки Пайғомбар гуфт: “Вулидту фӣ замани малики одил ва ҳозо Нӯшервон”. Гуфт: “Ман дар замонаи малике одил зодам аз модар. Ва ин малики доддеҳ Анӯшервон буд”. Малики одил Нӯшервонро гуфтанд, ки то ӯ малики замин буд, ҳеч халқро ёрои он набуд, ки бар ҳеч халқ, бар ҳеч рӯй ситам кардӣ.

Ва Нӯшервон бифармуда буд ба ҳама вилояти хеш, то ҳама касҳо як нимарӯз кор кардандӣ ва дигар нимарӯз, он чи кор карда будандӣ, бихӯрандӣ.

Ва ин Нӯшервонро ҳазор парда буд ва ҳазор пардадор буд. Ва ба дасти ҳар пардадоре ду парда буд. Як парда сурх будӣ ва ба хати сабз бар он навишта будӣ, ки кор кардан бояд...”.[347]

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби ин асар он аст, ки дар вай оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ ба форсии дарӣ моҳирона ва пуробуранг тарҷума шудаанд, чунон ки дар намунаи боло ба мушоҳида мерасад, яъне сухани Пайғамбар “Вулидту фӣ замани малики одил ва ҳозо Нӯшервон” ба забони форсии дарӣ “Ман дар замонаи малике одил зодам аз модар. Ва ин малики доддеҳ Анӯшервон буд ва аз мулуки Аҷам буд” тарҷума шудааст. Мутарҷимони асар дар тарҷума бо мақсади ҷилавгирӣ аз такрори калимаву иборот аз муродифҳои дар забони он аҳд маъмули онҳо, ба мисли “малики одил”, “малики доддеҳ” истифода кардаанд.

Намунаи дувум:

“Ва ин аҳли суффа мардумоне буданд ба Макка андар. Чун Пайғомбар салла-л-лоҳи алайҳи ва саллам ислом ошкор кард ва амирулмуъминин Умар ибн-ул-Хаттоб биёмад ва мусалмон шуд,

[347] Забеҳуллоҳи Сафо. Насри форсӣ (аз оғоз то асри Низомулмулки Тӯсӣ). – Теҳрон, 1347//1969. - С. 174-175.

Пайғомбарро ва ёронро аз Доруннадуҳ (номи сарое дар Макка) ба масҷиди Каъба бурд ва он ҷо намоз карданд ва мусулмонӣ ошкор шуд. Пас аз он Пайғомбар ва ёрон намоз ба масҷид кардандӣ".[348]

Аз матолиби бозмондаи китоби **"Тафсири Қуръони пок"** ё **"Тафсири пок"**, ки тақрибан дар асри VIII милодӣ таълиф шуда, мутаассифона, танҳо қисмати каме аз он то ба имрӯз боқӣ мондааст, ҳамин содагию шевоии гуфтор ва истифодаи луғоту таркибҳои асили форсии дарӣ ва доираи корбурди кам аз истилоҳоти арабӣ ба мушоҳида мерасад. Барои намуна порчаи зеринро аз ин ин тафсир манзур мекунем:

"Ва қиссаи (Ҳорут ва Морут – Э.Р.) " инчунон аст, ки …, вақте фариштагони осмон ба замин нигаристанд, аз аҳли замин маъсияту фасодҳо бидиданд, гуфтанд: "Ё раб, на мо гуфта будем…, ки дар замин боз халқоне офаринӣ, ки эшон гуноҳон кунанд ва табоҳиҳо кунанд". Худованд ба фариштагон ваҳй карду гуфт: "Бингаред, то андар осмонҳо, аз шумо фариштагон кист хештандортар ва порсотар, сад фариштa бигзинед". Ва пас гуфт: "Навад фариштa бигзинед". Ва пас гуфт: "Ҳаштод". Ҳамчунин то гуфт: "Аз ҷумлаи эшон то се танро ихтиёр кунед ва ман ҳамон шаҳватро, ки андар фарзандони Одам ниҳодаам, андар ин фариштагон бинҳам ва пас эшонро ба замин фиристам. Агар эшон худро аз гуноҳон нигоҳ доранд ва нигоҳ тавонанд доштан, он гоҳ шуморо расад (яъне, он гоҳ метавонед) бар фарзандони Одам дароззабонӣ кунед".[349]

Дар ин тафсир луғоту иборoти форсӣ, чун **Худо**, **худованд**, **фариштa** (малак), **фариштагон** (малоик), **осмон**, **офариниш**, **биҳишт**, **намоз**, **намози бомдод**, **намози дигар**, **вақти офтоб баромадан**, **вақти намози бомдод** ва ғ. доираи истифодаи васеъ доранд.

Ҳамчунин дигар тарҷумаҳои Қуръону ҳадисҳои набавӣ, аз ҷумла "Тафсири Қуръон" ва осори дигари таърихию илмию ахлоқӣ, аз қабили "Донишнома"-и Майсарӣ, "Ҳудуд-ул-олам", "Рисолаи истихроҷ" ва "Шуморнома"-и Муҳаммад Айюби

[348] Ҳамин китоб. - С. 170.

[349] Забеҳуллоҳи Сафо. Насри форсӣ (аз оғоз то асри Низомулмулки Тӯсӣ). – Теҳрон, 1347//1969. - С. 192-193.

Табарӣ, “Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ-т-тибб”-и Абубакри Ахавайнии Бухороӣ, “Таърихи Систон”, “Китоб-ул-абния”-и Муваффақи Ҳиравӣ, “Синдбоднома” ва ғайраро метавон номбар кард, ки бо забони содаю равони дур аз такаллуфу печидагуфторӣ таълиф ва ё аз забонҳои арабӣ ё форсии миёна тарҷума гардидаанд.

§ 3. Замина ва омилҳои ташаккули забони адабӣ. Тавре ки медонем, пас аз истилои араб ва ташаккули тамаддуни исломӣ забони арабӣ дар саросари қаламрави хилофат, аз ҷумла дар Хуросону Мовароуннаҳр забони расмии давлатдорӣ ва илму адаб гардид. Гузашта аз ин дар он рӯзгор дар Шарқи Наздику Миёна вазифаи забони байналмилалиро ба дӯш гирифт, чунон ки дар Аврупои асрҳои миёна ҳамчунин мақомеро забони лотинӣ соҳиб буд.

Адибону донишмандони маъруфи эронинажод: Ибни Муқаффаъ (721-753), Муҳаммад ибни Мусои Хоразмӣ (780-847), Абумаъшари Балхӣ (наздики 786-886), Аҳмад ибни Муҳаммади Фарғонӣ (асри IX), Ибни Хурдодбеҳ (820-912), Истахрӣ (асри X), Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ (838-923), Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (865-925), Ҳамзаи Исфаҳонӣ (893-970), Саолибӣ (961-1038) ва садҳо донишмандони дигар осори илмиву адабии худро ба забони арабӣ таълиф намудаанд.

Саолибӣ дар «Ятимату-д-даҳр» аз 119 шоири арабизабон, ки дар Хуросону Мовароуннаҳр зиндагӣ мекарданд, ёдовар шуда, аз ашъорашон намуна овардааст.[350]

Ҷолиб он аст, ки бештари ҳамин шоирони зикрнамудаи Саолибӣ аз табақаи болоии ҷомеаи Хуросону Мовароуннаҳр будаанд (аз ҷумла, 4 амир, 8 вазир, 28 котиб, 31 ҳаким ё олим ва ғ.). Аммо дар ҳамон айём низ забони арабӣ аксаран барои табақаҳои поёнии ҷомеа, барои мардумони одӣ забони номафҳуме буд, ки мардум аз он ба ғайр аз чанд фаризаи зарурии дини ислом дигар чизе намедонистанд. Ҳамин аст, ки Абубакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» ёдовар мешавад: Қутайба ибни Муслим дар Бухоро «ҳар одина мунодӣ фармудӣ: ҳар ки ба намози одина ҳозир шавад, ду дирам бидҳам. Ва мардумони Бухоро ба аввали ислом дар

[350] Бертельс Е.Э. История литературы и культуры Ирана. - М: Наука, 1988. - С. 389.

намоз Қуръон ба порсӣ хондандӣ ва арабӣ натавонистандӣ омӯхтан» [351].

Ҳамчунин Наршахӣ таъкид менамояд, ки Қутайба «аҳли Бухороро фармуд, як нима аз хонаҳои хеш ба араб доданд, то араб ба эшон бошанд ва аз аҳволи эшон бохабар бошанд...».[352]

Эҳтимоли қавӣ меравад, ки ин иқдоми Қутайба ибни Муслим на фақат ба манзури омӯзонидани шариати ислом, балки ҳамчунин ба мақсади густариши забони арабӣ низ буд. Вале мардумони Хуросону Мовароуннаҳр баъди ислом овардан ва ба сафи мусулмонон пайвастан, ҳарчанд мардуми ғозӣ шуда, дар истилои минбаъдаи исломӣ фаъолона ширкат ҷустанд, боз ҳам зери бори омӯзишу пазириши забони бегона нарафтанд ва тамоман аз забони модарии худ ҷудо нашуданд.

Истилои араб ба ҳеч вақҳ натавонист истиқлоли забонии аҳли Хуросону Мовароуннаҳрро комилан аз байн бибарад. Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар ин сарзамин бо забони арабӣ пайваста рақобат намуда, дар мақоми худ пойдору устувор монд.

Ин забон на танҳо дар баробари забони ғолибу ҳокими арабӣ устувору побарҷой монд, балки тадриҷан аз забони дорои таронаҳои парокандаи мардумӣ, аз қабили таронаҳои дар боло ёдшудаи мардуми Балху Бухоро, суруди оташкадаи Каркӯйи Систон ва ғайра боло рафта, ба забони шеъру адаб мубаддал гардид ва дар рӯзгори ҳукмронии сарсилсилаи Саффориён Яъқуб ибни Лайс (873-879) сурудани шеъри китобӣ ба ин забон расмият пайдо кард.

Тадриҷан бо ташкилу барқарории давлатҳои маҳаллии хонадонҳои эронинажоди Тоҳирию Саффорӣ, Сомониву Чағонӣ, Фариғавниву Хоразмшоҳӣ ва Зиёриву Бувайҳӣ забони форсии дарӣ бештар рушду тавсеа ёфт. Ба хусус замони салтанати Сомониён (875-999) пурбортарин давраи наҳзату шукуфоии забони форсии дарӣ маҳсуб мегардад.

Амирони фозили сомонӣ, ки ҳувияти баланди миллӣ доштанд ва нажоди худро ба подшоҳони Эрони бостон

[351] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Тарҷумаи Абунаср Аҳмад ибни Муҳаммади Насри Қубовӣ. Талхиси Муҳаммад ибни Зуфар ибни Умар. Тасҳеҳу таҳшияи Мударриси Разавӣ. - Теҳрон, 1351//1973. - С. 67.
[352] Ҳамин китоб. - С. 66.

мепайвастанд, зердастони худро пайваста ба форсинависӣ ҳидоят мекарданд, ки баъзе намунаҳои ин осорро мо дар боло ёдовар шудем. Ин ҳидоят дар муқаддимаи «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», ки дар боло зикри он гузашт, ба хубӣ мушоҳида мешавад: «ва ин китоб тафсири бузург аст аз ривояти Муҳаммад ибни Ҷарир ат-Табарӣ раҳматуллоҳи алайҳ, тарҷумакарда ба забони порсии дарии роҳи рост. Ва ин китобро биёварданд аз Бағдод чиҳил мусҳаф буд. Ин китоб набишта ба забони тозӣ ва ба аснодҳои дароз буд ва биёварданд сӯйи амири сайиди музаффар Абусолеҳи Мансур ибни Нуҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил раҳматуллоҳи алайҳим аҷмаин. Пас душхор омад бар вай хондани ин китоб ва иборат кардани он ба забони тозӣ ва чунон хост, ки мар инро тарҷума кунанд ба забони порсӣ. Пас уламои Моваруннаҳрро гирд кард ва ин аз эшон фатво кард, ки: «Раво бошад, ки мо ин китобро ба забони порсӣ гардонем?» Гуфтанд: «Раво бошад хондану набиштани тафсири Куръон ба порсӣ мар он касро, ки ӯ тозӣ надонад аз қавли Худои азза ва ҷалла, ки ӯ гуфт: «Мо арсално мин расулин илло билисони қавмиҳ». Ман ҳеч пайғомбареро нафиристодам магар ба забони қавми ӯ, ба он забон-к эшон донистанд». Ва дигар он бувад, к-ин забони порсӣ аз қадим боз донистаанд, аз рӯзгори Одам то рӯзгори Исмоили пайғомбар ҳама пайғамбарон аз мулукони рӯйи замин ба порсӣ сухан гуфтандӣ... Ва ин ҷо бад-ин ноҳият забон порсӣ аст ва мулукони инҷониб мулуки Аҷаманд».[353]

Ҳадаф аз овардани ин иқтибоси нисбатан тӯлонӣ, таъкиди се матлаб аст, ки дар он баён шудааст:

Якум, номи забони тоҷикӣ, «форсии дарии роҳи рост» ифода гардидааст, ки ин ном танҳо хоси ҳамин асар буда, дар дигар осори қабливу баъдӣ ба мушоҳида намерасад ва мурод аз истифодаи он забони содаву ҳамафаҳми тоҷикии аҳди Сомонист;

Дуюм, бо дастури амири сомонӣ ва фатвои уламои Моваруннаҳр ба забони тоҷикӣ тарҷума шудани тафсири Қуръон далели возеҳи дараҷаи манзалату эътибори ин забон дар олами исломи он рӯзгор будааст;

[353] Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҳабиби Яғмоӣ. - Теҳрон, 1339//1961. - С. 5.

Матлаби севум ва аз ҳама муҳимтар ин аст, ки қадима будани ин забон таъйид шуда («к-ин забони порсӣ аз қадим боз донистаанд»), дар иқтибоси мазкур аз замони қадим забони тоҷикӣ будани забони аҳли Мовароуннаҳр таъкид шудааст («Ва ин ҷо бад-ин ноҳият (яъне, Моваруннаҳр) забон порсӣ аст»).

Ҳамчунин бо хоҳишу дархости амирони сомонӣ осори панду ахлоқӣ аз забонҳои арабӣ ва форсии миёна ба тоҷикӣ тарҷума шудааст, ки «Калила ва Димна» яке аз онҳост.

Асли **«Калила ва Димна»** ба ҳиндӣ «Панчатантра» дар панҷ боб буда, Бурзӯяи Марвазӣ бо дархости Анӯшервон онро ба форсии миёна ё паҳлавӣ тарҷума кардааст. Дар рӯзгори шукӯҳи фарҳанги исломӣ Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ ин асарро аз форсии миёна ба арабӣ тарҷума намуда, «Калила ва Димна» ном ниҳод.

Дар рӯзгори давлатдории Сомониён устод Рӯдакӣ бо хоҳиши вазири донишманди Наср ибни Аҳмади Сомонӣ Абулфазли Балъамӣ тарҷумаи манзуми ин асарро ба забони тоҷикӣ анҷом дод, ки Абулқосими Фирдавсӣ ин матлабро дар «Шоҳнома» чунин ба қалам овардааст:

Ба тозӣ ҳамебуд то гоҳи Наср,
Бад-он гаҳ ки шуд дар ҷаҳон шоҳ Наср.
Гаронмоя Булфазл – дастури ӯй,
Ки андар сухан буд ганҷури ӯй.
Бифармуд, то порсии дарӣ
Бигуфтанду кутоҳ шуд довари...
Ҳамехостӣ ошкору ниҳон,
К-аз ӯ ёдгорӣ бувад дар ҷаҳон.
Гузорандаро пеш биншонданд,
Ҳаме нома бар Рӯдакӣ хонданд.
Бипайваст гӯё парокандаро,
Бисуфт инчунин дурри огандаро.

Вале, мутаассифона, аз тарҷумаи манзуми ин асари гаронбаҳо фақат чандин байт, аз ҷумла байтҳои зерин то ба мо расидааст, ки бархе муҳаққиқон ин байтҳоро ҳамчунин тарҷума аз бахши муқаддимаи китоби Ибни Муқаффаъ «ал-Адабу-л-кабир» донистаанд:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз рози дониш бениёз.

Мардумони бихрад андар ҳар замон,
Рози донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бар бар тани ту ҷавшан аст.

Дар он айём бо ҳидояти амирони сомонӣ ҳамчунин осори дигари форсии миёна (эҳтимолан ҳам паҳлавии ашконӣ ва ҳам паҳлавии сосонӣ) ба забони тоҷикӣ баргардон шудааст, ки намунаи барҷастаи он **«Синдбоднома»** мебошад.

Муаллифи «Муҷмал-ут-таворих» «Китоби Синдбод»-ро дар шумори ҳафтод китобе ном мебарад, ки «дар рӯзгори Ашкониён сохтанд».[354] Ба ин далел эҳтимол меравад, ки асли ин китоб ба забони портӣ ё паҳлавии ашконӣ буда, аз ин забон мустақиман ба тоҷикӣ баргардон шудааст. Зоҳиран нусхаи асли ин китоб ва тарҷумаи он аз миён рафта, то ба рӯзгори мо нарасидааст.

Заҳирии Самарқандӣ, ки дар санаи 1161 таҳрири дубораи тарҷумаи ин китобро анҷом додааст, дар муқаддимаи «Синдбоднома» дар хусуси таърихи тарҷумаи вай чунин ишора дорад: «Бибояд донист, ки ин китоб ба луғати паҳлавӣ будааст… Амири одил Нуҳ ибни Мансур фармон дод Хоҷа Амид Абулфавориси Фанорӯзиро, то ба забони порсӣ тарҷума кунад ва тафовуту ихтилоле, ки бад-ӯ роҳ ёфта бувад, бардорад ва дурусту рост кунад. Ва ба таърихи санаи 339 Хоҷа Амид Абулфаворис ранҷ баргирифт ва хотир дар ин кор оварда ва ин китобро ба луғати дарӣ пардохт».[355]

Чунон ки мебинем, Абулфавориси Фанорӯзӣ дар соли 950 китоби «Синдбоднома»-ро бо дастури амири сомонӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Аммо бояд афзуд, ки бо фармони Нуҳ ибни Мансур тарҷума шудани ин асар ба ҳақиқати таърих мухолифат дорад, зеро рӯзгори давлатдории Нуҳ ибни Мансур ба солҳои 976-997 рост меояд. Агар тарҷумаи ин асар дар ҳақиқат соли 950 анҷом пазируфта бошад, пас «Синдбоднома» на ба фармони

[354] Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ. - Теҳрон, 1373//1995, ҷ. 1. - С. 108.
[355] Китоби Ҳаким Синдбод. Аз рӯи «Синдбоднома»-и Заҳирӣ. Таҳрири Ҷ. Азизқулов. - Душанбе, 1971. - С. 237.

Нуҳ ибни Мансур, балки бо амри Нуҳ ибни Наср (943-954) ба тоҷикӣ (форсии дарӣ) баргардон шудааст.

Маълум аст, ки забони осори илмию адабии давраи аввал дар ниҳояти содагию равонӣ буд ва дар давраи дуюм нисбатан насри пурҳашву пуртакаллуф ҷойгузини он гардид. Шояд ба ҳамин хотир Заҳирии Самарқандӣ, ки худаш намояндаи мусаннифони давраи дуюм аст, сабаби ба таҳрири ин асар иқдом намудани худро чунин шарҳ додааст, ки дар тарҷумаи Абулфавориси Фанорӯзӣ «иборат азим нозил буд ва аз тазайюн ва таҷаллӣ орӣ ва отил…».[356] Воқеан аз ин суханони Заҳирӣ хусусияти аз такаллуфу нуктапардозӣ орӣ будани насри, ба истилоҳ, давраи аввал ба мушоҳида мерасад.

Донишманди маъруфи Эрон Муҳаммади Муин дар таълифи китобҳо ба забони форсӣ ду сабаби зеринро таъкид кардааст:

1. Оммаи мардум ва ҳатто табақаи миёна аз забони арабӣ, ҷуз он ки марбут ба фароизи динӣ буд, чизе намедонистанд, бинобар ин китобе, ки барои истифодаи ин табақот навишта мешавад, ногузир мебоист ба забони модарии онон таълиф гардад.

2. Бештари шоҳон ва амирони эронӣ аз забони арабӣ огаҳии кофӣ надоштанд ва муаллифону мусаннифон ногузир буданд, ки осори худро ба форсӣ нависанд.[357]

Албатта, дар мавриди он ки оммаи мардум ва табақаи мутавассити ҷомеа аз забони арабӣ бебаҳра буданд, ҷойи шаке нест ва дар боло низ ба ин маънӣ ишораҳо рафт. Вале ақидае, ки алоқаи амирону ҳокимони хонадонҳои эронинажод назири Сомониёну Хоразмшоҳиён ва Фариғавниёну Бувайҳиён ба забони модарии хеш гӯё аз надонистани забони арабӣ будааст, асосӣ нест. Ба назари мо ин ақида аз рӯйи меҳру муҳаббати фаровон ба мардум ва посдориву гиромидошти забони модарии худ маншаъ мегирад.

Дар хусуси даврабандӣ ва марҳилаҳои рушди забони модарии мо бояд гуфт, ки донишманди маъруф Муҳаммадтақии Баҳор насри форсиро аз назари сабк ва шеваи нигориш дар

[356] Китоби Ҳаким Синдбод. Аз рӯи «Синдбоднома»-и Заҳирӣ. Таҳрири Ҷ. Азизқулов. - Душанбе, 1971. - С. 238.

[357] Муҳаммади Муин. Луғоти форсии Ибни Сино ва таъсири онҳо дар адабиёт // Маҷаллаи донишкадаи адабиёт. - Теҳрон, 1332//1954, шум. 2. соли 3. - С. 3.

маҷмӯъ ба шаш давра тақсим кардааст, ки чор давраи аввали он барои ҳар се гунаи ин забон – тоҷикӣ, дарии Афғонистон ва форсии Эрон муштараканд. Ин донишманд давраи аввалро давраи сомонӣ (солҳои 910-1060) ба қалам овардааст. Хусусияти хоси ин давра, ба андешаи вай, чунин аст: «давраи насри содаву муҷаз, ки ҳадди истифодаи калимоти форсӣ бештар аз калимоти арабӣ буд».[358]

Давраҳои минбаъда мутобиқи таснифи ӯ ба шарҳи зер даврабандӣ шудаанд: давраи ғазнавӣ ва салҷуқии аввал (солҳои 1060-1110); давраи салҷуқии дувум ва хоразмшоҳиён – давраи насри фаннӣ (солҳои 1110-1160); давраи сабки ироқӣ ва насри санъатӣ (солҳои 1160-1710); давраи бозгашти адабӣ (солҳои 1710-1810) ва давраи соданависӣ (аз соли 1810 то ба имрӯз).

Вале ба назар чунин мерасад, ки давраи аввал, яъне нигориши осори хаттӣ ба ин забон собиқаи ҳадди ақал ду аср пештар аз ин таърих дорад. Эҳтимол меравад, ки хеле пештар аз асри Х низ китобҳои илмию ғайриилмии дигаре ба забони тоҷикӣ таълифу тадвин ва ё аз забонҳои дигар тарҷума шудаанд, ҳарчанд имрӯз ин китобҳо дастраси мо нестанд. Абурайҳони Берунӣ аз китобҳои форсие дар илми нуҷум ва рисолаи тоҷикӣ (форсӣ) дар бораи сангҳои қиматбаҳо ва ҷисмҳои маъданӣ, ки навиштаи Наср ибни Яъқуби Динаварии Котиб аст, ёдовар шудааст.[359] Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» ҳангоми тавсифи бархе масоили ҷуғрофия аз мавҷудияти «кутуби ахбор» дар ин замина ёд мекунад, ки бе ҳеҷ шак, ба ин забон таълиф гардида, маводи он осор ҳангоми таснифи ин китоб мавриди истифодаи муаллиф қарор гирифтааст.

§ 4. Забони илм ва ташаккули истилоҳот. Масъалаи ташаккули забони илм ва истилоҳот имрӯз дар ҷомеаи мо беш аз пеш аҳамият пайдо мекунад, зеро дар раванди имрӯзаи ҷаҳонишавӣ ва сели хурӯшони ҳаводиси рӯзгори пурошӯби мо танҳо забони тавонманд ва ҷавобгӯйи ниёзҳои илм ва фановарии муосир бо имконот ва собиқаю салиқаи худ метавонад дар баробари ин раванду ҳаводис устувору побарҷо монад. Баръакс, забоне, ки ҳамқадами замон нест ва соҳибону

[358] Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ.- Теҳрон, ҷ. 1,1373//1995.-С.15-16.

[359] Бируни Абу Райхан. Собрание сведений для познания драгоценностей (Минералогия). Перевод А.М. Беленицкого. - М., 1963. - С. 33.

алоқамандони ин забон барои рушду густариши он дар заминаҳои мухталифи илму фан аз худ кору пайкори ҷиддии мондагор нишон намедиҳанд, маҳкум ба нобудист ва ногузир аз байн хоҳад рафт.

Умедворем, ки забони модарии мо бо собиқаи ҳазорсолаи илмии худ ва саъю кӯшиши пайвастаи донишмандону алоқамандони дӯстдори он аз ин имтиҳоноти ҷиддӣ низ сарбаландона мегузарад.

Дар масоили мухталифи ташаккули забони илм ва истилоҳоти тоҷикӣ аз оғози пайдоиш то ба имрӯз аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик Муҳаммадҷони Шакурӣ, Додихудои Саймиддин, Сайфиддин Назарзода, Мирзо Ҳасани Султон, Саидраҳмон Сулаймонов, Азим Байзоев ва дигарон таҳқиқоти арзишманд сурат гирифтааст.[360] Аммо, ба андешаи мо, муҳим аст, ки доманаи таҳқиқи илмӣ дар ин ҷода густурдатар гардад ва ҷанбаҳои норавшани ин масоил ва шеваю равишҳои истилоҳсозӣ ва истилоҳнигории тоҷикӣ ба таври мушаххас таъину таъйид гардад. Таҳқиқоти ҷиддӣ дар ин замина ва дар амал татбиқ кардани натиҷаи чунин таҳқиқот ба рушду густариши забони илм дар даврони кунунии пуртазод, вале дар айни замон сарнавиштсози рӯзгори истиқлолияти миллӣ ба хубӣ мусоидат хоҳад кард.

Ташаккули забони илм ва танзими истилоҳот ҳам ба монанди забони адабӣ дар забони модарии мо аз оғоз то ба имрӯз тақрибан шаш давра ё марҳиларо фаро мегирад. Вале бояд зикр кард, ки раванди ташаккули забони илм ва истилоҳоти илмӣ дар ҳамаи ин давраҳо яксон набуда, балки он бештар ба зуҳури шахсиятҳои илмиву фарҳангӣ, мисли Абурайҳони Берунӣ, Абуалии Сино, Носири Хусрав, Насириддини Тӯсӣ ва

[360] Муфасал ниг.: М. Шукуров. Истилоҳот ва забони миллӣ // Садои Шарқ, 1994, №2. - С.3-19; Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. – Душанбе, 2001; Назарзода С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот). - Душанбе, 2003; Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: Таърих, гароиш ва дурнамо. – Душанбе, 2013; Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. - Душанбе, 2008; Мирзо Хасан Султон. Язык науки и терминология. - Душанбе, 2011; Сулаймонов С. Формирование терминологии таджикской философии (на материале «Донишнома» Ибн Сины). - Душанбе, 1997.

чанде дигарон алоқамандӣ доштааст.[361] Раванди мазкурро шартан метавон аз ин давраҳо иборат донист:

Давраи аввал – давраи поягузории истилоҳоти илмӣ ба забони тоҷикӣ, ки аз замони таълифи қадимтарин осори илмии форсӣ шурӯъ гардида, то ибтидои ҳукумати Салҷуқиён (1040-1190) идома ёфт. Азбаски бештари осори куҳантарини илмии форсӣ дар рӯзгори давлати Сомониён ва ё бо дархосту ҳидояти амирону зердастони ин хонавода таълифу тадвин шудаанд, ин давраро метавон давраи сомонӣ номбар кард. Ҳамин давраи аввал воқеан пурбортарин марҳила дар таърихи ташаккули истилоҳоти илмӣ ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) маҳсуб мегардад.

Давраи дуюм – давраи нуфуз ва корбурди истилоҳоти илмии арабӣ дар забони тоҷикӣ мебошад, ки аз зуҳури ҳукмронии Салҷуқиён дар саҳнаи таърих, яъне аз нимаи аввали асри XI ибтидо гирифта, то нимаи дуюми асри XII давом кард.

Давраи савум – давраи сукути дубораи чандсадсола аст, ки аз тохтутози муғул оғоз шуда, то асри XIX, яъне то замони ба сиёсатҳои нави ҷаҳонӣ кашида шудан ва ба илмҳои ҷадид ошноӣ пайдо кардани мардуми форсизабон идома ёфт.

Давраи чорум – давраи ошно шудани мардуми форсизабон бо илмҳои ҷадид ва истилоҳоти нави илмӣ буда, дар қаламрави фарорӯдии забони тоҷикӣ аз охири асри XIX то ибтидои солҳои 30-юми асри XX давом намуд.

Лозим ба ёдоварист, ки пас аз Инқилоби Октябр ва барқарор шудани Ҳукумати Шӯравӣ робитаҳои фарҳангиву забонӣ бо кишварҳои ҳамзабони Эрону Афғонистон нисбатан қатъ гардида, истилоҳсозии забони тоҷикӣ ва форсии Эрону Афғонистон бо тарзу усули ҷудогона ҷараён пайдо кард.

Давраи панҷум ва ё давраи шӯравӣ – давраи вуруди истилоҳоти зиёди русӣ ва дигар истилоҳоти «байналхалқӣ» ё тарҷумаи қарзии таҳтуллафзи дурушту дағали ин истилоҳот ба забони тоҷикист, ки аз солҳои 30-юми садаи XX шурӯъ гардида, то ибтидои солҳои 90-и ҳамин сада давом кард.

Давраи шашум – давраи бозгашт ба усулҳои илмии суннатии истилоҳсозиву истилоҳгузинӣ ва раҳёфт ба дастоварда-

[361] Нигаред.: Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - С 36-37.

ҳои ҳамзабонон дар ин ҷода аст, ки аз нимаи дувуми солҳои 80-уми асри XX номуташаккилона оғоз шуда, бо қабули Қонуни забон (1989), таъсиси дубораи Кумитаи истилоҳоти Тоҷикистон (12 сентябри 1990) ва қабули эъломияи истиқлоли сиёсии кишвар (9 сентябри 1991) то андозае танзими қонунӣ пайдо кард ва то имрӯз идома дорад.

Бояд хотирнишон кард, ки забону истилоҳоти илмии давраи аввал, чунон ки дар фаслҳои минбаъда аз намунаҳои осори ин давра ба мушоҳида хоҳад расид, аксаран забони содаву равон ва истилоҳоти зебову хушсохт буда, то кунун заминаи асосии забону истилоҳоти илмии моро ташкил медиҳанд.

Пеши ҳамагон маълум аст, ки афкору андешаи нави илмӣ нахуст ба шакли истилоҳ ифода меёбад, ки тадриҷан боиси ғаномандиву дороиафзоии забони илм мегардад. Дар баробари ин раванди ташаккулу такомули истилоҳоти илмӣ дар таълифоти илмиву ғайриилмӣ хубтар ба назар мерасад.

Дар рушду нумӯи илм, истилоҳоти илмӣ ва нигоришоти илмии тоҷикӣ низ, ба андешаи аксари муҳаққиқон, ду омили зерин нақши бештар ва муассиртар доранд:

Омили аввали ташаккули истилоҳоти илмӣ ва таълифи нахустин осори илмии тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ), бешубҳа, эҳтиёҷу ниёзмандии худи мардум аст. Яъне, чунон ки пештар гуфтем, баъди истилои араб ва густариши дини мубини ислом дар байни аҳолӣ гурӯҳ ва табақаҳое буданд, ки онҳо аз забони арабӣ огаҳии комил надоштанд. Аз ҳамин хотир майлу хоҳиши ин гурӯҳу табақаҳои аҳолӣ ҳамин буд, ки аз китобҳое, ки ба забони модарӣ таълифу тадвин шудаанд, илму дониш омӯзанд.

Аз тарафи дигар, эътиқоди мардум ба саъду наҳси ситораву сайёра ва таъсири гардишу ҳаракати ситорагону сайёрагон дар кору зиндагии онон, майлу рағбати донистани чигунагии Замину дарозову паҳнои он, анвои бемориву дармону табобат ва ғайра барои ташаккули забони илм ва дар заминаи он таълифу тадвин кардани осори илмӣ замина фароҳам овард.[362]

Дар натиҷа ниёгони мо бо таҳқиқу истифода аз осори форсиёни қадим ва юнониёну ҳиндувон дар илмҳои шумору

[362] Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - С. 38.

ҳандаса, нуҷуму аҳкоми нуҷум, фалсафаву ҷуғрофия ва илми тиб сару сомони тоза бахшиданд ва дар ин бахшҳои илм таҳқиқоти пуразриш ва шоистаи таҳсин анҷом доданд.

Аз ҷумла, Аҳмади Ахавайнии Бухорӣ «Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ-т-тибб»-ро, ки асари ҷомеи тиббист, дар заминаи омӯзиши осори пешиниёни илми тиб (Буқрот, Ҷолинус, Ҳунайн ибни Исҳоқ, Исо ибни Сиҳорбухт, Собит ибни Қурра, Ибни Саробиюн, Муҳаммад ибни Закариё…) ва дар маҳаки амалу таҷриба санҷидани андешаву ақидаҳои онҳо дар давраи тӯлонии тақрибан сисолаи табобати беморон таълиф карда, ба ин маънӣ дар китобаш чунин ишора дорад: «… ва ҳар-ч ин ҷо ёд мекунам, он аст, ки озмудаи ман аст. Ва аммо он-ч маро бар вай таҷрубат нест, ёд накунам».[363]

Омили дигари ташаккули забони илм ва таълифу тадвини осори илмии тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ), чунон ки дар боло ёдовар шудем, ташвиқу ҳидоят ва сиёсати фарҳангпарваронаи амирону ҳокимони он аҳд буд. Сабаби таълифи «Донишномаи Алоӣ»-и Абуалии Синоро яке аз муосиронаш Шаҳмардон ибни Абулхайр дар «Нузҳатномаи Алоӣ»-и худ чунин овардааст: «Ва шунудам, ки худованди мозӣ Алоуддавла… Хоҷаи раис Буалӣ Синоро гуфт: «Агар улуми авоил ба иборати порсӣ будӣ, ман тавонистаме донистан». Ва бад-ин сабаб ба ҳукми фармон «Донишномаи Алоӣ» сохт».[364]

Худи Абуалии Сино низ ин матлабро дар муқаддимаи «Донишномаи Алоӣ» таъйид кардааст: «Фармони бузурги худованди мо… Азududdини Алоуддавла… омад ба мани банда ва ходими даргоҳи вай, ки мар ходимони маҷлиси вайро китобе тасниф кунам ба порсии дарӣ, ки андар вай аслҳо ва нуктаҳои панҷ илм аз илмҳои ҳикмати пешинагон гирд оварам ба ғояти ихтисор...».[365]

Ё муаллифи «Китоб-ул-абния» Абумансури Муваффақ ибни Алии Ҳиравӣ ин асари тиббии худро ба поси эҳтироми донишмандиву адолатпарварии амири сомонӣ – Абусолеҳи

[363] Аҳмад Ахавайнии Бухорӣ. Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ-т-тибб. Бо эҳтимоми дуктур Ҷалоли Матинӣ. - Машҳад, 1344//1966. - С. 302.

[364] Маҷмӯаи мақолоти семинори «Забони форсӣ ва забони илм». - Теҳрон, 13721994. - С. 50.

[365] Абуалӣ Сино. Осори мунтахаб, ҷ. 1.- Душанбе, 1980. - С. 29.

Мансур ибни Нуҳ (961-976) барои хизонаи вай таълиф кардааст: «пас чун ман ин ҳар ду ҳунар (яъне адл ва илм) бо ин худованд ёфтам, маро андар ҳазрати олии вай ҳирсе зиёда гашт, то ин китоб таълиф кардам аз баҳри хизонаи ӯй».[366]

Ё ки Носири Хусрав китоби фалсафии «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-ро соли 1070 бо хоҳиши амири Бадахшон Абулмаолӣ Алӣ ибни Асад таълиф кардааст.

Чунон ки пештар гуфта шуд, таърихи таълифи куҳантарин осори илмии форсӣ, ки то замони мо расидааст, ба нимаи дуюми асри даҳи мелодӣ мувофиқ меояд. Вале муҳаққиқон далелҳои зиёдеро шоҳид овардаанд ва ҳамин далелҳо собит мекунанд, ки дар ин давра забони илмии тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) мавҷуд буда, барои ифодаи мафҳумҳои илмӣ имкони кофӣ доштааст. Муҳимтарини ин далелҳо ба шарҳи зер аст:

1. Шаҳодати донишмандони гузашта дар бобати мавҷуд будани осори илмӣ ба забони тоҷикӣ (дарӣ). Гуфтем, ки Абурайҳони Берунӣ дар асарҳои худ аз китобҳои тоҷикӣ (форсӣ) дар илми нуҷум, ҳамчунин аз рисолаи тоҷикӣ (форсӣ)-и Наср ибни Яъқуби Динаварии Котиб, ки дар бораи сангҳои қиматбаҳо ва ҷисмҳои маъданӣ навиштааст, ёд мекунад. Муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» ҳам аз мавҷудияти «кутубҳои ахбор» дар заминаи ҷуғрофия ёдовар мешавад, ки бешубҳа, ба забони тоҷикӣ (форсӣ) таълиф гардида, маводи онҳо ҳангоми таснифи «Ҳудуд-ул-олам» дастраси муаллиф будааст.

2. Шевоию расоии гуфтор ва пухтагии забони навиштори ҳамин осори илмӣ ва осори илмии баъдӣ аз собиқаи деринаи забони мо барои таълифи осори илмӣ ба ин забон шаҳодат медиҳад.

3. Муқоисаи калимаҳою истилоҳоти бархе аз ин асарҳо нишон медиҳад, ки ҳарчанд муаллифон аз асарҳои ҳамдигар бехабаранд, вале гоҳе истилоҳоти ягона ва ҳамгунро дар баёни матлаб истифода мекунанд, ки ин аз мавҷуд будани истилоҳоти илмӣ дар забон пештар аз таълифи ин осор гувоҳӣ медиҳад. Аз ҷумла, аз муқоисаи истилоҳоти фалсафии «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Абуяъқуби Сиҷистонӣ бо истилоҳоти «Донишномаи Алоӣ»-и

[366] Абумансури Ҳиравӣ. ал-Абния ан ҳақоиқи-л-адвия… Ба тасҳеҳи шодравон Аҳмади Баҳманёр. Ба кӯшиши Ҳусайни Маҳбубии Ардаконӣ. - Теҳрон, 1371//1993. - С. 2.

Абуалии Сино ва асарҳои дигар, ки пештар аз «Донишнома» таълиф ва ё аз арабӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудаанд, метавон ба чунин натиҷа расид, ки баъзе истилоҳоти фалсафии «Донишнома» пеш аз Ибни Сино сохта шуда, мавриди истифода қарор доштаанд.

4. Истифодаи баробар аз истилоҳоти дарию арабӣ, ки як маъниро ифода мекунанд, ҳангоми таълифи асари илмии тоҷикӣ далели он аст, ки истилоҳи он тарҷумаи истилоҳи арабӣ набуда, балки муодили он аст, ки то истилои арабҳо ва густариши забони арабӣ дар қаламрави забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) истифода мегардид.

Куҳантарин осори боқимондаи илмии форсии дарӣ, ки дар ташаккули забони илм ва танзими истилоҳоти тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) то ба имрӯз саҳми муносиб доранд, китобҳои зерин шинохта шудаанд:

1. **«Шуморнома»** дар байни осори боқимондаи илмии дарӣ шояд қадимтарин асари риёзӣ бошад, ки аз ҷониби Муҳаммад ибни Айюби Ҳосиби Табарӣ таълиф гардида, як давраи мукаммали арифметикаро дар бар мегирад. «Шуморнома» ба қавли соҳиби он «дар иборате мухтасар, ба фаҳм наздик» буда, дар ин китоб мафҳумҳои ҳар чор амали аслии арифметика (*ҷамъу тарҳ ва зарбу тақсим*), *адад, каср, ҷазр* (решаи квадратӣ), *каъб* (решаи кубӣ) бо мисолҳои мушаххас шарҳ дода шудаанд.

Аз назари муҳаққиқи эронӣ Тақии Биниш, ки китоби мазкурро тасҳеҳ карда, ба чоп расонидааст, баъзе аз вожагону истилоҳоти китоб сохтаи завқи муаллифи он аст ва ҷанбаи ихтироӣ дорад. Масалан, «задан» ба маънии «амали зарб» ва «рафтан» ба ҷойи «тафриқ (тақсим)» ва «ниҳодан» дар баробари «навиштан» кори худи Муҳаммад ибни Айюб аст[367].

Эҳтимолан феълҳои **задан** ба маънии амали **зарб** ва **ниҳодан** ба ҷойи **навиштан** дар он замон истилоҳоти маъмул будаанд, ки Абурайҳони Берунӣ дар «Китоб-ут-тафҳим» феъли **задан**ро борҳо ба маънии **зарб** ва **ниҳодан**ро ба маънии **навиштан** истифода кардааст.

Вале мусалламан таълифи чунин як асар бо истифодаи фаровон аз вожагону истилоҳоти мутадовили забони тоҷикӣ

[367] Абумансури Ҳиравӣ. ал-Абния ан ҳақоиқи-л-адвия… Ба тасҳеҳи шодравон Аҳмади Баҳманёр. Ба кӯшиши Ҳусайни Маҳбубии Ардаконӣ. - Теҳрон, 1371//1993. - С.8.

(форсии дарӣ)-и замони муаллиф хидмати шоистаи ӯ дар таърихи ташаккули забони илмии тоҷикӣ маҳсуб мешавад.

2. **«Ҳудуд-ул-олам»** низ дар радифи қадимтарин осори илмии тоҷикӣ қарор дошта, истилоҳоти фаровони ҷуғрофиро дар бар мегирад. Муаллифи ин асар то ба имрӯз шинохта нашудааст.

Номи пурраи китоб «Ҳудуд-ул-олам мин ал-машриқ ила-л-мағриб» буда, мавзӯи баҳси он масъалаҳои ҷуғрофияи умумист.

«Ҳудуд-ул-олам» тақрибан солҳои 982-983 таълиф гардида, ба амир Абулҳорис Муҳаммад ибни Аҳмад, аз силсилаи Фариғавниён, ки дар Гузгонон (қисмати шимоли Афғонистони кунунӣ) фармонраво буданд, бахшида шудааст.

Муаллиф барои ифодаи мафҳуми ҷуғрофия, ки мавзӯи баҳси китоб аст, истилоҳҳои «сифати замин» ва «ниҳоди замин»-ро истифода мебарад.

Забони нигориши асар низ чун осори дигари забони ин аҳд содаву равон аст.

Нигоранда матолиби мавриди назарашро кутоҳу муҷаз баён месозад: «Ва подшои Хуросон андар қадим ҷудо будӣ ва подшои Мовароуннаҳр ҷудо. Ва акнун ҳар ду якест. Ва мири Хуросон ба Бухоро нишинад в-аз Оли Сомон аст ва аз фарзандони Баҳроми Чӯбинанд ва эшонро малики Машриқ хонанд ва андар Хуросон ҳама умоли ӯ бошанд»[368].

Муаллиф дар таълифи ин асар аз вожагону истилоҳоти ҷуғрофии мутадовили замони худ ба мисли **шаҳр**, **шаҳрак**, **шаҳристон**, **кӯҳ**, **кӯҳак**, **рӯд**, **биёбон**, **дарё**, **дашт**, **деҳ**, **русто** ва амсоли ин фаровон истифода кардааст.

Агар муаллифи «Шуморнома» феълҳои **афзудану костан**ро ба сифати истилоҳи илми шумор (ҷамъу тарҳ) истифода намояд, муаллифи «Ҳудуд-ул-олам» ин феълҳоро ба сифати истилоҳи ҷуғрофии **мадду ҷазр** ба кор бурдааст: «фузудану костани обҳо андар рӯдҳо» ва ғайра.

3. Қасидаи Абулҳайсам намунаи беҳтарини фалсафаи манзум буда, аз он шаҳодат медиҳад, ки осори фалсафӣ то ба дараҷаи ифодаи шеърӣ расидааст. Соли таълифи ин қасида

[368] Ҳудуд-ул-олам мин ал-машриқ ила-л-мағриб. Ба кӯшиши Манучеҳри Ситуда. – Теҳрон, 1340//1962. – С.89.

маълум нест. Соҳиби қасида ҳаким Абулҳайсами Ҷурҷонӣ қасидаи мазкурро ба тариқи суол навишта, мақсад доштааст, ки ба ин суолҳои худ худаш бо назм ҷавоб гӯяд:

Суол кардам, қасдам аз ин тааннут нест,
Зи баҳри фоида овардам ин бузург нисор.
Ҷавоб хоҳам кардан ба назм агарна бувад,
Чунин ки ҳаст гирифта макони хурмо хор…
Миёни нутқу калому миёни қавл чӣ фарқ,
Ки порсӣ якею маънӣ андар ӯ анбор.

Вале марги бемаҳал ба Абулҳайсам имкон намедиҳад, ки ин қасидаро ҷавоб гӯяд. Баъди вафоти Абулҳайсам ба ин қасидаи вай нахуст шогирдаш Муҳаммад ибни Сурхи Нишопурӣ ва баъдан Носири Хусрави Қубодиёнӣ шарҳи муфассал навиштаанд. Матни қасида маҳз бо шарофати ҳамин ду шарҳ то замони мо расидааст.

Аксари истилоҳоте, ки дар қасида барои ифодаи мафоҳими фалсафӣ истифода шудаанд, истилоҳоти арабиасл мебошанд: *мудрик, идрок, бурҳон, азал, абад, истихбор, аввалият, кулл, ҷузъ* ва ғ.

Вале истилоҳоти асили тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) низ дар ин қасида кам нестанд: *тан, ҷон, равон, гавҳар, осмон, замин* ва ғ.

4. **«Кашф-ул-маҳҷуб»** намунаи дигари насри илмии фалсафии исмоилист, ки аз тарафи Абуяъқуби Сиҷистонӣ ба арабӣ таълиф гардида, баъдан аз ҷониби мутарҷими номаълум тарҷума шудааст. Забон ва услуби тарҷумаи асарро Жилбер Лазар ба асри XI мансуб медонад.

Дар ин китоб истилоҳоти зиёди форсии фалсафӣ, ба монанди **орамида** (сокин), **истода** (қойим), **бозгашт** (ричъат), **будан** (кавн), **падидкун** (холиқ), **ҷойгоҳ** (макон), **ҷустор** (фаҳс), **ҷунбиши гирд** (ҳаракати мудаввар), **чаройӣ** (иллат), **чигунагӣ** (кайфият), **чандӣ** (каммият), **чизӣ** (моҳият), **чиз** (шайъ), **чистӣ** (моҳият) ва ғ. истифода шудаанд, ки бахши муҳими истилоҳоти тоҷикии фалсафии ин даврро ташкил медиҳанд.

5. **«Донишнома»**-и ҳаким Майсарӣ тақрибан аз 5 ҳазор байт иборат аст ва чунон ки аз худи асар бармеояд, дар байни солҳои 978 ва 980-981 таълиф гардидааст.

Сабабу далелҳое, ки муаллиф дар бораи ба тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) навишта шудани асараш овардааст, ба суханони муаллифони дигари асрҳои X-XI шабоҳат доранд:

Чу бар пайвастанаш бар дил ниҳодам,
Фаровон ройҳо бар дил ниҳодам.
Ки чун гӯям-ш ман то дер монад,
Ва ҳар кас дониши ӯро бидонад.
Бигӯям тозӣ ар, на порсӣ нағз,
Зи ҳар дар мебигӯям мояи мағз.
Ва пас гуфтам, замини мост Эрон,
Ки беш аз мардумонаш порсидон.
В-агар тозӣ кунам, неку набошад,
Ки ҳар касро аз ӯ неру набошад.
Дарӣ гӯям-ш, то ҳар кас бидонад,
Ва ҳар кас бар забонаш бар бихонад.

Аксари истилоҳоти тиббии тоҷикие, ки дар ин асар омадаанд, ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳанд: **буновар** (думмал), **варзиш**, **дамо**, **дардманд**, **беҳбуд**, **гармгавҳар**, **шикастаустухон**, **тибнома**, **пурдард**, **шабгир**, **шабкӯрӣ**, **сурхраг**, **нохуна**, **раги ҷунбанда** ва ғ.

6. **«Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ тиб(б)»** аз қадимтарин навиштаҳои тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар илми тиб ба ин забон аст. Муаллифи китоб Абубакри Рабеъ ибни Аҳмади Аҳавайнӣ аз аҳли Бухоро буда, ин асарро ба манзури ёдгорӣ ба фарзанд ва манфиат ба мардум тақрибан дар байни солҳои 980-983 таълиф кардааст.

Забони таълифи асар хеле содаву равон буда, аз устодии муаллиф дар баёни матолиби илми тиб ба забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад.

Муаллифи китоб дар бисёр маврид номи дору, беморӣ ё узверо ҳам ба арабӣ, ҳам ба тоҷикӣ (форсӣ) ва гоҳе ба юнонӣ ё забони дигар меоварад, ки ҳамин шеваи ифодаро баъдтар Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ дар таълифоти худ мавриди истифода қарор додаанд. Масалан, Абубакри Рабеъ мегӯяд: «Чун ковокии даҳон ба охир расад, ба ду қисм шавад, яке аз пеши гулӯ ва ӯро ба тозӣ *ҳулқум* хонанд ва яке дигар аз пас [ба

сӯйи] қафо ва ӯро ба тозӣ *мариъ* хонанд ва ба порсӣ *сурха*...»[369], «яке гиё(ҳ) бувад, ӯро ба тозӣ *икриш* гӯянд ва ба юнонӣ *ақта* ва ба порсӣ *шӯркума*»[370], «*димоғ*, ки варо *мағзи сар* гӯянд, ҷисмест мураккаб»[371], «…яке *рӯдагонӣ* ояд номи вай *исноашарӣ*, аъне *дувоздаҳангуштӣ*. Ва аз баҳри он бад-ин ном хонандаш, ки дарозии ин рӯдагонӣ дувоздаҳ ангушт аст».[372]

Асари мазкур беҳтарин намунаи насри тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар илми тиб аст, ки ба таълифи осори тиббии баъдӣ, чун «Захираи Хоразмшоҳӣ» ва дигарон замина гузоштааст.

7. **«Китоб-ул-абния ан ҳақоиқ-ил-адвия»**. Нусхаи аслии то замони мо расидаи ин асар қадимтарин дастнависи форсӣ маҳсуб гардида, соли 1056 аз тарафи Алӣ ибни Аҳмади Асадии Тӯсии шоир китобат шудааст.

Муаллифи асар Муваффақиддин Абумансури Алии Ҳиравӣ шахси донишманде будааст, ки дар дарбори Сомониён китобҳои тиббии ҳакимони пешин ва олимону табибони муосири худро як-як омӯхта, ин китобро барои хазинаи амири сомонӣ – Абусолеҳи Мансур ибни Нуҳ (961-976) дар равияи хоси худ таълиф кардааст.

Ин китоб қадимтарин асари боқимондаи дорушиносӣ буда, гиёҳҳо ва давоҳои дигар дар он бо тартиби алифбои арабӣ оварда шудаанд. Муаллиф дар навишти номҳои гиёҳону давоҳо бештар калимаҳои арабӣ ё муарраброасл қарор додааст. Вале вожагону истилоҳоти асили илмии тоҷикие назири **бодовард**, **пист** (орда), **сӯзо, заҳистон, гувор, дергувор** (ғизои дергувор, бадҳазм), **беҳушӣ, дарди тиҳигоҳ, дарди гурдагоҳ, дандони хӯрда, захмгоҳ, боҳфизо, бандкушо, чашмторӣ** ва ғайра дар ин асар кам нестанд.

8. **«Рагшиносӣ»** ё **«Рисола дар набз»**-и Абуалии Сино ягона асари тиббии боқимондаи Шайхурраис аст, ки ба забони модарии муаллиф – забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) бо хоҳиши ҳокими Исфаҳон Азудуддини Алоуддавла (1007-1041) дар байни солҳои 1021-1037 таълиф шудааст.

---

[369] Аҳмади Ахавайнии Бухороӣ. Ҳидоят-ул-мутааллимин. Бо эҳтимоми дуктур Ҷамоли Матинӣ. Машҳад, 1344//1966. - С. 80-81.
[370] Ҳамин китоб. - С. 457.
[371] Ҳамин китоб. - С. 72.
[372] Ҳамин китоб. - С. 88.

Ибни Сино дар “Рагшиносӣ” ҳангоми баёни матлаб бештар аз истилоҳоти асили забони модарии хеш ва истилоҳоти дурага, ки аз таркибҳои тоҷикиву арабӣ иборатанд, истифода кардааст: **набзи дароз, набзи кутоҳ, набзи паҳн, набзи танг, набзи баланд, набзи афтода, набзи борик, набзи хурд, набзи дамодам, набзи гусиста, набзи гарм** ва ғайра.

9. **«Донишномаи Алоӣ»**-ро низ Абуалии Сино бо дархости ҳокими Исфаҳон Алоуддавлаи Кокуя навишта, ба ин хотир «Донишномаи Алоӣ» ном ниҳодааст. Соли таълифи китоб мушаххас нест. Муҳаққиқон таълифи онро байни солҳои 1023-1037 эҳтимол медиҳанд.

Дар «Донишномаи Алоӣ» масъалаҳои гуногуни фалсафаи асрҳои миёна, аз ҷумла **лафз, қазия, қиёс, бурҳон, ҷавҳар, араз, кайфият, каммият, ҳастӣ, ҳақиқат, модда, сурат, сабаб, мусаббаб, макон, замон, нафси наботӣ, нафси ҳайвонӣ** ва ғайра баррасӣ гардидааст.

Муаллиф дар баёни матлаб аз калимоту истилоҳоти зиёди забони модарии хеш истифода намудааст, ки ба андешаи муҳаққиқон бархе луғоту иборот мисли **истодагӣ ба худи худ, истода ба худ, ба хештан истодан, баҳрапазириш, бегусистагӣ, пайвандпазир, таркибпазир, ҷунбишпазир, ҷунбишдор, ҷунбиши рост, ҷунбиши гирд, писаргар, ҷиҳатгар, хонагар, дучандонӣ, илми зерин, илми барин, илми фарҳанг, куҷоӣ, кадомӣ, каййӣ, монандагӣ ҷустан, моягӣ, маъшуқмонӣ, ҳастидеҳ** сохтаи худи ӯ мебошанд.

Ибни Сино ба мисли мусаннифони дигари осори илмии ин давр кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар баробари истилоҳоти илмии арабии мутадовили он замон муодили тоҷикӣ (форсӣ) гузорад ва барои он ки хонанда аз асли матлаб ба хубӣ огаҳ гардад, истилоҳи тоҷикиро бештар ба сифати истилоҳи асосӣ оварда, аз истилоҳи арабӣ чун истилоҳи фаръӣ ёд мекунад: «**донистан** ду гуна аст: яке **андаррасидан**, ки ба тозӣ **тасаввур** хонанд... ва дувум **гаравидан**… ва инро ба тозӣ **тасдиқ** хонанд», «...яке **куҷоӣ**, ки ба тозӣ **айна** хонанд ва яке **каййӣ**, ки ба тозӣ **мато** хонанд ва яке **ниҳод**, ки ба тозӣ **вазъ** хонанд ва яке **дошт**, ки ба тозӣ **мулк** хонанд ва яке **куниш**, ки ба тозӣ **ан яфъал** гӯянд ва яке **бикунидан**, ки ба тозӣ **ан янфаъил** хонанд…» ва ғайра.

Асари дигари фалсафии Ибни Сино **«Меъроҷнома»** низ бо ҳамин сабки ёдшуда ҳангоми дар дарбори Алоуддавла хидмат кардани ӯ ба номи ҳамин ҳоким таълиф шудааст.

Шеваи хоси Ибни Сино дар вожасозӣ бештар дар муштақгирӣ аз феъл (андарёфтан: **андарёфт, андарёфта, андарёбӣ**; ҷунбидан: **ҷунбондан, ҷунбонидан, ҷунбанда, ҷунбонанда, ҷунбиш, ҷунбоӣ**) ва калимасозӣ бо пешванд ва пасванд (**бахуд, бегусистагӣ, буридангоҳ, писаргар, пайдогар, думӯягон**…) ба мушоҳида мерасад.

10. **«Китоб-ут-тафҳим»** ё «Китоб-ут-тафҳим ли авойили саноат-ит-танҷим»-и Абурайҳони Берунӣ дар соли 1029 бо дархости Райҳона ном як духтари навомӯзи хоразмии муқими Ғазна таълиф шудааст.

Мавзӯи баҳси китоб масоили умумии илмҳои ҳандаса (геометрия), шумор (арифметика), нуҷум (астрономия), истифодаи астурлоб (астролябия) ва аҳкоми нуҷум (астрология) аст. Муаллиф дар панҷ боб истилоҳоти марбут ба илмҳои дар боло ёдшударо дар 530 пурсишу посух шарҳ додааст.

Муаллифи асар дар баёни матлаби илмӣ аз вожагону истилоҳоти асили тоҷикӣ (форсӣ) фаровон истифода карда, ҳамчунин, ҳар ҷо ки зарур донистааст, бо завқу салиқаи баланде, ки хосаш буд, вожагону истилоҳоти нав сохтааст.

Муҳаққиқон шеваҳои асосии истилоҳсозию истилоҳгузинии Беруниро дар «Китоб-ут-тафҳим»[373] чунин муқаррар кардаанд:

1. Истифода аз вожагон ва истилоҳоти забони зиндаи замони муаллиф ба ҳамон мафҳуми вожа ё истилоҳи арабӣ: **Гов** (Савр), **Буз**, **Бузак, Бузғола** (Ҷадӣ), **Бара** (Ҳамал), **Харчанг** (Саратон), **Тарозу** (Мизон), **Каждум** (Ақраб), **Харгӯш** (Арнаб), **Тир** (Саҳм), **Парвин** (Сурайё), **Ҳафтавранг** (Банотуннаъш)…

2. Маънои истилоҳи илмӣ додан ба калимаҳои маъмули забони модарӣ: феъли **гаштан** ба маънии **инқилоб**, феълҳои **костану фузудан** ба маънии нуҷумии **нуқсон** ва **зиёдат**, калимаҳои **оташ** ва **сурхӣ** ба маънии **шиҳоб** ва ғайра.

3. Сохтани вожагону истилоҳоти нав: **ситораёб, астурлобгар, нокусуф, Ҷастани оҳувон, Дасти ҳинобаста,**

[373]Ниг.: Мирзо Ҳасани Султон. Истилоҳоти илмии «Китоб-ут-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ. - Душанбе, 2003.

Биёбони рӯбоҳ, Обрези далв, Пасравандаи Парвин, Бузургманиш ва ғайра.

4. Тарҷумаи таҳтуллафз ё озоди истилоҳоти арабӣ ё забонҳои дигар: **буридани нур** (қатъ ун-нур), **дарозтари ҳар ду хурд** (атвал ул-асғарайн) ва ғайра.

5. Иқтибос гирифтани вожагону истилоҳот аз забони арабӣ ва забонҳои дигар:

аз арабӣ: **воҳид, каъб, каср, ҷазр, ватар, мусаддас, мукааб, мадхал, махраҷ, марказ, махрут, маншур**…

аз юнонӣ (ба таври мустақим ё тавассути арабӣ): **афиҷиюн (апогей), африҷиюн** (перигей), **улимфиёс** (олимпиада), **уқёнус** (океан), **Луро** (Лира), **Қитус** (Кит) ...

аз ҳиндӣ: **дригон** (себаҳр), **ҷива** (синус), **ауга** (авҷ), **бҳукти, кофур, сандал, пилпил**…

аз ибрӣ: **фисҳ, ансара, киппур, ҳаннука, бурӣ, басито, иббур, ҳасорин**…

аз суриёнӣ: **кабисто** (кабиса), **таёмин, марҷон**…

Бояд таъкид кард, ки аз нигоҳи истилоҳот ва сабки нигориш «Китоб-ут-тафҳим»-и Берунӣ ва «Донишномаи Алоӣ»-и Ибни Сино дар миёни осори куҳани илмии тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) мақоми хос ва аз ин осор бартарии возеҳ доранд.

Дар бораи ин ду донишманд ва таълифи ин ду китоб ҳақ ба ҷониби доктор Муҳаммади Муин аст, ки мегӯяд: «Ибни Сино бо «Донишнома» ва Берунӣ бо «ат-Тафҳим»-и худ наҳзате дар Эрон падид оварданд, ки доманаи таъсири он то ба асри ҳозир кашида шудааст. Бо таълифи ин ду китоб фарҳанги луғати форсӣ ғанитар ва арҷмандтар гардид. Зеро ин ду донишманд аз луғате, ки мутадовил ва роиҷ буд ва низ, аз он чи дар бутуни кутуб мазбут буд, гулчин карда, дар ду асари ҷовидонии худ ба кор бурданд. Ва барои мафоҳиме низ, ки луғате дар тадовул ё дар кутуби пешиниён наёфта буданд, луғати роиҷро маҷозан ба маънои ҷадид истеъмол карданд. Дар сурати зарурат таркибот ва истилоҳоте аз муфрадоти порсӣ пардохтанд ва забони порсиро, то он ҷо ки дар он аҳд муяссар буд, шоистаи адои мафоҳими илмӣ карданд».[374]

[374] Муҳаммади Муин. Луғоти форсии Ибни Сино ва таъсири онҳо дар адабиёт // Маҷаллаи донишкадаи адабиёт. - Теҳрон, 1332//1954. Шум. 2.. - С. 6.

Дар асрҳои баъдӣ Носири Хусрави Қубодиёнӣ (1004-1072) дар таълифоти фалсафии худ, аз ҷумла дар **«Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»** ин роҳи пешгирифтаи Ибни Сино ва Беруниро идома додааст.

Ин асари фалсафии Носири Хусрав дар шакли рисолаи мухтасар ва нусхаи мукаммал то ба мо расидааст. Ин матлаб, ки онро худи муаллиф ба сурати рисолаи мухтасар даровардааст ё каси дигар, то кунун маълум нест.

Носири Хусрав сабаби таълифи китобро «гушоиши мушкилоти динӣ ва муъзилоти фалсафӣ» арзёбӣ карда, масоили ду ҳикмат, яъне ҳикмати динӣ ва фалсафаи юнониро дар ин асари худ мавриди баҳс қарор додаст.

Вале ин анъана, яъне пайравӣ аз шеваи дар корбурди истилоҳот пешгирифтаи Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ дер давом накард. Муаллифони баъдӣ дар баёни матолиби илмӣ бештар аз истилоҳоти арабӣ истифода карданд ва дар истилоҳсозии тоҷикӣ (форсӣ) иқдоми ҷиддӣ наварзиданд. Натиҷа ҳамин шуд, ки дар аксари осори илмӣ истилоҳоти арабӣ ҷойи истилоҳоти тоҷикиро гирифт, ки мо ин воқеиятро аз мутолиаи «Асос ул-иқтибос» ва дигар осори Хоҷа Насириддини Тӯсӣ ба хубӣ мушоҳида мекунем.

Ин равиш, яъне афзалият ёфтани истифодаи истилоҳоти арабӣ ба зоёию пӯёии минбаъдаи забони илмии тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) монеъ гардид, ба хусус истифода аз феълҳои сода ва иштиқоқу таркиббандӣ бо онҳо, ҳамчунин доираи калимасозӣ бо пешванду пасвандҳо ниҳоят маҳдуд гардид ва дар баъзе мавридҳо комилан аз байн рафт.

БОБИ V
ДАВРАИ БОЛАНДАГӢ ВА ШУКУФОИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

§ 1. Забони модарии мо дар аҳди Сомониён. Аҳди сомонӣ, бешубҳа, дурахшонтарин саҳифаи таърихи давлатдории тоҷикон ва пурбортарин давраи наҳзату шукуфоии забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) маҳсуб мегардад.

Бунёдгузори давлати Сомониён – Исмоили Сомонӣ (849 - 907) дар таъмини бақои умри миллату давлат ва забону фарҳанги мо, тоҷикон, нақши муассир доштааст.

То ҷойе маълум аст, бобои Исмоил – Сомонхудот ҳокими Балх буд ва дар ибтидо оини зардуштӣ дошт. Баъдан дини исломро пазируфт ва аз аҳли ғазо гардид. Асли Сомонхудотро гурӯҳе аз муаррихон аз шаҳре ба номи Сомон, аз наздики Тирмиз ва иддае аз деҳоти атрофи Балх эҳтимол медиҳанд. Тақрибан дар соли 734 бар асари шӯрише дар Балх Сомонхудот ба дарбори Асад ибни Абдуллоҳ, ки дар он рӯзгор амири Хуросон буд, паноҳанда шуд ва Асад ибни Абдуллоҳ бо ӯ паймони бародарӣ баста, дубора ӯро ба ҳукумати Балх фиристод. Аз ин хотир Сомонхудот пас аз вафоти Асад фарзанди худро ба ифтихори ӯ Асад ном ниҳод ва ҳамин Асад баъд аз сари Сомонхудот қоиммақоми падар гардид.

Халифаи аббосӣ Маъмун, вақте ки амири Хуросон таъйин шуда, ба Марв омад, фарзандони Асади Сомонхудот – Нуҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёсро ба худ наздик кард ва ба ҳар кадоме мансабе дод. Бархе аз муаррихон ҳамчунин ба ин назаранд, ки фарзандони Асад Маъмунро дар рафъи ошӯби Рофеъ ибни Лайс, ки соли 806 дар Самарқанд сар зада буд, ёрӣ намуданд ва ӯ аз ҳамин сабаб онҳоро эҳтиром мекард.

Маъмун чун бо мадади Ҳусайн ибни Тоҳир ва дигар хуросониёну фароруҳдиён ба мақоми халифаи Бағдод баргузида шуд, Ғассон ибни Аббодро дар Хуросон амир кард ва ба ӯ амр кард, ки ҳукумати навоҳии Хуросонро ба фарзандони Асад ибни Сомонхудот бидиҳад.

Ғассон ибни Аббод дар соли 819 ҳукумати Самарқандро ба Нуҳ ибни Асад, Фарғонаро ба Аҳмад ибни Асад, Чочу Усрушанаро ба Яҳё ибни Асад ва Ҳиротро ба Илёс ибни Асад

вогузор кард. Амири тоҳирӣ Тоҳир ибни Ҳусайн ҳам, ки пас аз Ғассон амири Хуросон гардид, фарзандони Асадро дар ҳамон вазифаҳои қаблии онҳо нигоҳ дошт. Баъд аз вафоти Нуҳ дигар амири тоҳирии Хуросон Талҳа ибни Тоҳир вилояти Самарқандро ба фармонравоии бародари ӯ Аҳмад ҳамроҳ намуд ва музофоти Систонро ба Илёс вогузор кард. Илёс ибни Асад ҳамчунин аз муқаррабони Абдуллоҳ ибни Тоҳир буд ва дар боло гуфта гузаштем, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир илова бар волии Хуросон буданаш соҳиби шуртаи Бағдод низ буд ва пас аз фатҳи Искандария дар соли 827 ҳукумати онро ба Илёс ибни Асад дод ва ӯ аз ин пас ба унвони Илёс ибни Асади Хуросонӣ машҳур гардид. Писарони Асад ибни Сомонхудот дар ҳар вилоят, ки ҳукумат карданд, номи нек ва осори созандагиву ободонӣ аз худ боқӣ гузоштанд.

Исмоил ибни Аҳмад (849 - 907) маъруфтарин амири силсилаи сомонист, ки дар муддати давлатдориаш тадриҷан заминаҳои иттиҳоди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаро муҳайё сохт ва давлати бузурги Сомониёнро дар Хуросони бузург барпо кард. Ӯ дар охирҳои соли 900 фармонравои Гургону Табаристон Муҳаммад ибни Зайди Доиро шикаст дода, Гургону Табаристонро низ ба даст овард, инчунин соли 902 Райро ба қаламрави давлати Сомониён ҳамроҳ кард. Исмоили Сомонӣ соли 907 дар деҳаи Размози наздикии Бухоро ба олам падруд гуфт ва дар лавҳи хотири мардум ва саҳфаи рӯзгор бо номҳои «амири мозӣ» (пешин) ва «амири одил» боқӣ монд.

Дар бораи сиёсату адолати камназири амир Исмоили Сомонӣ ва муҳаббату иродати ӯ ба забони модарӣ дар кутуби таъриху адаби пешиниён ахбори ҷолиб дарҷ шудааст. Ин ҷо танҳо ба зикри дастури зерини пандомези Исмоили Сомонӣ оид ба «роҳи рости суннату ҷамоат» иктифо мекунем, ки Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ дар «ас-Савод-ул-аъзам» аз он ёд кардааст: «Ин китобро ба порсӣ гардонед, то чунон ки хосро бувад, омро низ бувад ва манфиат кунад ва мазҳабро некӯ бидонанд ва аз ҳаво ва бидъат дур бошанд».[375]

[375] Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ. ас-Савод-ул-аъзам. - Хуҷанд, 2009. - С. 17.

Амирони баъдии Сомонӣ камобеш идомадиҳандаи сиёсати ӯ буданд. Рӯзгору пайкори амирони Сомонӣ, ки гузаштагони шарафманди мо ҳастанд ва дар амри таъмини бақою пойдории забону фарҳанги миллии мо нақши меҳварӣ доранд, барои насли имрӯз ибратомӯз аст.

Баъд аз вафоти Исмоили Сомонӣ писар ва ҷонишини ӯ Аҳмад ибни Исмоил (солҳои давлатдориаш 907-914) соли 910 боқимондаи ҳукумати мустақили хонадони Саффориёнро дар Систон дарҳам шикаст ва Систонро забт кард, аммо Саффориёнро тамоман аз давлатдорӣ маҳрум накард ва пешвоёни ононро ба тобеияти давлати Сомониён фаро хонда, давлатдории ниммустақили ононро нигоҳ дошт. Вале соли 913 Ҳасан ибни Алии Атруши Алавӣ дар Табаристон хуруҷ кард ва онро аз тобеияти Сомониён берун кард. Ин шӯриш нахустин зарбаи ҷонкоҳ бар пайкари давлати муқтадири Сомониён буд, ки ба ҷудоихоҳию марказгурезӣ дар аҳди Сомонӣ роҳ кушод. Амир Аҳмад низ дар оғози соли 914 ҳангоми шикор ба дасти чанд тан аз ғуломони туркаш кушта шуд ва дар таърих бо лақаби «амири шаҳид» шуҳрат ёфт.

Пас аз кушта шудани Аҳмад бузургони дарбори Сомонӣ писари ҳаштсолаи вай Наср ибни Аҳмадро (914-943) бар тахти подшоҳӣ нишонданд. Вале дар асл дар оғози давлатдории вай идораи давлат дар дасти вазирони хирадманди Сомонӣ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ ва баъдан дар дасти Абулфазли Балъамӣ қарор дошт.

Ҳангоми ба тахт нишастани Наср ибни Аҳмад амаки падараш Исҳоқ ва фарзандони ӯ Мансур ва Илёс бо ӯ парчами мухолифат афрошта, Самарқанд ва баъзе манотиқи дигари Хуросонро ба даст гирифтанд. Вале Наср бо машварати вазирони оқил ва мусоидати сипоҳиёни содиқи худ бар шӯришгарон ғолиб омад. Илова бар ин, соли 925 шаҳри Райро, ки аз итоати Сомониён берун шуда буд, бозпас гирифт.

Даврони Наср ибни Аҳмад авҷи шукуфоии давлатдории Сомониён маҳсуб мешавад. Вай ба забону адаби тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) муҳаббати зиёд дошт ва устод Рӯдакӣ маликушшуарои дарбори ӯ буд. Наср баъд аз сӣ соли подшоҳӣ, соли 943 дар синни сиву ҳаштсолагӣ вафот кард. Баъд аз фавт ба ӯ лақаби «амири саид» доданд.

Бинобар иттилои Абубакри Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» таъсиси девонҳои даҳгона дар умури давлатдории Сомониён ба рӯзгори подшоҳии ҳамин Наср ибни Аҳмад рост меояд[376].

Аслан анъанаи девондорию девонсолории мардуми ориёинажод реша ба даврони Ҳахоманишиён дорад ва ин амири сомонӣ ин анъанаи деринро эҳё карда, ба он сару сомон бахшид. Насри Сомонӣ фармуда буд, ки дар Регистони Бухоро барои даҳ девон даҳ бино созанд. Девонҳои давлати ӯ инҳо буданд:

1. Девони вазир;
2. Девони муставфӣ;
3. Девони амидулмулк;
4. Девони муаййид;
5. Девони соҳиби шурта;
6. Девони муҳтасиб;
7. Девони шараф;
8. Девони авқоф;
9. Девони қазо;
10. Девони мамликаи хос.

Девони вазир ё девони вазорат дар умури давлатдории Сомониён дастгоҳи олӣ маҳсуб меёфт ва сарпарасти он, ки хоҷаи бузург, садр ё вазир ном бурда мешуд, дар давлат пас аз амир дувумин шахси олирутба буд. Дар рӯзгори давлати сомонӣ вазирони фозил, мисли Ҷайҳонӣ, Балъамӣ, Утбӣ ва дигарон ҳукми девони вазорат дар даст доштанд.

Девони муставфӣ ё девони хироҷ дар аҳди сомонӣ мутасаддии ҷамъоварии хироҷ аз мардум буд.

Девони амидулмулк, ки онро девони расоил низ мегуфтанд, бо дигар кишварҳои дуру наздик мукотиботи давлатӣ ва дипломатӣ анҷом медод.

Девони муаййид (таъйидкунанда) эҳтимолан девони соҳиби барид ё, ба истилоҳи имрӯза, вазорати алоқа аст, ки ходимони ин девон муросилоти давлатиро аз марказ ба шаҳру кишварҳои тобеъ ва ахборро аз маҳалҳо ба марказ мунтақил медоданд.

[376] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. - Теҳрон, 1351//1973. - С.36.

Девони соҳиби шурта мутасаддии неруи низомии кишвар ва риояи низоми дохилӣ буд, яъне вазифаи полисро ба зимма дошт.

Девони муҳтасиб ё девони ҳисоб вазъи бозор ва сифати молро назорат мекард.

Девони шараф ё девони муширифмасъули дахлу харҷи хазинаи давлат буд.

Девони авқоф мутасаддии умури вақф буд, ки давлат, шахсони сарватманд ё одамони савобҷӯй барои нигаҳдории масҷид, мактаб, роҳ, пул, ҷӯй, бемористон ва ғайра бебозгашт вақф мекарданд.

Девони қазо ё девони қозӣ ба баррасию натиҷагирии масоили шаръӣ машғул буд.

Девони мамликаи хос масъули моликияти амир буд.

Пас аз вафоти Наср ибни Аҳмад писараш Нуҳи аввал (943-954), ки бо лақаби «амири ҳамид» маъруф аст, ба тахти подшоҳӣ нишаст. Ин амири Сомонӣ исмоилияро, ки дар дарбор нуфуз пайдо карда буд, саркӯб кард ва фақеҳи ҳанафӣ Абулфазли Суламиро, ки бо номи Ҳокими Ҷалил машҳур аст, вазир таъйин намуд. Баъдтар Наср ибни Аҳмад сипаҳсолори Хуросон Абуалӣ Аҳмади Чағониро аз вазифа сабукдӯш кард. Ҳамин Абуалӣ Аҳмади Чағонӣ ва ҷонибдорони ӯ шӯриш бардоштанд ва амаки Нуҳ – Иброҳим ибни Аҳмадро амир эълон карданд. Вале лашкариёни содиқи Нуҳ сипаҳсолори ҷудоихоҳро куштанд ва балворо фурӯ нишонданд. Ҳамчунин дар ин аҳд сипаҳсолори Сомонӣ Мансур ибни Қаротегин шаҳрҳои Рай, Исфаҳон ва Кирмоншоҳро, ки ба дасти Оли Бувайҳ афтода буданд, дигарбора ба қаламрави давлати Сомониён ҳамроҳ намуд. Ин амири Сомонӣ соли 954 вафот кард.

Баъд аз фавти Нуҳи аввал бар маснади аморати Сомониён писари ӯ Абдулмалики аввал (954-961), ки бо лақабҳои «Абулфаворис» ва «амири рашид» маъруф аст, нишаст. Рӯзгори аморати ӯ даврони ошӯбу ихтилофҳои шадиди дохилӣ дар қаламрави Сомониён буд. Абуалии Чағонӣ соли 954 бо мусоидат ва дастгирии ҳокими Бувайҳиён Рукнуддавла Гургон ва дигар шаҳрҳои Хуросонро аз тобеияти Сомониён берун кашид. Вале лашкари сомонӣ бо сарварии Бакр ибни Молики Фарғонӣ сипоҳи Абуалӣ ва Рукнуддавларо шикаст дода, озими

Рай гардид. Рукнуддавла ҳукумати худро дар Рай ва дигар шаҳрҳои минтақаи Ҷибол бо пардохти андози солонаи дусад ҳазор динор нигоҳ дошт. Абдулмалик сипаҳсолории Хуросонро ба Алптегин (ваф. 980) дод. Ба ин маънӣ, ки сипаҳдори адабдӯст, гирдоварандаи «Шоҳнома»-и мансури Абумансурӣ – Абумансури Муҳаммад ибни Абдураззоқро аз мақоми сипаҳсолории Хуросон маъзул намуда, омили Тӯс таъйин кард ва сипаҳсолории Хуросонро ба Алптегин дод. Абдулмалик соли 961 дар синни ҳабдаҳсолагӣ аз асп ба замин афтода ҳалок шуд.

Сипаҳсолори Хуросон Алптегин мехост писари хурдсоли амири фавтида Наср ибни Абдумаликро ба тахт нишонанд ва дастнишондаи худ гардонад. Вале бузургони хонадони сомонӣ ва фармондеҳони лашкар бародари Абдулмалик Абусолеҳ Мансур ибни Нуҳро (961-975) ба аморат нишонданд. Мансур Алптегинро аз мансаби сипаҳсолории Хуросон маъзул кард ва ба ин мансаб Абулҳасани Симҷурро таъйин намуд. Алптегин ба Ғазна рафт ва давлати Ғазнавиёнро пайрезӣ кард ва аз ҳамин таърих байни Сомониён ва Ғазнавиён мухолифат сар шуд.

Вале муддати понздаҳ соли подшоҳии Абусолеҳи Мансур дар таърихи хонадони Сомониён ва забони тоҷикӣ давраи пурбору пурмаҳсул маҳсуб мешавад. Дар рӯзгори ҳамин амир "Тафсири бузурги Табарӣ"-ро аз Бағдод оварданд ва ӯ, ки ба забони модарии худ сахт дилбаста буд ва ба забони арабӣ чандон иноят надошт, "душвор омад бар вай хондани ин китоб ва иборат кардани он ба тозӣ".[377] Аз ин хотир вай уламои Мовароуннаҳрро гирд оварда, фатво хост ва фармуд, ин тафсирро ба тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) тарҷума кунанд. Чунон ки қаблан гуфта гузаштем, тарҷумаю таълифи "Таърихи Табарӣ", "Синбоднома" ва чандин осори гаронбаҳои дигар бо дастуру роҳнамоии ҳамин амири Сомонӣ анҷом пазируфтаанд. Вай 25 сентябри соли 975 вафот кард ва бо лақаби "амири садид" маъруф аст.

Пас аз даргузашти Мансур писари сездаҳсолааш Нуҳи дувум (975-997) ба тахти давлати Сомониён нишаст ва модараш зимоми умури мамлакатро ба дасти худ гирифт.

---

[377] Тарҷумаи Тафсири Табарӣ. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҳабиби Яғмоӣ. - Теҳрон, 1339//1961. - С. 5.

Бояд гуфт, ки дар давлатдории қадими миллии мо ин иқдом, яъне кафолати идораи кишварро ба даст гирифтани зан падидаи нав набуд ва чунон ки дар боло ҳангоми зикри қадимтарин намунаҳои шеъри дарӣ гуфтем, ҳангоми истилои араб подшоҳи Бухоро зан буд ва барои ҳифзи марзу буми кишвараш ҷоннисориҳо аз худ нишон дод. Ҳамчунин, ба гуфтаи муаррихон, девори гирди Самарқандро барои муҳофизати шаҳр аз ҳамлаи туркони саҳроӣ бо амри зане, ки дар Самарқанд подшоҳ буд, сохтанд ва девори Бухоро ҳам баъдан бо пайравӣ аз девори Самарқанд бино гардид.

Ба андешаи муҳаққиқон даврони ҳукмронии Нуҳи дувум ва модараш, замони хиёнатҳои бузурги аҳли дарбор дар таърихи давлатдории Сомониён ва оғози заволи ин хонадон буд.

Сипаҳсолори Хуросон Абуалии Симҷур ва бародараш Абулқосим бо ҳамдастии Фойиқи Хосса, ки фармондеҳии сипоҳи сомониро ба зимма доштанд, даст ба дасисаву хиёнат заданд. Бо дасисаи онҳо Убайдуллоҳи Утбии вазир, ки барои пойдории давлати Сомониён бештар аз дигарон кӯшиш ба харҷ медод, кушта шуд.

Дар охирҳои амирии Нуҳи дуюм Абуалии Симҷур сар аз тобеияти ин амир берун карда, дар Хуросон мустақилона ҳукумат меронд ва фармонравоии амир танҳо ба Бухоро ва гирду атрофи он маҳдуд шуда буд. Дар ҳамин асно Фойиқ ва фарзандони Симҷур махфиёна ба ҳокими қарахонӣ Буғрохон дар хусуси тақсими Хуросон сулҳнома баста, ӯро ба гирифтани Бухоро ташвиқ карданд. Ҳангоми ба Бухоро ҳамла овардани ҳокими қарахонӣ сипоҳи сомонӣ бо сарварии фарзандони Симҷур ва Фойиқ аз дифои Бухоро сар печиданд. Буғрохон соли 993 бе ҷанг ба Бухоро ворид шуд.

Амири Сомонӣ ба Омул паноҳ бурд, вале пас аз чанде чун хабари вафоти Буғрохон ба ӯ расид, ба Бухоро бозгашт. Нуҳи дуюм барои интиқомҷӯйӣ аз фарзандони Симҷур ва Фойиқ ва дафъи онҳо ба волии Ғазна Сабуктегин ва писараш Маҳмуд нома навишт ва сипаҳсолории Хуросонро ваъда кард. Пас аз он ки Сабуктегину Маҳмуд ба фарзандони Симҷуру Фойиқ пирӯз шуданд, амири сомонӣ ба Сабуктегин лақаби “Носируддин” ва ба Маҳмуд лақаби “Сайфуддавла” дод ва Маҳмудро сипаҳсолори Хуросон таъйин кард. Соли 995 Қарахониён

дигарбора ба қаламрави Сомониён ҳамла карданд ва мутобиқи сулҳномаи байни сипаҳдори Сомониён Маҳмуди Ғазнавӣ ва Қарахониён манотиқи шимолии Мовароуннаҳр ба дасти Қарахониён гузашт.

Ин амири Сомонӣ низ дӯстдори забону таърих ва илму фарҳанг буд ва Дақиқии шоирро ба назми "Шоҳнома" ҳидоят кард. Абуалии Сино ва Абурайҳони Беруниро ба дарбори худ даъват намуд ва китобхонаи шоҳии маъруфи Бухороро ба ихтиёри онҳо вогузор кард. Нуҳи дувум соли 997 вафот кард ва ба лақаби "амири разӣ" машҳур аст.

Пас аз вафоти Нуҳ ибни Мансур писараш Абулҳорис Мансур ё Мансури дуюм (997-999) ба тахти аморат нишаст. Вай ба ҷойи Маҳмуди Ғазнавӣ Бектузуни туркро сипаҳсолори Хуросон таъйин кард. Ин хабар Маҳмудро, ки дар Ғазна буд, ба ғазаб оварда ва ӯ ба Нишопур ҳамла намуда, Нишопурро ба даст гирифт. Бектузун бо ҳамдастии Фойиқ 3 феврали соли 999 ба чашмони амир мил кашида, ӯро нобино карданд ва бародари хурдсолаш Абдулмалики дуюмро амир таъйин намуданд.

Маҳмуди Ғазнавӣ, ки барои интиқом аз Сомониён ҷиҳати маъзулӣ аз сипаҳсолории Хуросон баҳона меҷуст, миёни Бектузуну Фойиқ ва Абулқосиму Абуалии Симҷур ихтилоф афканда, онҳоро якояк аз байн бурд ва дар соли 999 ба давлатдории Сомониён дар қисмати бештари Хуросон хотима дод.

Дар охирҳои ҳамин соли 999 Элокхони қарахонӣ бо баҳонаи дастгирии Мансури дуюм ба Бухоро ворид шуд ва ҳамаи хешону наздикони амири Сомониро зиндонӣ кард. Худи Абдулмалики дуюмро бо амри ӯ ба қатл расониданд ва бо ҳамин давлатдории Сомониён дар қисмати Мавароуннаҳр низ ба анҷом расид.

Азбаски меҳру муҳаббати амирони Сомонӣ дар дилу дидаи мардум ошён гирифта буд, шоире номи ин нуҳ нафар амири сомониро дар ду байт чунин зикр кардааст:

Нуҳ тан буданд з-оли Сомон машҳур,
Ҳар як ба аморати Хуросон маъмур.
Исмоилеву Аҳмадеву Насре,
Ду Нуҳу ду Абдулмалику ду Мансур.

Вале бештари таърихнависон Исмоил ибни Нуҳро, ки бо лақаби Мунтасир машҳур аст ва дар сурудани шеър ҳам табъи расо дошт, охирин намояндаи ин хонадон медонанд, ки баъдтар дар бораи ӯ маълумот хоҳем дод.

Ба андешаи аксари муҳаққиқон, давлати Сомониён аз рӯзгори подшоҳии Абдулмалик ибни Нуҳ (954-961) рӯ ба инқироз ниҳод. Вале, ба андешаи мо, ҳанӯз баъд аз вафоти Исмоили Сомонӣ ва ба дасти ғуломони турк кушта шудани писари ӯ – амир Аҳмад ибни Исмоил (907-914) пояҳои давлати муқтадири Сомонӣ камобеш дучори заъф гашт. Ду омили муассири зерин дар маҷмӯъ боиси инқирози давлати мутамаркизи Сомонӣ гардид, ки ин ҳар ду омил ба таври мустақим ё ғайримустақим бо сар даровардани туркон дар Хуросону Мовароуннаҳр вобастагӣ дорад:

- омили нахуст ба давлатдорӣ ҷалб кардани ғуломони турки асирафтодаи исломоварда ва ба зиммаи онон вогузор кардани сипоҳи Сомониён буд. Дар баробари ин, аксари қабилаҳои турк, ки бо давлати Сомониён ҳамҳудуд буданд, бо даъвати онон ислом оварданд. Бинобар навиштаи Абуалӣ Мискавайҳи Розӣ дар “Таҷориб-ул-умам”, соли 967 якбора дусад ҳазор хиргоҳ аз туркон исломро пазируфтанд.[378] Ҳамин исломро пазируфтани туркон сабаб шуд, ки ҳангоми ба Бухоро ҳамлавар шудани туркони қарахонӣ бо саркардагии Буғрохон ва Элокхон фақеҳон мардумро бо далели мусулмон будани туркон аз ҷанг бо эшон манъ фармуданд;

- омили дигари инқирози давлати Сомониён эътирози сахти мардум бинобар афзоиши андоз ва зиёд шудани ҷамъоварии андоз аз аҳолӣ маҳсуб мешавад, зеро туркони сипоҳӣ ва соҳибмансаб акнун дар ҳаққи мардум ҳар гуна ҷабру бедодро раво медиданд ва аз ин хотир дар ҳар кунҷу канори давлат шӯришу нооромиҳо сар мезад. Сипоҳиёни муздури турк аз ин фурсати муносиб истифода бурда, барои саркӯбии шӯришҳову нооромиҳо маблағҳои зиёд талаб мекарданд, ки ин ҳама боиси холӣ шудани хазинаи давлат ва афзоиши ҳаҷми ситонидани андоз аз мардуми нодор мегардид. Бар замми ин ихтилофҳои мазҳабӣ, ба хусус таассуби туркон дар амри ҷонибдории аҳли

[378] Абуалӣ Мискавайҳи Розӣ. Таҷориб-ул-умам. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ, ҷ.6, чопи дувум. -Теҳрон, 1376//1998. - С. 229.

суннат ва саркӯбии ҷонибдорони исмоилия низ маблағи фаровонро талаб мекард. Дар ин давра Сомониён дигар наметавонистанд ва қудрат надоштанд, ки аз ҳисоби фатҳи сарзаминҳои дигар хазинаи давлатро пур кунанд. Роҳи ягонаи нигоҳ доштани давлат афзун кардани андоз аз аҳолии бе ин ҳам нодору бечора буд.

Ин ду омил ба коҳиши эътимоди мардум ба давлати сомонӣ мусоидат кард ва Сомониён натавонистанд асолату ҳувияти қавмӣ ва таърихии мардуми бумии қаламрави давлатдории худро тақвият бахшанд. Ҳамчунин ба андешаи ғолиб дар охири аҳди сомонӣ ислом овардани аксари қабилаҳои турк ва дар ҳамин замина афзоиши нисбии ҷамъияти туркон дар минтақа, то ҷойе дар таркиби нажодӣ ва иҷтимоии мардум таъсир гузошта буд ва ҳамин амр заминаи иҷтимоии муносиберо барои ташкили давлатҳои маҳаллӣ бо сарварии туркони қарахониву ғазнавию салҷуқӣ фароҳам кард ва мардуми мусулмони эрониасли Мовароуннаҳру Хуросон бар асари камбағалию нодорӣ миёни давлатҳои турктабори Қарахониёну Ғазнавиён, ки баъдан ба ҷойи давлати Сомониён ба сари кор омаданд, тафовути ҷиддӣ эҳсос намекарданд.

Забони тоҷикӣ (форсии дарӣ), ки мояи ифтихор ва василаи сарнавиштсозу ваҳдатофари қавмҳои эронинажод аст, дар давраи ҳукмронии Сомониён ба сифати забони расмӣ ва омили ҳамбастагии миллӣ дар тамоми қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр ва дигар вилоятҳои тобеи давлати Сомониён рушду боландагӣ ёфт ва ба авҷи қудрату шукуфоӣ расид, зеро амирони сомонӣ мисли Яъқуби Лайси Саффор ба забону адаби мардуми худ муҳаббати фаровон доштанд ва ба ҳимояту тарбияти шоиру нависандагони ҳамзабони хеш сахт камари ҳиммат баста буданд.

Сомониён бар хилофи Тоҳириёну Саффориён дарк карда буданд, ки бидуни эҳёи анъанаҳои қадимӣ ва ривоҷу равнақи забону адаби миллӣ истиқлолият наметавонад устувор ва побарҷо бимонад. Бинобар ин, амирони дурандешу сиёсатмадорони ин хонадон бо камоли ҳушмандӣ муносибати худро бо хилофат тавре ба роҳ монданд, ки хилофати Бағдод натавонад фитна ва рақобате бар зидди онҳо барангезад. Гузашта аз ин, Сомониён аз забони модарии хеш ҳамчун силоҳи

сиёсӣ бар зидди арабҳо барои расидан ба истиқлолияти комил истифода мекарданд. Аз ин рӯ, забони тоҷикии форсии дариро, ки забони мардумони бумии Моваруннаҳру Хуросон буд, забони расмии давлати паҳновари худ қарор дода, ба адибону олимон ба назари эҳтиром нигариста, онҳоро ташвиқ мекарданд, ки китобҳои худро ба ин забон нависанд ва ё осори арабии худ ва дигаронро ба ин забон баргардон намоянд. Дар натиҷа забони модарӣ миёни хосу ом, яъне дар байни тамоми қишрҳои ҷомеа мавқеи устувор пайдо кард ва ба иҷрои нақши иҷтимоию ваҳдатофари худ муваффақона шурӯъ намуд, ки иҷрои ин рисолатро бо сарбаландӣ то ба рӯзгори мо идома медиҳад.

Бино бар ахбори маъхазҳо, вазирони сомонӣ низ дар донишу фазилат ва парвариши илму адаб аз амирони ин хонавода камӣ надоштанд. Ба андешаи муҳаққиқон, иноятуи пуштибонии онҳо аз шоирон ва адибони аҳди хеш ба андозае шуҳрат ёфта буд, ки шоирони асрҳои баъдӣ онро чун тимсоли олии иродати аҳли сиёсат ба аҳли адаб ситоиш карда ё мамдӯҳони хешро бо эшон маҳалли муқоиса қарор додаанд.

Таърихи сиёсӣ ва фарҳангии мо давлатеро чун давлати Оли Сомон кам дар ёд дорад, ки корномаи вазирони хирадпеша ва фарҳангпарвару маърифатгустараш сафаҳоти таърихро чунин рангину музайян карда бошад. Ба хусус достони фазилату хирадмандӣ ва ҷавонмардиву футуввати вазирони ин хонадон чун Абуалии Балъамӣ, Абуабдуллоҳ ва Абуалии Ҷайҳонӣ, Абуҷаъфар ва Абулҳусайни Утбӣ, Абуалии Домғонӣ, Абулҳусайни Музнӣ ҳанӯз вирди забонҳост.

Китоби маъруфи «Тарҷумаи Таърихи Табарӣ», ки аслан тарҷумаи озоди «Таърих-ур-русул ва-л-мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ буда, баргардони он аз арабӣ ба тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ба қалами Абуалии Балъамӣ анҷом пазируфт ва мо қаблан дар фасли «Нахустин намунаҳои назму насри форсии дарӣ» аз он ёд кардем, дар ташаккули таърихнигории тоҷик ва амиқ рафтани худогоҳии миллии қавмҳои эронитабор нақши назаррас дорад.

Ҳамчунин бо ибтикори амири сомонӣ Абусолеҳи Мансур ва ширкати Абуалии Балъамӣ “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” дар ҳафт ҷилд аз арабӣ ба забони «форсии дарии роҳи рост»

тарҷума гардид, ки бо шарофати он забони тоҷикӣ машруияти динию мазҳабӣ касб намуда, ба ҳайси забони дуюми олами ислом расмият пайдо кард.

Тарҷумаи ин асар барои таълифи осори зиёди динӣ ва тарҷумаю тафсири Қуръон ба забони тоҷикӣ дар асрҳои баъдӣ роҳ боз намуд.

Қобили зикр аст, ки таълифу тадвин ва тарҷумаи бештари осори арзишманди аҳди сомонӣ бо дастури амирону вазирони Оли Сомон анҷом гирифтааст. Аз ҷумла, осори рангину мондагоре назири «Шоҳнома»-и Дақиқӣ, «Калила ва Димна»-и манзуми Рӯдакӣ, «Синдбоднома», «Таърих» ва «Тафсир»-и Табарӣ, «ас-Савод-ул-аъзам»-и Абулқосими Самарқандӣ, «ал-Абния ани-л-ҳақоиқи-л-адвия»-и Абумансури Муваффақи Ҳиравӣ ва ғайра, ки дар ҳамин аҳд таълифу тадвин ва ё аз забонҳои арабӣ ва паҳлавӣ тарҷума шудаанд, ба номи амирону вазирони сомонӣ пайванди ногусастанӣ дорад.

Аҳди сомонӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа таъсири бисёр амиқ бар ҷой гузошт ва дар натиҷа бархе аз оинҳои куҳани эронӣ, достонҳову ҳамосаҳои қаҳрамонӣ ва ҷашнҳои суннатӣ дубора эҳё гардид.

Дар рӯзгори Сомониён бо ибтикори шоҳони сомонӣ ва дарбориёни адабдӯсти онҳо китобхонаҳои зиёд бунёд шуданд, ки макони мутолиаю таҳқиқ ва мубоҳисаю тадрис қарор гирифта буданд. Бузургтарин ва бошукӯҳтарини ин китобхонаҳо китобхонаи шоҳии Бухоро маҳсуб мегардид, ки дар ҷаҳони ислом назир надошт ва дар он китобҳои нодири арабию тоҷикӣ (форсӣ) ва юнонию ҳиндию ғайра гирдоварӣ шуда буд. Дар ин китобхона Абуалии Сино, Абурайҳони Берунӣ ва дигар донишмандони он аҳд ба таҳқиқу тадрис машғул буданд, вале, мутаассифона, пас аз чанде ин китобхона ба коми оташ рафт. Ҳамчунин китобхонаҳои Балх, Самарқанд, китобхонаи кутуби вақфии Марв, китобхонаи Ибни Хузайма дар Нишопур, китобхонаи Ибни Ҳаббон дар Буст, китобхонаи мадрасаи Байҳақӣ дар Нишопур ва ғайра аз китобхонаҳои бузурги ин аҳд ба шумор мерафтанд.

Ин аҳд на танҳо ба шукуфоии забони мо ва ривоҷи фарҳанги гузаштаи Эрон мусоидат кард, балки ба пешрафти фарҳанги исломӣ ва забони арабӣ ҳам то ҷойе созгор омад. Ба

ин маънӣ, ки дар давраи Сомониён осори зиёди назму насри арабӣ ба қалами Абулқосими Искофӣ, Абуалии Домғонӣ, Абунаср ибни Абизайд, Абулфатҳи Бустӣ, Абубакри Хоразмӣ, Абунасри Утбӣ ва дигарон таълиф гардид ва баъзе аз муҳимтарин фарҳангҳои арабӣ, аз қабили "Девон-ул-адаб"-и Абуиброҳим Исҳоқи Форобӣ (вафот 961), "Таҳзиб-ул-луғат"-и Абумансур Муҳаммади Азҳарии Ҳиравӣ (вафот 980), "ал-Муҳит"-и Соҳиб ибни Аббод (вафот 995), "ас-Сиҳоҳ фӣ-л-луғат"-и Абунаср Исмоили Ҷавҳарӣ (вафот 1007) ва ғайра низ дар ин овон ба қалами донишмандони эронинажод тадвин шуданд.

Бузургии Исмоили Сомонӣ ва дигар амирони баъдии сомонӣ боз дар он зоҳир мешавад, ки онон барои эҳёи забону фарҳанги пешиниёни хеш ҳамвора саъю кӯшиш ба харҷ доданд, вале ҳаргиз эҳёи забону фарҳанги миллиро ба арзишҳои динию фарҳанги исломӣ мухолиф нагузоштанд.

Воқеан Сомониён пас аз Сосониён бузургтарин хонаводаи эрониасл буданд, ки қавму сарзаминҳои зиёдро зери парчами давлати ягона муттаҳид карда, тамаддуни арзишманди пешиниёни худро бо фарҳанги исломӣ омезиш доданд.

Амирони сомонӣ ба хусус ба шеъру шоирӣ муҳаббати фаровон доштанд ва "соҳибқирони шоирӣ" устод Рӯдакӣ низ парвардаи ҳамин хони давлату неъмати Сомониён аст, ки худи ӯ дар як қасидааш ин матлабро таъкид кардааст:

Киро бузургиву неъмат зи ину он будӣ,
Маро бузургиву неъмат зи Оли Сомон буд.

Ба хусус амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад, ки ба шеъру адаби тоҷикӣ ишқи беандоза дошт, устод Рӯдакиро ба назми "Калила ва Димна" ташвиқ кард.

Дақиқии шоир низ бо ҳидояти амирони сомонӣ ба назми "Шоҳнома" шурӯъ кард ва пас аз вафоти ӯ ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, ки ҳамчунин аз шоирони бузурги парвардаи ин аҳд аст, назми ин ҳамосаи миллиро ба вақҳе аҳсан ба анҷом расонд, ки бо гузашти солҳою қарнҳо ҳаргиз аз тӯфони ҳодисот осебу газанд нахоҳад дид:

Биноҳои обод гардад хароб
Зи борону аз тобиши офтоб.

Пай афкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд...
Намирам аз ин пас, ки ман зиндаам,
Ки тухми суханро парокандаам.

Ногуфта намонад, ки бархе амирону амирзодагони сомонӣ чун Амир Оғоҷӣ, Абуиброҳими Мунтасир ва дигарон аҳли фазлу адаб буданд ва ба забонҳои тоҷикиву арабӣ шеър сурудаанд.

Амир Абулҳасан Алӣ ибни Илёси Оғоҷӣ эҳтимол аз амирзодагони сомонӣ буд, ки дар аҳди Нуҳ ибни Мансур (977-997) ба мансаби «оғоҷӣ»–ҳоҷиб ва ё ходими хоси амир расид. Шоири соҳибзавқ ва соҳибдевон будани Оғоҷиро муаррихон таъкид кардаанд, вале девонаш то замони мо нарасидааст. Шеъраш бетакаллуф ва дар ғояти фасоҳат аст:

Агар аз дил ҳисор бояд кард,
Ҷуз дили ман туро ҳисор мабод.
Меҳрбонитро шуморе нест,
Зиндагонитро шумор мабод.

Шоири дигар аз амирзодагони сомонӣ – охирин намояндаи ин сулола **Абуиброҳими Мунтасир** аст, ки барои пойдории давлати сомонӣ бо туркони қарохонӣ ва Султон Маҳмуди Ғазнавӣ муддати панҷ соли тамом ҷангу пайкор кард ва оқибат нокому баргаштабахт дар биёбони Марв аз ҷониби ҷангиёни қабилаи араби биёбоннишини Баҳиҷ, бо таҳрики Моҳрӯй ном гумоштаи Султон Маҳмуд дар соли 1004 ба шаҳодат расид:

Ҳазор қалъа кушодам ба як ишорати даст,
Басе масор шикастам ба як фишурдани пой.
Чу марг тохтан овард, ҳеч суд накард,
Бақо бақои Худой асту мулк мулки Худой.

Вазъу ҳол ва ҳақиқати рӯзгори ин амири тахтгумкардаи бурёнишин аз дигар як қитъа шеъри ӯ бармало ба назар мерасад:

Гӯянд маро чун салаби хуб насозӣ,
Маъвогаҳи ороставу фарши мулавван.
Бо наъраи гурдон чӣ кунам лаҳни муғаннӣ?
Бо пӯяи аспон чӣ кунам маҷлиси гулшан?!
Ҷӯши майу нӯши лаби соқӣ ба чӣ кор аст?
Ҷӯшидани хун бояд бар ғайбаи ҷавшан.

Асп асту силоҳ аст маро базмгаҳу боғ,
Тир асту камон аст маро лолаву савсан.

Дар миёни вазирону дабирони сомонӣ низ шоирони зуллисонайн кам набуданд, ки ба забонҳои тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ва арабӣ шеър сурудаанд. Яке аз чунин шоирони дузабонаи аҳди сомонӣ **Абутаййиб Муҳаммад ибни Ҳотими Мусъабӣ** – соҳиби девон ва вазири Наср ибни Аҳмад (ҳукмрониаш солҳои 914-943) буд, ки аз устод Рӯдакӣ ва дигар шоирони дарбори сомонӣ ҳимоят мекард.

Аз ашъори форсии ӯ тавассути «Таърихи Байҳақӣ» як қитъаи пандомӯзи нисбатан мукаммали иборат аз 14 байт боқӣ мондааст, ки шоҳиди истеъдоди баланди шоирии ӯст ва шоирони баъдӣ ба ин қитъа назираҳои зиёд сурудаанд. Мо ин қитъаи бозмондаро, ки хусусияти панду ахлоқӣ дорад, дар зер ба пуррагӣ намуна меорем:

Ҷаҳоно, ҳамоно фусусию бозӣ,
Ки бар кас напойиву бо кас насозӣ.
Чу моҳ аз намудан, чу хур аз шунудан
Ба гоҳи рабудан чу шоҳину бозӣ.
Чу заҳр аз чашидан, чу чанг аз шанидан,
Чу бод аз вазидан чу алмоси гозӣ.
Чу уди Қумориву чун мушки Таббат,
Чу анбарсиришта Ямону Ҳиҷозӣ.
Ба зоҳир яке байти пурнақши Озар,
Ба ботин чу хуки палиду гурозӣ.
Якеро наимӣ, якеро ҷаҳимӣ,
Якеро нишебӣ, якеро фарозӣ.
Яке бӯстонӣ пуроганда неъмат,
Ба ин сахт баста, ба он нек бозӣ.
Ҳама озмоиш, ҳама пурнамоиш,
Ҳама пурдароиш чу гурги Тарозӣ.
Ҳам аз туст шаҳмоти шатранҷбозон,
Туро муҳра зода ба шатранҷбозӣ.
Чаро зираконанд бас тангрӯзӣ?
Чаро аблаҳонанд дар бениёзӣ?
Чаро умри товусу дурроҷ кутаҳ?
Чаро мору каркас зияд дар дарозӣ?

Саду андсола яке марди ғарча,
Чаро шасту се зист он марди тозӣ?
Агар на ҳама кори ту божгунаст,
Чаро он ки нокастар, ӯро навозӣ?
Ҷаҳоно, ҳамоно аз ин бениёзӣ,
Гунаҳкор моем, ту ҷойи озӣ.

Ногуфта намонад, ки ҳар як забон имконот ва тавонмандиҳои хос дорад. Сарчашмаи ин тавонмандӣ, аз як сӯ, агар бунёдҳо ва пояҳои сохтмонии забон бошанд, аз тарафи дигар, вобастагии сахт ба чигунагии корбурд ва истифодаи таърихии забон дорад. Барои аҳли таҳқиқ ба хубӣ маълум аст, ки камӣ ё зиёдии корбурди забон дар ин ё он соҳа боиси он мегардад, ки вай дар заминаҳое, ки бештар истифода мешавад, дар онҳо парвариш ва сайқали бештар ёфта, тавоноии махсус пайдо мекунад ва шоха ё шохаҳои дигари камистеъмоли он сусту заиф мемонад. Ин ҳолат нишонаи он аст, ки фаъолияти миллати соҳиби забон дар кадом риштаи ҳаёт пурбортар буда, андешаву афкор ва орзую ормонҳои он қавм ба чӣ шакл, дар кадом қолаби забонӣ баён шудааст ва аз байни имконоти зотӣ ва табиии забони худ вай кадомҳоро баргузидааст.

Зери таъсири ҳамин омилҳост, ки забон табиат ва рӯҳияи хос пайдо карда, дар имконоти баёни ҳар як шохаи кору фаъолияти фикрӣ ва фарҳангӣ тавоноии гуногун ҳосил менамояд.

Санҷида шудааст, ки дар бисёр маврид, ҳангоме ки дастовардҳои дурахшони мероси фикрӣ ва маънавии як забон ба забони дигар баргардонида мешавад, чун фазои таърихию фарҳангии онҳо гуногун аст, чӣ басо чизҳои бенуру бефурӯғ ба бор меояд. Мурод замоне ҳосил мешавад, ки забон дар навбати аввал битавонад, ин меросро мувофиқи табиат ва қонуну қоидаҳои хоси худ ҳаллу ҳазм намуда, онро, ба истилоҳ, «худӣ» кунад.

Барои мисол ғолибан забони юнониро барои баёни андешаҳои фалсафӣ дорои тавоноии хос медонанд. Ин тавоноӣ, ки дар ниҳоди ин забон нуҳуфтааст, бо қалами касоне ба миён омадааст, ки онҳо ин забонро дар заминаи афкори ҳакимона бештар корбаст намуда, ба вай «рӯҳи фалсафӣ» бахшидаанд. Забони арабӣ ҳам замоне, ки хост мероси фалсафии Юнони бостонро дар худ ҳазм кунад, аз як сӯ, бинобар имконоти сохти

забонӣ ва аз тарафи дигар, бинобар фазои мусоиди таърихию фарҳангӣ ин меросро мувофиқи табиати худ ҳазм кард ва рангу бӯйи хосе ба он бахшид, ки имрӯз он «фалсафаи исломӣ» номбар мешавад.

Аз ин нуқтаи назар агар ба забони модарӣ назар афканем, хоҳем дид, ки ба таври куллӣ парваришгоҳи асосии он домани шеъру забони шоирона буда, имконоту тавонмандии дохилии ин забон ҳам аз ин сарчашмаи зоёву поё маншаъ мегирад. Аз ибтидои пайдоиши шеъри тоҷикӣ, ба хусус аз аҳди Тоҳириёну Саффориён ва Сомониён шоирони мо бо неруи хаёли рангину музайяни худ зеботарин ва дақиқтарин ибораву луғатҳоро барои баёни андешаҳои шоирона аз дохили забон интихоб карда, ё худ навпардозӣ намуда, ба забони модарии мо қудрату тавони бештаре афзудаанд.

Шоирони маъруфи аҳди сомонӣ, ки ба рушду густариши забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) хидмати бедареғ карда, номи худро дар саҳафоти таърихи забону фарҳанги мо бо хати зар сабт намудаанд, ба шарҳи зеранд:

Шаҳиди Балхӣ. Абулҳасан Шаҳид ибни Ҳусайни Ҷаҳудонакии Балхӣ (вафот 936-37) шоир, мутакаллим ва ҳакими машҳури аҳди Сомониён буд, ки ба ду забон: тоҷикӣ ва арабӣ шеър сурудааст.

Аз шоирони ин аҳд Дақиқӣ ӯро бо зикри лақаби «устод» («Устод Шаҳид зинда боистӣ…») ёд кардааст ва устод Рӯдакӣ Шаҳиди Балхӣ ва шоири дигари ин давра Фароловиро шоири мутлақ донистааст:

Шоир Шаҳиду шуҳра Фароловӣ,
В-он дигарон ба ҷумла ҳама ровӣ.

Рӯдакӣ ҳамчунин дар марги ӯ марсияе суруда, донишу хиради ӯро мавриди ситоиш қарор додааст:

Корвони Шаҳид рафт аз пеш,
В-они мо рафта гиру меандеш.
Аз шумори ду чашм як тан кам,
В-аз шумори хирад ҳазорон беш.

Шаҳиди Балхӣ дар васфи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад (ҳукмрониаш солҳои 914-943) ва вазири ӯ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ (вафот тахминан с. 922) мадҳия сурудааст.

Аз ашъори ӯ бештар аз сад байт то замони мо расидааст ва бо таваҷҷуҳ ба масали «мушт намунаи хирвор» ҳамин ашъори андак аз хирмани саршор ва табъи гуҳарбори ӯ дар сурудани шеъри пандомӯзи тоҷикӣ (форсӣ) гувоҳӣ медиҳад:

Маро ба ҷони ту савганду саъб савганде,
Ки ҳаргиз аз ту нагардам, набишнавам панде.
Диҳанд пандаму ман ҳеч панд напзирам,
Ки панд суд надорад ба ҷойи савганде.
Шунидаам, ки биҳишт он касе тавонад ёфт,
Ки орзу бирасонад ба орзуманде.
Ҳазор кабк надорад дили яке шоҳин,
Ҳазор банда надорад дили худованде.
Туро агар малики чиниён бидидӣ рӯй,
Намоз бурдиву динор барпарокандӣ.
В-агар туро малики ҳиндувон бидидӣ мӯй,
Суҷуд кардиву бутхонаҳош баркандӣ.
Ба манҷаниқи азоб андарам чу Иброҳим,
Ба оташи ҳасаротам фиканд хоҳандӣ.
Туро саломат бод, эй гули баҳору биҳишт,
Ки сӯйи қиблаи рӯят намоз хонандӣ.

Шеъри Шаҳиди Балхӣ саросар ҳама панду насиҳат аст ва инсонро ҳамвора ба касби илму дониш ва ахлоқу одоби ҳамида фаро мехонад:

Донишо, чун дареғам оӣ аз он-к
Бебаҳоӣ, валекин аз ту баҳост.
Бе ту аз хоста мабодам ганҷ,
Ҳамчунин зорвор бо ту равост.
Боадабро адаб сипоҳ бас аст,
Беадаб бо ҳазор кас танҳост.

Шаҳиди Балхӣ дину диёнат ва некхоҳиву некройиро осойиши дуҷаҳонӣ ва «гузарнома»-и биҳишти барин ба қалам овардааст:

Ҳама диёнату дин варзу некройӣ кун,
Ки сӯйи хулди барин бошадат гузарнома.

Зимнан хотирнишон бояд кард, ки калимаи «гузарнома» аз ин байт, ки бешак сохтаи завқи Шаҳиди Балхист, калимаи зебо ва хушандом аст ва дар рӯзгори мо ба маънии вожаи русии «пропуск» метавонад корбурди фаровон пайдо намояд.

Тобноктарин ситора дар осмони забону адаби аҳди сомонӣ устод Рӯдакӣ маҳсуб мегардад.

Абуабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ (858-941) соҳибқирони шоирӣ ва падари шеъру адаби тоҷику форс дар деҳаи Рӯдак ё Панҷрӯди ноҳияи Панҷакати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Ашъори саропо панду андарзи Рӯдакӣ бештар аз ҳазор сол аст, ки инсонҳоро ба ростию адолат, сидқу вафо, покию покизакорӣ, ҷавонмардию футувват, парҳезгорию имондорӣ, донишмандию хирадварзӣ ва дигар ахлоқи ҳамида фаро мехонад ва ба сифати чароғи раҳнамо раҳи фардои моро мунаввар менамояд:

Ҳар ки н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор.

***

Ҳеч ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.

***

Дониш андар дил чароғи равшан аст
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст.

***

Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон.
Ҳеч талхӣ нест бар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

Қобили зикр аст, ки аксари ин байтҳои ширину дилпазир аз он байтҳои камшуморанд, ки аз манзумаи «Калила ва Димна»-и Рӯдакӣ то ба мо ёдгор мондаанд. Устод Рӯдакӣ, чунон ки дар боло ёдовар шудем, бо ташвиқи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад, ки ғолибан зери сарпарастии вазири фозили ӯ Абулфазли Балъамӣ тарҷумаи китоби ахлоқию тамсилии “Калила ва Димна” аз арабӣ ба тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) сурат гирифта буд, тарҷумаи тоҷикии онро бо забони фасеҳу баёни дилнишин ба назм овард ва Фирдавсӣ дар “Шоҳнома” чигунагии рухдоди ин матлабро тасвир намудааст.

Устод Рӯдакӣ ҳамчунин асари маъруфи “Синдбоднома”-ро, ки асли ҳиндӣ дошта, баъдан ба паҳлавию арабӣ тарҷума гардида буд, ба риштаи назм кашидааст. Аз ин манзумаи

маъруфу зебо, мутаассифона, то рӯзгори мо ҳамагӣ 40 байт боқӣ мондааст.

Аз ашъори дигари Рӯдакӣ то замони мо ду қасидаи нисбатан мукаммали “Шикоят аз пирӣ” (34 байт) ва “Модари май” (94 байт) ва чандин ғазалу рубоӣ ва қитъаву байтҳои мутафарриқ боқӣ мондааст, ки аз устодии беназири ӯ дар забону адаби мо шаҳодат медиҳанд.

Пухтагию расоиии сухан ва вусъати назару андеша шеъри ӯро ҷовидона гардонидааст. Шеъри ӯ гузашта аз умқи андеша ва ҳунари суханварӣ, аз нигоҳи истифодаи луғот ва истилоҳот ҳам то кунун камназир аст:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики худованд бадӣ нест фаромушт.
Ин теғ на аз баҳри ситамкорон карданд,
Ангур на аз баҳри набиз аст ба чархушт.
Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.
Гуфто, ки киро куштӣ, то кушта шудӣ зор,
То боз куҷо кушта шавад, он ки туро кушт.
Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.

Ба андешаи муаррихону муҳаққиқон, Рӯдакӣ ҳамчунин овози хушу савти дилкаш дошт, чангу уд менавохт ва сурудаҳои худро дар ҳавои мусиқӣ тараннум мекард. Ҳамин истеъдоди фавқулодаи ӯ боис шуд, ки амири Бухоро Наср ибни Аҳмадро, ки дар Бодғис муддате рахти иқомат кашида буд, бетаъхир озими Бухоро намояд, то ҷое ки ба қавли Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар “Чаҳор мақола”, амири сомонӣ пас аз шунидани чанд байт аз қасидаи “Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён” “...чунон мунфаил гашт, ки аз тахт фуруд омад ва бемӯза пой дар рикоби хинги навбатӣ овард ва рӯ ба Бухоро ниҳод. Чунон ки ронайну мӯза то ду фарсанг дар пайи амир бурданд ва он ҷо дар пой кард ва инон то Бухоро ҳеч боз нагирифт”. Аз ин қасида ба мо 7 байти зерин ёдгор мондааст:

Бӯйи Ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрбон ояд ҳаме.
Реги Омую дурушти роҳи ӯ
Зери поям парниён ояд ҳаме.

Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст
Хинги моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир зӣ ту шодмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.
Мир сарв асту Бухоро бӯстон,
Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме.
Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,
Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме.

Дар ашъори Рӯдакӣ аксари вожаву таркибҳо аз забони зиндаи мардум корбаст шудаанд, аз ин хотир ин сурудаҳо ба зиндагӣ ва воқеиятҳо бештар созгорӣ доранд. Аз ҷумла, дар қитъаи зер дурангии саҳни чаман, яъне аз дами сарди боди зимистон чун думи гург ё думи паланг будан, вале аз мақдами гулрези баҳори дар нақшофаринӣ чун Монии суратгар зебу фар ёфтани чаман ба мисли китоби пурнақши Жанг ё Аржанги Монӣ бо рангомезии хаёл тасвир гардида, дар баробари ин гирдгардиш ва бебақоии ҷаҳон таъкид шудааст:

Он саҳни чаман, ки аз дами дай
Гуфтӣ думи гург ё паланг аст.
Акнун зи баҳори монавитабъ
Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст.
Бар киштии умр такя кам кун,
К-ин Нил нишемани наҳанг аст.

Устод Рӯдакӣ мазмуни бархе қиссаҳои дилангези қуръонӣ ва ҳадисҳои набавиро низ бо маҳорату устодии комил дар қолиби шеър ба забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) баён кардааст, ки қитъаи зерин бозгӯйи ин ҳақиқат аст:

Нигорино, шунидастам, ки гоҳи меҳнату роҳат,
Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр андар:
Яке аз кайд шуд пурхун, дувум шуд чок аз туҳмат,
Севум Яъқубро аз б-ӯш равшан гашт чашми тар.
Рухам монад бад-он аввал, дилам монад бад-он сонӣ,
Насиби ман шавад дар васл он пироҳани дигар.

Бояд гуфт, ки дар таркиби луғавии осори Рӯдакӣ калимаву таркибҳои мансуб ба гурӯҳҳои гуногуни луғавӣ ва калимаву таркибҳои гуфтугӯии мардумӣ зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Масалан, дар рубоии зер таркибҳои маъмули «дил сер нагашт», «чашм об нагирифт», «аз ҷон дӯсттар доштан» ва «аз душман батар будан»-ро шоир бо маҳорати хос истифода кардааст:

Дил сер нагардадат зи бедодгарӣ,
Чашм об нагирадат, чу бар ман нигарӣ.
Ин турфа, ки **дӯсттар зи ҷонат дорам**,
Бо он ки **зи** сад ҳазор **душман батарӣ**.

Аз ин ҷост, ки устод Айнӣ дар бобати корбасти калимаҳои омиёна ва гуфтугӯйии тоҷикӣ дар ашъори Рӯдакӣ чунин менависад: «Рӯдакӣ **хошок**, **дош**, **хархаша** ва **фартут** барин калимаҳои кӯчагии тоҷикиро ба кор даровардааст».[379] Ба пиндори забоншиноси тоҷик С. Ҳалимов, ҳам калимаҳои **хирман**, **кишт**, **дарав**, **шудгор**, **обканд**, **тундар (тандур)**, **шабнам**, **торикшаб**, **теғ**, **доман**, **раҳгузар**, **ташнаҷигар**ро аввалин бор устод Рӯдакӣ ба забони хаттӣ (китобӣ) дохил кардааст.[380]

Дар ашъори Рӯдакӣ, ки то замони мо расидааст, ибораҳои рехта ва таъбирҳои пуробуранги маҷозӣ: **ба олам ном парокандан** (машҳур шудан), **дил танг доштан, дарахти умр аз по афкандан, сар печидан, сар ниҳодан, хашм рондан, доми тамаъ афкандан, туршрӯй шудан, ҳар чӣ бодо бод**… ибораҳои изофӣ, ки яке аз ҷузъҳои онҳо бо маънои маҷозӣ омадааст, аз қабили **доми тамаъ, коми дил, пурсиши гарм, шуълаи лола, лаби лаъл, талхии заҳри талаб, кушоиши кор, сарви баланд, чархи миноӣ**… фаровон ба назар мерасанд.

Зарбулмасалу мақол, панду ҳикмат, ифодаҳои маҷозӣ ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ, ки устод Рӯдакӣ аз онҳо истифода кардааст, шеъри ӯро дилкаштару ҷаззобтар кардаанд. Аксари ин зарбулмасалу мақол ва панду ҳикмат то ба имрӯз бо баъзе тағйирот дар забони модарии мо вуҷуд доранд:

«Макун бад ба кас, гар нахоҳӣ ба хеш».

ё:

«Ангушт макун ранҷа бар дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт».

ё:

Дуруст рост бувад ин масал: «худой варо
Агар яке бубаст дар, ҳазор дар бикушод».

[379] С. Айнӣ. Куллиёт, ҷ. XI, к. 1. - Душанбе, 1963. - С. 148.
[380] С. Ҳалимов. Таърихи забони адабии тоҷик (асри X). - Душанбе, 1979. - С. 66.

Ин нукта ҳам ҷолиб аст, ки баъзе калимаҳои осори ӯ имрӯз танҳо дар бархе лаҳҷаҳои тоҷикӣ боқӣ мондаанд ва барои дигар форсизабонон нофаҳмоянд: **коза** (каппа), **тундар** (раъд), **хусур** (падарарӯс), **модандар** (модари ӯгай, ки дар мо моиндар ҳам мегӯянд), **писандар, духтандар**, **ёристан** (натарсидан; ёрои коре доштан), **хунб** (хум):

Чӣ неку сухан гуфт ёре ба ёре,
Ки: «То кай кашем аз **хусур** зиллу хорӣ?»

ё

Ҷуз ба **модандар** намонад ин ҷаҳони гурбарӯй,
Бо **писандар** кина дорад ҳамчу бо **духтандар**о.

Аксари муҳаққиқони дохиливу хориҷӣ нақши устод Рӯдакиро дар ташаккули забону адаби мо бисёр барҷаста арзёбӣ менамоянд. Аз ҷумла, С. Ҳалимов дар ин маънӣ чунин менависад: «Вай (Рӯдакӣ – Э.Р.) эътиқоди ҳамасрони худро нисбат ба анъанаи забони арабӣ тағйир дод ва бо вайрон кардани ин эътиқод назари аҳли илму адаби замонашро ба сӯйи забони модарӣ нигаронд, ки пас аз сари ӯ роҳу равиши пешгирифтаи ӯ боз ҳам васеъ шуд ва ба ин роҳ даҳҳо ва садҳо намояндагони аҳли илму адаби тоҷик дар ҳар аср дохил шуданд ва хазинаи забони адабии тоҷикиро беш аз пеш бойтару ғанитар гардонданд».[381]

Кутоҳи сухан, ашъори Рӯдакӣ намунаи равшани истеъдоди фитрӣ, табъи суханофари модарзод, ҳофизаи қавӣ, диди шоиронаву сувари хаёл, нозукандешию нозукбаёнӣ, содагӯйию санҷидагӯйӣ буда, ин ҳама бешубҳа гувоҳи устодии комили ӯ дар забону адаби тоҷикӣ ё форсии дарист. Аз ҳамин ҷост, ки шеъри Рӯдакӣ дар аксари тазкираҳои баъдӣ ва фарҳангномаҳо ба сифати шоҳиди луғавӣ фаровон истифода шудааст.

Абушакури Балхӣ аз бузургтарин шоирон ва суханварони аҳди сомонист, ки дар бораи аҳволу осораш дар тазкираҳо камтар ишора рафтааст. Сухансароёни баъдӣ ҳама мақому мартабаи баланди ӯро дар забону адаби мо сутудаанд ва шоири аҳди ғазнавӣ Манучеҳрии Домғонӣ дар байти зер вайро бо устод Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ ва шоири арабизабони аҳди

[381] С. Ҳалимов. Таърихи забони адабии тоҷик (асри Х). - Душанбе, 1979. - С. 75.

сомонӣ Абулфатҳи Бустӣ дар як саф ниҳода, аз реҳлаташ изҳори таассуф кардааст:

Аз ҳакимони Хуросон ку Шаҳиду Рӯдакӣ,
Бушакури Балхию Булфатҳи Бустӣ ҳоказо.

Аҳли таҳқиқ вилодати Абушакури Балхиро дар ҳудуди солҳои 912 ё 915 дониста, вафоташро баъд аз соли 983 эҳтимол додаанд. Ӯ ҳамчунин аз наздикони амири сомонӣ Нуҳ ибни Наср (солҳои ҳукмрониаш 943-954) буда, манзумаи "Офариннома"-ро ба номи ӯ таълиф кардааст ва дар ин бора чунин ишорат дорад:

Худованди мо Нуҳи фаррухнажод,
Ки бар шаҳри Эрон бигустард дод.

Аз ин андарзнома, ки баъзе абёти он, аз ҷумла байти дар боло ёдшуда бо абёти "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ҳамсангию ҳамоҳангӣ дорад, то ба мо ҳудуди 300 байт боқӣ мондааст. Бархе пажӯҳишгарон "Офариннома"-ро идомаи андарзномаҳои паҳлавӣ донистаанд.

Ашъори боқимондаи ӯ, ки ҳама бо забони ширину баёни фасеҳ суруда шудаанд, илму дониш, хираду маърифат, дӯстию бародархондагӣ, сабру шикебоӣ, айбпӯшию ҳунарбинӣ ва дигар ахлоқи ҳамидаи инсониро тарғиб мекунанд:

Биёмӯз, ҳарчанд битвониё,
Магар хештан шод гардониё.
***
Ки позаҳр заҳр аст, к-афзун шавад,
Чу з-андозаи хеш берун шавад.
***
Дурушт аст посух, валекин дуруст,
Дурустӣ дуруштӣ намояд нахуст.
***
Бародар бародар бувад, дӯст беҳ,
Чу душман бувад, берагу пӯст беҳ.
***
Магар пеш биншонадат рӯзгор,
Ки беҳ з-ӯ наёбӣ ту омӯзгор.
***
Хирадманд гӯяд, хирад подшост,
Ки бар хосу бар ом фармонравост.

***

Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану бофтан.

***

Дарахте, ки хурдак бувад боғбон,
Бигардонад ӯро, чу хоҳад, чунон.
Чу гардад калон, боз натвонадаш,
Ки аз кажжию хам бигардонадаш.

Ин нукта ҳам шоистаи зикр аст, ки баъзе суханварони бузурги баъдина, мисли Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳотифӣ ва дигарон ба бархе мазмунҳои зебою рангини ӯ назираҳои зеботару рангинтар сохтаанд.

Абушакури Балхӣ, аз ҷумла дар бобати меваи талх бор овардани дарахти талхгавҳар чунин мегӯяд:

Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо.
Ҳамон меваи талхат орад падид,
Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид.
Зи душман гар айдун, ки ёбӣ шакар,
Гумон бар, ки заҳр аст, ҳаргиз маха(в)р.

Фирдавсӣ дар ҳаҷвномаи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ин мазмунро чунин ба риштаи тасвир кашидааст:

Дарахте, ки талх аст вайро сиришт,
Гараш барнишонӣ ба боғи биҳишт
В-ар аз ҷӯйи хулдаш ба ҳангоми об
Ба бех ангабин резию шаҳди ноб,
Саранҷом гавҳар ба кор оварад,
Ҳамон меваи талх бор оварад.

Мегӯянд, ки шоири маъруф Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ хоҳарзодаи худ Абдуллоҳи Ҳотифиро фармуд, ки ин мазмунро бо либоси дигар ороста гардонад ва Ҳотифӣ ин абётро суруд:

Агар байзаи зоғи зулматсиришт,
Ниҳӣ зери товуси боғи биҳишт,
Ба ҳангоми он байза парварданаш,
Зи анҷири ҷаннат диҳӣ арзанаш,
Диҳӣ обаш аз чашмаи салсабил,
Бар он байза дам дардамад Ҷибриил.
Шавад оқибат байзаи зоғ зоғ,
Кашад ранҷи беҳуда товуси боғ.

Ин нукта ҳам ҷолиб аст, ки бо вуҷуди зебоии ин абёт Мавлоно Ҷомӣ ба Ҳотифӣ мегӯяд, ки “неку сурудаӣ, аммо дар ҳар байт байзае ниҳодаӣ”.[382]

Гуфтан ба маврид аст, ки давраи Сомониён рӯзгори эҳтирому арҷгузорӣ ба расму оинҳои қадим ва оғози ҳамосасаройӣ маҳсуб мешавад, ки шурӯи назми “Шоҳнома” ба номи Дақиқӣ марбут аст.

Абумансур Муҳаммад ибни Аҳмад маъруф ба **Дақиқӣ** (соли таваллудаш номаълум – дар ҳудуди солҳои 977-979 аз дасти ғуломаш ба қатл расидааст) шоири маъруфи аҳди сомонист, ки ба суннату оинҳои қадими мардуми Эронзамин муҳаббати фаровон дошт ва бо ташвиқи амири сомонӣ Нуҳ ибни Мансур ба назми “Шоҳнома” шурӯъ кард.

Фирдавсӣ, ки дар масъалаҳои ватанхоҳӣ ва арҷгузорӣ ба суннату оинҳои гузаштагон ҳамнавою ҳамсадои дили Дақиқӣ буд, дар “Шоҳнома” табъу завқи салими ӯро дар боби достонсаройӣ мавриди ситоиш қарор додааст:

Ҷавоне биёмад гушодазабон,
Сухан гуфтани хубу табъи равон.
Ба мадҳ афсари тоҷдорон будӣ,
Ситояндаи шаҳриёрон будӣ.

Дақиқӣ достони “Гуштосп”-ро ба риштаи назм кашид, вале баъди тақрибан ҳазор байт суруданаш аз ин достон кушта шуд. Фирдавсӣ ин воқеиятро чунин тасвир кардааст:

Якояк аз ӯ бахт баргашта шуд,
Ба дасти яке банда бар кушта шуд.
Бирафт ӯву ин нома ногуфта монд,
Чун он бахти бедори ӯ хуфта монд.

Дақиқӣ ба дини пешиниёни худ муътақид буд ва шояд кушта шуданаш низ ба ҳамин эътиқодаш бастагӣ дорад. Худи ӯ дар чанд мавриди ашъораш рӯйи ниёз ба сӯйи қиблаи Зардушт оварда, аз оини зардуштӣ доштанаш тафохур кардааст:

Дақиқӣ чор хислат баргузидаст,
Ба гетӣ аз ҳама хубию зиштӣ,
Лаби ёқутрангу нолаи чанг,
Майи хушрангу дини зардуҳиштӣ.

[382] Пешоҳангони шеъри форсӣ. Ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. - Теҳрон, 1370//1992. - С. 76.

Дақиқӣ дар сурудани ғазал, қасида ва дигар анвои шеърӣ низ маҳорати тамом дошта, ашъори фаровон сурудааст, вале аз ин ашъораш то рӯзгори мо намунаҳои кам расидаанд. Шеъри ӯ бо забони содаю лаҳни ширин суруда шудааст, ки порчаи шеърии зерин бозгӯйи ин ҳақиқат аст:

Кошкӣ андар ҷаҳон шаб нестӣ,
То маро ҳичрони он лаб нестӣ.
Захми ақраб нестӣ бар ҷони ман,
Гар варо зулфи муақраб нестӣ.
В-ар набудӣ кавкабаш дар зери лаб,
Мунисам то рӯз кавкаб нестӣ.
В-ар мураккаб нестӣ аз некӯӣ,
Ҷонам аз ишқаш мураккаб нестӣ.
В-ар маро бе ёр бояд зистан,
Зиндагонӣ кош, ё раб, нестӣ.

Вале авҷи ҳамосасаройӣ ба забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ва нуқтаи олии тарғиби ватанхоҳию ватандӯстӣ ба ин забон ба номи Абулқосими Фирдавсӣ алоқаманд аст.

Ҳаким Абулқосим Мансур ибни Ҳасани Фирдавсӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бузургтарин шоири ҳамосасаро шинохта шудааст, ки бо назми “Шоҳнома”-и безавол шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кард. Вай соли 934 дар деҳаи Бож, ки ба шаҳри Тӯси музофоти Хуросон мансуб буд, ба дунё омад ва аз хурдӣ ба омӯзиши таърихи куҳан ва нақлу ривоятҳои қаҳрамонию паҳлавонии ниёкони худ шавқи беандоза зоҳир намуд.

Фирдавсӣ баъд аз вафоти Дақиқӣ бо ташвиқи дӯстон ба назми “Шоҳнома” камари ҳиммат барбаст. Ӯ ба расми эҳтиром ва ҳифзи амонати таърихӣ, ки хоси табиаташ буд, ҳазор байтро аз “Гуштоспнома”-и Дақиқӣ дар “Шоҳнома”-и худ ҷой дод ва шоҳкори беназиру безаволе падид овард:

Ба шаҳрам яке меҳрбон дӯст буд,
Ту гуфтӣ, ки бо ман ба як пӯст буд.
Маро гуфт: “Хуб омад ин ройи ту,
Ба некӣ гирояд ҳаме пойи ту.
Кушода забону ҷавони-т ҳаст,
Сухан гуфтани паҳлавони-т ҳаст.
Ту ин номаи хусравон бозгӯй,
Бад-ин чӯй назди меҳон обрӯй”.

Ба назар чунин мерасад, ки Фирдавсӣ бо таълифи “Шоҳнома” ва ёдкарди гузаштаи пурифтихори пешиниёни худ мехост давлати рӯ ба завол овардаи Сомониёнро дубора барқарор ва рӯҳи шуҷоату диловарию ватанхоҳиро дар ин марзу бум дигар бор бедор намояд:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Вале афсӯс, ки дар рӯзгори анҷоми таълифи “Шоҳнома” дигар сарриштаи кор аз дасти хонаводаҳои асили эрониасл рафта буд. Хиёнатҳои паёпайи саркардагони туркиасл теша ба решаи Сомониён зад ва Ғазнавиёнро ба сари кор овард. Фирдавсӣ дар пиронсолӣ шояд бар асари дармондагию нодорӣ дар ҷойе мегӯяд:

Намондам намаксуду ҳезум, на ҷав,
На чизе падид аст то ҷавдарав...

Маҷбур шуд, дар чандин ҷойи “Шоҳнома” дар ситоиши Султон Маҳмуди Ғазнавӣ байти тавсиф изофа намояд ва аз Тӯс ба Ғазна рафта, “Шоҳнома”-ро ба Султон Маҳмуд манзур созад. Аммо Султон Маҳмуд гӯш ба қавли ҳасудону муғризони Фирдавсӣ ниҳод ва “Шоҳнома”-и ӯро қадр накард, ки ин боиси ошуфтагии шоир ва падид омадани “Ҳаҷвнома” ва ё “Гуфтор андар ҳаҷви Султон Маҳмуд” гардид.

Ногуфта намонад, ки баъзе муҳаққиқон ба хомаи Фирдавсӣ тааллуқ доштани ин “Ҳаҷвнома”-ро зери шубҳа қарор дода, муътақиданд, ки иродатмандони Фирдавсӣ ин байтҳоро аз худи “Шоҳнома” ва осори дигар барчида, онро чун рамзи эътироз ба Султон Маҳмуд фароҳам сохтаанд. Вале сабки нигориш, пухтагию расоии калом, шикояту эътирози шадид ба аслу насаби Султон Маҳмуд, инчунин иттилои Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар “Чаҳор мақола” (тақрибан баъди сад соли вафоти шоир навишта шудааст) дар бораи сад байти ҳаҷв гуфтани Фирдавсӣ ва боқӣ мондани шаш байти он изҳори назар кардааст, андешаи болоиро ботил месозад. Фирдавсӣ мегӯяд:

Ба Ғазнин маро гарчи хун шуд ҷигар,
Зи бедоди он шоҳи бедодгар,
К-аз ин ҳеч шуд ранҷи сисолаам,
Шунид аз замин осмон нолаам...
Агар шоҳро шоҳ будӣ падар,

Ба сар барниҳодӣ маро тоҷи зар,
В-агар модари шоҳ бону будӣ,
Маро симу зар то ба зону будӣ...
Зи бадасл чашми беҳӣ доштан,
Бувад хок бар дида анбоштан.

Ҳамчунин ин ҳаҷвномаро метавон як навъ эътирози Фирдавсӣ ба хиёнати Султон Маҳмуд дар амри дарҳам шикастани хонадони асили эронии сомонӣ ва давлати Сомониён низ маънидод кард:

Зи нопокзода мадоред умед,
Ки зангӣ ба шустан нагардад сапед...
Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Наёраст номи бузургон шунуд.

Фирдавсӣ ҳарчанд борҳо ёдовар шудааст, ки сӣ соли умри азиз сарфи назми "Шоҳнома" кард, "чу сӣ сол бурдам ба "Шоҳнома" ранҷ..." ва ё "басе ранҷ бурдам дар ин сол сӣ", вале аз матолиби ин шоҳасар бармеояд, ки шоир то поёни умр ба таҳриру такмили "Шоҳнома" машғул будааст.

Мавзӯи асосии "Шоҳнома" ситоиши донишу хирад, тарғиби ватандӯстию ватанхоҳӣ, пайкори неку бад, муборизаи дод бар бедод... мебошад:

Хирад раҳнамою хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.

***

Тавоно бувад, ҳар ки доно бувад,
Зи дониш дили пир барно бувад.

***

Набошад чу Эрон тани ман мабод,
Дар ин марзу бум зинда як тан мабод.

***

Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,
Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.
Набошад ҳаме неку бад пойдор,
Ҳамон беҳ, ки некӣ бувад пойдор.

***

Ту мар девро мардуми бад шинос,
Касе, ки надорад зи Яздон сипос.
Касе к-ӯ гузашт аз раҳи мардумӣ,

Зи девон шумар, машмар аз одамӣ.

“Шоҳнома”-и Фирдавсӣ дар заминаи осори шифоҳию хаттии мардуми эронинажод “Авесто”, “Ёдгори Зарирон”, “Корномаи Ардашери Бобакон”, “Шоҳномаи Абумансурӣ”, худойномаҳо, таърихномаҳо, андарзномаҳо ва ғайра ба миён омада, аз қисматҳои асотирӣ, ривоятӣ ва таърихӣ иборат аст. Қисмати таърихии “Шоҳнома” марбут ба давраи Ашкониёну Сосониён буда, бо ҳамлаи араб ба Эрон ва шикасти давлати Сосониён анҷом меёбад. Дар хусуси вижагиҳои забонии “Шоҳнома” дар фасли алоҳида муфассалтар сухан хоҳем гуфт.

Кисоии Марвазӣ. Абулҳасани Алӣ ибни Муҳаммад маъруф ба Кисоии Марвазӣ, ки худи ӯ дар бобати вазъу ҳол ва таърихи дақиқи таваллудаш хабар додааст:

Ба сесаду чиҳилу як расид навбати сол,
Чаҳоршанбеву се рӯз боқӣ аз шаввол.
Биёмадам ба ҷаҳон, то чӣ гӯяму чӣ кунам,
Суруд гӯяму шодӣ кунам ба неъмату мол.
Сутурвор бад-ин сон гузоштам ҳама умр,
Ки бардагаштаи фарзандаму асири аёл.

Бино бар ин суруда Кисоӣ 27 шавволи соли 341 мутобиқ ба 17 марти соли 953 дар Марв ба дунё омадааст.

Кисоӣ парвардаи хони неъмати Сомониён буд ва пас аз фурӯпошии давлати сомонӣ ва заволи ҳукумати ин хонавода аз нобасомониҳои давру замон забони шикоят кушодааст:

Ба вақти давлати Сомониёну Балъамиён,
Чунин набуд ҷаҳон, бо ниҳоду сомон буд.

Бино ба навиштаи Сӯзании Самарқандӣ Кисоӣ ҳамчунин бо вазири маъруфи сомонӣ Абулҳусайни Утбӣ муносибати хуб дошта, ӯро низ мадҳ гуфтааст:

Кард Утбӣ бо Кисоӣ ҳамчунон кирдори хуб,
Монд Утбӣ аз Кисоӣ то қиёмат зинданом.

Кисоӣ дар офариниши мазмунҳои дақиқу борик ва тавсифҳои дилкашу рангин бо забони модарӣ завқи салим ва табъи расо доштааст:

Гул неъматест ҳадя фиристода аз биҳишт,
Мардум каримтар шавад андар наими гул.
Эй гулфурӯш, гул чӣ фурӯшӣ барои сим?!
В-аз гул азизтар чӣ ситонӣ ба сими гул?!

Мунҷики Тирмизӣ низ аз шоирони номдори аҳди сомонист, ки девонаш мавриди эътимоду истифода қарор дошта, ба қавли Носири Хусрав дар «Сафарнома» Қатрони Табрезӣ девони Мунҷик ва девони Дақиқиро пеши Носири Хусрав оварда, мушкилоти «форсиро» аз ӯ ҷӯё шудааст.

Шеъри Мунҷик дар тазкираҳои ашъор ва фарҳангҳои тоҷикӣ (форсӣ) ба сифати шоҳиди луғавӣ фаровон истифода шудааст, ки далели возеҳи маҳорату устодии ӯ дар корбасти луғоту ибораҳои тоҷикӣ (форсии дарӣ) мебошад. Шеъри зерин бурҳони қотеи истеъдоди шоирӣ ва устодии ӯ дар забону адаби модарии мост:

Эй хубтар зи пайкари дебои арманӣ,
Эй поктар зи қатраи борони баҳманӣ.
Он ҷо ки мӯйи ту, ҳама барзан ба зери мушк,
В-он ҷо ки рӯйи ту, ҳама кишвар ба равшанӣ.
Андар Фурот ғарқам, то дида бо ман аст,
В-андар баҳори ҳуснам, то ту бар манӣ.
Ар ангабинлабӣ, суханат талх аз чирост?
В-ар ёсаминбарӣ, ту ба дил чунки оҳанӣ.
Мангар ба моҳ, нураш тира шавад зи рашк,
Магзар ба боғ, сарви сиҳӣ пок бишканӣ.
Хуррамбаҳор хонад ошиқ туро, ки ту,
Лоларуху бунафшахату ёсаминтанӣ.
Моро ҷигар ба тири фироқи ту хаста гашт,
Эй сабр, ба фироқи бутон нек ҷавшанӣ.

Чунон ки мебинем, дар шеъри мазкур илова бар тасвирҳои зебои шоирона, ҳамчунин калимаҳои мураккаби «ангабинлаб», «ёсаминбар», «хуррамбаҳор», «лоларух», «бунафшахат», «ёсаминтан» мавриди истифода қарор гирифтаанд, ки шояд бархе аз инҳо сохтаи завқи худи Мунҷик бошанд. Бояд гуфт, ки ҳар кадоме аз ин калимаҳои мураккаб як ҷумла маънӣ дорад: ангабинлаб бутест, ки лабонаш мисли ангабин (асал) ширин асту аз он суханони дилнишин берун меоянд; ёсаминбар ё ёсаминтан бутест, ки баданаш мисли гулбаргҳои ёсамин сафеду дилрабост ва ғайра. Дар шеър ҷойи калима танг аст, вале домани маънӣ бояд фарох бошад.

Робиаи Балхӣ. Робиа бинти Каъби Қуздории Балхӣ аз нахустин бонувони сухансарои аҳди сомонист, ки ба забонҳои

тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ва арабӣ шеърҳои ошиқонаи ҷаззобу рангин сурудааст. Дар бораи таърихи вилодат ва замони вафоти ӯ маълумоти дақиқ мавҷуд нест. Аз ашъори ӯ маҷмӯан то рӯзгори мо 55 байт боқӣ мондааст. Забони ашъораш аз лутфи табъ ва рангинии хаёлаш дарак медиҳад. Ғазали зерин исботи ин гуфтаҳост:

Ишқи ӯ боз андар овардам ба банд,
Кӯшиши бисёр н-омад судманд.
Ишқ дарёе карона нопадид,
Кай тавон кардан шино, эй ҳушманд?
Ишқро хоҳӣ, ки то поён барӣ,
Баски бипсандид, бояд нописанд.
Зишт бояд диду ангорид хуб,
Заҳр бояд хӯрду ангорид қанд.
Тавсанӣ кардам, надонистам басе,
К-аз кашидан тангтар гардад каманд.

Башшори Марғазӣ низ аз шоирони маъруфи аҳди сомонист. Ӯ баъди устод Рӯдакӣ дувумин шоирест, ки аз ӯ то рӯзгори мо як қасидаи зебои хамрияи иборат аз 31 байт боқӣ мондааст. Забони қасидааш ширин ва тасвирҳояш рангин аст. Дар ин қасида шоир, аз ҷумла хӯшаҳои сиёҳи ангурро миёни баргҳои сабзи ток бо диди зебои шоирона чунин ба риштаи тасвир кашидааст:

Дидам сиёҳрӯй арӯсони сабзпӯш,
К-аз ғам дилам ба дидани эшон биёрамид.
Гуфтӣ, ки шоҳи Занг яке сабзчодаре,
Бар духтарони хеш ба амдо бигустарид.

Шоирони дигари аҳди сомонӣ Абулаббоси Рабинҷанӣ (ҳамасри Наср ибни Аҳмад ва Нуҳ ибни Насри Сомонӣ), Абузиръаи Муаммарии Ҷурҷонӣ, Абушуъайб Солеҳ ибни Муҳаммади Ҳиравӣ, Абулмуаййади Равнақии Бухороӣ, Истиғноии Нишопурӣ, Бадеи Балхӣ, Булалои Шуштарӣ, Булмасали Бухороӣ, Туркии Кишии Айлоқӣ, Ҷунайдӣ, Ҷӯйбории Бухорӣ, Хаббозии Нишопурӣ, Хусравонӣ, Хусравии Сарахсӣ, Тоҳири Чағонӣ, Аммораи Марвазӣ, Фароловӣ, Маъруфӣ, Қобуси Вушмгир, Лавкарӣ ва дигарон ҳар кадом бо ашъору осори дилпазир дар рушди забону адаби мо хидмати

босазо кардаанд ва аз худ номи нек дар саҳафоти рӯзгор боқӣ гузоштаанд.

Зикри ин матлаб ҳам муҳим аст, ки аксари шоирони аҳди сомонӣ зодаю парвардаи Хуросону Мовароуннаҳр мебошанд ва дар ашъорашон вожагону калимоти мардуми ин манотиқ бештар истифода гардидаанд. Аз ин рӯ фаҳмиши маънии асли баъзе аз ин вожагону калимот барои шоирони форсигӯйи ғарби Эронзамин, чун Қатрони Табрезӣ мушкилот пеш овардааст, чунон ки Қатрон дар ин амр аз Носири Хусрави Қубодиёнӣ мадад ҷустааст.

Содагии забон, дур аз такаллуфу печидагӣ будани он, истифодаи ҳадди ақалли калимаҳои арабӣ, ҳамчунин табиӣ будани тарзи ифодаи фикру андеша муҳимтарин вижагии назму насри аҳди сомонӣ ба ҳисоб меравад.

§ 2. Вижагиҳои забони тоҷикӣ дар аҳди Сомониён. Вижагиҳои забони аҳди сомонӣ дар осори назму насри он аҳд, ба хусус дар “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсӣ ба хубӣ ба мушоҳида мерасанд. Ба андешаи муҳаққиқон “Шоҳнома” аз зумраи он шоҳкориҳои забону адаби мост, ки дар вай калимоту истилоҳоти арабӣ кам истифода шудааст. Ба иборати дигар, “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ганҷинаи бебаҳои вожагону истилоҳоти қадиму асили тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Аз ин ҷост, ки аксари муаллифону мураттибони фарҳангу луғатномаҳои тафсирии тоҷикӣ (форсӣ) аз “Луғати фурс”-и Асадии Тӯсӣ, ки баъди 40 соли вафоти Фирдавсӣ, дар соли 1065 тадвин шудааст, то “Сиҳоҳ-ул-фурс”-и Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ, “Туҳфат-ул-аҳбоб”-и Ҳофизи Ӯбаҳӣ, “Фарҳанги Ҷаҳонгирӣ”-и Ҳусайни Инҷу, “Фарҳанги Онандроҷ” ва фарҳангҳои тафсирии бунёдии муосир, мисли “Луғатнома”-и Алиакбари Деҳхудо ва “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (Маскав, 1969) барои овардани шавоҳид ҳангоми тафсири калимоту вожагони ҷудогона ба “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ мурочиат кардаанд.

Дар хусуси забон ва луғати “Шоҳнома” устод Садриддини Айнӣ, Хусрави Фаршедвард, Маҳмуди Шафеӣ ва муҳаққиқони зиёд изҳори назар кардаанд, вале асари донишманди эронӣ Маҳмуди Шафеӣ “Шоҳнома ва дастур” ё “Дастури забони форсӣ бар пояи “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ ва санҷиш бо

гӯяндагону нависандагони пешин”[383] дар ин замина таҳқиқоти ҷолиб ва пуразриш маҳсуб мегардад.

Мо дар зер баъзе аз ин вижагиҳои забонии “Шоҳнома”-и безаволи Фирдавсиро, ки бештари муҳаққиқон дар хусуси онҳо назари ягона доранд ва ин махсусиятҳо ба аксари осори назму насри аҳди сомонӣ хосанд, ёдовар мешавем:

1. Бояд гуфт, ки дар саросари “Шоҳнома” аломати ҷамъбандии исмҳои ҷондор, хоҳ инсон бошад, хоҳ ғайриинсон пасванди **-он** аст ва пасванди ҷамъбандии **-ҳо**, ки дар асрҳои баъдӣ низ ба кор рафтааст, дар “Шоҳнома” ба мушоҳида намерасад. Ин ҷамъбандии хоси тоҷикӣ аст:

Ба **мардон** зи ҳар гуна кор оядо,
Гаҳе базму гаҳ корзор оядо.

ё:

Наёраст кардан кас он ҷо гузар,
Зи **девону пилону шерони** нар.

2. Дар “Шоҳнома” аз навъҳои ҷамъбандии шикастаи арабӣ, ки баъдан ба забони модарии мо ворид шудаанд, танҳо ду навъ: қолабҳои **афъол** (осор, абёт) ва **фаъоил** (табоиъ, тароиф) истифода шудааст:

Набинад касе номаи порсӣ,
Навишта ба **абёти** сад бор сӣ.

Фасона куҳан буду мансур буд,
Табоиъ зи пайванди ӯ дур буд.

3. Ҷамъбандии дубораи калимаҳои шакли ҷамъи арабӣ бо пасванди ҷамъбандии тоҷикӣ-форсии **-он** низ дар “Шоҳнома” ба назар мерасад:

Набӣ Офтобу **саҳобон** чу Моҳ,
Ба ҳам бастане якдигар рост роҳ.

Дар мисраи аввал, чунон ки мебинем, калимаи арабии “саҳоб” худаш шакли ҷамъи “соҳиб” аст.

4. Фирдавсӣ дар корбасти калимаҳои зидмаъно ва дар канори ҳам овардани онҳо маҳорати хос дорад:

Аз ӯй аст **неку баду ҳасту нест**,
Ҳама бандагонему эзад якест.

[383] Маҳмуди Шафеӣ. Шоҳнома ва дастур. - Теҳрон, 1343//1965.

Ки ман чун расуле шавам пеши ӯй.
Ҳаме баргароям **каму беши** ӯй.

5. Типи калимаҳои мураккаби пайваст дар қолаби такрор низ дар “Шоҳнома” зиёд ба кор рафтаанд ва ҳамин таркибҳо дар забони модарии мо имрӯз низ ба ҳамон шаклу маъно истифода мешаванд (лахт-лахт, ҷуфт-ҷуфт ва ғайра):

Биёбони беобу гармои сахт,
К-аз ӯ мурғ гаштӣ ба тан **лахт-лахт**.

6. Ташдид гирифтани ҳамсадоҳои охири калимаи аввал дар ибораҳои изофӣ дар “Шоҳнома” бисёр ба мушоҳида мерасад (парри мурғ, парри тир, думми каргас):

Ҳаво **думми каргас** шуд аз **парри тир**,
Замин шуд зи хуни сарон обгир.

7. Қолаби калимасозии факки изофат, яъне аз байн рафтани бандаки изофии -и ба назар мерасад (**гулнор** – аз гули нор, **гулшаҳр** – гули шаҳр, **миҷмароташ** – миҷмари оташ ва ғайра):

Рухонаш чу **гулнор**у лаб нордон,
Зи симин бараш руста ду норвон.

8. Дар “Шоҳнома” аксаран барои муайян кардани ҷинсияти луғавии занонаю мардона калимаи нар (нарра) ё мода бо исм ҳамроҳ оварда шудааст (наррашер, модашер, наррадев, нараждаҳо):

Набинам ҷуз аз шеру **нараждаҳо**,
Зи чанги балоҳо наёбам раҳо.

9. Сифати феълии замони ҳозира бо пасванди - **анда** дар “Шоҳнома” корбурди фаровон дорад (бинанда, гӯянда, ноланда, ғурранда, бурранда ва ғайра):

Яке нома бояд чу **бурранда** теғ,
Паёме ба кирдори **ғурранда** меғ.

10. Феъли ҳол низ доираи истифодаи зиёд дорад (чамон, чакон, чарон, дамон ва ғайра):

Бихуфту баросуд аз рӯзгор,
Чамону чарон Рахш дар марғзор.

11. Калимаҳои мураккаб, ки аз ду исм таркиб ёфтаанд (Ҳронзамин, суманбарг, лолабарг, табарзин, шерзан, шоҳзан, говмеш, моҳрух, поймард, пойкор, дасткор, пилтан, пилдандон, симдандон ва ғайра):

Ба пеши сипоҳ андарун **пилтан**,
Ки дар ҷанг ҳаргиз надидӣ шикан.

12. Калимаҳои мураккаб, ки аз исм ва сифат таркиб ёфтаанд:

Намонад **равонтандурусту** ҷавон,
Мабодаш равону мабодаш забон.

13. Калимаҳои мураккаб ки аз асосҳои гуногуни феъл ва миёнвандҳои -у- ва -о- ташкил ёфтаанд (деҳодеҳ, доругир, деҳудор, шудомад, дорубурд ва ғайра):

Деҳодеҳ хурӯш омаду **доругир**,
Ҳаво парри каргас шуд аз парри тир.

Шудомад бияфзуд наздики ӯй,
Баромехт бо ҷони торики ӯй.

Агар шоҳ бо шоҳ ҷӯяд набард,
Чаро бояд ин лашкару **дорубурд**.

14. Калимаҳои мураккаб, ки аз ду сифат таркиб ёфтаанд:

Сипоҳу зару ганҷи ман пеши туст,
Маро судмандӣ ба **камбеши** туст.

15. Калимаҳои мураккаб, ки аз исм ва асоси замони ҳозираи феъл таркиб ёфтаанд (**гарданкаш, дилхоҳ, дилпазир, дастрас, обгир, номдор, шабгир, обчин, зарнигор, ҷанговар, ҷаҳонбин** ва ғайра):

Зи хуни сарон дашт гашт **обгир**,
Зану кӯдаконшон бибурданд асир.

16. Калимаҳои мураккаб, ки аз исм ва асоси замони гузаштаи феъл таркиб ёфтаанд (**шоҳозмуд, раҳовард, зангорхӯрд, зарбафт, девзод, шоҳзод, хокхӯрд** ва ғайра):

Чунончун Фаредун маро дода буд,
Туро додам ин тахти **шоҳозмуд**.

17. Калимаҳои мураккаб, ки аз сифату исм таркиб ёфтаанд (**пурмоя, наврӯз, сияҳгӯш, тирашаб, ҷавонмард** ва ғайра):

Ҳам оташ бимурдӣ ба оташкада,
Шудӣ тира **Наврӯзу** ҷашни Сада.

18. Калимаҳое, ки аз исм бо истифодаи пасванди маконсози –**истон** сохта шудаанд (**гулистон, булбулистон, ғулғулистон,**

шабистон, фағистон (яъне буткада), майистон, найистон, барбаристон, Ҳиндустон, Зобулистон ва ғайра):

Гулистон, ки имрӯз бошад бабор,
Ту фардо чинӣ гул, наёяд ба кор.

Бояд зикр кард, ки Фирдавсӣ ин пасвандро ба ду шакл **-истон** ва **-сон** истифода кардааст ва -сон гунаи ихтисоршудаи ҳамин пасванди **-истон** аст (**беморсон**, яъне бемористон, **шорсон** – шаҳристон, **корсон** – користон, **хорсон** – хористон, **шӯрсон** – шӯристон, **Сурсон** – Суристон (Сурия) ва ғайра):

Бад-ӯ гуфт Гударз **беморсон**,
Туро ҷойи зеботар аз **шорсон**.

19. Калимаҳое, ки аз исм бо истифодаи пасванди маконсози **-гоҳ** ба миён омадаанд (**божгоҳ, бунгоҳ, дастгоҳ** ва ғайра):

Чу омад ба наздикии **божгоҳ**,
Ҳам он гаҳ биёмад зи Эрон сипоҳ.

20. Калимаҳое, ки аз исм бо истифода аз нимванди **-када** ба миён омадаанд (**буткада, оташкада, парастишкада**):

Ҳама шаҳр гӯйӣ магар **буткада**ст,
Зи дебои Чин бар гул озин бубаст.

Ин нимванд дар “Шоҳнома” ҳамчун калимаи мустақил ҳам ба маънои хона, манзил истифода шудааст:

Бад-ин бенишон роғу кӯҳи баланд,
Када сохтанд аз ниҳеби газанд.

21. Исмҳое, ки аз исм бо пасванди **-бон** (**-вон**) сохта шудаанд (**рӯдбон, сорбон, ҷаҳонбон, сорвон, корвон** ва ғайра):

Чу омад ба наздики Арвандрӯд,
Фиристод зӣ **рӯдбонон** дуруд.

22. Исмҳое, ки аз исм бо афзудани пасванди **-а** сохта шудаанд (**кӯҳа, чашма, даста**):

Бад-ӯ гуфт: “Рав лашкаророй бош,
Бар он **кӯҳа**и рег бар пой бош”.

Калимаи **кӯҳа** аз исми **кӯҳ** ва пасванди **-а** таркиб ёфта, чизи монанд ба кӯҳ, теппа ё баландиро ифода мекунад.

23. Калимаҳои ифодакунандаи монандию шабоҳат, ки аз исм бо афзудани пасванди **-ваш** (**-фаш**) сохта шудаанд (**парасторваш, хуршедфаш** ва ғ.):

Нишаст аз бари бораи дасткаш,
Биёмад бари шоҳи **хуршедфаш**.

Ин пасванд дар “Шоҳнома” барои сохтани калимаҳои дорои маънои соҳибият ва доройӣ ҳам ба кор рафтааст, аз ҷумла калимаи “манифаш”, яъне худбин, худписанд, он ки манманӣ мекунад:

Ба разме, ки кардӣ чунин каш машав,
Ҳунарманд будӣ, **манифаш** машав.

24. Калимаҳое, ки аз исм бо афзудани пасванди **-вор** сохта шудаанд (**гӯшвор, дӯствор, ноҳӯшвор, падарвор, пилвор, раҳвор, сӯгвор, тирвор, шоҳвор, шутурвор**):

Шутурворҳо нору себу биҳӣ
Зи гул дастаҳо карда шоҳаншаҳӣ.

25. Калимаҳое, ки аз исму сифат бо афзудани пасванди **-гун** сохта шудаанд (**обгун, тирагун, зардгун** ва ғайра):

Яке ханҷари **обгун** баркашид,
Ҳамехост аз тан сарашро бурид.

26. Калимаҳои ифодакунандаи макон, ки аз исм бо афзудани пасванди **-сор** сохта шудаанд (**кӯҳсор**, **бешасор**, **Саксор**, яъне Сакистон, маҳалли будубоши сакҳо ва ғайра):

Биғуррид чун раъд дар **кӯҳсор,**
Ва ё шери ҷангӣ гаҳи корзор.

Калимаи маъмули “сар” низ дар “Шоҳнома” ба сифати ҷузъи дувуми калимаҳои мураккаб ба шакли “сор” ба кор рафтааст (**говсор**, яъне дорои сари чу сари гов, **сабуксор** – сабуксар, **чоҳсор** – сари чоҳ ва ғайра):

Ба чанг андарун гурзаи **говсор**
Ба сони ҳаюне гусиста миҳор.

27. Калимаҳое, ки аз исм бо афзудани пасванди **-фом** сохта шудаанд (**лаълфом** ва ғайра):

Бад - ин чора то он лаби **лаълфом**
Кунем ошно бо лаби Пури Сом.

28. Калимаҳое, ки аз исму сифат бо пасванди хурдию навозиши **-ак** шакл гирифтаанд (**канизак, рӯшанак, савсанак, муҳрак** ва ғайра):

Канизак будаш чор чун Офтоб,
Касе рӯйи эшон надида ба хоб.

29. Калимаҳои сохтае, ки аз исм ва асосҳои феъли замони ҳозира ва гузашта бо пасванди **-гор** сохта шудаанд (**ситамгор, комгор, тарсгор, омӯзгор, парвардгор, носозгор** ва ғайра):

Аз он гиряву зории шаҳриёр,
Шуданд он ҳама лашкараш **тарсгор**.

Чунин аст худ мардуми рӯзгор,
Нагирад ҳаме панди **омӯзгор**.

30. Калимаҳое, ки аз исм бо пасванди **-вар** сохта шудаанд (**динвар, озвар** ва ғайра):

Ҳар он **динвар**, к-ӯ на бар дин бувад,
Зи яздон ва аз ман-ш нафрин бувад.

31. Калимаҳое, ки аз исм бо пасванди **-манд** (**-уманд**) сохта шудаанд (**арҷманд, ёрманд, киштманд, пандманд, фараҳманд, хирадманд, ҳунарманд, баруманд**, яъне борвар, ҳосилдеҳ, **тануманд, донишуманд** ва ғайра):

Гар эдун, ки яздон бувад **ёрманд**,
Нагардад бибоист чархи баланд.

32. Калимаҳои ифодакунандаи касбу кор, ки аз исм ва асосҳои феълӣ бо пасванди **-гар** сохта шудаанд (**кафшгар, фусунгар, чорагар, хоҳишгар, тавонгар, пӯзишгар, хӯришгар**, яъне ошпаз ва ғайра):

Тавонгар бувад ҳар кӣ хушнуд гашт,
Дили озвар хонаи дуд гашт.

33. Калимаҳое, ки бо пасванди **-нок** сохта шудаанд (**сӯгнок, тобнок, ҳавлнок** ва ғ.):

Ба парда дарун шуд хури **тобнок**
Зи ҷӯши саворону аз гарди хок.

34. Исмҳое, ки аз сифат бо афзудани пасванди **-а** сохта шудаанд (**сабза, сапеда**):

Сапеда чу аз кӯҳ сар бардамид,
Шуд он домани тирашаб нопадид.

35. Калимаҳое, ки аз сифат бо афзудани пасванди **-ӣ** (**-гӣ**) сохта шудаанд (**зебоӣ, сапедӣ, коҳилӣ, талхӣ, тангӣ, тезӣ, тирагӣ, фузунӣ** ва ғайра):

Сапедии мӯяш бизебад ҳаме,
Ту гӯйӣ, ки дилҳо фиребад ҳаме.

36. Калимаҳои сохтае, ки аз зарф бо афзудани пасванди **-ӣ** сохта шудаанд:

Бикӯшад магар дил бипечонадам,
Ба **пеши**и лашкар битарсонадам.

37. Калимаҳое, ки аз масдар ва исми масдар бо пасвандҳои **-гаҳ** (**-гоҳ**), **-када** сохта шудаанд (**нишастангаҳ, ромишгаҳ, парастишкада**):

Парастишкада гашт аз эшон биҳишт,
Бубаст андар ӯ девро Зардуҳишт.

38. Калимаҳое, ки аз шумора ва исм сохта шудаанд (**симурғ, чорпой**):

Мар ӯро зи дӯшиданӣ **чорпой**
Зи ҳар як ҳазор омадандӣ ба ҷой.

39. Калимаҳое, ки аз зарф ва пасванди маконсози **-гоҳ** сохта шудаанд (**пешгоҳ, зергоҳ**):

Ҳамон мизбонро яке **зергоҳ**,
Ниҳоданду биншаст наздики шоҳ.

40. Калимаҳое, ки аз ду исм ва пасванд сохта шудаанд:

Канизак бибурд **обдастон**у ташт,
Зи дидори меҳмон ҳаме хира гашт.

Калимаи **обдастон** аз исмҳои **об** ва **даст** бо афзудани пасванди **-он** сохта шудааст ва маънои офтобаро дорад. Ин калима дар шакли **обдаста** ва **обдастӣ** дар баъзе лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ имрӯз истифода мешавад.

41. Калимаҳое, ки бо ёрии пасванди **-онӣ** сохта шудаанд (**зиндагонӣ, коваёнӣ, хусравонӣ** ва ғайра):

Фурӯ ҳишт з-ӯ сурху зарду бунафш,
Ҳаме хондаш **Коваёнӣ** дирафш.

42. Калимаҳои мураккаби пасванддор, ки аз шумора, исм ва пасванди **-а** сохта шудаанд (**даҳсола, дурӯза, дунажода, панҷмарда, яктана** ва ғайра):

Дурӯза ба як рӯз бигзоштӣ,
Шаби тираро рӯз пиндоштӣ.

43. Калимаҳое, ки аз исм, сифат ва зарф ба воситаи пасванди **-ин** сохта шудаанд (**ғамин, заррин, симин, оҳанин, кашкин, чӯбин, ростин, пасин, чандин** ва ғ.):

Ҳама меҳтарон хонданд офарин,
Бар он номвар меҳтари **ростин**.

44. Калимаҳое, ки аз исм, сифат ва зарф ба воситаи пасванди **-ина** сохта шудаанд (**оҳанина, палангина, пашмина, заррина, симина, дерина, тарина** ва ғайра):

Сари тахту бахташ баромад зи кӯҳ,
Палангина пӯшид худ бо гурӯҳ.

45. Калимаҳое, ки аз исму сифат бо пешванди **но-** сохта шудаанд (**ночиз, нохуб, нохуш** ва ғайра):

Ки яздон зи **ночиз** чиз офарид,
Бад-он то тавоноӣ омад падид.

46. Калимаҳои мураккабе, ки аз исму сифат ва сифату исм бо пешванди **но-** сохта шудаанд (**нотандуруст, ноҷавонмард, ношодком** ва ғайра):

Ки туроншаҳ он **ноҷавонмард** мард,
Нигаҳ кун, ки бар шоҳи Эрон чӣ кард?

47. Калимаҳое, ки аз исм, асосҳои феълӣ ва дигар ҳиссаҳои нутқ бо пешванди **ҳам-** сохта шудаанд (**ҳамгурӯҳ, ҳамдостон, ҳамсоя, ҳампушт, ҳамовард, ҳамтоб** ва ғайра):

Ҳамоварди ин наррашерон манам,
Харидори ҷанги далерон манам.

48. Чунон ки гуфтем, дар “Шоҳнома” калимаю таркибҳои арабӣ доираи истифодаи ҳадди ақал доранд ва бештари онҳо аз забони худи арабҳо гуфта шудаанд (байтул-ҳаром, Зулактоф, Фаммул-асад, аллоҳу акбар, алайка-с-салом):

Аробӣ **Зулактоф** кардаш лақаб,
Чу аз муҳра бикшод кифти араб.

Зулактоф лақаби шоҳи сосонӣ Шопури Урмузд аст, ки ба сарзамини арабҳо тохту тоз мекард ва арабҳо ӯро бинобар шонаи паҳн доштанаш “Зулактоф”, яъне соҳиби китфҳо ном додаанд.

Ҳамчунин таркиби арабии “лоҷарам”, ки дар “Шоҳнома” дар панҷ ё шаш ҷой истифода шудааст, дар арабӣ ба маънии “ҷурме накард, гуноҳе надорад” мебошад, вале Фирдавсӣ ва шоирону нависандагони баъдӣ, аз ҷумла Саъдӣ ба ӯ пайравӣ карда, онро ба маънии “ночор, аз ин рӯ, аз ин ҷиҳат” ба кор бурдаанд:

Кунун **лоҷарам** кирдгори сипеҳр,
Зи Тӯсу зи лашкар бибуррид меҳр.

Ҳосили сухан ин аст, ки Фирдавсӣ бо таълифи “Шоҳнома” дар амри бақою пойдории забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) хидмати босазо ва мондагор анҷом додааст. Наҳзату шукуфойии забони тоҷикӣ дар охири аҳди Сомонӣ ва ибтидои аҳди Ғазнавӣ бо

номи Фирдавсӣ ва “Шоҳнома”-и безаволи ӯ пайвастагии ногусистанӣ дорад. Ин воқеият аз байти зерини худи шоир ба назар мерасад:

Зи Фирдавсӣ акнун сухан ёд гир,
Суханҳои покизаву дилпазир.

Донишманди маъруф Забеҳуллоҳи Сафо ду далели аслии зерини таваҷҷуҳи Сомониёнро ба забони форсӣ таъкид кардааст:

Аввал ин, ки Сомониён дар фикри истиқлоли адабии эрониён буданд ва назари Яъқуби Лайсро дар ин замина дунбол мекарданд ва дуюм он, ки Сомониён мекӯшиданд дарбори онон ҳамон мартабату мақомеро ёбад, ки Бағдод дар зери тасаллути халифаҳои Аббосӣ доро буд.[384]

Забони тоҷикӣ дар аҳди Сомонӣ ҳамчунин дар амри болобурди маърифати динӣ ва маорифи исломии сарзаминҳои тобеи Сомониён нақши босазо дорад. Гуфтем, ки бо ибтикори амири сомонӣ Мансур ибни Нуҳ Тарҷумаи Тафсири Табарӣ ба анҷом расид ва забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) нахустин забоне буд, ки ба он Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ тарҷума шудааст. Баъдан дар замина ва пайравии ин тафсир садҳо тафсиру тарҷумаҳои қуръонӣ ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) ба миён омаданд. Таълифу тарҷумаи нахустин осори динию мазҳабӣ, аз ҷумла “ас-Савод-ул-аъзам” бо ташвиқу тарғиби амирони сомонӣ анҷом пазируфтааст. Дар ин аҳд тафсири Абуалии Хузистонӣ (ваф. 915), ки ба арабӣ таълиф шуда буд, ба тоҷикӣ тарҷума гардид. Абузайди Балхӣ (вафот 933) бо номи “Назми Қуръон” тафсире иншо кард ва Абуалии Сино ба чанд сураи Қуръони Шариф, аз ҷумла сураи Ихлос, сураи Фалақ ва сураи Нос тафсири фалсафӣ навишт.

Дар ин давра илми ҳикмат, ки инчунин бо истилоҳи фалсафа машҳур аст, ривоҷу равнақи бештар пайдо кард ва шарҳҳои муҳим ба осори фалсафии Арасту, Афлотун ва дигар файласуфони Юнони қадим ба миён омаданд. Рушди илми ҳикмат ва шарҳнависии осори фалсафии ин аҳд бо номи **Абунаср Маҳмуд ибни Муҳаммади Форобӣ** (вафот 950)

[384] Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷ.3. бахши 1.- Теҳрон, 1371//1993. - С. 308.

алоқаманд аст. Осори ӯ “Рисола фӣ мабодӣ”, “Ороу аҳл-ил-мадинати-л-фозила”, “Ағрозу мобаъда-т-табиа” ва ғайра, ки ба арабӣ таълиф гардидаанд, дар ташаккули афкори фалсафии донишмандони баъди ӯ саҳми муносиб гузоштаанд.

Абунасри Форобӣ ҳамчунин аз ҷумлаи нахустин донишмандоне шинохта шудааст, ки матолиби фалсафиро дар қолаби шеъри тоҷикӣ (форсии дарӣ) баён кардааст. Намунаи шеъри ҳакимонаи ӯ рубоии зерин аст, ки Ризоқулихони Ҳидоят дар “Маҷмаъ-ул-фусаҳо” ба қалами ӯ нисбат додааст:

Асрори вуҷуд хоми нопухта бимонд,
В-он гавҳари бас шариф носуфта бимонд.
Ҳар кас ба далели ақл чизе гуфтанд,
Он нукта, ки асл буд, ногуфта бимонд.

Вале рушди минбаъдаи илми ҳикмат, аз ҷумла таълифи асари нисбатан мукаммали тоҷикӣ (форсӣ) дар ин замина бо номи Абуалии Сино марбут аст.

Ҳуҷҷатулҳақ шайхурраис **Абуалӣ Ҳусайн ибни Сино** (980-1037) дар деҳаи Афшанаи Бухоро ба дунё омадааст. Падараш Абдуллоҳ аслан аз мардуми Балх буд ва баъди ба девони Сомониён ба кор пазируфта шуданаш дар замони подшоҳии Нуҳ ибни Мансур (976-997) ба Бухоро омад ва дар ҳамин ҷо бо Ситорабону ном духтаре аз рустои Бухоро издивоҷ кард ва соли 980 дар хонадони онҳо Ибни Сино ба дунё омад.

Таҳсили ибтидоиро Ибни Сино дар Афшана фаро гирифта, баъдан дар назди донишмандоне чун Абдуллоҳи Нотилӣ ва Исмоили Зоҳид мантиқ, фалсафа, фиқҳ ва риёзиётро аз бар кард. Аз мукотиба ва мунозираи ӯ бо Абурайҳони Берунӣ бармеояд, ки ӯ ҳанӯз дар 17-солагӣ олими баркамол будааст. Вай нахуст дар дарбори сомонӣ ба фаъолият оғоз кард.

Баъди таназзули давлати сомонӣ Ибни Сино ба дарбори Хоразмшоҳиён рафт ва муддате дар ҳалқаи донишмандони он аҳд: Абурайҳони Берунӣ, Абусаҳли Масеҳӣ, Абунасри Ироқ, Абулхайри Хаммор, Абулҳусайни Суҳайлӣ бимонд. Вале чун хабари ҳамлаи Султон Маҳмуд ба Хоразм расид, ба Гургон фирор кард. Сипас аз Гургон ба Рай ва аз Рай ба Ҳамадон рафт. Дар дарбори Шамсуддавла Абутоҳири Дайламӣ чанд сол девони вазоратро ба зимма дошт. Соли 1023 ба Исфаҳон омад

ва дар ин шаҳр осори маъруфи худ «Китоб-ун-наҷот», «Ишорот ва танбеҳот» ва «Донишномаи Алоии»-ро таълиф намуд.

Ба андешаи муҳаққиқон Ибни Сино бештар аз 240 асар, аз ҷумла 33 асар ба забони модариаш – забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) навиштааст. Осори боқимондаи ӯ «Китоб-уш-шифо», «ал-Қонун фӣ-т-тибб», «Донишномаи Алоӣ» аҳамияти бузурги илмӣ доранд.

Ӯ ҳамчунин дар таълифи рисолаҳои рамзию тамсилӣ, аз қабили «Рисолат-ут-тайр», «Ҳай ибни Яқзон», «Саломон ва Абсол», «Меъроҷнома», «Пирӯзнома» шуҳрат дорад. Ибни Сино дар сурудани шеъри тоҷикӣ, ба хусус рубоиёти ҳакимона маҳорати комил доштааст, ки рубоии зерин бозгӯйи ин амр аст:

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи банди ҳар макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.

Аз шеърҳои тоҷикии ӯ тавассути тазкираҳо шасту панҷ байт то замони мо расидааст. Дар аксари шеърҳои боқимонда алоқамандии ҷиддию самимона ва нозукандешиву мӯйшикофии ӯ дар риштаҳои мухталифи илм ба мушоҳида мерасад:

Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.
Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,
В-охир ба камол заррае роҳ наёфт.

Аз осори илмии тоҷикии Ибни Сино то рӯзгори мо, чунон ки гуфтем, се асар - «Донишномаи Алоӣ», «Меъроҷнома» ва «Рисола дар набз» боқӣ мондааст, ки аз маҳорати беназири ӯ дар нигориши илмӣ бо забони тоҷикӣ шаҳодат медиҳад.

«Донишномаи Алоӣ»-ро Абуалии Сино, чунон ки ишорат рафт, бо дархости ҳокими Исфаҳон Алоуддавлаи Кокуя ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) навишта, ба ин хотир «Донишномаи Алоӣ» ном ниҳодааст.

«Донишномаи Алоӣ» аслан аз қисматҳои мухталиф – мантиқ, илоҳиёт, табииёт ва риёзиёт (ҳандаса, ҳайат, риёзиёт, мусиқӣ) иборат будааст. Вале ба қавли шогирди ӯ Абуубайди Ҷузҷонӣ қисмати риёзиёти ин асар зуд аз байн рафтааст ва

Абуубайд ин қисматро аз осори дигари Абуалӣ, ба хусус «Китоб-уш-шифо» гирд оварда, ба ин асар ҳамроҳ кардааст.

Дар бораи вожагону истилоҳоти китоби мазкур Муҳаммади Муин менависад: «Хоҷаи раис, ҳамон гуна ки дар мусаннафоти арабии худ ба тавсеаи луғату истилоҳоти арабӣ хидмат карда, дар осори порсии хеш низ муҷиби вусъати доманаи луғоти форсӣ ва мавриди истеъмоли онҳо шудааст». [385]

Барои огоҳӣ пайдо кардани хонанда ба вижагии сабки нигориши Абуалии Сино дар илми ҳикмат порчаи зеринро ба сифати намуна аз китоби «Донишномаи Алоӣ» нақл мекунем:

«Пайдо кардани он, ки хуштарин хушӣ ва бузургтарин саодату некбахтӣ пайванди воҷиб ул-вуҷуд аст, ҳарчанд бештари мардумро сурат он аст, ки чизҳои дигар хуштар аст.

Нахуст бояд ки дониста ояд, ки хушӣ ва дард чист. Гӯем, ки ҳар кучо, ки андарёфт набувад, хушиву дард набувад. Пас нахуст андарёфт бояд ва андарёфт моро ду гуна бувад: яке – ҳиссӣ, ки аз берун бувад ва яке – ваҳмиву ақлӣ, ки аз андарун бувад. Ва ҳар яке се гуна бувад: яке, андарёфти чизӣ, ки созвор ва андархури қуввати андарёбанда бувад ва яке носозвору зиёнкор ва ноандархур ва севум, миёна, ки на ин бувад ва на он. Пас, хушӣ андарёфти андархур бувад ва дард андарёфти ноандархур бувад. Ва аммо андарёфти он чи на ин бувад ва на он, на хушӣ бувад ва на дард».

Гуфтан бамаврид аст, ки дар бобати назарияи истилоҳсозии Ибни Сино ба забони тоҷикӣ (форсӣ) дар заминаи «Донишномаи Алоӣ» чандин таҳқиқоти ҷолиб ба миён омадааст, аз ҷумла синошиноси маъруф Анри Массе дар мақолаи ба ҳамин мавзӯъ бахшидааш ба нуктаҳои асосии зерин ишора мекунад:

1. Ибни Сино хостааст бо имконот ва абзорҳое, ки забони тоҷикӣ дар ихтиёраш гузошта буд, «Донишнома»-ро бинависад;

2. Ӯ дар навиштан ба забони модарии хеш забардаст аст ва арабидонии ӯ дар насри тоҷикиаш таъсир надорад;

3. Аз ин китоб маълум мешавад, ки забони фалсафии тоҷикӣ тавоноиҳои бепоёне дорад;

[385] Муҳаммади Муин. Луғоти форсии Ибни Сино ва таъсири онҳо дар адабиёт//Маҷаллаи донишкадаи адабиёт.- Теҳрон, 1332//1954. - С. 9.

4. Бисёре аз истилоҳоти тоҷикии ӯ аз муодили арабиашон рӯшантаранд (масалан: «бурҳони чаро» ба ҷойи «бурҳони лима»);

5. Вай ғолибан муодили арабии истилоҳоти тоҷикии худро овардааст;

6. Бархе аз истилоҳоти тоҷикӣ (форсӣ) бо истилоҳи арабӣ баробар нестанд (масалан: «андар расидан» ба ҷойи «тасаввур»);

Ҳамчунин Анри Массе дар масъалаи нисбат додани он, ки ҳамаи ин истилоҳоти тоҷикии сохтаи завқи худи Ибни Синост, эҳтиёткор аст ва таъкид мекунад, ки пеш аз забони илм шудани арабӣ забони фалсафии паҳлавӣ ривоҷ дошт ва медонем, ки нахустин китоби мантиқ аз ҳамин забон ба арабӣ тарҷума шуд.[386]

Мо ин нуктаро дар боло ҳангоми баррасии осори қадимаи илмӣ, аз ҷумла «Кашф-ул-маҳҷуб»-и Абуяъқуби Сиҷистонӣ таъкид карда гузаштем.

Ибни Сино дар «Донишномаи Алоӣ» ва «Меъроҷнома» мисли Абурайҳони Берунӣ дар «Китоб-ут-тафҳим» ва мусаннифони дигари осори илмии ин давр кӯшиш ба харҷ додааст, ки дар баробари истилоҳоти илмии арабии мутадовили он замон муодили тоҷикӣ (форсӣ) гузорад ва барои он, ки хонанда аз асли матлаб ба хубӣ огаҳ гардад, истилоҳи форсиро бештар ба сифати истилоҳи асосӣ оварда, аз истилоҳи арабӣ чун истилоҳи фаръӣ ёд мекунад. Барои намуна дар зер як гурӯҳ истилоҳоти илмии тоҷикиро, ки Ибни Сино дар «Меъроҷнома» ба кор бурдааст ва дар осори илмии ин давра, аз ҷумла дар «Китоб-ут-тафҳим»-и Берунӣ аксари ин истилоҳот мавриди истифода қарор доранд, ёдовар мешавем: **дарозо** (тӯл), **паҳно** (арз), **ситабро** (ҳаҷм), **сеяк** (сулс), **чаҳоряк** (рубъ), **бисёрпаҳлу** (касир-ул-азлоъ), **бисёрзовия** (касир-уз-завоё), **нимрӯз** (нисф-ун-наҳор), **бахш** (тақсим), **байғула** (зовия), **шунавоӣ** (сомеа), **биноӣ** (босира), **бӯёӣ** (шомма), **чашоӣ** (зоиқа), **басовоӣ** (ломиса), **андаррасидан** (тасаввур), **гаравидан** (тасдиқ), **чичизӣ** (моҳият), **чандӣ** (камият), **чигунагӣ** (кайфият), **куҷоӣ** (макон), **чароӣ** (иллат), **омезиш** (таркиб), **пазиро** (маҳал), **пазируфта** (ҳол), **пайвастагӣ** (иттисол), **гусистагӣ** (инфисол), **куниш** (феъл),

[386] Ҷашнномаи Ибни Сино. - Теҳрон, 1334//1956, ҷ. 4. - С. 35-45.

кунидан (инфиол), **баробарӣ** (тақобул), **илми барин** (илоҳиёт), **илми пешин** (илми моваруттабиа), **илми миёнгин** (илмулавсат), **илми зерин** ё **илми табиӣ** (илмуладно) ва ғайра.

Замони Сомониён давраи шукӯҳи беназиру бесобиқаи илми тиб ва таълифи осори тиббӣ ба забони тоҷикӣ маҳсуб мешавад. Дар ин аҳд нахуст **Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ** (вафот 925), ки аз бузургтарин донандагони ин илм дар ин аҳд шинохта шудааст, китоби тиббии "ал-Мансурӣ"-ро барои Мансур ибни Исҳоқ - бародарзодаи Исмоили Сомонӣ, ки ҳукумати Райро дар ихтиёр дошт, ба забони арабӣ таълиф кард. Баъдан **Абубакр Аҳмади Ахавайнии Бухороӣ** барои навомӯзони илми тиб китоби маъруфи "Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ-т-тиб"-ро ба забони тоҷикӣ таълиф кард, ки аз рӯйи маълумоти маъхазҳои баъдӣ ин китоб дар байни мардум, ба хусус омӯзандагони илми тиб шуҳрати зиёд дошт.

Абубакри Рабеъ аз аҳли Бухоро буда, ифтихор аз он дошт, ки устодаш Абулқосими Маконаӣ шогирди Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ будааст. Забони таълифи ин асар басе содаю мӯҷаз аст ва намунаи зер бозгӯйи ин ҳақиқат аст:

"Гӯем, лафзи ҳаво далел бувад бар се маънӣ: Яке, ҳавои рӯз ва дигар, ҳавои фусули сол, чун тобистону зимистон ва ба баҳоргоҳу тирмоҳ ва се дигар, ҳавоҳои шаҳрҳо, чун ҳавои Туркистону Сиқлобистон ва Ҳиндустону Рум, яъне шаҳрҳои гармсер ва сардсер.

Гӯем, чун ҳаво муътадил бувад мар танҳои муътадилро, то сиҳҳат бар эшон нигоҳ дорад ва чизе аз афъоли эшонро зарар накунад ва мизоҷи аъзои эшонро нигоҳ дорад ва фузул аз танҳои эшон берун орад...

Фааммо ҳавои сард зиён дорад мар танҳои муътадилро ва бемориҳои сард таваллуд кунад ва мар худовандони савдоро бикушад ё ба ҳоле афканад бад. Ва он бемориҳо, ки аз ӯ таваллуд кунад, табҳои балғамӣ бувад ва назлаи сард ва зукоми сард ва сурфаи балғамонӣ ва фолиҷ ва сакта ва ташаннуҷи тар ва раъша ва хадар ва қулинҷи балғамӣ ва истисқои лаҳмӣ... ".[387]

Ҳамчунин дар ин рӯзгор **Ҳаким Майсарӣ** "Донишнома"-и манзуми худро дар илми тиб ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ)

[387] Аҳмади Ахавайнии Бухороӣ. Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ-т-тибб. Бо эҳтимоми Ҷалоли Матинӣ.Машҳад, 1344//1966. - С. 143-144.

таълиф намуд, ки гувоҳи равшани расидани забони мо ба дараҷаи ифодаи шеърӣ дар илми тиб мебошад. **Абумансур Муваффақи Ҳиравӣ** китоби “ал-Абния ан ҳақоиқ ил-адвия”-ро дар боби дорушиносӣ навишт, ки нусхаи зебои қаламии он бо хати муаллифи “Луғати фурс” – Асадии Тӯсии шоир то замони мо расидааст.

Шукӯҳи баъдии илми тибби аҳди Сомонӣ бо номи **Шайхурраис Абуалии Сино** вобастагӣ дорад. Китоби “ал-Қонун”-и ӯ дар баробари “Фирдавс-ул-ҳикмат”-и Алии Табарӣ, “ал-Ҳовӣ”-и Закариёи Розӣ, “Комилу-с-синоа”-и Маҷусии Аҳвозӣ аз аркони чоргонаи илми тиб шинохта шуда, дар асрҳои миёна ба забони лотинӣ тарҷумаву нашр гардид ва муддати чанд аср дар Аврупо ба сифати китоби дарсии макотиби тиббӣ мавриди бахрабардорӣ қарор дошт. Аз осори тиббии форсии Абуалии Сино то рӯзгори мо “Рисола дар набз” ё “Рагшиносӣ” боқӣ мондааст.

“Рагшиносӣ” ё “Рисола дар набз” ягона асари тиббии аз газанди рӯзгор боқимондаи Абуалии Синост, ки ба забони модарии муаллиф – забони тоҷикӣ таълиф гардидааст. Ин асар ҳам ба мисли «Донишномаи Алоӣ» бо хоҳиши ҳокими Исфаҳон Абуҷаъфари Муҳаммад писари Душманзиёри Кокуя, маъруф ба Азудиддини Алоуддавла (1007-1041), ки Ибни Сино муддате ба ҳалқаи дарбориёни ӯ даромада буд, тасниф шудааст. Дар ташвиқи таълифи рисола муаллиф аз Абуҷаъфари Ҳусом ном марди фозил низ ёд мекунад, ки ба забони тоҷикӣ муҳаббати беандоза доштааст. Бино ба шаҳодати мутарҷими ношинохтаи рисолаи «Ҳай ибни Яқзон»-и Абуалии Сино, рисолаи мазкур бо дархости ҳамин Абуҷаъфари Ҳусом аз арабӣ ба тоҷикӣ (форсии дарӣ) тарҷума шудааст.[388]

Худи муаллиф сабаби таълифи «Рагшиносӣ ё Рисола дар набз»-ро чунин шарҳ медиҳад: «… фармони худованд, малики одил… Азудиддини Алоуддавла ва… Абуҷаъфари Ҳусом… ба ман омад, ки андар боби дониши раг китобе бикун ҷомеъ, ки ҳама аслҳо андар вай бувад ба тафсил. Пас фармонро пеш гирифтам ва ба андозаи донишу тоқати хеш

[388] Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.2. «Ҳай ибни Яқзон». - Душанбе, 1983. - С.66

ин китобро тасниф кардам ба забони порсӣ, чунон ки фармон буд…».[389]

Рисолаи мазкур аз нуҳ фасл иборат аст. Фаслҳои аввал, шашум, ҳафтум, ҳаштум ва нуҳум номгузорӣ шуда, фаслҳои боқимонда, яъне фаслҳои дуюм, сеюм, чаҳорум ва панҷум унвон надоранд.

Забони таълифи рисола ба мисли дигар осори илмии ҳамин давра содаву равон ва орӣ аз ҳар гуна нуктапардозиву афзунгӯйиҳои зиёдатист. Муаллиф матлабро, чунон ки ба услуби таълифи осори илмӣ хос аст, кутоҳу муҷаз баён мекунад. Мисолҳои зерин далели возеҳи ин ҳақиқатанд: «(Офаридгор-Э.Р.) оташро гарм офарид ва аз хушкӣ баҳра дод. Ва ҳаворо тар офариду гудохта ва аз тарӣ баҳра дод. Ва хоку заминро хушк офарид ва аз сардӣ баҳра дод».[390] Ё мисоли дигар «… рӯҳҳои аслӣ чаҳоранд: яке рӯҳи ҳайвонӣ, ки андар дил бувад ва вай асли ҳамаи рӯҳҳост. Ва дигар рӯҳи нафсонӣ ба лафзи пизишкон, ки андар мағз бувад. Ва сеюм рӯҳи табиӣ ба лафзи пизишкон, ки андар ҷигар бувад. Чаҳорум рӯҳи тавлид, яъне зоиш, ки дар хоя бувад».[391]

Ибни Сино дар «Рагшиносӣ» дар баёни матлаб бештар аз истилоҳоти асили тоҷикӣ ва истилоҳоти дурага, ки аз таркибҳои тоҷикиву арабӣ, арабиву тоҷикӣ ё арабиву арабӣ иборатанд, истифода кардааст: дил, ҷигар, мағз, устухон, раг, равон, тан, гармӣ, сардӣ, хушкӣ, тарӣ, дониши раг, гавҳари рӯянда, гавҳари мардум, рагҳои ноҷунбанда, кафки хун, дурдии хун, хуни норасида, нимхун, гусаставазн, гузаштавазн, ҷудовазн, бадҳолӣ, набзи дароз, набзи кутоҳ ва ғ.

Аз баррасии мухтасари осори тоҷикии Абуалии Сино ҳамин ҳақиқати маҳз бори дигар ошкор мешавад, ки Шайхурраис на танҳо дар ривоҷу равнақи соҳаҳои мухталифи илм, аз ҷумла илми тиб дар саросари ҷаҳон саҳми арзанда гузоштааст, балки ӯ барҳақ яке аз бунёнгузорони забони илмии тоҷикӣ (форсӣ) низ мебошад, ки бо таълифи «Донишномаи Алоӣ» ва «Рагшиносӣ» ё «Рисола дар набз» дар баробари

[389] Абуалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб, ҷ.2. «Рагшиносӣ ё Рисола дар набз». - Душанбе, 1983. - С.386.
[390] Ҳамин асар. - С.386
[391] Ҳамин асар. - С. 387.

Абурайҳони Берунӣ, Аҳмади Ахавайнии Бухороӣ, Муваффақи Ҳиравӣ, Муҳаммади Айюби Табарӣ, муаллифи ношинохтаи «Ҳудуд-ул-олам» ва дигарон ба забони форсӣ дар ҷодаи душворгузари илм «шеваи роҳгардӣ» омӯхтааст.

Оғози илми забоншиносии тоҷик низ ба номи донишманди тавонои тоҷик Абуалӣ Сино сахт алоқамандӣ дорад.[392]

Дар бархе аз асарҳои Ибни Сино масъалаҳои забон дар алоқамандӣ бо фалсафаву мантиқ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ин андешаҳои Ибни Сино дар бораи забон ва забоншиносӣ хеле ҷолибанд.

Ақидаҳои забоншиносии Абуалӣ ибни Сино бар пояи анъанаҳои гузаштагону ҳамзамононаш ташаккул ёфта аз баҳрабардории фалсафаи Юнон ва илми луғати араб оғоз гардидааст.

Таваҷҷуҳи Абуалӣ ибни Синоро ба забону забоншиносӣ аз як ишораи худи ӯ, ки дар муқаддимаи рисолаи «Махориҷ-ул-ҳуруф» кардааст, фаҳмидан мумкин аст: «Шайхи бузургвори род устод Абумансур Муҳаммад ибни Алӣ ибни Умар Ҷуббон, ки ҳар чи хоҳӣ дар хештан накуиҳое падидор дорад ва бар гардани ман миннатҳои ошкор, аз ман дархост, на аз сари ниёз, балки аз пайи дилҷӯйии ман, ки он чиро пас аз пажӯҳиши жарф аз сабабҳои падид омадани ҳарфҳо ба ҳасби ихтилоф дар шунида шудан ёфтаам, дар рисолае бисёр хурд ба номи ӯ бинависам».[393]

Аз ин ишорати Абуалӣ ибни Сино равшан аст, ки донишманди маъруфи илми луғат Ҷуббон ба нуктасанҷию забонфаҳмии Абуалӣ ибни Сино эътимоди комил пайдо намуда, дар боби савтиёт таълифи рисолаеро аз ӯ хоҳиш кардааст.

Ҳарчанд Абуалӣ ибни Сино доир ба бахшҳои дигари илми забоншиносӣ таълифоти алоҳидае ба анҷом нарасонидааст, аммо дар чандин рисолаҳояш қайду ишораҳои пуразише роҷеъ ба онҳо дорад. Масалан, ӯ дар рисолаи «Ҳикмати арӯз» чунин меорад: «Дар ҳақиқат каломи шеър аз муқаддимаҳои тахайюлшуда таркиб меёбад… Ва он ин аст, ки ё дар лафзи он мақулае бо лафзи балеғи фасеҳе бар ҳасби забон бошад, ё зоти

[392] Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI. – Душанбе, 2013.
[393] Абуалӣ ибни Сино. Махориҷ-ул-ҳуруф//Осори мунтахаб. – Душанбе, 1983, ҷилди 2. – С. 228.

маънои он дар нафси худ як маънои бадеъ дошта бошад».[394]

Дар ҳамин рисолаи «Ҳикмати арӯз»-и Абуалӣ ибни Сино оид ба мақому арзиши ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ (адотҳо) дар корбасти ибороту ҷумла саҳми тасрифи калимаҳо ва наздикию дурии ҷавҳари калимаҳо аз ҳам қайду ишораҳои муфиде дида мешаванд.

Дар рисолаи «Тадбири манзил» бошад, Абуалӣ ибни Сино дар бораи зарурати омӯзиши қонуниятҳои забон махсус таваққуф намуда, маърифати онҳоро зинаи аввали дониш медонад. Дар рисолаҳои «Ишорот», «Наҷот»-и ӯ низ андешаҳояш дар боби забон ва қонунҳои он баён шудаанд.

Назари забоншиносии Абуалӣ ибни Сино амиқу саҳеҳ доир ба масъалаҳои забоншиносӣ дар «Донишнома»-и ӯ, ба хусус рисолаи «Мантиқ», ифода ёфтааст. Қимати онҳо аз мавқеи баҳси мо дар он аст, ки ин асарро ӯ ба забони тоҷикӣ навиштааст. Аз ин рӯ аксари гузоришу баёнияҳои донишманд оид ба ҳодисаҳои забон дар асоси каломи тоҷикӣ тасвир шудааст. Ин тавзеҳоту ишораҳои забоншиносии Абуалӣ ибни Сино дар «Донишнома» ҳамчун оғози низоми илми забоншиносии тоҷик ҳисоб мешавад. Назарияи забоншиносии Абуалӣ ибни Сино баҳси сирф забоншиносӣ набуда, балки бо андешаҳои фалсафӣ омехта мебошад, зеро ӯ аксаран ҳодисаҳои забониро вобаста ба қонунҳои мантиқ шарҳ медиҳад. Аз ҷумла, дар рисолаи «Мантиқ»-и «Донишнома» Абуалӣ ибни Сино зимни мавзӯи «Оғози илми мантиқ ва падид кардани он чи муфрад хонанд аз лафзҳо ва маъниҳо» чунин шарҳе овардааст: «Бояд дониста ояд, ки лафз ду гуна бувад: якеро муфрад хонанд, чунон ки гӯйӣ: «Зайд» ва «Муҳаммад» ва чунон ки гӯйӣ: «мардум» ва «доно» ва якеро мураккаб ва муаллаф хонанд, чунон ки гӯйӣ: «Мардум доност» ё гӯйӣ: «мардуми доно». Ва то ҳоли лафзҳои муфрад дониста наояд, ҳоли лафзҳои мураккаб дониста наояд».[395]

Дар рисолаи «Мантиқ»-и «Донишнома» Абуалӣ ибни Сино як фаслеро ҷудо кардааст, ки «Падид кардани ном ва куниш ва

[394] Абуалӣ ибни Сино. Махориҷ-ул-ҳуруф//Осори мунтахаб. – Душанбе, 1983, ҷилди 2. – С. 243.

[395] Абуалӣ ибни Сино. Донишнома//Осори мунтахаб. – Душанбе, 1980, ҷилди 1. – С. 30.

ҳарф» унвон дорад.

Ба андешаи ӯ асоси дастурии калимаҳоро лафзи муфрад ташкил менамояд. Ӯ таъкидан овардааст: «Ҳар лафзе муфрад ё ном бувад, ё куниш, ё ҳарф. Ва ба тозӣ номро исм хонанд ва мантиқиён калима хонанд. Ва исму калима ҳардуро маънии тамом бувад, чунон ки агар касе пурсад, ки «Киро дидӣ?» Гӯйӣ: «Зайдро». Ҷавоб тамом бувад. Ва агар касе пурсад, ки «Зайд чӣ кард?» Гӯйӣ: «Бирафт». Ҷавоб тамом бувад. Ва аммо ҳарфро маънии тамом набувад, чунон ки агар гӯянд: «Зайд куҷост»? Гӯйӣ: «ба» ё гӯйӣ: «андар», «бар» ҳеҷ ҷавоб набувад, то нагӯйӣ «Ба хона», «Андар масҷид» ё «Бар бом».[396]

Дар ин тавзеҳи мухтасар Абуалӣ ибни Сино тафовуту хусусиятҳои хоси ҳиссаҳои мустақил ва ёридиҳандаи нутқро мушаххас баён кардааст. Зери ифодаи «Ҷавоб тамом бувад» маънои луғавии калимаҳоро дар назар дорад. Аз нигоҳи забоншиносии муосир низ калимаҳоро ба ҳиссаҳои нутқ, пеш аз ҳама, аз рӯйи ҳамин меъёр тасниф мекунанд.

Ӯ бо таълифи «Донишнома» кӯшиш кардааст, ки дар баробари истилоҳоти ҷории арабӣ барои ифодаи мафҳуму категорияҳои забоншиносӣ истилоҳоти тоҷикиро ба кор барад, баъзе мавзӯъҳои назарии онро шарҳ диҳад. Масалан, ӯ дар паҳлуи истилоҳи «исм» «ном» ва дар паҳлуи истилоҳи «феъл» «куниш»-ро кор фармуда, ҳамчунин ба ҷойи «замони мозӣ» «замони гузашта»-ро истифода кардааст.

Дар афкори забоншиносии Абуалӣ Сино мо ҳам таъсири мактаби забоншиносии Юнони бостон ва ҳам арабро мебинем. Масалан, вақте ки ӯ афкори фалсафиашро дар «Донишнома» хост, ки бо забони модариаш – тоҷикӣ, баён намояд, асосҳои назариявии дастури забони тоҷикиро низ вобаста ба қонунҳои мантиқ шарҳ дод. Вай андешаҳои худро оид ба калимаҳои содаю мураккаб, ибораю ҷумла, роҳу усулҳои ташкили ибораю ҷумла бо мисолҳои мушаххас баён кардааст, ки имрӯз ҳам аҳамият ва арзиши илмии онҳо бесобиқа аст.

Андешаҳои Абуалӣ Сино дар бораи таснифи ҳиссаҳои нутқ, аломату категорияҳои грамматикии онҳо, маънои луғавию грамматикии калимаҳо хеле ҷолибанд.

---

[396] Абуалӣ ибни Сино. Донишнома//Осори мунтахаб. – Душанбе, 1980, ҷилди 1. – С. 34.

Агар Абуалӣ Сино масъалаҳои сарфу наҳви тоҷикиро дар иртибот бо илми мантиқ шарҳ дода бошад, дар илми савтиёт (фонетика) рисолаи алоҳидае навишта, доир ба садоноку ҳамсадоҳои забони тоҷикӣ, дастгоҳи овозҳосилкунӣ маълумоти пуразриш додааст.

Дар ин давра осори зиёди **таърихию ҷуғрофӣ** таълиф гардид, ки аз он миён асари ҷуғрофии муаллифи ношинохтае бо номи «Ҳудуд-ул-олам» то замони мо боқӣ мондааст.

Номи пурраи ин китоб, чунонки гуфтем, «Ҳудуд-ул-олам мин-ал-машриқ ила-л-мағриб» буда, мавзӯи баҳсаш масоили ҷуғрофияи умумист. Ин асар дар соли 982 ё 983 таълиф гардида, ба амир Абулҳорис Муҳаммад ибни Аҳмад, аз силсилаи Фариғавниён, ки дар Гузгонон фармонраво буданд, бахшида шудааст.

Забони нигориши асар чун осори дигари форсии дарии ин давр содаву равон ва орӣ аз ҳар гуна нуктапардозии зиёдатист:

“Фустот қасабаи Миср аст. Тавонгартарин шаҳрест андар ҷаҳон ва бағоят ободону бисёрнеъмат аст ва бар машриқи рӯди Нил ниҳодааст. Ва турбати Шофеӣ, раҳматуллоҳи алайҳ, андар ҳудуди вай аст.

Зимира ва Динқуро ду шаҳранд бар машриқи рӯди Нил ободон ва бонеъмат. Ва аз вай ҷомаҳои катон хезад муртафеъ (гаронбаҳо), боқимат.

Фарамо шаҳрест бар карони дарёи Тиннис, андар миёни реги Ҷифор ва гӯри Ҷолинус он ҷост.

Тиннис ва Димёт ду шаҳранд андар миёни дарёи Тиннис бар ду ҷазира. Ва эшонро кишту барз нест ва аз вай ҷомаҳои суфу катон хезад бо қимати бисёр.

Искандария шаҳрест аз ду сӯй бо дарёи Рум ва дарёи Тиннис пайваста. Ва андар вай яке манора аст, ки гӯянд, ки дувист арш аст ва дар миёни об ниҳода бар сари санге. Ва ҳар гаҳ ки бод ояд, он манора биҷунбад, чунон-к битавон дид”.

Ин китоб ганҷинаи бебаҳои вожагону истилоҳоти асилу қадими тоҷикӣ-форсист, ки бисёре аз онҳо то имрӯз дар забони гуфтору навиштори мо, аз ҷумла **кӯҳ, биёбон, дарё, рӯд, дашт, деҳ, шаҳр, шаҳрак, шаҳристон** ва ғайра боқӣ мондаанд.

Дар маҷмӯъ забони таълифи осори назму насри аҳди Сомонӣ забони содаву равон ва зебову шево буда, дур аз

печидагиҳои давраи дуюми аҳди ғазнавӣ ва даврaҳои минбаъда аст. Муаллифони осори ин аҳд дар баёни матлаб бештар аз калимоту истилоҳоти тоҷикӣ истифода кардаанд. Дар қиёси осори баъдӣ дар осори назму насри ин аҳд доираи истифодаи калимоту таркиботи арабӣ маҳдуд аст ва калимоту таркиботи арабии истифодашуда бештар сода ва рӯзмарраанд.

Мо дар боло бархе вижагиҳои забони аҳди сомониро дар мисоли забони “Шоҳнома”-и Фирдавсӣ нишон додем, дар зер баъзе хусусиятҳои луғавию сарфию наҳвии забони ин аҳд, ки барои осори назму насри ин давр муштараканд, хотирнишон мегардад. Ин хусусиятҳои муштараки осори назму наср, ба пиндори мо, аз инҳо иборатанд:

1. Истифодаи баробар аз муродифҳои тоҷикӣ ва арабӣ ҳангоми ифодаи матлаб. Аз баррасии забони осори назму насри ин аҳд маълум мешавад, ки калимаҳои тоҷикӣ бо муродифҳои арабии худ доираи истифодаи баробар доштаанд. Масалан, устод Рӯдакӣ калимаи тоҷикӣ-форсии “дод”-ро бо муродифи арабии он “адл” ва калимаи арабии “малик”-ро бо муродифи тоҷикии “хусрав” дар ду байти зер чунин истифода кардааст:

Боз ба ҳангоми **доду адл** бар халқ,
Нест ба гетӣ чун ӯ набилу мусалмон.
Он **малик**и Нимрӯзу **хусрав**и пирӯз,
Давлати ӯ – нозу душман – оҳуи нолон.

Зикри ин матлаб муҳим аст, ки дар асрҳои баъдӣ муродифҳои арабӣ, ки дар аҳди Сомонӣ бо калимаҳои тоҷикӣ истифодаи баробар доштанд, тадриҷан доираи корбурди калимаҳои тоҷикиро маҳдуд намуда, дар бештари мавриd ҷойи онҳоро ишғол карданд, масалан: **сарвода** – **шеър**; **нома** – **китоб**; **паём**, **дуруд** – **салом**; **доддеҳ**, **додгар** – **одил**; **кирдор** – **феъл**; **дурахш**, **озарахш** – **барқ**; **омос** – **варам**; **боло** – **қад, қомат**; **андӯҳ** – **ғам**; **бода**, **май** – **шароб**, **растохез** – **қиёмат**; **шикеб** – **сабр**; **сӯг** – **мотам**; **мурдоб** – **халиҷ** ва ғайра.

2. Корбурди зиёд аз ибораҳои рехтаи тоҷикӣ, ки имрӯз ҳам аксари онҳо бо ҳамон шаклу мазмун истифода мешаванд: **аз лаб (даҳон) бӯйи шир омадан**, **ҷон ба лаб расидан**, **чашм расидан**, **дидаҳо сафед шудан**, **чашм доштан**, **мушти хок**, **коми дил**, **сар ниҳодан**, **сар печидан** ва ғайра.

Ҳанӯз **аз даҳан бӯйи шир оядаш**,
Ҳаме ройи шамшеру тир оядаш.
(Фирдавсӣ)

К-аз он пас ки **ҷонам расида ба лаб**,
Бар ин кини ман рӯз н-омад ба шаб.(Фирдавсӣ)

3. Истифодаи зарбулмасалу мақол барои тақвияти фикри муаллиф. Масалан, зарбулмасали маъруфи “Кори имрӯзро ба фардо магузор” дар “Шоҳнома” чунин омадааст:

Аз имрӯз коре ба фардо мамон,
Кӣ донад, ки фардо чӣ гардад замон?

Зарбулмасали “Худкардаро даво нест” дар “Шоҳнома” чунин корбаст гардидааст:

Чӣ бодафраҳ аст ин баровардаро?
Чӣ созем дармони худкардаро?

4. Баъзе калимаҳо, ки шояд дар он аҳд доираи васеи истеъмол доштаанд, вале ҳоло хусусияти умумиистеъмолии худро аз даст дода, дар бархе аз шеваҳои забони тоҷикӣ боқӣ мондаанд: **модандар** (моиндар), **писандар**, **духтандар**, **хусур**, **кож** (олус), **шал**, **каш** (зери бағал), **ку**, **сӯк**, **дама**, **табор**, **ёристан**, **пушта**, **хара**, **пойидан**, **фароз**, **кӯз** ва ғайра:

Ба як пой лангу ба як даст **шал**,
Ба як чашм кӯру ба як чашм **кож**.
(Маъруфӣ)

Чу андар **табор**аш бузургӣ набуд,
Наёрист номи бузургон шунуд.
(Фирдавсӣ)

5. Аз осори бозмондаи ин аҳд ба мушоҳида мерасад, ки имло ва талаффузи як миқдор калимаҳо дар он рӯзгор устувор набудааст ва баъзе аз ин калимаҳо ду ё се шакли навишт доранд: **замин – замӣ; паҳлавонӣ – паҳлавӣ**; **овоз – ово**; **каж – каҷ**; **кӯж – кӯз**; **бошгуна – божгун(а), вожгун(а)**; **ҳеҷ – эҷ**; **бож – боҷ**; **ғамӣ – ғамгин, ғамин**; **кина – кин**; **саросема – осемасар**; **осема**; **гусел – гусе**; **забон – зуфон**; **ёва – ёфа**; **ложвард – лоҷвард, лоҷувард**; **биринҷ – гурунҷ**; **сорбон – сорвон**; **духтар – духт**; **писар – пур** ва ғайра:

Агар **паҳлавонӣ** надонӣ забон,
Варазрӯдро Моваруннаҳр хон.
(Фирдавсӣ)

“**Зуфон** андоме шариф аст...” (Аҳмади Ахавайнии Бухоройӣ)

6. Бархе аз калимаҳои мутадовили аҳди Сомонӣ қобилияти сермаъноии худро имрӯз аз даст дода, ҳоло аксаран танҳо ба як маънӣ истеъмол мешаванд, масалан: **шаҳр – кишвар, мамлакат, диёр, шаҳр**; **хунук – хуш, сард**; **ҷома – либос, хилъат, ҷома**; **оҳу – айб, нақс, беморӣ, иллат**, **оҳу**; **хондан – даъват кардан, гуфтан, зикр кардан, сурудан, қироат кардан** ва ғайра:

Ҳаюнон ба ҳезум кашидан шуданд,
Ҳама **шаҳри Эрон** ба дидан шуданд.
(Фирдавсӣ)

Ду гӯшу ду пойи ман **оҳу** гирифт,
Тиҳидастиву сол нерӯ гирифт.
(Фирдавсӣ)

7. Дигар аз хусусиятҳои сарфии забони ин аҳд дар баробари исмҳои моддии шахсу ғайришахс бо пасванди **-он** (**-гон**) ҷамъ бастани исмҳои маънию макон аст: **андешагон** (андешаҳо), **бӯстонон**, **гулбунон**, **ғамон** ва ғайра:

Дари кох бар хештан барбубаст,
Аз **андешагон** шуд ба кирдори маст.
(Фирдавсӣ)

8. Дар осори ин аҳд узвҳои ҷуфти бадан ғолибан дар сурати пеш аз онҳо шумораи “ду” омадан ҳам бо пасванди **-он** (**-вон**) ҷамъбандӣ шудаанд: **ду лабон**, **ду дастон**, **ду чашмон** ва ғайра:

Ду абрӯвони сиёҳаш камони ғолиятӯз,
Ду зулфакони дарозаш каманди мушкогин.
(Мантиқӣ)

Бояд гуфт, ки ин хусусият дар ашъори шоирони баъдина ва ҳатто дар эҷодиёти даҳонии мардум боқӣ мондааст.

9. Дар осори ин давра ҳамчунин ҷамъ бастани калимаҳои ҷамъи шикастаи арабӣ бо пасвандҳои ҷамъбандии тоҷикӣ **-ҳо**, **-он** ба назар мерасад: **аҷоибҳо** (ҷ. аҷаб), **мулукон** (ҷ. малик), **ниамҳо** (ҷ. неъмат), **олотҳо** (ҷ. олат) ва ғайра:

Гар **ниамҳо**и ӯ чархи давон,
Ҳама хоб асту бод, бод фара.
(Рӯдакӣ)

Ба бӯстони **мулукон** ҳазор гаштам беш,
Гули шукуфта ба рухсоракони ту монад.
(Дақиқӣ)

“...**аҷоибҳо**е, ки аз ҳар шаҳре хезад”. (“Ҳудуд-ул-олам”)

10. Дар осори ин давра баъзан калимаҳои арабӣ дар шакли ҷамъи дугонаи арабӣ истеъмол шудаанд: **зулфайн**, **оразайн** ва ғ.

В-он ду **зулфайн** бар он орази ӯ гӯйӣ рост,
Гули хайрист бар аз ғолия сар то сар сим.(Маъруфӣ)

11. Шумораи “ду” дар шакли “дувон” ба маънии “ду нафар” ва гоҳе бо ҷонишини таъйинии “ҳар” истифода шудааст:

На аз рехтан з-он **дувон** кам шудӣ,
На он хушкро лаб пур аз нам шудӣ.
(Фирдавсӣ)

“Пас **ҳар дувон** ба Тӯс шуданд”.(“Шоҳномаи Абумансурӣ”)

12. Дар осори ин аҳд баъзан артикли **-е** ба маънои “як” меояд:

Бародар чу бишнид, чанде гирист,
Чу андарз бинвишт, соле гирист.
(Фирдавсӣ)

13. Муаллифони ин давра дараҷаи олии баъзе сифатҳоро (**беҳ, меҳ, кеҳ, бар** ва ғайра) бо пасванди **-ин** ифода кардаанд: **беҳин**, **меҳин**, **кеҳин**, **барин** ва ғ.:

Чу ҷавшан бипӯшанд рӯзи набард,
Зи чархи **барин** бигзаронанд гард.
(Фирдавсӣ)

14. Дар осори баъзе муаллифони ин давра дар ибораҳои изофӣ робитаи наҳвии муайянкунанда бо муайяншаванда ба тарзи забони арабӣ сурат мегирад, яъне ҳангоми дар шакли ҷамъ омадани исм сифат дар шакли танҳои занона меояд: **аъзои мураккаба**, **адвияи муфрада**, **амрози музмина** ва ғайра.

15. Ҳангоми сохтани сифатҳои мураккаб исмҳои хос ҳам истифода шудаанд: **лайлисифат**, **алиҳикмат**, **юсуфрӯй**, **рустамдил** ва ғайра:

Лайлисифатон зи ҳоли мо бехабаранд,
Маҷнун донад, ки ҳоли Маҷнун чун аст.
(Рӯдакӣ)

16. Дар осори ин аҳд ҳангоми ифодаи шумораҳои миқдорӣ гуногунӣ ба мушоҳида мерасад. Масалан, шумораи “чор” дар ду шакл – “чор” ва “чаҳор”, шумораи “чил” ҳам дар ду шакл “чил” ва “чиҳил”, шумораи “дусад” дар шакли “дувист” ва “дусад”, шумораи “сесад” дар шакли “трист” ва “сесад”:

Худу номдорон ҳазору **дувист**...
(Фирдавсӣ)

Шумораи “панҷсад” маъмулан дар шакли “понсад” истифода мегардад: “... ҳазору **понсаду** наваду се сол буд” (“Шоҳномаи Абумансурӣ”)

17. Корбасти шумораҳои тартибӣ дар осори аҳди Сомонӣ бо шаклу сохти худ аз забони тоҷикии даврaҳои баъдӣ то ба имрӯз тафовути ҷиддӣ надорад. Танҳо шумораҳои тартибии “дуюм” ва “сеюм” дар шакли “дудигар” ва “седигар” низ ифода ёфтаанд. Гоҳе ба ҷойи шумораҳои тартибии “якум” ва “дуюм” калимаҳои “яке” ва “дигар” истеъмол шудаанд: “Номи ин чаҳор писар **яке** Рубил ва **дигар** Шамъун ва **седигар** Яҳудо ва чаҳорум Ловӣ” (“Таърихи Табарӣ”).

18. Дар осори ин аҳд корбасти ҷонишини шахси севуми танҳо “ӯ” дар ду шакл “ӯ” ва “ӯй” ба мушоҳида мерасад: “Маро андар ҳазрати олии **ӯй** ҳирсе зиёдат гашт” (“Китоб-ул-абния”).

19. Дар осори ин давра морфемаи **ҳаме-** ва **ме-** ҳамвазифа буда, ҳолати постпозитивӣ доранд:

Сиёвахшро зинда гар дида**ме,**
Зи тимору дардаш бипурсида**ме**.
(Фирдавсӣ)

“Чунон овардӣ, ки ман ин аз ту андар натавониста**ме** хостан” (“Таърихи Табарӣ”)

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
(Рӯдакӣ)

20. Дар ин давра феъли замони гузаштаи нақлии дувум аз сифати феълии замони гузашта бо афзудани шакли кутоҳшудаи феъли “ҳаст” – “аст” дар шакли тасрифӣ сохта мешавад:

Нигорино, **шунидастам** ки гоҳи меҳнату роҳат,
Се пироҳан салаб будаст Юсуфро ба умр андар.
(Рӯдакӣ)

Ба ранҷе **расидастам** аз хештан,
Ки бар ман бигиряд ҳама анҷуман.
(Фирдавсӣ)

21. Дар забони осори назму насри ин аҳд ҳамчунин шакли махсуси феълие ба мушоҳида мерасад, ки бештар бо мақсади ифодаи дуо ё хоҳишу илтиҷо ба кор меравад. Ин шакли феълӣ аз

асоси замони ҳозираи феъл бо ёрии морфемаи **-од** сохта мешавад:

Ки Рустам манам, ки-м мамон**од** ном,
Нишин**од** бар мотамам пури Сом.
(Фирдавсӣ)
Равони ту доранда равшан кун**од**,
Хирад пеши ҷони ту ҷавшан кун**од**.
(Фирдавсӣ)

22. Дар осори ин давра морфемаи **-о** дар охири феълҳои замони гузашта ва ҳозира ҳамроҳ гардида, бештар дуо, орзуву таманно ва нидою таъкидро ифода мекунад:

Кор чун баста шавад, бикшоядо
В-аз паси ҳар ғам тараб афзоядо.
(Рӯдакӣ)

Замин чодари сабз дарпӯшадо,
Ҳаво бар гулон зор бихрӯшадо.
(Фирдавсӣ)

Ҳамин морфема дар ифодаи муроҷиат ба шахс маъмулан дар охири калимаи мухотаб афзуда мешавад:

Ҳамегуфт: Ало, эй радо, Хусравo!
Бузургo, сутургo, диловар гавo!
(Фирдавсӣ)
Дареғo, нигороо, меҳo, хусравo,
Набарда саворo, гузида гавo!
(Фирдавсӣ)

Забони адабии аҳди сомонӣ аз нигоҳи луғавӣ ва сарфию наҳвӣ хусусиятҳои дигар ҳам дорад, ки дар асарҳои таҳқиқии олимони ватанию хориҷӣ ба таври нисбатан муфассал мавриди баррасӣ ва натиҷагирӣ қарор гирифтааст.

§ 3. Забони модарии мо дар аҳди Ғазнавиён. Дар рӯзгори авҷи азамати Оли Сомон дар Хуросону Мовароуннаҳр ва дар сарзаминҳои дигари Эронзамин, аз ҷумла дар Ҷурҷону Табаристон Оли Зиёр, дар Ироқу Форс Оли Бӯя ё Оли Бувайҳ ва дар Хоразм нахуст хоразмшоҳиёни Оли Ироқ, баъдан Оли Маъмун мақому қудрат ёфтанд. Вале дар ин давлатҳо забони арабӣ бештар расмият дошт ва ҳокимони ин хонадонҳо ҳарчанд

эронии асил буданд, ба андозаи Сомониён ба забону адаби тоҷикӣ (форсии дарӣ) иноятy муҳаббат надоштанд, аз ин хотир забони тоҷикӣ дар қаламрави онҳо ба таври шоиста рушду густариш пайдо накард.

Давлати фарҳангпарвари сомонӣ бар асари хиёнатҳои дохилии бархе мансабдорони туркнажоди он, ки бо сарвари қабилаҳои қарахонӣ–Буғрохон махфиёна сулҳнома бастанд, аз ҳам фурӯ рехт. Яъне ғуломзодагони дарбори сомонӣ бо қабилаҳои турки қарахонӣ, ки нахуст дар Ҳафтрӯд муқимӣ гашта, аз он ҷо сар бардошта буданд, бо ҳам забон ёфтанд ва қарахониёнро ба забти Бухоро таҳрик намуда, дар шикасти давлати сомонӣ ошкору ниҳон аз туркони қарахонӣ ҷонибдорӣ карданд.

Бар асари ин хиёнат бисоти давлат аз зери пойи Сомониён барчида шуд ва қаламрави бузурги Сомониён миёни Қарахониён ва Ғазнавиён тақсим гардид.

Ғазнавиён, ки аслашон ба Алптегин ва Сабуктегин мерасад ва аз ғуломони Сомониён буданд, дар ибтидо аз амирони сомонӣ сахт пуштибонӣ мекарданд. Вале баъдтар онҳо низ бо афзунӣ ёфтани қудрати худ талоши мустақилият карданд. Ҳамчунин, аз як тараф, ин ҳақиқат, ки туркони қарохонӣ, қарлуқ, чигил, яғмо ва ғайра чашми тамаъ ба забти қаламрави ободони сомонӣ дӯхта буданд, аз дигар тараф, бетафовутӣ ва саҳлангошти амирони ҷавони сомонӣ дар амри давлатдорӣ, ки воқеан дар поёни рӯзгори давлати сомонӣ сарриштаи идораи давлатро аз даст дода буданд, ҳисси қудратталабии Ғазнавиёнро бештар кард ва онҳо аз ҳимояти Сомониён комилан сарпечӣ намуда, як қисмати давлати сомониро аз они худ эълон карданд ва Ғазнаро пойтахти давлати худ қарор доданд. Аммо Ғазнавиён бар хилофи Қарохониён, ки низоми қабилавии давлатдориро пеша карданд, низоми давлатдории мутамарказро, ки дар аҳди Сомониён мавҷуд буд, идома доданд ва мақоми забони тоҷикиро ба сифати забони давлат таҳким бахшиданд.

Ҳарчанд Сабуктегинро бунёдгузори давлати Ғазнавиён мешуморанд, вале дар асл бунёди ин давлат ба номи Алптегин бастагӣ дорад, зеро Алптегин, ки сипаҳдори лашкари сомонӣ буд, пас аз ранҷиш ва мухолифаташ бо Мансури Сомонӣ ба

Ғазна омад ва дар ин минтақа давлати ниммустақилеро асос гузошт. Баъд аз вафоти Алптегин пешвоёни Ғазна ба мақоми ӯ писараш Исҳоқ, баъдан паси ҳам ду нафар аз наздикони Исҳоқ Булкотегину Пиритегин ва ниҳоят домодаш Сабуктегинро интихоб карданд ва ин вилоят ба фарзандони ӯ меросӣ гардид.

Чунон ки гуфтем, аслан Алптегин (вафот 980) аз ғуломони турки дарбори Сомониён буд, ки дар сояи давлату раҳмати амирони сомонӣ аз ғуломӣ дар синни 35-солагӣ ба мартабаи сипаҳсолории Хуросон расида буд. Ӯро ҳангоми ғулом буданаш дуюмин амири сомонӣ – Аҳмад ибни Исмоил харид ва ба тарбияташ машғул шуд.

Дар аҳди фармонравоии Нуҳ Алптегин ба дарёфти мансаби давлатӣ ноил гардид. Дар ибтидои ҳукумати писари Нуҳ – Абдулмалик сарпарастии посбонони дарбори Сомониён ба зиммаи Алптегин вогузор шуд. Абдулмалик тадриҷан мақоми Алптегинро то сипаҳсолории Хуросон боло бардошт. Алптегин ба қароргоҳи сипаҳсолори Хуросон шаҳри Нишопур рафт, вале аз он ҷо, ки бо вазири сомонӣ Абуалии Балъамӣ муносибати ҳасана дошт, бо ӯ паймон кард, ки ба ӯ нома навишта ӯро пайваста аз воқеаҳои дарбори сомонӣ хабардор намояд. Алптегин ҳамчунин аз Нишопур ба амири сомонӣ ҳадяҳо мефиристод. Рӯзе амир Абдулмалик дар ғояти мастӣ аз аспе, ки низ аз ҳадяҳои Алптегин буд, ба замин афтод ва ҳалок шуд. Алптегин, ки бо Мансур ибни Нуҳ мухолифат дошт, шадидан намехост, ки ӯ ба ҷойи амири фақид Абдулмалик ба тахти подшоҳӣ нишинад ва ҷонибдори ба тахт нишастани писари Абдулмалик Наср буд. Вале бузургони хонаводаи сомонӣ Мансурро шоистаи тахт донистанд. Мансур баъди расидан ба тахти сомонӣ Алптегинро аз мансаби сипаҳсолории Хуросон маъзул кард ва вуруди ӯро ба Бухоро манъ намуд. Алптегин пас аз ин воқеа бо 700 тан ғуломони содиқи худ ба Балх рафт ва Балхро тасарруф намуд. Пас ба Ғазна ҳамлавар шуда, амири Ғазна Абуалии Лавикро аз шаҳр берун карда, соли 962 фармонравоии Ғазнаро ба даст овард ва давлати Ғазнавиёнро, ки аз номи шаҳри Ғазна гирифта шудааст, поягузорӣ кард.

Баъд аз сари Алптегин Мансур ибни Нуҳи Сомонӣ бо савобдиди пешвоёни Ғазна писари Алптегин Исҳоқ (ё Абуисҳоқ)-ро ҳокими Ғазна таъйин кард. Исҳоқ соли 966 вафот

кард ва пас аз фавти ӯ нахуст яке аз наздиконаш Булкотегин ба муддати даҳ сол ва баъдан яке аз наздикони дигари Исҳоқ Пиритегин (ё Буритегин) ҳокими Ғазна таъйин шуданд.

20 шаъбони соли 366 (977) лашкариёни Ғазна бо баҳонаи ин ки аз бесалоҳиятии Пиритегин истифода карда собиқ подшоҳи Ғазна Лавик қариб ҳукумати Ғазнаро соҳиб шуда буд, бар зидди Пиритегин ошӯб бардошта, ӯро аз тахт сарнагун карданд ва Сабуктегини домоди Алптегинро ба сари қудрат бардоштанд.

Ҳамчунон ки дар боло зикр кардем, Сабуктегин ғуломзода, саҳеҳтар аз ҷумлаи 30 тан ғуломи турк аз қабилаи қарлуқ буд, ки Алптегин рӯзе аз бозори Нишопур харида буд. Азбаски Сабуктегин ҷавони далеру шуҷоъ ва зираку доно буд, маҳалли иноятӣ ғамхории хоси Алптегин қарор гирифт ва Алптегин ӯро аз ғуломӣ озод карда, духтари худро ба занӣ ба ӯ дод. Вале мегӯянд, ки он зан бефарзанд буд, бинобар ин Сабуктегин духтари раиси Зовулистонро ба занӣ гирифт ва аз ӯ фарзандҳо ёфт. Султон Маҳмуд низ аз ҳамин зани зовулӣ ба дунё омад, аз ҳамин сабаб ӯро Маҳмуди Зовулӣ ё Маҳмуди Зовулистон ҳам мегӯянд. Носири Хусрав низ дар байти зерин асолати тоҷикии Султон Маҳмудро таъйид кардааст:

Ба мулки турк чаро ғарраед?! Ёд кунед
Ҷалолу иззати Маҳмуди Зовулистонро!

Сабуктегин соли 977, баъди ба даст овардани ҳокимият дар фикри густариши қалamрави худ шуда нахуст Кобул ва баъдан Панҷобу Синдро ба зери тасарруфи худ овард, вале бо амирони сомонӣ душмании худро ошкор накард, баръакс дар рафъи ошӯбу исёнҳое, ки гоҳ-гоҳ бо тавтеаи баъзе сарварони ҷудойихоҳи аҳди сомонӣ дар ҳар кунҷу канори давлати паҳновари Сомониён сар мезаданд, ба ёрии амирони сомонӣ мешитофт. Аз ҷумла, вақте ки сипаҳдорони лашкари сомонӣ – бародарон Абулқосиму Абуалии Симҷур ва Фойиқ ба рӯйи хоҷагони сомонии худ теғи хиёнат кашиданд, амири сомонӣ Нуҳ ибни Мансур маъруф ба Нуҳи дуюм (солҳои ҳукмронияш 976-997) ба Ғазна нома навишта, дар ин амр аз Сабуктегин ва писараш Маҳмуд имдод ҷуст. Сабуктегину писараш ба кумаки ӯ шитофтанд ва ҳамин амири сомонӣ, чунон ки дар боло гуфтем, пас аз ин пирӯзӣ ба Маҳмуд лақаби Сайфуддавла ва ба Сабуктегин унвони Носириддин дод.

Пас аз 12 соли ҳукумат, соли 997 Сабуктегин вафот кард ва мутобиқи васияти ӯ писараш Исмоил, ки аз Маҳмуд хурдтар буд, ба подшоҳии Ғазна расид. Маҳмуд дар ин айём дар Хуросон қарор дошт. Аз ин тасмими падар ва ба тахти Ғазна нишастани Исмоил сахт ранҷид ва ба Ғазна лашкар кашида, баъди ҳафт моҳи подшоҳӣ Исмоилро аз тахт сарнагун кард ва ба зиндон андохт. Исмоил дар зиндон вафот кард.

Маҳмуд соли 999 бо баҳонаи дастгирии амири сомонӣ Мансур ибни Нуҳ муқобили Сомониён ошӯб бардошт ва қисмати Хуросонро аз тобеияти Сомониён берун кашид. Ҳамин сол халифаи аббосӣ Қодир ҳокимияти Маҳмудро ба расмият шинохт ва ба вай лақаби «яминуддавла» ва «аминулмилла» дод.

Гуфтаанд, ки бори нахуст амири Систон Халаф ибни Аҳмад, ки аз хонаводаи Саффориён буд, оҷизонаю муғризона Маҳмудро «султон» ном бурд ва баъдан ӯ бо номи Султон Маҳмуд машҳур гардид.

Пас аз тасаллути комил бар Хуросон Маҳмуд ба густариш додани қаламрави давлати худ шурӯъ кард ва соли 1003 нахуст хонадони саффориро шикаст дода, Систонро ба даст овард. Ҳарчанд пеш аз ӯ Исмоили Сомонӣ давлати Саффориёнро дарҳам шикаст, вале ҳукумати фарзандони ононро дар вилояти Систон нигоҳ дошт. Амирони баъдии сомонӣ низ дар ин амр аз ӯ пайравӣ карданд. Аммо Султон Маҳмуд ҳукумати дудмони саффориро ба куллӣ решакан кард.

Баъдан Султон Маҳмуд бо ҳокими қарахонӣ Насрхон сулҳнома баста, духтари ӯро ба занӣ гирифт ва Ғазнавиёну Қарахониён рӯди Омуро марзи ду давлат қарор доданд. Аммо ин сулҳ дер давом накард. Солҳои 1006-1007 ҳокими қарахонӣ Насрхон бар зидди Маҳмуд лашкар кашид ва дар дашти Катари наздики Балх ба шикасти сахт мувоҷеҳ гардид.

Маҳмуд баъди дарҳам шикастани душманони дохилӣ ҳабдаҳ бор ба Ҳиндустон лашкар кашид ва ғанимати фаровон ба даст овард. Вай баъдан ҳамчунин ба Гургон лашкар кашида, Зиёриёнро ба тобеияти худ даровард ва соли 1029 шаҳри Райро ишғол карда, Бувайҳиёнро шикаст дод. Пас аз як соли ин воқеа Маҳмуд соли 1030 бар асари бемории сил дар Ғазна вафот кард ва писараш Муҳаммад мутобиқи васият ба тахти подшоҳии Ғазна нишаст. Бародари Маҳмуд – Юсуф бо ҳамдастии яке аз

наздикони Маҳмуд – Алии Хешованд ва лашкариёни содиқи худ, ки аз сари қудрат омадани Муҳаммад норизо буданд, баъд аз ҳафт моҳи подшоҳӣ ӯро кӯр карда, дар қалъае ҳабс намуданд ва писари дигари Маҳмуд – Масъудро, ки дар Рай буд, ба тахти Ғазна фаро хонданд.

Масъуд ҳангоми бозгашт ба Ғазна Алии Хешовандро кушт ва баъди фурӯ нишондани ошӯб дар Қусдору Мукрон амакаш Юсуфро зиндонӣ кард.

Ногуфта намонад, ки аксари аҳли дарбор ва сарони лашкари амирони ғазнавиро тоҷикон ташкил медоданд ва амирони ғазнавӣ дар ҳаллу фасл ва рафъи мушкилот бештар бо онон машварат мекарданд ва аз онҳо раъй мехостанд, чунон ки Байҳақӣ мегӯяд: «Вазир гуфт: «Агар ройи олӣ (яъне Султон Масъуд – Э.Р.) бинад, ҳоҷиб Бектуғдӣ ва Бунасрро хонда ояд… Касе, ки худованд бошад, аз аҳли силоҳ ва тозикон (яъне тоҷикон), то дар ин боб сухан гуфта ояд ва рой зада шавад».

Вале бояд иқрор кард, ки мутаассифона, ҳанӯз дар аҳди ғазнавӣ ангезаи маҳалгаройӣ – ин дарди миллаткуш, ин фоҷиаи мудҳиш дар ниҳоди тоҷикон реша давонда буд ва тоҷикони маҳалҳои гуногун на танҳо бо ҳам муттаҳид набуданд, ҳатто байни худ хусумату ихтилоф доштанд. Байҳақӣ дар хусуси мавҷуд будани хусумат миёни нишопуриёну тӯсиён ва хуросониёну розиён дар дарбори ғазнавӣ изҳори назар кардааст. Пӯшида нест, ки ин оташи низоъ ва хусуматро миёни тоҷикон ғуломони турки зархарид ва хоназоди онҳо ҳанӯз дар аҳди Сомониён афрӯхта буданд ва дар аҳди ғазнавӣ, ки бештари ҳамин ғуломону ғуломзодагон соҳиби мақому мартаба буданд, ин оташро ҳамвора доман мезаданд.

Аз матолиби «Таърихи Байҳақӣ» ҳамчунин аён мегардад, ки Маҳмуд ва фарзандонаш худро ба қавми туркон мансуб намедонистанд ва баръакс рақибони сиёсии худ Қарахониёнро турк меномиданд. Ин матлаб аз «Сиёсатнома»-и Низомулмулк низ ба хубӣ мушоҳида мешавад. Низомулмулк аз номаи халифаи Бағдод ба Маҳмуд ёдовар мешавад, ки дар ин нома ҳокими қарахонӣ «камдониш ва турку нодон» сифат шудааст.

Вале дар замони Масъуд пояи давлати Ғазнавиён то андозае суст гардид, ки боиси ин заъф, аз як тараф, ихтилофҳои дохилии «падариён»-у «писариён», яъне ҷонибдорони Маҳмуди

падар ва Масъуди писар ва аз тарафи дигар, душманони берунӣ, яъне туркманони салҷуқӣ гаштанд. Ба ин маънӣ, ки туркманони салҷуқӣ дар охирҳои давлатдории Сомониён аз шимоли Фарорӯд тадриҷан ба атрофи шаҳри Нисо кӯч баста, дар ин ҷо сукунат ихтиёр карда буданд. Онҳо аз Масъуд хоҳиш карданд, ки ононро зери ҳимоя бигирад ва вилояти онҳоро дар Фарова ва Нисо таъйид намояд, вале Масъуд бар хилофи ин раъй ба муқобили онон лашкар кашид ва Бектуғдиро солори лашкари худ таъйин кард. Дар ин ҷанг лашкари Масъуд ба шикасти сахт рӯбарӯ шуд ва маҷбур гардид вилоятҳои Фарова, Нисо ва Деҳистонро ба писарони Микоил ибни Салҷуқ – Муҳаммад Туғрул, Ҷағрибек Довуд ва Байғӯ вогузор кунад ва давлатдории Салҷуқиёнро ба сари кор орад. Масъуд соли 1041 кушта шуд ва писараш Мавдуд ба хунхоҳии падар бар зидди амакаш Муҳаммад ба ҷанг бархост ва соли 1042 лашкари ӯро шикаст дода, худи ӯро ба қатл расонд ва то соли 1050 салтанат кард. Пас аз салтанати Мавдуд Салҷуқиён бештари қаламрави Ғазнавиёнро зери даст оварда буданд ва шоҳони ғазнавӣ танҳо дар Ғазна ва навоҳии атрофии он ва қисмате аз Ҳиндустон салтанат доштанд. Билохира Ғӯриён бисоти давлатдориро аз зери пойи охирин подшоҳи ғазнавӣ Хусравмалик дар соли 1151 барчиданд ва Хусравмалик соли 1157 дар пойтахти Ғӯриён – Фирӯзкӯҳ ба қатл расид. Ба ин минвол давлати Ғазнавиён суқут кард.

Корномаи таърихии ин силсила ҳамин аст, ки подшоҳони он забони тоҷикиро ба сарзамини Ҳинд бурда, барои такомули он ва офариниши осори гаронбаҳо бо ин забон дар ин сарзамин ва дигар сарзаминҳои тобеи худ заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Шоистаи зикр аст, ки аксари подшоҳони ғазнавӣ ба мисли Сомониён ба забони тоҷикӣ ва илму адаб алоқамандии зиёд доштанд, ҳарчанд баъзе аз онҳо дар замони салтанати худ забони коргузории девонро аз тоҷикӣ ба арабӣ баргардониданд. Дарбори Ғазнавӣ конуни бузурги фарҳанг ва маҳфили гирдомади шоирону адибон ва донишмандони аҳди худ буд. Шоирон бо сурудани ашъори баландғоя ва донишмандон бо таълифи осори гаронмоя дарбори Ғазнавиро баландовоза кардаанд. Мегӯянд, ки дар дарбори Султон Маҳмуд чорсад

шоир гирд омада буд. Донишманди маъруф Абурайҳони Берунӣ шоҳасари «Қонуни Масъудӣ»-ро, ки ба илми ҳайат ва нуҷум бахшида шудааст, ба номи Султон Масъуд таълиф кардааст.

Ҳамчунин метавон ёдовар шуд, ки дар дарбори подшоҳони Ғазнавӣ олимону адибон мақоми машварат доштанд. Ба хусус, Султон Маҳмуд бисёр мехост, ки бузургтарин донишмандони он рӯзгор – Абуалии Сино, Абурайҳони Берунӣ, Абусаҳли Масеҳӣ, Абунасри Ироқ, Абулхайри Хаммор ва дигарон, ки мояи ифтихор ва равнақи дигар дарборҳои он аҳд, аз ҷумла дарбори Хоразмшоҳиён буданд, аҳли дарбори ӯ бошанд ва борҳо ба талаби онон кас фиристода, ин донишмандонро ба дарбори худ фаро хонд. Медонем, ки Ибни Сино ва Абусаҳли Масеҳӣ ин даъвати Маҳмудро қабул накарданд ва ба дарбори Оли Зиёр рӯ оварданд. Абурайҳони Берунӣ пас аз фатҳи Хоразм аз ҷониби лашкари Султон Маҳмуд ночор ба дарбори ӯ пайваст.

Султон Маҳмуд ҳамчунин Ғазоирии шоирро, ки ба забонҳои тоҷикиву арабӣ шеър мегуфт, инъоми фаровон дода аз шаҳри Рай, аз дарбори Маҷдуддавлаи Дайламӣ ба дарбори худ даъват кард ва Берунӣ дар як асараш як байти тоҷикӣ аз ӯ шоҳид овардааст.

Баъзе тазкиранависон ба тоҷикӣ шеър сурудани худи Султон Маҳмудро таъйид намудаанд, аз ҷумла муаллифи «Лубоб-ул-албоб» ду шеър аз ӯ нақл кардааст, ки гӯё ӯ шеъри зеринро дар марсияи Гулистон ном канизаки худ сурудааст:

То ту, эй моҳ, зери хок шудӣ,
Хокро бар сипеҳр фазл омад.
Дил ҷазаъ кард, гуфтам, эй дил, сабр,
Ин қазо аз Худои адл омад.
Одам аз хок буду хокӣ шуд,
Ҳар ки з-ӯ зод, боз асл омад.

Ба андешаи муаррихон, фарзандону бародарони Маҳмуд ҳам ҳар кадом аз шеъру шоирӣ ба забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) баҳрае доштаанд ва рубоии зебои зерро Муҳаммад Авфӣ ба писари Маҳмуд – Муҳаммад нисбат медиҳад:

Эй ҳоли дили хаста мушавваш бе ту,
Айши хуши ман шудаст нохуш бе ту.
Ту рафтаию ман омада бе ту ба ҷон,
Ту дар дили хоку ман дар оташ бе ту.

Мутобиқи маълумоти тазкираҳо, дар байни вазирону дабирони дарбори ғазнавӣ низ ба мисли Аҳмад Ҳасани Маймандии вазир, Абунасри Мушкон, Абубакри Қаҳистонӣ, Абулфазли Байҳақӣ касоне будаанд, ки ба забону шеъру адаби тоҷикӣ алоқаи зиёд доштаанд, то ҷойе, ки таърихномаи Абулфазли Байҳақӣ беҳтарин намунаи насри тоҷикӣ (форсӣ) шинохта шудааст.

Подшоҳони Ғазнавӣ ба густариши дини мубини ислом ва мазҳаби ҳанафӣ, ҳамчунин бунёди мактабу мадрасаҳо низ мусоидат намудаанд. Ба андешаи баъзе муаррихон, аз ҷумла дар ноҳияи дурдасти Хуттал (Хатлон) то соли 1025 ба ибтикори Ғазнавиён бештар аз 20 мадрасаи дорои вақф бино гардид.

Онҳо дар Ғазна китобхонаи бузург бунёд ниҳоданд ва нусхаҳои нодирро ҷамъоварӣ карда, барои истифода дар ихтиёри донишмандон қарор доданд.

Бештари ин китобҳо ҳамчунин ба сифати ғанимати ҷанг аз сарзаминҳои ишғолшуда ба Ғазна оварда мешуд. Масалан, гуфтаанд, ки Ғазнавиён соли 1034 Алоуддавлаи Кокуяро шикаст дода, Исфаҳонро ба даст оварданд ва китобхонаи Ибни Синоро, ки дар ин шаҳр буд, ба Ғазна интиқол доданд. Вале аксари китобҳои ин китобхонаи салтанатиро Ғӯриён баъди фатҳи Ғазна ба коми оташ кашиданд.

Маълум аст, ки дар аҳди Ғазнавиён аксари мардуми Мовароуннаҳру Хуросон пайрави мазҳаби ҳанафии аҳли суннат буданд ва подшоҳони ин силсила аз ин мазҳаб ба унвони «мазҳаби рост» ҷонибдорӣ мекарданд ва ба дигар мазҳабҳои аҳли суннат низ эҳтиром мегузоштанд. Шаҳрҳои Нишопур, Бухоро, Марв, Балх, Ғазна… дар ин аҳд ба маркази бузурги ҳанафиён ва шофеиён табдил ёфта буданд. Аз ҷониби дигар, амирони Оли Бӯя ба сифати рақиби сиёсии Ғазнавиён аз мазҳаби муътазила ҳимоят мекарданд. Ҳамин воқеият боиси он шуд, ки Маҳмуд ба Рай лашкар кашид ва баъди пирӯзӣ амр кард, ки осори донишмандони муътазиларо, ба хусус дар фалсафа ва илмҳои дақиқ, оташ зананд.

Рӯзгори ҳукмронии Ғазнавиён яке аз муҳимтарин даврaҳои таърихи рушду густариши тасаввуф ба забони тоҷикӣ аст ва дар ин рӯзгор дар Хуросону Мовароуннаҳр бузургтарин орифону донишмандон, аз қабили шайх Абусаиди Абулхайр, шайх

Абулҳасани Харақонӣ, Абуиброҳим Мустамилии Бухоройӣ, Абулқосими Қушайрӣ, Абулҳасани Ҳуҷвирӣ, хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, ҳаким Саноӣ, шайх Аттор ва дигарон зиндагиву эҷод намуда, дар амри боло бурдани маърифати динию ахлоқии мардум ва рушду тавсеаи забони мо саҳми муносиб гузоштанд. Бино бар ин дар зер осори боқимонда ва баъзе намуна аз сурудаву навиштаҳои ононро зикр мекунем.

Шайх Абусаиди Абулхайри Майҳанӣ (вафот 1049) аз сӯфиёни маъруф ва шоирони хушсалиқаи он аҳд аст, ки дар миёни табақаҳои гуногуни аҳолӣ шуҳрату эътибори фаровон дошт. Ӯ аз нахустин шоирони рубоисаро ба забони тоҷикист ва рубоиёти вай дар камоли содагӣ ва фасоҳат суруда шудаанд:

Эй, нолаи пири хонақоҳ аз ғами ту,
В-эй, гиряи тифли бегуноҳ аз ғами ту.
Фарёди хурӯси субҳгоҳ аз ғами ту,
Оҳ аз ғами ту, ҳазор оҳ аз ғами ту.

Маҷнуни ту кӯҳро зи саҳро нашинохт,
Девонаи ишқи ту сар аз по нашинохт.
Ҳар кас ба ту раҳ ёфт, зи худ гум гардид,
Он кас ки туро шинохт, худро нашинохт.

Шайх Абулҳасани Харақонӣ (вафот 1033) аз сӯфиёни маъруф аст, ки бо Ибни Сино ва Абусаиди Абулхайр муносибати дӯстона дошт. Китоби маъруфи ӯ «Нур-ул-улум» дар мабонии ислом ба забони тоҷикӣ таълиф шудааст. Нусхаи то замони мо боқимондаи асарро яке аз шогирдони Абулҳасани Харақонӣ дар даҳ боб мураттаб кардааст. Матолиби асар бештар ба таври пурсишу посух баён мегардад:

«Пурсиданд, ки ғариб кист? Гуфт: «Ғариб на он аст, ки танаш дар ин ҷаҳон ғариб аст, балки ғариб он аст, ки дилаш дар тан ғариб бувад ва сараш дар дил ғариб бувад».

Пурсиданд, ки дӯстони вайро (яъне, Худойро) чӣ аломат аст? Гуфт: «Он-к дӯстии дунё аз дили ӯ берун бувад».

Пурсиданд, ки чӣ кунем, то бедор гардем? Гуфт: «Умри хешро аз пеш баргирет (баргиред) ва чунон донет (донед), ки нафаси бозпасин омадааст ва дар миёни ду лаб мунтазир аст ва хоҳад, ки берун шавад…»

Рӯзе шайх (Абулҳасани Харақонӣ) аз сӯфие пурсид, ки дӯст дорӣ, ки бо Хизр алайҳиссалом дӯстӣ дорӣ? Гуфт: «Дорам». Гуфт: «Соли ту чанд аст?» Гуфт: «Наваду ҳафт». Гуфт: «Нони Худой, ки наваду ҳафт сол хӯрдаӣ, боз деҳ. Некӯ набувад, ки нони Худой хӯрӣ ва суҳбат бо Хизр дорӣ»[397].

Чунон ки аз порчаи мазкур ба назар мерасад, забони баёни муаллиф сода, равон ва ширин аст, танҳо феъли амри шахси севуми шумораи ҷамъ «гиред» ба тарзи «гирет», ба ҷойи «донед» – «донет» омадааст, ки чунин шакли ифода то ба имрӯз дар аксари гӯйишҳои Тоҷикистони мо мушоҳида мегардад.

Имом Абуиброҳим Мустамилии Бухороӣ (вафот 1042) китоби арабии сӯфии машҳур Абубакри Калободӣ (вафот 990) «ат-Таарруф ли мазҳаби-т-тасаввуф»-ро, ки дар байни аҳли тасаввуф эътибори баланд дошт, ба тоҷикӣ тарҷумаву тафсир кардааст. Ба баёни дигар, Абуиброҳим Мустамилии Бухороӣ аз китоби Абубакри Калободӣ як калима ё ибораи кутоҳ нақл намуда, онро нахуст ба тоҷикӣ тарҷума мекунад ва баъдан онро нисбатан муфассал шарҳ медиҳад:

«Калимаи **тақво**. Ва калимаи **тақво** «ло илоҳа илла-л-лоҳ» аст. Ва онро калимаи **тақво** бад-он маънӣ хонд, ки ҳар кас ки ин калимаро биёварад, худро дар виқоя кард (яъне, ҳифз намуд). Дар ин ҷаҳон аз шамшер раст ва аз шарри газит (ҷизя, яъне андозе, ки номусулмон ба давлати исломӣ мепардохт) раст ва аз куфр раст ва аҳлу фарзанди вай аз асирӣ растанд ва амволи ӯ аз истиғном (ба ғанимат гирифтан) раст. Кадом виқоя (ҳифзу нигаҳбонӣ) бошад аз ин бузургтар? Ин таъсири шаҳодат аст дар дунё, то таъсири уқбо дар ӯ биёяд. Ва агар тасдиқ бо ин қавл ёр бувад, дар он ҷаҳон, агар ба ҳаққи ин калима тақсир накарда бошад, хештанро аз азоб виқоя кард. Ва агар тақсир карда бошад, хештанро дар хулуди (яъне, ҷовидонагии) дӯзах виқоя кард, зеро ки муъмин дар дӯзах ҷовидона намонад. Бад-ин маънӣ онро калимаи **тақво** хонанд...

Ва низ гуфтаанд, маънии дигар он аст, ки қавӣ тавонад, ки карди (яъне, амали) заифро табоҳ кунад ва заиф натавонад, ки карди қавиро табоҳ кунад. Қувват сифати ҳақ аст ва заъф сифати халқ. Ва қудрат сифати ҳақ аст ва аҷз сифати халқ.

[397] Забеҳуллоҳи Сафо. Насри форсӣ (аз оғоз то аҳди Низомулмулки Тӯсӣ). - Теҳрон, 1347//1969. - С. 201.

Муҳол бошад, ки қодире қавӣ ҳукме кунад, ки заиф оҷизонро боз афганад»[398].

Абулқосими Қушайрӣ (вафот 1073) низ аз сӯфиёни маъруфи ин аҳд аст, ки шогирдону пайравони зиёд дошт. Ӯ пештар аз Ғазолӣ бо мақсади наздик овардани шариату суннат бо тариқату тасаввуф асари маъруфи худ «ар-Рисолату-л-қушайрия»-ро дар панҷоҳ боб ба забони арабӣ таълиф намуд. Шогирди Қушайрӣ Абуалӣ ибни Аҳмади Усмонӣ ин рисоларо ба тоҷикӣ тарҷума кард, вале ин тарҷума чандон муваффақомез сурат нагирифт. Баъдан Абдурраҳмон ибни Муҳаммади Нишопурӣ тарҷумаи зебои ин рисоларо ба тоҷикӣ анҷом дод, ки ба номи «Тарҷумаи рисолаи қушайрия» маъруф аст.

Абулҳасани Ҳуҷвирӣ (вафот тақрибан 1072) ҳам аз сӯфиёни шинохта маҳсуб мешавад. Ӯ таълифоти зиёд дорад, вале асараш «Кашф-ул-маҳҷуб», ки намунаи барҷастаи фалсафаи исмоилӣ буда, илова бар ин дар бораи аҳли тасаввуф маълумоти ҷолиб медиҳад, миёни осори ӯ маҳбубияти бештар дорад. Асли ин китоб ба арабӣ буда, эҳтимол худи муаллиф онро ба форсии дарӣ баргардон кардааст:

«Ва илм дар хазинаи ӯст, ки бад-он миннат кунад бар он кас, ки хоҳад аз бандагони ӯ ва ҳар кӣ маҳрум аст аз он дар гумшудагӣ ҳамегардид ва дар кӯрӣ ҳамерафт, бар дилҳои эшон қуфлҳост, ки онро нагшоянд ва аз хиради эшон банди қуфлҳо барнахезад. Ва авлиёи эзад дар марғзорҳои биҳишт ҳамечаранд ва аз дарахтони он ҳамечинанд ва андар ҷӯйҳои он сибоҳат (шино) ҳамекунанд, сер нашаванд аз он як соат ва нотавон нагарданд, бишнохтанд маъбуди хешро ва муҷарраду пок бикарданд ӯро аз нишони офаридҳо ва покиза карданд ӯро аз ҳама сифоти офаридҳо. Ва худовандони гумшудагӣ монанда карданд офаридгорро ба офарида ва дар ҳад оварданд (яъне, маҳдуд карданд) ва мисол карданд ӯро ба сифот, то дар шумор оварданд, нодон шуданд ба шинохтани фариштагон ва дараҷоти офариниш ва мункар шуданд ба хабари дониста ва бигаравиданд ба хабари ноёфта»[399].

---

[398] Забеҳуллоҳи Сафо. Насри форсӣ (аз оғоз то аҳди Низомулмулки Тӯсӣ). - Теҳрон, 1347//1969. - С. 235- 238.

[399] Забеҳуллоҳи Сафо. Насри форсӣ (аз оғоз то аҳди Низомулмулки Тӯсӣ). - Теҳрон, 1347//1969. - С. 244-245.

Чунон ки аз ин намуна ба мушоҳида мерасад, дар тарзи ифодаву баёни муаллиф нақши тарҷума бармало зоҳир мегардад, вале корбурди истилоҳоти тоҷикӣ, аз қабили **худой, офаридгор, офарида, офариниш, гузидагон** (пайғамбарон), **худовандон** (соҳибон), **банда, фаришта, роҳ намудан** (ҳидоят кардан) ва ғайра дар баробари истилоҳоти маъмули арабӣ аз афзалиятҳои ин китоб ба ҳисоб меравад. Аксари истилоҳоти маъмули фалсафӣ, ки Ибни Сино дар «Донишномаи Алоӣ» ва «Меъроҷнома» истифода кардааст, дар ҳамин китоб ба мушоҳида мерасанд.

Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (1005/06-1089) аз пирони Хуросон ва абармардони забону илму адаби тоҷикӣ ба ҳисоб меравад. Ӯ илми тариқатро аз Абулҳасани Харақонӣ омӯхт ва дар тасаввуф аз саромадони аҳди худ гардид.

Аз ӯ осори фаровони гаронбаҳо, аз қабили «Табақот-ус-сӯфия», «Илоҳинома», «Сад майдон», «Тафсири Қуръон», «Муноҷотнома», «Зод-ул-орифин», «Канз-ус-соликин», «Қаландарнома», «Муҳаббатнома», «Насоеҳ», «Ҳафт ҳисор», «Рисолаи дилу ҷон», «Рисолаи воридот» ва ғ. боқӣ мондааст.

Ба андешаи муҳаққиқон ӯ дар назму насри тоҷикӣ (форсӣ) навгониҳои адабӣ, аз ҷумла корбасти қитъаҳои шеърро дар асари насрӣ ворид кард, ки баъдан Шайх Саъдӣ онро ба ҳадди камол расонд. Истифодаи насри мусаҷҷаъ, яъне насри дорои қофия низ дар забону адаби мо ба номи Абдуллоҳи Ансорӣ бастагӣ дорад:

«Эй азиз, ҳар кас донад ҳақиқат чист, донад, ки ишқ кадом аст ва ошиқ кист. Дар ин роҳ мард бояд буд ва бо дили пурдард бояд буд. Ва ҳар киро ранҷ бештар, таматтуъ бештар. Ошиқ бояд бебок бошад, агарчи ӯро бими ҳалок бошад. Ишқ одамихор аст, на ном дорад ва на нанг, на сулҳ дорад ва на ҷанг. Ишқ иллатест бар давоми ҳаёт, на василатест, бар эҳтимоми мамот. Ишқ дардест, ки ӯро даво нест ва кори ишқ ҳаргиз ба муддао нест. Муддаои ишқ бебало набувад ва чун балое расад, ӯро радди бало набувад. Ошиқ ҳам оташ асту ҳам об, ҳам зулматасту ҳам Офтоб. Бесабрӣ дар ишқ азоби ҷовидонист ва беихлосӣ дар итоат вуболи (зиёну зарар) зиндагонист. Ишқ мояи осудагист, ҳарчанд мояи фарсудагист. Ҳар чи ошиқ нест сутур (ҳайвон) аст, рӯзро чӣ гунаҳ з-он ки шабпара кӯр аст.

Дили ошиқ ҳамеша бедор аст ва дидаи ӯ гуҳарбор аст. Муҳаббати ӯ пайваста бо меҳнат (ранҷу азоб) қарин аст. Ошиқро сад бало дар пеш ва ҳазор дар роҳ. Дар ин роҳ гиряи Яъқуб бояд ё нолаи Маҷнун, ё дили пурдард бояд ё наволаи (луқма) пурхун.

Ин ҷо тани заифу дили хаста мехаранд,
Кас ошиқӣ ба қуввати бозу намекунад»[400].

Зебоию пухтагии калом дар рубоиёти динию ирфонии ӯ низ ба хубӣ мушоҳида мешавад:

Дар роҳи Худо ду Каъба омад ҳосил,
Як Каъбаи сурат асту як Каъбаи дил.
То битвонӣ зиёрати дилҳо кун,
К-афзун зи ҳазор Каъба омад як дил.

Ин мартабаро баланду пастӣ набувад,
Худбиниву хештанпарастӣ набувад.
Дар ҳар қадаме зи нест бинӣ асаре,
Ҷойе бирасӣ, ки номи ҳастӣ набувад.

Муноҷотҳои содаю равони ӯ дар забони тоҷикӣ беназиру бесобиқаанд. Истифода аз ҷумлаҳои мусаҷҷаъ, яъне такрори қофия дар чанд ҷумла аз махсусиятҳои хоси навиштаҳои ӯст, ки насри ӯро шевоию дилнишинии вижа мебахшад ва аз доираи наср берун кашида, ба назм наздик месозад:

«Ақл гуфт ман:
рақиби инсонам, нақиби эҳсонам,
кушояндаи дари фаҳмам, зудояндаи занги ваҳмам,
побастаи таклифотам, шоистаи ташрифотам,
гулзори хирадмандонам, афзори ҳунармандонам».

Ба андешаи мо, бартарии чунин тарзи ифода дар он зоҳир мешавад, ки зуд ба дилҳо роҳ ёфта, ҳифзи онро низ осон мегардонад.

Дар аҳди Ғазнавӣ ҳамчунин як идда осори арзишманди таърихӣ ба забони тоҷикӣ таълиф гардид, ки дар миёни онҳо «Зайн-ул-ахбор»-и **Абулҳай ибни Заҳҳоки Гардезӣ** мақоми хос дорад. Ин таърихнома ба ифтихори подшоҳи ғазнавӣ Абдурашид ибни Масъуд, ки лақаби Зайнулмилла дошт, «Зайн-

[400] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби дувум. - Теҳрон, 1345//1967. - С. 413-414

ул-ахбор» номгузорӣ шуда, таърихи умумии Эрони таърихиро аз рӯзгорони қадим то замони муаллиф дар бар мегирад. Китоби мазкур илова бар маълумоти судманд оид ба таърихи тоисломӣ ва исломии Эронзамин дар бобати ҳодисаҳои олам, дину оин ва одобу русуми мардумони мухталиф иттилооти ҷолибро дар бар мегирад, ки бо насри содаву равон баён гардидаанд. Ҳарчанд дар рӯзгори зиндагии Гардезӣ доираи корбасти калимоту истилоҳоти арабӣ тавсеа пайдо кард, вале дар тарзи баёни муаллиф сабки нигориши аҳди сомонӣ то андозае ба назар мерасад. Ҷолиб аст, ки муаллифи «Зайн-ул-ахбор» дар баёни ҳодисаву воқеаҳо нигоҳи бетаассуб дорад ва ба ҷузъиёти онҳо дахл намекунад. Барои намуна порчаеро аз «Зайн-ул-ахбор» дар хусуси қатли Абумуслими Хуросонӣ бо фитнаи ноҷавонмардонаи халифа Мансур дар зер нақл мекунем:

«Ва чун Абумуслим аз ҳаҷ бозгашт, ӯро гуфтанд: «Буҳайра тарсоест дувистсола ва аз ҳар чизе хабар дорад». Абумуслим ӯро ба наздики хеш хонд. Чун он пир Абумуслимро бидид, гуфт: «Кардӣ кифоят ва ба тамомӣ расонидӣ иноят ва расонидӣ ба ниҳоят, хештан сӯхтӣ ва кори хеш парогандӣ ва куштани хеш муояна (яъне ба чашми худ) бидидӣ». Абумуслим андуҳгин шуд. Пас пир ӯро гуфт: «На аз ҳазм (мулоҳиза, эҳтиёт) тамомати халал омад ва на аз раъйи савоб ва на аз тадбири судманд ва на аз шамшери буррон, валекин ҳеҷ кас ба ҳама орзуҳо нарасад, илло ки замона ӯро андар ёфт ва баъзе аз мурод ҳосил шуд».

Абумуслим гуфт ӯро: «Чӣ гумон мебарӣ, кор ба куҷо расад?» Пир гуфт: «Чун ду халифа бар коре муттафиқ шуданд, он кор тамом шавад ва тақдир ба наздики он касест, ки тадбир бо ӯ ботил шавад. Агар ба Хуросон шавӣ, саломат монӣ».

Абумуслим хост баргардад. Мансур касон фиристод, ки зуд биёӣ. Қазо омада буд, Абумуслимро басар шуд (яъне биноиву ақлу тадбир аз даст рафт).

…ва чун пеши Мансур омад, ӯро биншонд ва некӯ бипурсид ва пас гуфт: «Ту ин чанд фатҳҳо ва ҳарбҳо ба кадом шамшер кардӣ?» Абумуслим гуфт: «Бад-ин» ва ишора бад-он шамшер кард, ки бар миён дошт. Мансур гуфт: «Маро деҳ». Ба Мансур дод. Пас Мансур гуфт: «Донӣ, ки ту бо ман чӣ кардӣ? Чунин кардӣ» ва ягон-ягон ҳамешумард ва Абумуслим ҷавоби

ҳар яке ҳамедод, то Мансур битуршид (туршрӯй шуд) ва бонг бар ӯ зад.

Абумуслим гуфт: «Ё амирулмуъминин, ин на мукофоти он некӯиҳост, ки ман кардам…»

Пас Мансур гуфт: «Ин на ба дӯстии мо кардӣ, бал-к ин кори осмонӣ буд ва иноятиэзадӣ, ки қиёми давлати мо буд».

Пас Мансур ишорат кард он касро, ки бар сари Абумуслим истода буд. Шамшер бизад ва Абумуслим бияфтод…».

Гардезӣ дар идомаи ин матлаб мегӯяд, ки нахустин касе, ки Абумуслимро бо шамшер зад, муҳофизи худи вай буд. Хуросониёни беруни дар, ки ҳамроҳи Абумуслим омада буданд, аз ин моҷаро огоҳ шуда, ғавғо бардоштанд. Мансур фармуд, аз хазина ба онҳо музди яксола доданд ва онҳо ҳама ором гирифтанд.

Аз вижагиҳои назарраси забонии порчаи зикршуда метавон ба корбурди моҳиронаи феъл («кардӣ кифоят ва ба тамомӣ расонидӣ иноят ва расонидӣ ба ниҳоят, хештан сӯхтӣ ва кори хеш парогандӣ ва куштани хеш муояна бидидӣ»), аз ҷумла феъли содаи «туршидан», ки мутаассифона, имрӯз аз доираи истеъмол берун мондааст, дар ин асар ва истифодаи пасванди аломати ҷамъи **-ҳо** ба калимаҳои иқтибоси арабӣ **фатҳҳо**, **ҳарбҳо**, ки худ дар арабӣ дорои шакли ҷамъ мебошанд, ишора кард.

Вале маъруфтарин таърихнома, ки дар ин аҳд ба забони тоҷикӣ иншо гардид, «Таърихи Байҳақӣ»-ст, ки онро инчунин «Таърихи Оли Сабуктегин» ва ё ба ифтихори Султон Масъуди Ғазнавӣ «Таърихи Масъудӣ» низ мегӯянд. Ин таърихнома ба қалами **Абулфазли Байҳақӣ** (995 – 1077), ки дабири девони расоили Ғазнавиён буд, тааллуқ дорад. Байҳақӣ дар таърихномаи худ дар баробари нақли содаву ҷолиби ҳодисаву воқеаҳо, матни чанд нома аз санадҳои девонӣ, аз ҷумла баъзе номаҳои Аҳмади Ҳасани Маймандӣ ва Абунасри Мушконро намуна оварда, аз рӯйдодҳои замони худ шоҳиди бисёри айнӣ нақл кардааст.

Шоистаи зикр аст, ки Байҳақӣ аз нахустин муаррихон ва донишмандони миллии мост, ки аз қавми «тоҷик» будани худро дар ин асар таъкид кардааст: «Ман ва монанди ман тозикон худ намедонистем, ки дар ҷаҳон дар куҷоем ва чун меравад».[401]

[401] Абулфазли Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. - Машҳад, 1351//1973. – С. 904.

Калимаи «тозик» (тоҷик) дар «Таърихи Байҳақӣ» дар нуҳ маврид, бештар барои ифодаи аъёну ашрофи дарбор ва сарони лашкари ғазнавӣ истифода шудааст.

Забони баёни муаллиф ба шеваи нигориши аҳди сомонӣ қаробат дорад: «Чунин овардаанд, ки Фазл – вазири Маъмуни халифа ба Марв итоб кард бо Ҳусайни Мусъаб – падари Тоҳири Зуляминайну гуфт: «Писарат Тоҳир дигаргуна шуд ва бод дар сар карду хештанро намешиносад». Ҳусайн гуфт: «Айюҳа-л-вазир (Эй вазир), ман пиреям дар ин давлат бандаву фармонбардор ва донам, ки насиҳату ихлоси ман шуморо муқаззар аст. Аммо писарам Тоҳир аз ман бандатару фармонбардортар аст ва ҷавобе дорам дар боби вай сахт кутоҳ, аммо дурушту дилгир. Агар дастурӣ диҳӣ, бигӯям. Гуфт: «Додам». Гуфт: «… амирулмуъминин ӯро аз фурӯдасттари авлиёву ҳашами хеш ба даст гирифт ва синаи ӯ бишкофту диле заиф, ки чун ӯеро бошад, аз он ҷо берун гирифт ва диле он ҷо ниҳод, ки бад-он дил бародарашро, халифае чун Муҳаммади Зубайдаро (бародари Маъмун халифа Амин дар назар аст) бикушт ва ба он дил, ки дод олату қуввату лашкар дод. Имрӯз чун кораш бад-ин дараҷа расид, ки пӯшида нест, мехоҳӣ, ки туро гардан ниҳад ва ҳамчунон бошад, ки аввал буд? Ба ҳеч ҳол ин рост наёяд, магар ӯро бад-он дараҷа барӣ, ки аввал буд. Ман он чи донистам, бигуфтам ва фармон турост.

Фазли Саҳл хомӯш гашт, чунон ки он рӯз сухан нагуфт ва аз ҷой бишуда буд (яъне, аз худ берун шуда буд). Ва ин хабар ба Маъмун бардоштанд. Сахт хуш омадаш ҷавоби Ҳусайни Мусъаб ва писандида омад ва гуфт: «Маро ин сухан аз фатҳи Бағдод хуштар омад, ки писараш кард». Ва вилояти Пушанг бад-ӯ дод…»[402].

Намунаи дигар аз «Таърихи Байҳақӣ» дар бораи дар қалъаи Кӯҳтез дар асорат нигоҳ доштани Султон Муҳаммад аст, ки мутобиқи васияти Султон Маҳмуд ба подшоҳӣ расид, вале баъд аз ҳафт моҳ наздиконаш, ки аз сари қудрат омадани ӯ норозӣ буданд, ӯро ба ҳабс гирифта, Султон Масъудро подшоҳ

[402]Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби дувум. - Теҳрон, 1345//1967. - С. 319.

эълон карданд: «Аз устод Абдураҳмони Қаввол шунудам, ки чун лашкар аз Текинобод сӯйи Ҳирот рафтанд, ману монандаи ман, ки хидматкорони амир Муҳаммад (писари Султон Маҳмуд) будем, моҳиро монистем аз об бияфтода ва дар хушкӣ монда ва ғорат шудаву бенаво гашта. Ва дил намедод, ки аз пойи қалъаи Кӯҳтез зостар (з-онсӯтар) шаверме. Ва умед медоштем, ки магар Султон Масъуд ӯро бихонад сӯйи Ҳирот ва рӯшноӣ падидор ояд. Ва ҳар рӯзе бар ҳукми одат ба хидмат рафтаме ману ёронам, мутрибону қавволон ва надимони пир. Ва он ҷо чизе хӯрдеме ва намози шомро боз гаштеме. Ва ҳоҷиб Бектегин зиёдат эҳтиёт пеш гирифт, валекин касеро аз мо аз вай боз надошт. Ва некудоштҳо ҳар рӯз ба зиёдат буд, чунонки агар ба мисли шири мурғ хостӣ дар вақт ҳозир кардӣ. Ва амир Муҳаммад… низ лахте хурсандтар гашт ва дар шароб хӯрдан омад ва пайваста май хӯрд»[403].

Дар намунаи зикршуда феъли содаи «монистан» ба маънии «монанд будан» истифода шудааст, ки имрӯз дигар доираи корбурд надорад ва ҷойи худро ба феъли таркибии «монанд будан» додааст. Ҳамчунин тарзи ифодаи феълҳои шахси танҳову ҷамъ ба шакли «шаверме», «хӯрдеме», «рафтаме», «бозгаштеме» ба маънии таъкидии «мешавем», «мехӯрдем», «мерафтам», «бозмегаштем» аз хусусиятҳои корбасти феъл дар он рӯзгор аст.

Ҳамчунин Абулфазли Байҳақӣ дар ин асар дар оғози боби Хоразм аз китоби «ал-Мусомара фӣ ахбори Хоразм»-и Берунӣ, ки эҳтимолан ба тоҷикӣ таълиф шуда, мутаассифона, то замони мо боқӣ намондааст, бахшеро дар хусуси ғасби Хоразм аз ҷониби Султон Маҳмуд иқтибос овардааст. Дар ин бахш, илова бар он ки дар бобати охирин рӯзҳои давлатдории хоразмшоҳиёни асил маълумоти муфиди таърихӣ мавҷуд аст, муаллиф ҳам нақши созанда ва ҳам нақши сӯзанда доштани қаламро таъкид намудааст, ки номаи тунди расули хоразмшоҳ дар Ғазна боиси ҳамлаи Султон Маҳмуд ба Хоразм, шикасти хонадонҳои асили эрониасл ва ба сари кор омадани туркони

[403] Насрҳои таърихӣ. Ба интихоб ва муаррифӣ ва тавзеҳи дуктур Исмоили Ҳокимӣ. – Теҳрон, 1350//1972. – С.21.

хоразмшоҳ гардид: «Хоразмшоҳ Булаббоси Маъмун ибни Маъмун… бозпасин амире буд, ки хонадон пас аз куштани ӯ барафтод ва давлати Маъмуниён ба поён расид. Ва ӯ марде буд фозил ва шаҳм (чолок) ва корӣ ва дар корҳо сахт мусбат ва чунон ки вайро ахлоқи ситуда буд ва ҳам носитуда. Ва ин аз он мегӯям, то муқаррар гардад, ки майлу муҳобо намекунам… Ва ҳунари бузургтар амир Абулаббосро он буд, ки забони ӯ баста буд аз дашном ва фуҳшу хурофот. Ман ки Бурайҳонам ва мар ӯро ҳафт сол хидмат кардам, нашнудам, ки бар забони вай ҳеч дашном рафт ва ғояти дашноми ӯ он буд, ки чун дар хашм шудӣ, гуфтӣ: «Эй саг! … Ва эҳтиёт бояд кард нависандагонро, дар ҳар чи нависанд, ки аз гуфтор боз тавон истод ва аз набиштан боз натавон истод ва набишта боз натавон гардонид…».[404]

Номанигории тоҷикӣ дар ин аҳд тавассути соҳиби девони расоили Султон Маҳмуд ва Султон Масъуд Абунасри Мушкон (вафот 1039) ривоҷу равнақи бештар пайдо кард, ки бо шарофати «Таърихи Байҳақӣ» чанд номаи нигоштаи ӯ то замони мо расидааст. Дар ин номаҳои боқимонда зебоию расоии забони муаллиф ба назар мерасад ва дар зер порчаеро аз номаи Султон Масъуд ба хони Кошғар Қадархон, ки ба қалами Абунасри Мушкон тааллуқ дорад, намуна меорем:

«… имрӯз чун тахт ба мо расид ва кор ин аст, ки бар ҳар ду ҷониб пӯшида нест, хирад он мисол диҳад ва таҷоруб он иқтизо кунад, ки ҷаҳд карда ояд, то биноҳои афроштаро дар дӯстӣ афроштатар карда ояд, то аз ҳар ду ҷониб дӯстон шодмона шаванд ва ҳосидону душманон ба кӯрию даҳдилӣ (яъне, ташвишу изтироб) рӯзгорро карон кунанд ва ҷаҳониёнро муқаррар гардад, ки хонадонҳо яке буд ва акнун, аз он чи буд, некӯтар шудааст…»[405].

Ин нома ҳамчунин аз доираи нуфузу эътибори забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) дар ин аҳд дар хонигарии Кошғар шаҳодат медиҳад.

Таълифи таърихномаи маъруфи **«Таърихи Систон»** низ ба ҳамин давра рост меояд. Мутаассифона, номи муаллифи он

[404] Насрҳои таърихӣ. Ба интихоб ва муаррифӣ ва тавзеҳи дуктур Исмоили Ҳокимӣ. – Теҳрон, 1350//1972.

[405] Абулфазли Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. – Теҳрон, ҷ.3, 1386//2008. – С.144.

маълум нест. Таълифи ин китоб ба андешаи муҳаққиқон тақрибан дар соли 1054 ба поён расидааст, вале, ба андешаи Муҳаммадтақии Баҳор, таркибот ва истилоҳоти дар ин китоб омада онро кӯҳнатар аз «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ ва «Таърихи Байҳақӣ» нишон медиҳанд. Китоби мазкур бар замми намунаи муътабари насри куҳан будан, ҳамчунин аз нигоҳи фаро гирифтани ҳодисаву воқеаҳои таърихӣ ва ошкор кардани шахсиятҳои бузурги сиёсию фарҳангӣ бисёр арзишманд аст. Баъзе намунаҳои насри куҳани тоҷикӣ (форсии дарӣ), аз ҷумла порчаҳо аз «Гаршосбнома» дар намунаи «Суруди оташкадаи Каркуй» ва «Аҷоиб-ул-булдон»-и Абулмуайяди Балхӣ, ки дар боло ёдовар шудем, дар батни матни ин китоб то замони мо расидаанд.

Қисмати охири китоб, ки воқеаҳои асрҳои баъдиро дар бар мегирад, бидуни шак, аз ҷониби котибон ба китоб ҳамроҳ карда шуда, ба қисмати аслии китоб алоқамандӣ надорад. Забони қисмати асосии китоб содаю равон ва дур аз печидагию душворбаёнист. Барои намуна пораеро аз ин китоб дар зер нақл мекунем: «… ва чун бар минбари ислом ба номи туркон хутба карданд, ибтидои меҳнати (яъне, ранҷу азоби) Систон он рӯз буд ва Систонро ҳанӯз ҳеч осебе нарасида буд то ин вақт. Ва андар ҷаҳон аз рӯзгори Яъқуб ва Амр ҳеч шаҳре ободонтар аз Систон набуд ва доруддавла гуфтандӣ Нимрӯзро то он рӯзгор, ки амири халафро аз Систон бибурданд ба хилоф, ки мардумон бар ӯ карданд, то диданд он чи диданд ва ҳанӯз мебинанд…».[406]

Қобили зикр аст, ки дар «Таърихи Систон» бисёр калимаҳову таркибҳои асили забони мо аз қабили «фародид наомадан» (яъне ба чашм нанамудан), «патёра» (офат), «бадаст» (ба арабӣ ваҷаб), «сайкӣ» (навъи шароб, аслаш сеякӣ), «ошуфтан» («шаҳр биёшуфт», яъне шаҳр ба шӯр омад), «торак» (фарқи сар; ин калима дар шакли «тор» ба маънии сар, боло «тори бом», «тори бора», «тори кӯҳ» дар аксари гӯйишҳои тоҷикӣ имрӯз мавриди истифода қарор дорад), «омос» (ба арабӣ варам), «иди Гуспандкушон» (иди Қурбон), «донг» (шашяк) ва ғайра ба мушоҳида мерасанд, ки аксари онҳо дар дигар осори ин давр, аз ҷумла «Китоб-ут-тафҳим»-и Берунӣ ба назар мерасанд.

[406] Насрҳои таърихӣ. Ба интихоб ва муаррифӣ ва тавзеҳи дуктур Исмоили Ҳокимӣ. – Теҳрон, 1350//1972.

Дар аҳди Ғазнавиён таълифи осори риёзию нуҷум ва ҷуғрофияи риёзӣ ривоҷу равнақи бештар пайдо кард, ки бештари ин осор ба қалами яке аз бузургтарин устодони забони тоҷикӣ дар илм Абурайҳони Берунӣ тааллуқ дорад.

Абурайҳони Берунӣ. Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ 4 сентабри 973 дар яке аз мавзеъҳои беруни шаҳри Коси Хоразм ба дунё омад ва тахаллуси Берунӣ ба ҳамин маҳалли зодани ӯ берун аз шаҳри Кос гувоҳӣ медиҳад.

Ӯро ҳанӯз ҳангоми зиндагиаш бо эҳтирому самимият бо унвонҳои устод, устодурраис ва имомурраис ном мебурданд. Дар баъзе китобҳои баъдӣ аз ӯ бо унвони ҳаким низ ёд кардаанд, ки ин ҳама аз баландии мақому мартабаи вай дар илму сиёсату дин шаҳодат медиҳад.

Дар бобати айёми тифлӣ ва таҳсили ибтидоии ӯ дар маъхазҳо ишора нарафтааст. Вале худи вай дар як қасидаи арабиаш, аз он ки дар хонадони Оли Ироқ ба воя расида, аз амирзодаи ин хонавода Абунасри Ироқ, ки аз донишмандони маъруфи аҳди худ дар илми мусалласоти куравӣ буд ва Умари Хайём ӯро аз риёзидонони мақоми аввал ба шумор овардааст, тарбият ёфтани худро таъкид кардааст.

Абурайҳони Берунӣ аз хурдсолӣ дорои истеъдод ва фаҳму ҳофизаи қавӣ буда, ба ҷуз аз забонҳои хоразмӣ ва тоҷикӣ (форсӣ), ба омӯзиши забонҳои арабӣ, юнонӣ, суриёнӣ, ҳиндӣ ва ибрӣ шавқу рағбат доштааст.

Фаъолияти илмии Берунӣ бармаҳал, аз синни 17 солагиаш, ки иртифои Офтобро ҳангоми эътидоли баҳорӣ ва тирамоҳӣ дар зодгоҳаш андозагирӣ кардааст, шурӯъ мешавад.

Баъдан дар синни 21-22 солагӣ олоти дар он аҳд мавҷудаи нуҷумиро тасҳеҳ карда, арзу тӯли аксари шаҳру рустои Хоразмро муайян мекунад ва дар ҳамин солҳои зиндагиаш нахустин кураи Заминро месозад.

Соли 995 бо қатли охирин амири хонадони Оли Ироқ Абдуллоҳи Муҳаммад ибни Ироқ ба дасти волии Гурганҷ (Ҷурҷония) Маъмун ибни Муҳаммад (ваф. 997) зиндагии орому осудаи Берунӣ анҷом меёбад ва ӯ ба тарки ватан маҷбур мешавад. Вай нахуст ба Рай ва аз Рай ба Гургон сафар мекунад. Дар Рай бо Абумаҳмуди Хуҷандӣ, ки аз муқаррабони дарбори Фахруддавлаи Дайламӣ (976-997) буд ва Берунӣ ӯро «ягонаи аҳд

дар сохтани астурлоб ва олоти нуҷумии дигар» тавсиф кардааст, мулоқот менамояд.

Соли 997 дубора ба зодгоҳи худ баргашта, бо роҳи мукотиба бо Абумаҳмуди Бузҷонӣ дар як вақт ҳар ду гирифтани Моҳро дар Бағдод ва Кос мушоҳида мекунанд. Берунӣ чанде дар дарбори Нуҳ ибни Мансури Сомонӣ ба хидмат машғул мешавад, вале баъдан бо сабабҳои номаълум ӯ аз Бухоро берун меравад. Баъдан муддате дар Табаристон ба хидмати Марзбон ибни Рустам – муаллифи китоби «Марзбоннома» камар баста, яке аз нахустин китобҳои илмии худ «Мақолид-ул-илми-л-ҳайат»-ро, ки бузургтарин асар бар боби мусалласоти куравист, ба номи ӯ тасниф менамояд.

Пас ба Гургон, ба дарбори Шамсулмаолии Қобуси Вушмгир (938-1012) раҳ меёбад ва муддати 6 сол мавриди эҳтироми ин амир қарор мегирад. Дар ҳамин шаҳри Гургон соли 1000 шоҳасари илмии худ «Осор-ул-боқия»-ро ба номи Шамсулмаолии Қобус ба забони арабӣ таълиф мекунад. Ин китоб илова бар он дар бораи тақвим ва гоҳшумории халқу қавмиятҳои мухталиф, аз қабили румиён, ҳиндувон, суриёниён, ибриён, қибтиён, арабҳо… маълумоти кофӣ медиҳад, дар маҷмӯъ таърихномаи шоҳони Эрону эронинажод аст.

Шамсулмаолии Қобус ба Берунӣ девони вазорат пешниҳод кард, вале Берунӣ ин даъватро қабул нанамуд ва шояд бо даъвати Абулҳусайни Суҳайлӣ – вазири донишдӯсти Абулҳасани Алӣ ибни Маъмуни Хоразмшоҳ (997-1009), ки пас аз марги падар ба тахти салтанат нишаста буд, ба Гурганҷ баргашт. Дар дарбори Алӣ ибни Маъмун бо ҳидояти Абулҳусайни Суҳайлӣ, ки ба қавли соҳиби «Чаҳор мақола» «ҳакимтабъ ва каримнафсу фозил» буд, бузургтарин донишмандони он аҳд: Абуалии Сино, Абусаҳли Масеҳӣ, Абунасри Ироқ, Абдусамади Ҳаким, Абулхайри Хаммор… гирд омада буданд, ки ин ҷамъиятро дар кутуби илмии муосир бо номи «Фарҳангистони Маъмун» ёд мекунанд. Ин Фарҳангистон дар рӯзгори аморати бародари Абулҳасан Абулаббоси Хоразмшоҳ (1009-1016), ки Берунӣ дар дарбори ӯ мақоми машварат дошт, эътибори бештар пайдо кард. Абулаббос ба хотири ҳифзи амнияти Хоразм хоҳари Султон Маҳмуди Ғазнавиро ба занӣ гирифта буд ва Султон Маҳмуд ҳамвора хоразмиёнро ба зери бори нангини тобеияти

худ фаро мехонд. Абулаббос зери бори итоати Султон Маҳмуд рафт ва сарони лашкар ӯро соли 1016 куштанд ва бародарзодааш Абулҳорисро ба тахти хоразмшоҳӣ нишонданд. Султон Маҳмуд баҳори соли 1017 бо баҳонаи қатли домодаш ба Хоразм ҳамлавар шуд ва ба давлатдории асилзодагони Хоразм ба таври ҳамеша хотима дод. Абулҳусайни Суҳайлӣ, Абуалии Сино ва Абусаҳли Масеҳӣ пеш аз ҳуҷуми Маҳмуд Хоразмро тарк гуфтанд. Абулхайри Хаммор, Абдусамади Ҳаким ва чанде донишмандони дигар ба дасти лашкариёни Маҳмуд ба қатл расиданд. Султон Маҳмуд Абурайҳони Беруниро ба Ғазна овард. Берунӣ дар Ғазна «ал-Мусомара фӣ ахбори Хоразм»-ро навишт ва чунон ки дар боло гуфта гузаштем, Байҳақӣ дар охири таърихномаи худ ҳикоятеро аз он нақл кардааст.

Абурайҳони Берунӣ дар Ғазна ҳамчунин соли 1025 китоби «Таҳдиду ниҳоёти-л-амокин» ва соли 1029 «Китоб-ут-тафҳим ли авоили синоат-ит-танҷим»-ро таълиф намуд, ки китоби охир ба забони тоҷикӣ навишта шуда, аз дурдонаҳои насри илмии забони мо шинохта шудааст.

Забони таълифи ин асар бисёр равону рангин аст ва аз устодии комили Берунӣ дар забони тоҷикӣ (форсӣ) ва таълифи осори илмӣ ба ин забон шаҳодат медиҳад.

Барои намуна ва шиносоӣ бо сабки нигориши муаллиф, ки ба таври пурсишу посух баён гардидааст, порчаеро аз ин китоб манзури назари хонанда мегардонем: «Наврӯз чист? Нахустин рӯз аст аз фарвардинмоҳ в-аз ин ҷиҳат Наврӯз ном карданд, зеро-к пешонии соли нав аст. Ва он-ч аз паси ӯст, аз ин панҷ рӯз ҳама ҷашнҳост. Ва шашуми фарвардинмоҳ Наврӯзи бузург доранд, зеро-к хусравон бад-он панҷ рӯз ҳаққои ҳашам ва гурӯҳону бузургон бигзоридандӣ ва ҳоҷатҳо раво кардандӣ, он гоҳ бад-ин рӯзи шашум хилват кардандӣ хосагонро. Ва эътиқоди порсиён андар наврӯзи нахустин он аст, ки аввал рӯзест аз замона ва бад-ӯ фалак оғозид гаштан.

Тиргон чист? Сездаҳум рӯз аст аз тирмоҳ. Ва номаш тир аст ҳамноми моҳи хеш ва ҳамчунин аст ба ҳар моҳе он рӯз, ки ҳамномаш бошад, ӯро ҷашн доранд. Ва бад-ин Тиргон гуфтанд, ки Ораш тир андохт аз баҳри сулҳи Манучеҳр, ки бо Афросиёби туркӣ кардааст бар тирпартобе (яъне, масофаи партофтани тир)

аз мамлакат. Ва он тири кифти ӯ аз кӯҳҳои Табаристон бикашид то бар сӯйи Тахористон.

Меҳргон чист? Шонздаҳум рӯз аз меҳрмоҳ ва номаш меҳр. Ва андар ин рӯз Афредун зафар ёфт бар Бевараспи ҷоду, он-к маъруф аст ба Заҳҳок. Ва ба кӯҳи Дамованд боз дошт. Ва рӯзҳо, ки сипаси Меҳргон аст, ҳама ҷашнанд бар кирдори он-ч аз паси Наврӯз бувад. Ва шашуми он Меҳргони бузург бувад ва Ромрӯз ном аст ва бад-ин донандаш…»[407].

Берунӣ дар ин китоб дар баробари истилоҳоти мутадовили арабии илмҳои машҳури замонаш: ҳандасаву шумору нуҷуму ҷуғрофияву ғайра муодили форсӣ сохтаву баргузида, дар ҳақиқати ҳол кори бузургу шоистаи таҳсине анҷом додааст, ки чунин иқдом дар таърихи ташаккули забони тоҷикӣ ба сифати забони илм беназиру бесобиқа аст.

Дар ҳамин давра Берунӣ ба Ҳиндустон сафар кард ва раҳоварди сафари ӯ аз ин сарзамин китоби «Мо лил Ҳинд» аст, ки то имрӯз беҳтарин асар дар бораи тақвиму гоҳшуморӣ, дину оин ва афкору андешаи ҳиндувон шинохта шудааст. Абурайҳони Берунӣ муддати 12 сол дар дарбори Султон Масъуд зиндагонӣ кард. Ин муддат давраи нисбатан оромонаву осудаҳолона ва пурмаҳсули зиндагиву фаъолияти ӯ буд. Дар ин давра Берунӣ китоби «Қонуни Масъудӣ»-ро таълиф намуд, ки аз муҳимтарину муфассалтарин осор дар ҳайату нуҷум, мусалласоти куравӣ ва ҷуғрофияи риёзии замони Берунист ва Абулфазли Байҳақӣ низ онро беҳтарин таълифоти Абурайҳон ба қалам додааст.

Китоби муфассал дар бобати дорушиносӣ «Китобу-с-сайдана фӣ-т-тиб»-ро Берунӣ дар охири ҳаёташ таълиф кардааст, ки манбаи саршор аз вожагону истилоҳоти асили тоҷикист.

Яке аз далелҳои дигари устодии Абурайҳони Берунӣ дар забону адаби форсию арабӣ, чунон ки худи ӯ дар рисолаи «Феҳристи кутуби Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ» зикр мекунад, тарҷумаи достонҳои маъруфи «Вомиқу Азро», «Ҳадиси Урмуздёру Меҳриёр», «Ҳадиси Қассимуссуруру Айнулҳаёт» (яъне достони «Шодбаҳру Айнулҳаёт»), «Ҳадиси Додмоҳу

[407] Абурайҳон Берунӣ. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат-ит-танҷим. – Душанбе, 1973.-С.144.

Гиромидухт» ва «Ҳадиси ду санами Бомиён» (яъне Сурхбуту Хингбут – ду бути сангии Бомиён, ки дар бораи онҳо мардум достонҳо офаридаанд) аз форсӣ (ё форсии миёна) ба арабист.

Зимнан тазаккур бояд дод, ки ҳамин достонҳои «Вомиқу Азро», «Шодбаҳру Айнулҳаёт» ва «Сурхбуту Хингбут»-ро яке аз муосирони Берунӣ, маликушшуарои дарбори Ғазнавиён – ҳаким Унсурии Балхӣ ба риштаи назм кашидааст.

Ҳамчунин осори Абурайҳони Берунӣ манбае саршор аз вожагону истилоҳоти забонҳои қадимаи забонҳои эронист: чунончи аз суғдӣ – **оғом, навсард, ҷурҷан, нисан, бисок, ишнахандо, мужиханд, фағакан**…, аз хоразмӣ – **новсорзӣ, иҷғор, арғосивон, фағбурия, ҷирӯз, нимхаб** ва аз тахорӣ – **хазон** омадааст. Ин осор муҳимтарин сарчашмаест барои омӯзиши ин забонҳо.

Дар бобати истифодаи забон Ғазнавиён сиёсати дугона доштанд. Ба ин маънӣ, ки дар муошрати ҳамарӯза, дафтардорӣ ва номанигории дохилидавлатӣ, ҳамчунин дар мукотиба бо ҳамсоягон аз забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) истифода мекарданд ва дар робита бо хилофат – аз забони арабӣ. Масалан, номаи бар тахти салтанат нишастани Масъуд ба халифаи Бағдод ба забони арабӣ ва ҳамчунин нома ба Қадархон Юсуфи Кошғарӣ ва нома ба Олтунтоши хоразмшоҳ ба забони тоҷикӣ ирсол гардида буд.

Ғазнавиён бо тақлиду пайравӣ ба Сомониён тарғибу ташвиқи шеъру адаби тоҷикиро ҷузъи сиёсати фарҳангии худ қарор дода буданд. Дарбори подшоҳони ғазнавӣ маҳалли ҷамъомади шоирону адибон аз ҳамаи қаламрави забони тоҷикӣ гардид. Дар ин аҳд мадҳиясароӣ ба авҷи худ расид. Мадҳиясароён ба ивази мадҳияи худ аз подшоҳон ва аҳли дарбор подоши муносиб ба даст меоварданд, аз ин рӯ зиндагии аҳли адаб нисбатан орому осуда буд. Се шоири тавонои давраи аввали салтанати Ғазнавиён, яъне **Унсурии Балхӣ, Фаррухии Систонӣ** ва **Манучеҳрии Домғонӣ** шеъргӯйӣ ва мадҳиясаройиро ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) ба авҷи аъло расониданд. Манучеҳрӣ дар васфи табиати дилангез ва Унсурию Фаррухӣ ҳамчунин дар васфи майдондорию, лашкаркашиҳо ва футуҳоти Султон Маҳмуд дар дохилу хориҷи сарзамин қасидаҳои зебо сурудаанд.

Ин шоирон бо сурудани ашъори ҷаззобу рангин дар ривоҷу равнақи забони мо хидмати шоиста намуда, ҳамчунин дар сурудаҳои худ ин забонро бо некӯтарин сифатҳо мавриди ситоиш қарор додаанд. Аз ҷумла, **Абулқосим Ҳасан Унсурии Балхӣ** (ваф. 1040), ки маликушшуарои дарбори Султон Маҳмуд буд, забони дариро чунин сутудааст:

Чу бо одамӣ ҷуфт гардад парӣ,
Нагӯяд парӣ ҷуз ба лафзи дарӣ.

Барои Фаррухии Систонӣ низ донистани забони дарӣ боиси ифтихор ва сарбаландии беандоза аст:

Хоса он банда, ки монандаи ман банда бувад,
Мадҳгӯяндаву донандаи алфози дарӣ.

Дар ашъори Манучеҳрии Домғонӣ забони ширину дилангези форсӣ мояи ифтихор ва унсури ҳувиятбахш аст:

«Амосаҳо» ба тозӣ асту ман ҳаме
Ба порсӣ кунам амосаҳои ӯ.

Давраи дувуми салтанати Ғазнавиён, яъне давраи пас аз салтанати Султон Мавдуд ҳарчанд дар таърихи сиёсии Эронзамин нақши муассир надорад, вале аз назари густариши доманаи таъсиру нуфузи забону адаби эронӣ дар сарзамини Ҳинд муҳим арзёбӣ мегардад, зеро дар ин давра дар баробари Ғазна шаҳри Лоҳур низ маркази бузурги илму адаби мо гардид ва шоирони бузурге чун Масъуди Саъди Салмон, Саидҳасани Ғазнавӣ, Усмони Мухторӣ, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Абулфараҷи Рунӣ ва дигарон дар дарбори подшоҳони ғазнавӣ зиндагию эҷод мекарданд.

Масъуди Саъди Салмон (таваллуд дар байни солҳои 1046-1049) аз шоирони маъруфи давраи дуюми салтанати Ғазнавиён аст, ки бо сабаби аз наздикони Маҳмуд ибни Иброҳими Ғазнавӣ ва Абунасри Порсӣ буданаш тақрибан бист соли умри худро дар зиндон гузаронидааст. Ба ин маънӣ, ки чунон ки гуфтем, амиру амирзодагон ва аҳли дарбори ғазнавӣ ҳамеша миёни худ хусумату душманӣ доштанд ва Масъуди Саъд ба ҷурми қаробат доштанаш бо Маҳмуд ибни Иброҳим, ки падараш Иброҳими Ғазнавӣ ӯро аз ҳукумати Ҳинд маъзул ва зиндонӣ кард ва ҳамчунин бо баҳонаи дӯсти вазири Шерзод ибни Масъуд Абунасри Порсӣ буданаш, ки ӯ низ маҳбус шуд, муқими зиндон гардид. Ҳамин муддати тӯлонии дар ҳабс ба сар бурдани ӯ боис

гардид, ки Масъуди Саъд навъи шеърии ҳабсиётро дар шеъри тоҷикӣ ба миён орад. Ҳабсиёти Масъуди Саъди Салмон шабҳои сарду торики зиндон ва озодию раҳоии инсонро бо беҳтарину ҷаззобтарин ташбеҳҳою таркибҳо пеши назар ба ҷилва меорад. Ҳамин аст, ки Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» ба ҳабсиёти Масъуди Саъд ишора карда, мегӯяд: «Арбоби хираду асҳоби инсоф донанд, ки ҳабсиёти Масъуд дар улувв (ғояти баландӣ) ба чӣ дараҷа аст ва дар фасоҳат ба чӣ поя бувад. Вақт бошад, ки ман ашъори ӯ ҳамехонам мӯй бар андоми ман бар пой хезад ва ҷойи он бувад, ки об аз чашми ман биравад». Барои намуна чанд байт аз як қасидаи ӯ ба унвони нола аз зиндон, ки ҳангоми дар қалъаи Ной зиндонӣ буданаш бо забони фасеҳу ширин сурудааст ва воқеияти сухани Низомии Арӯзиро бори дигар тасдиқ мекунад, манзури хонанда мешавад:

Нолам ба дил чу ной ман андар ҳисори Ной,
Пастӣ гирифт ҳиммати ман з-ин баланд ҷой.
Орад ҳавои ной маро нолаҳои зор,
Ҷуз нолаҳои зор чӣ орад ҳавои ной?…
Имрӯз паст гашт маро ҳиммати баланд,
Зангори ғам гирифт маро табъи ғамзудой.
Аз ранҷи тан тамом наёрам ниҳод пай,
В-аз дарди дил баланд наёрам кашид вой…

Дигар аз шоирони бузурги ин аҳд ҳаким **Саноии Ғазнавӣ** (таваллуд 1072) аст, ки дар ибтидо шоири дарбори Масъуд ибни Иброҳим ва писараш Баҳромшоҳи Ғазнавӣ буд. Вале ба зудӣ тарки дарбор ва мадҳиясароӣ карда, ба сурудани ашъори тобноки орифона пардохт ва аз бузургтарин орифони рӯзгори худ гардид. Мавлавӣ ҳаким Саноиро дар баробари Фаридуддини Аттор аз пешгомону пешоҳангони ин ҷода медонад:

Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,
Мо аз паси Саноиву Аттор омадем.

Девони ашъори Саноӣ аз ғазалиёт, қаландариёт, зуҳдиёт, рубоиёт ва ғайра иборат буда, Саноӣ ҳамчунин муаллифи чанд маснавию манзумаҳои ирфонию ахлоқӣ ва каломию фалсафии «Илоҳинома», «Сайр-ул-ибод ила-л-миод», «Тариқ-ут-таҳқиқ», «Корномаи Балх», «Ишқнома», «Ақлнома» ва ғайра аст.

Ба баёни дигар Саноии Ғазнавӣ илму ҳикматро бо забони сода, вале дар айни замон омезишёфта бо тамсилу ташбеҳи фаровони шоирона дар қолаби шеър баён намуда, дар ҳамин замина, ба таъбири худи ӯ, «мулки Саноӣ»-ро бунёд кардааст, ки ҳанӯз ин мулк побарҷо ва осебнопазир аст:

Баски шунидӣ сифати Руму Чин,
Хезу биё, мулки Саноӣ бубин.
То ҳама дил бинӣ бе ҳирсу бухл,
То ҳама ҷон бинӣ бе кибру кин…
Пой наю чарх ба зери қадам,
Даст наю мулк ба зери нигин.

Зикри ин нукта ҳам муҳим аст, ки Саноӣ дар маснавиҳои худ ба масъалаҳои гуногуни илмию ирфонӣ ва динию фалсафӣ дахл намуда, маъниҳои дақиқро бо нозукандешии ба худ хос баён кардааст, бинобар ин баъзе сурудаҳояш ниёз ба навиштани шарҳу тавзеҳ доранд.

Азрақии Ҳиравӣ (таваллуд 1049) низ аз шоирони маъруфи ҳамин давра аст. Падараш Исмоили Варроқ ҳамон аст, ки ба гуфтаи муаллифи «Чаҳор мақола» Фирдавсиро баъди иншои «Ҳаҷвнома» ва ба ғазаби Султон Маҳмуд гирифтор омаданаш ба муддати шаш моҳ дар хонаи худ пинҳон кард.

Азрақӣ илова бар сурудани қасидаву ғазалу рубоӣ ҳамчунин дар манзумасароӣ низ маҳорати комил доштааст ва асари маъруфи «Синдбоднома»-ро пас аз устод Рӯдакӣ дигарбора ба назм овардааст. Рубоии зер, ки дар он шоир калимаҳои маъмули «тагарг», яъне жола, «барг» ва «марг»-ро бо маҳорати хос ва риояи таносуби дохилии ин калимаҳо қофия бастааст, далели устодии комили ӯ дар забону адаби мост:

То з-абри фироқи ту биборид тагарг,
Бар шохи умеди мо на бар монду на барг.
Дидам, на ба ихтиёри худ ҳаҷратро,
Мардум на ба ихтиёри худ бинад марг.

Гуфтан ба маврид аст, ки ба хусус замони подшоҳии Баҳромшоҳи Ғазнавӣ (1133-1174) барои таълифи осори фаровони адабии форсӣ мусоидат намуд. Дар ин давра Абулмаолии Насруллоҳ ибни Муҳаммади Муншӣ тарҷумаи нави «Калила ва Димна»-ро аз арабӣ анҷом дод, ки бо номи «Калила ва Димнаи Баҳромшоҳӣ» маъруф аст ва дар асрҳои

баъдӣ дар мадрасаҳо ба сифати китоби таълим дар бобати иншо ва балоғат хидмат намуд. Намуна аз шеваи тарҷума ва нигориши «Калила ва Димна»-и Абулмаолии Насруллоҳ:

«Овардаанд, ки дар марғзоре, ки насими он бӯйи биҳиштро муаттар карда буд ва акси он рӯйи фалакро мунаввар гардонида, аз ҳар шохе ҳазор ситораи тобон ва дар ҳар ситорае ҳазор сипеҳри ҳайрон:

Саҳоб гӯйӣ ёқут рехт бар мино,
Насим гӯйӣ шангарф бехт бар зангор.
Бухори чашми ҳавову бухури рӯйи замин,
Зи чашми дояи боғу зи рӯйи баччаи хор.

Ва вуҳуши бисёр басеби чарохӯру об дар хасби (фаровонии) неъмат буданд, лекин ба муҷовирати (ҳамсоягии) шер он ҳама неъмату осоиш мунағғас (талх) буд. Рӯзе фароҳам омаданд ва ба наздики шер рафтанд ва гуфтанд: «Ту ҳар рӯз пас аз ранҷи бисёру машаққати фаровон аз мо яке шикор метавонӣ шикаст ва мо пайваста дар мақосоти бало (яъне таҳаммул кардани бало) ва ту дар такопӯйи талаб. Акнун чизе андешидаем, ки туро аз он фароғат ва моро амну роҳат бошад. Агар тааррузи (дастдарозии) хеш аз мо зоил кунӣ, ҳар рӯз муваззаф яке шикор ба вақти чошт ба матбахи малик фиристем». Шер бар он ризо дод…».

Чунон ки мебинем, дар порчаи зикргардида калимоти зиёди арабӣ (**мунағғас, муҷовират, мақосот, таарруз, муваззаф** ва ғайра) истифода шудаанд, ки дарки матлабро душвор мегардонанд. Бар замми ин дар қитъаи шеърии ёдшуда санъатҳои зиёди кинояву ташбеҳ фаровон корбаст гардидаанд. Аз ҷумла, дар ин қитъаи шеърӣ мурод аз «ёқут» гули сурх, мақсад аз «мино», ки кабуд аст, сабза, «шангарф» низ киноя аз гули сурх, ҳамчунин мурод аз ибораҳои «дояи боғ» абри борон ва «баччаи хор» гул мебошад.

Забони тарҷумаи ин асар ва осори насрии баъдии дигари ин аҳд бозгӯйи ин ҳақиқат аст, ки дар охири давраи Ғазнавиён насри содаи замони Сомониён тадриҷан ба насри мураккаби такаллуфомез бадал гардида, суханбозиҳои лафзию маънавии муншиёна ва доираи корбасти вожагону истилоҳот ва зарбулмасалу мақолҳои арабӣ дар навишти осори тоҷикӣ бештар гашт.

§ 4. Забони модарии мо дар аҳди Зиёриён ва ё Повандиён. Номи хонаводаҳои подшоҳии эронитабори Зиёрӣ, Бувайҳӣ ё Дайламӣ ба кӯҳистони Дайлам алоқамандӣ дорад.

Оли Зиёр ё Зиёриён аз хонадони қадими Гелон буда, аз ҳамин вилояти кӯҳистон бархостаанд. Нахустин подшоҳи ин сулола Мардович ном дошт ва асли худро ба подшоҳони Эрони бостон нисбат медод. Мардович дар ибтидо аз ҷумлаи ҳамсафони сарлашкари сомонӣ Асфор ибни Ширӯя (ё Шарвин) буд. Асфор баъди фатҳи Табаристон ӯро ба тобеияти Сомониён фаро хонд. Вале Мардович бо мухолифони ӯ иттифоқ баста, ба муқобили Асфор хуруҷ кард ва ӯро кушта, зимоми раҳбариро ба дасти худ гирифт. Ин воқеа соли 928 ба амал омад ва ҳарчанд аз зуҳури давлати нави эронитабори Зиёриён мужда медод, вале дар кохи муҳташами давлатдории мутамаркизи Сомониён рахна ба вуҷуд овард.

Мардович пойбанди анъанаҳои подшоҳони сосонӣ буд ва ба суннатҳои қадим сахт эътиқод дошт. Мегӯянд, ки ӯ дар рӯзгори подшоҳии худ амр кард, барояш ба мисли тоҷи Анӯшервон тоҷи тиллоӣ созанд, ҳамчунин Айвони Кисроро барои зист, ончунон ки пеш аз ҳамлаи араб буд, таъмиру обод намоянд. Таҷлили бошукӯҳи нахустин ҷашни аҷдодии Сада дар рӯзгори таҷаммули ислом ба номи Мардович алоқаманд аст.

Мардович баъди Яъқуби Лайс дувумин подшоҳи эронитабор аст, ки ошкоро бар зидди хилофати Бағдод бархост. Ӯ нахуст соли 931 Ҳамадонро забт кард ва баъдан Исфаҳонро низ ба даст овард. Ниҳоят Мардович қасди Бағдод кард, вале эҳтимол бо тавтеаи халифаи Бағдод дар соли 935 ба дасти ғуломони турки худ дар ҳаммоми қаср кушта шуд. Баъд аз сари ӯ бародараш – Вушмгир ибни Зиёр (солҳои салтанаташ 935-968) бар тахти подшоҳӣ нишаст. Хилофати Бағдод, ки аз истиқлолталабии хонадони Зиёрӣ дар ҳарос афтода буд, миёни Зиёриён ва Сомониёну Оли Бувайҳ (Бӯя) ҳамвора оташи кинаву нифоқро фурӯзон нигоҳ медошт ва лашкари Вушмгир дар муддати тӯлонии 33 соли подшоҳиаш бо сипоҳи Сомониён ва Оли Бӯя ҳамеша дар ҳолати ҷангу пайкор буд. Ба хусус, ин подшоҳи зиёрӣ дар ин муддат бо Оли Бӯя чордаҳ ҷанг анҷом додааст. Бар асари ҷанг вилоятҳои Раю Гургон аз тасарруфи

Вушмгир берун гашт ва ҳокимияташ танҳо дар Табаристон боқӣ монд.

Баъд аз марги Вушмгир дар байни писаронаш Беҳсутун ва Қобус барои тахти падар ихтилоф сар зад ва бо миёнравии Рукнуддавлаи Дайламӣ зимоми идораи давлат ба Беҳсутун қарор гирифт. Дар тамоми муддати ҳукмронии Абумансури Беҳсутун (968-977) миёни бародарон ихтилоф вуҷуд дошт. Қобус ибни Вушмгир танҳо пас аз марги бародар ҳукмронии давлатро (977-1012) ба даст гирифт. Вале баъди шикаст дар ҷанги Муаййидуддавлаи Дайламӣ Қобус бо мақсади гирифтани имдод барои идомаи ҷанг ба дарбори Сомониён паноҳ бурд ва 18 сол дар дарбори Сомониён бимонд.

Қобус ниҳоят соли 998 дигарбора тахту тоҷро ба даст оварда ва соли 1012 аз дасти табаддулотхоҳоне, ки мехостанд писараш Манучеҳрро ба сари қудрат оранд, кушта шуд.

Пас аз кушта шудани Қобус писараш Манучеҳр (1013-1032) бар тахти подшоҳӣ нишаст. Ӯ бо назардошти қудрату нуфузи Ғазнавиён бо онҳо сиёсати мусолиматомезро пеш гирифт, то амнияти кишвари худро аз шарри Ғазнавиён дар амон нигоҳ дорад. Воқеан замони ҳукмронии ниммустақили ӯ нисбатан давраи орому осудаи таърихи ин хонадон маҳсуб мегардад. Манучеҳр инчунин ба сифати ҳомии илму адаб машҳур аст, ки шоири маъруфи аҳди ғазнавӣ Манучеҳрии Домғонӣ тахаллуси шоирии хешро аз номи ӯ гирифтааст. Пас аз марги Манучеҳр писараш Нӯшервон (1032-1043/44) ба тахти подшоҳӣ нишаст. Азбаски ӯ ҳанӯз хурдсол буд, тағояш Боколиҷор ба ҷойи ӯ ҳукумат меронд. Соли 1035 Султон Масъуд ба Гургон лашкар кашид ва давлатдории Зиёриёнро бори дигар тобеи салтанати худ кард. Баъд аз шикасти Ғазнавиён ба дасти Салҷуқиён Нӯшервон ҳукуматро аз дасти тағояш гирифт, вале дар муқобили Туғрулбек Муҳаммади Салҷуқӣ натавонист истодагарӣ кунад ва саранҷом соли 1042 ё 1043 тобеи Салҷуқиён гардид.

Аз ҳамин сол салтанати Зиёриён рӯ ба инқироз ниҳод. Подшоҳони баъдии ин хонавода дар сояи салтанати Салҷуқиён пинҳон мондаанд. Аз ҷумла, дар бораи подшоҳии муаллифи

“Қобуснома” Кайковус, падари ӯ Искандар ва писараш Гелоншоҳ иттилои зиёд дастрас нест.

Баъд аз подшоҳии писари Кайковус Гелоншоҳ Оли Зиёр ба сифати соҳибдавлатони мустақил дар ягон сарчашма дигар зикр нашудааст.

Қобус ибни Вушмгир бузургтарин подшоҳи адабпарвари Оли Зиёр ба шумор меравад. Ӯ, ки муддати 18 сол дар дарбори Сомониён қарор дошт, ба мисли амирони ин хонадон ба забону адаби тоҷикӣ-форсӣ муҳаббати фаровон пайдо кард ва баъди дубора ба даст овардани тахту тоҷ ҳомии сахти аҳли илму адаб гардид. Илова бар ин, Қобус табъи шоирӣ дошт ва ба забонҳои тоҷикиву арабӣ ва лаҳҷаи табарӣ шеър месуруд. Шеъри зерин намунае аз табъи равони ӯ дар сурудани шеъри форсист:

Кори ҷаҳон саросар оз аст ё ниёз,
Ман пеши дил наёварам озу ниёзро.
Ман бист чиз зи ҷаҳон баргузидаам,
То ҳам бад-он гузорам умри дарозро.
Шеъру суруду рӯду майи хушгуворро,
Шатранҷу нарду сайдгаҳу йузу бозро.
Майдону гӯю боргаҳу разму базмро,
Асбу силоҳу ҷуду дуову намозро.

Дар дарбори ӯ шоирони форсигӯй, ба мисли Абубакри Муҳаммад ибни Алии Хусравии Сарахсӣ, Абулқосими Ҷурҷонӣ ва дигарон рафтуомад доштанд.

Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ муддате дар ҳалқаи дарбориёни Қобус қарор дошта, аз ӯ ҳимояту меҳрубонии зиёд дидаанд. Берунӣ китоби маъруфи худ “Осор-ул-боқия”-ро соли 1000 ба номи ҳамин подшоҳи зиёрӣ Шамсулмаолии Қобус ибни Вушмгир таълиф кардааст. Ибни Сино ба номи Қобуси Вушмгир ва духтараш Зарингис таълифоти зиёд дорад. Ногуфта намонад, ки Берунӣ хонаводаи Зиёриёнро бо Сосониён аз як тоифа медонад ва асли ононро ба Рустам ибни Шарвин ибни Рустам... ибни Қубод, ки падари Анӯшервон буд, пайванд медиҳад.

Аз подшоҳони охирини зиёрӣ, ки дар гиромидошти забону адаби форсӣ маъруф аст, Унсуралмаолии Кайковусро метавон

ном бурд, ки пас аз падараш Искандар ба тахти подшоҳӣ нишаст. Вай 8 соли ҷавонии худро ба сифати надим дар дарбори Ғазнавиён сипарӣ кард ва аз арҷгузории забону адаби тоҷикӣ (форсии дарӣ) дар дарбори подшоҳони ин хонавода ба хубӣ огаҳ буд. Бинобар ин, ӯ ба забону адаби форсӣ алоқамандии зиёд дошт ва асари панду ахлоқии "Қобуснома"-ро ба номи писараш Гелоншоҳ ба забони тоҷикӣ (форсӣ) таълиф намуд. Кайковус ҳамчунин дар сурудани шеъри форсӣ дасти расо доштааст, ки намунаи онро метавон дар "Қобуснома" ба мушоҳида гирифт. Ин ашъор бештар дар қолаби рубоӣ суруда шудааст:

То дур шудӣ шудастам, эй рӯйи чу моҳ,
Андеша фузуну сабр кам, ҳол табоҳ;
Тан чун найу бар чу нилу рухсора чу коҳ,
Ангушт ба лаб, гӯш ба дар, дида ба роҳ.

Дар дарбори Кайковус ҳам шоироне чун Фасеҳии Гургонӣ зиндагӣ ва ба забони тоҷикӣ шеър эҷод намудаанд. Шоистаи зикр аст, ки ҳамин шоир бо амри Кайковус маснавии маъруфи "Вомиқ ва Азро"-ро, ки дар дарбори Ғазнавиён ҳаким Унсурӣ ба риштаи назм кашид, ба назм оварда, ки чанд байти он, аз ҷумла абёти зерин то замони мо боқӣ мондааст:

Ҳар он, к-ӯ мардумонро хор дорад,
Бидон, к-ӯ душмани бисёр дорад.
Балоро худ ҳамин як ҳол некӯст,
Ки аз вай боздонӣ душман аз дӯст.

Намунаи беҳтарини насри ин аҳд, бешак, забони нигориши "Қобуснома"-и Унсуралмаолии Кайковус аст, ки пештар аз "Гулистон"-и Шайх Саъдӣ шеваи баёни панду ахлоқӣ ва таълимӣ дорад. Аз ҷумла, муаллифи "Қобуснома" дар хусуси меҳмонӣ кардан ва меҳмон шудан чунин мегӯяд: "Аммо мардуми бегонаро ҳар рӯз меҳмон макун, аз он-к ҳар рӯз ба сазо ба ҳаққи меҳмон натвон расидан. Бингар, то як моҳ чанд бор меҳмонӣ тавон кардан. Он ки се бор тавонӣ кардан, як бор кун ва нафақоти он се бор андар он харҷ кун, то хони ту аз ҳама

айбе мубарро бувад ва забони айбҷӯён бар ту баста бошад. Ва чун меҳмон дар хонаи ту ояд, ҳар касро пешбоз рав ва тақаррубе ҳамекун ва тимори (ғамхорию мувозибати) ҳар кас ба сазои ӯ медор, чунон ки Бушакур гӯяд:

Агар дӯст меҳмон бувад ё на дӯст,
Шабу рӯз тимори меҳмон накӯст”.[408]

Ба назар чунин мерасад, ки ба забони баёни Кайковус муддати ҳашт соли дар дарбори Ғазнавиён иқомат карданаш таъсири амиқ бар ҷой гузоштааст, ҳамчунин бештари пораҳои шеърӣ, ки дар ин асар барои таъйиди матлаби худ ба кор бурдааст, ба қалами шоирони Хуросону Мовароуннаҳр тааллуқ доранд. Чунон ки дар намунаи боло мебинем, байти мазкур аз Абушакури Балхист.

Кайковус ҳамчунин ба истифодаи ноҷо ва бемавриди калимаю таркибҳои арабӣ мухолиф аст ва муаррихону нависандагонеро, ки ба таъбири худи ӯ “тозиҳои сарду ғариб”, яъне калимаю таркибҳои арабии дурушт ва нофаҳморо василаи фазлфурӯшӣ кардаанд, накуҳиш менамояд.

Дар қаламрави давлати Зиёриён забонҳои табарӣ ва тоҷикӣ мавриди истифода қарор доштанд, вале забони коргузорӣ ва номанигории дарбори Оли Зиёр забони арабӣ буд. Подшоҳони ин хонадон ба истиснои Манучеҳр ҳама донандагони хуби забони арабӣ буданд ва дар дарбори онон даҳҳо шоири арабизабон, аз қабили Абубакри Хоразмӣ, Абубакри Табарӣ, Абумансури Саолибӣ, Абулфараҷи Ҳинду, Алии Ҷурҷонӣ, Абуҳошими Алавӣ... зиндагӣ карда, ин подшоҳонро васфу ситоиш мекарданд.

Ҳамчунон ки гуфтем, аз подшоҳони Оли Зиёр ду подшоҳ – Қобус ва Кайковус ба забону адаби тоҷикӣ (форсӣ) муҳаббати зиёд доштанд ва эҳтимол ин муҳаббат бар асари зиндагии дарозмуддати онҳо дар дарбори Сомониёну Ғазнавиён, ки яке 18 сол ва дигаре 8 сол тӯл кашид, ба миён омада бошад.

§ 5. **Забони модарии мо дар аҳди Оли Бӯя.** Ба андешаи муаррихон, хонадони подшоҳии Оли Бӯя, Бувайҳиён ё

[408] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби дувум. - Теҳрон, 1345//1967. - С. 428.

Дайламиёнро се бародар: Алӣ, Ҳасан ва Аҳмад бунёд ниҳодаанд, ки аз моҳидорӣ ба тахти подшоҳӣ расиданд. Ин се бародар замоне подшоҳӣ ёфтанд, ки хилофати аббосии Бағдод аз авҷи шукӯҳу қудрати худ афтода буд ва халифа Мустакфӣ ночор ҳокимияти ин се танро ба расмият шинохт ва ба ҳар кадом лақабе дод, аз ҷумла ба Алӣ лақаби Имодуддавла, ба Ҳасан лақаби Рукнуддавла ва ба Аҳмад лақаби Муиззуддавла.

Алии Имодуддавла, ки сардории бештари лашкарро дар ихтиёр дошт ва илова бар ин, муассиси хонадони Оли Зиёр – Мардович ноҳияҳои ғарби Ҳамадонро ба ихтиёри ӯ вогузор карда буд, ҳудуди Форсро ба зери дасти худ гирифт, Ҳасани Рукнуддавла шаҳрҳои Рай, Кошон, Ҳамадон ва Исфаҳонро соҳиб гардида, ҳокими Ироқи Аҷам шуд ва Аҳмади Муиззуддавла Кирмон, Хузистон ва баъдан дар соли 334/945 Бағдодро ба даст овард ва ҳукмрони воқеии Бағдод гардид. Халифа Аҳмади Муиззуддавларо “амирулумаро” лақаб дод ва ҳокимияти воқеиро дар Ироқи Араб ба ӯ вогузор кард. Пас аз дувоздаҳ рӯз Аҳмади Муиззуддавла халифа Мустакфиро аз хилофат маъзул кард ва пас аз ин хилофати Бағдод танҳо ба ном вуҷуд дошт.

Ба баёни дақиқтар, ин подшоҳи Оли Бӯя орзуи деринаи подшоҳони эронитабор – Яъқуби Лайси Саффор ва Мардовичи Оли Зиёрро дар бобати фатҳи Бағдод ҷомаи амал пӯшонд, вале дар амри густариши забони тоҷикӣ (форсӣ) ва эҳёи суннатҳои қадими давлатдории миллии эронӣ дар маркази хилофати араб ва сарзаминҳои тобеи он иқдом наварзид.

Бархе муҳаққиқон давраи ҳукумати Оли Бӯяро “асри ренесанси исломӣ” ба қалам овардаанд. Воқеан, замони салтанати подшоҳони ин хонавода замони эҳёи дигарбораи дини ислом ва забону адаби араб ба шумор меравад.

Пас аз сипарӣ шудани давраи ҳукмронии се бародари аввалӣ империяи Оли Бӯя ё давлати бузурги Дайламиён ба се қисмат ҷудо гардид ва чордаҳ тан аз намояндагони ин хонадон дар се минтақа – Дайламиёни Форс (ворисони Алии Имодуддавла), Дайламиёни Ироқу Кирмон ва Хузистон (ворисони Аҳмади Муиззуддавла) ва Дайламиёни Райю

Исфаҳон (ворисони Ҳасани Рукнуддавла) мустақилона ҳукумат ронданд. Пас аз Аҳмад писараш – Бахтиёри Иззуддавла ҷонишини мақоми ӯ гардид.

Алии Имодуддавла азбаски писар надошт, тақрибан дар охирҳои умраш (соли 949) Паноҳхусрави Азудуддавлаи писари бародараш Ҳасани Рукнуддавларо валиаҳди худ таъин кард.

Ҳасани Рукнуддавла Райу Қазвину Ҳамадонро ба писараш –Фахруддавла ва Исфаҳонро ба писари дигараш – Муаййидуддавла вогузор кард. Азудуддавла, ки дар тавсеаталабии қаламрави ҳукмрониаш ҳарис буд, соли 968 Кирмон ва пас аз чанде қисматҳои ҷануби халиҷи Форс ва Уммонро зери тасарруфи хеш даровард. Вай ҳамчунин соли 982 Райу Ҳамадонро аз дасти бародараш Фахруддавла ва Гургонро аз дасти Оли Зиёр берун кашида, ба қаламрави фармонравоии худ ҳамроҳ кард. Баъдан Азудуддавла соли 984 вориди Бағдод шуд ва амакзодааш Бахтиёрро аз тахти Бағдод маъзул карда, ба Шом фиристод. Бахтиёр чун аз итоати ӯ сарпечӣ кард, ӯро асир гирифту бикушт. Баъдан Азудуддавла Мавсил, Диёрбакр ва шаҳрҳои дигарро яке паси дигар ба итоати худ даровард ва қаламрави давлати ӯ аз соҳили баҳри Уммон, то Шому ҳудуди Миср густариш ёфт. Аз ин пас дар Бағдод хутба ба номи ӯ мехонданд ва ӯ дар ободии Бағдод ва бунёди масҷиду бозорҳо дар ин шаҳр ва шаҳрҳои дигари қаламрави ҳукмронии худ нақши назаррас дорад. Азудуддавла ба сифати бузургтарин ҳукмрони ин хонадон шинохта шудааст ва ҳокимони дигари ин хонадон шахсияти ӯро эътироф менамуданд.

Бо даргузашти Азудуддавла соли 983 дар Бағдод офтоби давлати ин хонадон рӯ ба ғуруб ниҳод. Пас аз ин дар байни намояндагони ин хонадон ихтилоф падид омад ва ҳар кадом дар минтақаи худ даъвии истиқлол карданд. Аз ин вазъ истифода бурда Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки дер боз чашми тамаъ ба мулки эшон баста буд, то соли 1029 вилоятҳои Рай ва Ҷиболро аз итоати онон берун оварда ва ба қаламрави худ ҳамроҳ кард. Баъдтар Дайламиён ҳукмронии хешро дар Ҳамадон аз даст доданд.

Бувайҳиён аслан шиамазҳаб буданд ва Туғрулбеки Муҳаммади Салҷуқӣ дар соли 1055 бо баҳонаи беҳбудӣ бахшидан ба вазъи аҳли суннат, ки гӯё бар асари сиёсати мазҳабии ин хонадон табоҳ гардид, Бағдодро ишғол кард. Вале Хусрави Фирӯз боз ҳафт соли дигар ҳукумати ин хонаводаро дар даст нигоҳ дошт ва саранҷом курдон ӯро аз тахт сарнагун карданд. Ҳамин тариқ, давлати Бувайҳиён, ки тақрибан саду бист сол дар арсаи таърих давом кард, тадриҷан бо дасти Ғазнавиён, Оли Кокуяи курд ва ниҳоят аз тарафи Салҷуқиён ба тамом аз миён рафт.

Подшоҳони Оли Бӯя ҳарчанд асли худро аз насли Баҳроми Гӯр медонистанд, вале, чунон ки гуфтем, дар амри эҳёи забони форсӣ ва суннатҳои қадими Эрон кӯшиш ба харҷ надоданд. Баръакс, рӯҳияи арабигаройиро дар сарзамини тобеи худ тақвият бахшиданд ва дар рушду густариши ин забон мусоидат фармуданд.

Баъзе муаррихон ҳамчунин асли подшоҳони ин хонаводаро аз фарзандони Яздигурд – охирин подшоҳи сосонӣ медонанд, ки баъди шикасти Қодисия ба Гелон фирор намуда, дар ҳамон ҷо сукунат ихтиёр карданд. Вале бетаваҷҷуҳии подшоҳони ин хонадон ба забону адаби тоҷикӣ (форсӣ) дурустии ин андешаро зери шубҳа қарор медиҳад.

Чунон ки гуфтем, Оли Бӯя ҳарчанд аз хонадони эронитабор буданд, вале ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) алоқамандии зиёд надоштанд. Забони девонӣ ва адабии дарбори онон забони арабӣ буд. Дар гуфтугӯйи ғайрирасмӣ бештар аз гӯйишҳои табарӣ, дайламӣ ва гӯйишҳои дигари мутадовили он рӯзгор дар ғарби Эрон истифода бурда мешуд.

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, рақобати сиёсию ақидавии Бувайҳиён ва Сомониён боис гардид, ки Бувайҳиён бар хилофи рақибони сиёсии худ, яъне Сомониён дар парвариши забону фарҳанги эронӣ ҳеҷ вокунише нишон надиҳанд ва ба забону адаби арабӣ содиқ бимонанд.

Муҳаққиқи маъруфи чех Ян Рипка марказу ғарби Эронро бо шарқи он муқоиса намуда, ба чунин натиҷа мерасад, ки шоҳони Оли Бӯя, ки дар Рай, Ҷибол, Исфаҳон ва Шероз фармонравоӣ мекарданд, ин шаҳрҳоро ба марказҳои тарвиҷи

фарҳанги араб табдил дода буданд.[409] Се подшоҳи Оли Бӯя – Изуддавла, Азудуддавла ва писараш Тоҷуддавла ба забони арабӣ шеър месуруданд, ки ба қавли Ян Рипка, номдортарини онон Азудуддавла буд ва охирин пуштибони шоири маъруфи араб Мутанаббӣ ба шумор мерафт.

Гаройиши зиёди подшоҳони ин хонавода ба забони арабӣ эҳтимол аз наздик будани марказу ғарби Эрон нисбат ба шарқу шимоли он ба маркази хилофат – шаҳри Бағдод буд. Илова бар ин, дар ин рӯзгор арабигаройӣ ба худ симои тундгаройӣ гирифта буд ва бар замми подшоҳон, вазирону дарбориёни хонадони Бувайҳӣ низ аз мубаллиғони сарсахти забону фарҳанги арабӣ буданд. Ногуфта намонад, ки аксари подшоҳони бувайҳӣ дар таърих бо лақабҳои арабии худ машҳур гардидаанд: Имодуддавла, Рукнуддавла, Муиззуддавла, Иззуддавла, Азудуддавла, Фахруддавла, Муаййидуддавла, Шамсуддавла, Симоуддавла, Маҷдуддавла, Алоуддавла ва ғайра.

Дар конуни фарҳангии бунёдниҳодаи ин хонавода бо ҳидоят ва дар сояи давлати подшоҳон садҳо шоиру нависанда дар ҳавзаи назму насри арабӣ осори фаровон эҷод кардаанд. Вале бояд гуфт, ки дар навиштаҳои арабии муаллифони ин конун осоре аз мазмуну мундариҷаи шеъру адаби форсии шарқи Эронзамин ба мушоҳида мерасад ва то андозае рӯҳи эронӣ доштани бархе аз ин таълифотро нишон медиҳад. Дар байни донишмандону нависандагони маъруфи арабизабони ин конун Ибни Амид, Соҳиб ибни Аббод – муаллифи китоби “ал-Муҳит”, Бадеъуззамони Ҳамадонӣ, Абулфараҷи Исфаҳонӣ – муаллифи китоби машҳури “ал-Ағонӣ”, ки аз муқаррабони Азудуддавла буд, Абдуллоҳ Ҳамзаи Исфаҳонӣ – муаллифи таърихномаи “Синий мулуки-л-арз ва-л-анбиё”, Ибни Мискавайҳ – муаллифи “Таҳзиб-ул-ахлоқ”, “Ҷовидонхирад”-ро метавон номбар кард, ки осорашон то ба имрӯз аҳамияти илмию адабии худро аз даст надодаанд. Аз миёни ин адибон Ҳамзаи Исфаҳонӣ, ба қавли Берунӣ, таассуби шадиди эронигаройӣ дошт.

[409] Рипко Ён ва дигарон. Таърихи адабиёти Эрон, ба кӯшиши Кайхусрави Кишоварзӣ. - Теҳрон, 1370//1992. - С. 230.

Вале аз ин империяи азим, ки муддати тақрибан саду бист сол дар қисмати марказу ғарби Эрон ва Ироқ давом кард, дар таърихномаю тазкираҳо танҳо дар бораи 6 шоири форсигӯй маълумот мавҷуд аст, ки бори дигар аз бетаваҷҷуҳии подшоҳони ин хонадон ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) шаҳодат медиҳад. Метавон гуфт, ки ин шоирон низ дар таърихи таҳаввули забону адабиёти тоҷикӣ (форсӣ) нақши барҷаста надоранд. Маъруфтарини онҳо **Абумуҳаммад Мантиқии Розӣ** (вафот 981) аст, ки дар се замина мадҳ, ишқ ва ҳикмат шеър сурудааст. Сурудаҳои ошиқонаи ӯ тасвирҳои ҷолиб доранд:

Нигоре суманбӯю моҳе суманбар,
Лабаш ҷойи ҷону рухаш ҷойи озар.
Баҳори бутон асту меҳроби хубӣ,
Ба рӯйи дилорому зулфайни дилбар.

Шоири дигари форсисарои ин аҳд **Ғазоирии Розӣ** аст (вафот 1036), ки шеъри ӯ ба шеъри шоирони Моваруннаҳру Хуросон иртиботи бештар дорад ва мегӯянд, ки ӯ дар васфи Султон Маҳмуд қасидаҳо суруда, муддате бо даъвати ӯ дар дарбори Ғазна зиндагӣ кардааст. Ба андешаи муҳаққиқон, шеъри тасвирии ӯ таъсирпазир аз шеъри Фаррухии Систонист:

Саҳаргоҳон яке амдан ба саҳро баргузар, бингар
Ду гардад осмон гӯйӣ, яке зеру дигар аз бар.
Чу барқ аз меғ бидрахшад, ту пиндорӣ, яке зангӣ
Зи хиргоҳе ба хиргоҳе давонад пораи ахгар…

Шоири дигари ин конун, ки аҳли дарбори Маҷдуддавлаи Дайламӣ будааст, **Хоҷа Камолиддини Бундори Розист** (вафот 1009), ки ба се забон арабӣ, форсӣ ва гӯйиши дайламӣ шеър сурудааст. Ӯ ҳамчунин луғатномае ҳам бо номи «Мунтахаб-ул-фурс» таълиф кардааст, ки баёнгари ниёзи мардуми ин минтақа ба омӯзиши забони форсӣ мебошад. Қитъаи зерини шеъриро ба ӯ нисбат додаанд:

Аз марг ҳазар кардан ду рӯз раво нест,
Рӯзе, ки қазо бошаду рӯзе, ки қазо нест.
Рӯзе, ки қазо бошад кӯшиш накунад суд,
Рӯзе, ки қазо нест, дар ӯ марг раво нест.

Абдуллоҳи Ҷунайдӣ низ аз шоирони форсигӯйи дарбори Оли Бӯя аст. Аз шеъри форсии ӯ то рӯзгори мо бо шарофати “Лубоб-ул-албоб”-и Авфии Бухороӣ як қитъа бар ҷой мондааст, ки ду байти охири он чунин аст:

Аз ҷом ба ҷома рав шабонгоҳ
В-аз ҷома ба ҷом рав шабгир.
Шир аст ғизои кӯдаки хурд,
Ширaст ғизои мардуми пир.

Баъзе муҳаққиқон ҳаким Майсарӣ – муаллифи “Донишнома”-и манзуми тиббиро, ки дар боло ёд кардем, парвардаи ҳамин конун ва аз шоирони Оли Бӯя ба қалам овардаанд, вале ин нукта баҳснок аст.

Шеваи нигориши бештари таълифоти тоҷикии ин давра дар бисёр мавридҳо ба тарҷума аз забони арабӣ монанд аст.

Аз осори насрие, ки дар ин конун ба забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) таълиф гардидаанд ва аз тобеияти забони арабӣ то андозае бар канор мондаанд, осори илмии **Муҳаммад ибни Айюби Ҳосиби Табарӣ** ва **Абуалии Сино**ро метавон номбар кард. Вале зикри ин матлаб муҳим аст, ки ҳамин осор дар ташаккули забони илмии тоҷикӣ аз аҳамияти бузург бархурдор буда, то ба имрӯз аз беҳтарин намунаҳои насри илмии форсии дарӣ шинохта шудааст.

Муҳаммад ибни Айюби Ҳосиби Табарӣ, ба андешаи донишманди эронӣ Тақии Биниш, ҳарчанд дар осори худ ба зоҳир аз касе ном набурдааст, вале, бегумон, таҳти таъсири тарбияту ташвиқи Оли Бӯя (943-1055), ки дар Табаристон низ фармонраво буданд, қарор дошта, шояд ба ташвиқи эшон китобҳо навиштааст.

Аз ин муаллиф чандин рисолаи илмӣ, аз ҷумла «Шуморнома», «Зиҷи муфрад», «Мифтоҳ-ул-муомилот», «Рисолаи истихроҷ» ва рисолаи «Шаш фасл» то замони мо боқӣ мондааст.

Аммо «Шуморнома», ки дар қатори куҳантарин асарҳои илмӣ дар боло номбар гардид, дар миёни осори дигари ин муаллиф бартарии хос дошта, як давраи мукаммали ҳисоби муқаддамотиро дар бар мегирад.

Ин асар аз як муқаддимаи кутоҳ ва се фасл иборат аст. Ҳар фасл чандин боб дорад. Дар бобҳои алоҳида мафҳумҳои ҳар чор

амали аслии ҳисоб (ҷамъу тарҳ ва зарбу тақсим), адад, каср, ҷазр (решаи квадратӣ), каъб (решаи кубӣ) бо мисолҳои мушаххас шарҳ дода шудаанд.

Дар муқаддима мақсади таълифи асар ба таври мушаххас баён гардидааст ва ба андешаи муаллиф илми шумор бар ҳамаи дигар илмҳо баҳра дорад ва барои илмҳои дигар, аз ҷумла ҳандаса, ҷабр, ҷуғрофияи риёзӣ, нуҷум ва ғайра ба сифати замина хидмат мекунад.

Муҳаммад ибни Айюб дар ифодаи ҳар чор амали асосии ҳисоб, яъне ҷамъу тарҳ ва зарбу тақсим бештар аз калимаҳои **афзудан**, **костан** [**коҳонидан**], **задан** ва **бахшидан** истифода мекунад. Аммо чунин тарзи ифода ба он маъно нест, ки муаллиф хоста бошад дар баробари вожагони илмии арабӣ вожагони нави тоҷикӣ вазъ кунад ё вожаи кӯҳнаеро зинда созад, балки бар он аст, ки ба ҷойи вожагони илмии арабӣ вожагони мутадовил ва зиндаи забони тоҷикиро (ки дақиқан муодили мафҳуми арабист) ба кор барад.

Ба иборати дигар, Муҳаммад ибни Айюб мехоҳад истилоҳоти илмии арабиро ба воситаи калимаҳои маъмули тоҷикӣ шарҳу тавзеҳ диҳад. Масалан: «музоаф кардан ду чандон кардан бошад», «тасниф боз нима кардан аст», «маънии зарб дар ҳам задани ду адад аст» ва ғайра.

Ин равиш дар дигар осори ҳамин давра, аз ҷумла дар «Донишномаи Алоӣ»-и Абуалии Сино ва «Китоб-ут-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ низ маъмул аст. Аммо тарзи ифодаи вожагону истилоҳот дар «Шуморнома» аз шеваю равиши баргузидаи Абуалии Сино дар «Донишномаи Алоӣ» ва Абурайҳони Берунӣ дар «Китоб-ут-тафҳим» то андозае фарқ дорад. Абуалии Сино ва Абурайҳони Берунӣ, илова бар он ки ба ҷойи истилоҳоти илмии арабӣ калимаҳои роиҷи тоҷикӣ гузоштаанд, ҳамчунин дар пайи сохтани вожагону истилоҳоти илмии нави тоҷикӣ буданд, вале Муҳаммад ибни Айюб дар сохтани истилоҳоти тоҷикӣ (форсӣ) муваффақияти чандон назаррас надорад, ҳарчанд, ба эҳтимоли Тақии Биниш, ба маънии «зарбу тафриқу навиштан» истифода намудани феълҳои «задану рафтану ниҳодан» сохтаи завқу салиқаи ӯянд. Аммо худи таълифи чунин як асар бо истифодаи фаровон аз вожагону истилоҳоти мутадовили забони форсии замони муаллиф

хидмати шоистаи ӯ дар таърихи ташаккули забони илмии тоҷикист.

Шоистаи зикр аст, ки нуқтаи авҷи эҷодиёти Шайхурраис Абуалии Сино низ ба аҳди подшоҳони Оли Бӯя рост меояд. Абуалии Сино, баъд аз он ки даъвати Султон Маҳмудро барои ба дарбори Ғазна рафтан напазируфт, муддате ба дарбори Оли Зиёр ва баъдан дар дарбори подшоҳони Оли Бӯя паноҳ ҷуст, ҳарчанд Маҳмуд ҳамвора дар таъқиб ва талаби дидори ӯ буд.

Осори форсии Абуалии Сино “Донишномаи Алоӣ”, “Меъроҷнома” ва “Рисола дар набз” низ дар ҳамин конун, дар дарбори ягона сарпарасти забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) аз подшоҳони Оли Бӯя – Алоуддавлаи Кокуя бо дархости ӯ дар Исфаҳон таълиф шудаанд. Вале мегӯянд, ки ҳамин подшоҳи бувайҳӣ низ баъди таълифи “Донишномаи Алоӣ” нусхае аз ин китобро хонд ва аз ин навиштаи тоҷикӣ чизе нафаҳмид.

БОБИ VI
ГУСТАРИШИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА СИФАТИ ЗАБОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

§ 1. Густариши забони тоҷикӣ ба минтақаҳои дигари ҷаҳон. Забони тоҷикӣ, ки дар рӯзгори шукӯҳу азамати давлати Сомониён дар қаламрави ин давлати муқтадир ба авҷи тараққӣ ва шукуфоӣ расид, дар асари пешрафти моддӣ ва маънавии ин давлат ва ислом овардани қабилаҳои гуногуни саҳронишин дар сарзаминҳои шимолу шарқи ин минтақа низ густариш ёфт.

Вале густариши бештари забони тоҷикӣ дар манотиқи дигари ҳамҷавор ба замони давлатдории ҳокимони баъдии ғазнавию ғурӣ ва салҷуқӣ рост меояд. Ба иборати дигар, Ғазнавиёну Ғуриёну Салҷуқиён, ки подшоҳони ин сулолаҳо ғолибан тарбиятёфта ва парвардаи хони эҳсони Сомониён буданд ва дар асрҳои баъдӣ подшоҳони туркӣ аз сиёсати фарҳангии Сомониён пайравӣ карданд ва доираи корбурди забони тоҷикиро дар шарқу ҷануб то сарзамини Ҳинду Синд ва дар ғарб то Осиёи Сағиру Сурия густариш доданд.

Яке аз бунёдгузорони давлати ғазнавӣ Сабуктегин соли 977 баъди ба даст овардани ҳокимият дар Ғазна ба густариши қаламрави фармонравоии худ иқдом намуд ва пас аз забти Кобул Панҷобу Синдро ҳам таҳти тасарруфи худ қарор дод. Дар натиҷа бо лашкариёни Сабуктегин забони тоҷикӣ ба сарзамини Ҳинд ворид гардид.

Султон Маҳмуди Ғазнавӣ низ тақрибан ҳабдаҳ бор ба Ҳиндустон лашкар кашида, бо баҳонаи ҷиҳоду ғазавот садҳо ҳазор мардуми бегуноҳро кушт ва ғанимати зиёд ба даст овард. Азбаски дар байни лашкариёни Султон Маҳмуд форсизабон буданд, онҳо низ дар густариши забону адаби тоҷикӣ дар сарзамини Ҳинд ҳиссаи муносиб гузоштанд. Дар охири давлатдории Ғазнавиён шаҳри Лоҳур маркази салтанати онон қарор гирифт ва шоирони ҳиндуасли форсисарое, монанди Абулфараҷи Рунӣ ва Масъуди Саъди Салмони Лоҳурӣ ба сурудани шеъри тоҷикӣ (форсӣ) шурӯъ карданд.

Пас аз Ғазнавиён подшоҳони Ғур ва амирони онҳо, мисли Носириддини Кубоча ва Шамсиддини Илтутмиш (1211-1235) ба

тарбияи адибони форсинавис ва густариши забони тоҷикӣ ҳиммат гумоштанд ва дар рӯзгоре, ки оташи ҷонсӯзи ҳамлаи муғул дар Хуросону Мовароуннаҳр ба фалак забона мезад ва садҳо адибу донишманд ба мисли муаллифи "Лубоб-ул-албоб" Муҳаммад Авфии Бухороӣ, Минҳоҷиддини Ҷузҷонӣ (таваллуд 1193), ки ба лақаби Минҳоҷуссироҷ ё Минҳоҷи Сироҷ маъруф аст ва ғайра тарки ватан карда, ба сарзамини Ҳинд паноҳ ҷустанд, ба мувозибату сарпарастии садҳо чунин донишмандон машғул гардиданд.

Подшоҳони Деҳлӣ – амир Чаҳҷӯ, шоҳзода Муҳаммад Қоон ва султон Алоиддини Халҷӣ, ки худ аҳли фазлу адаб буданд, дар густариши забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ва тарбияи шоирони форсинавис дар Ҳинд саҳми муносиб доранд. Шоирони маъруф Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ аҳли дарбори ин подшоҳон буданд.

Саҳми подшоҳони салҷуқӣ дар густариш ва ривоҷу равнақи забони тоҷикӣ дар Осиёи Сағир ва Сурия бузург аст. Салҷуқиён бар асари ҳамнишинию ҳамҷаворӣ бо мардуми маҳаллии эронитабори Хуросону Мовароуннаҳр тадриҷан зери таъсири илму маорифи эронию исломӣ қарор гирифтанд ва дар густаришу ривоҷу равнақи фарҳанги исломӣ ва забони мо хидмати шоиста карданд.

Забони тоҷикӣ бо мусоидати Салҷуқиён дар Осиёи Сағир истиқрор ёфт ва абармардеро дар забону адаби форсӣ, мисли Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ ба оламиён муаррифӣ кард.

Дар замони бист соли ҳукмронии Маликшоҳ (1072-1092) қаламрави салтанати Салҷуқиён аз соҳилҳои баҳри Миёназамин, то ҳудуди Чинро дар бар мегирифт ва забони расмии ин ҳудуд забони ширину шевои тоҷикӣ буд. Ба иборати дигар, дар рӯзгори Салҷуқиён дар қаламрави азим, яъне аз соҳилҳои баҳри Миёназамин то ҳудуди Чин забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) барои халқу қавмиятҳои мухталиф вазифаи забони байналмилалиро бар дӯш дошт ва ҳамон нақшеро иҷро намуд, ки забони арабӣ ҳангоми густариши ислом дар сарзаминҳои тобеи хилофат ва забони лотинӣ дар асрҳои миёна дар рушди фарҳангу тамаддуни Аврупо иҷро кард.

Дар оғози ҳамин китоб таъкид намудем, ки халқи мо бо забону фарҳанги ғании дерини худ аз ҷумлаи мардумони

фарҳангсозу тамаддунофари дунёи қадим маҳсуб мегардад. Бинобар ин, агар аз фарҳанги моддӣ ва иҷтимоию сиёсии садаҳои охир аз мо дорӣ камтар маҳфуз монда бошад ҳам, вале аз назари мероси фарҳангӣ ва арзишҳои ахлоқиву маънавии умумибашарӣ мо соҳиби сарвати нодиру камназире ҳастем, ки ҷавҳари ин сарват дар мағз-мағзи тору пуди миллат танида аст.

Халқи соҳибфарҳангу соҳибтамаддуни мо тайи садсолаҳо бо ин силоҳи пуртавон, яъне забони модарии ширину дилнишини худ, на танҳо мардуми ҳамнажоду ҳамфарҳанг, балки қавму қабилаҳои гуногунро дар домани забону фарҳанги оламгири худ парварда ва дар пешрафти илму фарҳанги умумибашарӣ нақши муассиру мондагор гузошт. Ба ин маънӣ, ки нуфуз ва тавоноии забони модарии мо дар асрҳои миёна ба ҳадде буд, ки на танҳо дар ҳавзаи илму фарҳанг, балки аз ҷиҳати сиёсӣ низ ҳеҷ забони дигар бо вай рақобат карда натавонист ва қавму халқиятҳои мухталифе, ки пас аз пошхӯрди давлатҳои маҳаллии эронинажоди тоҳирию саффорӣ, сомонию ғурӣ... асрҳо дар ин сарзамин ҳукмронӣ карданд, онро на танҳо ҳамчун забони илму фарҳанг, балки ба ҳайси забони сиёсат ва давлату дарборҳои худ истифода намуда, ба дороии он дорӣ афзуданд.

Дар оғоз забони арабӣ дар асрҳои VIII-IX барои бисёр халқу миллатҳои тобеи Хилофат, аз ҷумла мардуми Хуросону Мовароуннаҳр нақши забони расмӣ ва фарҳангиро иҷро мекард. Аммо бо ташкили давлату ҳукуматҳои нисбатан мустақил аз хонадонҳои маҳаллӣ дар Хуросону Мовароуннаҳр ва Эрон, ба хусус давлати мутамарказу муқтадири Сомониён ҳукумати забони арабӣ дар ин қаламрави бузург тадриҷан рӯ ба завол ниҳод. Растохези адабиву фарҳангие, ки дар ин сарзаминҳо баъди асри IX оғоз гардид, ҳукумати нави забонӣ – «шоҳаншоҳии забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ)»-ро бунёд ниҳод, ки шукӯҳу азамати он шаш қарн идома ёфт ва онро метавон дарозумртарин «шоҳаншоҳӣ» дар таърихи даврони нави забонҳои ин минтақа ба шумор овард.

Дар тӯли ин шаш асри начандон мусоид ва гоҳе ниҳоят буҳронхезу фоҷиабор соҳибони ин забон яке аз ғанитарин адабиёт ва тӯлонитарин ҳамосаи миллии ҷаҳонро офариданд, ки ин адабиёт аз ҷиҳати миқдор, рангорангии мавзӯъ, сувари хаёл, вусъати андеша, матолиби орифонаву ҳакимона ва ғайра низ дар дунё камназир аст.

Баъдтар, чунонки гуфтем, нуфузи забони модарии мо аз ҳавзаҳои Хуросону Мовароуннаҳр ва Эрон фаротар рафта, ба Қафқозу Осиёи Хурд, Ироқу Сурия, нимҷазираи Ҳинду Бангола доман паҳн кард ва садҳо сол дар ин ҳавзаи бузурги ҷаҳон нақши забони байналмилалӣ ва тамаддунофариро ба зимма дошт.

Метавон гуфт, ки дар ин муддат бо такмили сохтори дастурӣ ва дороиафзоии захираи луғавӣ нуфузи иҷтимоиву фарҳангии ин забон ва доираи корбурди он низ дар ин сарзаминҳо густариш пайдо кард ва ба монанди забони арабии асрҳои VIII-IX, ки қаблан ба он ишора намудем, намояндагони мардумони гуногуннажоду гуногунзабони ин қаламрави васеи ҷуғрофӣ осори адабӣ ва фарҳангии худро ба ин забон таълиф намуда, хидмати бузурге барои фарҳангу адаби умумибашарӣ анҷом доданд.

Тайи ин шашсад соли ба истилоҳ «ҷаҳонкушоии сулҳомез» дар як қаламрави васеи дунё ба забони тоҷикӣ адабиёти камназире ба вуҷуд омад, ки муаллифони он аз минтақаҳои мухталиф ва аз миёни сокинони гуногунтабори ин ҳавзаи бузурги фарҳангӣ бархостанд. Ҳарчанд теъдоди зиёди муаллифони ин адабиёт решаҳои мовароуннаҳрӣ ва эронӣ доранд, вале саҳми намояндагони қавму қабилаҳои дигари ҳамсоя низ дар офариниши ин ганҷи шойгон кам нест.

Сиёсатҳои асрҳои охир ҳарчанд қаламрави паҳновари интишори ин забонро маҳдуд карда, миёни ҳамзабонон ҷудоӣ андохтанд ва ё мамониату маҳдудиятҳое дар роҳи рушду такомули ин забон эҷод карданд, вале онро нобуд ва ё дигаргун сохта натавонистанд. Бо шарофати ҳамин пайванди таърихӣ, ягонагии забон ва решаҳои фарҳангию дину маънавиёти ин мардумон имрӯз ҳам се кишвари ин ҳавзаи таърихӣ – Тоҷикистон, Эрон ва Афғонистон (яке аз ду забони расмӣ) ин забонро бо номҳои тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ забони давлатии худ қарор додаанд ва миллионҳо нафари дигар дар кишварҳои минтақа ва берун аз он ин забонро забони модарии худ медонанд.

§ 2. Забони тоҷикӣ дар аҳди Салҷуқиён. Салҷуқиён, чунон ки дар боло гуфтем, аслан қабилае аз туркманон буданд, ки дар охирҳои давлатдории амирони сомонӣ аз шимоли

Мовароуннаҳр тадриҷан ба атрофи шаҳри Нисо кӯч баста, дар ин ҷо сукунати доимӣ ихтиёр карданд. Онҳо номи худро аз Салҷуқ ном пешвои ин хонавода гирифта, дар ибтидо зиндагии кӯчӣ доштанд. Вале бар асари доду ситад ва ҳамнишинию ҳамҷаворӣ бо мардуми маҳаллии эронинажоди Мовароуннаҳр, ба хусус тоҷикон, дини исломро қабул карданд.

Дар оғоз Салҷуқ ва писарону наберагони вай дар ҷангҳои байни Сомониён бо Қарохониёну Султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз амирони сомонӣ ҷонибдорӣ мекарданд. Вале баъди суқути давлатдории Сомониён бо Султон Маҳмуд сиёсати зоҳиран мусолиматомезро пеш гирифтанд.

Пешвоёни ин хонадон дар рӯзгори салтанати Султон Масъуди Ғазнавӣ аз ӯ хоҳиш карданд, ки ҳукумати ононро дар вилоятҳои Фарова ва Нисо таъйид намояд, вале Масъуд ин хоҳишро рад карда, муқобили онон лашкар кашид, вале шикасти сахт хурда, маҷбур шуд, вилоятҳои Фарова, Нисо ва Деҳистонро ба наберагони Салҷуқ, яъне писарони Микоил – Туғрулбек Муҳаммад ва Ҷағрибек Довуд вогузор кунад ва ба ҳамин тариқ давлати Салҷуқиёнро, ки аксари подшоҳони ин хонадон баъдан дар саҳнаи таърих барои дифоъ аз Ислом ва ҳамчунин густариши доманаи забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) бар Осиёи Сағир шуҷоату диловарии зиёд аз худ нишон доданд, ба сари кор орад.

Соли 1037 имоми ҷамоати Марв хутбаи намозро ба номи Ҷағрибек Довуд хонд ва ӯро «Султонуссалотин» лақаб дод. Ҳамчунин маросим дар Нишопур ба номи бародари ӯ Туғрулбек Муҳаммад баргузор шуд. Ин маънии ба майдон омадани давлати хонадони салҷуқиро дошт.

Бояд гуфт, ки подшоҳони салҷуқӣ аз ибтидо расми давлатдорию шаҳрнишиниро «расмҳои тоҷикон» эътироф кардаанд ва аксари бузургмардону мансабдорони давлати онҳо тоҷикон будаанд, ки ин ҳақиқат дар «Таърихи Байҳақӣ» таъкид шудааст. Байҳақӣ дар таърихномаи худ мегӯяд, ки баъди ба Марв омадани Туғрулбеки Салҷуқӣ, ки бунёди давлатдории Салҷуқиёни Бузург бо номи ӯ вобастагӣ дорад, тамоми ашрофи шаҳр ӯро истиқбол мекунанд, вале фақеҳи маъруф қозӣ Соид ба ӯ илтифот накард. Бо исрори Туғрулбек қозӣ вайро насиҳат кард ва ба адлу дод даъват намуд, инчунин тариқи писандидаи

давлатдориро ба Салҷуқиён пешниҳод карда, подшоҳони салҷуқиро ба андешаи охират ва мукофоти амал ҳушдор дод. Туғрулбек бо камоли майл расму оини аҳолии муқимии Хуросон, яъне тоҷиконро меписандад ва ба қозӣ чунин қавл медиҳад: «Бад-он чи гуфтӣ, кор кунам ва мо мардумони нав ва ғарибем, расмҳои тозикон (тоҷикон) надонем».[410]

Соли 1040 лашкари Туғрулбеки Салҷуқӣ дар наздикии Дандонақон сипоҳи Султон Масъудро комилан шикаст дода, ба салтанати Ғазнавиён дар қисмати шимолии он, ки дар таърих бо номи давраи аввали салтанати ғазнавӣ ёд мешавад, хотима бахшид.

Ин ҷанги байни Ғазнавиёну Салҷуқиён дар таърих бо номи «муҳорибаи Дандонақон» маъруф аст ва ба шаҳодати Абулфазли Байҳақӣ шикасти сипоҳи ғазнавӣ дар ин ҷанг ба хиёнати туркон алоқамандӣ дорад, ки туркон бо баҳонаи ҷанг кардан аспҳои тоҷиконро ситониданд ва дар охир ба сипоҳи душман, яъне туркманони салҷуқӣ ҳамроҳ шуда, ба муқобили тоҷикон ҷангиданд: «…ғуломони сарой аз уштур ба зер омаданд ва аспон ситудан гирифтанд, аз тозикон…, ба баҳонаи он ки ҷанг хоҳем кард… ва ба туркмонон пайвастанд».

Баъд аз ин муҳориба чанде нагузашт, ки Салҷуқиён Гургону Табаристон ва Хоразмро ба зери итоати худ даровардаанд. Дар фосилаи чор сол, яъне дар байни солҳои 1041-1045 онҳо Ҷиболу Ҳамадону Рай ва Исфаҳонро ишғол карданд. Соли 1055 Туғрулбек Бағдодро ҳам забт намуда, салтанати Салҷуқиёнро расман эълон намуд.

Баъди вафоти Туғрулбек дар соли 1063 писари амакаш Алп-Арслон (солҳои салтанаташ 1063-1072) барои густариши қаламрави Салҷуқиён муборизаро идома дод. Алп-Арслон император Романи IV Диогенро мағлуб намуда, Гурҷистон ва Арманистонро, ки ҷузъи империяи шарқии Рим буданд, ишғол кард.

Дар замони бист соли ҳукмронии Маликшоҳ (1072-1092) қаламрави салтанати Салҷуқиён аз соҳилҳои баҳри Миёназамин, то ҳудуди Чинро дар бар мегирифт. Пас аз фавти Маликшоҳ кохи муҳташами давлатдории бузурги ягонаи салҷуқӣ аз ҳам фурӯ рехт ва ба ибтикори шоҳзодагони салҷуқӣ

[410] Абулфазли Байҳақӣ. Таърихи Байҳақӣ. - Машҳад, 1351//1973. - С. 885.

ба чандин давлатҳои хурд тақсим гардид. Муҳимтарини ин давлатҳо Салҷуқиёни Кирмон, Салҷуқиёни Ироқ, Салҷуқиёни Рум ва Салҷуқиёни Шом буданд. Дар муқоиса бо ҳамин давлатҳои ҷудогонаи салҷуқӣ муаррихон замони ҳукмронии Туғрулбек, Алп-Арслон ва Маликшоҳи Салҷуқиро давраи Салҷуқиёни Бузург ном мебаранд.

Ҳамчунин давлатҳои маҳаллии хурд, аз қабили подшоҳони Озарбойҷон, атобакони Луристон, атобакони Форс ва ғайра, ки бархе аз онҳо ҳосили низоми салҷуқӣ буданд, муддатҳо дар минтақаҳои тобеи худ фармонравоӣ карданд.

Пас аз фурӯпошии давлати Салҷуқиёни Бузург писари Маликшоҳ султон Санҷар (1118-1153) дар минтақаи Ироқи Аҷам ва Хуросон ҳукумат ронд. Вале дар солҳои охири давлатдории ӯ нахуст туркони қарохито ва баъдан туркони ғуз ба пайкари давлатдории салҷуқӣ дар ин манотиқ зарбаи ҳалокатбор заданд. Туркони қарохито дар соли 1141 дар дашти Катвони наздикии Самарқанд лашкари султон Санҷар ва сипоҳи қарахонии тобеи ӯро комилан шикаст дода, Самарқанду Бухоро ва дигар шаҳрҳои Мовароуннаҳро ба даст гирифтанд ва султон Санҷар маҷбур шуд ба Тирмиз фирор кунад. Баъдан туркони ғуз, ки дар навоҳии Хатлону Балх бодиянишинӣ мекарданд, дар соли 1153 ба муқобили султон Санҷар шӯриш бардошта, лашкари ӯро мағлуб ва худи ӯро асир гирифтанд ва ҳамчунин ба шаҳру деҳоти Хуросон ҳамла намуда, шаҳрҳои Тӯсу Нишопурро ба хок яксон карданд. Хоқонӣ дар як қасидаи бо радифи «хок» сурудаи худ ва Анварӣ дар номаи манзумаш ба ҳокими Самарқанд қатлу ғорати беамони туркони ғузро бо сӯзу гудоз ба қалами тасвир кашидаанд.

Султон Санҷар баъд аз се сол, соли 1156 аз асорати туркони ғуз раҳоӣ ёфта, ба Марв баргашт ва пас аз як сол вафот кард. Бо фавти ӯ сурати нисбатан зоҳирии давлатдории салҷуқӣ дар ин минтақаҳо низ аз байн рафт.

Танзими дурусти идораи салтанати Салҷуқиёни Бузург ва ободонию шукуфоии ин салтанат ба номи вазирони равшанзамири эрониасли он Амидулмулк Кундурӣ ва Низомулмулки Тӯсӣ сахт вобастагӣ дорад.

Абуалӣ Ҳасан ибни Алӣ ибни Исҳоқ, ки ба номи Низомулмулк маъруф аст, тақрибан 30 сол (1063-1092) вазири

дарбори султонони салҷуқӣ Алп-Арслон ва писари ӯ Маликшоҳ буд. Ба андешаи академик Б. Ғафуров, «Ӯ дар корҳои мамлакатдорӣ комилан ба таҷрибаҳои давраи Сомониён такя мекард ва барои эҳё намудани анъанаҳои мадании он давра кӯшишҳои зиёде ба харҷ медод».[411]

Низомулмулк дар саросари қаламрави мамлакат мадрасаву китобхонаҳои зиёд бунёд ниҳод, ки машҳуртарини онҳо мадрасаи Низомияи Бағдод, мадрасаи Низомияи Басра ва мадрасаи Низомияи Исфаҳон буд. Мадрасаи Низомияи Бағдод донишгоҳи муътабари замони худ маҳсуб мегардид, ки дар ин мадраса ҳамаи илмҳои маъруфи он аҳд таълим дода мешуд.

Дар замони Салҷуқиён бо шарофати бузургмардони забону адабдӯсте мисли Низомулмулк иноятӯ ғамхорӣ ба забони тоҷикӣ бештар гардид ва дар саросари қаламрави ин давлат ҳамаи номанигории идорӣ ва девон ба ин забон сурат мегирифт.

Низомулмулк дар баробари донишманди бузург буданаш нисбат ба аҳли илму дониш ва шеъру адаби тоҷикӣ пайваста ғамхорӣ зоҳир мекард ва онҳоро аз ҷиҳати моддию маънавӣ дастгирӣ менамуд. Мегӯянд, ки Низомулмулк ҳангоми таҳсил дар Нишопур бо Умари Хайём шарикдарс буд ва баъди расидан ба мақоми вазирӣ Умари Хайёмро дар расадхонаи шоҳӣ ба кор даъват карда, барои таъмини рӯзгори ӯ маоши шоиста муқаррар намуд.

Низомулмулк дар пиронсолӣ (соли 1092) бо таҳрики пешвои исмоилиён Ҳасани Саббоҳ, ки гуфтаанд ӯ низ аз шарикдарсони худи ӯ дар Нишопур буд, ба дасти як фидоӣ захмдор гардид ва бо ҳамон захм пас аз як рӯз вафот кард.

Вазири дигари фозили Салҷуқиён Муиниддин Сулаймони Дайламӣ, маъруф ба Парвона муддати бештар аз бисту панҷ сол ҳукмрони воқеии Осиёи Сағир буд.

Бештари муаррихон давраи давлатдории Салҷуқиёнро яке аз марҳилаҳои рушди фарҳанг ва тамаддуни эронӣ донистаанд. Подшоҳони салҷуқӣ бо савобдиди вазирону дабирони хирадманди эрониасли худ, чунон ки дар боло гуфтем, дар амри болобурди маърифату фарҳанг ва таъсиси низомияҳою китобхонаҳо, на танҳо дар шаҳри Бағдод, балки дар дигар шаҳрҳои бузург

[411] Ғафуров, Б., Тоҷикон, Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав.- Душанбе, 2008. - С. 399.

мусоидат намуда, ба ривоҷу равнақи улуми шаърӣ ва фунуни адабӣ ба забони тоҷикӣ хидмати шоиста карданд.

Қаблан гуфта гузаштем, ки дар дарбори подшоҳони салҷуқӣ забони тоҷикӣ, забони расмӣ буд ва дар қаламрави азими давлати салҷуқӣ ҳамаи мукотиботи дарбори ин подшоҳон бо ин забон сурат мегирифт. Илова бар ин, аксари подшоҳону шоҳзодагон ва вазирону дабирони салҷуқӣ ба забону адаби тоҷикӣ алоқамандии хос доштанд ва қаламрави давлатдории худро ба конуни шеъру адаби тоҷикӣ мубаддал намуда буданд.

Чанде аз ин подшоҳону шоҳзодагон худ табъи баланди шоирӣ дошта, ба забони тоҷикӣ шеърҳои зебою дилангез сурудаанд. Аз ҷумла, Сулаймоншоҳ, ки ба гуфтаи Давлатшоҳи Самарқандӣ, баъд аз Туғрал ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ ба тахт нишаст ва дар охири умр ба дасти туркон асир афтод, вазъу ҳолати гирифтории худро дар як рубоии зебои худ чунин ба қалам додааст:

Аз дасти табаҳкории ин муште анд,
Дар коми ҳаёти мост чун ҳанзал қанд.
Эй эзади бениёз, охир маписанд,
Девон ҳама озоду Сулаймон дар банд.

Ё Султон Туғрули Сеюм, ки подшоҳи Ироқи Аҷам буда, овозаи фазлу ҳунараш бар сари забонҳо афтода буд ва Низомии Ганҷавӣ маснавии «Хусраву Ширин»-и худро ба номи ӯ таълиф намуд, дар сурудани шеъри тоҷикӣ низ табъи расо дошт. Ин подшоҳ дар ҷанг бо Султон Текеши Хоразмшоҳ ба қатл расид. Рубоии зеринро, ки ба ӯ нисбат додаанд, гувоҳе аз табъи салим доштани ӯ дар сурудани шеъри форсист:

Дирӯз чунон висоли ҷонафрӯзе,
Имрӯз чунон фироқи оламсӯзе.
Афсӯс, ки дар дафтари умрам айём
Онро рӯзе шумурда, инро рӯзе.

Низомулмулк на танҳо асари маъруфи насрии «Сиёсатнома»-ро таълиф кардааст, балки ба забонҳои тоҷикиву арабӣ шеър низ сурудааст ва қитъаи зерин, ки пеш аз вафот навишта, ба Маликшоҳ фиристодааст, гувоҳи баландии табъи ӯ дар сурудани шеъри форсист:

Якчанд ба иқболи ту, эй шоҳи ҷавонбахт,
Гар даст ман аз чеҳраи айём сутурдам,
Туғрои накуномиву маншури адолат
Пеши маликуларш ба тавқеи ту бурдам.
Омад зи қазо муддати умрам наваду шаш,
Дар ҳадди Наҳованд ба як корд бимурдам.
Бигзоштам ин хидмати дерина ба фарзанд,
Ӯро ба Худову ба худованд супурдам.

Дар ҳамин рӯзгори давлатдории Салҷуқиёни Бузург шоири маъруф **Фахриддини Гургонӣ** манзумаи ишқии «Вис ва Ромин»-ро, ки аслашро тарҷумаи як матни паҳлавӣ ташкил медод, ба забони тоҷикӣ ба риштаи назм кашид.

Дар бораи таърихи таваллуду вафоти ин шоири достонсаро маълумоти кофӣ мавҷуд нест, вале маълум аст, ки ӯ аслан аз шоирони дарбори Туғрулбеки Салҷуқӣ буд ва баъдан соли 1052 ҳамроҳи ӯ ба Исфаҳон рафта, бо ҳокими Исфаҳон Амид Абулфатҳ Музаффари Нишопурӣ шиносоӣ пайдо кард. Мегӯянд, ки ҳамин ҳоким ӯро ба назми достони «Вис ва Ромин» ташвиқ намуд ва худи ӯ, ки донандаи хуби забони паҳлавӣ буд, ин достони паҳлавиро ба забони тоҷикӣ ба назм оварда ва тарҷумаи худро бо тавсифу ташбеҳу истиораҳои зебою дилкаш музайян сохт:

Шабе торику олуда ба қатрон,
Сиёҳу саҳмгин чун рӯзи ҳичрон…
Сияҳ чун андуҳу тозон чун уммед,
Фурӯҳишта чу парда пеши хуршед.

Зикри ин матлаб ҳам муҳим аст, ки дар айёми зиндагии Фахриддини Гургонӣ ҳанӯз дар Исфаҳон забони паҳлавӣ тамоман аз байн нарафта буд ва забони тоҷикӣ, ки гуфтем, аз шарқ ба марказу ғарби Эронзамин густариш меёфт, дар ин рӯзгор доираи корбурди онро рӯз ба рӯз тангтар мекард.

Фахриддини Гургонӣ ҳамчунин баъзе калимаҳои паҳлавиро ба калимаҳои мушобеҳи форсии дарии онҳо айният дода, маънии матлуби худро ба даст овардааст:

Забони паҳлавӣ ҳар к-ӯ шиносад,
Хуросон он бувад, к-аз вай хур осад.
«Хур осад» паҳлавӣ бошад, «хур ояд»
Ироқу Порсро хур з-ӯ барояд.

«Хуросон»-ро бувад маънӣ «хур оён»,
Куҷо аз вай хур ояд сӯйи Эрон.

Чунон ки мебинем, Фахриддини Гургонӣ бо суханбозӣ калимаҳои паҳлавии «осад»-ро «ояд», «осон»-ро «оён», «хур»-ро офтоб баргардон карда, «Хуросон»-ро «хуроён», яъне машриқ – ҷойе, ки офтоб аз он тулӯъ мекунад, эҳтимол додааст, ки аз минтақаи Хуросон офтоб ба сӯйи Эрон меояд.

Бузургтарин султонҳои Салҷуқиёни Кирмон, ки дар тарвиҷи забону адаби тоҷикӣ саҳми муносиб гузоштанд, Ҷалолиддин Маликшоҳ ва Туғоншоҳ буданд, ки дар баробари дастгирии аҳли илму адаб ҳамчунин ба забони тоҷикӣ шеър мегуфтанд.

Туғоншоҳ як гурӯҳ шоиронро ба дарбори худ гирд овард, ки маъруфтарини онҳо Азрақии Ҳиравӣ, ки зикраш дар фасли пешин гузашт ва Носири Хусрави Қубодиёнӣ буданд.

Шоир, нависанда ва файласуфи бузург **Носири Хусрав** (1004-1088) зодаи Қубодиён аст. Қубодиён дар он рӯзгор аз навоҳии Балх буд, аз ин хотир ӯро Қубодиёнии Балхӣ ва бинобар дар Марв муддате ба кори девонӣ машғул буданаш ҳамчунин Марвазӣ ҳам ном бурдаанд. Вай дар ҷавонӣ дар дарбори Ғазнавиён ва баъдан чанд муддат дар дарбори Салҷуқиён ба сифати дабир хидмат карда, тадриҷан ба мартабаҳои олии девонӣ расид.

Вале баъд аз чилудусолагиаш якбора тарки дарбор ва корҳои девонӣ намуда, ҳамроҳи бародараш Абусаид сафари Каъба ихтиёр кард. Носири Хусрав дар муддати ҳафт соли мусофирати худ (1046-1053) ба Осиёи Сағир, Сурия, Фаластин, Ҳиҷоз ва Миср сафар карда, бо зиндагиву урфу одат ва дину оини мардум ошноӣ пайдо кард. Ҳамчунин вай дар ин муддат чор бор ҳаҷ кард ва дар давоми се соли зиндагиаш дар Миср ба мазҳаби исмоилӣ гаравид ва ба гирифтани лақаби доии фотимиён – «ҳуҷҷат» баҳраманд шуд.

Баъди бозгашт ба Хуросон дар Балх ба тарғиби ошкорои мазҳаби исмоилӣ пардохт ва ба мухолифати шадиди уламои

аҳли суннат ва ҳокимони давр дучор гардида, маҷбур шуд, муддате ба Нишопуру Мозандарон ва ниҳоят ба дараи Юмгони Бадахшон, ки қалъаи устувор дошт, паноҳ барад ва дар ҳамон ҷо дар пиронсолагӣ вафот кард.

Аз эҷодиёти ӯ «Девони ашъор», маснавиҳои «Рӯшноинома» ва «Саодатнома» ва осори насрии «Сафарнома», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Зод-ул-мусофирин», «Ваҷҳи дин», «Хони ихвон», «Кушоиш ва раҳоиш» ва ғайра ёдгор мондаанд.

Дар шеърҳои ӯ илова бар масъалаҳои диниву фалсафӣ масъалаҳои тарбиявию ахлоқӣ ва ватанхоҳиву худогоҳӣ низ ба таври густурда инъикос ёфтаанд. Ӯ шоирест, ки ба забони модарии худ – «дурри лафзи дарӣ» арҷ мегузорад ва ҳаргиз намехоҳад, соҳибдавлату соҳибсарватеро бардурӯғ мадҳу сано гӯяд ва ҳамин «дурри лафзи дариро» «дар пойи хукон» резад:

Ман онам, ки дар пойи хукон нарезам,
Мар ин қимати дурри лафзи дариро.

Вай нисбат ба сифатҳои манфии бархе дарбориёну девониёни замони худ, аз қабили чоплусиву хушомадгӯӣ ва тамаъкорию тамаъҷӯйӣ дар назди ҳокимон, ки дар рӯзгори зиндагонии ӯ ба ҳукми анъана даромада буд, садои эътирози шадид баланд карда, ба чунин шахсон нафрин мехонад:

Кай резам оби рӯй чу ту бехирад,
Бар тамъи он, ки тӯбра пур аз нон кунам?
Туркон раҳиву бандаи ман будаанд,
Ман тан чӣ гуна бандаи туркон кунам?!

Носири Хусрав ҳамчунин дар адабиёти мо ба офаридани ашъори тамсилии содаву равони дархури фаҳму зеҳни мардуми замони худ роҳ боз кардааст, ки шеъри зерин шоҳиди ин гуфтаҳост:

Нашнидаӣ, ки зери чаноре кадубуне,
Баррусту бардавид бару бар ба рӯз бист.
Пурсид аз он чанор, ки: «Ту чанд солаӣ?»
Гуфто: «Дувист бошаду акнун зиёдатист».
Хандид аз ӯ каду, ки: «Ман аз ту ба бист рӯз,
Бартар шудам, бигӯ ту, ки ин коҳилӣ зи чист?»
Ӯро чанор гуфт, ки: «Имрӯз, эй каду,
Бо ту маро ҳанӯз на ҳангоми доварист.

Фардо, ки бар ману ту вазад боди меҳргон,
Он гаҳ шавад падид, ки номарду мард кист».

Осори насрии ӯ ҳама бо забони фасеҳу равони тоҷикӣ таълиф шудаанд, вале дар байни ин осор «Сафарнома»-и ӯ аз аҳамияти вижа бархурдор аст, ки баъдтар дар ин хусус таваққуф хоҳем кард.

Зиндагӣ ва эҷодиёти шоир ва донишманди бузурги тоҷику форс Умари Хайём, ки бо дастури Маликшоҳи Салҷуқӣ ва ҳамдастии мунаҷҷимони аҳди худ тақвими солро тасҳеҳ намуд, ба ҳамин давр рост меояд.

Ҳаким Абулфатҳ Умар ибни Иброҳими Хайём ё **Хайёми Нишопурӣ** (1048-1123) илова ба бузургтарин риёзидон ва мунаҷҷими замони худ будан дар таърихи забону адаби мо бузургтарин шоири рубоисаро шинохта шудааст ва рубоиёти фалсафиву ирфонияш имрӯз шуҳрати ҷаҳонӣ дорад.

Рубоиёти Умари Хайём дорои маънии олии амиқу дақиқ буда, дар камоли фасоҳату балоғат суруда шудааст. Ба таъбири дигар, Умари Хайём санъатҳои шеъриро бо камоли ҳунармандӣ истифода бурда маъниҳои бузургро дар қолаби ҷумлаҳои кутоҳ бо маҳорати баланди ба худ хос ҷойгир намудааст:

Ин куҳнаработро, ки олам ном аст,
Оромгаҳи аблақи субҳу шом аст.
Базмест, ки вомондаи сад Ҷамшед аст,
Гӯрест, ки хобгоҳи сад Баҳром аст.

Он қаср, ки бар чарх ҳамезад паҳлу,
Бар даргаҳи ӯ шаҳон ниҳодандӣ рӯ.
Мурғе дидам, нишаста бар бораи ӯ,
Фарёд ҳамекард, ки: «Ку-ку, ку-ку».

Шоир, ҳаким ва риёзидони барҷаста Умари Хайём аз чеҳраҳои тобноки аҳди Салчуқиён буда, суннатҳои илмӣ ва адабии замони Сомониёнро дар асри худ идома додааст. Кашфиёти муҳимми илми риёзиёт, ки дар давраи ӯ дар ҷаҳони ислом падид омада буд, бо номи вай сахт пайваст аст. Баъзе олимони ғарб, аз ҷумла Ҷурҷ Сартон, ҳатто моиланд, ки замони зиндагӣ ва фаъолияти ӯро «асри Умари Хайём» номанд.[175]

[175] Умари Хайём. Рисолаи фалсафӣ (тарҷума аз арабӣ, таҳия, таҳқиқ ва тавзеҳоти С. Сулаймонов). - Душанбе, 2000. - С. 5.

Хайём дар шоирӣ дасти тавоно, суханони софу сода ва забони равшану қавӣ дорад. Рубоиёти сурудаи ӯ то ба имрӯз сармашқи шоирон аст ва меъёру дараҷаи камоли ин жанр ба ҳисоб меравад. Ин шуҳрат ба ҳаддест, ки мақоми илмии ӯро соя афкандааст.

Аз ин бузургмард нуҳ рисола дар улуми риёзиёт ва фалсафа боқӣ мондааст, ки ҳафтои он ба забони арабӣ ва танҳо дутои он: «Дар илми куллиёти вуҷуд» ва рисолаи таърихии «Наврӯзнома» ба забони модарии муаллиф, яъне забони тоҷикӣ нигошта шудааст. Ӯ дар ҳикмат худро шогирди Ибни Сино медонад ва бо «хоҳиши дӯстон» «ал-Хутбат-ул-ғарроъ»-и вайро аз арабӣ тарҷума кардааст.Хушбахтона, ин се асар дастрас мебошанд ва барои шинохт ва таҳлили забони ҳам осори мустақил ва ҳам забони тарҷумааш барои мутахассисон шароит фароҳам аст.

Ҳангоме ки кас ба мутолиаи осори тоҷикии ӯ мепардозад, гумон мекунад, ки бо ду Хайём сару кор дорад. Яке Хайёми шоир, ки дар рубоиёташ калимаҳоро ба рақс медарорад ва луғатҳои ноби форсии дариро устодона ба кор бурда, забони шеърашро «саҳли мумтанеъ» месозад ва дигар Хайёми олим аст, ки ғарқ дар дарёи тафаккур, дар ҷустуҷӯйи роҳи ҳалли масъалаҳои риёзӣ ва фалсафӣ буда, мисли устодаш Ибни Сино ва пайравони мактаби ӯ ба кори луғатсозӣ ва истилоҳофаринӣ махсус машғул нашудааст.

Луғат ва истилоҳотеро, ки ӯ дар рисолаҳои фалсафии худ ба кор бурдааст, дар забони «Донишнома»-и Ибни Сино мушоҳида мешаванд, монанди **ҷавҳар**, **ном**, **қисматпазир**, **ақл**, **нафс**, **камият**, **кайфият**, **писандида**, **ҳаётӣ**, **нестӣ**, **ҷойгоҳ**, **ҳамгавҳарон**, **нопойдорӣ**, **номӣ** ва амсоли он. Аммо ба ақидаи доктор С. Сулаймонов «услуби нигориши Хайём содатар ва ба забони тоҷикӣ наздиктар аст» ва аз услуби тарҷумаи истилоҳоти фалсафии арабии ин ду донишманд низ каме тафовут доранд. [176] Вале ба таври куллӣ забони осори илмӣ аз ҷумла рисолаҳои фалсафии ӯ мутамоил ба арабист ва луғату истилоҳоти осори фалсафиаш мутобиқ ба равияи арабисозии забони илм мебошад, ки дар давраи ӯ қувват мегирифт: «Ва ин ҳар ақлеро нафс ба изои (дар баробари) ӯст. Зеро ки ақли бе нафс набошад ва нафси

[176]Умари Хайём. Рисолаи фалсафӣ (тарҷума аз арабӣ, таҳия, таҳқиқ ва тавзеҳоти С. Сулаймонов). - Душанбе, 2000. - С. 5.

бе ақл. Ва ин уқул ва нуфус чунон ки мудаббиронанд афлокро ва муҳарриконанд ҳар яке ҷирми фалаки хешро. Навъе нафс аст муҳаррик бар сабили фоилӣ ва навъе ақл аст муҳаррик бар тариқи маъшуқӣ. Аз ин ҷиҳат, ки ақл бартар бар рутбат (мартаба) аз нафс аст ва шарифтар аз нафс аст бад-он сабаб, ки ба воҷибулвуҷуд наздиктар аст.»[177]

Салҷуқиёни Ироқ низ дар ривоҷу равнақи забону адаби мо саҳми сазовор доранд. Ба хусус замони ҳукмронии султон Санҷар давраи авҷи забону адаби тоҷикӣ (форсӣ) дар таърихи давлатдории Салҷуқиён маҳсуб мешавад. Ин ҳокими салҷуқӣ дарбори худро ба маҳфили шеъру адаби тоҷикӣ мубаддал карда буд. Шоирони маъруф Амир Муиззӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Анварӣ ва Абдулвосеи Ҷабалӣ аҳли дарбори ӯ буданд. Текеши Хоразмшоҳ ба Ироқи Аҷам ҳамла овард ва охирин подшоҳи Салҷуқиёни Ироқ Туғрули III-ро кушта, ба ин шохаи давлатдорӣ хотима гузошт.

Муҳаммад ибни Абдулмалик Муиззии Нишопурӣ (тахминан 1046/49-1124/46) аз шоирони маъруф ва устодони бузурги забону адаби мо дар аҳди султон Санҷар аст. Падараш Абдулмалики Бурҳонӣ шоири дарбори Алп-Арсон ва худи ӯ дар ибтидо шоири дарбори Маликшоҳ буда, дар ин дарбор мақому мартабаи баланд дошт. Пас аз вафоти Маликшоҳ муддате дар Ҳироту Нишопуру Исфаҳон зиндагӣ кард ва баъди ба тахт нишастани султон Санҷар ба дарбори ӯ, ба Марв рафта, дар хидмати ӯ камар баст ва оқибат ба дасти ҳамин султон ба ҳалокат расид. Ба ин маънӣ, ки рӯзе дар шикоргоҳ тири аз камон ба амри тасодуф раҳокардаи султон Санҷар ба вай расид ва ӯро ҳалок кард.

Муиззӣ дар рушду таҳаввули ғазали тоҷикӣ-форсӣ саҳми назаррас дорад. Забони ифодаи шеъраш содаву равон ва бетакаллуф аст. Вале дар баъзе сурудаҳояш ҷо-ҷо калимаҳои арабӣ, ки бештар дар муаллақоти арабӣ, яъне сурудаҳои тоисломии ҳафт шоири маъруфи араб истифодаи фаровон доранд (**рабъ, атлол** ва ғайра), ба мушоҳида мерасанд. Ин матлаб далели он аст, ки Муиззӣ ба мисли Манучеҳрии Домғонӣ донандаи хуби адабиёти тоисломии араб аст ва то ҷойе таъсири ин адабиёт, яъне тасвири атлолу даман, макону

[177] Ҳамон ҷо. - С. 83.

манзили маъшуқа ва ғайра дар айни замон бо обу ранги хос аз сурудаҳои Муиззӣ ба назар мерасад:

Эй сорбон, манзил макун, ҷуз дар диёри ёри ман,
То як замон зорӣ кунам, бар рабъу атлолу даман.
Рабъ аз дилам пурхун кунам, хоки даман гулгун кунам,
Атлолро Ҷайҳун кунам аз оби чашми хештан.
Аз рӯйи ёри хиргаҳӣ айвон ҳамебинам тиҳӣ,
В-аз қадди он сарви сиҳӣ холӣ ҳамебинам чаман…
Он ҷо, ки буд он дилситон бо дӯстон дар бӯстон,
Шуд гургу рӯбаҳро макон, шуд кӯфу каргасро ватан…
Оре, чу пеш ояд қазо, мурво шавад чун мурғво,
Ҷойи шаҷар гирад гиё, ҷойи тараб гирад шаҷан.

Дар байтҳои зикргардида ба истиснои калимаҳои арабии **рабъ** (яъне, «рабъ » манзил, ҷойи зисти муваққат аст), **атлол** (талу теппа), **шаҷар** (дарахт), **шаҷан** (ғаму андӯҳ) ва калимаҳои форсии «мурво» – фоли нек ва «мурғво» – фоли бад дигар калимаҳои боқимонда барои хонандаи имрӯз низ фаҳмоянд.

Яке аз шоирон ва суханварони дигари бузурги ин аҳд, ки ҷони худро ба баҳои ҷони султон Санҷари Салҷуқӣ аз даст дод, Адиб Собири Тирмизист.

Адиб Собир (1078/79-1143/47) аслан аз Тирмиз буда, бар замми шоирӣ дигар амали масъули дарборӣ ҳам дошт, ки аз ҷониби султон Санҷар ба расулӣ назди Отсизи Хоразмшоҳ фиристодани ӯ ин гуфтаро таъйид мекунад. Мегӯянд, ки ҳангоми ба расулӣ дар Хоразм қарор доштани Адиб Собир Отсиз ду нафарро фармуда буд, ба шеваи фидоиёни исмоилӣ, ки яке аз онҳо Низомулмулкро ба ҳалокат расонд, султон Санҷарро низ бикушанд. Вале Адиб Собир аз ин суйиқасд огоҳ гашта, дар ин хусус пинҳонӣ ба султон Санҷар хабар медиҳад. Отсиз аз ин амали Адиб Собир воқиф гардида, ба навкаронаш дастур медиҳад, ки бар гардани Адиб Собир санг баста, ӯро дар дарёи Омӯ ғарқ кунанд.

Адиб Собири Тирмизӣ илова бар қасидаҳои мадҳӣ ғазалҳои латифу зебои зиёд сурудааст. Содагии забон, нозукандешӣ ва нозукбаёнии Адиб Собир то ҷойест, ки Анварӣ дар як шеъраш мақому манзалати сухани ӯро бартар аз сухани худ ва Саноӣ дониста, ба ин маънӣ чунин ишора кардааст: «Чун

Саноӣ ҳастам охир, гар на ҳамчун Собирам». Байтҳои зерин аз як ғазали ошиқонаи Адиб Собир далели ин муддаост:

Бути сарвқаддиву сарви суманбар,
Нигори сухангӯву моҳи суханвар.
Қаду орази туст шамшоду лола,
Лабу бӯсаи туст ёқуту шаккар.
Ман аз пой то сар зи ишқам мураккаб,
Ту аз пой то сар зи ҳуснӣ мусаввар.
Ҳаво гардад аз акси рӯят мунаққаш,
Замин гардад аз бӯйи зулфат муаттар.

Дар нимаи дувуми асри дувоздаҳ ашъори **Анварии Абевардӣ** (1126-1187/91) шуҳрати беандоза пайдо кард. Вай аз ҷавонӣ ба дарбори султон Санҷар пайваст ва тақрибан ба муддати сӣ сол аз наздикони ин подшоҳи салҷуқӣ буд.

Анварӣ забони шеъри худро ба забони гуфтугӯйи мардуми замонаш наздик сохт ва ба ин роҳ дар шеъри дарӣ дигаргунии ҷиддӣ падид оварда, мактаби наверо ибтидо гузошт. Вай ҳамчунин аз шоирони ватанхоҳи Хуросон аст, ки аз вайронии ватани маҳбубаш ба дасти туркони ғуз ба фиғон омада, аз ҳокими Самарқанд бар рафъи туркони ғуз имдод ҷустааст. Ин воқеият аз номаи манзуми зерини ӯ ба Самарқанд ба мушоҳида мерасад:

Бар Самарқанд агар бигзарӣ, эй боди саҳар,
Номаи аҳли Хуросон ба бари хоқон бар.
Номае матлаи он ранҷи тану офати ҷон,
Номае мақтаи он дарди дилу сӯзи ҷигар.
Номае бар рақамаш оҳи ғарибон пайдо,
Номае дар шиканаш хуни шаҳидон музмар…
Корҳо баста шуда, бешак, дар вақту кунун,
Вақти он аст, ки ронад сӯйи Эрон лашкар.
Боз хоҳад зи ғузон кина, ки воҷиб бошад,
Хостан кини падар бар писари хубсияр…
Ба Худое, ки биёрост ба номат динор,
Ба Худое, ки барафрохт ба фарқат афсар.
Ки кунӣ фориғу осуда дили халқи Худой,
З-ин фурӯмоя ғузи шумпайи ғоратгар…

Ибораороии одӣ, вале зебову хушандом, аз қабили **боди саҳар, номаи аҳли Хуросон, ранҷи тан, офати ҷон, дарди дил,**

сӯзи ҷигар, оҳи ғарибон, хуни шаҳидон, писари хубсияр, ғузи шумпайи ғорагар ва ғайра, ки бештари онҳо то ба имрӯз дар гуфтугӯи муқаррарии мо истифода мешаванд, яке аз махсусиятҳои сурудаҳои Анварии Абевардист.

Абдулвосеи Ҷабалии Ғарчистонӣ (вафот 1160) низ аз шоирони хушсалиқаи ин аҳд аст, ки барои наздик овардани шеъри тоҷикӣ ба забони гуфтугӯйи мардум саҳми назаррас дорад. Дар айни замон, ба андешаи муҳаққиқон, дар шеъраш зеварҳои лафзию маъноӣ кам нестанд. Муҳаммад Авфии Бухороӣ дар «Лубоб-ул-албоб» ӯро бисёр таърифу тавсиф намуда, касеро дар фазилату фасоҳат ҳампояи ӯ намебинад. Худи ӯ низ дар як шеъраш, ки чанд байти он дар поён оварда мешавад, фазилатҳои худро як-як шумурда, дар назму наср дасти расо доштан ва ба мисли Носири Хусрав бар пойи ҷоҳилон напарокандани гавҳари шеъри форсиро таъкид кардааст:

Олист ҳиммататам ба ҳама вақт чун фалак,
Софист нисбатам ба ҳама ҳол чун ҳаво.
Бар ҳиммати ман аст суханҳои ман далел,
Бар нисбати ман аст ҳунарҳои ман гуво.
Ҳаргиз надидаву нашнида кас зи ман,
Кирдори носутудаву гуфтори нораво.
Дар пойи ҷоҳилон напарогандаам гуҳар,
В-аз дасти нокасон напазируфтаам ато.
Ин фахр бас маро, ки надидаст ҳеч кас,
Дар насри ман мазаммату дар назми ман ҳиҷо.

Забони тоҷикӣ дар давраи Салҷуқиён, ба хусус аз аввалҳои асри ёздаҳи мелодӣ сар карда тадриҷан аз шарқи Эрон ба шаҳрҳои марказӣ ва навоҳии ғарби Эрон густариш пайдо кард. Нахустин шаҳрҳою ноҳияҳое, ки забони мо дар онҳо ривоҷи бештар пайдо кард, шаҳру ноҳияҳои Гургону Қумис ва Рай буданд. Дар Гургон то густариши забони форсии дарӣ лаҳҷае наздик ба лаҳҷаи табарӣ ва дар Қумис лаҳҷае байни лаҳҷаи Хуросон ва лаҳҷаи Гургон истифода мегардид. Дар Қумис нахустин шоире, ки ба забони дарӣ шеър суруд, Манучеҳрии Домғонӣ буд. Дар Рай ҳам шоирон ба тақлид аз шоирони Хуросону Мовароуннаҳр ба шеър навиштан машғул шуданд.

Дар ҳамин замон дар дарбори ҳокимони Озарбойҷон Асадии Тӯсии шоир, муаллифи фарҳанги маъруфи «Луғати фурс» ва Қатрони Табрезӣ кору зиндагӣ мекарданд.

Шоистаи зикр аст, ки дар ин рӯзгор дар минтақаи Озарбойҷон, ки дар он ҷо лаҳҷае «озарӣ» ривоҷ дошт, забону адаби тоҷикӣ (форсии дарӣ) густариши бештар пайдо кард. Ногуфта намонад, ки лаҳҷаи озарӣ низ аз лаҳҷаҳои қадими эронӣ буд, вале, мутаассифона, бар асари турктозии айём аз байн рафт ва номи он дар лаҳҷае аз забони туркӣ боқӣ монд. Нахустин шоире, ки дар ин минтақа бо забони дарӣ ва сабки шоирони аҳди сомонӣ шеър суруд, Қатрони Табрезӣ буд.

Абумансур Қатрони Шодиободии Табрезӣ (тахминан 1013-1083) шоири муосири Носири Хусрави Қубодиёнист, ки дар маҳалли Шодиободи Табрез по ба олами ҳастӣ ниҳод. Носири Хусрав бо ӯ мулоқот кардааст ва дар «Сафарнома»-и худ аз «шеъре нек» гуфтан ва бар замми ин «форсӣ неку» надонистани ӯ ёд мекунад: «Дар Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, шеъре нек мегуфт, аммо забони форсӣ неку намедонист. Пеши ман омад, девони Мунҷик ва девони Дақиқӣ биёварда ва пеши ман бихонд. Ва ҳар маънӣ, ки ӯро мушкил буд аз ман пурсид, бо ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман хонд». Ин матлаб, ки Носири Хусрав дар бораи забони форсиро некӯ надонистани Қатрон мегӯяд, ҷойи баҳс надорад. Зеро, чунонки гуфтем, забони мардуми Табрез лаҳҷаи қадими озарӣ буд, вале маҳди рӯйишу болиши забону адаби дарӣ қисмати шарқи Эронзамин, яъне Хуросону Мовароуннаҳр буда, дар он айём забони тоҷикӣ тадриҷан аз шарқ ба марказ ва ғарби Эрон густариш пайдо мекард.

Забони ифодаи шеъри Қатрон, чунон ки гуфтем, ба баёни шоирони аҳди сомонӣ қаробат дорад, ки ин воқеият аз шеъри тавсифии зерини ӯ ба назар мерасад:

Сиришки абри озорӣ заминро кард пургавҳар,
Насими боди найсонӣ ҳаворо кард пуранбар.
Зи гулбун гул ҳамехандад, зи гул озин ҳамебандад,
Кунун наргис бипайвандад ба ҳам минову симу зар…
Биёрояд дарахти гул, шавад пирӯз бахти гул,
Шавад пирӯза тахти гул чу ёқуте кунад афсар…
Барояд боди шабгире, зи насрину гули хайрӣ,
Ҷаҳон пироҳани пирӣ зи тан берун кунад яксар.

Содагию равонӣ ва корбасти фаровон аз калимаҳои сохтаву мураккаб, вале дар навбати худ зебову гӯшнавоз, аз қабили **гулбун, гулистон, пургавҳар, пуранбар, ғулғулситон, сунбулситон, дилбанд, нилгун, шабгир** ва ғайра аз хусусиятҳои шеъри Қатрони Табрезӣ аст.

Қобили қайд аст, ки бар асари ихтилофоти байни Ғазнавиёну Салҷуқиён баъзе адибону донишмандони Хуросону Мовароуннаҳр, аз қабили Асадии Тӯсӣ тарки ёру диёр карда, дар Озарбойҷон сукунат ихтиёр карданд.

Абунаср Алӣ ибни Аҳмади Асадии Тӯсӣ (1005/10-1074) аз шоирони ҳамосасаро, луғатнигорони камназир ва хаттотони моҳири ин аҳд ба шумор меравад, ки бо подшоҳи Нахҷувони Озарбойҷон амир Абудулафи Шайбонӣ ва амир Абушуҷоъ Манучеҳри Шаддодӣ муносибати дӯстона доштааст. Ӯ муаллифи достони манзуми «Гаршоспнома» мебошад, ки ин достон дорои хусусиятҳои манзумаҳои ҳамосии паҳлавонӣ буда, дар заминаи асари насрии «Гаршоспнома»-и Абулмуайяди Балхӣ таълиф шудааст ва тақрибан даҳ ҳазор байтро дар бар мегирад. Забони иншои ин манзума дорои вижагиҳост ва донишманди маъруф Забеҳуллоҳи Сафо дар бораи хусусиятҳои забони ин манзума ва қудрати баёни муаллиф чунин ишора дорад: «Қудрати ӯ (яъне, Асадии Тӯсӣ – Э.Р.) дар васф ва дар якдаст кардани калимот ва овардани таркиботи мунсаҷиму устувор ва ба кор бурдани ташбеҳоти бисёр дақиқу зариф аз ҳама ҷойи «Гаршоспнома» ошкор аст. Табаҳҳури Асадӣ дар луғат боис шуд, ки миқдори касире аз луғоти маҳҷури дариро дар ашъори худ бигунҷонад».[412] Барои намуна чанд байт аз «Гаршоспнома» манзур мегардад:

Ду парда дар ин гунбади лозвард,
Бубандад ҳаме гаҳ сияҳ гоҳ зард.
Ду гуна ҳаме дам занад солу моҳ,
Яке дам сапеду яке дам сиёҳ.
Бад-ин ҳар ду дам к-ӯ барорад ҳаме,
Якояк дами мо шуморад ҳаме.
Агар солиён аз ҳазорон фузун,
Дар он хуррамиҳо кунӣ гунагун.

[412] Забеҳуллоҳи Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон. Теҳрон, 1372//1994. Ҷ. 2. – С. 412.

Ба боғи дудар монад ар бингарӣ,
К-аз ин дар дароӣ в-аз он бигзарӣ.

Асадии Тӯсӣ дар ин минтақа ҳамчунин фарҳанги маъруфи худ «Луғати фурс»-ро таълиф намуд, ки куҳантарин луғатнома ба забони модарии мо буда, мақсад аз таълифи он тавзеҳи вожаҳои мушкили забони дарӣ дар ин марзу бум мебошад. Асадии Тӯсӣ дар бораи сабаби таълифи китоб дар муқаддимаи кутоҳи он чунин мегӯяд «дидам шоиронро, ки фозил буданд, валекин луғоти порсӣ кам медонистанд ва Қатрони шоир китобе кард ва он луғатҳо бештар маъруф буданд. Пас фарзандам… Ардашер ибни Дайламсипор ан-Наҷмӣ аш-Шоир… аз ман, ки Абумансур Алӣ ибни Аҳмад Асадии Тӯсӣ ҳастам, луғатномае хост, чунон ки бар ҳар луғате гувоҳе бувад аз қавли шоире аз шуарои порсӣ…».[413] Дар иқтибоси мазкур, ба андешаи мо, чор нуктаи муҳим нуҳуфтааст:

Нуктаи аввал ин аст, ки мақсади муаллиф аз ибораи «луғоти порсӣ» ҳамон забони дарист, ки дар аҳди сомонӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон наҳзату шукуфоӣ ёфт ва чунон ки гуфтем, тадриҷан доманаи нуфузи он аз шарқ ба марказ ва ғарби Эрон густариш пайдо кард.

Дуюм. Асадии Тӯсӣ мегӯяд, ки шоирони муосири ӯ дар минтақаи Озарбойҷон бо вуҷуди фозил будан луғоти форсӣ кам медонанд. Ин маънии онро дорад, ки забони модарии аксари ин шоирон форсӣ набуда, балки лаҳҷаи озарӣ ё забони дигар аст ва ин шоирон забони форсиро дар мактабу мадраса ва ё аз китобу девонҳои форсӣ омӯхтаанд. Мо дар боло дар хусуси лаҳҷаи қадими озарии забонҳои эронӣ будани забони ин минтақа дар мисоли Қатрони Табрезӣ гуфта гузаштем ва гумон мекунем, Асадӣ дар ин гуфтаи худ маҳз ҳамон шоиронеро, ки забони модарии онҳо лаҳҷаи озарӣ буд, дар назар дорад.

Сеюм. Аз ин иқтибос бармеояд, ки Қатрони Табрезии шоир низ луғатномае дар шарҳи вожагону калимаҳои дарӣ таълиф кардааст, ки, мутаассифона, то замони мо нарасидааст.

Чорум. Луғатнома бо хоҳиши шоире бо номи Ардашер ибни Дайламсипори Наҷмӣ, ки ба забону адаби тоҷикӣ (форсӣ)

[413] Асадии Тӯсӣ. Луғати фурс. Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Аббоси Иқбол. – Теҳрон, 1319//1941. – С. 1-2.

муҳаббати зиёд доштааст, таълиф гардидааст. Вале номи ин Ардашер ибни Дайламсипор, ки Асадӣ ӯро ҳамчунин шоир ном бурдааст, дар ягон маъхаз ё тазкираи баъдӣ мушоҳида намешавад.

Дар «Луғати фурс» тақрибан 2300 калимаву таркибот шарҳу тафсир гардидаанд. Забони таълиф ва тарзи истифодаи луғатнома барои хонанда ниҳоят осон аст. Луғатнома бо тартиби алифбои арабӣ дар охири калимаҳо таҳия шуда, нахуст калимаи аслӣ, сипас шарҳи он ва баъдан шоҳиди шеърӣ оварда мешавад, масалан:

Осо – даҳони дара бошад. Он ки даҳон боз шавад, ё аз коҳилӣ ё аз омадани хоб ва монанди он. Баҳромӣ гуфт:

Чунон намуд ба мо дӯш моҳи нав дидор,
Чу ёри ман, ки кунад гоҳи хоби хуш **осо**.

Осои дигар – монанд бувад, чунон ки гӯйӣ **шеросо** ва **хуросо** ва **туркосо** ва монанди ин. Шаҳид гуфт:

Шавад бадхоҳ чун рӯбоҳ баддил,
Чу **шеросо** ту бихромӣ ба майдон.

Воло – бузург бувад ба қадру баландӣ, чунон ки Рӯдакӣ гуфт:

Чу ҳомун душманонат паст бодо,
Чу гардун дӯстон **воло** ҳама сол.

Бевар – ба забони паҳлавӣ даҳ ҳазор бувад, Фирдавсӣ гӯяд:

Куҷо **бевар** аз паҳлавонӣ шумор,
Бувад бар забони дарӣ даҳ ҳазор.

Ваворӯд – Мовароуннаҳр аст, Фирдавсӣ гӯяд:

Агар паҳлавонӣ надонӣ забон,
Ваворӯдро Мовараннаҳр хон.

Аксари байтҳо ва пораҳои шеърие, ки Асадии Тӯсӣ пас аз тавзеҳи калимаҳо шоҳид овардааст, ба қалами шоирони аҳди сомонии Хуросону Мовароуннаҳр устод Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Дақиқӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Абулқосими Фирдавсӣ, Амир Оғоҷӣ, Лабибӣ, Кисоии Марвазӣ, Баҳромӣ, Тайёни Марғазӣ, Хусравонӣ ва се шоири аҳди ғазнавӣ Фаррухӣ, Унсурӣ ва Асҷадӣ тааллуқ доранд. Шоистаи зикр аст, ки як қисми назарраси калимаҳои дар ин луғатнома тавзеҳёфта то имрӯз дар забони тоҷикӣ истифода мешаванд (**ангишт, болор, бунёд, гирдбод, кох, нажод, обод, обканд, паст, тороҷ,**

тундар, фартут, хорпушт, чуст, оранҷ «бандгоҳи даст бувад миёни соид ва бозу», **лунҷ** «беруни рӯй бошад», **кунҷ** «чун гӯша бошад дар ҷойе», **санглох** «замини сангистон бувад», **кифт** «китф бувад, яъне дӯш», **хусур** «падари зан бошад», **сипор** «говоҳан, ки замин шикофанд» ва ғайра).

Дар луғатнома калимаҳои зебое ҳам мавҷуд аст, ки бо гузашти асрҳо аз доираи истеъмол берун мондаанд. Ба андешаи мо, муҳаққиқони моро зарур аст, ки чунин калимаҳоро гирдоварӣ намуда, барои вобаста ба рӯҳи давру замон ба маънии мафҳумҳои нав корбаст намудани онҳо тадбирҳои мушаххас андешанд. Масалан: калимаҳои «пешкор» ва «пешёр», ки устод Рӯдакӣ дар байти зер истифода кардааст:

Бахту давлат чу **пешкор**и туанд,

Нусрату фатҳ **пешёр**и ту бод.

Дар «Луғати фурс» номҳои зиёди шахсиятҳои таърихӣ ва асотирӣ, номҳои ҷуғрофӣ, номи набототу ҳайвонот ва ғайра гирд оварда шудаанд. Илова бар ин, муаллифи луғатнома хоси ин ё он маҳал ё лаҳҷае будани бархе аз ин калимаҳоро таъкид кардааст, аз ҷумла дар шарҳи калимаи «пӯшак» мегӯяд, ки «ба забони Мовароуннаҳр гурба бувад».

Гуфтан мебояд, ки аксари фарҳангу луғатномаҳои баъдии забони мо бо пайравӣ ба «Луғати фурс»-и Асадии Тӯсӣ ба миён омадаанд. Усули таҳияи китоби муътабари луғати забони модарии мо «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (Маскав, 1969) низ то ҷойе ба ҳамин луғатнома асос ёфтааст.

Асадии Тӯсӣ ҳамчунин аз хаттотони камназир аст ва яке аз нусхаҳои китоби дорушиносии «ал-Абния ан-ил-ҳақоиқ-ил-адвия»-и Муваффақи Ҳиравӣ, ки ба забони дарӣ таълиф гардида, хушбахтона, то замони мо расидааст, бо хати зебои Асадии Тӯсӣ китобат шудааст.

Дар охирҳои асри ёздаҳ ва ибтидои асри дувоздаҳи милодӣ шоирони соҳибзавқу соҳибсабке, мисли Масъуди Саъди Салмон, Абулфарачи Рунӣ, Саноӣ ва Саидҳусайни Ғазнавӣ бо сабку услуби хос ба майдони адабиёт қадам ниҳоданд, ки сабку услуби офариниши онҳо дар асрҳои баъдӣ мавриди тақлиди шоирон қарор гирифт.

Дар ҳамин айём дар шимоли ғарбии Эрон шоирону суханварони маъруфе, ба мисли Қивомии Ганҷавӣ, Ҳоқонии

Шервонӣ ва Низомии Ганҷавӣ ба майдон омаданд, ки бо сурудаҳои хеш ганҷинаи пурғановати забону адаби моро боз ҳам ғанитар ва сарватмандтар намуданд.

Афзалуддин Бадил ибни Алӣ ибни Усмони Ҳақоиқии Шервонӣ (вафот 1163), ки ба тахаллуси Хоқонӣ ва лақаби Ҳассони Аҷам машҳур аст, дар хонаводаи падари эрониасл ва модари румӣ по ба олами ҳастӣ ниҳод. Вай тахаллуси шоирии худро аз номи хоқон Манучеҳр ибни Шервоншоҳ, ки солҳо дар ҳалқаи дарбориёни ӯ ва писараш қарор дошт, гирифтааст.

Хоқонӣ аз бузургтарин қасидасароёни адабиёти мо шинохта шудааст. Яке аз қасидаҳои ӯ ба тавсифи Мадоин дар наздикии Бағдод ва таассуф аз харобаҳову вайронаҳои ин шаҳр бахшида шудааст, зеро замоне ин шаҳр пойтахти давлатҳои бузургу муқтадири эронии Ашкониён ва Сосониён буд. Ин қасида аз шоҳкорҳои забону адаби форсӣ маҳсуб мешавад ва аз мавҷудияти ангезаи шуубия ва рӯҳияи баланди ватанхоҳӣ дар ниҳоди гӯяндаи он дарак медиҳад:

Ҳон, эй дили ибратбин, аз дида ибар кун, ҳон
Айвони Мадоинро оинаи ибрат дон.
Як раҳ зи лаби Диҷла манзил ба Мадоин кун,
В-аз дида дувум Диҷла бар хоки Мадоин рон.
Худ Диҷла чунон гиряд, сад диҷлаи хун, гӯйӣ
К-аз гармии хунобаш оташ чакад аз мижгон…
Гӯйӣ, ки нагун кардаст айвони фалаквашро,
Ҳукми фалаки гардон ё ҳукми фалакгардон…
Маст аст замин, зеро хӯрдаст ба ҷойи май,
Дар каъси сари Ҳурмуз хуни дили Нушервон.

Ҳамчунин марсияҳои Хоқонӣ, ки бар сӯги фарзанди дилбандаш сурудааст, ҷонсӯзтарин марсияҳо ба забони тоҷикӣ шинохта шудаанд:

Сари тобути маро бозгушоед ҳама,
Худ бубинеду ба душман бинамоед ҳама.
Бар сари сабзаи боғи рухи ман кабкмисол,
Зор нолед, ки кабкони сароед ҳама…
Эй, табибони ғалатгӯй, чӣ гӯям, ки шумо,
Номуборакдаму носоздуоед ҳама.

Чунон ки аз пораҳои шеърии боло ба мушоҳида мерасад, Хоқонӣ илова бар фасоҳату расоии баён дар сохтану корбаст ва

ифодаи калимаҳои мураккаб аз қабили **ибратбин, хуноб, фалакгардон** (яъне, гардонандаи фалак, худованд), **кабкмисол, ғалатгӯй, номуборакдам, носоздуо, дилнавоз, беморнавозӣ, наврӯзиқо, беморпараст, ёвасаро, каромотфурӯш, ҷигарташна, тангҳавсала, мавҷзан, ваҳшатфизо, нодилкушо, хунбаҳо, сокиннамо, сабзҷо, зулматфизо, ҳоҷатраво, кудуратзудо, меҳрозмо, аҷсодзо** ва ғайра маҳорат ва устодии комил дорад.

Дигар аз шоирони бузурги ин давра ҳаким Низомии Ганҷавӣ маҳсуб мегардад.

Ҳаким Абумуҳаммад Илёс ибни Юсуфи Низомии Ганҷавӣ (1141-1209) аз бузургтарин устодони забону адаби тоҷикӣ-форсист, ки дар шаҳри Ганҷа ба дунё омад ва тақрибан тамоми умри пурбаракати худро дар ин шаҳр ба сар бурд ва саранҷом дар ҳамин шаҳр ба олам падруд гуфт.

Ба ғайр аз девони қасоид ва ғазалиёт, хамса, яъне маснавиҳои панҷгонаи ӯ «Махзан-ул-асрор», «Хусрав ва Ширин», «Лайлӣ ва Маҷнун», «Ҳафт пайкар» ё «Баҳромнома» ва «Искандарнома», ки аз ду бахш «Шарафнома» ва «Иқболнома» иборат аст, дар забону адаби тоҷикӣ-форсӣ ба ӯ шуҳрати ҷовидон бахшидаанд. Баъд аз Низомӣ бо тақлиду пайравӣ аз ӯ дар адабиёти тоҷикӣ хамсасароӣ ба ҳукми анъана даромад ва садҳо хамса офарида шуд, ки аз он миён хамсаи Амир Хусрави Деҳлавӣ ва «Ҳафт авранг»-и Абдураҳмони Ҷомӣ афзалият доранд.

Забони шеъри Низомӣ ниҳоят содаву равон ва саропо пур аз таркибҳои наву тавсифҳои зебову дилорост:

Ин чӣ забону чӣ забондонӣ аст?
Гуфтаву ногуфта пушаймонӣ аст…
Чун хиҷилам аз сухани хоми хеш,
Ҳам ту биёмурз ба инъоми хеш.
Пеши ту гар бесару пой омадем,
Ҳам ба умеди ту Худой омадем.

Низомӣ аз зумраи он бузургони забону адаби мост, ки мардумро ҳамвора ба хештаншиносӣ ва талаби илму дониш фаро мехонад:

Дониш талабу бузургӣ омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз…
Дар ҷадвали ин хати қиёсӣ,
Мекӯш ба хештаншиносӣ.

Ташреҳи ниҳоди худ даромӯз,
К-ин маърифатест, хотирафрӯз…
Мебош табиби исавиҳуш,
Аммо на табиби одамикуш…
Полонгарӣ ба ғояти худ
Беҳтар зи кӯлоҳдӯзии бад.

Завқи салиму салиқаи баланди Низомӣ дар калимасозиву ибораороии дарӣ ва корбасти калимаҳову таркибҳо аз номи маснавиҳояш «Баҳромнома», «Ҳафт пайкар», «Искандарнома», «Шарафнома», «Иқболнома» ва дар матни батни бештари ашъораш, аз қабили **забондонӣ, хештаншиносӣ, дардситонӣ, дармондеҳӣ, коркушо, дароздастӣ, фармондеҳӣ, ташреҳи ниҳод, маърифати хотирафрӯз, полонгарӣ ба ғояти худ, кулоҳдӯзии бад, хушнудии дилҳо, сояи хуршедсаворон, ранҷи худу роҳати ёрон, гунбади гарданда, тани нозуки қасабпӯш, тори қасаб, ҳасткуни асоси ҳастӣ, донои буруниву дарунӣ, мақсуди дили ниёзмандон, сурмакаши баландбинон** ва ғайра ошкор мегардад.

Хотирнишон бояд кард, ки дар амри густариши забони тоҷикӣ **ҷараёни тасаввуф**, ки аслан дар асрҳои VIII-IX милодӣ падид омада, дар асрҳои X-XII ба авҷи аълои худ расид, нақши муҳим дорад. Сӯфиён асарҳои худро ба ин забон таълиф намуда, дар зовияву хонақоҳҳо ба пайравону иродатмандони худ бо ҳамин забон суҳбат мекарданд. Дар натиҷа, дар бораи усули тасаввуф ва ирфон, ҳамчунин дар бобати шарҳи аҳволи аҳли тасаввуф чандин китоби муътабар, аз қабили “Асрор ут-тавҳид”-и Муҳаммад ибни Мунаввар (набераи Абусаиди Абулхайр), “Кашф-ул-маҳҷуб”-и Ҳуҷвирӣ, “Тазкират-ул-авлиё”-и шайх Аттор ва ғайра ба миён омад.

Дар баробари осори насрии сӯфия, осори гаронқадри манзум низ, дар мисоли сурудаҳои ҳаким Саноии Ғазнавӣ ва шайх Аттори Нишопурӣ падид омад ва тасаввуфи исломӣ бо забони тоҷикӣ пайрезӣ гардид. Ба баёни дигар, забони тавонманди тоҷикӣ бо имконоти худ тавонист олитарин ва нозуктарин мафҳумҳои ирфониро дақиқан баён намояд ва дар мақоми забони тасаввуфи исломӣ баргузида шавад.

Шайх Фаридаддини Аттор (1142/43-1229/30) дар баробари ҳаким Саноӣ ва Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аз бузургтарин шоирони тасаввуфу ирфон шинохта шудааст. Тахаллуси

шоирии худро аз касби падараш, ки ба атторию доруфурӯшӣ машғул буд ва худаш низ дар ибтидо аз ҳамин пеша нон мехӯрд, гирифтааст. Шайх Аттор аз иродатмандони шайх Наҷмиддини Кубро ва аз устодони мактаби ҳанафия буд. Қисмати манзуми "Чаҳор китоб", ки дар байни мардуми тоҷик маҳбубияти фаровон дорад ва китоби таълимии мазҳабӣ ба шумор меравад, ба қалами Шайх Аттор мансуб дониста мешавад.

Мегӯянд, ки ҳангоми аз Балх ба Осиёи Сағир рахти иқомат кашидани Баҳоуддин Валад дар Нишопур бо Шайх Аттор мулоқот кард ва писари хурдсолаш Ҷалолиддин ҳамроҳи ӯ буд. Шайх Аттор дар симои Ҷалолиддини хурдсол бузургӣ дарёфт ва нусхае аз "Асрорнома"-и худро ба вай дод ва ба падараш Баҳоуддин Валад гуфт, ки ин кӯдак: "зуд бошад, ки оташ андар сӯхтагони олам занад".

Мавлоно Ҷалолиддин ба ашъори Аттор сахт муътақид буд ва сухани ӯро арҷ мениҳод:

Ман он Мавлои Румиам, ки аз табъам шакар резад,
Валек андар сухан гуфтан ғуломи Шайхи Атторам.

Аттор дар назму наср осори зиёд дорад ва муҳимтарин осори манзуми ӯ "Девони қасоиду ғазалиёт", "Мантиқ-ут-тайр", "Хусравнома", "Мусибатнома", "Илоҳинома", "Асрорнома", "Мухторнома", "Футувватнома" ва асари насрии маъруфи ӯ "Тазкират-ул-авлиё" мебошад.

Забони шеъри ӯ дар ниҳояти содагӣ ва равонист:

Надорад дарди мо дармон, дареғо,
Бимондам бесару сомон, дареғо.
Дар ин ҳайрат фалакҳо низ дерест,
Ки мегарданд саргардон, дареғо...
Фурӯ мондам дар ин роҳи хатарнок,
Чунин зору чунин ҳайрон, дареғо.
Чу на ҷонон бихоҳад монд, на ҷон,
Зи ҷон дардову аз ҷонон дареғо...
Ҳама ёрон ба зери хок рафтанд,
Ту хоҳӣ рафт чун эшон, дареғо.

Чунон ки ба мушоҳида мерасад, забони шеъри Аттор сода ва зебост ва дар сурудаҳои Аттор калимоту таркибҳои душвор қариб ба назар намерасанд. Аз ин хотир, баъзе аз сурудаҳои ӯ,

аз ҷумла қисматҳои манзуми “Чаҳор китоб” имрӯз дар Тоҷикистон вирди забонҳост.

Пойтахти Салҷуқиёни Рум шаҳри Қуния буд. Подшоҳони ин хонадон дар ривоҷи забони тоҷикӣ дар Осиёи Сағир мусоидат намуданд ва шаҳри Қуния ба маркази бузурги забону адаби тоҷикӣ табдил ёфт. Ҳамчунин дар остонаи ҳамлаи муғул як идда донишмандон, аз қабили Баҳоиддин Валад, Саиди Тирмизӣ, Шамси Табрезӣ ва дигарон ба ин шаҳр паноҳ бурданд.

Мавлоно Баҳоиддин Валад бо сабаби ихтилофи назар, ки бо устоди рӯҳонии Муҳаммади Хоразмшоҳ – Фахриддини Розӣ дошт, дар остонаи ҳамлаи муғул маҷбур шуд, бо баҳонаи сафари ҳаҷ Балхро тарк намуда, баъди чанд соли мусофират бо даъвати Султон Алоиддини Кайқубоди Салҷуқӣ дар шаҳри Қуния маскан гузид ва то охири умр ба иршоду дастгирии муридону шогирдон машғул гардад.

Писари Баҳоиддин Валад – **Мавлоно Ҷалолиддини Балхии Румӣ** (таваллуд 1209), ки дар ҷумлаи маъруфтарин устодони забону адаби тоҷикӣ ва шоирони бузурги ҷаҳон қарор дорад, дар ҳамин шаҳр калон шуд, илм омӯхт, мударрисӣ кард, ваъз гуфт, ба тоҷикӣ ашъори ҷовидонӣ суруд ва дар пиронсолӣ дар ҳамин шаҳр вафот кард.

Мулоқоти Мавлоно Ҷалолиддин бо орифи маъруф Шамси Табрезӣ дар ҳамин шаҳр сурат гирифт ва бар асари ин мулоқот Мавлоно тарки маснади ваъзу мадраса кард ва ба сурудани шеър пардохт. Девони ӯ, ки бо номи “Куллиёти Шамси Табрезӣ”, “Девони Шамс” ва “Девони Кабир” машҳур аст, аз шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳон маҳсуб мешавад. Мавзӯи асосии ашъори Мавлоно ҷустуҷӯ ва дарёфти инсони комил аст, ки бо ширинтарин лаҳн ва беҳтарин шеваи ифодаву баён дар осори ӯ тасвир ёфтааст:

Бинмой рух, ки боғу гулистонам орзуст,
Бикшой лаб, ки қанди фаровонам орзуст.
Эй офтоби ҳусн, бурун о даме зи абр,
К-он чеҳраи мушаъшаи тобонам орзуст...
Валлаҳ, ки шаҳр бе ту маро ҳабс мешавад,
Оворагии кӯҳу биёбонам орзуст.
З-ин ҳамраҳони сустаносир дилам гирифт,
Шери Худову Рустами Дастонам орзуст...

Дӣ шайх бо чароғ ҳамегашт гирди шаҳр,
К-аз деву дад малуламу инсонам орзуст.

Мавлоно асари дигари маъруфи худ “Маснавӣ”-ро, ки Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ онро “Қуръон дар забони паҳлавӣ” (тоҷикӣ) мехонад, бо дархости яке аз муридонаш Ҳусомиддини Чалабӣ ба ёди Шамси Табрезӣ сурудааст. Ба ин маънӣ, ки Мавлоно абёти “Маснавӣ”-ро бадоҳатан месуруд ва Ҳусомиддини Чалабӣ менавишт ва ин гуфтану навиштан гоҳ то субҳ идома меёфт, чунон ки дар ин бобат дар худи “Маснавӣ” ишора рафтааст:

Субҳ шуд, эй субҳро пушту паноҳ,
Узри махдумӣ Ҳусомиддин бихоҳ.

“Маснавӣ” аз шаш дафтар иборат аст ва 25 600 байтро дар бар мегирад. Забони баёни ашъори Мавлоно, аз ҷумла шеваи баёни “Маснавӣ” содаву равон ва рангину ширин аст. Аз ин ҷост, ки бархе намунаҳои ашъори ӯ ба фарҳанги мардум ворид шудаанд ва ба сифати панду андарз ва зарбулмасалу мақол дар рӯзгори ҳамарӯза истифода мешаванд:

Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад,
Аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.
К-аз найистон, то маро бибридаанд,
Аз нафирам марду зан нолидаанд.
Сина хоҳам шарҳа-шарҳа аз фироқ,
То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.
Ҳар касе к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.

Мавлоно дар калимасозӣ ва иборабандӣ маҳорату устодии комил дорад. Муҳаққиқон фаровонии калимасозӣ бо пешванду пасвандро дар осори ӯ таъкид кардаанд. Аксари пешванду пасвандҳои калимасоз, аз қабили пешвандҳои **во-, но- (на-), бе-** пасвандҳои **-ак, -вор, -гар, -гарӣ, -гоҳ (-гаҳ), -истон, -ӣ, -када, -она, -ча** ва ғайра, ки Мавлоно дар сохтани калимаҳо аз онҳо истифода кардааст, то ба имрӯз дар забони мо ҷорӣ мебошанд.

Масалан, калимаҳои “беназир” ва “бенадид”(диданашуда):

Батни чорум аз набӣ худ кас надид,
Ҷуз худои **беназир**и **бенадид**.

вожаҳои “напояд” ва “ноусто”:

Ӯ **напояд** пеши ҳар **ноусто**,

Ҳамчу товусе ба хона(й) русто.
калимаҳои “хасона” (монанди хас), “софӣ” ва “беизтироб”:
Хас **хасона** меравад бар рӯйи об,
Оби **софӣ** меравад **беизтироб**.
калимаи сохтаи “найистон”:
К-аз **найистон** то маро бибридаанд,
Дар нафирам марду зан нолидаанд.
калимаҳои сохтаи “айбистон” ва “ғайбистон”:
З-он, ки ними ӯ зи **айбистон** бувад,
В-он дигар нимаш зи **ғайбистон** бувад.

Баъзе аз муҳаққиқон дар хусуси калимасозии Мавлоно бо пасванди **-лон**, ки шояд гунаи таҳрифшуда ё маҳаллии пасванди **-дон** ба маънии макон ва фаровонӣ аст, дар се калима (**тарёклон, намаклон** ва **маънилон**) изҳори назар кардаанд:

Дар **намаклон** чун хари мурда фитод,
Он хариву мурдагӣ як сӯ ниҳод.

Дар ин байт калимаи “намаклон” эҳтимол ба маънии кони намак ё замини шӯра корбаст шудааст ва **намаклон** аслан **намаккон** аст. Вале азбаски ташдиди ҳарфи “к”, яъне дар як калима паси ҳам ду бор такрор омадани ин ҳарф талаффузи калимаро душвор мегардонад, Мавлоно онро дар шакли “намаклон” овардааст.

Калимасозии мураккаб низ дар осори Мавлоно доираи корбурди фаровон дорад. Масалан, калимаҳои мураккаби “аввалбин” ва “охирбин”:

Ҳар ки **аввалбин** бувад, аъмо бувад,
Ҳар ки **охирбин**, чӣ бомаъно бувад.

Калимаҳои мураккаб аз қабили **айбчин, бадҳол, бимдил, борикҳарф, дамсоз, даҳдила, девмардум, дӯзахгулӯ, гадочашм, гумонангез, ғалатафкан, зиндасухан, ишқомез, кажумед, куҳнаомӯз, нонкӯр, нонхоҳ, нонхӯриш, обкӯр, оташзана, охирандеш, поймард, поймузд, пурқанд, пурхун, садсола, саргузашт, сиёҳахтар, суханкаш, суханкуш, суханобод, талхгавҳар, хатнасур, хирасар, хомриш, хурдабин, хушҳол, ширгарм, шишадил, чӯшочӯш, якрӯза** ва ғайра, ки эҳтимол баъзе аз инҳо сохтаи завқи худи Мавлоно бошад, дар осори ӯ зиёд ба назар мерасанд.

Аз вижагиҳои наҳвии хоси забони сурудаҳои Мавлоно такрори чандинбораи як калима ба вазифаи муайяншаванда ва мухотаб мебошад:

Аз ҳама авҳому тасвирот дур,
Нури **нур**и **нур**и **нур**и **нур**и **нур**.

ё:

Кору боре, ки надорад пову сар,
Тарк кун, **эй пирхар**, **эй пирхар**.

Вале дар сурудаҳои Мавлоно ин такрорҳо танҳо сурати такрор доранд ва дар маъно такрор нестанд. Ба чашми нуктабини нуктасанҷ чунин такрорҳо тозагӣ ва навгониҳои назаррас доранд.

Забони “Маснавӣ” саршор аз қолабу таркибҳои забони зиндаи мардум буда, имрӯз низ барои аксарият қобили фаҳму дарк аст. Ин нукта, ки Мавлоно зодаю парвардаи обу хоки Хуросону Мовароуннаҳр аст ва сурудаҳои ӯ саршор аз таъбиру ибора ва калимаю вожаҳои хоси ин диёр ва забони тоҷикист, ҷойи баҳс надорад. Мавлоно дар корбасти калимаю таркибҳои гуфтугӯйии мардум ва ибораҳои рехтаи ин марзу бум маҳорати хос дорад. Дар ашъори ӯ калимаҳои гуфтугӯйии тоҷикӣ, аз ҷумла: **берӯзӣ** (бенасиб, бетақдир, маҷозан муфлис), **додар, даҳкаса, гӯлак** (кӯдак), **шӯ, чоруқ, потоба, курта, пӯстин, хатнасур, бангӣ, ганда, токӣ, кампир, ҳамшира, карч, моч** (бӯса), **гаргин, хап, шал, ширгарм, шарфа** (садои по мондан), **фарбеҳ, усто, ҷувол, савдо** (хариду фурӯш), **савдогар** (тоҷир, харидор, фурӯшанда), **нағз, полез** (ҷойи коридани сабзавот), **чирк** (маҷозан пору), **тағор**(а), **истонидан** (боз доштан, таваққуф кардан), **мунгидан** (нимғурма чизе гуфтан ё хондан), **лат кардан** (задан)... ва ибораҳои рехта, ба монанди: **боди бурут**, **бӯ набурдан**, **сар хоридан**, **лаб газидан**, **нафас бастан, ҳаво гирифтан, даст шустан, хоб дар чашм ҳаром кардан, даҳон боз мондан, бод паймудан, остин афшондан** ва ғайра истифода шудаанд. Барои намуна дар зер чанд байт, ки дар онҳо калима ва ибораҳои гуфтугӯйии тоҷикӣ истифода шудаанд, зикр мегардад:

Ҳар ки ҷуз моҳӣ зи обаш сер шуд,
Ҳар ки **берӯзи**ст, рӯзаш дер шуд.

Он Зиёулҳақ, ки хушилҳом буд,
Додари он тоҷи шайхислом буд.

Мешавад з-илҳомҳову васваса,
Ихтиёри хайру шарти **даҳкаса**.

Чоруқат рабъи кадомин осаф аст,
Пӯстин гӯйӣ, ки **куртай** Юсуф аст.

Мурда пеши ӯ кашӣ зинда шавад,
Чирк дар **полез** рӯянда шавад.

Ё ибораи “боди бурут”, ки ба маънои ғуруру такаббур ва худнамоист ва дар “Маснавӣ” чунин корбаст шудааст:

Кист он золим, ки аз **боди бурут**,
Зулм кардасту харошидаст рӯт.

Мавлоно дар “Маснавӣ” ҳамчунин таркиби гуфтугӯйии “чоруқу потоба”-ро, ки дар забони тоҷикӣ маъмул аст, чунин ифода кардааст:

Чоруқу потоба лоиқ мар турост,
Офтоберо чунинҳо кай равост?

Таркиби гуфтугӯйии “хари аҳмақ” низ, ки дар тоҷикӣ маъруф аст, дар байти зер чунин қаламдод шудааст:

Ту, **хари аҳмақ**, зи андакмоягӣ,
Бар замин мондӣ, зи кутаҳпоягӣ.

Ба андешаи муҳаққиқон, забони ғанӣ ва рангини “Маснавӣ” камназир аст. Дар баробари корбурди вожагону калимаҳои ноби забони модарӣ Мавлоно аз калимоту таъбироти арабию туркию юнонӣ низ фаровон истифода бурдааст. Ҷаҳони ҷовидони каломи “Маснавӣ” бо вуҷуди таҳқиқоти доманадор ҳанӯз ҷанбаҳои зиёди наомӯхта дорад ва ба таҳқиқи ҷиддию амиқ ниёзманд аст.

Аз Мавлоно Ҷалолиддин чанд асари насрӣ низ боқӣ мондааст, ки муҳимтарини онҳо “Фиҳи мо фиҳи” мебошад. Метавон гуфт, ки дар ин асар фикру андешаҳои дар “Маснавӣ”

дар либоси назм баёнгардида ба тариқи наср содатар ва равшантар тафсир шудаанд. Таҳқиқи густурдаи забони осори безаволи назму насри Мавлоно барои аз нав зинда кардани вожагону калимаҳо ва таъбирҳои ноби тоҷикӣ ва мавриди истифодаи ҳамагон қарор додани онҳо аҳамияти зиёд дорад.

Муассиси давлати Салҷуқиёни Шом Таниш ибни Алп-Арслон буд, ки дар Сурия салтанат доштанд. Саҳми ин давлат дар ривоҷу равнақи забону адаби тоҷикӣ-форсӣ дар Сурия назаррас аст, вале, мутаассифона, аз намунаҳои назму насри форсии ин аҳд дар ин сарзамин маълумоти кофӣ дар ихтиёр надорем.

Дар ин аҳд осори зиёди насрӣ ҳам ба забони тоҷикӣ-форсӣ таълифу тадвин гардиданд, ки дар байни ин осор “Сафарнома”-и Носири Хусрав, “Сиёсатнома”-и Низомулмулк, “Наврӯзнома”-и Умари Хайём, “Кимиёи саодат” ва “Насиҳат-ул-мулук”-и Муҳаммади Ғазолӣ, “Форснома”-и Ибни Балхӣ, “Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас”-и муаллифи ношинохта, тарҷумаву талхиси “Таърихи Бухоро”-и Абубакри Наршахӣ, “Тазкират-ул-авлиё”-и Фаридаддини Аттор ва ғайра вобаста ба сабки нигориш ва тарзи ифодаву баён аз аҳамияти вижа бархурдоранд.

Шоистаи зикр аст, ки “Сафарнома” дар қиёси осори дигари насрии Носири Хусрав, аз қабили “Ҷомеъ-ул-ҳикматайн”, “Зод-ул-мусофирин”, “Хони ихвон”, “Ваҷҳи дин”, ки осори фалсафӣ буда, дар онҳо истилоҳоти фаровони фалсафӣ ба мушоҳида мерасад, бо забони шево ва ширину рангин таълиф шуда, дар хусуси сафари ҳафтсолаи ӯ ба ҷониби Маккаву Миср нақл мекунад. Барои намуна аз оғози ин китоб порчаеро манзури хонанда мегардонем:

“Чунин гӯяд Абумуин Ҳамидуддин Носир ибни Хусрави Қубодиёнии Марвазӣ..., ки ман марде дабирпеша будам ва аз ҷумлаи мутасаррифон дар амволу аъмоли султонӣ ва ба корҳои девонӣ машғул будам ва муддате дар он шуғли мубошират намуда, дар миёни акрон шуҳрате ёфта будам. Дар рабеъулохири санаи сабъ ва сулсин ва арбаамия (437/1046), ки амири Хуросон Абусулаймон Ҷағрибек Довуд ибни Микоил ибни Салҷуқ буд, аз Марв бирафтам, ба шуғли девонӣ ва ба панҷ деҳи Марвурруд фуруд омадам, ки дар он рӯз қирони

Раъсу Муштарӣ буд. Гӯянд, ки ҳар ҳоҷат, ки дар он рӯз хоҳанд, борӣ таоло ва тақаддус раво кунад, ба гӯшае рафтам ва ду ракъат намоз бикардам ва ҳоҷат хостам, то Худои таборак ва таоло маро тавонгарии ҳақиқӣ диҳад. Чун ба наздики ёрон ва асҳоб омадам, яке аз эшон шеъре порсӣ мехонд, маро шеъре дар хотир омад, ки аз вай дархоҳам, то ривоят кунад, бар коғазе навиштам, то ба вай диҳам, ки ин шеър бархон, ҳанӯз бад-ӯ надода будам, ки ӯ ҳамон шеър биайниҳи оғоз кард, то он ҳол ба фоли нек гирифтам ва бо худ гуфтам, Худои таборак ва таоло ҳоҷати маро раво кард".[414]

Дар порчаи зикргардида ибораи "қирони Раъсу Муштарӣ", яъне ба ҳам наздик омадани Раъси Саратон ё Раъси Ҷадӣ ва сайёраи Муштарӣ истилоҳи нуҷумии қадим, ба маънии қирони саъд аст, ки гувоҳ бар дониши хуби нуҷумии Носири Хусрав мебошад.

Дар "Сафарнома" калимаҳои зебои фаровон, аз қабили **дабирпеша** (он ки шуғлаш дабирӣ бошад), **саробӯстон** (боғи дорои хона, боғчаи хона), **корез** (ҷӯйи зеризаминӣ), **бордон** (зарфи боргирӣ), **обгина** (булӯр), **сафолина** (зарфи сафолӣ), **осиёгард** (обе, ки тавони гардондани санги осиёро дорад), **чак** (санад) ва ғайра ба кор бурда шудаанд, ки имрӯз низ имкон дорад, баъзе аз ин калимаҳо, масалан: **корез, саробӯстон, бордон, чак**... дар ифодаи мафҳумҳои нави ба онҳо наздик мавриди истифода қарор дода шаванд.

Афкори забоншиносии Абуалӣ Сино дар таълифоти донишмандони дигари форсу тоҷик, аз ҷумла Носири Хусрав, густаришу идома ёфт. Баҳси забоншиносии Носири Хусрав низ баҳси сирфи забоншиносӣ набуда, балки дар заминаи афкори фалсафиаш сурат гирифтааст[415].

Аз рӯйи баъзе қайду ишораҳои ӯ дар асарҳои фалсафиаш метавон итминон ҳосил кард, ки вай аз бахшҳои гуногуни илми забоншиносӣ огоҳии комил дошта, ба манбаъҳои назарии ин илм ошно будааст. Ӯ дар тавзеҳи масъалаҳои марбути забоншиносӣ ҳатто аз каломи мавзун ҳам истифода кардааст:

---

[414] Носири Хусрав. Сафарнома.- Душанбе, 1970. – С.7.

[415] Дар ин бора муфассал нигаред: Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI. – Душанбе, 2013. – С. 104-114.

Мушк бошад лафзу маънӣ – бӯйи ӯ,
Мушки бебӯ, эй писар, хокистар аст.

Андешаҳои забоншиносии ин файласуф бештару беҳтар дар асарҳои ӯ «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Зод-ул-мусофирин» ва «Хон-ул-ихвон» баён гардидааст.

Мо андешаҳои ин донишманди маъруфро доир ба илми забоншиносӣ ба асоси «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн»-и ӯ баррасӣ менамоем.

Баҳси ҷолиби таваҷҷуҳи Носири Хусрав дар «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» дар шарҳи нутқ, калом ва қавл дида мешавад.

Носири Хусрав кӯшиш кардааст, ки тафовут ва моҳияти нутқу калом ва қавлро равшан созад. Вай чунин меорад: «Нутқ мар нафси нотиқаро сифате ҷавҳарӣ аст ва он мафҳум аст ва мафъул, на махсус аст ва на мушор. Ва қавл аз нутқ асар аст ва бар ӯ далел аст. Чунон ки чу мо кӯдаки хурд бинем ширхора гӯем, ки мар ӯро нутқ аст, бе он ки аз ӯ қавле шунида бошем, албатта…

Пас, нутқ на тозӣ ва на порсӣ ва на ҳиндӣ ва на ҳеҷ луғате, бал қуввате аст аз қувваҳои нафси инсонӣ, ки мардум бад он қувват маъниеро, ки андар замири ӯ бошад, ба овозу ҳуруф ва қавл ба дигарӣ битавонад расонидан: Пас, мар он қувватро, ки ин феъл аз ӯ ояд, нутқ гуфтанд ҳукамои дин ва фалсафа».[416]

Аз ин тавзеҳи муҳаққиқ маълум аст, ки аз назари Носири Хусрав, нутқ чизест, ки мансуби ҳама инсонҳост, сарфи назар аз мансубияти ирқу нажод, аммо қавлу калом дар ҳар халқу миллате хусусиятҳои фарқкунандаи сохторӣ дорад.

Дар мавриди калом ҳам андешаҳои вай ҷолиби таваҷҷуҳанд. Маълум аст, ки калом ҳам дар шакли шифоҳӣ ва ҳам китобӣ воқеияти забонист. Калом воҳиди нисбатан тамомест, ки аз маҷмӯи ҷумлаҳо (ба истилоҳи Носири Хусрав қавл) ташкил мешавад. Дар сохтори калом ҷумлаҳо саҳми муҳим доранд ва мазмуну моҳияти калом ба мазмуни қавлҳо вобастагӣ дорад, ки ин муносибати онҳоро Носири Хусрав хеле возеҳ баён кардааст.

Бисёр ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Носири Хусрав се замони амалро ба мисолҳои мушаххас таъкид кардааст: «Замон ба се

[416] Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн, ҷ.1. - Душанбе, 1991. – С.136.

қисм аст: яке ҳозир, чу **имрӯз** ва **ин соат**. Ва дигар гузашта, **ди** ва **парер**. Ва се дигар оянда, чун **фардо** ва **пасфардо** ва чизҳои замонӣ низ бад ин се қисм аст». Муаллиф вобаста ба ҳамин се замон саҳми воситаҳои (қувваҳои) идрокро чунин муайян менамояд: «Чашм олат аст мар идроки чизеро, ки ҳозир аст имрӯз ва гӯш олат аст мар идроки чизеро, ки дӣ ва парер будааст ва гузаштааст ва фикрат олат аст мар идроки чизеро, ки фардо ва пасфардо хоҳад будан».[417]

Ӯ инчунин дар «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» ном асараш, ки таълифи намоёни ӯ дар илми фалсафа маҳсуб мешавад, ба қавли файласуфи Юнони қадим Арасту такя карда анвои суханро ин тавр муайян кардааст, ки ҳадафи ин гуфта низ таъкиди саҳми маърифатии сухан, яъне ҷумла, аст:

Сухан чаро ки чаҳор аст: амру боз нидо,
Се дигараш хабар асту чаҳорум истихбор.

Дар «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» масъалаҳои марбути илми забоншиносӣ дар заминаи баҳсҳои илми мантиқ сурат гирифтааст. Ба ин худи Носири Хусрав низ дар хотимаи китоб ишора мекунад: «Ин қасида он чӣ ба мо расид, ҳаштоду ду байт аст ва андар ӯ наваду як суол аст, чӣ фалсафӣ ва чӣ мантиқию чӣ табиӣ ва чӣ наҳвию чӣ динӣ ва чӣ таъвилӣ».[418]

Ин далели он аст, ки донишмандони асримиёнаи форсу тоҷик аксари масъалаҳои илми забоншиносиро мисли дигар бахшҳои илм дар иртибот бо заминаҳои пайдоиш, мавқеи онҳо дар маърифати олам, дар пайвастагӣ бо категорияҳои фалсафӣ тадқиқ мекарданд…

Ба ҳамин тариқ, чунон ки аз тавзеҳи андешаҳои забоншиносии Носири Хусрав аён гардид, ин донишманди маъруф дар устувор гардидани бисёр истилоҳоти забоншиносӣ ва назарияву амалияи аксари мавзӯъҳои марбути ин илм саҳми муҳим гузоштааст. Вай дар шарҳи аксари ҳодисаҳои забоншиносӣ мисли Абуалӣ Сино аз мавқеи илми фалсафа, алалхусус мантиқ, баҳо додааст.

---

[417] Носири Хусрав. Ҷомеъ-ул-ҳикматайн, ҷ.1. - Душанбе, 1991. – С.177.
[418] Ҳамин асар. – С. 214.

Чунон ки аз тавзеҳи андешаҳои забоншиносии Носири Хусрав аён мегардад, ин донишманди ҳамадон дар устувор гардидани бисёр мафҳумҳову истилоҳоти забоншиносӣ, таҳлилу таҳқиқи мавзӯъҳои мухталифи забоншиносии тоҷику форс хидматҳои арзандаеро ба ҷо овардааст.

Яке дигар аз донишмандони фарзонаи тоҷик, ки бо осори насрии худ дар густариши забони илм нақши барҷаста дорад, Умари Хайём мебошад. Умари Хайём дар табииёт, риёзиёт ва фалсафа рисолаҳое ба тоҷикӣ таълиф кардааст, вале забони баёни рисолаи "Наврӯзнома"-и ӯ аз рисолаҳои дигараш бо содагиву равонии ифода ва фасоҳати сухан фарқ мекунад. Муаллиф дар ин рисола дар бораи Наврӯз ва дигар расму оини подшоҳони Аҷам маълумоти муфид медиҳад. Мо дар зер барои шиносоӣ пайдо кардан бо забони баёни "Наврӯзнома" порчаеро дар хусуси оини подшоҳони Аҷам намуна меоварем:

"... ва дигар оини мулуки Аҷам андар дод додан ва иморат кардан ва дониш омӯхтан ва ҳикмат варзидан ва доноонро гиромӣ доштан ҳиммате азим будааст. Ва дигар соҳибхабаронро дар мамлакат ба ҳар шаҳре ва вилояте гумошта будандӣ, то ҳар хабаре, ки миёни мардум ҳодис гаштӣ (яъне, ба миён меомад), подшоҳро хабар кардандӣ, то он подшоҳ бар муҷиби он фармон додӣ. Ва чун ҳол чунин будӣ, дастҳои татовул (ҷавру зулм) кутоҳ будӣ ва уммол (мансабдорон) бар ҳеч кас ситам наёрастандӣ кардан ва як дирам аз кас ба ноҳақ натавонистандӣ ситадан... ва дигар бар кори иморат азим ҳарису роғиб будандӣ. Ва ҳар подшоҳ, ки бар тахти мамлакат биншастӣ, шабу рӯз дар он андеша будӣ, ки куҷо обу ҳавои хуш аст, то он ҷо шаҳре бино кардандӣ, то зикри ӯ дар ободон кардани мамлакат дар ҷаҳон бимондӣ. Ва одати мулуки Аҷам ва Турку Рум, ки аз нажоди Афредунанд, чунон будаст, ки агар подшоҳе саройе муртафиъ (баланд) бино афкандӣ ё шаҳре, ё деҳе, ё работе, ё қалъае, ё рӯде биронди ва он бино дар рӯзгори ӯ тамом нашудӣ, писари ӯ ва он кас, ки ба ҷойи ӯ биншастӣ бар тахти мамлакат, чун кори ҷаҳон бар вай рост гаштӣ, бар ҳеч чиз чунон ҷид нанамудӣ, ки он бинои нимкардаи он подшоҳ тамом кардӣ, яъне то ҷаҳониён бидонанд, ки мо низ бар ободон кардани ҷаҳону мамлакат ҳамчунон роғибем...

Дигар одати мулуки Ачам он будааст, ки ҳар кас пеши эшон чизе бурдӣ, ё мутрибе суруде гуфтӣ, ё сухане неку гуфтӣ дар маонӣ, ки эшонро хуш омадӣ, гуфтандӣ: *Зеҳ*! Яъне аҳсант, чунон ки *зеҳ* бар забони эшон бирафтӣ аз хазина ҳазор дирам бад-он кас додандӣ ва сухани хуш бузург доштандӣ...”.[419]

Чунон ки аз ин порча ба мушоҳида мерасад, тафовут дар байни забони баёни ин рисола ва тарзи ифодаи имрӯзии забони модарии мо бештар дар корбасти феъл (**гумошта будандӣ, фармон додӣ, гуфтӣ, бирафтӣ, омадӣ, гуфтандӣ, бузург доштандӣ**..., ки имрӯз дар забони модарии мо ба шакли **гумошта буданд, фармон медод, мегуфт, мерафт, меомад, мегуфтанд, бузург медоштанд**... ифода меёбанд) ва калимаҳои арабӣ: **мулук** (подшоҳон), **иморат** (ободонӣ), **уммол** (коргузорон, мансабдорон), **татовул** (ҷавру зулм), **муртафиъ** (баланд) ва ғайра, ки дар аксари осори насрии ин аҳд ҷой дорад, ба назар мерасад.

Вале дар шеваи нигориши дигар рисолаҳои илмии Умари Хайём, аз ҷумла рисолаи фалсафии “Рисолаи вуҷудия” ё “Равзат-ул-қулуб” ва ё рисола «Дар илми куллиёти вуҷуд» ва тарҷумаи форсии рисолаи “ал-Хутбат-ул-ғарроъ”-и Абуалии Сино, ки бо қалами ӯ анҷом пазируфтааст, то андозае печидагӣйӣ ва душворбаёнӣ ба мушоҳида мерасад. Ҳамчунин Умари Хайём ҳарчанд дар баёни матолиби фалсафӣ аз луғоту истилоҳоти форсӣ, ки Абуалии Сино дар “Донишномаи Алоӣ” ва “Меъроҷнома” шояд сохта ва ё ба сифати истилоҳ истифода кардааст, аз қабили **ҷавҳар, ном, қисматпазир, писандида, ҳаётӣ, нестӣ, ҷойгоҳ, ҳамгавҳарон, нопойдарӣ, номӣ** ва ғайра истифода мебарад, вале худаш дар сохтани луғат ва истилоҳоти тоҷикӣ дар ифодаи мафҳумҳои нави илмӣ ба шеваи Абуалии Сино ва ҷонибдорони мактаби вай пайравӣ намекунад. Шояд равияи арабисозии забони илм ва истифодаи фаровон аз истилоҳоти арабӣ дар баёни матолиби илмӣ, ки дар замони зиндагии ӯ қувват мегирифт, монеъ гардид, ки Умари Хайём шеваи луғатсозӣ ва истилоҳофарии бузургоне чун Абуалии Сино ва Абурайҳони Беруниро идома бидиҳад ва дар ин замина комёб гардад.

[419] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби дувум.- Теҳрон, 1345//1967. – С. 444-445.

“Сиёсатнома” ё “Сияр-ул-мулук” асари дигари маъруфи насрии ин аҳд аст, ки Низомулмулки вазир онро бо мақсади нишон додани роҳу расми давлатдории қадими эронӣ барои Ҷалолиддин Маликшоҳи Салҷуқӣ таълиф кардааст ва Муҳаммади Мағрибӣ, ки дабири салтанати хонадони салҷуқӣ буд, пас аз марги Низомулмулк ин китобро тадвин намудааст.

“Сиёсатнома” асари нисбатан бузургҳаҷм аст ва баъзе матолиби “Наврӯзнома”-и Хайём, аз ҷумла расму оини подшоҳони Аҷам дар ин асар бо баёне дақиқтару батафсилтар ва забони фасеҳу ширин ифода ёфтааст. Барои мисол порчаеро аз ин китоб дар хусуси расми сулолаи Сосониён дар зер нақл мекунем:

“... Расми тухмаи Сосониён чунон буд, ки ҳар касе ки пеши эшон сухан гуфтӣ, ё ҳунаре намудӣ, ки эшонро хуш омадӣ ва бар забони эшон бирафтӣ, ки “зеҳ”, дарвақт хазинадор ҳазор дирам бад-он кас додӣ ва мулуки акосира (яъне, хусравон) дар адлу мурувват ва ҳиммат зиёдат аз подшоҳони дигар буданд, хосса Нӯшервони Одил.

Ҳикоят:– гӯянд, рӯзе Нӯшервони Одил барнишаста буд (яъне, савораи асп) ва бо хосагиён ба шикор мерафт ва бар канори деҳе гузар кард, пиреро дид навадсола, ки гавз (чормағз) дар замин менишонд. Нӯшервонро аҷаб омад, зеро ки (пас аз) бист сол гавзи кишта бар медиҳад. Гуфт: “Эй пир гавз мекорӣ?” Гуфт: “Оре”. Гуфт: “Чандон бихоҳӣ зист, ки бараш бихӯрӣ?” Пир гуфт: “Киштанду хӯрдем ва корему хӯранд”. Нӯшервонро хуш омад. Гуфт: “Зеҳ!”. Дарвақт хазинадорро гуфт, то ҳазор дирам бипардозад.

Пир гуфт: “Эй худованд, ҳеч кас зудтар аз банда бари ин гавз нахӯрд”. Гуфт: “Чӣ гуна?” Пир гуфт: “Агар ман гавз накиштаме ва худойгон инҷо гузар накардӣ, он-ч ба банда расид, нарасидӣ ва банда он ҷавоб надодӣ, ман ин ҳазор дирам аз куҷо ёфтаме”. Нӯшервон гуфт: “Зеҳозеҳ!”. Хазинадор дарвақт ду ҳазор дирами дигар бад-ӯ дод. Баҳри он-к ду бор зеҳ бар забони Нӯшервон рафт”.[420]

[420] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби дувум.-Теҳрон, 1345//1967. – С. 479-480.

Чунон ки аз порчаи ёдшуда мушоҳида мешавад, дар ин ҷо дар қиёси “Наврӯзнома”-и Умари Хайём ифодаи феъл ду гуна аст, ҳам шакли дар он рӯзгор маъмули **“гуфтӣ”, “намудӣ”, “омадӣ”, “бирафтӣ”, “нарасидӣ”, “ёфтаме”**... ва ҳам шакли имрӯзии **“мерафт”, “менишонд”, “медиҳад”** ва ғайра.

Ҳамчунин дар “Сиёсатнома” як гурӯҳ калимаҳое мавҷуданд, ки бо гузашти айём аз доираи истеъмол берун мондаанд ё доираи истифодаашон маҳдуд гаштааст, аз ҷумла: феълҳои **шикӯҳидан** (тарсидан), **ёристан** (ҷуръат кардан), **молидан** (танбеҳ додан), **сиголидан** (андешидан, нақшаи пинҳонӣ доштан)... калимаҳои: **макона** (макон, маҳал), **худойгон** (соҳиб, шоҳ), **соҳибхабар** (маъмури ҷосусӣ), **гармгоҳ** (нисфи рӯз, вақти гармо), **дар вақт** (дарҳол), **тухма** (нажод), **пӯшидагон** (занон), **сарпӯшида** (зан), **шикаста** (дараи хурд), **гавз** (ҷавз, чормағз) ва ғайра.

Асари дигари насрие, ки дар он муаллиф дар корҳои дунёву дин аз дидгоҳи сӯфиён менигарад, “Кимиёи саодат”-и Муҳаммади Ғазолист.

Муҳаммади Ғазолӣ (1058-1109) бо Низомулмулки вазир дӯстӣ дошт ва тавассути ӯ ба дарбори Салҷуқиён роҳ ёфт ва муддате дар мадрасаи Низомияи Бағдод ба мударрисӣ машғул шуд. Баъдан тарки мадраса кард ва муддате дар Шому Ҳиҷоз гӯшанишин шуд. Сипас ба Нишопур омад ва дар мадрасаи Низомияи Нишопур ба таълими шогирдон пардохт. Дар солҳои охири умр ба зодгоҳаш – Тӯс баргашт ва дар ин ҷо мадрасаву хонақоҳ бино карда, чанде ба шогирдону муридон дарс гуфт ва ниҳоят дар ҳамин ҷо аз олам чашм пӯшид.

Вай ба забонҳои тоҷикиву арабӣ бештар аз сад асар таълиф кардааст. Китоби маъруфи арабии ӯ “Эҳёу улум-ид-дин” буда, “Кимиёи саодат” хулосаи ҳамин китоб ба забони тоҷикӣ (форсӣ) мебошад. Забони баёни “Кимиёи саодат” ва “Насиҳат-ул-мулук”-и ӯ аз беҳтарин намунаҳои насри тоҷикӣ-форсӣ дар аҳди салҷуқист. Барои намуна се порча аз “Кимиёи саодат” манзур мегардад:

“Қаҳтӣ буд дар замини Банӣ Исроил. Мусо алайҳиссалом бо ҷумлаи уммат ба истисқо (яъне дуои борон кардан) шуданд се бор ва иҷобат наяфтод. Пас ваҳй омад ба Мусо алайҳиссалом,

ки: “Дар миёни шумо наммоме (суханчине) аст, то вай тавба накунад иҷобат накунам”. Гуфт: “Бор Худоё, он кист, то ӯро аз миён берун кунем”. Гуфт: “Ман аз наммомӣ манъ мекунам, наммомӣ чун кунам?!” Мусо гуфт: “Тавба кунед, аз суханчинӣ”. Ҳама тавба карданд ва борон омадан гирифт...[421]

Мисоли дигар:

“Алӣ ибни Абитолиб (разияллоҳу анҳу) ҳамегӯяд: Дунё шаш чиз аст: хӯрданӣ ва ошомиданӣ ва бӯйиданӣ ва пӯшиданӣ ва барнишастанӣ ва ба никоҳ хостанӣ. Ширинтарини хӯрданиҳо ангубин аст ва он аз даҳани магасест; ва шарифтарин ошомиданӣ об аст ва хосу ом андар вай баробар аст; ва шарифтарини пӯшиданиҳо ҳарир аст ва он бофтаи кирмест; ва шарифтарини бӯйҳо мушк аст ва он хуни оҳуест ва шарифтарин барнишастанӣ асб аст ва ҳама мардонро бар пушти вай кашанд ва азимтарини шаҳватҳо шаҳватҳои занон аст...”[422]

Мисоли дигар:

“Расул алайҳиссалом як рӯз берун хост шудан, ки асҳоб гирд омада буданд. Андар ҷанби об нигарист ва аммомаву мӯй рост бикард. Ойиша гуфт: “Ё расулуллоҳ инчунин ҳамекунӣ?” Гуфт: “Оре, Худои таоло дӯст дорад бандаи худро, ки чу бародарони хешро хоҳад дид, барои эшон таҷаммул кунад (яъне, худро зеб диҳад) ва хештанро биёрояд”.[423]

“Насиҳат-ул-мулук”-и худро Муҳаммади Ғазолӣ ба сифати оини давлатдорӣ барои подшоҳи салҷуқӣ султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ (1104-1117)) таълиф кардааст. Порчае аз “Насиҳат-ул-мулук”, ки дар сифати амир Исмоили Сомонӣ гуфта шудааст, дар зер нақл мешавад: “Ҳам аз Исмоили Сомонӣ ҳикоят карданд андар китоби “Сияр-ул-мулук”ва ӯ он вақт ба Ҷӯйи Мӯлиён буд ва ҳар вақте бархостӣ ва ба куҳандиз баромадӣ ва мунодӣ фармудӣ кардан. Ва намози дигар парда баргирифтандӣ ва ҳоҷибу дарбон набудӣ, то ҳар касеро, ки мазлима будӣ, даромадӣ ва то канори бисот (гилем) бирафтӣ ва ба вай сухан гуфтӣ ва бо қазои ҳоҷат бозгаштӣ. Бар мисоли

[421] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби дувум.- Теҳрон, 1345//1967. – С. 499.
[422] Ҳамин китоб. – С. 514.
[423] Ҳамин китоб. – С. 516.

ҳокимон корҳо мегузоридӣ, то он вақт, ки довариҳо ҳама сипарӣ шудӣ. Он гоҳ бархостӣ ва маҳосини (риши) хеш бигрифтӣ ва рӯй сӯйи осмон кардӣ гирён ва гуфтӣ: “Ё раб, ҷаҳди ман ин буд, ки кардам ва олим ул-асрор туӣ ва огоҳӣ аз нияти ман, ки надонам бар кадом банда ситам рафтааст аз ману касони ман, маро аз нодонистани он афв кун.”[424]

Китоби “Форснома”-и Ибни Балхӣ дар айёми давлатдории Муҳаммад Маликшоҳи Салҷуқӣ ба риштаи таҳрир даромада, таърихи устуравӣ ва ҷуғрофияи сарзамини Форсро дар бар мегирад. Забони таълифи китоб ба истиснои баъзе калимоту таркибот, ки танҳо ба ин асар хосанд, ба дигар осори дар боло номбурда шабоҳат дорад:

“... Кисро Анӯшервон дар кори хироҷ назар кард ва онро бетартиб дид. Ва пеш аз вай чунон буд, ки аз ҷое сеяк мавҷуди хироҷ будӣ ва аз ҷое панҷяк ва ҳамчунин то шашяк расад ва раоё аз ин сабаб ранҷур буданд. Пас ӯ ба қонуне воҷиб боз овард ба иттифоқи вазир ва дигар бузургон ва бар ҷаҳон бар ин ҷумлат, ки ёд карда омад, хироҷ ниҳод:

- киштҳои ғаллабум, аз як газе замин хироҷ як дирам сими нуқра;

- замини разбум, аз як газе замин хироҷ ҳашт дирам;

- дарахти хурмои порсӣ, аз ҳар чаҳор дарахт хироҷ як дирам...

- дарахти зайтун, аз ҳар шаш дарахт хироҷ як дирам.

Ва ҷизяи сарҳо аз касоне, ки ҷизягузор буданд, аз табақоти раоё ба се навъ ситададӣ. Ҳар сол тавонгарон дувоздаҳ дирам ва миёнатар ҳашт дирам ва камтар чаҳор дирам. Ва ба ҳар сол як бор ситададӣ. Ва чун бар тибқи қонун хироҷ бинҳод бар истимрор тахфифе тамом дар ҳаққи раоё пайдо гашт ва ҷаҳон рӯй ба ободонӣ ниҳод...”[425]

Чунон ки мебинем, дар порчаи ёдшуда, муаллиф аз калимаҳои **ғаллабум** (ғаллазор, гандумзор), **разбум** (ангурзор, токзор), **ҷизяи сарҳо** (андози сарона), **ҷизясупор** (андозсупор)

[424] Муҳаммад Ғазолӣ. Насиҳат-ул-мулук. – Душанбе, 1993. – С. 57-58.

[425] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби дувум.- Теҳрон, 1345//1967. – С. 526.

истифода кардааст, ки дар осори дигари ин аҳд ва пеш аз он ба мушоҳида намерасанд.

Китоби дигаре, ки дар ин аҳд бо забоне ширин ва баёни рангин ба забони форсӣ таълиф гардидааст, “Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас” аст, ки мутаассифона, номи муаллифи он маълум нест. Дар ин китоб асосан қиссаву афсонаҳои таърихӣ нақл шудаанд, ки баъзе аз онҳо ба воқеият наздикӣ доранд.

Порчае аз “Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас”:

“... Муғира ибни Шаъбаро ғуломе буд ба номи Фирӯз... ва ба габрагӣ (яъне, оини зардуштӣ) биистод... Пас қазо чунон афтод, ки ин Фирӯз сӯйи Умар омад ва аз Муғира гила кард, ки ғалла бар ман гарон ниҳодаст, ҳар рӯзе ду дирам. Умар гуфт:

– Чӣ кор донӣ кардан?

Гуфт:

– Дурудгарӣ (дуредгарӣ) донам ва оҳангарӣ ва нақш кардан.

Гуфто:

- Ду дирам ба ин чандин саноат (ҳунарҳо) бас набошад.

Пас Умар гуфт:

- Шунидам, ки осиё кардан донӣ, ки бар бод бигардад?

Гуфт:

– Донам ва туро осиёе кунам, ки ҳама машриқу мағриб онро ҳадис кунанд ва бирафт. Пас рӯзи чаҳоршанбеи бистушашуми зулҳиҷҷа Умар дар масҷид шуд ба намоз кардан. Фирӯз пеши саф андар истода буд ва корде ҳабашӣ, чунон ки даста дар миён бошад ва аз ҳар ду сӯ теғ, бо худ дошт ва шаш корд Умарро бизад. Умар бияфтод... ва ҳамин рӯз аз дунё бирафт...”[426]

Тарҷума ва талхиси “Таърихи Бухоро”-и Абубакри Наршахӣ низ маҳсули ҳамин давр аст. Асли ин китоб ба арабӣ буда, Наршахӣ онро дар рӯзгори давлатдории амири сомонӣ Нуҳ ибни Наср (943-954) таълиф карда, ба ҳамин амири сомонӣ тақдим намудааст. Абунаср Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Насри Қубовӣ ин китобро тақрибан баъд аз сад сол, дар соли 1129 бо хоҳиши дӯстонаш ба тоҷикӣ баргардон кард ва Муҳаммад ибни

[426] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби дувум.- Теҳрон, 1345//1967. – С. 545.

Зуфар ин тарҷумаро соли 1175 бо баёни фасеҳи худ талхис намуд.

Дар ин китоб дар бораи таърихи Бухоро аз замони қадим то рӯзгори Нуҳ ибни Насри Сомонӣ маълумоти ҷолиб гирд оварда шудааст. Маводе, ки ба ҳодисаҳои пас аз рӯзгори Нуҳ ибни Наср то ҳамлаи муғул марбутанд, аз ҷониби тарҷумону талхисгар ва дигар котибону нусханависони баъдӣ ҳамроҳ карда шудаанд. Забони тарҷумаву талхиси китоб содаву равон аст. Барои ошноӣ бо шеваи тарҷумаву талхиси он порчаеро дар хусуси ибтидои фатҳи Бухоро ба дасти арабҳо манзур менамоем: "... чун Убайдуллоҳи Зиёдро Муовия ба Хуросон фиристод, вай аз оби Ҷайҳун бигзашт ва ба Бухоро омад. Ва подшоҳи Бухоро хотуне буд, аз баҳри он ки писари ӯ Туғшода хурд буд. Пас Убайдуллоҳи Зиёд Байканд бигшод ва Рометан. Ва бисёр барда кард ва чаҳор ҳазор бардаи бухорӣ хештанро гирифт ва ин ба охири соли панҷоҳу се ва аввали соли панҷоҳу чаҳор буд. Чун ба шаҳри Бухоро расид, сафҳо баркашид ва манҷаниқҳо рост кард. Хотун кас ба туркон фиристод ва аз эшон ёрӣ хост ва кас ба Убайдуллоҳи Зиёд фиристод ва ҳафт рӯз муҳлат хост ва гуфт: "Ман дар тоати туам". Ва ҳадяҳои бисёр фиристод. Чун дар ин ҳафт рӯз мадад нарасид, дигарбора ҳадяҳо фиристод ва ҳафт рӯзи дигар замон хост. Лашкари турк бирасид ва дигарон ҷамъ шуданд ва лашкар бисёр гашт ва ҳарбҳои бисёр карданд ва ба охир кофирон ба ҳазимат шуданд. Ва мусалмонон (яъне, сипоҳи Убайдуллоҳи Зиёд) дар пайи эшон рафтанд ва бисёр бикуштанд. Ва хотун ба ҳисор андар омад ва он лашкарҳо ба вилояти хеш бозгаштанд. Ва мусалмонон бисёр ғанимат ёфтанд, аз силоҳу ҷома ва заринаву симина ва барда гирифтанд ва як пой аз мӯзаи хотун бо ҷураб гирифтанд. Ва ҷурабу мӯза аз зар буд мурассаъ ба ҷавоҳир, чунон ки қимат карданд дувист ҳазор дирҳам омад."[427]

Зикри ин матлаб ҳам муҳим аст, ки маводу маълумоти арзишманди таърихӣ дар бобати забони тоҷикӣ-форсӣ, аз ҷумла

[427] Абубакри Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Мураттибон Ғ. Ғоибов, К. Олимов, Н. Амиршоҳӣ. – Душанбе, 2012. – С.81

дар Бухоро дар оғози густариши ислом ба ин забон хондани Қуръон, сурудаҳои аҳли Бухоро бар куштани Сиёвуш ва оид ба ишқи хотуни Бухоро бо саркардаи араб дар ганҷинаи ин китоб маҳфуз аст ва ин ҳама далели гӯёи раднопазир бар маҳди ташаккули забони дарӣ будани ин марзу бум аст.

Дигар аз осори насрии маъруфи охири аҳди салҷуқӣ “Тазкират-ул-авлиё”-и Фаридаддини Аттори Нишопурист, ки дар шарҳи ҳол ва каромоти аҳли тасаввуф, яъне дар хусуси муъҷиза ва амалҳои фавқулодаи сӯфиён бахшида шудааст. Забони таълифи асар андак печида, вале дар айни замон ҷаззобу ҷолиб аст. Барои шиносоӣ бо сабки нигориши асар порчаеро аз он дар бораи Мансури Ҳаллоҷ манзур менамоем: “... он шери бешаи таҳқиқ, он шуҷои сафдари садиқ, он ғарқаи дарёи маввоҷ, Ҳусайн Мансури Ҳаллоҷ... кори ӯ коре аҷаб буд ва воқеоти ғароиб, ки хос ӯро буд, ки ҳам дар ғояти сӯзу иштиёқ буд ва дар шиддати лаҳбу фироқ ва беқарор ва шӯридаи рӯзгор ва ошиқи содиқу покбоз ва ҷидду ҷаҳде азим дошт ва риёзатеву каромате аҷаб ва олиҳиммату рафеъқадр буд. Ӯро тасониф бисёр аст ба алфози мушкил, дар ҳақоиқу асрору маонӣ муҳаббати комил ва фасоҳату балоғате дошт, ки кас надошт ва диққати назару фаросате дошт, ки касро набуд. Ва ағлаби машоихи кибор дар кори ӯ ибо карданд ва гуфтанд, ӯро дар тасаввуф қадаме нест, магар Абдуллоҳи Хафиф, Шиблӣ ва Абулқосими Қушайрӣ ва ҷумлаи мутаахирон...”[428].

Дар аҳди салҷуқӣ ҳамчунин **чандин асарҳои таърихӣ** ба забони тоҷикӣ таълиф гардиданд, вале бештари ин таърихномаҳо ба зикри хонадони Салҷуқиён бахшида шудаанд ва аз муболиғаву афзунгӯйиҳо холӣ нестанд. Дар байни ин таърихномаҳо “Салҷуқнома”-и Заҳириддини Нишопурӣ, ки пештар аз соли 1186 таълиф шудааст, мақоми хос дорад. Муаллифи ин китоб муаллими яке аз подшоҳони Салҷуқиёни Ироқ Арслон ибни Туғрал (1161-1177) буда, китоби худро дар рӯзгори давлатдории Туғрул ибни Арслон (1177-1194) таълиф кард. Дар ин китоб аз оғози ба сари қудрат омадани Салҷуқиён

[428] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби севум.- Теҳрон, 1345//1967. – С. 609-610.

то замони салтанати Туғрул ибни Арслон маълумоти таърихӣ мавҷуд аст.

Китоби дигар дар ин замина “Роҳату-с-судур ва ояту-с-сурур”-и Наҷмиддин ибни Сулаймони Ровандист, ки баъд аз қатли султон Туғрул ба дарбори Ғиёсиддин Кайхусрав ибни Қилич Арслон аз Салҷуқиёни Рум рафт ва соли 1202 ин китобро ба номи ӯ таълиф кард. Матолиби асосии таърихии ин китоб бештар дар заминаи “Салҷуқнома”-и Заҳириддини Нишопурӣ баён гардидааст. Вале ин китоб нақлу ривоятҳои ширину рангини зиёд дорад ва забони нигориши он содаву равон ва дур аз печидагиҳост, чунон ки аз порчаи зер ба мушоҳида мерасад: “... дар рӯзгори Даёлам (Дайламиён) ба Кирмон нишони ганҷе ёфтанд, подшоҳро ҳозир карданд, сандуқе буд, баргушуданд, ду ҳуққа дар вай ниҳода буданд, ду дона ҷав дар-ӯ. Барсанҷиданд, ҳар як мисқоле буд. Подшоҳро аҷаб омад, гуфт:

– Ин чӣ ҳолат тавонад буд? Марде пирро талаб кунед, ки аз ӯ пиртар набошад, то ин ҳол аз ӯ бипурсем.

Ба ҳама вилоят талаб карданд пиреро биёфтанд, пушт дуто шуда ва сар бар замин ниҳода. Ӯро гуфтанд:

– Эй бобо, ҳоле чунин зоҳир шудааст. Ҳеч донӣ, ки ин (чӣ) шояд буд?

Пир ҷавоб дод, ки:

– Ман надонам, аз падарам бибояд пурсид, бошад ки донад.

Гуфтанд:

– Туро падар ҳаст?

Гуфт:

– Ба фулон маҳаллат каҳле (марди миёнсоле) думӯй (яъне, он ки мӯяш сиёҳу сафед аст) фулон ном падари ман аст. Чу ӯро биёфтанд, гуфтанд:

– Ту дар фулон маҳаллат писаре дорӣ, ҳол аз вай пурсиданд, гуфт:

– Ман надонам, мумкин ки падарам донад.

Гуфтанд:

– Ту падар дорӣ?

Гуфт:

– Дар фулон маҳаллат падаре дорам марде ҷавон.

Ҳар серо пеши подшоҳ ҳозир карданд. Малик фармуд, ки ин ҳолат аз ӯ аҷибтар аст, ки пир писари каҳл аст ва каҳл писари ҷавон. Аз эшон пурсид, ки ҳоли худ гӯянд.

Ҷавон гуфт:

– Подшоҳро зиндагонӣ бод. Ин ҳол аз занон афтодааст. Маро зане нек аст. Нагзорад, ки ранҷе ба хотири ман расад ва агар дар рӯзе ҳазор кораш фармоям, рӯй турш накунад, лоҷарам чунин тоза мондаам. Ва писари ман зане дорад, ки ба баъзе аҳвол бо вай созад ва ба баъзе насозад, лоҷарам нимапир шудааст. Ва писари писарам зане салита (ҳукмгузор) дорад, ки ба ҳеч ҳол насозад ва фармон набарад. Аз ин сабаб оҷизу пир шудааст.

Подшоҳ гуфт:

– Аз ҳоли ҷав хабар дорӣ?

Гуфт:

– Дорам, дар фулон рӯзгор подшоҳе одил буд. Ба аҳди вай яке замине ба дигаре фурӯхт. Муштарӣ (харидор) ганҷе дар вай биёфт, доварӣ ба назди подшоҳ бурданд. Муштарӣ гуфт:

– Ман замин харидам, ганҷ нахаридам, бифармо то ганҷ бозситонад.

Боеъ (фурӯшанда) гуфт:

– Ман замин бо ганҷ фурӯхтам, они ман нест, боз настонам.

Подшоҳ гуфт:

– Духтари яке ба занӣ ба писари ин дигар диҳед ва замину ганҷ бад-эшон диҳед, то агар аз они боеъ бошад ва агар аз они муштарӣ аз миёни ҳар ду ба дар наравад. Чунин карданд ва ин замин он сол ба ҷав бикиштанд. Ин ҷав баромад. Подшоҳ фармуд, ки дар ҷаҳон бибаред ва бинҳед то баъд аз мо бидонанд, ки асари адлу ҳиммати подшоҳ чӣ гуна асар кунад...”[429].

Ҳамчунин бояд гуфт, ки дар ин аҳд таълифи осори улуми ақлӣ қариб мамнӯъ буд ва муаллифони чунин осор ба муқовимати сахти фақеҳон ва мутакаллимони он рӯзгор рӯбарӯ мешуданд. Муҳаммади Ғазолӣ, ки аз шахсиятҳои диниву мазҳабӣ ва мутакаллимони маъруфи давр ба шумор мерафт, дар осори худ монанди “Таҳофат-ул-фалосифа” ва “Мақосид-ул-

[429] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби севум.- Теҳрон, 1345//1967. – С. 778-779.

фалосифа” ба ботил кардани ақидаву афкори ҳакимон ва донишмандони улуми ақлӣ ва фунуни дақиқ камар баст. Кор то ҷойе расид, ки Ғазолӣ дар таълифоти худ аз риёзиёт танҳо он бахшро, ки барои ҳисоб кардани мерос зарур буд, эътироф мекард ва аз мантиқ то он ҳадро ҷоиз медонист, ки барои далелории каломӣ ба он ниёз бошад, боқӣ ҳамаро нишони гумроҳӣ мешумурд. Тадриҷан чунин тарзи тафаккуру андеша дар байни адибону шоирон низ реша давонд ва густариш пайдо кард. Ин воқеият аз байти зерини Саноии Ғазнавӣ ба назар мерасад:

Ақл набвад фалсафа хондан зи баҳри комилӣ,

Ақл чибвад ҷон нубихоҳу нубихон доштан.

Вале ба рағми ин ҳама таассубу кутаҳназарӣ шахсиятҳои барҷастае мисли Умари Хайём, Абулаббоси Лавкарӣ, Шиҳобиддини Суҳравардӣ, Фахриддини Розӣ ва дигарон ба майдон омаданд ва дар заминаи улуми ақлӣ, аз ҷумла риёзиёт, ҳайат ва фалсафа асарҳои пуразриш эҷод карданд.

Ба хусус муаллифи китоби “Ҳикмат-ул-ишроқ” Шиҳобиддини Суҳравардӣ, ки ба фармони Салоҳиддини Айюбӣ дар шаҳри Ҳалаби Шом ба қатл расид, аз бунёдгузорони ҳикмати ишроқ ва ҷонибдорони фалсафаи моил ба ирфон, ки реша дар тариқати Зардушт дошт, маҳсуб мешуд. Суҳравардӣ азбаски дар таълифоти худ “Рисолат-ул-ишқ”, “Овози пари Ҷибриил”, “Рисолаи ақли сурх” ва ғайра аз калимоту истилоҳоти динии зардуштиён фаровон истифода мекард, ӯро ба ҷурми бединиву мулҳидӣ муттаҳам карданд ва пешвоёни дин рехтани хунашро раво донистанд.

Фахриддини Розӣ, ки бо номи “имом ул-мушаккикин” машҳур аст, ҳамчунин аз ҳакимони маъруфи ин аҳд ба шумор меравад. “Шарҳи ишороти Абуалии Сино” муҳимтарин асари фалсафии ӯ шинохта шудааст. Вай ҳамчунин муаллифи китоби тоҷикӣ-форсии “Ҷомеъ-ул-улум” аст, ки дар бораи шаст илм маълумоти арзишманд медиҳад.

Дар ин аҳд чандин **китобҳои луғат** низ таълиф гардиданд, ки дар онҳо калимаҳои арабӣ ба форсӣ тарҷумаву тафсир карда шудаанд. Муҳимтарини ин асарҳо ба шарҳи зеранд: “Дастур-ул-

луғат”-и Бадеъуззамони Натанзӣ, “Қонун-ул-адаб”-и Ҳубайши Тифлисӣ ва “Китоб-ул-масодир”-и Абуабдуллоҳи Зузанӣ.

Дар ҳамин давра дар илми балоғат ва суханварӣ Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ “Тарҷумон-ул-балоға”-ро навишт, ки аз нахустин осори тоҷикӣ-форсӣ дар ин риштаи илм аст ва баъдан Рашиди Ватвот дар таълифи “Ҳадоиқ-ус-сеҳр” аз он истифода кардааст.

Аз хусусиятҳои забони дарии ин аҳд, чунон ки дар боло гуфтем, густариш ва интишори ин забон дар қаламрави васеи давлати Салҷуқиён ва бо калимаву луғоти забону лаҳҷаҳои маҳаллии ноҳияҳои марказию ғарбии Эрон, ҳамчунин бо калимаву луғоти арабию туркӣ ҳар чи бештар омезиш ёфтани ин забон аст. Яъне забони тоҷикӣ (форсии дарӣ), ки дар ин айём аз машриқ ба марказ ва ғарби Эрон ва Осиёи Сағир доман мекашид, раҳораҳ бархе калимоту луғоти забону лаҳҷаҳои маҳаллии паҳлавӣ, табарӣ, озарӣ... ва забонҳои арабию туркиро дар худ гирифт ва баъзе калимоту таркиботи куҳнаи худро, ки дар ин ноҳия ва минтақаҳо истеъмоли онҳо чандон зарурат надошт, аз даст дод. Дар ғарби Эрон забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) бо луғоту калимоти арабӣ бештар омезиш ёфт, зеро дар ин минтақа вобаста ба наздик будани маркази хилофат ва кишварҳои араб забони арабӣ бештар расмият пайдо карда буд.

Дар баробари ин фатвои мутакаллимоне назири Муҳаммади Ғазолӣ дар бобати эълони манъи улуми ақлӣ ба сиёсати рӯз табдил ёфт ва зарбаи ҷонкоҳе ба рушди забони илм ва таҳаввули истилоҳоти илмии тоҷикӣ-форсӣ дар аҳди салҷуқӣ гардид. Бар асари чунин сиёсат дар мадрасаву мактабҳо аксаран таълими улуми динӣ ба роҳ монда шуд ва ин иқдом дар навбати худ ба корбурди фаровони истилоҳоти арабӣ роҳ боз намуд. Гузашта аз ин, таъсирпазирии забони тоҷикӣ аз арабӣ дар ин давра танҳо бо вуруди луғоту истилоҳоти арабӣ анҷом намепазирад. Дар ин аҳд қоидаҳои сарфу наҳви арабӣ ҳам то андозае ба сарфу наҳви тоҷикӣ таъсири манфии худро гузоштанд ва дар баъзе мавридҳо то ҷойе забони моро ба зери тобеияти забони арабӣ кашиданд.

Дар ин аҳд ва ё чанде пештар аз он қавму қабилаҳои гуногуни турк, аз қабили туркони ғуз, қипчоқ, қарлуқ, чигил, яғмо, қарохитоӣ, туркман ва ғайра, ки аз даштҳои Олтойу

соҳилҳои Енисей ба Ҳафтрӯд наздик омада буданд, тадриҷан ба Мовароуннаҳру шимоли Хуросон кӯч бастанд ва аз ин манотиқ ба ноҳияҳои марказию ғарбии Эронзамин омада, дар ин ноҳияҳо сукунати доимӣ ихтиёр карданд ва аз кашмакашҳои дохилии мардуми маҳаллӣ истифода бурда дар аксари минтақаҳо қудрати сиёсиро ба даст гирифтанд. Бо гузашти айём аз забони ин қавму қабилаҳо низ баъзе луғоту калимот ба забони тоҷикӣ ворид шуданд, ки бештар ба низоми идории давлату ҳукумат ва муносибатҳои қабилавию авлодӣ вобастагӣ доштанд, вале ин вожагону таркибот дар бофту сохти забон ба зудӣ куллан ҳазм гардида, натавонистанд дар девори забон рахна ба вуҷуд оранд.

§ 3. Забони модарии мо дар аҳди Ғуриён. Сарзамини Ғуриён дар асрҳои миёна аслан дар саргаҳи Ҳарирӯд воқеъ гардида, шаҳрҳои Ҳироту Бомиёнро то ҳудуди Кобулу Ғазна фаро мегирифт. Аз қадимулайём дар ин минтақа, ки иқлими мусоид ва водиҳои сарсабз барои зироаткорию чорвопарварӣ дошта, муҳимтар аз ҳама, дасти таҳоҷуми бегонагон ба он камтар мерасид, асосан тоҷикон зиндагӣ мекарданд. Дар таърихномаҳо низ дар хусуси киштзорҳои сарсабз, боғоти фаровони мева ва галаи аспу рамаи гӯсфанди зиёди ин сарзамин, ҳамчунин истихроҷи маъдан, коркарди филизот, силоҳсозӣ ва мардонагии қабилаҳои мухталифи мардуми Ғур, ки дар ибтидо, мутаассифона, парешону пароканда дар маҳдудаи давлатҳои хурди мустақил зиндагӣ карда, миёни ҳам чандон созиш надоштанд, маълумоти ҷолиб мавҷуд аст.

Дини мубини ислом низ ба ин сарзамини кӯҳистон дертар нуфуз пайдо кард ва Ғуриён то дер гоҳ бар суннату оинҳои аҷдодии худ муътақид буданд. Номи пешвои сарсилсилаи ин хонадон Шинасб буд, аз ин хотир ин хонадонро мулуки Шинасбония, Шинасбониён ё Оли Шинасб мегӯянд.

Ғуриён ҳамчунин анъанаи қадимеро риоя мекарданд, ки дар сари ҳар давлат ду пешво меистод, яке ҳоким ва дигаре сипаҳсолор, ки идораи давлатро байни худ баробар тақсим карда буданд.

Давлати Ғуриён дар асрҳои XII-XIII ба авҷи тараққии худ расид ва ҳокимони ин сарзамин ду тоифаро ташкил медоданд,

ки як тоифа дар Фирӯзкӯҳ салтанат меронданд, тоифаи дигар дар Бомиён ҳукумат мекарданд.

Ҳокими Ғур Муҳаммади Сом дар аҳди Султон Маҳмуди Ғазнавӣ мавриди эҳтироми хоси ӯ қарор дошт, зеро дар футуҳоти Ҳинд ба вай кумаки зиёд намуда буд. Пас аз Муҳаммади Сом писараш Қутбиддин Ҳасан ва пас аз Қутбиддин Ҳасан писараш Иззуддин Ҳусайн ҳокими Ғур таъйин гардид, ки бо султон Санҷари Салҷуқӣ ва султон Иброҳими Ғазнавӣ муосир буда, дар таҳкими давлатдории Ғуриён нақши сазовор дорад ва ба лақаби "падари ҳокимони Ғур" машҳур аст.

Ҳокимони Ғур, ҳарчанд ба ном ҳокимияти Ғазнавиёнро ба расмият мешинохтанд, вале дар зарфи чандин даҳсола бар зидди ин хонадон муборизаи беамон бурдаанд. Ба хусус Қутбиддини Муҳаммад, ки амири Фирӯзкӯҳ буда, дар байни мардум шуҳрат ва эҳтироми зиёд дошт, Ғазнавиёнро ба ташвиш андохта буд. Баҳромшоҳи Ғазнавӣ бо мақсади эҷоди мухолифат миёни бародарони Қутбиддин Муҳаммад ва кам кардани эътибори ӯ хоҳари худро ба вай ба занӣ дод, вале, баръакс, нуфузи Қутбиддин Муҳаммад миёни бародарон ва мардум болотар рафт.

Ҳамин сабаб шуд, ки Баҳромшоҳи Ғазнавӣ аз афзудани иқтидори Ғуриён ва бештар шуҳрат ёфтани Қутбиддин Муҳаммад тарсида, вайро бо роҳи фиреб ба Ғазна даъват кард ва ба ҳабс гирифта, пас аз чанд муддат заҳр дода ба ҳалокат расонд.

Бо вуҷуди ин дигарбора тасарруф кардани давлати Ғур ба Баҳромшоҳ муяссар нагардид. Баҳромшоҳи Ғазнавӣ дар чанд муҳорибаи шадиде, ки байни ӯ ва бародарони Қутбиддин Муҳаммад ба вуқӯъ пайваст, шикаст хӯрд. Султон Алоуддини Ғурӣ, ки бо номи Алоиддини Ҷаҳонсӯз машҳур аст, дар охирин муҳориба сипоҳи Баҳромшоҳро комилан торумор кард ва худи ӯро ба гурехтан водор намуд. Алоуддин ба шаҳри Ғазна (1150-1151) ворид шуда, ин шаҳри ободонро хароб кард ва китобхонаи маъруфи салтанатии онро, ки осори гаронбаҳои фаровон дошт, оташ зад. Аз ин хотир, мардум ба ӯ лақаби "Ҷаҳонсӯз" доданд.

Вале бо ин муборизаи миёни Ғазнавиён ва Ғуриён ба итмом нарасид. Дар соли 1186-87 бародарзодаи Алоуддин Ғиёсиддин Муҳаммади Ғурӣ дар яке аз ҷангҳо охирин намояндаи хонадони Ғазнавӣ, ҳокими Лоҳур – Хусравмаликро асир гирифта, ба пойтахти давлати Ғуриён – Фирӯзкӯҳ фиристод. Бо ҳамин салтанати Ғазнавиён поён ёфт. Ғуриён давлати Ғазнавиёнро дарҳам шикаста, ҳукмрони қаламрави бузурге гардиданд, ки баъдан ҳудуди он дар натиҷаи футуҳоти минбаъдаи онҳо вусъати бештар пайдо кард.

Подшоҳони Ғур дар ихтиёри худ лашкари сершумор доштанд, ки ҳамчунин дастаҳои низомии қабилаҳоро низ дар бар мегирифт. Илова бар ин, онҳо аз ҷониби ҳокимони маҳаллии кӯҳистони Бадахшон ва ҳавзаи дарёи Аму пуштибонӣ медиданд. Дар охири асри XII маҳалҳои ҷанубии Тоҷикистон, аз ҷумла, ноҳияҳои Вахш, Чағониён, Шуғнон ва Вахон ба ҳайати давлати Ғуриён ворид шуда буданд.

Ба андешаи муҳаққиқон, дурахшонтарин давраи таърихи ҳукмронии Ғуриҳо солҳои 1152-1206 маҳсуб мешаванд. Болоравии иқтисодию фарҳангии давлати Ғуриён низ ба ҳамин давра рост меояд. Вале ин пешравӣ дер давом накард. Баъд аз вафоти Султон Шиҳобиддини Ғурӣ ҳукуматҳои маҳаллӣ дар Ғазна, Зобулистон, Бомиён, Тахористон ва ноҳияҳои дигар бештар қувват гирифта, даъвои мустақилият карданд ва аз итоати ҳокимони ғурии Фирӯзкӯҳ сар тофтанд. Ин парешонию парокандагӣ барои шикасти давлати Ғуриён замина муҳайё кард.

Муҳаммади Хоразмшоҳ бо истифода аз фурсат теша ба решаи ин давлат зад ва ончунон ки Ғуриён Ғазнавиёнро вожгун карда, давлатдории ононро аз байн бурданд, Хоразмшоҳиён давлати Ғуриёнро барҳам заданд.

Подшоҳони ғурӣ ба забону адаби тоҷикӣ алоқамандии зиёд доштанд ва дар дарбори онон шоирону донишмандони бисёр кору зиндагӣ мекарданд. Баъзе аз ин подшоҳон, аз ҷумла Алоиддини Ҷаҳонсӯз ба форсии дарӣ шеър суруда, шоири соҳибдевон будааст ва Авфии Бухороӣ хабар медиҳад, ки девони ӯ ва девони Отсизро дар китобхонаи Самарқанд мутолиа

кардааст. Мегӯянд, ки Алоиддини Ҷаҳонсӯз фахрияи зеринро ҳангоми фатҳи Ғазна ва шикасти Ғазнавиён сурудааст:

Ҷаҳон донад, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Чароғи дудаи Аббосиёнам.
Алоиддин Ҳусайн ибни Ҳусайнам,
Фалак бозигари теғу синонам...
Чу бар гулгуни давлат барнишинам,
Яке бошад замину осмонам.
Ҳама олам бигардам чун Сикандар,
Ба ҳар кишвар шаҳи дигар нишонам.

Муаллифи “Чаҳор мақола” **Низомии Арӯзии Самарқандӣ** низ чанде аз наздикони подшоҳони Ғур – Қутбиддин ва Алоиддини Ҷаҳонсӯз буд ва то шикаст хӯрдани Алоиддини Ҷаҳонсӯз аз султон Санҷар ҳамроҳи ӯ буд.

“Чаҳор мақола” асари мансури Низомии Арӯзӣ аз осори мондагори насри дарист. Ин асар асосан матолиби ҷолибро дар бобати чор илм: дабирӣ, илми шеър, илми нуҷум ва илми тиб дар бар мегирад ва бо забони содаву равон иншо шудааст. Илова бар ин, дар ин китоб маълумоти ҷолиби таърихӣ низ фаровон ба мушоҳида мерасад. Порчаи зер бозгӯйи ин воқеият аст: “Дар санаи ситта ва хамсамиа (560/1164) ба шаҳри Балх, дар кӯйи бардафурӯшон, дар сарои амир Бусаъд... Хоҷа Имом Умари Хайёмӣ ва Хоҷа Имом Музаффари Исфизорӣ нузул карда буданд ва ман бад-он хидмат пайваста будам. Дар миёни маҷлиси ишрат аз ҳуҷҷатулҳақ Умар шунидам, ки ӯ гуфт: “Гӯри ман дар мавзее бошад, ки ҳар баҳоре шамол бар ман гулафшон мекунад”. Маро ин сухан мустаҳил намуд ва донистам, ки чун ӯйе газоф нагӯяд. Чун дар санаи сулсин ба Нишопур расидам, чаҳор (шояд, чанд) сол буд, то он бузург рӯй дар ниқоби хок кашида буд ва олами сифлӣ аз ӯ ятим монда. Ва ӯро ба ман ҳаққи устодӣ буд. Одина ба зиёрати ӯ рафтам ва якеро бо худ бибурдам, ки хоки ӯ ба ман намояд. Маро ба гӯристони Ҳайра берун овард ва бар дасти чап гаштам, дар поини девори боғе хоки ӯ дидам, ниҳода ва дарахтони амруду зардолу сар аз он боғ берун карда ва чандон барги шукуфа бар хоки ӯ рехта буд, ки хоки ӯ дар зери гул пинҳон шуда буд. Ва маро ёд омад он

ҳикоят, ки ба шаҳри Балх аз ӯ шунида будам, гиря бар ман афтод, ки дар басити олам ва ақтори рубъи маскун ӯро ҳеч ҷойе назире намедидам...”[430]

Дар ин аҳд абераи сӯфии маъруф Абусаиди Абулхайр – **Муҳаммад ибни Мунаввар**, ки аз донишмандон ва адибони хуби замони худ буд, дар шарҳи ақидаҳо ва замони зиндагии Абусаиди Абулхайр китоби “Асрору-т-тавҳид фӣ мақомоти-ш-шайх Абисаид”-ро ба номи ҳокими Ғур Абулфатҳ Муҳаммад ибни Сом таълиф кард. Ин китоб аз се боб иборат аст. Дар боби аввал дар бораи зиндагии шайх то синни чилсолагии ӯ, дар боби дуюм дар оғози иршод то фавт ва дар боби севум дар хусуси интиҳои ҳолати шайх Абусаид маълумот дода шудааст. Забони баёни муаллиф содаву равон ва дур аз печидагист.

Намуна аз шеваи баёни “Асрору-т-тавҳид”:

“Хоҷа Абдулкарим ходими хоси шайхи мо Абусаид буд. Гуфт: “Рӯзе дарвеше маро биншонда буд, то аз ҳикоятҳои шайхи мо ӯро чизе менавиштам. Касе биёмад, ки туро шайх мехонад, бирафтам. Чун пеши шайх расидам, шайх пурсид, ки: “Чӣ кор мекардӣ?” Гуфтам: “Дарвеше ҳикояте чанд аз они шайх хост, онро менавиштам”. Шайх гуфт: “Эй Абдулкарим, ҳикоятнавис мабош, чунон бош, ки аз ту ҳикоят кунанд”. Ва дар ин сухан чанд фоида аст: яке он, ки шайх ба фаросат бидонист, ки хоҷа Абдулкарим чӣ мекунад. Дуюм, таъдиби (яъне, адаб кардани) ӯ, ки чӣ гуна бош. Сеюм он, ки нахост, ки ҳикояти каромати ӯ нависанд, то ба атроф баранд ва машҳур шавад...”[431].

Чунон ки аз порчаи зикршуда мебинем, дар баёни муаллиф ба истиснои чанд калимаи арабӣ, ки шояд дар рӯзгори зиндагии нависанда калимаҳои маъмул будаанд, калимаву таркибҳои душвор ба мушоҳида намерасанд ва хонандаи имрӯза низ ба осонӣ аз матлаби муаллиф бохабар мешавад.

Аз бузургони дигари забону адаби дарӣ дар аҳди Ғуриён метавон аз **Хоҷаи Хоҷагон Муинуддин Чиштии Ҳиравӣ** (таваллуд 1121) ном бурд. Вай дар Самарқанду Бухоро таҳсили илм намуда, ба зодгоҳаш деҳаи Чишти наздики Ҳирот баргашт ва дар ҳамин ҷо ба сифати пешвои тариқат маслаки Чиштияро

[430] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби севум.- Теҳрон, 1345//1967. – С. 646.

[431] Ҳамин китоб. – С. 754.

бунёдгузорӣ намуд, ки ин маслак дар Ҳиндустон ҳазорон-ҳазор пайравону муътақидон дошт. Каломи Муинуддини Чиштӣ дилпазир ва ашъораш дилангез аст:

Селро наъра аз он аст, ки аз баҳр ҷудост,
В-он ки бо баҳр даромехта, хомӯш омад.
Нуктаҳо дӯш лабам гуфту шунид аз лаби ёр,
Ки на ҳаргиз ба забон рафту на дар гӯш омад.
Ҳар киро ҳушу қарор аст, маяш деҳ, соқӣ,
Ки Муинаш зи азал бехуду мадҳуш омад.

Аз бузургони дигар муаллифи "Таърихи Ғур" **Фахриддин ибни Ҳусайн**, маъруф ба **Муборакшоҳ** аст, ки дар оғоз вазири Алоиддини Ҷаҳонсӯз буд ва баъдан муддате дар хидмати Султон Ғиёсиддини Ғурӣ қарор дошт. Рубоии зеринро ба ӯ нисбат додаанд:

Андар маю маъшуқу нигор овезӣ,
Беҳ з-он бошад, ки дар шикор овезӣ.
Оҳуи биҳиштӣ чу ба доми ту дар аст,
Андар бузи кӯҳӣ ба чӣ кор овезӣ?!

Шамсиддин Муҳаммади Сагзӣ низ, ки аслаш аз Систон аст, аз шоирону нависандагони хуби ин аҳд ба шумор меравад. Ӯ чандин асар таълиф кардааст, ки китоби "Маҷмаъ-ул-баҳрайн" яке аз онҳост. Вай бо ҳокими Ҳирот дӯстӣ дошта, рубоии зеринро барои ӯ навиштааст:

Шоҳо, бояд к-аз ту диле кам шиканад,
Лутфи ту ҳазор лашкари ғам шиканад.
Андеша ба кор дор, к-андар саҳаре,
Як оҳ ҳазор мулк бар ҳам шиканад.

Минҳоҷиддини Ҷузҷонӣ (тав. 1193), ки ба лақаби Минҳоҷуссироҷ ё Минҳоҷи Сироҷ маъруф аст, асосан дар дарбори Ғуриён мезист ва баъди ҳамлаи муғул ба сарзамини Ҳинд паноҳ бурд ва дар дарбори подшоҳони ин сарзамин Носириддини Кубоча, султон Шамсиддини Илтутмиш (1211-1235), Баҳромшоҳ (1239-1241) ва Носириддин Маҳмудшоҳ (1246-1265) мансабҳои баланд ёфт ва китоби «Табақоти Носирӣ»-и худро ба номи Носириддини Маҳмудшоҳ дар бисту се бахш ё табақа ба шеваи муаррихони гузашта, бо насри равон ва луғоту истилоҳоти содаи бетакаллуф таълиф кард.

Намунае аз “Табақоти Носирӣ”:

“...Имом (Ваҳидуддини Фушанҷӣ – Э.Р.) тақрир кард, ки ман дар ҳодисаи шаҳри Ҳирот будаам ва ҳар рӯз бар мувофиқати ғозиён силоҳ мепӯшидаме ва бар сари бора рафтаме ва кисвати саворӣ нигоҳ доштаме. Рӯзе дар миёни ҷангу ғавғо, бар сари бораи Ҳирот будам, бо силоҳи тамом, аз хӯду ҷавшану ғайри он. Ногоҳ пойи ман аз сари бора хато кард ва ба ҷониби хандақ дарафтодам ва чунон ки санге ё кӯҳе ба рӯйи хокрез, меғалтидам ва ба қадри панҷоҳ ҳазор муғули муртад даст ба тиру санг бармедоштанд, то ғалтон дар миёни лашкари куффор афтодам... ҳақ таоло ба исмати худ маро нигоҳ дошт, ки ҳеч захме бар ман нарасид ва ҳеч узве аз аъзои ман хаста ва шикаста нашуд...”[432].

Дар маҷмӯъ забони тоҷикӣ дар дарбори ҳокимони Ғур, ки аслан тоҷик ва ирқан ориёинажод буданд, забони расмию умумӣ маҳсуб мешуд ва дар қиёси забони тоҷикии охири аҳди Ғазнавӣ, ба шеваи баёну нигориши забони аҳди сомонӣ бештар қаробат дошт.

§ 4. Забони тоҷикӣ дар аҳди Хоразмшоҳиён. Хоразм (дар Яшти 10, 14-и “Авесто” “Хваиризем”) дар гузашта яке аз сарзаминҳои қадими ободон ва шукуфони мардуми эронинажод буд, ки Абурайҳони Берунӣ дар “Осор-ул-боқия” аҳли онро “шохае аз дарахти азим ва шохобе аз дарёи форсиён” медонад. Ба андешаи бархе аз муҳаққиқони таърихи забонҳои эронӣ, аз ҷумла И.М. Оранский кишвари Аряна-Вайеҷа (авестоӣ - Аирйанем Ваеҷо > Эран-веҷ, паҳлавӣ - Эронвиҷ), ки ҳамчунин дар “Авесто” зикри он рафтааст, Хоразм мебошад.[433]

Сарзамини Хоразм, пас аз он ки дар асри III милодӣ аз шоҳигарии Кӯшониён ҷудо гардид, дар чанд асри минбаъда ба сифати давлати мустақил дар ҳаёти сиёсии Осиёи Марказӣ нақши муҳим бозид.

Забони аҳли Хоразм дар асл забони хоразмӣ буд, ки ин забон ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ ворид мешавад. Забони хоразмӣ баъди истилои араб чандин аср ҳамзамон бо забони тоҷикӣ дар Хоразм ба шакли забони гуфтугӯ боқӣ монд ва баъдан забони туркӣ ҷойгузини он шуд.

---

[432] Насрҳои таърихӣ. Ба интихоб ва муаррифӣ ва тавзеҳи дуктур Исмоили Ҳокимӣ. – Теҳрон, 1350//1972.-С.127-128.

[433]Ниг.: И.М. Оранский. Введение в иранскую филологию. – М., 1988. - С. 66.

Катибаҳои забони хоразмӣ ба асрҳои III-II то милод ва асрҳои III-VII милодӣ тааллуқ доранд ва бештари онҳо аз маҳдудаи Хоразм пайдо гардидаанд. Хати хоразмӣ ҳам яке аз гунаҳои хати оромӣ мебошад. Баъди истилои араб барои ин забон муддате алифбои арабӣ ҳам истифода гардидааст.

Калимоту истилоҳоти ҷудогона аз забони хоразмӣ дар осори ҷуғрофию таърихии муаллифони арабизабон, аз ҷумла Ибни Фазлон, Истахрӣ, Самъонӣ, Ёқути Ҳамавӣ ва дигарон ба назар мерасанд, ки бештар ба асрҳои X-XIII рост меоянд.

Муҳимтарин осори забони хоразмӣ луғатномаи арабиву форсии Замахшарӣ «Муқаддимат-ул-адаб» аст, ки дар он тақрибан 40 калимаи хоразмӣ истифода шудааст. Асари дигаре, ки дар он истилоҳоти ҳуқуқии хоразмӣ гирд омадаанд ва ин асар то замони мо расидааст, «Кинят-ул-муня...»-и фақеҳи хоразмӣ Ғазминист.

Ҳамчунин осори Берунӣ манбаи муҳими омӯзиши забони хоразмӣ маҳсуб мешаванд. Абурайҳони Берунӣ дар “Осор-ул-боқия”, “Китоб-ут-тафҳим” ва дигар асарҳои худ номи хоразмии рӯзҳои ҳафта, моҳҳо ва идҳоро мисол оварда, дар бораи онҳо тавзеҳи кофӣ додааст.

Мо дар фаслҳои қаблии ин китоб дар бораи муносибати ваҳшиёнаи истилогарони араб бо сарварии Қутайба ибни Муслим нисбат ба мероси ғании адабиву фарҳангии хоразмиён, ки Абурайҳони Берунӣ дар «Осор-ул-боқия» бо таассуф онро зикр кардааст, ёдовар шудем. Ин ҷо зикри ин матлаб муҳим аст, ки Қутайба ҳамаи осори гаронбаҳои хаттии хоразмиёнро ба коми оташ кашид ва тамоми донишмандони Хоразмро, ки хати хоразмиро медонистанд, аз дами теғи хуношоми худ гузаронд ва ба ин минвол ахбору осори хоразмиёни асили эронинажодро ба боди фано дод. Дар асрҳои баъдӣ мақоми хоразмшоҳӣ ёфтани туркони дастнишондаи ғазнавию салҷуқӣ ва ниҳоят ҳамлаи лашкари муғул теша ба решаи забони хоразмӣ зад. Ба баёни дигар, арабтозу турктозу муғултози айём хоразмиёнро бо қибтиёну финиқиёну оромиёну дигар қавмиятҳои мағлуби забонгумкарда ҳамқисмат намуд.

Дар бораи забони хоразмӣ ва осори бозмонда аз ин забон донишмадони шинохта А. Фрейман, И.М. Оранский, В.А. Лившитс, В.Б. Ҳеннинг, Ҳ. Ҳумбах ва дигарон таҳқиқоти

судманд анҷом додаанд. Олимони забоншиноси моро ҳам зарур аст, ки дар таҳқиқи ҷанбаҳои норавшани овоӣ ва дастурии ин забон, ба хусус вижагиҳои луғавӣ ва сарфу наҳви забони хоразмӣ ва робитаи ин забон ба дигар забонҳои зиндаи шарқии эронии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва забони яғнобӣ ҳиссагузор бошанд.

Хоразм дар рӯзгори Сомониён аз қисматҳои ободону шукуфони Мовароуннаҳр буда, аз ду вилояти мустақил – вилояти шарқӣ ё давлати Хоразмшоҳиён ва вилояти ғарбӣ ё аморати Ҷурҷония иборат буд. Маркази вилояти ғарбӣ шаҳри Ҷурҷония (Гурганҷ) ва маркази вилояти шарқӣ шаҳри Кос (Кот) буд. Дар вилояти шарқӣ хоразмшоҳиёни Оли Ироқ ва дар вилояти ғарбӣ амирони Оли Маъмун ҳукумат меронданд, ки ҳар ду шоҳигарӣ ҳам тобеи Сомониён буданд.

Соли 996 ҳокими вилояти ғарбии Хоразм Маъмун ибни Муҳаммад хоразмшоҳиёни Оли Ироқро шикаст дода, ҳар ду вилояти Хоразмро муттаҳид кард, вале аз тобеияти Сомониён берун нарафт. Маъмун ибни Муҳаммади Хоразмшоҳ (995-997) подшоҳи фозил буд ва ба илму адаб муҳаббати зиёд дошт. Бо ташвиқи ӯ ва вазири донишмандаш Суҳайлӣ як гурӯҳи бузурги донишмандони он аҳд, аз қабили Абурайҳони Берунӣ, Абуалии Сино, Абусаҳли Масеҳӣ, Абулхайри Хаммор, Абдуссамади Ҳаким ва дигарон ба дарбори ӯ гирд омада, фаъолияти муштараки илмӣ анҷом доданд, ки дар таърих бо номи “Фарҳангистони Маъмун” машҳур аст.

Вале давлати хоразмшоҳиёни Маъмунӣ дер давом накард. Султон Маҳмуд, ки чашми тамаъ ба Хоразм дӯхта буд, бо мақсади ба худ наздик кардани Маъмун ибни Муҳаммад хоҳари худро ба ӯ ба занӣ дод. Маъмун, ки шахси бомаърифати нармдил буд, дар миёни Султон Маҳмуд ва сипоҳиёни озодандешу саркаши худ қарор гирифт ва оқибат аз тарафи сипоҳиёни худ кушта шуд. Соли 1017 Султон Маҳмуди Ғазнавӣ бо ҳамин баҳонаи кушта шудани домодаш Маъмун ба Хоразм ҳамла кард ва давлати хоразмшоҳиёни Маъмуниро комилан сарнагун карда, мақоми хоразмшоҳиро бори нахуст дар таърих ба туркон, саҳеҳтараш ба Алтунтоши ҳоҷиби худ дод. Хонадони Алтунтош дар Хоразм то давраи Маликшоҳи Салҷуқӣ ҳукмрон буданд. Маликшоҳи Салҷуқӣ соли 1077

Хоразмро ишғол кард ва ҳукумати Хоразмро ба яке аз муқаррабонаш Ануштегин вогузор намуд, ки баъдан ба худ лақаби “хоразмшоҳ” гирифт. Баъд аз Ануштегин ҳукумати Хоразм ба хонадони ӯ ҳамчунон боқӣ монд. Ин силсила (1077-1231) аз Ануштегин то ба рӯзгори Ҷалолиддини Хоразмшоҳ, ки бар асари ҳамлаи муғул аз тахту тоҷ маҳрум гардид, идома ёфт. Ҳокимони ин хонадон дар ибтидо тобеи Салҷуқиён буданд, вале баъдан мустақилона дар Эронзамин ҳукумат карданд. Авҷи давлати ин хонадон ба замони ҳукмронии Отсиз ибни Қутбиддин, Эл-Арслон, Султоншоҳ, Текеш ва Алоиддин Муҳаммади Хоразмшоҳ рост меояд. Баъзе аз ҳокимони ин хонадон, аз ҷумла Отсиз (1127-1156) расман тобеи Салҷуқиён буд, вале амалан мустақилона ҳукумат меронд. Баъд аз шикасти сипоҳи султон Санҷар ба дасти лашкари Қарохитоиҳо, ки ҷанги байни ин ду сипоҳ бо таҳрики Отсиз ба амал омад, Хоразмшоҳиён мустақилияти комил ба даст оварданд.

Хоразм ба сифати давлати марказонида дар замони ҳукмронии писари Отсиз – Текеш (1172-1200) бештар рӯ ба рушду густариш ниҳод. Вай охирин подшоҳи Салҷуқиёни бузург Султон Туғрули III Салҷуқиро дар Рай шикаст дода, ҳукумати худро дар қисмати бузурги қаламрави Салҷуқиён барқарор намуд. Текеш ҳамчунин шаҳрҳои Нишопуру Исфаҳонро ба қаламрави давлати хоразмшоҳӣ шомил кард. Писараш Алоиддин Муҳаммад баъд аз ҳукмронии падари худ шаҳрҳои Бухорою Самарқанд, Балху Ҳирот ва Кирмонро низ ба ҳудуди давлати худ ҳамроҳ кард. Алоиддин Муҳаммад инчунин рақиби асосии давлати худ – давлати Ғӯриёнро соли 1215 ба пуррагӣ шикаст дод.

Чароғи давлати ин хонадони бузурги хоразмшоҳиро тундбоди ҳамлаи лашкари истилогари муғул тадриҷан хомӯш кард. Писари Алоиддин Муҳаммад – Ҷалолиддин (1220-1231) ҳарчанд расман ҳокими Хоразм буд, вале амалан мамлакаташ дар дасти истилогарони муғул қарор дошт ва худи ӯ ба сифати подшоҳ ва сарлашкари далер дар ин ва ё он гӯшаи кишвари аздастрафтааш бо лашкари анбӯҳи Чингиз мардонавор ҷангид, вале дигар натавонист ҳукумати хоразмшоҳиро дар дасти хонадони худ нигоҳ дорад.

Бештари хоразмшоҳиён – ҳам хоразмшоҳиёни асили Оли Ироқ ва Оли Маъмун ва ҳам хоразмшоҳиёни баъдии алтунтошӣ ва ануштегинӣ ба забону адаби тоҷикӣ-форсӣ муҳаббати зиёд доштанд. Дар ҳамаи ин айём забони расмии дарбор ва забони бештари мардуми қаламрави Хоразмшоҳиён забони тоҷикӣ буд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки хоразмшоҳиёни хонадони Ануштегин дар домони ҳамин забону фарҳанги оламгири тоҷикӣ тарбият ёфта, дар гуфтани шеър табъи салим доштанд ва матлаби муҳими худро дар қолаби шеър баён мекарданд. Масалан, Султоншоҳ баъд аз вафоти Эл-Арслон бар тахти Хоразм нишаст ва бародараш Текеш аз ин воқеа изҳори мухолифат кард, аз ин хотир миёни бародарон хусумат афтод. Султоншоҳ ба Текеш ба сифати нома рубоии зеринро навишта фиристод:

Ҳар гаҳ ки саманди азми ман пӯя кунад,
Душман зи ниҳеби теғи ман мӯя кунад.
Ин ҷо ба расулу нома бар н-ояд кор,
Шамшери дурӯя кори якрӯя кунад.

Текеш ин рубоиро ба дасти писараш Маликшоҳ, ки олиму шоир буд, дод, то фаврӣ ҷавоб гӯяд. Маликшоҳ рубоии зеринро суруда, ба Султоншоҳ ирсол кард:

Сад ганҷ туро, ханҷари буррон моро,
Кошона туро, маркабу майдон моро.
Хоҳӣ, ки хусумат аз миён бархезад,
Хоразм туро, мулки Хуросон моро.

Ин рубоӣ чун ба дасти Султоншоҳ расид, Султоншоҳ рубоии зерро ҷавоб навишт:

Эй ҷони ғам, ин ғам раҳи савдо гирад,
Ин қисса на дар шумо, на дар мо гирад.
То қабзаи шамшери кӣ полояд хун?!
То оташи иқболи кӣ боло гирад?!

Муаллифи “Лубоб-ул-албоб” дар бораи шоири соҳибдевон будани Алоуддавла Отсиз ибни Муҳаммади Хоразмшоҳ сухан ронда, ёдовар мешавад, ки худи ӯ дар китобхонаи Самарқанд девони шеъри Отсизро мутолиа кардааст.

Рубоии зерин, ки ба Отсиз нисбат медиҳанд, аз табъи баланд доштани ӯ дар сурудани шеъри тоҷикӣ гувоҳӣ медиҳад:

Бар ройи ҷаҳон нишони фармони ман аст,
Дар гӯши фалак ҳалқаи паймони ман аст.
Бо ин ҳама салтанат, ки имрӯз марост,
Тасҳили ризои дӯст имони ман аст.

Ҳамчунин дар таърихномаю тазкираҳо порчаҳои шеърӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ба Султон Текеш, Муҳаммади Хоразмшоҳ ва Султон Ҷалолиддин нисбат дода шудаанд. Аз ҷумла, Муҳаммади Хоразмшоҳ, ки дар ҳолати фақру нодорӣ пас аз ҳамлаи муғул дар як ҷазираи баҳри Хазар ба ҳалокат расид, ҳангоми комронию авҷи давлаташ ғофил аз ҷаври гардун ва гардиши рӯзгор чунин суруда буд:

Фардо алами фироқ тай хоҳам кард,
Бо толеи саъд қасди Рай хоҳам кард.
Маъшуқа мувофиқ асту айём ба ком,
Акнун накунам нишот, кай хоҳам кард?!

Муаррихон рубоии зерро, ки аз он ҳисси шуҷоату мардонагӣ ба назар мерасад, ба Ҷалолиддин нисбат додаанд:

Дар разм чу оҳанему дар базм чу мум,
Бар дӯст муборакему бар душман шум.
Аз ҳазрати мо баранд инсоф ба Шом
В-аз ҳайбати мо баранд зуннор ба Рум.

Аз шоирони маъруфи дарбори хоразмшоҳӣ Рашиди Ватвот, Низоми Ҷомӣ, Сироҷи Балхӣ ва Баҳоиддин Муҳаммадро метавон ном бурд, ки дар ин миён ашъори Рашиди Ватвот (1087/94-1177/82) маъруфияти бештар дорад. Номи ӯ Рашидуддин Муҳаммад буда, бинобар ҷисми хурд доштанаш ба ӯ лақаби «Ватвот» додаанд, ки дар арабӣ ба маънии «хаффош», «муши паррон» аст. Вилодат ва таҳсили Рашид дар Балх сурат гирифтааст, баъдан ӯ ба дарбори Отсиз роҳ ёфта, муддати сӣ сол дабир ва муншии Алоуддавла Отсизи Хоразмшоҳ буд. Аксари қасидаҳои ӯ дар мадҳи Отсиз ва футуҳоти ӯ суруда шудаанд. Бо шоири дарбори Салҷуқиён Адиб Собири Тирмизӣ мушоира доштааст. Аз ҷумла, дар ҷавоби қасидаи Адиб Собир бо радифи оташ қасидаи зебое сурудааст, ки чанд байти он ин аст:

Зиҳӣ фурӯхта ҳусни ту дар ҷаҳон оташ,
Зада ғами ту маро дар миёни ҷон оташ.

Агар барорам аз андуҳи ишқи ту нафасе,
Бигирад аз нафаси ман ҳама ҷаҳон оташ.
Намонда з-оташи дил оби чашму тарсам аз он-к,
Ба ҷойи об зи чашмам шавад равон оташ...

Азбаски Рашиди Ватвот аз устодони баландпояи илми бадеъ ва суханшиносони бузурги забони мост, забони аксари сурудаҳояш ширину пуробуранг ва саршор аз санъатҳои лафзию маънавист:

Аз ҳасрати рухсори ту, эй зеборӯй,
Аз нола чу нол гаштам, аз мӯя чу мӯй.

Китоби маъруфи насрии "Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқи-ш-шеър"-и ӯ, ки дар илми бадеъ ва санъатҳои шеърӣ китоби басе муфид аст, ба номи Отсиз таълиф гардидааст. Ин китобро **Рашиди Ватвот** ба тақлиди "Тарҷумон-ул-балоға"-и Фаррухӣ ном адиб, ки мутаассифона, китоби ӯ то замони мо нарасидааст, таълиф намудааст. Забони баён ва шеваи нигориши ин китоб содаву бетакаллуф аст, ҳарчанд муаллиф ба сифати шоҳид аз ашъори шоирони араб бисёр мисол овардааст. Дар асрҳои баъдӣ бо тақлиду пайравӣ аз ин китоб дар илми бадеи тоҷикӣ китобҳои зиёде иншо гардиданд, ки китоби маъруфи "ал-Муъҷам фи маойири ашъори-л-Аҷам"-и Шамси Қайси Розӣ беҳтарин намунаи онҳост.

Барои шиносоӣ бо забон ва шеваи иншои муаллиф, тавзеҳи ӯро дар хусуси санъати истиора дар зер нақл мекунем: "Маънии истиорат чизе орият хостан бошад. Ва ин санъат чунон бошад, ки лафзеро маънӣ бошад ҳақиқӣ. Пас дабир ё шоир он лафзро аз он маънии ҳақиқӣ нақл кунад ва ба ҷойи дигар бар сабили орият ба кор бандад. Ва ин санъат дар ҳамаи забонҳо бисёр аст. Ва чун истиорат баид набошад ва матбӯъ бувад, суханро ороиши тамом ҳосил гардад...

Мисол аз насри порсӣ: Бояд, ки сояи шафақат фулон бар сари фулон густаронад ва домани авф бар гуноҳони ӯ пӯшонад...

Масъуди Саъд гӯяд:

...Охир ин рӯзгори ноқисдӯст,
Лагаде зад камолро муҳкам.

Шуд зи мардум тиҳӣ канори ҷаҳон,
Хокро пур нашуд ҳанӯз шикам.

Мисоли дигар: Хоки амал аз анбари маъзулӣ беҳ”.[434]

Шоистаи зикр аст, ки дар нусхаи бозмондаи “Ҳадоиқ-ус-сеҳр” хусусиятҳои имлоӣ ва алифбои навишти замони муаллиф комилан риоя шудааст. Ба ин маънӣ, ки дар “Ҳадоиқ-ус-сеҳр” ҳуруфи форсӣ (п, г, ж, ч) истифода нагардида, ҳарфи “ҷ” ба ҷойи “ч”; “б” ба ҷойи “п”; “к” ба ҷойи “г”; “з” ба ҷойи “ж” ба кор рафта, ҳамчунин ҳарфи “зол”-и муъҷама дар мавридҳое ба ҷойи “д” корбаст шудааст.

Дар дарбори Хоразмшоҳиёни баъдӣ аз аҳли ирфону тасаввуф Баҳоиддин Муҳаммад – падари Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Шайх Наҷмиддини Кубро, Фахриддини Розӣ ва дигар бузургони илму ирфон кору зиндагӣ кардаанд.

Китоби “Маориф”-и султонулуламо **Баҳоиддин Муҳаммад ибни Ҳусайни Хатибии Балхӣ** маъруф ба **Баҳоиддин Валад** аз беҳтарин ва муҳимтарин осори сӯфиён ба забони тоҷикӣ шинохта шудааст. Аслан Баҳоиддин Валад аз дарбориёни Хоразмшоҳиён буд ва пас аз ранҷиш аз Хоразмшоҳ дар остонаи ҳамлаи муғул Балхро тарк кард ва бо пайвандону муридонаш, ки мегӯянд миқдори онҳо ба ҳафтсад мерасид, дар Осиёи Сағир иқомат ихтиёр намуд. Китоби “Маориф” бист маҷлиси ваъзи ӯро дар бар мегирад ва баёни бисёр ширину шево дорад.

Дигар аз бузургони Хоразм сӯфии маъруф **Наҷмиддини Кубро**ст, ки ҳангоми ҳамлаи муғул бо муридонаш ба ҷанги муғул рафт ва дар майдони ҷанг (соли 617/1219) кушта шуд. Наҷмиддини Кубро ба забонҳои арабию тоҷикӣ осори зиёд таълиф кардааст. Рисолаҳои тоҷикии “Одоб-ул-муридин”, “Сакинат-ус-солеҳин”, “Вусул ила-л-лоҳ” ба қалами вай тааллуқ доранд. Наҷмиддини Кубро дар сурудани рубоии ирфонӣ низ табъи баланд доштааст:

Чун нест, зи ҳар чӣ нест, ҷуз бод ба даст,
Чун ҳаст, ба ҳар чӣ ҳаст, нуқсону шикаст.
Пиндор, ки ҳаст, ҳар чӣ дар олам нест,
Ангор, ки нест, ҳар чӣ дар олам ҳаст.

Дар роҳи талаб расидае мебояд,
Доман зи ҷаҳон кашидае мебояд.

[434] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. Китоби севум.- Теҳрон, 1345//1967.- С. 700-701.

Биноии хешро даво кун, зеро-к
Олам ҳама ӯст дидае мебояд.

Аз пизишкони маъруфи дарбори хоразмшоҳӣ Исмоили Ҷурҷонист, ки бо таълифи асари ҷомеи тиббии “Захираи Хоразмшоҳӣ” тавонмандиҳои забони форсии дариро дар баёни матолиби илми тиб ба оламиён ошкор кардааст.

Саид Исмоили Ҷурҷонӣ (1042-1136) дар Ҷурҷон ба дунё омад, муддате дар Нишопур, Марв ва Қум зиндагӣ кард ва баъдар дар соли 1110 ба Хоразм омада, дар он ҷо сукунат ихтиёр кард. Дар охирҳои умр ба Марв рафт ва аз муқаррабони султон Санҷар гардид ва саранҷом дар Марв вафот кард.

Дарбори хоразмшоҳиёни ануштегинӣ Қутбиддин Муҳаммад ва писараш Алоуддавла Отсиз ӯро ба сифати табиби ҳозиқ ва адиби пурдон хуб пазироӣ намуд. Исмоили Ҷурҷонӣ дар Хоразм “Захираи Хоразмшоҳӣ”-ро ба номи Қутбиддини Хоразмшоҳ ба забони тоҷикӣ таълиф кард. “Захираи Хоразмшоҳӣ” аз нуҳ китоб иборат буда, муҳимтарин китоби тиббии тоҷикӣ шинохта шудааст.

Дар рӯзгори давлатдории Алоуддавла Отсиз Исмоили Ҷурҷонӣ бо дархости ӯ матолиби “Захираи Хоразмшоҳӣ”-ро дар ду ҷилд мухтасар кард ва “Хуффи Алоӣ” ном ниҳод, ҳамчунин дар заминаи “Захираи Хоразмшоҳӣ” китобҳои тиббии “ал-Ағроз” ё “ал-Ағроз-ут-тиббия” ва “Ёдгор”-ро таълиф кард. Вале дар байни ин осор худи китоби мукаммали “Захираи Хоразмшоҳӣ” аз аҳамияти вижа бархурдор аст, зеро ин асар илова бар шеваи содаи баёну нигориш, ҳамчунин манбаи муҳими калимаву истилоҳоти тиббии тоҷикӣ ба шумор меравад ва аз ин нуқтаи назар то ба имрӯз аҳамияти худро аз даст надодааст. Барои шиносоӣ бо забони асар ва шеваи баёни муаллиф порчаеро аз ин китоб манзур менамоем:

“Умри мардум бар чаҳор бахш аст: як бахш рӯзгори парвардану болидан ва фузудан аст ва ин камобеш понздаҳ сол ва шонздаҳ сол бошад. Ва дувум, рӯзгори расидагию тозагӣ аст ва ин то муддати сӣ сол бошад ва дар ин муддат фузудану болидан тамом шавад. Пас аз он рӯзгоре андак аст, ки бар он тамомшудагӣ бимонад ва ин то муддати сиву панҷ сол бошад ва баъзеро то чиҳил сол ва то ин рӯзгор ҳанӯз рӯзгори ҷавонӣ бошад. Ва сеюм, рӯзгори каҳлист ва каҳлро ба порсӣ думӯй

хонанд ва дар ин рӯзгор баҳрае аз қуввати ҷавонӣ бо вай бошад ва ин то муддати шаст сол бошад. Пас аз он рӯзгори пирӣ бошад ва андар ин рӯзгор сустии қувватҳо падид меояд, то охири умре, ки эзиди таоло тақдир карда бошад”.[435]

Зикри ин матлаб ҳам муҳим аст, ки муаллиф дар адои матлаби тиббӣ дар баробари истилоҳоти асили тоҷикӣ калимоту истилоҳоти маъмули арабиро, ки дар рӯзгори муаллиф истеъмол мешудааст, ба кор бурдааст. Худи ӯ дар ин бобат чунин мегӯяд: “Ва агарчи ин хидмат ба порсӣ сохта омадааст, лафзҳои тозӣ, ки маъруф аст ва бештари мардумон маънии он донанд ва ба тозӣ гуфтан сабуктар бошад, он лафз ҳам ба тозӣ ёд карда омад, то аз такаллуф дуртар бошад ва бар зуфонҳо равонтар [бошад]. Ва аз ин лафзҳо бештаре ба порсӣ низ гуфта [ояд, то ҳеч пӯшида намонад]”.[436]

Вале бояд гуфт, ки аксари истилоҳоти арабӣ, ки дар ин китоб ба мушоҳида мерасанд, истилоҳоти сода ва таркибҳоеанд, ки ба забони мардум роҳ ёфта, истифодаи онҳо умумият пайдо кардааст. Муаллиф дар баёни матлаб аз истифодаи истилоҳот ва таркибҳои мураккабу муғлақи арабӣ худдорӣ мекунад.

Дар маҷмӯъ забони тоҷикӣ-форсии аҳди Хоразмшоҳиён, то ҳамлаи муғул дар маҷрои табиӣ қарор дошта, хусусиятҳои содагию равонии аҳди сомонӣ ва давраи аввали ғазнавиро идома медод ва дур аз печидагӯйиву муғлақбаёнии даврaҳои баъдӣ, ба хусус аҳди муғул буд.

§ 5. Нуфузи забонҳои бегона ба забони мо. Дар ҳамин давра таъсирпазирӣ аз забони арабӣ бештар мегардад. Бояд гуфт, ки забон мавҷуди зинда аст, аз ин хотир ба сифати мавҷуди зинда ҳамеша дар ҳоли пӯёӣ ва тағйиру таҳаввул мебошад.

Аз ибтидои пайдоиш дар раванди инкишофи робита ва муносиботи байни қавму қабилаҳои башарӣ забонҳо ҳам каму беш ба ҳам омехта гардидаанд. Агар ин робита қатъ гардад ва забон дар як муҳити танг қарор дода шавад, бешак, вай бо гузашти замон ба як забони маҳдуд ва нотавон табдил ёфта, мисли оби барҷоймонда аз маҷрои дарё фосид мешавад. Ба муқтазои ҳамин қонуни табиӣ забонҳо мудом дар ҳоли муомила

[435] Исмоили Ҷурҷонӣ. Захираи Хорзмшоҳӣ. Китоби нахустин. Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Салоҳиддини Солеҳ. – Душанбе, 1992. – С. 26-27.
[436] Ҳамин асар. – С.11.

ва мубодила будаанд ва ҳастанд ва то одаму олам боқист, ин ҷараён ҳаргиз қатъ ва ё таваққуф намепазирад.

Масъалаи иқтибоси вожаҳои бегона дар тамоми забонҳои ҷаҳон мушоҳида мешавад, зеро забонҳо дар таърихи тӯлонии рушду инкишофи худ ҳамеша дар робитаву тамос ва бархурд бо ҳамдигар қарор доранд. Ба андешаи муҳаққиқи рус Н.П. Черных, забоне, ки аз лиҳози луғавӣ покизагии комил дошта бошад, вуҷуд надорад ва таркиби луғавии ҳеҷ забоне аз калимаҳое, ки дар рӯзгорони мухталиф ва мавридҳои гуногун аз забонҳои дигар иқтибос гирифта шудаанд, холӣ нест.[437] Ин раванд ба ақидаи забоншиноси тоҷик С. Назарзода, воқеан барои ғанӣ шудани таркиби луғавии забон бо калимаю истилоҳот омили муҳим маҳсуб мешавад, зеро таркиби луғавии ҳар як забон на танҳо аз файзи истифодаи луғати асил ва хоси худ, балки бо кумаку мусоидати калимаҳои иқтибосӣ аз забонҳои дигар рушду такомул меёбад.[438] Аз ин рӯ, ба қавли маъруф, даъвои «забони холис» монанди «нажоди холис» ба ҷуз тасаввури ботил чизи дигар нест.

Калимаҳое, ки аз забонҳои дигар иқтибос гирифта мешаванд, дар рушду ғанои таркиби луғавии забон нақши муҳим доранд. Бештари ин калимаҳо ба таркиби луғавии забон дохил шуда, ба меъёрҳои овозӣ ва қоидаҳои дастурии он мутобиқ мегарданд ва гоҳе шакли худро ба куллӣ иваз карда, маъною мазмуни нав пайдо мекунанд. Раванди иқтибос гирифтани калимоту истилоҳот аз забонҳои дигар ба забони модарии мо ба тарзи гуногун сурат гирифта, тамоми соҳаҳои илму фарҳанг ва зиндагию рӯзгори мардумро фаро мегирад. Ба андешаи муҳаққиқон, калимоти зерин ҳанӯз дар марҳалаи аввали ташаккули забони адабии мо дар забони шифоҳии мардум мавҷуд буда, ба осори хаттӣ ворид шудаанд ва имрӯз ҷузъи таркиби луғавии забони модарии моро ташкил медиҳанд: **шаҳр, фарзона, фаришта, шоҳпур** (аз портӣ), **зандбоф, чархушт, мул, малах, шаман, оғоз, нағз, чуғд, варғ, роғ, ғирев,** (аз суғдӣ), **дайҳим, дирҳам** (дирам), **колбад, динор, сим, наргис, бурҷ, ёқут,**

[437] Черных П.Н. Очерк русской исторической лексикологии. Древнерусский период.- М., 1956. - С. 141-142.

[438] Назарзода, С.. Лингвистическое изучение классических письменных памятников. - Душанбе, 2004. - С. 194-196.

зумуррад (аз юнонӣ), **масеҳо, тобут, чалипо, куништ, гунбад, марворид** (аз оромӣ ва суриёнӣ).

Масъалаи таҳқиқи калимаю истилоҳоти иқтибосӣ дар забони модарии мо дер боз таваҷҷуҳи муҳаққиқони зиёдро ба худ ҷалб карда, дар ин замина аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ чандин таҳқиқоти судманд анҷом пазируфтааст.[439] Муҳаққиқони тоҷик Н.А. Шаропов[440], Т. Бердиева[441], Сайфиддин Назарзода[442], Мирзо Ҳасани Султон[443] ва диг. низ дар ин масъала андешаҳои ҷолиб баён кардаанд, вале бо вуҷуди ин ҳама кӯшишҳо ҳанӯз ҳам бисёр паҳлуҳои ин масъала ба таври бояду шояд таҳқиқ нашудааст ва интизори таҳқиқу мутолиаи ҷиддии илмист.

Ба ақидаи мо, чунон ки инсон бо хешу пайвандони худ шабоҳатҳои зотии зиёде ва рафту омади самимитар дошта ва бо дӯстону наздикон нисбат ба душманон муомила ва доду гирифти бештар дорад, забон ҳам аз фарҳангҳое бисёртар луғат ва истилоҳот қарз мегирад, ки бо онҳо қаробату наздикии бештар дорад. Масалан, сабаби бисёртар аз забони арабӣ луғат қарз гирифтани забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) шояд дар он буд, ки дини ислом байни ин ду забон ҳамбастагие ба вуҷуд овард ва ё сабаби аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ иқтибос кардани

---

439 Муфассал ниг.: Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ ва таърихи татаввури насри форсӣ, дар се ҷилд. – Теҳрон, 1349//1971; Парвиз Нотили Хонларӣ. Забоншиносӣ ва забони форсӣ. – Теҳрон, 1342//1964; Парвиз Нотили Хонларӣ. Таърихи забони форсӣ, ҷ.1.- Теҳрон,1382//2004; Белгородский Н.А. Современная персидская лексика. - М. Л.1936; Овчинников И.К. К вопросу об удельном весе иноязычных заимствований в лексике современного литературного персидского языка (Индийская и иранская филология. Вопросы лексики).- М.,1971, с. 43-60; Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка. - М., 1975; Рубинчик Ю.А. Современный персидский язык.М., 1960; Хатеми Х.З. Лексика персидского языка и пути её обогащения. Дисс. д-ра фил. наук. Баку, 1965.

440 Шаропов Н.А. Пути развития лексики современного таджикского литературного языка.Душанбе, 1988.

441 Т. Бердиева. Назарияи иқтибос (Калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ). - Душанбе, 1991.

442 Назарзода С. Лингвистическое изучение классических письменных памятников. - Душанбе, 2004. - С. 193-243; «Аҷоиб ул-махлуқот» ва вожашиносии таърихии форсӣ-тоҷикӣ. - Душанбе, 1999. - С. 125-158.

443 Мирзо Хасан Султон. Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии. Душанбе, 2008. - С. 214-304; Мирзо Ҳасани Султон. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. - Душанбе, 2008. - С. 217-295.

луғат дар даврони шӯравӣ шояд он бошад, ки низоми шӯравӣ байни ин забонҳо ва гӯяндагони онҳо пайванде эҷод ва барқарор карда буд.

Албатта доду гирифт дар байни забонҳои як оила ва хешованд кори одӣ ва маъмулист ва зиёдтар аст. Масалан, забонҳои тоҷикӣ, русӣ, олмонӣ, инглисӣ, ки аз як хонаводаи ба истилоҳ ҳиндуаврупоианд ва дар овони туфулият аз як сарчашма об хӯрдаанд, калимаҳое аз қабили **падар, модар, бародар, хоҳар** ва амсоли он аз ибтидо решаи муштарак дошта, ҳеҷ кадоми ин забонҳо онҳоро аз ҳамдигар иқтибос нагирифтаанд.

Лекин баъдтар забонҳои мазкур роҳи инкишофи хоси худро тай карданд ва дар асари таҳаввулу тағйирот ва ҷудоӣ аз ҳам дур монда, луғоти чун **бозор, дев, ҷангал** ва амсоли онҳо аз тоҷикӣ - форсӣ иқтибос гирифта, луғати фаровонро ба ин забон доданд. Ба фикри донишмандон ин табиитарин усули муомилаю доду ситади забонҳо мебошад.

1. Сабабҳои таъсири мутақобили забонҳо. Донишмандони муосир чанд амалро бо каме тағйири ҷо ва каму зиёдии шаклҳо сабаби нуфуз ва даромехтани забон мешуморанд.[444] Назар ба аҳамият ва доманаи вусъат сабабҳои асосии нуфуз ва омезиши забонҳоро чунин хулоса кардан мумкин аст:

Сабаби иқтисодӣ. Луғат ва истилоҳот мумкин аст дар натиҷаи алоқа ва робитаҳои гуногуни иқтисодӣ аз як забон ба забони дигар дохил шаванд. Ин кор дар ҳама давраҳо ва дар ҳама кишварҳо кори сода ва одӣ ҳисоб мешавад. Имрӯз чун доманаи муносибатҳои гуногуни иқтисодии давлатҳо аз ҳарвақта дида фарохтар ва густурдатар аст, ин доду гирифт бисёртар ва зудтар сурат мегирад. Масалан, вақте ки маҳсулоти хоси кишваре ва ё ашёи сохтаи як давлат ба мамлакати дигар содир мешавад, маъмулан номи вай ҳам ба он кишвар содир мешавад, монанди «чой»-и чинӣ, «қаҳва»-и арабӣ ва “почта, телефон, телеграф, радио”-и аврупоӣ, ки дар садаи ахир ба ҳамаи забонҳои ҷаҳон дохил шудаанд.

[444] Ризозода Шафақ, Форсӣ ва нуфузи луғоти бегона. // Нашрияи донишкадаи адабиёти Исфаҳон, соли 6, № 7, Исфаҳон, 1340, с. 60-64; Адиби Тӯсӣ, Баҳор дар бораи забони форсӣ, Армуғон, давраи 44, № 2, Теҳрон, с. 83-89.

Нуфузи динӣ. Нуфузи динӣ яке аз муҳимтарин ва муассиртарин сабаби интиқлоли калима ва истилоҳоти як забон ба забони дигар ба шумор меравад. Азбаски нуфуз аз тариқи ақида сурат мегирад, бинобар ин вай бо истилоҳоти хоси худ дар забон дохил мешавад ва ин истилоҳот солҳо ба сурати аслии худ боқӣ мемонад. Масалан, **ҳаҷ, закот, муноҷот, ғилмон, кавсар, зикр** ва садҳо калимаи дигар беш аз ҳазор сол аст, ки дар забони тоҷикӣ ба ҳамон сурати арабии худ боқӣ мондаанд ва ақида боис шудааст, ки касе то имрӯз дар фикри тағйир додани онҳо нест. Бинобар ин, то имон ва ақида боқист, ин истилоҳот зинда хоҳанд монд.

Сабаби низомӣ. Дар натиҷаи ҷангҳо ва истилову ғалабаи як давлат бар давлати дигар нуфузи забони вай, албатта, ба шарте ки ин забон забони расо ва қавӣ бошад ва ин истило муддати дароз давом кунад, як силсила истилоҳоти идорӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии тарафи ғолиб ба забони халқи мағлуб таҳмил мешавад. Гоҳо ин калима ва истилоҳот пас аз заволи ҳукумати ғолиб низ то дер мавҷудияти худро идома медиҳанд, монанди луғатҳои арабӣ, чун **туҳфа, ақд, эҳтиром, ғанимат** ва ғайра, ки то имрӯз дар забони тоҷикӣ боқӣ мондааст.

Пеш аз арабҳо низ чунин ҳолат ба сари забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) омада буд. Масалан, нуфузи юнониён, ки қариб сад сол пас аз ҳамлаи Искандари Мақдунӣ дар ин сарзаминҳо идома ёфт. Бо вуҷуди он ки бар фарҳангу тамаддуни мо ғолиб нашуд, боз ҳам забони юнонӣ дар ин қаламрав ривоҷ ёфт ва бисёр вожаҳои юнонӣ, ки имрӯз ба куллӣ тоҷикӣ шудаанд, чун **пиёла, дирҳам, сандалӣ, алмос, марворид** ва ғайра аз он аҳд боқӣ мондааст.

Ҳатто аз аҳди фитнаи муғул ва ҳукмронии туркон ҳам «ёдгориҳое» дар забони тоҷикӣ боқӣ мондаанд. Ҳарчанд ки на муғул ва на туркон забони бонуфуз ва қудратманде надоштанд, то ҳол луғат ва истилоҳоти онҳо аз забони тоҷикӣ гум нашудаанд, чун калимаҳои туркии **чоруқ, чакма, учоқ** ва луғоти муғулии **урду, тамға** (муҳр), **баҳодур** (мубориз), **урток** (шарик), **бегим, хон, хотун** ва амсоли он.

Сабаби сиёсӣ. Бисёр вақт иттифоқ меафтад, ки бидуни лашкаркашӣ ва кишваркушоиҳо воқеа ва пешомадҳои сиёсӣ

боиси нуфузи вожаҳои як забон ба забони дигар мегардад. Масалан, пас аз он ки арабҳо сарзаминҳои Эрон ва Осиёи Миёнаро фатҳ карданд ва ҳукумат ба дасти онҳо афтод, бисёр луғатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ ва ғайра ба забони тоҷикӣ дохил шуд ва пас аз суқути ҳукуматҳои арабӣ онҳо аз байн нарафтанд ва имрӯз ҳам истифода мешаванд, монанди **хитоба, силоҳ, салтанат, қудрат, ҷаноб, забт, ҳазрат, ҳуҷум** ва монанди ин. Ва ё метавон нуфузи сиёсии Русияро дар қаламрави аморати Бухоро мисол овард. Назар ба иқтидор ва нуфузи сиёсии Русия пеш аз тасарруфи ин сарзамин калимаҳо ва луғатҳои русӣ ва аврупоӣ дар ин минтақа рахна карда буд, аз қабили **лампа, самовор, бонк, калуш** ва ғайра.

Сабабҳои илмӣ ва адабӣ. Нуфузи калимаҳо ва истилоҳоти илмиву адабии забонҳои пешрафтаи имрӯз дар забони миллатҳои гуногуни ҷаҳони муосир мушоҳида мешавад. Ин луғат ва истилоҳот аввалан аз забонҳои юнонӣ, лотинӣ, арабӣ ба забонҳои мухталиф, аз ҷумла забони тоҷикӣ бевосита ва ё бавосита ворид шудаанд, монанди номи доруҳо, бемориҳо, асбобу анҷоми техникӣ, истилоҳоти улуми физика, ҳандаса, кимиё, фалсафа ва ғайра.

Сабаби фарҳангӣ ва иҷтимоӣ. Дар таърихи инкишофи забонҳо бисёр мушоҳида шудааст, ки забони як халқи аз ҷиҳати фарҳанг ва муносибатҳои иҷтимоӣ пешрафта мавриди иқтибос ва тақлиди халқҳо ва мамлакатҳои дигар қарор гирифтааст. Масалан, дар асри XIX забони фаронсавӣ дар Русия чунин мавқеъро пайдо карда буд. Ашрофзодагон ва равшанфикрони фарангимаоби рус дар маҳфилу дарсхонаҳо ва ҳатто дар суҳбатҳои хонаводагӣ ба он забон суҳбат мекарданд ва достону романҳои фаронсавӣ дар байни китобхонон ва аҳли қалам ҳаводорон ва пайравони зиёд дошт. Мисоли равшани онро нависандаи шаҳири рус Лев Толстой дар асари маъруфи худ «Ҷанг ва сулҳ» нақл кардааст. Ин расму равиш ба аксарияти мамлакатҳо ба ҳадде нуфуз ва сироят кард, ки суханварони номвари баъзе кишварҳо А.С. Пушкин дар Русия ва Лессинг дар Олмон ба покизакорӣ ва тозасозии забон пардохтанд.

Забони мо низ аз чунин пешомад эмин намондааст. Масалан, бисёр луғатҳо ва истилоҳоти марбут ба сиёсат, фалсафа, мантиқ ва ё фунуни адабӣ дар забони тоҷикӣ то имрӯз

ҳамон истилоҳотест, ки аз забони арабӣ баъд аз ислом дохил шудаанд ва бештари ин истилоҳотро донишмандони эронинажод сохтаанд. Вале чун забони арабӣ воситаи интишори фалсафа, мантиқ ва фununи адабӣ буд, бинобар ин вожа ва истилоҳоти ин риштаҳо тавассути забони арабӣ ба забони тоҷикӣ дохил шудаанд, аз қабили **ваҳдат, давр, касрат, қиёс, шакл, муодила, ҳаюло, сурат, моҳият, шеър, байт, вазн, тамсил, тахайюл, рамал, инъикос, мавҷ** ва садҳо луғати дигар.

Дар садаи ахир садҳо ва ҳазорон луғат ва истилоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ, фаннӣ, техникӣ ва саноеи ҷадид аз забони русӣ ва ё аз забонҳои миллатҳои Мағриб тавассути забони русӣ ба забони тоҷикии муосир дохил шудаанд, ки назар ба аҳамияти мавзӯъ дар мавқеи худ ба он боз хоҳем гашт.

Забонҳои зиндаи ҷаҳон ҳамеша дар ҳоли рушду такомул, омезишу табодул ва тағйиру таҳаввуланд. Забон ҳам ба монанди тамоми мавҷудоти зиндаи ин ҷаҳон дар умри худ марҳилаҳои гуногуни ҳаётро мепаймояд, аз туфулият ба сӯйи булуғ ва авҷу камол, гоҳо фақру бечорагӣ ва гоҳо ҳам беморӣ ва ҳатто марг.

Донишмандон ду омили асосиро сабабгори ин авҷу заволи забон медонад: омили дохилӣ ва омили хориҷӣ. Аввал ин ки забон то чӣ андоза ва аз кадом роҳҳо мавриди ҳамла ва нуфузи забонҳои дигар воқеъ шудааст ва дувум он ки забон то чӣ ҳад нерӯи дохилӣ ва қобилияти муқовимат доштааст, ки бо ин амалиёт мубориза барад ва аз нобудӣ худро наҷот диҳад.[445]

Дар сарнавишти забони модарии мо ин ду омил бо камоли нерӯмандӣ мавҷуд аст. Вожа ва истилоҳоти бегона аз тариқи истилои иқтисодӣ, низомӣ, сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ғайра аз оғози таърихи собитшудаи ин миллат дар забони он рахна карда, дар баъзе даврaҳо, ба монанди истилои араб, муғул, турк, ӯзбек ва русҳо онро ба буҳронҳои шадид дучор кардааст. Вале дар маҷмӯъ, чунон ки пештар ҳам ишора шуд, аз ин задухӯрдҳо ин забон суду зиёне низ ҳосил кардааст.

Дар ҳар сурат, ҳар гоҳ ки мо дар мавриди таъсир ва нуфузи забонҳои бегона дар забони ҳозираи тоҷикӣ таҳқиқ ва баҳс мекунем, бояд чанд матлаби муҳимро дар назар дошта бошем. Нахуст ин ки ҳеҷ забоне вуҷуд надорад, ки аз нуфузи луғати

[445] Ризозода Шафақ. Форсӣ ва нуфузи луғоти бегона//Нашрияи донишкадаи адабиёти Исфаҳон, соли 6, №7.- Исфаҳон, 1340//1962.- С. 64.

бегона барканор монда, бо забонҳои дигар каму беш омезиш наёфта бошад. Нуфуз ва таъсири забонҳо бо ҳамдигар табиист, вале яксон нест. Масалан, забони муғулӣ барои мардуми мо забони бегона буд ва ҳамчунон бегона монд ва бо ин ки луғат ва истилоҳоте чанд дар забони мо боқӣ гузошт, таъсиргузор набуд, зеро сабаби асосии нуфузи калимоту истилоҳоти ин забон омилҳои низомӣ ва сиёсӣ буд ва бо барчида шудани домани ин омилҳо таъсири онҳо низ аз байн рафт.

Вале дар тӯли таърихи ҳазорсолаи забони тоҷикӣ чанд забон аст, ки бо далелҳои гуногун дар таърихи ин забон таъсири амиқ гузоштаанд. Дар қадим забони арабӣ, дар садаи охир забони русӣ ва дар айни замон камобеш нуфузи вожагону истилоҳоти англисӣ эҳсос мешавад. Албатта, дар ин мавзӯъ нақши забони ӯзбекиро дар як ду қарни охир низ набояд фаромӯш кард, ҳарчанд ки ин таъсир созанда ва дигаргункунанда набудааст.

Ҳоло ки дар ин гуфтори мухтасар сухан дар боби авзоъ ва чигунагии забони тоҷикӣ дар даврaҳои нахустини инкишофи он меравад, роҷеъ ба таъсири забони арабӣ ва оқибати он дар сарнавишти забони тоҷикӣ ва истилоҳоти он таваққуф мекунем.

Тавре ки дар китобҳои таърих хондем, ҷангҳои тӯлонии Сосониён бо Рум, сустӣ ва заволи оини Зардушт, ки инқилоби сиёсиву фикрӣ дар пай дошт, хиёнати аъёну рӯҳониён ва шӯриши сипоҳиён дар остонаи ҳамлаи араб пояҳои давлати муқтадири сосониро ба ларза овард. Бинобар ин, низоми расмии фартути сиёсӣ, сипоҳи балвогари саркаш ва дастгоҳи заифшудаи маънавии ҷомеа дар баробари лашкари бебоку қаҳҳор ва муҷаҳҳаз бо силоҳи нави идеологии мусулмонон – ислом, ки дар авҷи футуҳот ва ҷаҳонкушоӣ буд, муқовимат ва истодагарӣ карда натавонист. Саранҷом ин подшоҳии бузург, ки чандин қарни илму тамаддун ва фарҳанги Машриқро ба сабаби созмони бузург ва мақбули худ нигаҳдорӣ карда, онро пуштибонӣ менамуд, сарнагун гардид.[446]

Ин шикаст, ба шаҳодати муҳаққиқон, ба андозае амиқ буд, ки на танҳо навъи зиндагӣ ва масири тамаддуни бостонии Эронро дигаргун кард, балки раванди инкишофи забони онро аз

[446] Муҳаммадтақии Баҳор. Сабкшиносӣ, ҷ. 1.- Теҳрон, 1373//1995. - С.143.

маҷрои табииаш берун сохт. Дар ибтидо ҳатто бими он ба миён омада буд, ки форсигӯён низ забони миллии худро аз даст дода, монанди аҳолии Байнаннаҳрайн, Фаластин, Сурия, Миср ва як қатор кишварҳои шимоли Африқо арабизабон шаванд. Хушбахтона, чунин ҳодиса бо сабабҳое, ки дар боло зикр шуд, рӯй надод, вале забони арабӣ ба таври амиқ дар тору пуди забони тоҷикӣ танид.

Агар чунин набуд тасаввур кардан муҳол буд, ки сайри такомули забони мо чӣ гуна сурат мегирифт ва ин забон имрӯз чӣ симое дошт. Чунин нуфузи бесобиқа, ки дар умри ин забон танҳо як бори дигар дар садаи бист такрор шуд, сабаб ва омилҳои айнии хос дошт. Нахуст ин, ки замоне, ки арабҳо қасди ғасби ин сарзамин карданд, дар ин қаламрав, тавре ки ишора шуд, на низоми сиёсии устувор, на суботи фикрӣ ва на дини ягонаи қавӣ вуҷуд дошт. Арабҳо бошанд бо худ дини нав ва ҷаҳонбинии тозае оварданд, ки дар оғоз фароиз ва воҷиботи он аз расмиёт ва одоби дину оини пешини ин мардумон осонтар ва пешқадамтар буд. Аз ин рӯ дини онҳо кам-кам тавонист он халои маънавиро пур кунад. Аз ҷониби дигар, забони расмии Сосониён –паҳлавӣ, ба фикри олимони муосир[447] забони расое набуд ва адабиёту китобҳои маҳдуде дошт ва илова бар он алифбои он мураккаб ва омӯхтанаш мушкил буд. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки дар замони ҳуҷуми арабҳо ҳамон лаҳҷаҳои маҳаллии пароканда вуҷуд доштанд, ки ҳанӯз шакли забони ягонаи умумӣ ва расмӣ нагирифта буданд.

Бинобар ин, забони қавӣ ва воҳиде ҳам мавҷуд набуд, ки дар баробари нуфузи забони арабӣ муқовимат ва мубориза кунад. Ин ду омил дар маҷмӯъ истилои араб ва нуфузи забони онро таъмин намуд.

Барои ба натиҷаи дуруст расидан дар ин масъала бояд ду омилро баррасӣ кард. Яке, ҷорӣ кардани ислом ва сипас, ҷорӣ шудани забон, ки ин ду омил сахт ба ҳам пайваст мебошанд, зеро, агар дини исломро мардум мепазируфтанд, хоҳу нохоҳ бояд истилоҳоти арабии онро ҳам қабул мекарданд. Ҳол он ки ба гувоҳии таърих арабҳо оини худро дар бисёр манотиқ бо зӯри теғ ҷорӣ карданд ва гоҳо пул ва имтиёзоти дигари молиро

[447] Саид Ҳусайни Тақизода. Ҷунбиши миллии адабӣ // «Яғмо», № 20. - Теҳрон, 1344//1966. - С. 453.

низ истифода мекарданд. Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» чунин менависад: «Ҳар боре аҳли Бухоро мусулмон шудандӣ ва боз чун араб баргаштандӣ, риддат (аз дин баргаштан) овардандӣ. Ва Қутайба ибни Муслим се бор эшонро мусулмон карда буд, боз риддат оварда кофир шуда буданд. Ин бори чаҳорум Қутайба ҳарб карда шаҳр бигирифт. Ва аз баъди ранҷи бисёр ислом ошкор кард... ва эшон ислом пазируфтанд ба зоҳир ва ба ботин бутпарастӣ мекарданд. Қутайба чунон савоб дид, ки аҳли Бухороро фармуд, як нима хонаҳои хеш ба араб доданд, то араб бо эшон монанд ва аз аҳволи эшон бохабар бошанд, то ба зарурат мусулмон бошанд. Бад-ин тариқ мусулмонӣ ошкор кард... ».[448]

Дуруст аст, ки арабҳо дар оғози истилои худ ба масъалаи ҷорӣ ва нақши забони худ таваҷҷуҳ надоштанд. Онҳо, ба шаҳодати таърих, мардумони содалавҳи бадавӣ буданд ва танҳо «илму фарҳанге», ки ба миллатҳои мағлуб таҳмил мекарданд, донистани одобу фароизи исломӣ, чун намозу рӯза ва амсоли он буд. Вале, чунон ки медонем, дар даврaҳои гуногуни истилои худ арабҳо аксуламалҳои гуногун нишон медоданд.

Донишманди эронӣ Карими Кишоварз аз қавли Ҷаҳшиёрӣ (ваф. 953) менависад, ки аз соли 747 сар карда забон ва хати арабӣ дар умури девонӣ ва идораи Хуросон иҷборӣ шуд. Аъёну бузургон ва арбоби девон забони тозиро омӯхтанд ва кӯшиданд, то барои ҳифзи хоста ва мақоми хеш ба фотеҳон наздик шаванд.[449]

Давлатшоҳи Самарқандӣ дар «Тазкират-уш-шуаро» чунин ривоятро овардааст, ки воқеияти он шубҳаангез аст: «Ҳикоят кунанд, ки амир Абдуллоҳ ибни Тоҳир, ки ба рӯзгори хулафои аббосӣ амири Хуросон буд, рӯзе дар Нишопур нишаста буд. Шахсе китобе оварда ба туҳфа пеши ӯ бинҳод. Пурсид, ки ин чӣ китобест. Гуфт: “Ин қиссаи Вомиқу Азрост ва хуб ҳикоятест, ки ҳукамо ба номи шоҳ Анӯшервон ҷамъ кардаанд”. Амир Абдуллоҳ ибни Тоҳир фармуд, ки: “Мо мардуми Қуръонхонем ва ба ғайр аз Қуръон ва ҳадиси Пайғамбар чизе намехонем.

[448] Наршахӣ. Таърихи Бухоро. Мураттибон Ғолиб Ғолибов, Карoматулло Олимов, Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ. – Душанбе, 2012. – С.96.

[449] Карими Кишоварз. Ҳазор соли насри порсӣ. - Теҳрон, 1345//1967. - С.31;

Моро аз ин навъ китоб даркор нест. Ва ин китоб таълифи муғон аст ва пеши мо мардуд аст». Ва фармуд, то он китобро дар об андохтанд. Ва ҳукм кард, ки «… дар қаламрави ман ҳар ҷо аз тасонифи Аҷам ва муғон китобе бошад, ҷумларо бисӯзонанд…».[450]

Бояд гуфт, ки донишмандон дар мавриди созгорӣ доштани порчаи иқтибосшудаи боло ба воқеият шак овардаанд, вале, бешубҳа мисолҳо ва ҳодисаҳои ба ин монанд будааст, ки боиси пайдо шудани чунин ривоёту ҳикоёт гардидааст. Ба ҳар навъе аҳолии Эрон ва Мовароуннаҳр дини исломро пазируфтанд ва ба ҳукми ин мансубият ва тааллуқоти маънавӣ тоҷикон на танҳо забони арабиро, балки донишмандони онҳо таълифоти муҳими худро дар мавзӯъҳои исломӣ, монанди тафсир, фиқҳ, ҳадис, ҳикмат, сарфу наҳв ва улуми дигар ба забони арабӣ навиштанд.

Пас аз он ки ҳукумати арабӣ дар бисёре сарзаминҳо густариш ёфт ва доманаи нуфузи фарҳанги он аз ҳудуди Чин то уқёнуси Атлантика паҳн гардид, доншмандони кишварҳои зери нуфузи ҳукумати араб, аз ҷумла олимони Мовароуннаҳр, ба далели он ки забони арабиро хубтар медонистанд ва низ ба хотири он ки хондани асарашон бештар шавад, осори худро ба забони арабӣ менавиштанд. Бад-ин тартиб забони арабӣ илова бар забони динӣ будан забони сиёсӣ, илмӣ, иҷтимоӣ ва тахминан забони расмии тамоми мусулмонон гардид.

Лозим ба ёдоварист, ки нуфузи забон ва луғати араб дар тамоми давраи ҳукмронии онҳо яксон набуд. Замоне, ки онҳо сарзаминҳои гуногунро фатҳ карданд, ҳанӯз дастгоҳи мураттаби давлатӣ ва низомии идории мушаххас надоштанд ва аз лиҳози фарҳангӣ аз мардумони Эрону Мовароуннаҳр дар зинаҳои пасттар қарор гирифта буданд. Ва аксарияти лашкариёни онҳо, ки дар фатҳи ин сарзаминҳо ва мусулмон кардани мардумони он иштирок доштанд, бесавод ва бештар машғули назорати анҷоми расму русуми динӣ буданд. Аз ин лиҳоз, дар оғози истилои араб танҳо миқдори маҳдуди калима ва истилоҳоти динӣ, ки табъан хоси дини ислом буданд ва дар форсӣ муодил надоштанд, аз

[450] Ҳамин китоб. - С. 327.

қабили **ҳаҷ, закот, муъмин, мусулмон, кофир, ҷиҳод, оят, қибла, меҳроб, минбар, такбир** ва амсоли он ва дар навбати дувум вожа ва луғати кутоҳи сиёсӣ ва иҷтимоии фасеҳи арабӣ, ки дар форсӣ дар баробари онҳо луғати дароз ва ё ғайрифасеҳ мавҷуд буд, чун **миллат, давлат, халқ, ҳаққу ботил, ҳарб, салом, золим, мазлум** ва ғайра дохил шуданд.[451]

Дар охири асри VIII ва дар давоми асри IX, ки ташкилоти мураттаби давлатдории араб барпо шуд, созмонҳо ва мақомоти гуногуни давлатӣ ба вуҷуд омад ва дар заминаи фарҳанг ба дасти донишмандони бузурге, ки аксарияти онҳо ғайриараб буданд, шоҳкориҳои фалсафаи юнонӣ, паҳлавӣ ва ғайра ба арабӣ тарҷума шуд ва китобҳои фаровони дигаре дар риштаҳои улум, илоҳиёт, сиёсат, иҷтимоиёт ва адабиёт таълиф гардид, ба тадриҷ империяи бузурги исломӣ ташкил шуд ва тамаддуни азими исломӣ падид омад, ки боиси ривоҷу равнақи фавқулодаи илму адаб дар байни мусулмонон гардид. Дар натиҷа забони арабӣ ба як забони тавоно ва василаи неруманди дақиқ ва густурда барои баёни мафҳумҳои динӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва илмӣ табдил шуд.

Чун давлати мураттабу муназзам бунёд гардид, кору бори мардум ба давлат, кормандон ва идораҳои давлатӣ афтод, кам-кам луғат ва истилоҳоти идорӣ аз забони арабӣ гирифта шуд ва ба калимаю истилоҳоте монанди **султон, шаҳна, ҳоким, истеҳком, қазо, хилофат, тақсир, мизон, харҷ, мол, муставфӣ** ва ғ. ба забони мо дохил шуд.

Ногуфта намонад, ки арабҳо низ дар ин ҷараёни бархурд ва омезиш бо мардуми форсизабон ва забони онҳо миқдори зиёди луғат, махсусан дар соҳаи корҳои идорӣ иқтибос гирифтанд ва бидуни таассуб онҳоро истифода бурданд.

Ба ҳамин тариқ, забони арабӣ ба забони тоҷикӣ ба шаклҳои гуногун таъсир расонида, тақрибан тамоми соҳа ва риштаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии тоҷиконро фаро гирифт, ба тавре ки донишмандони муосир миқдори луғат ва истилоҳоти арабиро дар забони мо аз 40 то 60 дар сад

[451] Миқдори зиёди чунин вожаҳоро Маликушшуаро Баҳор дар «Сабкшиносӣ» (ҷ.1. - С. 249-251) ва Муҳаммад Муин дар «Фарҳанги форсӣ»-и худ (ҷ.1. - С. 35-36) овардаанд.

тахмин мекунанд.[452] Муҳаққиқи барҷастаи эронӣ Алии Фурӯғӣ ҳатто менависад, ки «тамоми мардуми олам пазируфтаанд, ки забони мо аз назари нубуғ эронист ва аз лиҳози луғат арабӣ».[453]

Эҳсони Табарӣ бошад забони форсии дариро, ки бо забони арабӣ омехта шудааст, «дарвоқеъ забони нав»[454] мешуморад.

Луғат ва истилоҳоти арабиро, ки ба забони мо дохил шудаанд, муҳаққиқон ба таври куллӣ ба ду даста тақсим мекунанд. Дастаи якум калима ва истилоҳоте, ки аз оғоз нописанд буданд ва чунон монданд. Ин даста вожаҳо бештар ба зӯрӣ ба сари забон бор шудаанд.

Дастаи дуюм луғатест, ки дар назму наср пазируфта шуда, беш аз ҳазор сол аст, ба кор мераванд ва пояи адабиёти даврои исломиро ташкил медиҳанд.

Бояд гуфт, ки луғат ва истилоҳоти арабӣ ба қоидаҳои овоӣ ва дастурии забони тоҷикӣ мутобиқ гардонида шудаанд. Илова бар тағйири тарзи талаффузи овозҳои ҳалқӣ тағйироти дигаре низ сурат гирифтааст:

1. Калимаи «тарҷума» дар арабӣ «тарҷама», “таваккал” – “таваккул”, “мусулмон” – “мусалмон”, «шуҷоат» - «шаҷоат», «шуъбада» - «шаъбада» ва ғайра талаффуз мешаванд.

2. Тавре ки Эҳсони Табарӣ аз қавли Муҳаммади Қазвинӣ нақл мекунад, луғат ва истилоҳоти фаровоне дучор мешаванд, ки равшанфикрони турк аз решаҳои арабӣ сохтаанд, вале арабҳо аслан онҳоро намефаҳманд ва истифода ҳам намебаранд, монанди **эъзом** -равон кардан, **тамаддун, султа, арзи андом, мунаввар ул-фикр**, **ишғол кардан** ва ғайра.[455]

---

[452] Шафақ Ризозода. Форсӣ ва нуфузи луғоти бегона//Нашрияи донишкадаи адабиёти Исфаҳон, соли 6, шумораи 7. – Исфаҳон, 1346//1968. - С. 77, Алиашрафи Содиқӣ. Забони форсӣ дар Фарҳангистон// Шоҳномаи китоб. - Теҳрон, 1352//1974. - С. 22; Муҳаммади Маданӣ. Сухане чанд дар душвориҳои забони илмии форсӣ//Раҳнамои китоб. - Теҳрон, 1353//1975. № 4-6. - С. 237.

[453] Алии Фуруғӣ. Нуфузи забонҳои бегона дар забони форсӣ. – Теҳрон, 1344-1966.- С. 44.

[454] Шафақ Ризозода. Форсӣ ва нуфузи луғоти бегона//Нашрияи донишкадаи адабиёти Исфаҳон, соли 6, шумораи 7. – Исфаҳон, 1346//1968. - С. 77; Эҳсони Табарӣ. Масоиле аз фарҳанг ва ҳунар ва забон. -Теҳрон, 1359//1981. - С. 175.

[445] Эҳсони Табарӣ. Масоиле аз фарҳанг ва ҳунар ва забон. - Теҳрон, 1359//1981. - С. 175.

3. Истифодаи вожаҳои арабӣ ба маъноҳои ба куллӣ нав; “раъно” дар тоҷикӣ ба маънои зани зебо, вале дар арабӣ ба маънои зани мағруру мутакаббир ба кор бурда мешавад. Ҳамчун «ҷадвал» дар забони тоҷикӣ маънои мушаххас гирифтааст ва дар арабӣ бошад, маънои «ҷӯй» дорад.

4. Сохтани феъл аз решаи калимаҳои арабӣ, монанди *фаҳмидан, рақсидан* ва ғайра.

5. Истифодаи луғатҳои арабӣ ба маъное, ки арабҳо онҳоро намефаҳманд: **таҳкими равобит, ҳукумати иртиҷоӣ, шуури инқилобӣ, миллӣ кардан, инкишофи илму санъат**. Аз ин намунаҳо бисёр аст.

Ба ҳамин тариқ, мебинем, ки аксарияти калима ва истилоҳоти ба куллӣ тоҷикишуда ҳазор сол аст, ки ба маъноҳои тоҷикӣ ба кор бурда мешаванд ва боиси ғаномандии забони тоҷикӣ гардидаанд.

Омезиши забони тоҷикӣ бо забони арабӣ танҳо дар доираи луғату истилоҳот нест, балки гоҳо баъзе қоидаҳои наҳвии он дар системаи сарфу наҳви (грамматикаи) забон низ таъсир гузоштаанд. Имрӯз баъзе калимаҳои тоҷикӣ ба шакли арабӣ ҷамъбандӣ мешаванд, ба монанди **деҳот, нигоришот, дастурот, фармоишот, боғот, навиштаҷот** ва ғайра. Ва ё истифодаи танвин дар сохтмони калимаҳои тоҷикӣ, аз қабили **фавран** ва амсоли он. Аммо муҳимтарин таъсири зарароваре, ки забони арабӣ ба ҷо гузошт, аз зояндагӣ ва эҷодгарӣ бозмононданисистемаи феълҳои содаи забони форсӣ мебошад. Масалан, ба ҷойи **гардидан** – **тағйир кардан**, ба ҷойи **омӯзондан** – **таълим додан** ва амсоли он. Сабаби он дохил шудани масдарҳои арабӣ буд, ки ночор бо феълҳои ёридиҳандаи **«кардан»**, **«шудан»**, **«гардидан»**, **«намудан»** ва ғайра ҳамроҳ мешуд. Нуфузи масдарҳои арабӣ ба қадре буд, ки ҳатто дар мавриди масдарҳои тоҷикӣ расм шуд, ки аввал аз масдарҳои тоҷикӣ исми масдар месохтанд ва он гоҳ исми масдарро ба шакли таркибӣ медаровардаанд, монанди **«кӯшиш кардан»** ба ҷойи **«кӯшидан»**, **«омӯзиш додан»** ба ҷойи **«омӯзондан»**, **«молиш додан»** ба ҷойи **«молидан»**, **«ковиш додан»** ба ҷойи **«ковидан»** ва дигарҳо. Ҳосил ин шуд, ки ба таври куллӣ имрӯз масдарҳои забони тоҷикӣ ба ин сурат сарф мешаванд ва дар аксарияти маврид феълҳои сода ҷойи худро ба феълҳои таркибӣ додаанд.

Ҳосили сухан дар ин бобат чунин аст, ки дар баробари таъсири забони арабӣ набояд изҳори таассуф ва нигаронӣ кард, зеро дар баъзе мавридҳо ба густариш ва пешрафти забони тоҷикӣ мадад кардааст ва имрӯз ҳам манбаи муҳиме барои сохтани луғат ва истилоҳоти нав ба шумор меравад.

Вуруди ҳазорон луғат ва истилоҳот аз забони арабӣ барои забони тоҷикӣ дигар хатаре надорад. Агар хатар медошт, забони арабӣ дар тӯли 1400 соли робита ба нуфузи бесобиқаи худ, ки дар ин баҳс қисмате аз он ёд шуд, ба куллӣ мебоист забони тоҷикиро нобуд мекард. Ҳол он ки на танҳо чунин фоҷиа рӯй надод, балки, баръакс, тавоноии забони тоҷикӣ дар баёни бориктарин ва дақиқтарин мафҳум ва маъноҳои фикрию маънавӣ ва печидатарин масъалаҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва фарҳангӣ дар навбати аввал марбут ба ҳамон доду гирифт будааст.

Дар хусуси иқтибоси калимоту истилоҳоти арабӣ ба забони мо бояд гуфт, ки бештари ин вожагону истилоҳот вобаста ба он, ки забонҳои арабиву тоҷикӣ дар ифодаву баён то андозае қоидаҳои овоии ҳамгун доранд, аз назари овоӣ бетағйир монда (**китоб, мактаб, миллат, давлат, мамлакат, инқилоб, қирон, самт, минтақа, ҳудуд, хабар** ва ғайра), калимоту истилоҳоти иқтибосӣ аз забонҳои дигар, аз ҷумла истилоҳоти ҳиндӣ, юнонӣ, ибрӣ ва ғайра вобаста ба рӯҳи забони тоҷикӣ ба тағйироти зиёди овоӣ дучор шудаанд. Аз ҷумла, истилоҳоти нуҷумии **адмоса** (дар асл: адҳимасса), **буҳт** (бҳукти), **навоншак** (наванчака) ва ғайра аз ҳиндӣ, **арисмотиқӣ** (арифметика), **афюн** (опиум), **афиҷиюн** (апогей), **африҷиюн** (перигей), **молихулё** (меланхолия), **ҳаюло** (материя) ва ғайра аз юнонӣ; **басита** (башита), **хасорин** (хасера), **касадрон** (кесидра) ва ғайра аз ибрӣ ва дигарҳо.

Зикри ин матлаб ҳам муҳим аст, ки баъзе истилоҳоту ибораҳои арабӣ ба тоҷикӣ ба шеваи маъмули навишти ин забон бе риояти мувофиқати сифату мавсуф ва ҷинсият, ки ба забони арабӣ хос аст, иқтибос гардида, дар осори илмию ғайриилмии он истифода шудаанд: **аҷсоми мухталиф** (на аҷсоми мухталифа),

ағзияи сафроӣ (на ағзияи сафроия), **ҷиҳати мухталиф** (на ҷиҳати мухталифа), **рутубати аслӣ** (на рутубати аслия) ва ғайра.

Дар ҳар сурат чунин ба назар мерасад, ки робитаи забони арабӣ ва забони тоҷикӣ-форсӣ дар тӯли таърих, дар маҷмӯъ муносибати созанда будааст.

Таърихи ҳазорсолаи забони тоҷикиро аз ҷиҳати таҳаввулу такомул баъзе донишмандон ба се давраи муҳим тақсим кардаанд: давраи рушду таквин, давраи меъёрбандии адабӣ, давраи таҳаввул ва таҷаддуд.

Чунин даврабандӣ дар маҷмӯъ барои забони форсии дарии даврони муштарак, яъне то асрҳои XVII шояд комилу саҳеҳ ва қобили қабул бошад. Вале, тавре медонем, дар ду-се қарни ахир форсизабонон дар ҳайати давлату кишварҳои мустақил, муҳити фарҳангии гуногун ва шароити иҷтимоию сиёсии мухталиф зиндагӣ мекарданд ва заминаҳои рушди забони онҳо яксон ва гоҳо мусоид ҳам набудааст. Табиист, ки ин омилҳо дар забон бе асар намонда, илова бар тафовутҳои маҳаллии давраҳои аввал баъзе вижагиҳои дигаре низ дар роҳи рушду такомул ба онҳо афзудааст. Бинобар ин, вақте сухан дар бораи забони тоҷикии мо меравад, ба назари мо, онро бояд ба давраҳои зерин тақсим кард: давраи ташаккулу такомул, давраи меъёрбандии адабӣ, давраи таҷаддуд ва навҷӯйӣ, давраи забони тоҷикии аҳди шӯравӣ ва давраи забони тоҷикии замони Истиқлол.

Давраи аввал. Ин давра аз қадимтарин осори барҷомондаи тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) баъд аз ислом аст, то қарни XII. Баъзе хусусиятҳои хоси забони ин давра чунин аст:

1. Ҳанӯз чигунагии талаффузи калимаҳо шакли ягона ва собит надорад. Нависандагон ё котибон ҳар калимаро мутобиқи талаффузи маҳалли худ сабт кардаанд. Як калима дар осори нависандагоне, ки аз минтақаҳои мухталифи ин сарзамин бархостаанд, аз ҷиҳати талаффуз фарқ мекунад. Масалан: **девол – девор, донушманд – донишманд, уштур – шутур, душхвор – душвор, шанбар – чанбар, фаришта – фарешта, хобанидан – хобонидан, авгандан – афкандан** ва монанди онҳо.

2. Шеваи китобат ё расмулхат низ дар давраи аввал қоидаи устуворе надорад.

3. Низоми сарфи феъл дар ин давра бисёр васеътар аз давраҳои баъд аст. Сиғаҳои гуногун барои баёни ҳолатҳои

мухталифи феъл дида мешавад, ки баъзе аз онҳо хусусияти ом ва баъзеи дигар танҳо дар осори чанд нависанда дида мешавад ва аз ин рӯ гумон меравад, ки онҳо хоси маҳалли муайяне будаанд. Аз ҷумла, дар осори насрии ин давра мехонем:

«*Мабинамо* рӯйи ӯ, агар аҳд бишканем»;

«*Андуҳгин магардонод* туро гуфтори эшон»;

«Агар мо *бихостеме*, ба ҷойи шумо фариштагон *офаридеме»;*

«Агар *донистаме*, ӯро бо худ *овардамоне*»;

«Кошкӣ ман *бидонаме*, ки… аз ман чӣ *ояде*»;

«Андар он ҳашт шабонарӯз чизе наёфт, ки *бихӯрдӣ*»;

«Гӯйӣ ки занҷире дар даст ва гардани эшон *астӣ*»;

«Гӯйӣ касе эшонро дар саҷда *афкандӣ*».

4. Дар ҳамаи маъхазҳои мавҷуд пешванди «ҳаме» ва «ме» ба ҳар ду сурат истифода шудааст, аммо дар нусхаҳои қадимтар истеъмоли шакли «ҳаме» бештар аст.

5. Гоҳе пешванди «ҳаме» ба сурати зарф ба маънои ҳамеша, ҳама, пайваста, паёпай, ҳамчунон ва монанди инҳо ба кор меравад:

«*Ҳаме* лагаде бар қафои ӯ зад»;

«Юсуф *ҳам*е ба ашку хун оғушта, ба Худои таоло бинолид»[456].

6. Як навъи феъли замони гузаштаи нақлӣ ба сурати **«рафтастӣ»**, **«бигуфтастӣ»** ва **«бихуфтастӣ»** ба ҷойи **«рафтае»** ва **«гуфтае»** ва **«хуфтае»** мавҷуд аст. Муҳаққиқон тахмин мекунанд, ки он шакли гӯйишии маҳалҳои хосе мебошад. Дар баъзе лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ то имрӯз ҳам чунин шаклҳоро шунидан мумкин аст.

7. Дар сохтмони феъл низ дар осори ин давра тафовутҳо дида мешаванд, аз ҷумла:

Бисёр феълҳои сода дар ин давра ба кор бурда мешаванд, ки дар давраҳои баъд яксара аз ривоҷ афтода ва ҷойи онҳоро феълҳои мураккаб гирифтаанд:

охтан, огандан, осудан, оғуштан, халидан, басудан…

---

[456] Ниг.: Парвиз Нотил Хонларӣ. Дастури таърихии забони форсӣ.- Теҳрон, 1372//1994. - С.13.

8. Пешвандҳое дар ин давра мавҷуданд, ки барои баёни маънии дақиқ ба кор бурда мешаванд: **би, бар, андар, фаро, фароз, фуруд, фуру**. Вале дертар истеъмоли чунин пешояндҳои феълӣ коҳиш меёбад ва феълҳои таркибӣ аз форсӣ ва арабӣ ҷойи онҳоро мегиранд:

Бидоштан – мутавақиф кардан, нигоҳ доштан.

Баромадан – боло рафтан, тулӯъ кардан (Ин шакл дар тоҷикӣ то ҳол ривоҷ дорад).

Андаршудан – дарун рафтан, дохил шудан.

Фароз омадан – пеш омадан, истиқбол кардан.

Ин пешвандҳо аз феъли сода маънои нав месозанд. Масалан, дар китобу матнҳои ин давра феълҳои (масдарҳои) зерин ба маъноҳои дигар ба кор бурда шудаанд: **бибудан** – ба маънои шуданд; **гузаштан** – сипарӣ шудан; **барасидан** – тамом шудан; **баррасидан** – таҳқиқ кардан; **хондан** – даъват кардан. Аммо **«бархондан»** ба маънои «қироат кардан» истифода шудааст ва ғайра.

Дар калимасозӣ ва шаклсозии исму сифат дар ин давра хусусиятҳои зерин вуҷуд дорад:

1. Сифатҳои арабӣ дар бисёр маврид ба қоидаи форсӣ бо афзудани «ӣ» исми маънӣ сохтаанд:

Хиҷилӣ – хиҷлат, **шуҷоӣ** – шуҷоат.

2. Ҷамъбандии арабӣ нисбат ба давраҳои баъдӣ кам аст ва калимаҳои дахили арабӣ ба қоидаи форсӣ бо «он» ё «ҳо» ҷамъ баста мешавад: **олимон** ба ҷойи **уламо**, **табибон** ба ҷойи **утабо**, **шахсҳо** ба ҷойи **ашхос**.

3. Гоҳе баъзе шаклҳои ҷамъи арабӣ ҳамчун шакли танҳо ба қоидаи форсӣ ҷамъбандӣ мешаванд: **аҳвол – аҳволҳо, ахбор – ахборҳо, аҷоиб – аҷоибҳо, шароит – шароитҳо.**

4. Тартиби аъзои ҷумла сурати ягона ва собит надорад. Масалан, дар ҷумлаи хабарӣ маъмулан феъл дар охир меояд, аммо дар баъзе маврид шояд барои балоғати сухан ин тартиб риоя намешавад:

«Сандуқе падид омад саргушода»;

«Китобе тасниф карда будам андар илми ин тоифа».

Ин аст ба сурати бисёр мухтасар намунае аз вижагиҳои забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар давраи аввал, ки мо барои мисол аз таҳқиқоти донишмандон нақл кардем.

Тартиби аъзои ҷумла дар форсии дарии давраи аввал. Тавре пештар гуфтем, дар форсии дарии давраи аввал сохтмони ҷумла аз назари тартиби аъзои нисбат ба давраҳои баъд озодии бештар дорад, ки сабабҳои он дар тақлид ба шеваи табиии гуфтор ва таъсири сохтори ҷумлаҳои арабӣ, махсусан тарҷумаҳои Қуръони маҷид буд. Нависандагон ба гуфтори одии мардум тақлид намуда дар навиштаҳои худ дар бобати тартиби калима пойбанди як сохтори ҷумла набудаанд.

Тартиби маъруфе, ки дар осори насри ин давра маъмул ва мушоҳида мешавад, чунин аст:

1. Дар ҷумлаҳои сода аввал мубтадо, ки бо исм ё ҷонишин ифода меёбад, баъд аз он аъзоҳои пайрав ва дар охири ҷумла хабар меояд, ки бештар бо феъл ифода мешавад.

Пеш аз дигар аъзои ҷумла омадани хабар:

«Пӯшида аст илми ӯ бар аҳли осмон ва замин».

Тарзҳои дигари ҷумлабандӣ:

«Иблис саҷда накард Одамро» («Таърихи Балъамӣ»);

«Писарон ва духтарон омадандаш бисёр» (Ҳамон ҷо);

«Худои таоло фариштагонро бимиронд ба ҳаво андар» (Ҳамон ҷо);

«Рӯзе ба майдон рафт, ки гӯй занад» («Қобуснома»).

2. Дар давраҳои баъдӣ тартиби аъзои ҷумла субот пайдо мекунад, яъне мубтадо дар оғоз, феъл (хабар) дар поён ва дигар ҳамаи аъзои пайрави ҷумла дар миёни ин ду пояи асосии ҷумла қарор мегиранд. Ин тартиб ба тадриҷ бар тарзҳои дигари ҷумлабандӣ бартарӣ пайдо намуда, дар давраҳои баъд маъмул мегардад.

Баъзе намунаҳои тартиби маъмули аъзои ҷумла дар ин давра, ки забоншиносон дар осори худ овардаанд, чунин аст. Зимнан бояд гуфт, ки дар асрҳои баъд ин тартиб ҷойи худро ба низоми ягонаи ҷумлабандӣ вогузоштааст:

Дар давраи аввали форсии дарӣ бандаки хабарии «аст» дар ҳама маврид навишта мешавад, аммо маълум нест, ки дар гуфтори одии мардуми маҳалҳои мухталифи ин сарзамин ин калима чӣ гуна талаффуз мешудааст. Ибни Сино менависад, ки ин калима дар гуфтори ом фатҳаи охири калима аст.

Имрӯз низ дар тамоми гӯйишҳои забони тоҷикӣ ва дарии Афғонистон он ба шакли фатҳаи охири калима талаффуз мешавад:

«Девор сафед аст. Девор сафеда, ё сафедай».

Мутобиқати исми ҷомеъ. Дар истилоҳи забошиносӣ «исми ҷомеъ» калимае аст, ки дар шакл танҳо, вале дар маънӣ ҷамъ бошанд, монанди лашкар, гурӯҳ, халқ ва монанди онҳо.

1. Хабари чунин ҷумлаҳо дар ин давра гоҳе танҳо меояд ва гоҳе ҷамъ:

«Халқ рӯй сӯйи Иброҳим ниҳод» («Таърихи Табарӣ»);

«Қавми Од ҳеҷ ҳилат надонистанд» («Таърихи Балъамӣ»);

«Аз бадии ӯ лашкар бар ӯ кинвар гашта буд» («Қобуснома»).

2. Дар ин давра калимаи «мардум» низ, ки муродифи вожаҳои *инсон, башар* ва *ҷамъият* аст, гоҳе бо феъли танҳо ва гоҳе бо феъли ҷамъ меояд:

«Мардум шаҳр омадан гирифт фавҷ-фавҷ» («Таърихи Байҳақӣ»).

Вале дар даврaҳои баъд ва имрӯз калимаи «мардум»-ро дар бисёр маврид ба феъли ҷамъ меоранд.

Аз ҷумлаи вижагиҳои насри ин давра такрори феъл ва баъзе дигар аз аъзои ҷумла аст. Дар ин давра нависанда метавонад феълҳоро (ба хусус «будан» ва «гирифтан»-ро) дар як ҷумла чандин бор такрор кунад:

«Мар одамро аз он гил биёфарид ва бад-он гил андар сияҳ **буд** ва сапед **буду** сурх **буду** зард **буду** сахт **буд** ва суст **буду** санг **буд** ва сангреза **буд**» («Таърихи Табарӣ»).

Дар даврaҳои баъд ин такрор нописанд шумурда шуда, аз байн меравад.

Таъсирпазирӣ аз арабӣ. Дар тарҷумаи оёти Қуръони маҷид бар асари диққат ва эҳтиёт мутарҷимон дар бисёр маврид оёти қуръониро таҳтуллафзӣ тарҷума карда, гоҳо сохтори ҷумларо низ айнан мутобиқи асли арабӣ овардаанд. Ин ҳодиса хилофи тартиби ҷумлабандии тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) аст ва дар насри китобҳои мустақил ба ин забон он кам дида мешавад:

«Сухан гуфт Худой бо Мусо гуфтанӣ» («Таърихи Табарӣ») – «Ва калламаллоҳу Мусо таклиман» (сураи «ан- Нисо» – ояи 164).

Яке аз хусусиятҳои дигари насри ин давра кутоҳии ҷумлаҳо мебошад, ки ё мустақиланд ва ё ба якдигар бо пайвандакҳои пайиҳам мепайванданд. Овардани муродифот ҳам, ки дар давраҳои баъд ривоҷ меёбад, дар ин давра кам ба назар мерасад. Аз миёнаҳои қарни XII овардани ҷумлаҳои мураккаб ва муродифоти гуногун расмӣ ва мураввақ мегардад.

Хулоса забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) то ҳамлаи муғул новобаста аз ҳаводиси рӯзгор ва шебу фарози таърих вижагиҳои ноби забони асилро дар худ нигоҳ дошта тавонистааст, ки дар набарду муҷодила бо забони тавонои диниву идориву давлатии ин замон – забони арабӣ на танҳо истодагарӣ кунад, балки тадриҷан дар сарзамини васеъ, аз Ҳинду Чин то Осиёи сағир ба забони байналмилалӣ табдил ёбад.

ХУЛОСА

Ба таври бисёр мухтасар натиҷаи баррасии илмии таърихи забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) аз давраҳои бостон то остонаи ҳамлаи муғул, ки мо аз манобеи гузашта ва осори илмии муҳаққиқони муосир пайдо кардем, ба шарҳи зер аст:

1. Забони тоҷикӣ дар тӯли таърихи чандҳазорсолаи хеш бо вуҷуди он ҳама рӯёрӯйӣ бо чандин забонҳои тавонои дунё чеҳраи воқеии худро нигоҳ доштааст, ки ин далели тавоноии бунёдии ин шохаи забони ориёӣ аз даврони бостон то имрӯз мебошад.

2. Яке аз муҳимтарин далелҳои раднопазир дар мавриди таърих ва пайванди нажодии мардумони ориёӣ ва ё ба истилоҳи дигар ҳиндуэронӣ муштаракот ва шабоҳату ҳамгуниҳои забонии мардумони ориёии эронӣ ва ориёии ҳиндӣ маҳсуб мешаванд. Дар илми забоншиносии ҷаҳон истилоҳи «ориёӣ» ҳамчун номи этникӣ ва номи забони мардумони ҳиндуэронӣ бар пояи мақом ва маънои воқеии таърихии он мавриди қабул ва истифодаи умум қарор гирифтааст.

Муштаракоти забонӣ якҷо бо муштаракоти суннативу динӣ ва фарҳангии ин мардум аз муқоисаи мероси беназири онҳо дар мисоли «Авесто» ва «Ведо» бармеояд. Ин ду ёдгори арзишманд манбаи муштарак доранд ва офаридаҳои мероси фарҳангии ҳар кадоме аз ин мардумони ҳамнажод ба шумор мераванд.

3. Пас аз муҳоҷирати гурӯҳе аз ориёиҳо ба марказ ва ғарби сарзамини Эрони кунунӣ ва заиф гардидани робитаҳои ҳамешагӣ ва наздикии забонӣ бо ориёиҳои шарқӣ бо мурури замон миёни забонҳои мардумони ориёии шарқӣ ва ғарбӣ тафовутҳо падид меоянд. Бинобар ҳудуд ва мавқеи ҷуғрофӣ ва тафовутҳои забонӣ ин забонҳо ва лаҳҷаҳо ба ду гурӯҳи бузурги шарқӣ ва ғарбӣ ҷудо мешаванд. Ҳамин тавр, иттиҳоди ягонаи забонии мардумони ориёӣ дар шохаҳои ҷудогонаи шарқӣ ва ғарбӣ ташаккул ёфта, ҳар кадоме аз онҳо дар навбати худ нахуст ба лаҳҷаҳо ва баъдан дар мақоми забонҳои мустақили ориёии шарқӣ ва ғарбӣ шакл мегиранд, ки далели ин забонҳо ва лаҳҷаҳои куҳан ва муосири шарқӣ ва ғарбӣ мебошад.

4. Муҳоҷирати қабилаҳои ориёӣ ба сарзаминҳои дигар боиси парокандагии онҳо шуда ва ин далели таҳаввули иҷтимоӣ ва гуногун шудани забони модарии эшон дар сарзаминҳое аст, ки дар он ҷо баъд аз муҳоҷират ҷойгузин шудаанд. Он қавмҳои ориёӣ, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр сокин шуданд, ба мурури замон фарҳангҳои хешро парвариш доданд ва давлатҳои худро бунёд ниҳоданд, ки аз **ташкили давлатҳои пешдодӣ ва каёнӣ, зуҳури дини зардуштӣ ва тарвиҷи забони "Авесто"** иборат аст. Қабилаҳои мод ва порс баъд аз муҳоҷират вориди Эрони ғарбӣ шуданд ва баъд аз муддате **давлати Модҳо ва ба таъқиби он давлати Ҳахоманишиёнро** бунёд ниҳоданд. Онҳо фарҳанги хешро дар Эрони имрӯза парвариш доданд, ки **аз ташкили давлатҳои Мод ва Ҳахоманишӣ, дини аҳуроӣ ва тарвиҷи забонҳои модӣ ва форсии бостон** иборат аст.

5. Даврабандии таърихи инкишофи забонҳои эрониро аз замони пайдо шудани аввалин навиштаҳо ва осор бо забонҳои эронӣ (махсусан, осори забони форсии бостон) ба се давра ҷудо мекунанд:

1). Давраи забонҳои эронии бостон, ки аз замони ҷудошавии забонҳои эронӣ аз «умумияти забонҳои ориёӣ» дар оғози ҳазораи II пеш аз милод то асрҳои IV-III пеш аз милод идома ёфтааст. Аз ин давра, яъне давраи вуҷуд доштани як забони умумӣ ва муштараки эронӣ, ки муҳаққиқон онро модарзабон ё забони бунёди пояи эронӣ номидаанд, ҳеҷ осоре боқӣ намондааст ва онро асосан бар пояи маводи забонҳои ҳиндӣ ва авестоӣ барқарор мекунанд, ки хеле сатҳӣ ва нопурра аст. Мувофиқи санаду далелҳои то кунун ба даст омада забонҳои эронии давраи бостонӣ – забони авестоӣ (аз номи китоби «Авесто»), забони форсии бостон, модӣ (аз номи қабилаҳои Мод) ва скифӣ (аз номи қабилаҳои эронии сакоии ҳавзаи Баҳри Сиёҳ ва даштҳои назди Волга) мебошанд.

2). Давраи миёна ё давраи асримиёнагии рушди забонҳои эронӣ (ин ном шартӣ буда, ба истилоҳи «давраи асри миёна»-и фанни таърих иртибот надорад). Ин марҳила аз асрҳои IV-III пеш аз милод то садаҳои VIII-IX баъди милод идома доштааст. Забонҳои ин марҳилаи рушди забонҳои эронӣ форсии миёна,

портӣ, суғдӣ, хоразмӣ, сакоӣ, аланӣ (сарматӣ) ва бохтариро (кӯшонӣ, тахорӣ ё балхӣ) дар бар мегиранд.

3). Давраи нав ё давраи нави инкишофи забонҳои эронӣ. Ин марҳила аз асрҳои VIII-IX баъди милод шурӯъ шуда, то имрӯз идома дорад. Забонҳои нави эронӣ тақрибан 40 забонро ташкил медиҳанд, ки онҳо форсӣ, тоҷикӣ, дарӣ (се гунаи як забон ҳисоб мешаванд), ҳазора, пушту (афғонӣ), осетинӣ (аланӣ), курдӣ, балучӣ, тотӣ, толишӣ, гелонӣ, мозандаронӣ (табарӣ); забонҳои помирӣ (бадахшонӣ) аз ҷумла шуғнонӣ, рӯшонӣ, хуфӣ, бартангӣ, орошорӣ, сарикӯлӣ, вахонӣ, язгуломӣ, ишкошимӣ; мунҷонӣ, ормурӣ, парачӣ, яғнобӣ, забонҳо ва гӯйишҳои хурди марказ ва ғарби Эрон (яздӣ, габрӣ, натанзӣ, хурӣ, симнонӣ, ласгардӣ, сурхеӣ, сангисорӣ, шемерзодӣ, токистонӣ…) ва дигар минтақаҳои Эрон мебошанд. Баъзе забоншиносон ин гурӯҳбандиро ба гурӯҳҳои забонҳои матруки эронӣ (забонҳои бостонӣ ва давраи миёна) ва забонҳои муосири эронӣ ҷудо мекунанд.

6. Даврабандии таърихи забонҳои эронӣ, беш аз ҳама, ба даврабандии таърихи забони тоҷикӣ (форсӣ) ва осори боқимондаи он иртибот дорад. Асосан ба он осори боқимондаи се давра форсии бостон – давраи ҳукмронии сулолаҳои Ҳахоманишиён бо осори сангнавиштаҳои хати мехӣ (асрҳои VI-IV то милод), форсии миёна – осори паҳлавӣ ва монавии давраи Сосониён ба забони паҳлавӣ (III-IX-X милодӣ) ва форсии нав – забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) бо осори алифбои арабиасос (асрҳои IX-X то ба ҳол) дохил мешавад. Агар Авесто хусусиятҳои умумии забони ориёӣ ва фарҳангу суннат ва боварҳои динии ориёиҳоро дар марҳилаи тақрибан дуҳазорсола ва ё зиёдтар аз он ифода кунад, осори хати мехии Ҳахоманишиён хусусиятҳои як давраи маҳдуди онро дар худ таҷассум кардааст.

7. Муқоисаи катибаҳои Бесутуни Дориюши Кабир ва Катибаи Работаки шоҳаншоҳи Кӯшониён Канишкаи аввал ва баъзе дигар далелу санадҳои дар солҳои охир пайдошуда собит месозад, ки истилоҳи арйа (ориёӣ) ҳамчун номи забони умумии мардумони эронитабор то охири давраи Кӯшониёни Кабир роиҷ будааст. Чунин масъалагузорӣ дар таърихи илми

забоншиносии эронӣ саҳифаи наве мекушояд ва агар ба Ҳахоманишиёну Ашкониёну Сосониён сулолаи Кӯшониёнро, ки дар асоси сарчашмаҳои ба даст омада забони худро ориёӣ хондаанд, илова намоем, як марҳилаи томи таърихии забону фарҳанг ва тамаддуни эронитаборонро метавон мушаххас марҳилаи тамаддуни ориёӣ донист, ки тақрибан таърихи дуҳазорсолаи мардуми эронитаборро дар бар мегирад.

8. Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ягона забонест, ки метавон таърихи ташаккули онро ба се марҳила тақсим кард ва пайванди муттасили онро мавриди пажӯҳиш қарор дод. Забонҳои дигари эронӣ, аз қабили курдӣ, толишӣ, пашту, помирӣ, мунҷонӣ ва ғайра собиқаи забонии бевосита надоранд. Забони суғдии нав ё яғнобӣ як лаҳҷаи забони суғдӣ буда, осори ба даст омада аз забони суғдии миёна аз лиҳози хусусиятҳои забонӣ аз забони яғнобӣ фарқ мекунад. Забони тотӣ низ яке аз лаҳҷаҳои канори баҳри Хазари забони форсии миёна ба ҳисоб рафта, аз забони паҳлавӣ ё форсии миёна тафовутҳои зиёд дорад. Забони осетинӣ ба воситаи аланӣ ба забони скифӣ (яке аз забонҳои сакоӣ) мерасад, вале байни онҳо фосилаи тақрибан 2000-сола вуҷуд дорад. Хулоса, даврабандии таърихи инкишофи забонҳои эронӣ ҳанӯз то ба охир мушаххас нашуда, таҳқиқ ва пажӯҳишҳои тозаро интизор аст.

9. Забони тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ), ки ба ивази забонҳои форсии миёна, портӣ, бохтарӣ ва суғдӣ дар қаламрави густариши ин забонҳо ҷойгузини онҳо гардид, аз лиҳози хусусиятҳои овоӣ, луғавӣ, дастурӣ аз забонҳои хешованди бостонии худ хеле дур рафта, ҷиҳатҳои хос пайдо кард. Пеш аз ҳама, дар бахши фонетика ё овошиносӣ масъалаи тағйирот ва таҳаввули сифатӣ бар ивази тағйироти миқдорӣ ба ҷойи аввал мебарояд. Дар забони тоҷикии давраи классикӣ мисли забони форсии миёна ҳанӯз ҳам ҳашт садонок (се ҷуфти кутоҳи дарози i-ī, a-ā, u-ū ва ду садоноки дарози аз садонокҳои мураккаби ai>ē ва au>ō пайдошуда) вуҷуд дорад, вале дар зери таъсири тағйироти сифатӣ дар ҳоли тағйир ёфтан аст. Барои таҳаввули ҳамсадоҳои ин давраи забони мо тағйироти зиёди сифатӣ дар ҷобаҷогузории онҳо дида мешавад.

Дар бахши сарфу наҳв тағйироти асосӣ аз ҳолати тасрифӣ (синтетикӣ) ба ҳолати таҳлилӣ (аналитикӣ) гузаштани ҳиссаҳои нутқ мебошад.

10. Дар давраи аввали инкишофи забони мо хусусиятҳои маҳаллӣ ва лаҳҷавии ин забон дар минтақаҳои гуногуни густариши он ба мушоҳида мерасад ва таҳияи фарҳангу луғатномаҳои гуногун шоҳиди ин гуфтаҳост. Вале хусусиятҳои умумӣ ва меъёрии забони адабӣ барои ин забон то имрӯз боқист ва метавон гуфт, ки бар хилофи хусусиятҳои гунаҳои тоҷикӣ, форсӣ ва дарӣ байни ин се гунаи забони адабӣ умумият аз тафовут хеле бештар аст.

11. Вожаи «тоҷик», ки аз умқи таърих сарчашма мегирад, ба калимаҳои «тоҷ» (ба маънои иклил), Тоз ва Тоҷ (ҳамчун номи шахс), таоҷиву тахорӣ (ба маънои халқ) ва ғайра муносибати муродифӣ доштааст, ки бостонӣ ва қадимӣ будани ин калимаро исбот менамояд. Бояд хотирнишон кард, ки дар катибаҳои дар даврони охир пайдошуда вожаи «тоҷик» ба таври расмиву возеҳ барои ифодаи мардуми минтақаи Тахористон истифода шудааст, ки иртиботи онро бо калимаи «тахорӣ» нишон медиҳад. Бо таъсиси давлати Кӯшониҳои кабир истилоҳи «тоҷик» ба тамоми минтақаҳои ин шоҳаншоҳӣ паҳн мешавад ва маънои васеъро фаро мегирад. Акнун дар асари кашфи осори пеш аз ислом, ки ба забонҳои бохтариву портӣ ва суғдӣ навишта шудааст, мо метавонем рӯйи ин вожа хубтар рӯшанӣ андозем. Дар ин ҷо се манбаи муҳим ба сурати хулоса пешниҳод мешавад, ки аз сангнавиштаи бохтарии Яковланг дар вилояти Бомиён (Афғонистон), сиккаи як подшоҳ бо лақаби ифтихоромези «Қайсари Рум» ба забони бохтарӣ ва як барг аз як нусхаи монавӣ-портӣ иборатанд:

1. Ба маънои мардуми тоҷик. Alo rōbigo odo alo bamoianigo alo **torko** alo **tazigo** alo ōdagosigo alo andaro uarso kiso «ҳамчунон рӯбӣ (яъне мардуми робӣ дар шимоли Афғонистон), ҳамчунон бомиёнӣ, ҳамчунон турк, ҳамчунон тозиг, ҳамчунон мардуми бумӣ ва касони дигар.

2. Ба маънои араб. Storgo **taziiaggo** gazito odo barito lado «Бояд ҷизяи бузург ва бароати тозӣ (=арабӣ) пардохт шавад».

Дар асоси ин ҳуҷҷату санадҳои нав метавон ҳоло номи ҳар ду қавмро ба сурати навишторӣ ва лафзӣ комилан ва возеҳу равшан аз ҳамдигар чунин ҷудо кард:

1. Tazigo = Тозик (руҷӯъ шавад ба калимаи портӣ-суғдӣ **=**тожик) яъне номи қавми тоҷик;

2. Taziio =тозӣ (ки дар матни аснод ба сурати сифати **taziiaggo =**тозиянг омадааст), яъне араб.

12. Аз баррасиву мутолиаи осори муҳаққиқону пажӯҳандагон дар бораи вожаи «тоҷик» ва маънову даврaҳои истифодаи он ба чунин хулоса омадан мумкин аст:

1). Тахмини В. В. Бартолд дар бораи дар даврони исломӣ аз шакли пешини «тачик» пайдо шудани шаклҳои баъдии «тозӣ» ва «тозик» асоси илмӣ надорад. Махсусан дар ҳамин давра номи «тозӣ» ба маънои «араб, арабизабон» аз «тоҷик» фарқ мекард.

2). Барои ҳамон замон бо зуҳури арабҳо дар Осиёи Марказӣ пайдо шудани вожаи «тоҷик» ё «тажик» аз «тазӣ» ё «тазик» ба маънои «араб» ва тамоман фарқ накардани арабҳо аз халқҳои эронитабори Осиёи Миёна, ки туркҳо бо онҳо робитаҳои бевосита доштанд, асоси воқеӣ надорад.

3). Вожашиносии дурусти эҳтимолии вожаи «тоҷик» - ҳамон решашиносии мардумии «тоҷдор» аз рӯйи доштани кулоҳи монанди «тоҷ ё шона» мебошад.[457]

4). Дар забони паҳлавии сосонӣ (порсик ё форсии миёна) калимаи «тоҷик» дар мавриди араб ё арабҳои эронишуда ва ҳам арабҳое, ки дини зардуштро пазируфта буданд, ба кор рафтааст.

5). Зоҳиран калимаи «тоҷик» ба воситаи забони портӣ ба суғдӣ ва баъд ба форсии дарӣ ҳамзамон бо зуҳури ислом ворид шудааст. Баъзеро ақида бар ин аст, ки лафзи «тажик» дар забони хутании қадим, ки ба расмулхати бараҳманӣ навишта шуда, мустаъмал будааст.

6). Истилоҳи **тоҷик** ба маънои як қавми ориёӣ ё эронӣ аз даврaҳои бостон маълуму машҳур буда, дар сарчашмаҳо бо

[457] Боровков А.К. Филологические заметки//Сборник статей по истории и филологии народов Средней Азии, посвященними 80-летию со дня рождения Семенова А.А. - Сталинабад, 1953.- С. 49-53.

шаклҳои мухталифи «тоз», «тоҷ», «тот», «тоҷик», «таоҷик», «тагзик», «тожик» ва ғайра вомехӯрад.

7). Ба таври умум аз мутолиаву баррасии маводу сарчашмаҳои ба даст расида чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки агар вожаи «форсӣ», «форс» дар минтақаи ғарбии паҳншавии халқҳои ориёӣ аз тарафи ҳамсоягони арабиву юнониву румиву суриёнӣ ба мардуми эронитабор итлоқ шуда бошад, пас истилоҳи «тоҷик» дар минтақаи шарқии паҳншавии ин мардум аз тарафи чиниҳову турку тибетиҳо ва ғайра барои номгузории қавму халқиятҳои эронӣ истифода шудааст.

13. Оид ба забони мо ва пайдоиши он чунин фикру ақидаҳо вуҷуд доранд:

1). Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) таваллуди дигар ё давоми мустақими забони форсии миёна, яъне забони паҳлавии сосонӣ – **порсик** ва яке аз шохаҳои лаҳҷаи ҷанубу ғарби Эрон, яъне вилояти Форси он кишвар аст;

2). Идома ва ё дунболаи забони паҳлавии ашконӣ (забони портӣ) аст;

3). Шакли нав, бозсохта ва ё таҳаввулёфтаи ҳамин забони паҳлавист, фақат бо алифбои дигар;

4). Забонест баробар ва ҳамзамон бо паҳлавӣ, вале дар ду муҳити мухталиф, ба ин маъно, ки забони дарӣ бо забони паҳлавӣ дар арзи ҳам қарор доштаанд, на дар тӯли ҳам.[458]

5). Дар адабиёти илмӣ чунин ақида вуҷуд дорад, ки гӯё забони суғдӣ на танҳо дар Самарқанд, балки дар Бухоро ҳам забони расмиву гуфтугӯйӣ буд. Смирнова О.И. дар таҳқиқоти худ ду далели забони суғдӣ набудани забони аҳли Бухороро меорад, ки ба назар дуруст мерасад. Ин далелҳо чунинанд:

1). Сиккаҳои тангаҳои зарробхонаи Бухоро бо алифбои суғдӣ нестанд.

2). Агар унвонҳои ҳукмронҳои Самарқанд ихшид ва афшин бошад, унвонҳои ҳукмронҳои Бухоро аввал бухорхудот ва баъдан сомонхудот буд. Бертелс Е.Э. ин далелҳоро асос гирифта чунин менависад: «Ҳамаи ин далелҳо нишон медиҳанд, ки дар

[458] Ниг.: Аҳмади Ҷовид. Пайдоӣ ва боландагии забони дарӣ//Хуросон, № 17. - Кобул, 1363. - С.1.

сарзамини Осиёи Миёна дар баробари забони суғдӣ забони дигаре вуҷуд дошт, ки то ҳуҷуми арабҳо соҳиби хат будааст».[459]

Дар муддати ҳазор - ҳазору панҷсад соли охир минтақаи паҳншавии забонҳои эронӣ тақрибан бетағйир мондааст ва забони яғнобӣ дар ҳамон ҷое, ки дар асри VIII вуҷуд дошт, боқӣ мондааст, фақат доираи паҳншавии он маҳдуд шудааст. Дар намунаҳои забони яғнобӣ ва забонҳои помирӣ ба таври боэътимод гуфтан мумкин аст, ки забони тоҷикӣ низ дар сарзаминҳое, ки забони зиндаи халқ вуҷуд дорад, нав пайдо нашудааст. Ин забон дар минтақаҳое, ки зикрашон рафт, аз даврaҳои бостон забони оммаи халқ будааст ва ҳаракати он ба тарафи Эрон дар асрҳои минбаъда фақат дар асоси дар асри X ба забони адабӣ табдил ёфтани он дар Осиёи Миёна рух додааст.[460] Ҳамин тариқ, тамоми ин даделҳо тасдиқ мекунанд, ки забони дарӣ баъд аз ҳуҷуми арабҳо пайдо нашудааст, балки он чандин қарн пеш аз он вуҷуд доштааст.

Аз баррасии он чи дар боло гуфта шуд, ҳамчунин таҳқиқоти аз ҷониби муҳаққиқон дар ин хусус анҷомёфта, метавон чунин натиҷагирӣ кард:

- забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) забони қадима буда, зодгоҳи аслии он Хуросону Мовароуннаҳр, саҳеҳтараш канори чапу рости дарёи Омӯст. Ба иборати дигар, ин забон дар заминаи забонҳои бумии ин марзу бум: портӣ, суғдӣ, тахорӣ… ва дар фароянди доду ситад ва ҳамёриву ҳамтаъсирӣ бо забони паҳлавӣ (форсии миёна) аз ҳисоби ин забонҳо дороӣ афзуда, ташаккул ёфт ва ба дараҷаи забони илмиву адабӣ расид;

- фасоҳату балоғати забони қадимтарин осори боқимондаи илмиву адабии ин забон бозгӯйи ин ҳақиқат аст, ки ин забон идомаи мустақими забони форсии миёна ё шакли таҳаввулёфтаи вай нест, балки то густариши ислом ба сифати забони мустақил дар баробари забони форсии миёнаи сосонӣ вуҷуд дошт. Ҳамин тавр дар ибтидои асри VIII забони зиндаи мардуми Балх (ва ё

[459] Муф.ниг. Бертельс Е.Э. Персидский-дари- таджикский // Забоншиносӣ, № 2.- 2010.- С.39-57 (Аз мақ. Советская этнография, № 4.- 1950).
[460]Ниг. Бертельс Е.Э. Персидский-дари- таджикский // Забоншиносӣ, № 2.- 2010.- С.49-51.

қисми он) забони тоҷикӣ будааст. Эҷодиёти бадеӣ ба ин забон, бешубҳа, дар байни монавиҳо низ вуҷуд дошт.

- забони тоҷикӣ бо шарофати сиёсати фарҳангпарваронаи Тоҳириёну Саффориёну Сомониён ва дигар хонаводаҳои эрониасл ба сифати забони илму адаб аз маҳдудаи як забони миллӣ берун гардид ва дар асрҳои баъдӣ дар як қисмати бузурги қитъаи Осиё ба забони байналмилалӣ табдил ёфт.

14. Давраи истилои араб барои тоҷикон ва халқҳои дигари ориёӣ дар баробари марҳилаи шикасту нокомиҳои сиёсиву низомӣ буданаш ҳамчунин даврони ба зуҳур омадани рӯҳи озодихоҳиву ватанпарварии ҳазорон фарзандони ҷасуру фидокор буд, ки то нафаси охирин бо нерумандтарин қудрати замон мубориза бурда, дар набардҳои нобаробар қаҳрамонона ҳалок мешуданд.

Дар он лаҳзаҳои фалокатбори таърих, ки масъалаи буду набуди ҳастии маънавии ниёкони мо ҳал мегардид, хориқаи забон, фарҳанг ва тамаддуни бостонии мо муъҷизаосо рӯйи кор омад ва растохези маънавии қавмҳои ориёиро дар саросари қаламрави хилофат тавлид намуд. Бонги ин растохез аз оғози давраи таҷаддуду эҳёи тоҷикон ва қавмҳои дигари ориёӣ башорат дод.

Тоҷикон ва халқҳои дигари ориёӣ мусулмон шуданд ва афзуда бар ин дар таҳаввул ва рушди ислом ба ҳайси дини тамаддунофари ҷаҳонӣ нақши бузург ва мондагор гузоштанд. Дар баробари ин онҳо ба оғӯши фарогири ислом бо ҳифзи забон, асолати фарҳанг ва ҳувияти миллии худ ворид шуданд.

15. Дар сарчашмаҳои таърихиву адабии арабизабон низ теъдоде аз санадҳо ба назар мерасанд, ки ривоҷи забони тоҷикӣ, форсии дариро дар қарнҳои VI-VIII тасдиқ мекунанд. Як назари иҷмолӣ ба санадҳои мазкур кофист, то аён гардад, ки забони тоҷикӣ дар давраи истилои араб беш аз ҳар минтақаи дигар дар Хуросону Мовароуннаҳр ривоҷ ёфта будааст. Сарчашмаҳои арабизабон аз забони мардуми ин сарзамин дар асрҳои VII-VIII аз калимаву ҷумлаҳои форсии дарӣ сар карда, то параҳои шеъриро ба ин забон ривоят кардаанд. Калимаву ҷумлаҳои алоҳида (мисли «уштурбон», «бӯстонбон», «Бадбахт, мор-мор! Бигаз-бигаз!»; «Тозии эшон кастам»; «Дар марг низ мардӣ

бояд!»; «Некон кунанд ва бадон кунанд ва ҳар ки ин кунед, сол во сар набарад»; «Або ин темор бояд андаке шодӣ»[461]), ки аксаран аз муколамаи ашхоси муайян дар ҳолатҳои мухталиф иқтибос шудаанд, корбасти фаъоли забони моро ба ҳайси абзори муошират дар давраи истилои араб бозтоб мекунанд.

16. Санадҳои истифодаи забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) дар қисмати ғарбии Эронзамин дар асрҳои VII-VIII хеле кам ба даст омадаанд. Зоҳиран, дар ин қисмат дар он даврон бештар ба лаҳҷаҳои табарӣ ва дайламӣ гуфтугӯ мекардаанд, аммо далелҳое мавҷуданд, ки бо забони форсии дарӣ бегона набудани мардуми ин сарзаминро таъйид мекунанд.

Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар давраи истилои араб ба ҳайси забони зиндаи муошират дар шарқи Эронзамин бештар ва дар ғарби он камтар ривоҷ доштааст. Ашъори шифоҳие, ки аз он даврон ба забони форсии дарӣ боқӣ мондаанд, ҳамагӣ ба Хуросону Мовароуннаҳр мансубанд. Дар қиёс бо ин маҳз аз Хуросону Мовароуннаҳр бархостани шеъри расмии тоҷикӣ (форсии дарӣ) дар аҳди Саффориёну Сомониён амре табиӣ ба назар мерасад.

17. Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар давраи истилои араб ба ҳайси абзори муошират дар Хуросону Мовароуннаҳр, Эрони марказӣ ва шаҳрҳои бузурги хилофат: Макка, Мадина, Куфа, Басра ва Бағдод ривоҷи тамом дошт. Бо назардошти ин амр давраи истилои арабро дар таърихи забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) метавон ҳамчун марҳилаи ҳамзистии он бо забони арабӣ, ки дар саҳнаи китобат ҳокими мутлақ буд, таъйин кард.

18. Дар қарнҳои нахусти исломӣ ҳамзистии забони тоҷикӣ ба ҳайси забони гуфторӣ ва арабӣ ба ҳайси забони навиштории дар ҷомеаи Эронзамин ва дар фаъолияти афроди алоҳида боис гардид, ки забони арабӣ таъсири бузурге дар забони форсии дарӣ бар ҷой гузорад, ҳамчунон ки забони мо муҳимтарин забони таъсиргузор ба забони арабӣ шавад. Забони форсии дарӣ дар даврони истило асолати худро ҳифз карда, дар масири доду ситади луғавӣ бо забони арабӣ барои худ заминае ҷиҳати

[461] Дар бораи ин калимаву ҷумлаҳо ва мансубияти онҳо ба ашхос ва маҳалли муайян ниг.: Алиашрафи Содиқӣ. Таквини забони форсӣ. - С. 54-75: Озартоши Озарнӯш. Чолиш миёни форсӣ ва арабии садаҳои нахуст. - С.109-116.

касби машрӯияти сиёсиву динӣ ва расмияти адабиву фарҳангӣ фароҳам овард.

Дар ин давра намояндагони аҳли адабу фарҳанг ва тамаддуни эронӣ ба пайкори маънавӣ бо арабҳо бархоста буданд, ки ҳадаф аз он наҳзати фарҳангиву адабӣ ва таҷдиди рӯҳонияти Аҷам бо роҳи ҳифзу идомаи суннатҳои тамаддуни тоисломии Эронзамин ва ворид кардани онҳо ба матну батни тамаддуни ҷадиди исломӣ буд. Ин наҳзати барозандаи ниёкони шарафманди мо дар таърих бо номи **шуубия** маълуму машҳур гардид. Забон ба ҳайси яке аз унсурҳои поягузори эҳёи маънавии Аҷам аз доираи назар ва таваҷҷуҳи пайравони шуубия берун набуд. Дар натиҷа дар шеъри арабизабони асрҳои нахусти исломӣ, хоссатан дар эҷодиёти Абунувос, Башшор ибни Бурд, Абуяъқуби Хураймӣ, Саҳл ибни Ҳорун, Исҳоқи Мавсилӣ, Асвад ибни Абукарима ва дигарон истифодаи унсурҳои забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ва маъниҳои баргирифта аз адабу фарҳанги тоисломии форсу тоҷик ривоҷ пайдо кард.

19. Бо ворид кардани унсурҳои луғавии тоҷикӣ (форсии дарӣ) ба шеъри арабӣ шоирони шуубимаслак нахустин заминаҳои ба ҳайси забони шеър шинохта шудани онро фароҳам оварданд. Ба шарофати талошҳои пайравони наҳзати шуубия забони тоҷикӣ дар баробари дастовардҳои дигари маънавии мардуми Эронзамин, аз қабили аслу табор, таърих, расму оину суннатҳои фарҳангии Аҷам дар ҷомеаи исломӣ, аз ҷумла дар адабиёти арабӣ – исломии қарнҳои VIII-IX эътибори расмӣ касб намуда, бо забону насабу фарҳанги арабии он даврон таъсир карда тавонист. Аз ин рӯ, қарнҳои нахусти исломиро барои забони тоҷикӣ метавон чун марҳилаи касби машруияти адабӣ таъйин кард, ки он дар давраи Саффориёну Сомониён таҳаққуқи комил пайдо кард.

20. Тақрибан аз 60 ибораю таркибҳои ҷудогонаи насрӣ ва 11 намунаи шеърии куҳантарин намунаҳои назму насри тоҷикӣ ба истиснои суханоне, ки ба Баҳроми Гӯр ва дигар сарварони аҳди сосонӣ нисбат дода шудаанд ва, чунон ки дар боло гуфта омад, дар ҳар сурат, дар асолати онҳо ҷойи шакку тардид

мавҷуд аст, ба мушоҳида мерасад, ки аксари суханони дигар ба аҳли Хуросону Мовароуннаҳр тааллуқ доранд ё дар муроҷиат ба онҳо гуфта шудаанд. Ин ҳама бетардид бори дигар маҳалли зуҳуру таҷаллии забону адаби тоҷикӣ будани шарқи Эронзамин, яъне Хуросону Мовароуннаҳрро собит мекунад.

21. Забони намунаҳои боқимондаи назму насри тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар ғояти пухтагиву расоӣ буда, аз пешинаи дерини назму наср ба ин забон гувоҳӣ медиҳад, ки, мутаассифона, аксари ин осор ва номи гӯяндагони он то замони мо нарасидааст.

Пажӯҳишгарон андеша доранд, ки забони тоҷикӣ ҳадди ақал ду-се қарн бояд таърих ва дар миёни мардум ривоҷ дошта бошад, то дар асри X он қудрат ва тавоноиро пайдо кунад, ки шеъре чун шеъри Рӯдакӣ ба он забон гуфтан имконпазир гардад. Ин даста муҳаққиқон вуҷуди забони форсии дариро то қабл аз ислом ва ҳадди ақал ба асрҳои V-VI милодӣ пеш мебаранд ва асноду далели онҳо вуҷуди калимаҳои тоҷикӣ дар ибтидо ва ё каме пеш аз зуҳури ислом дар забони арабӣ ва 21 ё 27 калимаи форсии дарии дахил дар Қуръони Маҷид аст, ки забоншиносон дар асари таҳқиқоти решашиносӣ пайдо кардаанд.[462]

Бо вуҷуди ихтилофи назар дар масъалаи замон ва макони пайдоиши забони дарӣ доир ба таҷаллигоҳ ва маҳалли зуҳури шеъру адаб ба ин забон, яъне Хуросону Мовароуннаҳр, донишмандон дар маҷмӯъ иттифоқи назар доранд. Зеро аксари суханварон ва нависандагони давраи аввали забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) аз мардуми ин диёр ва махсусан минтақаи Балх бархостаанд. Шоироне, ки ашъорашон дар «Луғати фурс»-и Асадӣ (нимаи қарни XII) омадааст, асосан аҳли шаҳрҳои Балх, Бухоро, Самарқанд, Ҳирот, Марв, Тӯс, Сарахс, Систон ва баъзе ободиҳои дигари Хуросон буданд.

Аксари осори насрии ин аҳд, аз ҷумла “Тафсири Қуръон” ва осори дигари таърихию илмию ахлоқӣ, аз қабили

[462] Муфас.ниг: Саргузашти забони форсии дарӣ. Таълиф ва тадвини профессор Расули Раҳин. - Стокголм, 2006. - С. 7-8; Аҳмади Ҷовид. Пайдоӣ ва боландагии забони дарӣ//Хуросон, № 17. - Кобул, 1363. - С. 4.

“Донишнома”-и Майсарӣ, “Ҳудуд-ул-олам”, “Рисолаи истихроҷ” ва “Шуморнома”-и Муҳаммад Айюби Табарӣ, “Ҳидоят-ул-мутааллимин фӣ-т-тибб”-и Абубакри Ахавайнии Бухороӣ, “Таърихи Систон”, “Китоб-ул-абния”-и Муваффақи Ҳиравӣ, “Синдбоднома” ва ғайра бо забони содаю равони форсии дур аз такаллуфу печидагуфторӣ таълиф ва ё аз забонҳои арабӣ ё форсии миёна тарҷума гардидаанд.

22. Дар рушду нумӯи илм, истилоҳоти илмӣ ва нигоришоти илмии тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ду омили зерин нақши бештар ва муассиртар доштаанд:

Омили аввали ташаккули истилоҳоти илмӣ ва таълифи нахустин осори илмии форсии дарӣ, бешубҳа, эҳтиёҷу ниёзмандии худи мардум аст. Яъне баъди истилои араб ва густариши дини ислом дар байни аҳолӣ гурӯҳ ва табақаҳое буданд, ки онҳо аз забони арабӣ огаҳии комил надоштанд. Аз ҳамин хотир майлу хоҳиши ин гурӯҳу табақаҳои аҳолӣ ҳамин будааст, ки аз китобҳое, ки ба забони модарӣ таълифу тадвин шудаанд, илму дониш омӯзанд.

Омили дигар эътиқоди мардум ба саъду наҳси ситораву сайёра ва таъсири гардишу ҳаракати ситорагону сайёрагон дар кору зиндагии онон, майлу рағбати донистани чигунагии Замину дарозову паҳнои он, анвои бемориву дармону табобат ва ғайра мебошад, ки барои ташаккули забони илм ва дар заминаи он таълифу тадвин кардани осори илмӣ замина фароҳам овардааст.

23. Эҳёи забони тоҷикӣ (форсии дарӣ) ҳамчун забони расмӣ дар замони Тоҳириён шурӯъ гардида, дар аҳди Саффориён ривоҷу равнақ пайдо намуд ва дар даврони Сомониён ба авҷи аъло расид. Забони тоҷикӣ-форсӣ, ки мояи ифтихор ва василаи сарнавиштсозу ваҳдатофари қавмҳои эронинажод аст, дар давраи ҳукмронии Сомониён ба сифати забони расмӣ ва омили ҳамбастагии миллӣ дар тамоми қаламрави Хуросону Мовароуннаҳр ва дигар вилоятҳои тобеи давлати Сомониён рушду боландагӣ ёфт ва ба авҷи қудрату шукуфоӣ расид.

24. Наҳзате, ки дар замони Сомониён барои ривоҷ ва ба кор бурдани забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ба ҷойи арабӣ оғоз шуд, ба рӯҳи озодихоҳӣ ва истиқлолталабии мардум мувофиқ афтод ва дар андак замон, чунон растохези адабӣ ва заминаи

устувори фарҳангӣ барпо намуд, ки ҳукуматҳои баъд аз Сомониён омада маҷбур шуданд ҳамон роҳеро паймоянд, ки Сомониён эҷод карда буданд. Таъсири ҳамин шукӯҳу шавкат буд, ки дар рӯзгори Ғазнавиён ва Салҷуқиён тоҷикӣ (форсии дарӣ) забони адабии як сарзамини васеъ шуд ва шоирон ба ин забон шеър суруданд, олимон китобҳои илмӣ, адабӣ ва таърихӣ таълиф карданд ва сипас дар умури идорӣ ва мукотиботи девонӣ ҳам ҷойи забони арабиро гирифт.

25. Вале бо вуҷуди ин барои навиштан хат ва алифбои арабӣ қабул шуд. Алифбои арабӣ ҳарчанд аз хати қадими форсии миёна (паҳлавӣ, ки он ҳам маншаи сомӣ дошт) осонтар ва барои навиштан беҳтар ва муносибтар буд, вале дар айни ҳол барои адои ҳамаи овозҳои забони мо камбудиҳои мусаллам ва ҷиддие низ дошт. Аз ҷумла, дар алифбои арабӣ мисли дигар хатҳои сомӣ садонокҳо дар миёнаи калимаҳо навишта намешуд.

Чанд овози форсии дарӣ мисли **г, ч, ж** ва **п** дар забон ва хати арабӣ вуҷуд надошт ва чанд сада ба ҷойи ин овозҳо ҳарфҳои **к** (ک), **ҷ** (ج), **з** (ذ) ва **б** (ب) менавиштанд, ки ин хондани калимаҳоро душвор мекард. Дертар аз ҳамон ҳарфҳои арабӣ ب، ج، ز، ک бо афзудани аломатҳое овозҳои форсии дарӣ ҳарфҳои ژ، چ ва پ –ро сохтанд. Тавре мебинем, ҳарфҳои **ғ, қ, ҷ, ҳ,** ки баъди қабули алифбои кириллӣ дар забони тоҷикӣ сохта шуд, кори нав набуда, пешинаи таърихӣ дошт.

26. Аксари шоирони аҳди сомонӣ зодаю парвардаи Хуросону Мовароуннаҳранд ва дар ашъорашон вожагону калимоти мардуми ин манотиқ бештар истифода гардидаанд. Аз ин рӯ фаҳмиши маънии асли баъзе аз ин вожагону калимот барои шоирони форсигӯйи ғарби Эронзамин, чун Қатрони Табрезӣ мушкилот пеш овардааст ва, чунон ки дар боло ёдовар шудем, Қатрон дар ин амр аз Носири Хусрави Қубодиёнӣ мадад ҷустааст.

Содагии забон, дур аз такаллуфу печидагӣ будани он, истифодаи ҳадди ақали калимаҳои арабӣ, ҳамчунин табиӣ будани фикру андеша муҳимтарин вижагии назму насри аҳди сомонӣ ба ҳисоб меравад.

27. Теъдоди зиёди луғот, ки аз осори шоиру нависандагони қарнҳои X-XI Хуросону Мовароуннаҳр Асадии Тӯсӣ дар

«Луғати фурс» ҷамъ овардааст, аз лаҳҷаву гӯйишҳои забони дарии маҳаллии ин диёр буда, дар забони қисматҳои дигари Эрон маъмул набудаанд. Аксарияти фарҳангу луғатномаҳои давраи хуросонии фарҳангнигорӣ, чун “Сиҳоҳ-ул-фурс”-и Муҳаммад ибни Ҳиндушоҳи Нахҷувонӣ тибқи сабку услуби ҳамин фарҳанг таҳия шудаанд.

28. Подшоҳони Оли Зиёр ва Оли Бӯя ҳарчанд эронитабор буданд, вале ба забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) алоқамандии зиёд надоштанд. Забони девонӣ ва адабии дарбори онон забони арабӣ буд. Дар гуфтугӯйи ғайрирасмии мулкҳои тобеи онҳо бештар гӯйишҳои табарӣ, дайламӣ ва гӯишҳои дигари мутадовили он рӯзгор дар ғарби Эрон истифода мегардид.

Ба андешаи баъзе муҳаққиқон, рақобати сиёсию ақидавии подшоҳони Оли Бӯя ва Сомониён боис гардид, ки подшоҳони Оли Бӯя бар хилофи рақибони сиёсии худ, яъне Сомониён, дар парвариши забону фарҳанги форсӣ ҳеҷ вокунише нишон надиҳанд ва ба забону адаби арабӣ содиқ бимонанд.

29. Забони тоҷикӣ дар рӯзгори шукӯҳу таҷаммули давлати сомонӣ дар қаламрави ин давлати муқтадир наҳзату шукуфоии бесобиқа пайдо кард ва бар асари футуҳоти Сомониён ва ислом овардани қабилаҳои турки саҳронишин дар шимолу шарқи ин сарзамин густариш ёфт.

Вале густариши бештари ин забон ба манотиқи дигари ҳамҷавор ба замони давлатдории ҳокимони баъдии ғазнавию ғурӣ ва салҷуқӣ рост меояд. Ба таъбири дигар, Ғазнавиёну Ғуриён ва Салҷуқиён сиёсати забонгустарии Сомониёнро идома бахшиданд ва доираи корбурди забони тоҷикиро дар шарқу ҷануб то сарзамини Ҳинду Синд ва дар ғарб то Осиёи Сағиру Сурия густариш доданд.

30. Аксари подшоҳони ғазнавӣ ба мисли Сомониён ба забони форсии тоҷикӣ ва илму адаб алоқамандии зиёд доштанд. Дарбори ғазнавӣ конуни бузурги фарҳанг ва маҳфили гирдомади шоирону адибон ва донишмандони форсизабони аҳди худ буд. Шоирон бо сурудани ашъори баландғоя ва донишмандон бо таълифи осори гаронмоя дарбори ғазнавиро баландовоза кардаанд.

Дар охири давраи Ғазнавиён насри содаи форсии замони Сомониён тадриҷан ба насри мураккаби такаллуфомез иваз

гардида, суханбозиҳои лафзию маънавии муншиёна ва доираи корбасти вожагону истилоҳот ва зарбулмасалу мақолҳои арабӣ дар осори тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) бештар гардид.

31. Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар давраи Салҷуқиён, ки ба конуни забону адаби форсии дарбори подшоҳони ин хонавода мубаддал шуда буд, ба хусус аз аввалҳои асри ёздаҳи мелодӣ тадриҷан аз шарқи Эрон ба шаҳрҳои марказӣ ва навоҳии ғарби Эрон густариш пайдо кард. Нахустин шаҳру ноҳияҳое, ки ин забон дар онҳо ривоҷи бештар пайдо кард, шаҳру ноҳияҳои Гургону Қумис ва Рай буданд. Дар Гургон то густариши забони мо лаҳҷае наздик ба лаҳҷаи табарӣ ва дар Қумис лаҳҷае байни лаҳҷаи Хуросон ва лаҳҷаи Гургон истифода мегардид. Дар Рай ҳам шоирон дар тақлиди шоирони Хуросону Мовароуннаҳр ба шеър навиштан машғул шуданд.

32. Дар аҳди Салҷуқиён ва ё чанде пештар аз он қавму қабилаҳои гуногуни турк, аз қабили туркони ғуз, қипчоқ, қарлуқ, чигил, яғмо, қарохитойӣ, туркман ва ғайра, ки аз даштҳои Олтою соҳилҳои Енисей ба Ҳафтрӯд наздик омада буданд, тадриҷан ба Мовароуннаҳру шимоли Хуросон кӯч бастанд ва аз ин манотиқ ба ноҳияҳои марказию ғарбии Эронзамин омада, дар ин ноҳияҳо сукунати доимӣ ихтиёр карданд ва аз кашмакашҳои дохилии мардуми маҳаллӣ истифода бурда дар аксари минтақаҳо қудрати сиёсиро ба даст гирифтанд. Бо гузашти айём аз забони ин қавму қабилаҳо низ баъзе луғоту калимот ба забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) ворид шуданд, ки бештар ба низоми идории давлату ҳукумат ва муносибатҳои қабилавию авлодӣ вобастагӣ доштанд, вале ин вожагону таркибот дар бофту сохти забон ба зудӣ куллан ҳазм гардида, дар девори забон рахна ба вуҷуд оварда натавонистанд.

33. Забони тоҷикӣ (форсӣ, дарӣ) дар дарбори Ғуриён, ки аслан тоҷик ва ирқан ориёинажод буданд, забони расмию умумӣ маҳсуб мешуд ва дар қиёси забони форсии охири аҳди ғазнавӣ ва давраи салҷуқӣ ба шеваи баёну нигориши забони форсии аҳди сомонӣ бештар қаробат дошт.

34. Забони тоҷикии (форсии) аҳди Хоразмшоҳиён то ҳамлаи муғул ба тарзи табиӣ рушд намуда, хусусиятҳои содагию равонии аҳди сомонӣ ва давраи аввали ғазнавиро муътадил

идома медод ва дур аз печидагӣйиву муғлақбаёнии даврањои баъдӣ, ба хусус аҳди муғул буд.

35. Бисёре аз хусусиёти лафзӣ ва сарфиву наҳвии гӯйишҳои маҳаллии Хуросон ва Мовароуннаҳр низ дар ин даврон ба осори адибони минтақаҳои дигар таъсир гузошт ва мардуми қисматҳои мухталифи Эрон, агарчи гӯйиши модариашон аз он фарқ мекард, онро ба сифати забони расмӣ омӯхтанд ва дар осори худ ба кор бурданд.

Шояд гуфтаҳои маъруфи Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар бораи забони дарӣ, ки «дар он аз миёни луғоти шаҳрҳои машриқ луғати аҳли Балх ғалаба дорад ва ё суханони Асадии Тӯсӣ дар муқаддимаи «Луғати фурс» ба «шоироне, ки фозил буданд, валекин луғоти форсӣ кам медонистанд», ишора ба ҳамон шоироне бошад, ки дар фаҳмиши луғоти маҳаллии бахшҳои Хуросону Мовароуннаҳр, ки ба осори нахустин шоирони даризабон баъд аз ислом ворид шуда буд, душворӣ мекашиданд.

36. Вазъи забони форси дарии тоҷикиро дар маҷмӯъ аз аҳди Сомонӣ то остонаи ҳамлаи муғул метавон чунин хулоса намуд:

1). Дар замони Сомониён забони осори назму наср ва ҳам осори баргардонидашуда ба забони мардум наздик ва бо вуҷуди содагӣ бисёр ширин, шево ва бетакаллуф буд.

2). Вале дар замони ҳукмронии Ғазнавиён ва Салҷуқиён кам-кам таркибҳо ва такаллуфҳои дурушту дағал дар забони осори нависандагон ба вуҷуд омад. Дар ҳамин асрҳо бар асари ин падидаи номатлуби адабӣ, ки оғози инҳирофи забон аз аслу табиати худ ба шумор меравад, нависандагони форсигӯ гурӯҳ-гурӯҳ луғатҳои арабиро ба забон ворид намуда, ба қавли соҳиби «Қобуснома», «тозиҳои сарду ғариб оварданд ва инро василаи фазлфурӯшии хеш шумурданд».

3). Ҳуҷуми фоҷиабор ва қатлу ғорати бешумори лашкари хунхори муғул дар ибтидои асри XIII Хуросон ва Мовароуннаҳрро, ки беш аз чор қарн маҳалли нашъунамои забону адабиёти тоҷикӣ буд, бо хок яксон кард ва ин минтақа дигар ҳаргиз он шукӯҳу таҷаммул ва марказияту аҳамияти сиёсию забонию адабии худро натавонист дар асрҳои минбаъда, чунонки дар гузашта буд, барқарор намояд.

КИТОБНОМА

а. Бо забони тоҷикӣ

1. Авесто. Гузориш ва пажӯҳиши Ҷалили Дӯстхоҳ (Таҳиягар Муаззами Диловар). – Душанбе: Қонуният, 2001.
2. Авесто. Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби I. – Душанбе: Бухоро, 2014.
3. Айнӣ С. Куллиёт: 13 ҷилд. – Душанбе: Ирфон, 1958-1977.
4. Айнӣ С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ». – Сталинобод, 1956.
5. Айнӣ С. Оид ба вазъияти забоншиносии тоҷик // Шарқи Сурх. – 1952. – № 6. - С. 3-8.
6. Айнӣ С. Маънои калимаи тоҷик // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. – Душанбе, 2009. – С. 53
7. Ализода С. Сарфу наҳви тоҷикӣ . – Самарқанд, 1926.
8. Ализода С. Р. Шоҳнома. Фарҳанги мухтасар. – Душанбе: Адиб, 1992.
9. Аминов С. Забономӯзӣ асоси рушди тафаккур: Маҷмӯаи мақолаҳо. – Душанбе, 2010.
10. Бердиева Т. Назарияти иқтибос (Калимоти арабӣ дар забони тоҷикӣ). – Душанбе, 1991.
11. Берунӣ, Абурайҳон. Китоб-ут-тафҳим ли авоили саноат ит-танҷим. – Душанбе: Дониш, 1973.
12. Гардизӣ, Абусаъид Абдулҳай. Зайну-л-ахбор. Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби XIII. – Душанбе: Бухоро, 2014.
13. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Ҷ.I. Фонетика. Морфология. – Душанбе, 1985.
14. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. – Ҷ.II. Ибора ва синтаксиси ҷумлаҳои содда. – Душанбе, 1986.
15. Ғаффоров Р. Вазъи кунунии истилоҳоти забоншиносии тоҷик ва лузуми такмили он // Ахбороти АФ РСС Тоҷикистон. Серияи шарқшиносӣ, таърих, филология, 1991. – № 4. – С. 34-39.

16. Ғафуров Б. Тоҷикон. Дар ду ҷилд. Таърихи қадимтарин, қадим ва асри миёна. – Душанбе: Ирфон, чопи аввал. – 1983, чопи дувум дар як ҷилд. – Душанбе, 2008.
17. Ғиёсиддини Муҳаммад. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз 3 ҷилд. – Душанбе: – Ҷ. 1. 1987; – Ҷ. 2. 1988; – Ҷ. 3. 1989.
18. Додихудоев Р.Х., Герценберг Л. Г. Таърихи забони тоҷикӣ. – Душанбе: Маориф, 1988.
19. Донишномаи Сомониён. Дар ду муҷаллад. – Хуҷанд, 2008-2009.
20. Ёрзода Т. Боварҳо ва таъбирҳои этнолингвистикӣ дар забони суғдӣ. – Душанбе: Бухоро, 2013.
21. Зеҳнӣ Т. Санъати сухан. – Душанбе: Ирфон, 1967.
22. Зоҳидов Н. Адабиёти арабизабони форсу тоҷик аз истилои араб то аҳди Сомониён. – Хуҷанд, Нури маърифат, 1999.
23. Ибни Балхӣ. Форснома. – Душанбе: Дониш, 1989.
24. Кайковус Унсуралмаолӣ. Қобуснома. – Душанбе, 1979.
25. Камолиддинов Б. Ҳусни баён. – Душанбе, 1989.
26. Каримов А. Таҳлили лексикӣ – грамматикаи матнҳои тоҷикии қадим. – Душанбе, 1986.
27. Китоби Ҳаким Синдбод. Аз рӯи «Синдбоднома»-и Заҳирӣ таҳрири Ҷ. Азизқулов. – Душанбе, 1971.
28. Қодирӣ С. Истилоҳ саҳеҳ ва кӯтоҳ бошад // Садои Шарқ, 1974. – № 2.
29. Қосимова М.Н. Очеркҳо оид ба синтаксиси ҷумлаҳои соддаи насри асри XI. – Душанбе, 1976.
30. Қосимова М.Н. Таърихи забони адабии тоҷикӣ (асрҳои 9-10): Китоби дарсӣ. – Душанбе, 2012. – 568 с.
31. Лазар Ж. Ду рисолаи тиббии асри X дар форсии дарӣ // Шарқи Сурх, 1958. – № 10. – С. 129-138.
32. Маликушшуаро Баҳор. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ. – Душанбе: Бухоро, 2012 – 570 с.
33. Маҷидов Ҳ. Сеҳри сухани форсии тоҷикӣ (мақолаҳои мунтахаб). – Душанбе, 2014.

34. Мероси хаттии бостон. Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби II. ҷилди 1 – Душанбе: Бухоро, 2014.
35. Маҳдӣ М. Заминаҳои рушди забони форси дарӣ то асри сомонӣ . – Душанбе, 1999. – С. 190-198.
36. Минувӣ, Муҷтабо. Тоҷик ва турк дар асри Байҳақӣ // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. – Душанбе, 2009.
37. Мирзоев А. Забони адабиёти классикӣ ва муносибати он бо забони имрӯзаи тоҷик // Шарқи Сурх, 1949. – № 4. – С.7-15.
38. Мирзоев А. Масъалаҳои ибора дар забони тоҷикӣ. – Душанбе: Деваштич, 2002.
39. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик. – Душанбе, 1989.
40. Муваффақ, Абумансур. Гиёҳнома. Таҳияи матн, пешгуфтор, мулҳақот, луғот, тавзеҳот ва феҳрасти номҳо аз Юсуф Нуралиев ва Ҷобулқо Додалишоев (барориши дувум). – Душанбе: Ирфон, 1992.
41. Муллоҷон, Сайфуллоҳ. Зикри тоҷикон дар «Таърихи Байҳақӣ» // Тоҷикон дар қаламрави Ориёно. – Душанбе, 2009.
42. Муҳаммад ибни Ҷарир. Таърихи Табарӣ. – Душанбе, 1992.
43. Муҳаммадиев М. Принсипҳои асосии калимасозии забони тоҷикӣ // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. – Душанбе: Ирфон, 1976. – С. 37-45.
44. Муъминҷонов Ҳ. Тӯрон – гаҳвораи тамаддуни ориёӣ. – Душанбе, 2004.
45. Назарзода С. Забон ва истилоҳот (Андешаҳо дар атрофи забони тоҷикӣ ва ташаккули истилоҳот). – Душанбе: Дониш, 2003.
46. Назарзода С. Ташаккули истилоҳоти иҷтимоӣ-сиёсии забони тоҷикӣ дар садаи ХХ. – Душанбе: Дониш, 2004.
47. Назарзода С. Истилоҳоти забони тоҷикӣ: таърих, гароиш ва дурнамо. – Душанбе, 2013.
48. Назарзода С. Имло ва забони адабӣ. – Душанбе, 2015.
49. Наршахӣ, Абубакр Муҳаммад ибни Ҷаъфар. Таърихи Бухоро. – Душанбе, 2012.

50. Неъматов Н.Н., Нурмуҳаммади Амиршоҳӣ, Мирбобоев А.К., Пирумшоев Ҳайдаршо. Таърихи халқи тоҷик. – Хуҷанд, 2008.
51. Низомулмулк. Сиёсатнома. – Душанбе, 1998.
52. Нуров А. Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ. – Душанбе, 1990.
53. Омӯзгор Ж., Тафаззулӣ А. Забони паҳлавӣ, адабиёт ва дастури он: Васоили таълимӣ. – Душанбе, 2011 – 140 с.
54. Паёми табрикотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забон // Ҷумҳурият, 2011 – 5 октябр.
55. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 1999.
56. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби дуюм. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2002.
57. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2006.
58. Раҳмон, Эмомалӣ. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби чорум. Аз Ориён то Сомониён. – Душанбе: Ирфон, 2009.
59. Раҳмон, Эмомалӣ. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ. – Душанбе, 2006.
60. Раҳмон, Эмомалӣ. Ориёиҳо ва шинохти тамаддуни ориёӣ. – Душанбе: Ирфон, 2006.
61. Раҳмон, Эмомалӣ. Забони давлатӣ арзиши волои миллӣ (ба муносибати Рӯзи забон) // Тоҷикистон, 2012, № 9-10.
62. Раҳмон, Эмомалӣ. Ҳар як давлат дар дифои… Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забон // Садои мардум, 2010 – 7 октябр.
63. Розӣ, Закариё. Мунтахаби осор. – Душанбе. 1989.
64. Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе, 1972.
65. Рустамов Ш. Забон ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1981.
66. Сабзаев С. М. Забон ва услуби шоирони маорифпарвар. – Душанбе. 1991.

67. Саймиддинов Д. Вожашиносии забони форсии миёна. – Душанбе, 2001.
68. Саймиддинов Д. Вожаномаи феълҳои паҳлавӣ. – Душанбе: Дониш, 1992.
69. Саймиддинов Д. Бархе аз вожаҳои куҳан дар гӯйишҳои тоҷикӣ. // Номаи пажӯҳишгоҳ (маҷмӯаи мақолот). – Душанбе, 2002. – № 2. – С. 5-20.
70. Саймиддинов Д., Шодиев Р. Матнҳои паҳлавӣ. – Душанбе, 2015.
71. Саймиддинов Д. Пажӯҳишҳои забоншиносӣ: маҷмӯаи мақолот. – Душанбе: Шарқи озод, 2013. – 208 с.
72. Саймиддинов Д. Шарҳи ду пора шеъри куҳан аз сурудаҳои мардуми Бухоро // Номаи пажӯҳишгоҳ. Фаслномаи пажӯҳишҳои эроншиносӣ. – Душанбе, 2005. – № 7. – С. 5-14.
73. Саолибӣ, Абӯмансур Абдумалик ибни Муҳаммад. «Шоҳнома»-и Саолибӣ. Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби III. – Душанбе: Бухоро, 2014.
74. Салимов Ю. Насри ривоятии форсу тоҷик. – Душанбе: Дониш, 1971.
75. Салоҳ С. Аз сарнавишти калимаҳо // Садои Шарқ, 1975. – № 7. – С. 134-138.
76. Самарқандӣ, Абулқосим Ҳаким. Ас-Савод-ул-аъзам. Таҳиягарони матн ва муаллифони муқаддима, таълиқоту ҳавошӣ Носирҷон Салимов, Низомиддин Зоҳидов. – Хуҷанд, 2009.
77. Самарқандӣ, Низомии Арӯзӣ. Чаҳор мақола. – Душанбе: Ирфон. 1986.
78. Сафо, Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон. – Душанбе: Инт. байн. «Алҳудо», 2001.
79. Сино, Абуалӣ. Осори мунтахаб, ҷилди якум. – Душанбе, 1980.
80. Сино, Абуалӣ. Осори мунтахаб, ҷилди дувум. – Душанбе, 1983.

81. Сулаймонов С. Ибни Сино-падидаи фарҳангӣ ва забонии рӯзгори Сомониён // Фалсафа дар аҳди Сомониён. – Душанбе, 1999. – С. 190-199.
82. Султон, Мирзо Ҳасан. Истилоҳоти илмии «Китоб-ут-тафҳим»-и Абурайҳони Берунӣ. – Душанбе: Дониш, 2003.
83. Султон, Мирзо Ҳасан. Ташаккул ва такомули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ. – Душанбе: Дониш, 2008.
84. Султон, Ҳасан. Саргузашти Исмоили Сомонӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010.
85. Табарӣ, Муҳаммад ибни Айюб. Шумornома. Таҳия ва таҳқиқи Мирзо Ҳасани Султон. – Душанбе: Дониш, 2006.
86. Тартӯсӣ, Абутоҳир. Абумуслимнома (Китоби аввал). – Душанбе; Адиб, 1994. – 431 с.
87. Фарҳанги забони тоҷикӣ (дар зери таҳрири М. Шукуров, В. Капранов ва диг.), дар ду ҷилд. – Москва: Советская Энциклопедия, 1969.
88. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: Иборат аз ду ҷилд: Ҷ. 1 А-Н. – Душанбе, 2010.
89. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: Иборат аз ду ҷилд: Ҷ. 2 О-Я. – Душанбе, 2010. – 1095 с.
90. Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ. Ҷ. 1. - Душанбе: Шарқӣ озод, 2011. – 829 с.
91. Фарзона духти Саидумрон. Фарҳанги ном: Маҷмӯаи номҳои тоҷикӣ бо шарҳу тавзеҳ. – Хуҷанд: Ношир, 2013. – 272 с.
92. Хайём, Умар. Рисолаи фалсафӣ (тарҷума аз арабӣ, таҳия, таҳқиқ ва тавзеҳоти С. Сулаймонов). – Душанбе: Дониш, 2000.
93. Хоркашев Сахидод. Истилоҳоти калимасозӣ: Воситаи таълимӣ. – Душанбе, 2012.
94. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI. – Душанбе, 2013.
95. Хусрав, Носир. Сафарнома. – Душанбе, 1970.
96. Хусрав, Носир. Куллиёт дар се ҷилд. – Душанбе, 2003.

97. Ҳаким Майсарӣ. Донишнома. Интихоб, баргардон, пешгуфтор ва тавзеҳоти Мирзо Муллоаҳмад. – Душанбе, 1999.
98. Ҳалимов С. Таърихи забони тоҷикӣ (асри Х). – Душанбе: УДТ, 1978.
99. Ҳалимиён Саид. Феъл (куниш): Дастури таълимӣ. – Душанбе, 2013.
100. Ҳудуд-ул-олам (Бо сарсухани А.Мухторов). – Душанбе, 1983.
101. Ҳудуд-ул-олам. Тоҷнома. Силсилаи Тоҷикон дар масири тамаддун. Китоби XI. – Душанбе: Бухоро, 2014.
102. Ҷовид, Абдулаҳмад. Сухане чанд дар бораи тоҷикҳо // Тоҷикон дар масири таърих. Гирдоварӣ ва таҳқиқи Мирзо Шакурзода. – Душанбе, 2009.
103. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Баҳористон (таҳияи А. Афсаҳзод). – Душанбе: Адиб, 1987.
104. Ҷурҷонӣ, Исмоил. Захираи хоразмшоҳӣ. Китоби нахустин. Таҳия, муқаддима ва тавзеҳоти Салоҳиддини Салоҳ. – Душанбе, 1992.
105. Шарифова Фарангис. Таҳаввули ҷумлаи содаи забони тоҷикӣ. Қисми 1: Монография. – Душанбе, 2012. – 224 с.
106. Шарофиддини Рустам. Давлати Сомониён ва забони адабии тоҷик. – Душанбе, 1999. – 176 с.
107. Шарофов Н.А. Баъзе хусусиятҳои калимаҳои интернатсионалистӣ. // Баъзе масъалаҳои забоншиносии тоҷик. – Душанбе, 1964. – с. 47-52.
108. Фирдавсӣ, Абулқосим. Достонҳо аз Шоҳнома. – Сталинобод, 1955.
109. Фрай, Ричард. Мероси Осиёи Марказӣ. – Душанбе, 2000.
110. Шакурии Бухоройӣ, Муҳаммадҷон. Сарнавишти форсии тоҷикии Фарорӯд дар саддаи бист. – Душанбе: Адиб, 2003.
111. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нуқта мақоме дорад. – Душанбе: Дониш, 1985.
112. Шукуров М. Забони мо ҳастии мост. – Душанбе: Маориф, 1991.

113. Шукуров М. Хуросон аст ин ҷо. – Душанбе, 1997.
114. Шукуров М.Ш. Истилоҳот ва забони миллӣ // Садои Шарқ, 1994. – №2. – с.3-19.

б. Бо забони русӣ

115. Абаев В. И. Историко-этимологический словар осетинского языка. М.- Л., 1958-1959. (в 4-х томах).
116. Амирова Т. А. К истории и теории графемики. – М.: Наука, 1977.
117. Ашуров Г. Философия эпохи Саманидов (Общая характеристика). –Душанбе: Ирфон, 2006.
118. Барроу Т. Санскрит. Перевод с английского Н. Лариной. Редакция и комментарий Т.Я. Елизаренковой. – М: Прогресс, 1976.
119. Бартольд В.В. К вопросу о языках сагдийском и тохарском // Иран, т.1, Ленинград, 1927.
120. Бартольд В.В. Сочинение: в 9 т. – М., 1963 - 1977. т.1: Туркестан в эпоху монгольского нашествия. 1963.

т.2: ч.2 Работы по отдельным проблемам истории Средней Азии. 1964.

т.3: Работы по исторической географии. 1965.

т.4: Работы по археологии, нумизматике, эпиграфике и этнографии. 1966.

т.5: Работы по истории и филологии тюркских и монгольских народов. 1968.

т.6: Работы по истории ислама и Арабского халифата. 1969.

т.7: Работы по исторической географии и истории Ирана. 1971.

т.8: Работы по источниковедения. 1973.

т.9: Работы по истории востоковедения. 1977.

121. Белгородский Н.А. Современная персидская лексика. – М., - Л., 1936.

122. Бенвенист Э. Общая лингвистика (Перевод с французского Ю.Н. Караулова, В.П. Мурат, И.В. Барышевой и Н.И. Мельниковой. Под редакцией Ю.С. Степанова). – М: Прогресс, 1974.
123. Бенвенист Э. Словарь индоевропейских социальных терминов. ?
124. Бернштам А.Н. Тюрки и Средняя Азия в описании Хан Чао (726). ВДИ, 1952. – №1. – С.191-192.
125. Бертельс Е.Э. Персидский-дари-таджикский // Памир, 1996. – № 1-6. – С. 178-190.
126. Бертельс Е.Э. История персидско-таджикской литературы. – Москва: Наука, 1960.
127. Бертельс Е.Э. История литературы и культуры Ирана. – Москва: Наука, 1988. – 556 с.
128. Беруни Абу Райхан. Фармакогнозия в медицине (Исследование, перевод, примечания, и указатели У.И. Каримова). Избранные произведения. – Т.IV. – Ташкент, 1973.
129. Беруни Абу Райхан. Книга вразумления начаткам науки о звездах. (Пер. и примеч. Б.А. Розенфельда, А. Ахмедова и др.). Избранные произведения. – Т.VI. – Ташкент, 1975.
130. Бируни Абу Рейхан. Памятники минувших поколений. (Пер. и. примеч. М.А. Салье). Избранные произведения. – Т.I. – Ташкент, 1957.
131. Бируни Абу Райхан. Индия. (Издание подготовили А.Б. Халидов, Ю.Н. Завдовский, В.Г. Эрман). – М.: Ладомир, 1995.
132. Бируни Абу Райхан. Собрание сведений для познания драгоценностей (Минералогия). Перевод А.М. Беленицкого. – М., 1963.
133. Бируни Абу Рейхан. Определение границ мест для уточнения расстояний между населенными пунктами (Геодезия). (Пер. и примеч. П.Г. Булгакова). Избранные произведения. –Т.III. –Ташкент, 1966.

134. Бичурин Н.Я. Собрание сведений о народах, обитавших в Средней Азии в древние времена. -Т.1-3, 2 изд. М. – Л., 1950-1953.
135. Бойс М. Зороастрийцы. Верования и обычаи. - Санк-Петербург, 2003.
136. Болдырев А.Н. Из истории развития персидского литературного языка // Вопросы языкознание, 1955. – № 5. – С. 78-92.
137. Бонгард-Левин Г.М., Грантовский Э.А. От Скифии до Индии. – М., 1974.
138. Боровков А.К. Филологические заметки // Сборник статей по истории и филологии народов Средней Азии, посвященными 80-летию со дня рождения А.А. Семенова. Сталинабад, 1953. – С. 49-53.
139. Брагинский И.С. Из истории персидской и таджикской литературы. – М.: Наука, 1972.
140. Будагов Л. Сравнительный словарь турецко-татарских наречий. - СПб, 1869.
141. Будагов Р.А. Введение в науку о языке. – Москва, 1965.
142. Будагов Р.А. Язык, история и современность. – Москва, 1971.
143. Вамбери А. Очерки по Средней Азии. – М., 1868.
144. Виноградов В.В. Избранные труды. Лексикология и лексикография. – М., 1977.
145. Волков А. Г. Язык как система знаков. – М., Изд. Моск. ун- та, 1966.
146. Гамкрелидзе Т.В., Иванов В.В. Индоевропейский язык и индоевропейцы (в 2-х томах). - Тбилиси, 1984.
147. Гафуров Б.Г. Таджики (Древнейшая, древняя и средневековая история). – М., 1972.
148. Гафуров Б., Литвинский Б.Л. Узловие проблемы этногенеза в этнической истории народов Средние Азии и Казахстана (теоретический аспект) Тезисы. – М.: Наука, 1978.

149. Гельб И. У. Опыт изучения письма: (Основы грамматологии), Пер.с англ. Л. С. Горбовицкой, И. М. Дунаевской: Под ред. и предисл. И. М. Дьяконова. – М.: Радуга, 1982.
150. Герценберг Л.Г., Саймиддинов Д. Лингвистическая мысль и языковедческая практика в Иране в домонгольовское время // История лингвистических учений. Средневековый Восток. – М., 1981. – С. 96-115.
151. Гиляревский Р. С., Гривнин В. С. Определитель языков мира по письменностям. – М.: Наука, 1964.
152. Грантовский Э. А. Ранняя история иранских племён Передней Азии. – М., 1970.
153. Гумилёв Л.Н. Величие и падение Древнего Тибета // Страны и народы Востока. Вып.VIII. - М., 1969. – С. 158-159.
154. Гурчанинов Г. Ф. Древние и средневековые памятники осетинского письма и языка. – Владикавказ: Ир., 1990.
155. Даниленко В.П. Русская терминология. Опыт лингвистического описания. – М.: Наука, 1977.
156. Дандамаев М.А. Ахаменидское государство и его значение в истории древнего Востока // История Иранского государство и культуры. К 2500-летию Иранского государства. - М., 1971.
157. Дандамаев М. А. Вавилонские письцы. – М.: Наука, 1983.
158. Добльхофер Э. Знаки и чудеса. Рассказы о том, как были дешифрованы забытые письмена и языки. Пер. с нем. и предисл. акад. В. Струве. – М., Изд. Вост. Лит., 1963.
159. Добронравин Н. А. Арабографическая письменная традиция Западной Африки: Монография. – Санкт-Петербург, 1999.
160. Додихудоев Р.Х. Памирская микротопонимия (исследования и материалы). – Душанбе, 1975.
161. Дрезден М. Мифология древного Ирана // Мифология деревного мира / перевод И.М. Стеблин-Каменского/. – М., 1977. – С. 337-364.

162. Древние системы письма. Этническая семиотика: (сб. ст.) // АН СССР, Ин- т этнографии им. Н. Н. Миклухо-Маклая; (Отв. ред. Ю. А. Кнорозов) . – М.: Наука, 1986.
163. Дьяконов И.М. История Мидии. - М.-Л., 1956.
164. Дьяконов И.М. Очерк истории древнего Ирана. - М., 1961.
165. Дюмезиль Ж. Верховные боги индоевропейцев. - М., 1986.
166. Зиндер Л. Р. Очерк общей теории письма // АН СССР, Науч. совет по теории сов. языкознания, Ин-т языкознания. – Л.: Наука, Ленингр. отд – ние, 1987.
167. Иранского государство и культуры. К 2500-летию Иранского государства. - М., 1971.
168. Истрин В. А. Возникновение и развитие письма.– М.: Наука, 1965.
169. Ефимов В.А., Расторгуева В.С., Шарова Е.Н. Персидский, таджикский, дари // ОИЯ. Новоиранские языки. – Москва: Наука, 1982. – С. 5-230.
170. Жуковский В.А. К истории персидской литературы при Саманидах. – ЗВОРАО. – Т. 12, вып. 1. – СПб, 1899. – С. 4-7.
171. Занд М.И. Шесть веков славы. – М., 1964.
172. История Ирана. Под редакцией М.С. Иванова. – М., 1977.
173. История персидской и таджикской литературы. Под редакции Яна Рипки. – М.: Прогресс, 1970.
174. Капранов В.А. Таджикско-персидская лексикография в Индии в ХУ1-Х1Х вв. – Душанбе: Дониш. 1987.
175. Капранов В. А. «Луғати Фурс» Асади Туси и его место в истории таджикской (форси) лексикографии. – Душанбе: Изд-во АН Тадж. ССР. 1964.
176. Козлов Г.И. Из истории языка дари // Краткие сообщения Института народов Азии № 65. Сборник памяти Е.Э. Бертельса. – М., 1964. – С. 84-89.

177. Кононов А.Н. Поэма Юсуфа Баласагунского “Благодатное знание”. – М.: Наука, 1983.
178. Кондратов А. М. Звуки и знаки. – М.: Знание, 1966.
179. Кондратов А. М. Книга о букве. – М.: Сов. Россия, 1975.
180. Кочергина В. А. Краткий очерк истории письма. – М., Изд- во Моск. ун- та, 1965.
181. Крачковский И.Ю. Избранные сочинения. - М.,-Л., 1955-1960.
182. Кузнецов Б.И. Древний Иран и Тибет. Первая религия Бон. – Санкт Петербург, 1998.
183. Кушев В. В. Афганская рукописная книга. – М.: Наука, 1982.
184. Лазар Ж. Два медицинских трактата X в. на фарси-дари // Рудаки и его эпоха. – Сталинабад, 1958. – С. 84-97.
185. Лившиц В. А. О внутренних законах развития таджикского языка // Изв. АН Тадж. ССР. Отд. Общественных наук, 1954, Вып. 5. – С. 87-102.
186. Лившиц В.А., Смирнова Л.П. Язык Донишнама и роль Ибн Сины в развитии персидско-таджикской научной терминологии // Письменные памятники и проблемы истории культуры народов Востока: XV – годичная научная сессия ЛО ИВ АН СССР. – Ч.III. – М., 1981. – С.115-163.
187. Лотте Д.С. Основы построения научно-технической терминологии. Вопросы теории и методики. – М.: Изд-во АН СССР, 1961.
188. Луконин В.Г. Искусство Древнего Ирана. – М., 1977.
189. Люшкевич Ф.Д. К исторической семантике термина «таджик» // Ономастика Средней Азии. - Фрунзе, 1980. – С. 9-10.
190. Люшкевич Ф.Д. Термин «тот» как этноним в Средней Азии, Иране и Закавказье // Советская этнография, - № 3, 1971.

191. Махмадшоев Р., Обидов У. С.Айни о происхождении и значении этнонима «таджик» // Известия АН Таджикской ССР, - №2. 1980.– С. 89-93.
192. Мейе А. Введение в сравнительное изучение индоевропейских языков. (Перевод с французского Д. Кудрявского). – М/Л.: Государственное социально-экономическое издательство, 1938.
193. Мейендорф Е. К. Путешествие из Оренбурга в Бухару. – М., 1975.
194. Мирзоев А. Рудаки. – М., 1968.
195. Муминджанов Х.Х. Авесто об этногенезе таджиков // Известия Академии наук РТ, серия философия и правоведение. - №1-2, 2002.
196. Назарзода С. Лингвистическое изучение классических письменных памятников. – Душанбе, 2004.
197. Народы Средней Азии и Казахстана, 1. М., 1962.
198. Негматов Н.Н. Государство Саманидов (Мавераннахр и Хорасан в IX-X вв.). – Душанбе, 1977.
199. О народах обитающих в Персии // Вестник Европы, апрель 1815, - №7. – С. 243-285.
200. Образцы каллиграфии Ирана и Средней Азии XV- XIX вв. Г. И. Костыгова. Под ред. А. М. Болдырева и А. Л. Троицкой. – М., Изд. вост. лит., 1963.
201. Овчинников И.К. К вопросу об удельном весе иноязычных заимствований в лексике современного литературного персидского языка // Индийская и иранская филология. Вопросы лексики. – М., 1971. – С. 43-60
202. Оранский И.М. Иранские языки. – Москва: ИВЛ, 1963.
203. Оранский И.М. Иранские языки в историческом освещении. – М., 1979.
204. Оранский И. М. Введение в иранскую филологию. – Москва: Наука, 1988.

205. Оранский И.М. О соотношении периодизации истории языка с периодизацией памятников письменности // Вопросы языкознания. - №2, 1975. – С. 32-46.
206. Основы иранского языкознания. Древнеиранские языки (Редкол.: Расторгуева В.С.- отв. ред.). – М., 1979.
207. Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки (Отв. ред. Расторгуева В.С.). – М., 1981.
208. Основы иранского языкознания. Новоиранские языке (Редкол: Расторгуева В.С.- отв. ред.). – М., 1982.
209. Основы прописного языкознания, т.1. Древнепрописные языки. – М., 1979.
210. Павленко Н. А. Краткий очерк истории письма. (Учеб. пособие для филол. фак. ун-тов и пед. ин-тов). Минск, Высш. школа, 1965.
211. Пейсиков Л.С. Лексикология современного персидского языка. – Москва: Изд-во МГУ, 1975.
212. Пейсиков Л. С. Очерки по словообразованию персидского языка. – Москва: Изд-во МГУ, 1973.
213. Развитие терминологии на языках союзных республик СССР (Редколлегия: академик Г.В. Степанов, доктора филологических наук В.П. Даниленко и К.М. Мусаев). – Москва: Наука, 1986.
214. Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка. // Таджикско-русский словарь. Под ред. М. Рахими и Л.В. Успенский. – Москва, 1954. – С. 529-570.
215. Расторгуева В.С., Эдельман Д.И. Этимологический словарь иранских языков. – Москва: Восточная литература, 2000. – Т. 1-3.
216. Рейнольдс Дж. Олмо Лунгринг: “Нерушимая свешенная земля” // Гаруда, 1992, №2.
217. Реформатский А.А. Введение в языковедение. Изд. IV-е. – Москва, 1967.
218. Ригведа. Избранные гимны. Перевод, комментарий и вступительная статья Т.Я. Елезаренковой. – М., 1972.

219. Розенфельд А.З. Таджикско-персидские языковые отношения (Словообразовательные суффиксы). // Востоковедение. 5. – Ленинград: Изд-во ЛГУ, 1977. – С. 19-26.
220. Рубинчик Ю.А. Современный персидский язык. – Москва, 1960.
221. Рубинчик Ю.А. Грамматический очерк персидского языка // Персидско-русский словарь. Под редакцией Ю.А Рубинчика. – Т. II. – М.: Русский язык, 1983. – С. 793-847.
222. Рубинчик Ю.А. Грамматика современного персидского литературного языка. М.: Издательская группа «Восточная литература» РАН, 2001. – 600 с.
223. Санскритско-русский словарь. Составитель Катерина В.А. – М., 1978.
224. Семенов А.А. Этнографические очерки Зарафшанских гор, Каратегина и Дарваза. – М., 1903.
225. Семенов А.А. К вопросу о термине «дари» как названии языка // Памяти Михаила Степановича Андреева. Сборник статей по истории и филологии народов Средней Азии. – Сталинабад, 1960. – С. 189-193.
226. Симс-Вилямс Н. Новые бактрийские документы // Вестник древней истории. – № 3,1997. – С. 3-10.
227. Смирнова Л.П. Язык «Та'рих-и Систан». Дис. ... канд. филол. наук (на правах рукописи). – Л., 1964.
228. Согдийские документы с горы Муг, Вып., юридические документы и письма. Чтение, переводы и комментарии В. Э.Лившица. – М., 1962.
229. Соколов С.Н. Язык Авесты (учебное пособие). – Л., 1964.
230. Соколов С.Н. Язык Авесты. // ОИЯ. Древнеиранские языки. – М.: Наука, 1979.
231. Ставиский Б. Я. Кушанская Бактрия. – М., Наука, 1977.
232. Стеблин-Каменский И.М. Бактрийский язык. // ОИЯ. Среднеиранские языки. – М.: Наука, 1981. – С. 314-346.

233. Сулаймонов С. Формирование терминологии таджикской философии (на материале «Донишнома» Ибн Сины). – Душанбе, 1997.
234. Сутон Мирзо Хасан. Становление и развитие персидско-таджикской научной терминологии. – Душанбе: Дониш, 2008.
235. Султон Мирзо Хасан. Язык науки и терминология. – Душанбе: Ирфон, 2011.
236. Суперанская А.В., Подольская Н.В., Васильева Н.В. Общая терминология. Вопросы теории. – М.: Наука, 1989.
237. Умняков И.И. О термине «таджик» // Труды Самгу, вып. 140, - Самарканд, 1964.
238. Фархади Р. Разговорный фарси в Афганистане (пер. с французского). – М., 1974.
239. Фрай Ричард. Наследие Ирана. – М., 1972.
240. Фрейман А.А. Среднеперсидский язык и его место среди иранских языков // Восточные записки. 1. – Л., 1927. – С. 46-59.
241. Фесмер М. Этимологический словарь русского языка в 4 т. – М: Прогресс, 1964. – 1973.
242. Фрейман А.А. Хорезмийский язык. Материалы и исследования. – М. – Л., 1951.
243. Фридрих И. История письма. Пер. с нем. // Вступит. статья и коммент. И. М. Дьяконова. – М.: Наука, 1979.
244. Хатеми Х.З. Лексика персидского языка и пути её обогащения. - Дисс. д-ра фил. наук. – Баку, 1965.
245. Хромов А.Л. Хорезм в древнеиранских и среднеиранских письменных источниках. // Хорезм и Мухаммад ал-Хорезми в мировой истории и культуре. – Душанбе: Дониш, 1983. – С. 28-37.
246. Хромов А.Л. К истории интерпретации этнонима «таджик» // Забоншиносии тоҷик, 1984. - С.28-39.
247. Худуд ал-‘алем. Рукопись Туманского (с введением и указателем В. Бартольда) – Л., 1930. – 133 с.

248. Чавчавадзе Т.А. Именное словосложение в новоперсидском языке. – Тбилиси: Мецниереба, 1981.
249. Черных П.Н. Очерк русской исторической лексикологии. Древнерусский период. – М., 1956.
250. Чхеидзе Д.Т. Именное словообразование в персидском языке. – Тбилиси, 1969.
251. Шаропов Н. Пути развития лексики современного литературного языка. – Душанбе, 1988.
252. Юсуф Баласагунский. Благодатное знание. – М.: Наука, 1983.
253. Ян Рипка. История персидско-таджикской литератруы. – М., 1970.

в. Бо забонҳои англисӣ, фаронсавӣ ва олмонӣ

254. Albright W., The International Phonetic Alphabet : its backgrounds and development. IJAL 24.1 (1958), part 3.
255. Allen W.S., Phonetics in ancient India, London, 1953.
256. Amirova T.A., Ol'Chovikov V.A., Rozdestvenskij JU. V. Abriss der Gesiehte der Linguistir, Leipzog, 1980.
257. Bartolomae Christian. Altiranisches Wörterbuch. – Strassburg, 1904.
258. Doerfer G. Turkische and Mongolische im Neupersishen: 3, Wiesladen. Steiner, 1963-1967.
Bd. I. Mongoliche Elemente im Neupersischen. 1963.
Bd. II. Turkische Elemente im Neupersischen.Alif bis ta. 1965.
Bd. III. Turkische Elemente im Neupersischen. gim bis kaf. 1967.
259. Henning W.B. Mitteliranisch. // Handburch der Orientalistik. Abt.1, Bd.4. 1958. – s. 20-130.
260. Horn P. Neupersische Schriftsprache. Grundriss der iranischen philologie, Bd.1, Abt.2. – Strassburg, 1898-1901. – s. 1-200.

261. Lazard G. La langue des plus anciens monuments de la prose persane. – Paris, Librairie C. Klincksieck, 1963.
262. Lazard G. Les emprunts arabec dans la prjse persane du X-e qu XII –e siecte statistique // Revue do l e cafe nation ale des langues Orientales (RENLO) – Paris, 1965, e. vol. 2. – s. 53-57.
263. Lazard G. Persian and Tajik // Current trends in linguistics. Vol. 6: Linguistics in South West Asia and North Africa. – Hague– Paris, 1970, – p. 64-96.
264. Lazard G. Grammaire du persan contemporain. – Paris, 1957.
265. Nyberg H.S. A manual of Pahlavi. Part I: Texts. – Wiesbaden, 1964. – 205 p.
266. Shaki M. A study on nominal compounds in Neo-Persian, – Praha (Prague), 1964.
267. Shaki M. Principles of Persian bound phraseology. – Prague, 1967.
268. Grundriss der iranischen philologie BdI-II. - Strassburg 1895-1904.
269. Compendiun Linquarum Iranicarum Edited bu Rudiqer Schmitt Wiesbaden, 1989.
270. Morgenstierne D. Irano-Dardica// Wiesbaden, 1973. – C. 327-343.
271. Altheim Fn Awestische Textgeschichte.- Halle, 1949.
272. Ch. Bartholomae. Handbuch der altiranischen Dialekte. – Leipzig, 1883.
273. A.W. Jacson. An Avesta grammar in Comparison with Sanskrit. -Stuttgard 1899.
274. Oldenberg H. Die Religion des Veda. - Berlin, 1894.
275. R.G. Kent. Old Persian. Grammar, texts, lexion.-New Haven 1953.
276. W. Brander-Stein, M. Maurhofer. Handbuch des Altpersichen. Wiesbaden, 1964.

277. W.B. Henning. Mitteliranisch // Hor, 1958,-Abt 1. –Bd.4. Absehn. 1.- S.20-130.
278. E.W. West. Pahlavi Literature // GIPh. Bd. II. Strassburg, 1896-1904, ss. 75-129.
279. J.C. Tavadia. Dia Mittelpersische Shrache und Literatur der Zarathustrier // Iranische Texte und hilfsbucher. Hrsg. Von. H. J. Junker. – N 2. – Leipzid, 1956.
280. M. Boyce. Middle Persian Literature // Hor. – Abt. 1.- Bd 4.2. Iranistik Literatur.- Leiden – Koln. 1968. P. 31-66.
281. Henning W.B. The Bactrian inscription. – BSOAS, 1960. - V.23, pt 1.
282. Sims-Williams N., Grill V. A New Bactrian inscription, Silk Road Art and Archaelogy. VOL.4. - Kamakura, 1995/96. - P.75-142.
283. Klaproth. Sur Les Boukhares // Jonrnal Asiatique, t.2, - Paris, 1823. – S.154-163.
284. Khanikoff N.V. Memoire sur L̀ ethnographie de la Perse. - Paris, 1866.
285. De laggard, Nachr, GGG, 1891.
286. P.Horzn. Grundriss der neupersischen Etumoloque. - Strassburg, 1893.
287. Grundriss der iranischen Philologie, hrsg von W.Geiger und Kuhn, Bd.2. Strassburg, 1896 -1904.
288. Huebschmann. Armenische grammatic, 1, Leipzig, 1897.
289. The Encyclopaedia Britannica, vol, 21.
290. Arnold Fletcher. Afghanistan. - New York, 1966.
291. Max Klimburg. Afghanistan, Wien, 1966.
292. Friedrich Spiegel, Eran. Dasland Zwischen dem Indus und Tigris, Berlin. 1863.
293. Nyberg H.S. A manual of Pahlavi., Part 2. Glossary. Wiesbaden, 1974.
294. MacKenzie D.N. A concise Pahlavi dictionary. Oxford University Press, 1971.
295. F.Yusti. Iranisches namenbuch. Hildesheim, 1963.

296. Davoud Monshi-zadeh. Topographisch – historische stutien zum iraniscehen nationalepos, Wiesbaden, 1975.
297. J.J. Modi. The Taziks of the Nirang-i Sorosh Yasht.- J. Mod Mem Popers, Bombay, p.p. 156.
298. Hubschmann. Die altarmenischen Ortsnamen. Str. 1904.
299. Henning W.B. Sogdica. - London, 1940.
300. The Cambridge history of Iran, vol. IV. Cambridge University press, 1975.
301. Mann O, Kurdish – persische forschungen. Abt. I. Die tājik – Mundarten der Provinz Fars. - Berlin, 1909.
302. H. Bragsch Heise der K.Preuss. yesandschait nach Persien, 1860 und 1861. Bd.1, zeipzig, 1862.
303. Anecdotes orientales. Primier partie. - Paris, 1773.
304. Boyce M. A catalogue of the Iranian Manuscripts in Manichean Script in the German Turfan Collection. Berlin. 1960.
305. Sundermann W. An early attestation of the name of the tajiks. Berlin, 1993.
306. Yoshida V.Documents et archives de l′ Asia Centrale, Kyoto, 1990.
307. "Ähu-ye Kuhi… le chamois d'Abu Hafs de Sogdiane et les origins du robäi", in W.B.Henning Memorial Volume, 1970.
308. Rens. H., Sprachwissenchaft : der Gang ihrer Entwicrlung von der Antire bis zur Gegenwart, Freiburg, Munich, 1955.

г. Бо забонҳои арабӣ, форсӣ ва дарӣ

309. آذرنوش، آذرتاش. چالش میان فارسی و عربی. تهران، 1385
310. ابن سینا، ابو علی. الهیات دانشنامه علائی. با مقدمه و حواشی و تصحیح دکتر محمد معین. تهران، 1353
311. ابن سینا، ابو علی. رساله منطق دانشنامه علائی. با مقدمه و حواشی و تصحیح دکتر محمد معین. تهران، 1353
312. ابن سینا، ابو علی. طبیعیات دانشنامه علائی. با مقدمه و حواشی و تصحیح سید محمد مشکوة. تهران، 1353

313. ابن نديم. الفهرست. چاپ فلوگل. جلد اول. ليبزيک، 1871
314. ابن حبيب. اسماع المغتالين مين الاشراف في الجاهليه و الاسلام. قاهيره، 1954
315. ابوعلی ميسکويه رازی. تجارب الامم. ترجمه علي نقي منزوی، ج.6، چاپ دوم. - تهران، 1998//1376.
316. احمد جاويد. نخستين سخنسرايان فارسی تا ابوالفرج سگزي.// افغانستان، 1334// 1955
317. احمدعلي رجاعی.پولی ميان شعر هجائی و عروضي فارسی در قرون اول هجری. تهران، 1353.
318. احمد اخويني بخاری. هدايت المتعليمين في الطب. با اهتمام دکتر جلال متينی. - مشهد، 1966//1344.
319. احسان تبری. مسايلی از فرهنگ و هنر و زبان. - تهران، 1981//1359.
320. اصول وضوا بت واژه گزينی (همراه با شرح و توضيحات) // چاپ فرهنگستان زبان و ادب فارسی . تهران، 1378.
321. اصيلی، سوسن. محاسبات نجومی در ايران پس از اسلام.// مجلّه «کيهان فرهنگی». شماره 7. مهرماه 1372. – ص. 38-34
322. اقبال، عبّاس. دفاع از زبان فارسی. // مقالات اقبال. به کوشش محمد دبير سياقی.تهران، 1369.
323. البخاری ، ابو بکربن احمد الاخوينی. هداية المتعلمين فی الطب. با اهتمام دکترجلال متينی. مشهد،1344.
324. البيرونی، ابوالريحان محمد بن احمد. کتاب فی تحقيق ماللهند من مقالة مقبوله فی العقل او مرزولة. حيدرآباد، 1935.
325. البيرونی، ابوالريحان محمد بن احمد. کتاب التفهيم لاوائل صناعة التنجيم. قد التزم طبعه و ترجمته الی اللغة الانکليزية فی اکسفرد رمزی ريت. لندن، 1934.
326. البيرونی، ابوالريحان محمد بن احمد. کتاب الصيدنه فی الطب. با تصحيح ومقدمه وتحشيه عباس زرياب، تهران، 1370.
327. البيرونی، ابوالريحان محمد بن احمد. کتاب الجماهرفی معرفة الجواهر. حيدرآباد،1355،
328. البيرونی، ابوالريحان محمد بن احمد. الآثارالباقية عن القرون الخالية. قد التزم نشره ادوارد زاخاو. ليبزيک، 1923.
329. البيرونی، ابوالريحان محمد بن احمد. کتاب تحديد نهايات الاماکن لتصحيح مسافات المساکن لابی الريحان... البيرونی. حققه الدکتور ب. بولجاکوف. راجعه الدکتور امام ابراهيم احمد. القاهرة، 1962.
330. السمعانی. کتاب الانساب. ليدن، 1912.

331. المدنی التتوی، عبد الرشید بن عبدالغفور الحسینی. فرهنگ رشیدی. به تصحیح محمد عباسی. انتشارات کتابفروشی بارانی، تهران، 1337
332. الهروی، موفق الدین ابو منصور. الابنیة عن حقایق الادویة یا روضة الانس و منفعة النفس. بتصحیح شادروان احمد بهمنیار. بکوشش حسین محبوبی اردکانی. تهران، 1371. 442 ص.
333. بخارای، محمد غوفی. لباب الالباب. بکوشش سعید نفیسی. تهران، 1335.
334. بهار، محمد تقی«ملک الشعرأ». سبکشناسی یا تاریخ تطورنثر فارسی. جلد ا ول. تهران، 1373.
335. بهار، محمد تقی«ملک الشعرأ». سبکشناسی یا تاریخ تورنثر فارسی. جلد د وم. تهران، 1373.
336. بیرونی، ابوریحان. کتاب التفهیم لاوائل صناعة التنجیم. تصحیح و مقدمه حواشی به خامه استاد جلال الدین همایی. تهران، 1362.
337. بیرونی، ابوریحان. صیدنه. ترجمه ابوبکر بن علی بن عثمان کاسانی. به کوشش منوچهر ستوده و ایرج افشار. شرکت افست سهامی عام. تهران، 1358.
338. پرویز ناتل خانلري. دستور تاریخی زبان فارسی.- تهران، 1372//1994.
339. پیشاهنگاني شعر فارسی. به کشیش محمد دبیر سیاق. - تهران، 1370//1992.
340. ترجمه تفسیرطبری، به تصحیح واهتمام حبیب یغمایی، تهران،1339
341. ترجمه تفسیر تبری. به تصحیح و اهتمام حبیب یغمائی. - تهران، 1339//1961.
342. ترجمه کلیله و دمنه. انشای ابوالمعالی نصرالله منشی. تصحیح و توضیع مجتبی مینوی طهرانی. شرکت سهامی افست. طهران، 1343. 451 ص.
343. تقی زاده. سید حسن. جنبش ملّی ادبی // مجلّه «یغما»، سال 20. شماره 9. تهران، 1346. – ص. 458-449
344. تقی زاده. سید حسن. جنبش ملّی ادبی. // مجلّه «یغما»، سال 20. شماره 10. تهران، 1346. – ص.514-505
345. جرجانی، سید اسماعیل. ذخیره خوارزمشاهی. به تصحیح و تحشیه دکتر محمد رضا محرری. چاپ مؤسسه انتشارات نزهت. 1380. – 295 ص.
346. جشنامه ابن سینا. - تهران، 1334//1956، ج. 4.
347. حبیبی، عبدالحی. تأریخ افغانستان بعد از اسلام. چاپ دوم، کابل، 1357.
348. حبیبی، عبدالحی. تأریخ خط و نوشتهای کهن افغانستان از عصر قبل تأریخ تا کنو ن. کابل، 1350//1972.
349. حدودالعالم من المشرق الی المغرب، به کوشش منوچهرستوده. تهران، 1340. – 255 ص.
350. حموی، یاقوت. مُعجم الادبا. ج6. قاهره، 1930

351. خانلری، پرویز ناتل. تأریخ زبان فارسی، در دو جلد. تهران، 1352.
352. زبان شناسی و زبان فارسی. تهران، 1343. – 279 ص.. خانلری، پرویز ناتل
353. خانلری، پرویز ناتل. زبان و جامعه // مجلّه «سخن»، دوره 12. شماره 6. تهران، 1340.- ص. 597-608
354. خانلری، پرویز ناتل. در باره لغت سازی // مجلّه «سخن»، دوره 25. شماره 5. تهران، مهرماه 2535.- ص. 436-431
355. خانلری، پرویز ناتل. تحول زبان فارسی // مجلّه «سخن»، دوره 12. شماره 5. تهران، 1340.- ص. 474-471
356. خانلری، پرویز ناتل. زبان و زبان شناسی // مجلّه «سخن»، دوره 12. شماره 3. تهران، 1340.- ص. 242-237
357. خانلری، پرویز ناتل. زبان و زبان شناسی // مجلّه «سخن»، دوره 12. شماره 4. تهران، 1340.- ص. 349-343
358. خوارزمی، ابو عبدالله محمد بن احمد. مفاتیح العلوم. ترجمه حسین خدیوجم. تهران، 1347
359. دبیری نژاد، بدیع الله. نفوذ و تأثیر زبان و فرهنگ فارسی در زبانهای دیگر// مجلّه «هلال»، کراچی، سال 1972. شماره 11. ص. 12-9
360. ذبیح الله صفا. نثر فارسی (از آغاز تا عصر نظام الملک طوسی). – تهران، 1969//1347.
361. دهخدا، علی اکبر. لغتنامه. عبارت از 17 جلد. تهران، 1373
362. ریپکا یان و دیگران. تاریخی ادبیات ایران، به کشیش کیخسروي کشاورزی. - تهران، 1992//1370.
363. زبان فارسی فرارودی [تاجیکی]. پژوهش علی رواقی با همکاری شکیبا صیاد. تهران، 1383. 540 ص.
364. سلطان، میرزا حسن. مشکلات زبان مادری// فصلنامه رودکی، سال ششم، شماره 6 ، بهار 1384. ص. 53-43
365. سلطان، میرزا حسن. مشکلات زبان علم. دوشنبه: پیوند 1385 .
366. سلطان، میرزا حسن. برخی خصوصیتهای لغوی «شمارنامه» محمد بن ایوبی طبری // مهرنامه (جشن نامه هشتاد سالگی استاد محمدجان شکوری). دوشنبه: پیوند 1385. ص. 81-69
367. شفق، رضازاده. فارسی و نفوذ لغات بیگانه // نشریه دانشکده ادبیات اصفهان، سال 6. شماره 7. اصفهان، 1350. – ص.80-53
368. شکوری بخارایی، محمدجان. سرنوشت فارسی تاجیکی فرارود در صده بیست میلادی. دوشنبه، 1384.

369. شمس قیس رازی. المعجم. به کوشش مدرس رضوي. - تهران، 1338//1960.
370. شفیعی، محمود. شاهنامه و دستور. تهران، 1343.
371. صادقی، علی اشرف. زبان فارسی و فرهنگستان// مجلّه «راهنمای کتاب»، ضمیمه جلد 16.- ص. 31-8
372. صادقی، علی اشرف. تکوین زبان فارسی. تهران، 1357
373. صفا، ذبیح الله. تاریخ ادبیات در ایران . ج 1. تهران، 1372.
374. صفا، ذبیح الله. گاهشماری وجشنهای ملّی ایرانیان. نشرمرکزمطالعات وهماهنگی فرهنگی، شماره 29
375. طباطبایی، محمد محیط. فرهنگستان زبان فارسی// مجلّه «وحید»، شماره 7. تهران،1348.- ص.272-267
376. طباطبایی، محمد محیط. نگهبانی زبان فارسی // مجلّه «یغما»، شماره 10. تهران،1349.- ص.574-569
377. طبری، احسان. برخی بررسیها در باره جهانبینیها و جنبشهای اجتماعی در ایران. تهران،1348
378. طوسی، ادیب. بحثی در باره زبان فارسی// مجلّه «ارمغان»، دوره 44. شماره 2. - ص. 89-83
379. عبدالحسین زرینکوب. سرود اهل بخارا. کهنترین نمونه شعر به زبان فارسی// «یغما». سال 1337، شماره 7..
380. عینی، صدر الدین. نمونه ادبیات تاجیک. به کوشش دکتر علی رواقی. تهران، 1385. 372 ص.
381. غبار، میرغلام محمد. افغانستان در مسیر تأریخ، کابل، 1346
382. فرهنگ جهانگیری. ج.1. به کوشش رحیم عفیف.- مشهد، 1351//1973
383. فردوسی، ابوالقاسم. شاهنامه. جلد 9. مسکو، 1973
384. فرشیدورد، خسرو. شیوه واژه سازی و واژه گزینی فردوسی// در باره ادبیات و نقد ادبی. چاپ نخست. تهران، 1363. – ص. 343 تا371
385. فرشیدورد، خسرو. وضع اصطلاحات علمی.// ناموارە دکتر محمود افشار. جلد دوم. موقوفات دکتر محمود افشار یزدی. تهران، 1365. – ص. 1233 تا 1246
386. فرشیدورد، خسرو. عربی در فارسی. مؤسسه انتشارات و چاپ دانشگاه تهران، 1367. 321 ص.
387. فروغی، محمد علی. پیام من بفرهنگستان (1) // مجلّه «ارمغان»، سال 22. شماره 7. ص. 344-336
388. فروغی، محمد علی. پیام من بفرهنگستان (2) // مجلّه «ارمغان»، سال 22. شماره 10. ص. 512-505

389. قبادیانی، ناصر خسرو. جامع الحکمتین. بتصحیح و مقدّمه فارسی و فرانسوی پرفسور هنری کُربین و دکتر محمّد معین. چاپ دوم. تهران، 1363. – 362 ص.
390. کافی، علی. گرایشهای گوناگون در واژه گزینی// مجلّه «نشر دانش»، دوره 5. شماره 1. تهران، 1363
391. کشاورز، کریم. هزار سال شعر پارسی. در چهار مجلد. تهران، 1345.
392. لسان، حسین. بحثی در باره زبان دری// مجلّه دانشکده ادبیات و علوم انسانی. شماره 4. سال 21. – ص. 146-135
393. متینی، جلال. حدود ابتکار ابوریحان بیرونی در ساختن لغات علمی فارسی // مجلّه دانشکده ادبیات و علوم انسانی مشهد.شماره 3. سال 9. – ص. 445-433
394. مجموعه مقالات سمینار زبان فارسی و زبان علم. مرکز نشر دانشگاهی، تهران، 1372. – 528 ص.
395. محمود شفیي. شاهنامه و دستور. - تهران، 1343//1965.
396. حمد غزالی. نصیحت الملوک. – دوشنبه، 1993.
397. محدی، دکتر. زمینه های رشد زبان فارسی دری تا عصر سامانی. دوشنبه، 1999.
398. محمد معین. پارسی یا دری// مجله «نگین». دوره 7، شماره 77.
399. مستملی بخاری، ابو ابراهیم اسماعیل بن محمد بن عبد الله. شرح التعرف لمذهب التصوف. به اهتمام محمد روشن. در پنج مجلد. تهران، 1366-1363
400. معین، محمد. پارسی یا دری// مجلّه «نگین». دوره 7.- ص 61-60
401. معین، محمد. لغات فارسی ابن سینا و تأثیر آنها در ادبیات // مجلّه دانشکده ادبیات. تهران، 1332. شماره 2. سال دوم. ص.38-2
402. معین، محمد. فرهنگ فارسی. عبارت از 6 جلد. تهران، مؤسسه امیر کبیر. 1364
403. مقدسی، ابو عبد الله محمد بن احمد. احسن التقاسیم فی معرفة الاقالیم. ترجمه دکتر علینقی منزوی. انتشارات شرکت مؤلفان و مترجمان ایران. تهران، 1361
404. نرشخی، ابوبکربن محمد. تاریخ بخارا. ترجمه ابونصراحمد بن محمد نصرالقباوی. تلخیص محمد بن ظفربن عمر. تصحیح وتحشیه مدرس رضوی. تهران، 1351.
405. نظامی عروضي سمرقندی. چهار مقاله. به کوشش محمد معین. - تهران، 2007//1385.
406. نفیسی، سعید. سرزمین پاک نیاکانم// تاجیکان در مسیر تاریخ. تحقیق و تدوین میرزا شکورزاده. تهران، 1385. ص. 39-37.
407. هروی، جواد. ایران در زمان سامانیان. مشهد، 1371. –218

Ба донишмандони гиромӣ Назарзода С. доктори илми филология, Саймиддинов Д. доктори илми филология, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Зоҳидӣ Н. доктори илми филология, Султонов М. доктори илми филология, Қодиров Ғ. номзади илми филология барои маслиҳату машваратҳои судмандашон дар таҳрири китоб самимона сипосгузорӣ менамоям.

Муаллиф

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор 5

БОБИ I. ДАВРАБАНДИИ ТАЪРИХИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ 25

§ 1. Мардуми ориёӣ ва забони онҳо 25

§ 2. Давраҳои таърихӣ ва даврабандии таърихи забони тоҷикӣ 41

§ 3. Ҷойгоҳи забони тоҷикӣ дар гурӯҳбандии забонҳои эронӣ 54

БОБИ II. САРГУЗАШТИ ТАЪРИХИИ ВОЖАИ “ТОҶИК” ВА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ 80

§1. Истиқлол ва масъалаҳои тоҷикшиносӣ 80

§ 2. Муродифҳои вожаи «тоҷик» 105

§ 3. Хостгоҳ ва меҳани забони тоҷикӣ 113

§ 4. Замони пайдоиши забони тоҷикӣ 131

§ 5. Номи забони мо 138

БОБИ III. ЗАБОНИ МО ДАР ДАВРАИ ИСТИЛОИ АРАБ ВА НАХУСТИН СУЛОЛАҲОИ ЭРОНИТАБОР 155

§ 1. Истилои араб ва оқибатҳои он барои забон ва фарҳанги мардуми Эронзамин 155

§ 2. Наҳзати тоҷикӣ (дарӣ, форсӣ) дар Хуросону Мовароуннаҳр 174

§ 3. Забони модарии мо дар аҳди Тоҳириён 196

§ 4. Саффориён ва эҳёи давлатдории миллӣ 203

БОБИ IV. ЗАБОНИ НАВИШТОРИИ ТОҶИКӢ: ДАВРАИ ОҒОЗИН 207

§ 1. Куҳантарини намунаҳои хаттии забони тоҷикӣ 207

§ 2. Нахустин осори хаттии назму насри тоҷикӣ 226

§ 3. Замина ва омилҳои ташаккули забони адабӣ 240

§ 4. Забони илм ва ташаккули истилоҳот 246

БОБИ V. ДАВРАИ БОЛАНДАГӢ ВА ШУКУФОИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ 261

§ 1. Забони модарии мо дар аҳди Сомониён 261
§ 2. Вижагиҳои забони тоҷикӣ дар аҳди Сомониён 293
§ 3. Забони модарии мо дар аҳди Ғазнавиён 319
§ 4. Забони модарии мо дар аҳди Зиёриён ва ё Повандиён 348
§ 5. Забони модарии мо дар аҳди Оли Бӯя 352

БОБИ VI. ГУСТАРИШИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БА СИФАТИ ЗАБОНИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 361

§ 1. Густариши забони мо ба минтақаҳои дигари ҷаҳон 361
§ 2. Забони тоҷикӣ дар аҳди Салҷуқиён 364
§ 3. Забони модарии мо дар аҳди Ғуриён 410
§ 4. Забони тоҷикӣ дар аҳди Хоразмшоҳиён 416
§ 5. Нуфузи забонҳои бегона ба забони мо 425

Хулоса 446

Китобнома 463

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

ЗАБОНИ МИЛЛАТ - ҲАСТИИ МИЛЛАТ

КИТОБИ I

Ба сӯйи пояндагӣ

Ба матбаа 25.01.2016 таҳвил гардид. Чопаш 03.03.2016
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70х100 $^{1}/_{16}$.
Ҷузъи чопии шартӣ 32,25. Адади нашр 500 нусха.
Супориши № 70. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф» ба табъ расидааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 218.
E-mail: r-graph@mail.ru